# ҲАЗРАТИ ИСО

## РОҲ, РОСТӢ ВА ҲАЁТ





jy-TJ
190528

**Ин нашрия барои фурӯш нест. Он қисми фаъолияти умумиҷаҳонии таълимдиҳӣ дар асоси Китоби Муқаддас аст, ки бо хайрияҳо дастгирӣ карда мешавад.**

**Барои хайрия кардан, лутфан, ба donate.jw.org дароед.**

Дар сурати набудани нишондодҳои дигар оятҳои Навиштаҳои Иброни аз Китоби Муқаддас (нашри Институти тарҷумаи Китоби Муқаддас, Стокголм, 1999) ва оятҳои Навиштаҳои Юнонӣ аз «Китоби Муқаддас — Тарҷумаи дунёи нав» оварда шудаанд.

*Ҳазрати Исо — роҳ, ростӣ ва ҳаёт*

*Jesus—The Way, the Truth, the Life*
Санаи чоп — моҳи майи с. 2019

Tajiki (*jy*-TJ)

© 2018
WATCH TOWER BIBLE AND TRACT
SOCIETY OF PENNSYLVANIA

Нашриёти

© Druck und Verlag: Wachtturm Bibel- und Traktat-Gesellschaft, Selters/Ts.

Made in Germany



# ҶОЙҲОЕ, КИ ИСО ДАР ОН ЗИНДАГӢ МЕКАРД ВА ТАЪЛИМ МЕДОД



# ҲАЗРАТИ ИСО

## РОҲ, РОСТӢ ВА ҲАЁТ

Аз ин китоб мо бо саргузашти ҳазрати Исо шинос мешавем. Аз он мо мефаҳмем, ки ӯ чӣ гуна инсон буд, чиро таълим медод ва кадом корҳоро карда буд. Чизе, ки аз ин китоб мехонем, ба ҳар яки мо фоида оварда метавонад.

Китоб аз они



# МУНДАРИЧА


## 1 ПЕШ АЗ САР ШУДАНИ ХИЗМАТИ ИСО

| | | САҲИФА |
|---|---|---|
| 1 | Ду хабар аз тарафи Худо | 10 |
| 2 | Ба Исо пеш аз таваллудаш иззату эҳтиром нишон дода мешавад | 12 |
| 3 | Касе таваллуд мешавад, ки роҳро тайёр мекунад | 14 |
| 4 | Марям оиладор нашуда ҳомила аст | 16 |
| 5 | Исо кай ва дар куҷо таваллуд мешавад? | 18 |
| 6 | Кӯдаки ваъдашуда | 20 |
| 7 | Ба назди Исо ситорашиносон меоянд | 22 |
| 8 | Халосӣ аз дасти шоҳи золим | 24 |
| 9 | Ҳаёти Исо дар Носира | 26 |
| 10 | Исо бо аҳли оилааш ба Ерусалим сафар мекунад | 28 |
| 11 | Яҳёи Таъмиддиҳанда роҳро тайёр мекунад | 30 |

## 2 САРШАВИИ ХИЗМАТИ ИСО

| | | |
|---|---|---|
| 12 | Таъмид гирифтани Исо | 34 |
| 13 | Мо аз васвасаҳои Исо чӣ мефаҳмем? | 36 |
| 14 | Шогирдони аввалини Исо | 38 |
| 15 | Мӯъҷизаи аввалини Исо | 40 |
| 16 | Рашки Исо ба ибодати пок | 42 |
| 17 | Исо шабона Ниқӯдимусро таълим медиҳад | 44 |
| 18 | Исо бузург мешаваду Яҳё — хурд | 46 |
| 19 | Исо зани сомариро таълим медиҳад | 48 |

## 3 ХИЗМАТИ ИСО ДАР ҶАЛИЛ

| | | |
|---|---|---|
| 20 | Мӯъҷизаи дуюми Исо дар Қоно | 54 |
| 21 | Дар ибодатгоҳи Носира | 56 |
| 22 | Чор шогирди Исо сайёди одамон мешаванд | 58 |
| 23 | Исо дар Кафарнаҳум корҳои бузург мекунад | 60 |
| 24 | Хизмати Исо дар Ҷалил пешрафт мекунад | 62 |
| 25 | Исо раҳм карда махавиро шифо медиҳад | 64 |
| 26 | «Гуноҳҳоят бахшида шуданд» | 66 |
| 27 | Исо Матторо даъват мекунад | 68 |
| 28 | Барои чӣ шогирдони Исо рӯза намедоранд? | 70 |
| 29 | Оё рӯзи шанбе кори хуб кардан равост? | 72 |

САҲИФА


30 Исо писари Худост 74
31 Оё дар рӯзи шанбе хӯшачинӣ равост? 76
32 Дар рӯзи шанбе чӣ равосту чӣ — не? 78
33 Пешгӯйии пайғамбар Ишаъё иҷро мешавад 80
34 Исо дувоздаҳ расулро интихоб мекунад 82
35 Мавъизаи болои кӯҳ 84
36 Мирисад имони қавӣ нишон медиҳад 92
37 Исо писари бевазанеро зинда мекунад 94
38 Саволи Яҳё ба Исо 96
39 Вой бар ҳоли насли саркаш! 98
40 Бахшидан муҳим аст 100
41 Исо бо қудрати кӣ мӯъҷиза мекунад? 102
42 Исо фарисиёнро сарзаниш мекунад 104
43 Мисолҳо дар бораи Подшоҳии Худо 106
44 Исо тӯфонро хомӯш мекунад 112
45 Исо бар девҳо қудрат дорад 114
46 Зане ба либоси Исо даст мерасонад ва шифо меёбад 116
47 Исо духтаракеро зинда мекунад 118
48 Исоро дубора дар Носира рад мекунанд 120
49 Мавъиза дар Ҷалил ва таълим додани расулон 122
50 Шогирдони Исо бояд далерона мавъиза кунанд 124
51 Куштор дар рӯзи зодрӯз 126
52 Исо ҳазорон нафарро бо якчанд нону моҳӣ сер мекунад 128
53 Исо қувваҳои табиатро идора мекунад 130
54 Исо «нони ҳаёт» аст 132
55 Бисёриҳо аз суханони Исо ба ғазаб меоянд 134
56 Чӣ одамро нопок мегардонад? 136
57 Исо духтари девдор ва марди карро шифо мебахшад 138
58 Нону хамиртуруш 140
59 Писари одам кист? 142
60 Дигаргун шудани Исо 144
61 Исо писаракеро, ки дев дошт, шифо медиҳад 146
62 Фурӯтанӣ муҳим аст 148
63 Исо ба шогирдонаш боз маслиҳатҳои муҳим медиҳад 150
64 Барои чӣ бахшидан муҳим аст? 152
65 Исо дар роҳ таълим медиҳад 154






## 4 ХИЗМАТИ ИСО ДАР ЯҲУДИЯ

САҲИФА


66 Исо ба иди Хаймаҳо меояд 158
67 «Касе ҳаргиз монанди ӯ сухан нагуфтааст» 160
68 Писари Худо «нури ҷаҳон» аст 162
69 Падари онҳо Иброҳим аст ё Шайтон? 164
70 Исо кӯри модарзодро шифо медиҳад 166
71 Фарисиён марди шифоёфтаро саволборон мекунанд 168
72 Исо 70 шогирдашро ба мавъиза мефиристад 170
73 Сомарии некдил 172
74 Дарси муҳим дар бораи меҳмоннавозӣ ва дуо 174
75 Хушбахтии ҳақиқӣ чист? 176
76 Исо бо фарисӣ хӯрок мехӯрад 178
77 Исо дар бораи боигарӣ маслиҳат медиҳад 180
78 Ғуломи боваринок бояд тайёр бошад 182
79 Кӣ несту нобуд мешавад? 184
80 Чӯпони нек ва қӯраи гӯсфандон 186
81 Ба кадом маъно Исо ва Падар яканд? 188


## 5 ХИЗМАТИ ИСО ДАР ТАРАФИ ШАРҚИИ УРДУН


82 Хизмати Исо дар Перея 192
83 Таклиф ба меҳмонӣ 194
84 Шогирди Исо будан чӣ маъно дорад? 196
85 Шодиву хурсандӣ барои гунаҳкори тавбакарда 198
86 Писари гумшуда бармегардад 200
87 Мо бояд дурандеш ва зирак бошем 204
88 Марди бой ва Лаъзор 206
89 Исо дар роҳ ба Яҳудия таълим медиҳад 210
90 Исо «эҳёшавӣ ва ҳаёт» аст 212
91 Лаъзор зинда мешавад 214
92 Фақат як махавӣ миннатдорӣ баён мекунад 216
93 Писари одам ошкор мешавад 218
94 Дуо ва фурӯтанӣ муҳиманд 220
95 Исо дар бораи талоқ таълим медиҳад 222
96 Сӯҳбати Исо бо ҷавони ҳокимиятдор ва бой 224
97 Мисол дар бораи мардикорони токзор 226
98 Расулон боз мансабталошӣ мекунанд 228
99 Исо ду кӯрро шифо мебахшад ва ба Заккай ёрӣ медиҳад 230
100 Мисол дар бораи ҳазор тангаи нуқра 232

# 6 ДАВРАИ ОХИРИ ХИЗМАТИ ИСО


| | | САҲИФА | |
|---|---|---|---|
| 101 | Меҳмонӣ дар хонаи Шимъӯн | 236 | 8, 9 НИСОН |
| 102 | Подшоҳ савори харкурра ба Ерусалим медарояд | 238 | 9 НИСОН |
| 103 | Исо бори дуюм маъбадро тоза мекунад | 240 | 10 НИСОН |
| 104 | Оё яҳудиён имон меоранд? | 242 | |
| 105 | Исо дарахти анҷири хушкшударо мисол меорад | 244 | 11 НИСОН |
| 106 | Ду мисол дар бораи токзор | 246 | |
| 107 | Подшоҳ ба тӯйи арӯсӣ меҳмон таклиф мекунад | 248 | |
| 108 | Душманон Исоро ба дом афтонда наметавонанд | 250 | |
| 109 | Исо сарварони динро танқид мекунад | 252 | |
| 110 | Исо бори охир дар маъбад таълим медиҳад | 254 | |
| 111 | Расулон аз Исо аломат мепурсанд | 256 | |
| 112 | Мисол дар бораи даҳ духтар | 260 | |
| 113 | Мисол дар бораи талантҳо | 262 | |
| 114 | Вақте Масеҳ меояд, гӯсфандону бузҳоро доварӣ мекунад | 264 | |
| 115 | Тайёрӣ ба охирин иди Раҳоӣ | 266 | 12, 13 НИСОН |
| 116 | Исо пойҳои расулонро мешӯяд | 268 | 14 НИСОН (шабона) |
| 117 | Хӯроки шоми Ҳазрат | 270 | |
| 118 | Баҳси навбатии шогирдон | 272 | |
| 119 | Исо роҳ, ростӣ ва ҳаёт аст | 274 | |
| 120 | Шогирдон бояд самар оранд ва дӯсти Исо бошанд | 276 | |
| 121 | «Далер бошед; ман бар ҷаҳон ғолиб омадам!» | 278 | |
| 122 | Исо бори охир дар болохона дуо мегӯяд | 280 | |
| 123 | Исо дар вақти озмоиши сахт дуо мегӯяд | 282 | |
| 124 | Яҳудо Исоро ба дасти душманон месупорад | 284 | |
| 125 | Исоро аввал пеши Ҳонон ва баъд пеши Қаёфо мебаранд | 286 | |
| 126 | Петрус Исоро инкор мекунад | 288 | |
| 127 | Исоро назди Пилотус мебаранд | 290 | 14 НИСОН (рӯзона) |
| 128 | Пилотус ва Ҳиродус Исоро айбдор намеҳисобанд | 292 | |
| 129 | Пилотус мегӯяд: «ана он мард!» | 294 | |
| 130 | Исоро ба куштан мебаранд | 296 | |
| 131 | Исоро дар сутун азоб медиҳанд | 298 | |
| 132 | «Дар ҳақиқат, ин мард одами росткор буд» | 300 | |
| 133 | Исоро мегӯронанд | 302 | 15 НИСОН |
| 134 | Қабр холист — Исо зинда аст! | 304 | 16 НИСОН |
| 135 | Исо ба бисёриҳо зоҳир мешавад | 306 | |
| 136 | Дар соҳили баҳри Ҷалил | 308 | |
| 137 | Пеш аз иди ҳафтаҳо садҳо нафар ӯро мебинанд | 310 | |
| 138 | Масеҳ аз тарафи рости Худо нишаст | 312 | |
| 139 | Исо Биҳиштро барқарор месозад | 314 | |

# РОҲ, РОСТӢ ВА ҲАЁТ

Ҳар яки мо аз шунидани хабари хуш хурсанд мешавем. Оё медонед, ки Офаридгори олам, Яҳува Худо, барои шумо ва наздиконатон хабари хуш дорад?

Ин хабари хушро аз Китоби Муқаддас ёфтан мумкин аст, китобе, ки асрҳо пеш зери роҳбарии Яҳува Худо навишта шудааст. Китобе, ки ҳоло дар даст доред, диққатро ба чор китоби Навиштаҳои Муқаддас равона мекунад. Ин китобҳоро бо номи касоне мешиносанд, ки зери роҳбарии Худо онҳоро навиштаанд. Номи ин чор шахс Матто, Марқӯс, Луқо ва Юҳанно мебошад.

Бисёриҳо ин чор китобро Инҷил меноманд. Калимаи «инҷил» маънои «хушхабар»-ро дорад. Дар ин чор китоб хушхабар дар бораи Исо-пайғамбар навишта шудааст, ки Худо ӯро подшоҳи ҳокимияти осмонии худ интихоб кардааст. Дар онҳо нақл карда мешавад, ки Худо Исо-пайғамбарро фиристод, то моро наҷот диҳад ва ҳар касе, ки ба гуфтаҳои ҳазрати Исо ва он чӣ ӯ бароямон кардааст, имон оварад, баракати Худоро соҳиб мешавад (Марқӯс 10:17, 30; 13:13).

ЧАРО ЧОР ИНҶИЛ?

Шояд, шумо пурсед, ки чаро Худо тавре кардааст, ки чор Инҷил дар бораи ҳаёт ва таълими Исо навишта шавад.

Он ки дар бораи рафтору гуфтори Исо чор нақли алоҳида вуҷуд дорад, ҷиҳатҳои хуби худро дорад. Биёед мисолеро дида бароем. Тасаввур кунед, ки дар назди муаллими номдоре чор нафар нишастаанд. Марде, ки дар рӯ ба рӯяш истодааст, ҷамъовари андоз мебошад. Дар тарафи росташ бошад, духтур истодааст. Марде, ки аз тарафи чапи ӯ нишастааст, моҳигир ва дӯсти наздики ин муаллими бузург аст. Чорумин бошад, ки аз қафои ӯ мушоҳида мекунад, аз ҳама ҷавонтар аст. Ҳар чори онҳо одамони ростқавлу ростгӯянд. Ҳангоми мушоҳида якеашон ба як чиз диққат медиҳад, дигарӣ ба чизи дигаре. Вақте ҳар чори онҳо дар бораи таълиму корҳои устодашон нақле менависанд, табиист ки, на ҳамаашон ба ҳамон як воқеаҳову ҷузъиёт ишора мекунанд. Аммо вақте навиштаҳои ин чор нафарро як мекунем, мо дар бораи рафтору гуфтори устодашон



маълумоти хуб ва тасаввуроти муфассале ҳосил мекунем. Ба ҳамин монанд, касоне ки дар бораи Исо-пайғамбар навиштаанд, якеашон ҷамъовари андоз, дигаре духтур, сеюмин дӯсти наздики ӯ ва моҳигир ва чорумин бошад, ҳангоми ҷавонписар буданаш ҳаёти Исоро мушоҳида карда буд.

Марде, ки ҷамъовари андоз буд, асосан сокинони Исроилро ба назар гирифта, Инҷилашро навишт. Барои ҳамин ӯ бисёртар ҳамон рӯйдод ва таълими устодашро интихоб мекунад, ки бо ин мақсадаш мувофиқ бошад. Духтур бошад, бештар дар бораи он гап мезанад, ки чӣ тавр Исо-пайғамбар беморону маъюбонро шифо медод. Ӯ баъзе воқеаву ҷузъиётеро, ки ҷамъовари андоз дар навиштаҷоти худ ҷо додааст, тамоман мепартояд ё ки бо тартиби дигар баён месозад. Дӯсти наздики Исо бошад, таваҷҷӯҳро ба ҳиссиёт ва хислатҳои Исо равона месозад. Чорумин бошад, шарҳи мухтасару кӯтоҳи ҳаёти Исоро медиҳад. Бо дида баромадани ҳар чор Инҷил мо мефаҳмем, ки Исо-пайғамбар чӣ гуна шахс буд, чӣ корҳое карда буд ва чӣ хислатҳои зебое дошт.

Баъзан одамон «инҷили Матто» ё «хушхабари Юҳанно» мегӯянд ва ин нодуруст нест, чунки дар ҳар яки ин китобҳо «хушхабар дар бораи Исо» навишта шудааст (Марқӯс 1:1). Аммо ба маънои пурра танҳо як инҷил ё худ як хушхабар дар бораи ҳазрати Исо вуҷуд дорад, ки ба қалами чор шогирдаш баён шудааст.

Бисёр омӯзандагони Каломи Худо рӯйдоду далелҳои ин чор китобро бо ҳам муқоиса намуда, онҳоро як кардаанд, яъне дар як нақл ҷо додаанд. Тахминан соли 170-и милодӣ нависандаи суриягӣ бо номи Татиан Инҷили Матто, Марқӯс, Луқо ва Юҳанноро хуб омӯхта, онҳоро як кардааст. Ӯ ин чор китобро аз тарафи Худо медонист, барои ҳамин кӯшишу ғайрати зиёдро ба харҷ дод, то ҳаёт ва корҳои ҳазрати Исоро дар як асар ҷо диҳад. Ин асари ӯ «Диатессарон» ном гирифтааст.

Китобе, ки шумо дар даст доред, яъне «Ҳазрати Исо — роҳ, ростӣ ва ҳаёт», ба он асари Татиан монандӣ дорад, вале назар ба он аз бисёр ҷиҳатҳо пурратар ва дақиқтар аст. Сабаби дақиқтар буданаш дар он аст, ки мо имрӯз пешгӯиҳойи зиёдеро, ки ҳангоми ҳаёти ҳазрати Исо иҷро шудаанд, беҳтар мефаҳмем. Ҳамчунин мо маънои бисёр мисолҳоеро, ки ин пайғамбар гуфта буд, равшантар дарк мекунем. Дар натиҷаи омӯзиши чуқури ин чор Инҷил мо имрӯз тартиби рӯй додани воқеаҳои ҳаёти Исо-пайғамбарро беҳтар медонем. Ғайр аз ин, бозёфтҳои археологӣ ба баъзе мавридҳои норавшан ва сабаби ин ё он тавр гуфтани нависандагони ин китобҳо равшанӣ меандозанд. Албатта, мо сад дар сад гуфта наметавонем, ки дар ин китоб тартиби ҳар як воқеаро дуруст тасвир кардаем. Ба ҳар ҳол, кӯшиши зиёде ба харҷ дода шудааст, то тартиби воқеаҳо дар ин китоб дуруст ва аз рӯйи мантиқ бошад.

## РОҲ, РОСТӢ ВА ҲАЁТ

Вақти хондани ин китоб дар ёд доред, ки он барои шумо ва наздиконатон чӣ фоидае меорад. Боре ҳазрати Исо ба яке аз расулонаш, ки Тумо ном дошт, чунин гуфта буд: «Ман роҳ, ростӣ ва ҳаёт ҳастам. Ҳеҷ кас наметавонад назди Падар ояд, магар ин ки ба воситаи ман» (Юҳанно 14:6).

Китоби «Ҳазрати Исо — роҳ, ростӣ ва ҳаёт» мефаҳмонад, ки ба кадом маъно Исо «роҳ» мебошад. Ӯ барои мо роҳро сӯйи Худо кушодааст, то мо ба Худо дуо гӯем ва Ӯро ибодат намоем. Бо Исо ва таълимаш шинос шуда, мо ба Худо наздиктар мешавем (Юҳанно 16:23; Румиён 5:8).

Исо «ростӣ» мебошад. Ҳар он чӣ ӯ мегуфту мекард, ростӣ буду бас. Ӯ суханони бисёреро, ки дар Навиштаҳои Муқаддас пешгӯйӣ шуда буданд, иҷро кард. «Тамоми ваъдаҳои Худо ба воситаи ӯ “ҳа” шуданд» (2 Қӯринтиён 1:20; Юҳанно 1:14). Ин пешгӯйиҳо нишон медиҳанд, ки Исо дар иҷрои нияти Худо нақши хеле муҳимро мебозад (Ваҳй 19:10).

Исо ҳамчунин «ҳаёт» мебошад. Ӯ ҳаёташро барои одамизод фидо кард ва хуни бегуноҳаш барои мо рехта шуд. Ба туфайли ин ҳар яки мо имконият пайдо кардем, ки соҳиби ҳаёти ҷовидонӣ шавем (1 Тимотиюс 6:12, 19; Эфсӯсиён 1:7; 1 Юҳанно 1:7). Ғайр аз ин, миллионҳо одамоне, ки ҳаёташонро аз даст додаанд, зинда мешаванд ва ба рӯяшон дари зиндагии абадӣ кушода мешавад (Юҳанно 5:28, 29).

Ҳар яки мо бояд нақши Исоро дар иҷройиши хости Худо дарк кунем ва муҳим шуморем. Дар бораи Исо-пайғамбар дониш гирифтанро давом диҳед, зеро ӯ «роҳ, ростӣ ва ҳаёт» аст.





ҚИСМИ

1

# ПЕШ АЗ САР ШУДАНИ ХИЗМАТИ ИСО

«Ӯ БУЗУРГ МЕГАРДАД»
(ЛУҚО 1:32).

# ДУ ХАБАР АЗ ТАРАФИ ХУДО

ЛУҚО 1:5–33

Дар асл, тамоми Китоби Муқаддасро хабар аз тарафи Худо гуфтан мумкин аст. Офаридгори мо онро ба мо ато кардааст, то аз он роҳнамоӣ ёбем. Лекин ҳозир биёед дар бораи ду хабари муҳиме гап занем, ки 2 000 сол пеш гуфта шуда буд. Он ду хабарро Ҷабраил ном фариштае, ки «пеши Худо» меистад, расонда буд (Луқо 1:19). Ин воқеа кай ва чӣ тавр рӯй дод?

Соли сеюми то милод. Дар кӯҳистони Яҳудо, шояд, каме дуртар аз Ерусалим, коҳини Яҳува* Худо зиндагӣ мекунад, ки номаш Закарё аст. Ӯ ва занаш Элисобаъ пиранд ва фарзанд надоранд. Рӯзе Закарё ба Ерусалим меояд, то аз рӯйи навбаташ дар маъбади Худо хизмат кунад. Вақте ки ӯ дар маъбад хизмати худро иҷро мекунад, ногаҳон дар пеши қурбонгоҳи бухурсӯзонӣ Ҷабраил пайдо мешавад.

Закарё фариштаро дида метарсад, лекин Ҷабраил ӯро ором мекунад ва мегӯяд: «Натарс, эй Закарё, зеро Худо зориву илтиҷои туро шунид: занат Элисобаъ бароят писаре таваллуд мекунад ва ту номи ӯро Яҳё мемонӣ». Ҷабраил ба ӯ мегӯяд, ки Яҳё «дар назари Яҳува бузург мешавад» ва «барои Яҳува халқи омодаеро пешкаш» мекунад (Луқо 1:13–17).

Боварии Закарё намеояд, ки ин суханон ростанд. Барои чӣ? Зеро ӯ ва занаш Элисобаъ дигар ҷавон нестанд. Ҷабраил ба Закарё чунин мегӯяд: «То рӯзи ба амал омадани ин суханон аз гап мемонӣ, чунки ба гуфтаҳои ман... бовар накардӣ» (Луқо 1:20).

Дар ин миён одамоне, ки дар беруни маъбад истодаанд, ҳайрон мешаванд, ки барои чӣ Закарё ин қадар дер баромада истодааст. Вақте Закарё берун мебарояд, ӯ гап зада наметавонад. Ӯ ба саволҳои одамон танҳо бо имову ишора ҷавоб медиҳад. Онҳо мефаҳманд, ки Закарё дар маъбад чизи ғайриодиеро дидааст.

Закарё хизмати худро дар маъбад тамом мекунад ва ба хонааш бармегардад. Якчанд вақт баъд Элисобаъ ҳомиладор мешавад. Ӯ дар давоми панҷ моҳ аз чашми мардум пинҳон шуда, дар хонааш меистад ва таваллуди фарзандашро интизор мешавад.

Баъд аз ин Ҷабраил як хабари дигар меорад. Лекин ин дафъа ба кӣ? Ба Марям ном духтаре, ки ҳоло шавҳар накардааст. Ӯ дар шимол, дар шаҳри Носира, ки дар Ҷалил ҷойгир аст, зиндагӣ мекунад. Фаришта ба ӯ зоҳир шуда, мегӯяд: «Эй Марям... ту розигии Худоро ба даст овардаӣ. Ту ҳомиладор шуда, писаре таваллуд мекунӣ ва номи ӯро Исо мемонӣ. Ӯ бузург мегардад ва Писари Худои* Таоло номида мешавад... ӯ чун Подшоҳ бар хонадони Яъқуб абадан ҳукмронӣ мекунад ва Подшоҳиаш ҳеҷ гоҳ ба охир намерасад» (Луқо 1:30–33).

Бешак, расондани ин ду хабари муҳим барои Ҷабраил шарафи бузург буд. Дар бораи Исо ва Яҳё бисёртар маълумот гирифта, мо мефаҳмем, ки барои чӣ ин ду хабар муҳим буданд.

* Яҳува номи Худои Таолост, ки он дар Китоби Муқаддас навишта шудааст.

* Дар Китоби Муқаддас Яҳува «Падар» номида шудааст, чунки Ӯ Офаридгор аст (Ишаъё 64:8). Исо бошад, барои он Писари Худо номида шудааст, ки Яҳува ӯро офаридааст. Ғайр аз ин, Одам ва фариштагон ҳам писарони Худо номида шудаанд (Айюб 1:6; Луқо 3:38).

- ◇ Ду хабари муҳимро аз тарафи Худо кӣ мерасонад?
- ◇ Ин ду хабар ба кӣ расонда мешавад?
- ◇ Ба фикри шумо, барои чӣ ба ин хабарҳо бовар кардан душвор аст?

• ҶАБРАИЛИ ФАРИШТА ТАВАЛЛУД ШУДАНИ ЯҲЁРО ПЕШГӮЙӢ МЕКУНАД
• ҶАБРАИЛ БА МАРЯМ ДАР БОРАИ ТАВАЛЛУДИ ИСО ХАБАР МЕДИҲАД

1



# БА ИСО ПЕШ АЗ ТАВАЛЛУДАШ ИЗЗАТУ ЭҲТИРОМ НИШОН ДОДА МЕШАВАД

ЛУҚО 1:34–56

Ҷабраил ба Марям мегӯяд, ки вай соҳиби фарзанд мешавад ва номи ӯро Исо мемонад. Фарзанди вай Подшоҳи бузурге мегардад ва то абад ҳукмронӣ мекунад. Марям ҳайрон шуда мепурсад:

— Ин чӣ тавр шуда метавонад? Охир, ман ҳоло шавҳар накардаам (Луқо 1:34).

Ҷабраил мегӯяд:

— Рӯҳи муқаддас бар ту мефарояд ва қудрати Худои Таоло бар ту соя мекунад. Аз ин сабаб кӯдаке, ки ту таваллуд мекунӣ, муқаддас ва Писари Худо номида мешавад (Луқо 1:35).

Шояд, барои он ки Марям ба ин гап бовар кунад, Ҷабраил илова мекунад:

— Инак, хешат Элисобаъ низ, ки мардум ӯро нозой меномиданд, дар пириаш ҳомиладор шуда, писаре дар батн дорад ва ҳоло моҳи шашуми ӯст, зеро чизе нест, ки аз дасти Худо наояд (Луқо 1:36, 37).

Марям ба суханони Ҷабраил бовар карда мегӯяд:

— Ман канизи Яҳува ҳастам. Бигзор бо ман аз рӯйи гуфти ту шавад (Луқо 1:38).

Баъди рафтани Ҷабраил Марям барои ба назди Элисобаъ рафтан тайёрӣ мебинад. Элисобаъ бо шавҳараш Закарё дар кӯҳистони Яҳудо, дар наздикии Ерусалим, зиндагӣ мекунад, Марям бошад — дар Носира. Барои ба хонаи Элисобаъ расидан ӯ бояд роҳи се-чоррӯзаро тай кунад.

Баъди сафари дурудароз Марям ба хонаи Закарё меояд ва бо хешаш Элисобаъ саломуалейк мекунад. Он вақт Элисобаъ аз рӯҳи муқаддаси Худо пур шуда чунин мегӯяд: «Ту дар миёни занон баракат ёфтаӣ ва самари батни ту баракатёфта аст! Ин чӣ шарафест, ки модари Ҳазратам ба назди ман омад! Ҳамин ки садои саломи ту ба гӯшам расид, кӯдак аз хурсандӣ дар батнам ба ҷунбиш омад» (Луқо 1:42–44).

Марям бо миннатдорӣ мегӯяд: «Ҷони ман Яҳуваро ситоиш мекунад ва рӯҳам дар Худои Наҷотдиҳандаи ман шодиву хурсандӣ мекунад, зеро Ӯ ба канизи ночизи Худ эътибор додааст. Минбаъд ҳамаи наслҳо маро хушбахт меноманд, чунки Қодир барои ман корҳои бузург ба амал овардааст». Ҳарчанд Марям соҳиби чунин шараф гаштааст, ӯ танҳо Яҳуваро сазовори шӯҳрату ҷалол меҳисобад. Марям мегӯяд: «Номи Ӯ муқаддас аст. Ӯ ба тарсгорони Худ аз насл ба насл раҳму шафқат мекунад» (Луқо 1:46–50).

Марям аз рӯҳи муқаддас пур шуда ба Худо ҳамду сано гуфтанро давом медиҳад: «Ӯ бо дасти Худ корҳои бузург ба амал овард; касонеро, ки андешаҳои дилашон ҳавобаландона аст, пароканда кард, шахсони соҳибқудратро аз тахт ба зер афканд ва одамони одии ночизро сарбаланд гардонд. Ӯ мӯҳтоҷонро аз неъматҳо пур кард ва сарватдоронро дасти холӣ фиристод. Ӯ ба хизматгори Худ Исроил дасти ёрӣ дароз кард, то нишон диҳад, ки ваъдаи Худро оиди зоҳир кардани раҳму шафқат ҳамеша дар хотир дорад ва он ваъдаро, чуноне ки ба падаронамон гуфтааст, Ӯ ба Иброҳим ва наслаш дода буд» (Луқо 1:51–55).

Марям қариб се моҳ дар хонаи Элисобаъ мемонад. Дар ҳафтаҳои охири ҳомиладориаш ба Элисобаъ ёрдаму дастгирии Марям хеле даркор аст. Чӣ хуб аст, ки ин ду зани содиқ дар ин лаҳзаи муҳими ҳаёташон бо ҳам мебошанд!

Аҳамият диҳед, ки ба Исо пеш аз таваллудаш иззату эҳтиром нишон дода шуд. Элисобаъ ӯро «Ҳазратам» гуфт ва баъди омадани Марям кӯдаки батнаш аз хурсандӣ «ба ҷунбиш омад». Лекин, чи тавре ки баъд мефаҳмем, дар оянда одамон ба Маряму кӯдакаш тамоман дигар хел муносибат мекунанд.



◊ Ҷабраил дар бораи ҳомиладор шудани Марям чӣ мегӯяд?
◊ Чӣ тавр ба Исо пеш аз таваллудаш иззату эҳтиром нишон дода мешавад?
◊ Марям чанд вақт дар хонаи Элисобаъ мемонад ва барои чӣ?

# КАСЕ ТАВАЛЛУД МЕШАВАД, КИ РОҲРО ТАЙЁР МЕКУНАД

ЛУҚО 1:57–79

Элисобаъ ба қарибӣ бояд таваллуд кунад. Марям се моҳ бо ӯ истод. Акнун ӯ хайрухуш карда, ба шаҳри худ, ки дар тарафи шимол ҷойгир аст, яъне ба Носира, меравад. Марямро сафари дурударозе дар пеш аст ва баъд аз шаш моҳ ӯ ҳам писар таваллуд мекунад.

Чанде пас аз рафтани Марям Элисобаъ кӯдак ба дунё меорад. Ҳама хурсанд мешаванд, ки вай сиҳату саломат фарзанд таваллуд мекунад. Элисобаъ писарчаро ба ҳамсояҳо ва хешу табор нишон медиҳад ва онҳо ҳам ба шодии ӯ шарик мешаванд.

Дар Шариате, ки Худо ба халқи Исроил дод, навишта шуда буд, ки ҳашт рӯз пас аз таваллуди писар ӯро бояд хатна кунанд ва ном гузоранд (Ибодат 12:2, 3). Аз таваллуди кӯдак ҳашт рӯз мегузарад. Баъзеҳо мегӯянд, ки номи ӯро мисли падараш Закарё монанд. Лекин, агар дар ёд дошта бошед, фаришта гуфта буд, ки номи кӯдакро бояд Яҳё монанд. Барои ҳамин Элисобаъ зид баромада, мегӯяд: «Не, номи ӯро Яҳё мемонем» (Луқо 1:60).

Хешу табор ва ҳамсояҳо норозӣ шуда мегӯянд: «Дар авлоди ту ҳеҷ кас чунин ном надорад» (Луқо 1:61). Онҳо бо имову ишора аз Закарё мепурсанд, ки кӯдакро чӣ ном монанд. Закарё тахтачае пурсида, дар он менависад: «Номи ӯ Яҳёст» (Луқо 1:63).

Шумо, албатта, дар хотир доред, ки вақте Закарё ба гапи фаришта бовар накард, аз гап монд. Лекин, ҳамин ки Закарё ин суханонро дар тахтача менависад, ба гап медарояд. Ин мӯъҷизаро дида ҳамсояҳои вай ба ҳайрат меоянд ва байни ҳамдигар мегӯянд: «Ин кӯдак кӣ мешуда бошад?» (Луқо 1:66). Онҳо мефаҳманд, ки худи Худо ин кӯдакро Яҳё ном мондааст.

Закарё аз рӯҳи муқаддаси Худо пур шуда мегӯяд: «Ҳамду сано ба Яҳува, ба Худои Исроил, зеро Ӯ ба халқи Худ назар карда, ба онҳо



халосӣ ато намудааст. Ӯ барои мо дар хонадони бандаи Худ Довуд шохи наҷотро баланд кардааст» (Луқо 1:68, 69). «Шохи наҷот» гуфта, Закарё Исои Масеҳро дар назар дорад, ки бояд ба наздикӣ таваллуд шавад. Закарё мегӯяд, ки Исо халқи Худоро аз душманонаш халос мекунад. Ҳамчунин ӯ дар бораи Исо пешгӯйӣ мекунад: «[Ба воситаи ӯ] Худо моро бо он шарафманд мегардонад, ки бе тарсу ҳарос хизмати Ӯро ба ҷо орем ва ин хизматро дар пеши Ӯ тамоми умри худ содиқона ва бо росткорӣ иҷро кунем» (Луқо 1:74, 75).

Дар бораи писари худаш бошад, Закарё чунин пешгӯйӣ мекунад: «Ту бошӣ, эй писар, пайғамбари Худои Таоло номида мешавӣ, зеро Яҳува туро пешопеши Худ мефиристад, то роҳҳои Ӯро тайёр кунӣ ва ба халқаш эълон намоӣ, ки Ӯ онҳоро ба воситаи бахшидани гуноҳҳояшон наҷот медиҳад, зеро Худои мо дилсӯзу ҳамдард аст. Ба туфайли ин дилсӯзиву ҳамдардӣ рӯшноӣ чун дар вақти дамидани субҳ аз осмон ба мо намудор мешавад, то ба онҳое, ки дар торикӣ ва сояи марг нишастаанд, равшанӣ намояд ва қадамҳои моро дар роҳи сулҳу осоиштагӣ роҳнамоӣ кунад» (Луқо 1:76–79). Чӣ суханони умедбахше!

Дар ин миён Марям ба Носира мерасад. Вақте маълум мешавад, ки ӯ шавҳар накарда ҳомиладор шудааст, бо ӯ чӣ рӯй медода бошад?

---

◊ Яҳё аз Исо чанд моҳ калон аст?

◊ Вақте Яҳё ҳаштрӯза мешавад, чӣ рӯй медиҳад?

◊ Яҳё аз Худо чӣ супориш мегирад?



# МАРЯМ ОИЛАДОР НАШУДА ҲОМИЛА АСТ

МАТТО 1:18–25  ЛУҚО 1:56

Марям, баъд аз он ки якчанд моҳ дар хонаи Элисобаъ, дар кӯҳистони Яҳудо, меистад, ба хонаи худ, ба шаҳри Носира, бармегардад. Ҳоло чор моҳ мешавад, ки ӯ ҳомиладор аст ва ба қарибӣ ин ба дигарон ҳам маълум мешавад. Дар ҳақиқат, вазъияти Марям хеле душвор аст!

Марям номзади Юсуф ном дуредгар аст. Ӯ медонад, ки мувофиқи Шариате, ки Худо ба Исроил додааст, занеро, ки номзад дораду бо каси дигар зино мекунад, сангсор карда мекушанд (Такрори Шариат 22:23, 24). Марям, албатта, духтари бероҳа нест. Эҳтимол, ӯ хеле хавотир аст ва намедонад, ки масъаларо чӣ хел ба Юсуф фаҳмонад ва оқибати кор чӣ мешавад.

Марям се моҳ дар Носира набуд, барои ҳамин бо боварӣ гуфтан мумкин аст, ки Юсуф ӯро хеле ёд кардааст. Вақте онҳо вомехӯранд, Марям, аз афташ, вазъиятро ба Юсуф мефаҳмонад. Лекин, чи қадаре Марям нафаҳмонад, боварии Юсуф намеояд, ки вай ба воситаи рӯҳи муқаддас ҳомиладор шудааст.

Юсуф медонад, ки Марям инсони хуб аст ва одамон ӯро чун зани худотарсу баномус мешиносанд. Ғайр аз ин, Юсуф Марямро хеле дӯст медорад ва намехоҳад, ки ӯ сангсор карда шавад. Нигоҳ накарда ба ҳамаи ин Юсуф фикр мекунад, ки вай бо марде ҳамхоба шудааст ва барои ҳамин мехоҳад аз ӯ пинҳонӣ ҷудо шавад. Дар он замонҳо зан ва марде, ки номзад мешуданд, зану шавҳар ба ҳисоб мерафтанд ва барои ҷудо шудан додани хати талоқ даркор буд.

Бо ҳамин фикру хаёл хоби Юсуф мебарад. Дар хоб фариштаи Яҳува ба ӯ зоҳир шуда,



мегӯяд: «Эй Юсуф, писари Довуд, аз хонадор шудан бо Марям натарс, зеро вай ба воситаи рӯҳи муқаддас ҳомиладор шудааст. Вай писар таваллуд мекунад ва ту ӯро Исо ном мемонӣ, зеро ӯ халқи худро аз гуноҳҳояшон наҷот хоҳад дод» (Матто 1:20, 21).

Вақте Юсуф бедор мешавад, ӯ хеле хурсанд мегардад ва гӯё бори вазнине аз китфаш меафтад. Ӯ даррав он чизеро, ки фаришта гуфт, иҷро мекунад ва Марямро ба хонаи худ гирифта меорад. Дар он замонҳо занро ба хонаи худ овардани мард маънои онро дошт, ки ӯ он занро ба занӣ мегирад. Акнун Юсуфу Марям зану шавҳаранд. Лекин Юсуф то таваллуд шудани Исо бо Марям ҳамхоба намешавад.

Якчанд моҳ пас Юсуф ва Марями ҳомиладор ба сафари дурудароз мебароянд. Вақти таваллуд кардани Марям наздик аст. Онҳо дар ин вақт ба куҷо сафар мекунанд?

---

- ◊ Вақте Юсуф мефаҳмад, ки Марям ҳомиладор аст, ӯ чӣ фикр мекунад ва чаро?
- ◊ Барои чӣ ба Маряму Юсуф талоқнома даркор аст?
- ◊ Чӣ нишон медиҳад, ки Маряму Юсуф зану шавҳар шуданд?



# ИСО КАЙ ВА ДАР КУҶО ТАВАЛЛУД МЕШАВАД?

ЛУҚО 2:1–20

Қайсар Авғустус, императори Рум, фармон мебарорад, ки ҳама сокинони империяи Рум ба қайд гирифта шаванд. Барои ҳамин Маряму Юсуф ба зодгоҳи худ, ба Байт-Лаҳм, сафар мекунанд. Ин шаҳр дар ҷануби мамлакат, дар наздикии Ерусалим, ҷойгир аст.

Байт-Лаҳм аз одамоне, ки барои бақайдгирӣ меоянд, пур аст. Барои ҳамин Маряму Юсуф ҷой



наёфта дар оғил ҷойгир мешаванд. Исо дар он ҷо таваллуд мешавад. Марям кӯдакро парпеч карда, дар охур, дар ҷое мемонад, ки хӯроки ҳайвонҳо гузошта мешавад.

Аз афташ, худи Худо роҳбарӣ карда буд, ки қайсар Авғустус ин фармонро барорад. Барои чӣ? Ин имкон медод, ки Исо, ки аз насли Довуд буд, дар зодгоҳи ин подшоҳ, яъне дар Байт-Лаҳм, таваллуд шавад. Чанд аср пеш дар Китоби Муқаддас пешгӯйӣ шуда буд, ки дар ин шаҳр ҳокиме таваллуд мешавад (Мико 5:2).

Шабе, ки Исо таваллуд шуд, шаби ғайриодие буд. Як гурӯҳ чӯпонон бо рамаҳои худ дар саҳро буданд. Ногоҳ гирди ин чӯпононро равшанӣ фаро мегирад. Ин равшанӣ аз ҷониби Яҳува аст. Фариштаи Худо ба чӯпонон мегӯяд: «Натарсед, чунки ман ба шумо хабари хушеро эълон мекунам, ки ба ҳамаи халқҳо шодии бузурге меорад. Имрӯз дар шаҳри Довуд барои шумо наҷотдиҳандае, ки Масеҳ ва Сарвар мебошад, таваллуд шуд. Барои шумо аломат ҳамин мешавад, ки тифли парпечкарда ва дар охур хобидаеро меёбед». Он вақт дар осмон фариштагони сершуморе пайдо мешаванд ва Худоро ҳамду сано хонда чунин мегӯяд: «Худоро дар осмонҳо ҷалол бод ва бар рӯйи замин осоиштагӣ дар миёни одамоне, ки Худо аз онҳо розист!» (Луқо 2:10–14).

Вақте фариштагон мераванд, чӯпонон ба якдигар мегӯянд: «Биёед худи ҳозир ба Байт-Лаҳм рафта, воқеаи рӯйдодаеро, ки Яҳува ба мо маълум сохт, бинем» (Луқо 2:15). Онҳо шитобон ба он ҷо мераванд ва Исои кӯдакро дар ҳамон ҷое, ки фариштагон гуфта буданд, меёбанд. Вақте чӯпонон воқеаро ба касоне, ки дар он ҷо буданд, нақл мекунанд, онҳо дар ҳайрат мемонанд. Ин воқеа ба Марям сахт таъсир мекунад, ӯ ҳамаи гуфтаҳои онҳоро дар дилаш ҷо дода, дар бораи онҳо мулоҳиза меронад.

Имрӯз бисёри одамон фикр мекунанд, ки Исо 25-уми декабр таваллуд шудааст. Лекин дар Байт-Лаҳм моҳи декабр ҳаво хунук ва боронист. Баъзан дар ин моҳ барф ҳам меборад. Барои ҳамин номумкин аст, ки чӯпонон моҳи декабр рамаи худро шабона дар берун чароната. Ғайр аз ин, моҳе, ки Исо таваллуд шуд, императори Рум дар бораи ба қайд гирифтани аҳолӣ фармон бароварда буд. Аз эҳтимол дур аст, ки ӯ дар зимистони қаҳратун аз яҳудиён талаб карда бошад, ки барои аз қайд гузаштан сафари дурудароз кунанд. Сабаб дар он ки яҳудиён бе ин ҳам аз ҳукумати Рум норозӣ буданд. Ин метавонист қатраи охирин шавад ва онҳоро ба исён тела диҳад. Барои ҳамин хулоса кардан мумкин аст, ки Исо на дар зимистон, балки тирамоҳ, эҳтимол, моҳи октябр, таваллуд шудааст.

- Барои чӣ Юсуфу Марям ба Байт-Лаҳм мераванд?
- Шаби таваллуди Исо чӣ чизи аҷоибе рӯй медиҳад?
- Чаро гуфтан мумкин аст, ки Исо 25-уми декабр таваллуд нашудааст?

# 5

• ИСО ДАР БАЙТ-ЛАҲМ ТАВАЛЛУД МЕШАВАД
• ЧӮПОНОН ПЕШИ ИСОИ НАВЗОД МЕОЯНД



# КӮДАКИ ВАЪДАШУДА

ЛУҚО 2:21–39

Юсуфу Марям ба Носира барнамегарданд, балки дар Байт-Лаҳм мемонанд. Мувофиқи Шариати Мӯсо Исоро дар ҳаштрӯзагиаш хатна мекунанд (Ибодат 12:2, 3). Ҳамчунин дар он рӯз аз рӯйи одати яҳудиён ба кӯдак ном мемонанд. Юсуфу Марям, чи хеле ки фаришта Ҷабраил гуфта буд, номи писарашонро Исо мемонанд.

Вақте Исо 40-рӯза мешавад, падару модараш ӯро ба маъбади Ерусалим мебаранд, ки он аз Байт-Лаҳм якчанд километр дуртар аст. Барои чӣ? Мувофиқи Шариати Мӯсо баъди 40 рӯзи таваллуди писар зан бояд барои покшавӣ қурбонӣ меовард (Ибодат 12:4–8).



**«ҲАНГОМЕ КИ ОНҲО... БОЯД ПОК МЕГАШТАНД»** Вақте зани исроилӣ таваллуд мекард, ӯ мувофиқи Шариати Мӯсо муддате нопок ҳисоб мешуд. Вақте давраи нопокиаш ба охир мерасид, ӯ бояд барои покшавӣ қурбонӣ меовард. Ин ба ҳама хотиррасон мекард, ки боз як кӯдаки нокомил таваллуд шуд. Исо аз вақти таваллуд бегуноҳ ва пок буд (Луқо 1:35). Ба ин нигоҳ накарда Марям ва Юсуф барои аз рӯйи Шариати Мӯсо пок гаштан ба маъбад мераванд ва Исои навзодро «ба Яҳува пешкаш» мекунанд (Луқо 2:22).

Мувофиқи Шариати Мӯсо барои қурбонӣ бояд барра меоварданд, лекин, агар зани таваллудкарда ин хел қурбонӣ оварда наметавонист, ӯ бояд ду мусича ё ду ҷӯҷаи кафтар меовард. Марям ҳам аз рӯйи ин қонун барои қурбонӣ ду парранда меорад. Ин нишон медиҳад, ки Юсуфу Марям бой нестанд.

Дар маъбад Юсуфу Марям бо марди пиронсоле вомехӯранд. Номи ӯ Шимъӯн аст. Худо ба вай маълум кард, ки ӯ пеш аз маргаш Масеҳи ваъдашударо мебинад. Дар ин рӯз рӯҳи муқаддас Шимъӯнро ба маъбад мебарад ва дар он ҷо ӯ Юсуфу Марямро бо кӯдакашон мебинад. Шимъӯн кӯдакро ба бағал мегирад.

Он вақт Шимъӯн Худоро шукр карда мегӯяд: «Эй Ҳокими тамоми олам, акнун, чуноне ки гуфта будӣ, бигзор бандаат орому осуда бимирад, зеро чашмони ман наҷотеро диданд, ки Ту дар пеши назари халқҳо тайёр кардаӣ. Он нурест, ки пардаи торикиро аз рӯйи халқҳо мебардорад, он ҷалоли халқи Ту — Исроил, мебошад» (Луқо 2:29–32).

Инро шунида Юсуфу Марям ба ҳайрат меоянд. Шимъӯн онҳоро баракат медиҳад ва мегӯяд, ки «кӯдак сабаби афтодан ва аз нав бархестани бисёри исроилиён мегардад». Ӯ пешгӯйӣ мекунад, ки Марям дарди сахте ҳис мекунад, мисли он ки ба дилаш шамшер зада бошанд (Луқо 2:34).

Онҳо дар маъбад боз бо Ҳано ном зани 84-солае вомехӯранд, ки доимо дар маъбад аст ва хабарҳои Худоро мерасонад. Ӯ ба назди Юсуфу Марям ва кӯдак меояд. Кӯдакро дида ӯ Худоро шукр мегӯяд ва ба ҳама одамоне, ки дар маъбаданд, дар бораи Исо нақл кардан мегирад.

Бешубҳа, Юсуфу Марям аз он чизе, ки дар маъбад рӯй дод, хеле хурсанданд! Ҳамаи ин ба онҳо дилпурӣ мебахшад, ки писарашон Ваъдашудаи Худо аст.



◊ Аз рӯйи одати яҳудиён кай ба писар ном мемонданд?

◊ Вақте ки кӯдак 40-рӯза мешуд, зан бояд чӣ кор мекард? Аз қурбоние, ки Марям овард, чиро фаҳмидан мумкин аст?

◊ Дар маъбад кӣ ба назди Исо меояд? Чӣ тавр ин одамон нишон медиҳанд, ки кӣ будани Исоро нағз медонанд?

# БА НАЗДИ ИСО СИТОРАШИНОСОН МЕОЯНД

МАТТО 2:1–12

Аз Шарқ ситорашиносон ё худ толеъбинон меоянд, яъне касоне, ки гӯё воқеаҳои ҳаёти инсонро аз рӯйи ситораҳо муайян мекунанд (Ишаъё 47:13). Онҳо дар мамлакати худ «ситорае»-ро мебинанд ва аз пушти он равона мешаванд. Онҳо садҳо километрро тай карда, ба Байт-Лаҳм неву ба Ерусалим меоянд.

Вақте ситорашиносон ба Ерусалим мерасанд, мепурсанд: «Кӯдаке, ки подшоҳи яҳудиён мешавад, дар куҷост? Мо дар Шарқ ситорааашро дидем ва омадем, ки ба ӯ таъзим кунем» (Матто 2:1, 2).

Шоҳ Ҳиродус инро шунида ноором мешавад. Ӯ саркоҳинон ва дигар роҳбарони дини яҳудиро фарёд карда, аз онҳо мепурсад, ки Масеҳ бояд дар куҷо таваллуд шавад. Онҳо аз Навиштаҳои Муқаддас ба ӯ ҷавоб медиҳанд: «Дар Байт-Лаҳм» (Матто 2:5; Мико 5:2). Баъд аз ин Ҳиродус ба таври пинҳонӣ ситорашиносонро даъват карда, ба онҳо мегӯяд: «Рафта, кӯдакро нағзакак кобед ва, ҳамин ки ёфтед, омада, ба ман хабар диҳед, то ки ман ҳам рафта, ба вай таъзим кунам» (Матто 2:8). Лекин шоҳ дар асл мақсади дигар дорад: ӯ мехоҳад кӯдакро ёфта, кушад!



Баъди рафтани ситорашиносон чизи аҷоибе рӯй медиҳад. «Ситорае», ки онҳо дида буданд, боз ба ҳаракат медарояд. Он ситорашиносонро ба хонае, ки Исои кӯдак бо падару модараш дар он ҷо буд, меорад. Маълум аст, ки ин ситораи одӣ нест.

Вақте ситорашиносон ба хона медароянд, Исои хурдакакро ҳамроҳи модараш мебинанд. Онҳо ба кӯдак таъзим намуда, тилло ва лодану мурр тӯҳфа мекунанд. Баъд, вақте ки онҳо мехоҳанд ба назди Ҳиродус баргарданд, Худо дар хоб ба онҳо амр медиҳад, ки назди подшоҳ нараванд. Барои ҳамин онҳо бо роҳи дигар ба ватанашон бармегарданд.

Ба фикри шумо, ин «ситора» аз тарафи кист? Дар ёд доред, ки «ситора» толеъбинонро аввал ба куҷо бурд? Ин «ситора» онҳоро рост ба Байт-Лаҳм неву аввал ба Ерусалим, пеши подшоҳ Ҳиродус бурд, ки ӯ мехост Исоро кушад. Агар Худо ба ин кор дахолат намекард ва ба ситорашиносон намегуфт, ки дар куҷо будани Исоро ба Ҳиродус нагӯянд, ӯ метавонист Исоро кушад. Аз ин маълум мешавад, ки ин кори душмани Худо, Шайтон, аст. Вай мехост Исоро кушад ва бо ёрии ин «ситора» ниятащро иҷро кунад.

---

◇ Аз куҷо мо медонем, ки «ситорае», ки толеъбинон диданд, ситораи одӣ набуд?

◇ Ситорашиносон Исои кӯдакро дар куҷо меёбанд?

◇ Чаро мо гуфта метавонем, ки ситорашиносонро Шайтон роҳнамоӣ кард?

# 7

• ТОЛЕЪБИНОН АЗ ПУШТИ «СИТОРА» РАФТА,
БА ЕРУСАЛИМ МЕРАСАНД ВА БАЪД БА НАЗДИ ИСО МЕОЯНД



# ХАЛОСӢ АЗ ДАСТИ ШОҲИ ЗОЛИМ

МАТТО 2:13–23



Юсуф саросемавор Марямро бедор мекунад, то хабари муҳимеро расонад. Фариштаи Яҳува навакак ба ӯ дар хоб зоҳир шуда, чунин гуфта буд: «Бархез ва кӯдакро бо модараш гирифта, ба Миср гурез. Ва, то даме ки “биё” нагӯям, дар он ҷо бимон, зеро Ҳиродус мақсад дорад, ки кӯдакро ёфта, кушад» (Матто 2:13).

Худи ҳамон шаб Юсуф бо Марям ва писарашон ба роҳ мебароянд. Онҳо сари вақт мегурезанд, зеро Ҳиродус мефаҳмад, ки ситорашиносон ӯро фиреб додаанд. Онҳо бояд ба назди Ҳиродус омада, дар бораи Исо хабар медоданд, аммо ин тавр накарданд, балки бо роҳи дигар ба ватани худ баргаштанд. Ин кори онҳо Ҳиродусро сахт ба хашм меорад. Ӯ дар асоси суханоне, ки аз ситорашиносон фаҳмида буд, муайян мекунад, ки кӯдак тахминан чандсола аст, ва фармон медиҳад, ки дар Байт-Лаҳм ва гирду атрофи он ҳамаи писарчаҳои то дусоларо кушанд.

Чӣ бераҳмӣ! Маълум нест, ки он вақт чӣ қадар кӯдакон кушта шуданд, аммо гиря ва нолаю фиғони модарони онҳо ҳама ҷоро пур мекунад. Бо ин рӯйдод пешгӯйии пайғамбар Ирмиё иҷро мегардад (Ирмиё 31:15).



Дар ин миён Юсуф ва оилааш ба Миср гурехта, дар он ҷо мемонанд. Чанде пас як шаб фариштаи Яҳува боз дар хоб ба Юсуф зоҳир шуда, мегӯяд: «Бархез ва кӯдакро бо модараш гирифта, ба замини Исроил баргард, зеро шахсоне, ки қасди ҷони кӯдакро доштанд, мурданд» (Матто 2:20). Акнун Юсуф бо аҳли оилааш метавонад ба ватани худ баргардад. Ҳамин тавр боз як пешгӯйии Китоби Муқаддас иҷро мегардад: Худо Писари Худро аз Миср даъват мекунад (Ҳушаъ 11:1).



Шояд Юсуф ният дорад, ки бо оилааш дар Яҳудия, дар наздикии шаҳри Байт-Лаҳм, ҷойгир шавад, дар ҷое, ки онҳо то гурехтан ба Миср зиндагӣ мекарданд. Вале ӯ мефаҳмад, ки дар Яҳудия Аркилоус, писари золими шоҳ Ҳиродус, ҳукмронӣ мекунад. Ҳамчунин фариштаи Худо дар хоб ба Юсуф зоҳир шуда, ӯро аз хатар огоҳ мекунад. Бинобар ин Юсуф ҳамроҳи оилааш ба тарафи шимол равона шуда, дар шаҳри Носираи вилояти Ҷалил, дуртар аз маркази ибодати яҳудиён, сокин мешавад. Исо дар он ҷо ба воя мерасад ва ин тавр пешгӯйии зерин низ иҷро мешавад: «Ӯ носирӣ номида хоҳад шуд» (Матто 2:23).

- Вақте ситорашиносон назди Ҳиродус барнамегарданд, ӯ чӣ кор мекунад? Чӣ тавр Исои хурдсол халос мешавад?
- Чаро Юсуф ва оилааш ҳангоми аз Миср баргаштан дар Байт-Лаҳм сокин намешаванд?
- Дар он вақт кадом пешгӯйиҳои Китоби Муқаддас иҷро мешаванд?

# ҲАЁТИ ИСО ДАР НОСИРА

МАТТО 13:55, 56 МАРҚӮС 6:3

Исо дар Носира ном шаҳри на он қадар калоне ба воя мерасад. Ин шаҳр дар минтақаи кӯҳии Ҷалил, дар тарафи ғарбии кӯли калоне, ки баҳри Ҷалил ном дорад, ҷойгир аст.

Ҳангоми тахминан дусола будани Исо Юсуф ва Марям аз Миср ба Носира кӯчида меоянд. Аз афташ, ҳоло Исо фарзанди ягонаи Юсуфу Марям аст. Лекин баъдтар онҳо боз соҳиби якчанд писар ва духтар мешаванд. Ва, чи хеле ки аз Китоби Муқаддас маълум аст, номи писарони онҳо Яъқуб, Юсуф, Шимъӯн ва Яҳудо мебошад. Барои ҳамин гуфтан мумкин аст, ки Исо камаш шаш додару хоҳар дорад.

Бешубҳа, Исо хешу табори дигар низ дорад. Мо аллакай бо Элисобаъ ва писари ӯ Яҳё шиносем. Онҳо хеле дуртар аз Носира, дар Яҳудия, зиндагӣ мекунанд. Дар Ҷалил бошад, дар наздикии Юсуфу Марям, Салӯмит зиндагӣ мекунад. Ӯ, аз афташ, хоҳари Марям ва холаи Исо аст. Номи шавҳари Салӯмит — Забдой ва номи ду писари онҳо, яъне холабачаҳои Исо, Яъқуб ва Юҳанно мебошад. Мо аниқ намедонем, ки оё Исо дар кӯдакӣ ва ҷавониаш бо онҳо вақти зиёд мегузаронд ё не. Лекин, вақте Яъқуб ва Юҳанно калон мешаванд, онҳо чун расулони Исо хизмат карда, дӯстони наздики ӯ мегарданд.

Юсуф, ки дуредгар аст, барои таъмин кардани оилаи калони худ бояд бисёр меҳнат кунад. Ӯ Исоро чун писари худ калон мекунад ва ба-



рои ҳамин одамон вайро «писари дуредгар» меноманд (Матто 13:55). Юсуф ба Исо касби дуредгариро ёд медиҳад ва ӯ устои моҳир мешавад. Баъдтар одамон худи Исоро ҳам дуредгар меноманд (Марқӯс 6:3).

Ибодат ба Яҳува дар ҳаёти Юсуф ва аҳли оилааш дар ҷойи аввал меистад. Юсуфу Марям мувофиқи Шариати Худо амал карда, ҳангоми дар хона нишастан, роҳ рафтан, хобидан ва бархостан фарзандонашонро дар роҳи Худо тарбия мекунанд (Такрори Шариат 6:6–9). Дар Носира яҳудиён ибодатгоҳ доранд ва бо боварӣ гуфтан мумкин аст, ки Юсуф бо аҳли оилааш доимо ба он ҷо меравад. Баъдтар, вақте Исо калон мешавад, ӯ низ «мувофиқи одати худ» рӯзҳои шанбе ба ибодатгоҳ меравад (Луқо 4:16). Ҳамчунин Исо ҳамроҳи оилаашон ҳар сол ба маъбади Яҳува ба Ерусалим меравад ва чунин сафарҳо ба ҳар як аъзои оила хурсандии зиёд мебахшанд.

---

◊ Исо камаш чанд додару хоҳар дорад?
◊ Исо кадом касбро аз худ мекунад ва барои чӣ?
◊ Юсуф чӣ кор мекунад, то аъзоёни оилааш худотарс бошанд?



# ИСО БО АҲЛИ ОИЛААШ БА ЕРУСАЛИМ САФАР МЕКУНАД

ЛУҚО 2:40–52

Фасли баҳор. Ҳар сол дар ин вақт оилаи Юсуф ҳамроҳи ёру дӯстон ва хешу таборашон ба Ерусалим мераванд. Дар он ҷо онҳо мувофиқи Шариат иди Раҳоиро ҷашн мегиранд (Такрори Шариат 16:16). Ерусалим аз Носира тақрибан 120 километр дуртар аст. Ин айём барои ҳамаи исроилиён давраи серташвиш ва хурсандиовар мебошад. Исои дувоздаҳсола ин идро бесаброна интизор аст ва мехоҳад боз ба маъбад равад.

Барои ҷашн гирифтани иди Раҳоӣ ба аҳли оилаи Исо як рӯз кифоя нест. Як рӯз пас аз иди Раҳоӣ иди Фатир сар мешавад, ки он ҳафт рӯз давом меёбад (Марқӯс 14:1). Иди Фатирро қисми иди Раҳоӣ меҳисобанд. Барои тамоми сафар, яъне барои ба Ерусалим рафтан, ҷашн гирифтани ид ва баргаштан, тахминан ду ҳафта даркор аст. Лекин имсол аз сабаби воқеае, ки бо Исо рӯй медиҳад, сафари онҳо вақти зиёдтарро мегирад. Падару модари Исо аз ин воқеа дар роҳи бозгашт хабардор мешаванд.

Ҳангоми ба Носира баргаштан Юсуф ва Марям фикр мекунанд, ки Исо дар байни хешу табор ё дӯстонест, ки ҳамроҳи онҳо равонаанд. Лекин, вақте онҳо шабона барои дам гирифтан меистанд, мефаҳманд, ки Исо ҳамроҳашон нест. Барои ҳамин онҳо ӯро дар байни ҳамсафаронашон бисёр ҷустуҷӯ мекунанд. Вақте Юсуф ва Марям Исоро дар ягон ҷо намеёбанд, барои кофтани ӯ ба Ерусалим бармегарданд.

Онҳо дар давоми ду рӯз Исоро мекобанд, лекин ин натиҷае намеорад. Ниҳоят, рӯзи сеюм, пас аз кофтукови зиёд онҳо писари худро дар яке аз хонаҳои маъбад меёбанд. Юсуфу Марям мебинанд, ки Исо дар байни муаллимони Шариат нишаста, гӯш мекунад, саволҳо медиҳад ва бо донишу фаҳмиши худ онҳоро ба ҳайрат меорад.

Он гоҳ Марям аз Исо мепурсад:

— Писарам, чаро ту бо мо ин тавр рафтор кардӣ? Охир, ман ва падарат туро дар ҳама ҷо ҷустуҷӯ карда, хеле хавотир шудем (Луқо 2:48).

Исо ҳайрон мешавад, ки падару модараш дар куҷо будани ӯро намедонистанд. Бинобар ин ӯ мегӯяд:

— Чаро шумо маро ҷустуҷӯ кардед? Магар намедонистед, ки ман бояд дар хонаи Падари худ бошам? (Луқо 2:49).

Акнун ки Юсуфу Марям Исоро ёфтанд, ӯ ҳамроҳи онҳо ба хона бармегардад ва дар итоати онҳо мемонад. Исо рӯз ба рӯз калон мешавад ва хирадаш зиёдтар мегардад. Аллакай дар наврасӣ ӯ ҳам писанди Худо ва ҳам писанди одамон аст. Аз давраи кӯдакӣ Исо дар гирифтани дониши Худо ва эҳтироми падару модар намунаи хуб мегузорад.



**ДАВРАИ ХУРСАНДИОВАР** Ҳар сол исроилиён барои ҷашн гирифтани се ид ба Ерусалим мерафтанд. Дар ин давра ҳама шодиву хурсандӣ мекарданд (Такрори Шариат 16:15). Чунин сафарҳо имконият медоданд, ки шахс ҷойҳои гуногуни кишварашро бинад, дар бораи он бисёртар фаҳмад ва бо ҳамимонони худ, ки аз ҷойҳои дигар меоянд, шинос шавад. Чӣ хотирмонанд чунин сафарҳо!

# 10



- Исо ҳар баҳор бо аҳли оилааш ба куҷо сафар мекунад ва чаро?
- Боре ҳангоми аз ид баргаштани Юсуфу Марям чӣ рӯй медиҳад? Онҳо Исоро аз куҷо меёбанд?
- Исо барои ҷавонон аз кадом ҷиҳат намунаи хуб аст?

# ЯҲЁИ ТАЪМИДДИҲАНДА РОҲРО ТАЙЁР МЕКУНАД

МАТТО 3:1–12  МАРҚӮС 1:1–8  ЛУҚО 3:1–18  ЮҲАННО 1:6–8, 15–28

Аз он вақте, ки Исои 12-сола дар маъбад ба муаллимон саволҳо дода буд, тахминан 17 сол гузашт. Ҳоло баҳори соли 29-ум аст. Бисёриҳо дар бораи хеши Исо — Яҳё, ки дар сарзамини ғарбии дарёи Урдун хабари муҳимеро мавъиза мекунад, гап мезананд.

Яҳё инсони ғайриодӣ аст. Сару либос ва суханони ӯ одамонро ба ҳайрат меорад. Яҳё дар тан либосе аз пашми шутур ва дар миён камарбанди чармине дорад, хӯрокаш бошад, малаху асали саҳрой аст. Яҳё ба одамон кадом хабари муҳимро мерасонад? Ӯ мегӯяд: «Тавба кунед, зеро Подшоҳии осмон наздик шудааст» (Матто 3:2).

Хабари Яҳё ба дили одамоне, ки наздаш меоянд, сахт таъсир мекунад. Бисёриҳо мефаҳманд, ки бояд тавба кунанд, яъне фикрронӣ ва тарзи ҳаёти пешинаашонро, ки ба Худо маъқул нест, тағйир диҳанд. Одамон ба назди Яҳё «аз Ерусалим, аз ҳар гӯшаву канори Яҳудия ва аз ҳамаи вилоятҳои гирду атрофи Урдун» меоянд (Матто 3:5). Бисёре аз онҳо тавба мекунанд ва Яҳё онҳоро дар дарёи Урдун таъмид медиҳад, яъне пурра таги об мекунаду мебарорад. Лекин барои чӣ Яҳё таъмид медиҳад?

Таъмиди Яҳё нишонаи он аст, ки одамон аз гуноҳҳое, ки бар зидди Шариати Худо кардаанд, аз тахти дил пушаймонанд (Аъмол 19:4). Лекин на ҳама барои таъмид гирифтан мувофиқанд. Масалан, вақте баъзе роҳбарони дин — фарисиён ва саддуқиён, ба назди Яҳё меоянд, ӯ онҳоро «афъизодагон» номида чунин мегӯяд: «Самаре оред, ки аз тавбаи шумо шаҳодат диҳад. Дар дили худ нагӯед: “Мо фарзандони Иброҳим ҳастем”, зеро ба шумо мегӯям, ки Худо метавонад ҳатто аз ин сангҳо барои Иброҳим фарзанд ба вуҷуд орад. Инак, табар барои буридани дарахтон дар бехи онҳо гузошта шудааст. Ҳар дарахте, ки меваи хуб намеорад, бурида, ба оташ партофта мешавад» (Матто 3:7–10).

Вақте яҳудиён мебинанд, ки Яҳё дар байни халқ ном баровардааст ва хабари таъсирбахшро мавъиза мекунаду бисёриҳоро таъмид медиҳад, онҳо коҳинон ва левизодагонро ба назди ӯ мефиристанд, то кӣ будани ӯро фаҳманд.

Яҳё рӯирост мегӯяд:

— Ман Масеҳ нестам.

— Пас, ту кистӣ? Оё Илёсӣ? — боз мепурсанд онҳо.

— Не,— дар ҷавоб мегӯяд ӯ.

— Шояд ҳамон пайғамбаре ҳастӣ, ки дар борааш пешгӯйӣ шуда буд? — Ин одамон пайғамбареро дар назар доранд, ки Мӯсо дар борааш пешгӯйӣ карда буд (Такрори Шариат 18:15, 18).

— Не! — мегӯяд Яҳё.

— Набошад, ту кистӣ? Ба мо бигӯ, то ба онҳое, ки моро фиристоданд, ҷавоб диҳем. Ту дар бораи худат чӣ мегӯӣ?

— Ман, чи тавре ки Ишаъё-пайғамбар гуфта буд, касе ҳастам, ки дар биёбон чунин нидо мекунад: «Роҳро барои Яҳува ҳамвор намоед» (Юҳанно 1:19–23).

— Агар ту Масеҳ, Илёс ё пайғамбари пешгӯйишуда набошӣ, пас, барои чӣ мардумро таъмид медиҳӣ? — мепурсанд онҳо.

— Ман дар об таъмид медиҳам, аммо дар байнатон касе ҳаст, ки шумо ӯро намешиносед. Ӯ касест, ки аз паси ман меояд (Юҳанно 1:25–27).

Бо ин ҷавобаш Яҳё нишон медиҳад, ки роҳро тайёр мекунад, яъне одамонро ба қабул кардани Масеҳи пешгӯйишуда, ки бояд Подшоҳ шавад, омода месозад. Дар бораи ӯ Яҳё чунин мегӯяд: «Касе, ки баъд аз ман меояд, қудрати бештар дорад ва ман ҳатто сазовори он нестам, ки пойафзоли ӯро кашам» (Матто 3:11). Яҳё ҳамчунин мегӯяд: «Шахсе, ки аз паси ман меояд, аз ман бузургтар гашт, зеро ӯ пеш аз ман вуҷуд дошт» (Юҳанно 1:15).

Бинобар ин хабаре, ки Яҳё эълон мекунад саривақтӣ аст. Ӯ мегӯяд: «Тавба кунед, зеро Подшоҳии осмон наздик шудааст» (Матто 3:2). Хабари Яҳё ба ҳама нишон медиҳад, ки Подшоҳи таъйинкардаи Яҳува — Исои Масеҳ ба наздикӣ хизмати худро сар мекунад.

# 11



◊ Яҳё чӣ гуна одам аст ва ӯ чӣ кор мекунад?
◊ Чаро Яҳё одамонро таъмид медиҳад?
◊ Яҳё кадом хабарро эълон мекунад ва чаро он саривақтӣ аст?





ҚИСМИ

2

# САРШАВИИ ХИЗМАТИ ИСО

«АНА БАРРАИ ХУДО, КИ ГУНОҲИ ҶАҲОНРО БАРТАРАФ МЕКУНАД!» (ЮҲАННО 1:29).

# ТАЪМИД ГИРИФТАНИ ИСО

МАТТО 3:13–17 МАРҚӮС 1:9–11 ЛУҚО 3:21, 22 ЮҲАННО 1:32–34

Аз он вақте, ки Яҳёи Таъмиддиҳанда мавъизаро сар кард, қариб ним сол гузашт. Исо, ки ҳоло тахминан сисола аст, ба назди Яҳё, пеши дарёи Урдун меояд. Бо кадом мақсад? Исо на барои хабар гирифтани Яҳё ва на барои дидани пешравии кори ӯ меояд. Исо омада, аз Яҳё хоҳиш мекунад, ки ӯро таъмид диҳад.

Лекин Яҳё ба Исо мегӯяд: «Ин ман бояд аз ту таъмид гирам, ту бошӣ, ба назди ман меоӣ?» (Матто 3:14). Яҳё медонад, ки Исо Писари Худо аст. Ба хотир оред, ки, вақте Марями ҳомиладор ба хабаргирии модари Яҳё, Элисобаъ, омада буд, Яҳё аз хурсандӣ дар шиками модараш ба ҷунбиш омад. Бешубҳа, Элисобаъ баъдтар дар ин бора ба писараш нақл кард. Яҳё ҳамчунин медонист, ки Ҷабраили фаришта таваллуди Исоро пешгӯйӣ карда буд ва шаби таваллуд шудани Исо фariштагон ба чӯпонон зоҳир шуда буданд.

Яҳё мефаҳмад, ки барои таъмид гирифтан ба назди ӯ касоне меоянд, ки аз гуноҳҳои худ пушаймон шуда, тавба кардаанд. Азбаски Исо бегуноҳ аст, Яҳё ӯро аз ин кор боздоштан мехоҳад. Вале Исо дар гапаш истода мегӯяд: «Ба ман монеъ нашав, зеро ин тавр мо ҳар он чиро, ки дуруст аст, ба ҷо меорем» (Матто 3:15).

Пас, чаро Исо таъмид мегирад? Таъмиди Исо рамзи аз гуноҳҳо тавба кардан нест, балки нишонаи он аст, ки ӯ худро барои иҷро кардани хости Падараш пешкаш мекунад (Ибриён 10:5–7). Исо то ба имрӯз дуредгар буд, вале ҳоло вақти он расид, то хизматеро, ки Падараш ба ӯ супоридааст, ба ҷо орад, чунки ӯ барои ҳамин ба замин омадааст. Ба фикри шумо, оё Яҳё медонист, ки дар вақти таъмид гирифтани Исо чизи ғайриодие рӯй медиҳад?

Баъдтар Яҳё мегӯяд: «Оне, ки маро барои дар об таъмид додан фиристод, чунин гуфта буд: “Бар касе, ки рӯҳ фаромада, қарор гирад, ӯ ҳамонест, ки бо рӯҳи муқаддас таъмид медиҳад”» (Юҳанно 1:33). Бинобар ин Яҳё интизор аст, ки бар яке аз шахсоне, ки назди ӯ омада, таъмид мегирад, рӯҳи муқаддас мефарояд. Ва, вақте ӯ мебинад, ки рӯҳи Худо «чун кабӯтаре фаромада, бар Исо қарор» мегирад, аз ин ҳайрон намешавад (Матто 3:16).

Лекин дар вақти таъмиди Исо боз чизи дигаре рӯй медиҳад. Дар Китоби Муқаддас гуф-



та мешавад: «Осмон кушода шуд». Ин чӣ маъно дорад? Эҳтимол, ин маънои онро дорад, ки Исо ҳаёти пешинаашро ба хотир меорад, ҳаётеро, ки пеш аз ба замин омаданаш ба сар мебурд. Ӯ ҳаётеро, ки дар осмон дошт, ва ҳамчунин донишеро, ки Худо дар он ҷо ба ӯ таълим дода буд, ба ёд меорад.

Илова бар ин, ҳангоми таъмид гирифтани Исо садое аз осмон шунида мешавад, ки чунин мегӯяд: «Ин Писари азизи Ман аст ва Ман аз ӯ розиям» (Матто 3:17). Ин овози кист? Ин овози Худост. Баъзеҳо чунин ақида доранд, ки Исо Худо аст, лекин оё гуфтан мумкин аст, ки ин овози Исост? Не, чунки ӯ дар пеши Яҳё истодааст. Ин воқеа нишон медиҳад, ки Исо Худо нест, балки писари Ӯст.

Бояд гуфт, ки Исо низ чун инсони аввалин — Одам, писари Худо аст. Луқо ном шогирди Исо дар бораи ӯ чунин мегӯяд: «Вақте Исо хизмати худро сар кард, ӯ тақрибан сисола буд ва мувофиқи ақидаи одамон писари Юсуф... писари Элӣ... писари Довуд... писари Иброҳим... писари Нӯҳ... писари Одам... писари Худо буд» (Луқо 3:23–38).

Исо ҳам мисли Одам писари заминии Худо аст. Ҳангоми таъмид бошад, ӯ бо Худо муносибати нав пайдо мекунад ва Писари рӯҳии Худо мегардад. Акнун ӯ метавонад ҳақиқатро дар бораи Худо таълим дода роҳеро, ки сӯйи ҳаёт мебарад, нишон диҳад. Исо хизматеро сар мекунад, ки дар охири он ҷони худро барои одамони нокомил қурбон мекунад.



- Яҳё Исоро аз куҷо мешиносад?
- Барои чӣ Исои бегуноҳ таъмид мегирад?
- Вақте рӯҳи муқаддас бар Исо мефарояд, чаро Яҳё ҳайрон намешавад?

# МО АЗ ВАСВАСАҲОИ ИСО ЧӢ МЕФАҲМЕМ?

МАТТО 4:1–11 МАРҚӮС 1:12, 13 ЛУҚО 4:1–13

Дарҳол баъд аз он ки Яҳё Исоро таъмид медиҳад, рӯҳи Худо Исоро ба биёбони Яҳудия мебарад. Баъди аз об баромадани Исо «осмон кушода шуд» ва чизҳое, ки ӯ дар осмон омӯхта буду ба амал меовард, ба хотираш омаданд (Матто 3:16). Акнун ӯ бояд дар бораи чизҳои бисёре фикр кунад.

Исо чил шабу чил рӯзро дар биёбон мегузаронад. Ӯ ягон чиз намехӯрад ва сахт гурусна мемонад. Он вақт Иблис пайдо мешавад ва Исоро васваса карда мегӯяд: «Агар писари Худо бошӣ, ба ин сангҳо амр деҳ, ки нон шаванд» (Матто 4:3). Исо медонад, ки барои қонеъ кардани хоҳишҳои худ мӯъҷиза кардан нодуруст аст. Барои ҳамин ӯ васвасаи Шайтонро рад мекунад.

Лекин Шайтон ором нашуда, дигар ҳиларо ба кор мебарад. Ӯ ба Исо мегӯяд, ки худро аз болои девори маъбад ба поён партояд, то фариштагон ӯро наҷот диҳанд. Лекин Исо намехоҳад барои ба ҳайрат овардани дигарон намоиши ғайриодие нишон дода, худро аз боло партояд. Ӯ оятеро аз Навиштаҳо ба хотир оварда, мегӯяд, ки Худоро ин хел озмудан нодуруст аст.

Шайтон бори сеюм Исоро васваса карда, ба ӯ «тамоми мамлакатҳои ҷаҳон ва бузургии онҳоро» нишон медиҳад ва мегӯяд: «Ҳамаи ин чизҳоро ба ту медиҳам, агар як бор зону зада ба ман саҷда кунӣ». Ин дафъа ҳам Исо ба васваса дода нашуда, мегӯяд: «Аз ман дур шав, эй Шайтон!» (Матто 4:8–10). Исо ба ин васваса дода намешавад, зеро медонад, ки танҳо Яҳува сазовори ибодат аст. Бале, Исо то охир ба Яҳува содиқ мемонад!

Аз ин озмоишҳо ва аз он ки Исо чӣ хел рафтор кард, мо чизи муҳимеро мефаҳмем. Баъзе одамон мегӯянд, ки Иблис танҳо бадие дар даруни ҳар як инсон аст. Лекин озмоишҳои Исо ҳақиқӣ буданд ва ин исботи он аст, ки Иблис шахсияти ноаёну воқеист. Ҳамчунин мо аз ин воқеа мебинем, ки ҳамаи ҳокимиятҳои рӯйи замин зери ҳукмронии Шайтонанд. Агар ин тавр намебуд, ин таклиф барои Исо озмоиш намешуд.

Ба ёд оред: Иблис ба Исо гуфта буд, ки *ҳамаи ҳокимиятҳои ҷаҳонро* ба ӯ медиҳад, агар танҳо як бор ба вай саҷда кунад. Иблис моро низ бо боигарӣ, мансаб ва дигар чизҳои дилфиреб васваса карда метавонад. Биёед аз Исо ибрат гирем ва дар ҳар васваса ба Худо содиқ монем. Фаромӯш накунед, ки Иблис «то фурсати муносиби дигар» аз Исо дур шуд (Луқо 4:13). Мо ҳам ҳеҷ гоҳ аз ҳамлаҳои Шайтон эмин нестем, барои ҳамин бояд ҳамеша ҳушёр бошем.

---

- Исо ҳангоми 40 рӯзи дар биёбон буданаш дар бораи чӣ фикр кард?
- Бо кадом роҳҳо Шайтон Исоро васваса кард?
- Мо аз васвасаҳое, ки Исо бо онҳо рӯ ба рӯ шуд, чӣ мефаҳмем ва чӣ тавр аз Исо ибрат гирифта метавонем?



# ШОГИРДОНИ АВВАЛИНИ ИСО

ЮҲАННО 1:29–51

Баъд аз 40 рӯзи дар биёбон буданаш ва пеш аз ба Ҷалил рафтан Исо ба назди Яҳё, ки ӯро таъмид дода буд, бармегардад. Омадани Исоро дида Яҳё ба одамоне, ки дар наздаш истодаанд, мегӯяд: «Ана Барраи Худо, ки гуноҳи ҷаҳонро бартараф мекунад! Ин ҳамон касест, ки дар борааш гуфтаам: “Аз паси ман касе меояд, ки аз ман бузургтар гашт, зеро ӯ пеш аз ман вуҷуд дошт”» (Юҳанно 1:29, 30). Ҳарчанд Яҳё аз Исо каме калон аст, ӯ медонад, ки Исо пеш аз ба замин омаданаш дар осмон буд.

Чанд ҳафта пеш, вақте ки Исо барои таъмид гирифтан омад, Яҳё аниқ намедонист, ки Исо Масеҳ аст. Ӯ мегӯяд: «Худи ман низ ӯро намешинохтам, лекин барои он омада, дар об таъмид медиҳам, ки ӯ ба Исроил маълум гардад» (Юҳанно 1:31).

Яҳё ба шунавандагон нақл мекунад, ки вақте Исоро таъмид медод, чӣ шуд: «Ман дидам, ки рӯҳи муқаддас чун кабӯтаре аз осмон фаромада, бар ӯ қарор гирифт. Ман ҳам ӯро намешинохтам, аммо Оне, ки маро барои дар об таъмид додан фиристод, чунин гуфта буд: “Бар касе, ки рӯҳ фаромада, қарор гирад, ӯ ҳамонест, ки бо рӯҳи муқаддас таъмид медиҳад”. Ва ман инро дидаму шаҳодат додам, ки ӯ Писари Худост» (Юҳанно 1:32–34).

Рӯзи дигар Яҳё бо ду шогирдаш омадани Исоро мебинаду боз мегӯяд: «Ин аст Барраи Худо!» (Юҳанно 1:36). Суханони Яҳёро шунида ин ду нафар Исоро пайравӣ мекунанд. Номи яке аз онҳо Андриёс аст. Шогирди дигар, эҳтимол, Юҳанно аст. Ӯ ҳамон касест, ки баъдтар ин воқеаро дар Инҷили худ навишт. Аз афташ, Юҳанно холабачаи Исо аст. Модари Юҳанно — Салӯмит, ҳамсари Забдой мебошад ва, аз афташ, хоҳари Марям аст.

Исо ба ақибаш нигоҳ карда, мебинад, ки Андриёс ва Юҳанно аз пасаш омада истодаанд. Ӯ мепурсад:

— Ба шумо чӣ лозим аст?

— Раббӣ, ту дар кадом хона истодаӣ? — мепурсанд онҳо.



— Рафтем, мебинед,— мегӯяд Исо (Юҳанно 1:37–39).

Ҳоло соат чори бегоҳ аст, Андриёс ва Юҳанно боқимондаи рӯзро бо Исо мегузаронанд. Андриёс аз хурсандӣ назди бародари худ Шимъӯн, ки ӯро ҳамчунин Петрус меноманд, рафта, мегӯяд: «Мо Масеҳро ёфтем» (Юҳанно 1:41). Ӯ Петрусро назди Исо меорад. Аз воқеаҳои минбаъда хулоса баровардан мумкин аст, ки Юҳанно низ бародари худ Яъқубро ёфта, ба назди Исо меорад. Вале Юҳанно ҳангоми навиштани китоб дар ин бора ҳеҷ чиз намегӯяд.

Рӯзи дигар Исо Филиппусро вомехӯрад. Ӯ аз Байт-Сайдо мебошад, шаҳре, ки дар соҳили шимолии баҳри Ҷалил ҷойгир аст. Он ҷо зодгоҳи Андриёс ва Петрус низ мебошад. Исо ба Филиппус мегӯяд: «Биё ва маро пайравӣ кун» (Юҳанно 1:43).

Филиппус Натанъилро, ки ҳамчунин Барталмо номида мешавад, ёфта мегӯяд:



— Мо он касеро ёфтем, ки дар Тавроти Мӯсо ва Навиштаҳои пайғамбарон дар борааш гуфта шудааст: ӯ — Исо, писари Юсуф аст, ки аз Носира мебошад.

Натанъил нобоварона мепурсад:

— Магар аз Носира ягон чизи хуб баромада метавонад?

— Биё ва худат мебинӣ,— ҷавоб медиҳад Филиппус.

Вақте Исо мебинад, ки Натанъил ба назди ӯ омада истодааст, мегӯяд:

— Ана исроилии ҳақиқӣ, ки дар дил макре надорад.

— Ту маро аз куҷо медонӣ? — мепурсад Натанъил.

Исо ҷавоб медиҳад:

— Пеш аз он ки Филиппус туро даъват кунад, вақте зери дарахти анҷир нишаста будӣ, ман туро дидам.

Он гоҳ Натанъил ба ҳайрат омада мегӯяд:

— Эй Устод, ту Писари Худоӣ, ту Подшоҳи Исроил ҳастӣ.

— Оё барои он имон овардӣ, ки «туро зери дарахти анҷир дидам» гуфтам? Ту чизҳои аз ин бузургтарро хоҳӣ дид,— мегӯяд Исо.

Ва боз илова мекунад:

— Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: осмони кушода ва фариштагони Худоро хоҳед дид, ки он ҷо мебароянд ва назди Писари одам мефароянд (Юҳанно 1:45–51).

Баъд аз ин Исою шогирдонаш водии Урдунро тарк мекунанд ва ба Ҷалил мераванд

---

◇ Шогирдони аввалини Исо киҳо буданд?

◇ Чӣ тавр Петрус ва, аз афташ, Яъқуб бо Исо шинос мешаванд?

◇ Чӣ тавр Натанъил бовар мекунад, ки Исо писари Худо аст?

# МӮЪҶИЗАИ АВВАЛИНИ ИСО

ЮҲАННО 2:1–12



Аз замоне, ки Натанъил яке аз шогирдони аввали Исо мегардад, се рӯз мегузарад. Исо ва шогирдонашро ба тӯй, ба шаҳри Қоно даъват мекунанд. Қоно дар шимоли вилояти Ҷалил, ки ҷойи зисти Исо ва шогирдони ӯст, ҷойгир мебошад. Дар Қоно Натанъил, яке аз шогирдони Исо, зиндагӣ мекунад. Худи Исо ҳам дар наздикии Қоно, дар шаҳри Носира калон шудааст.

Модари Исо ҳам ба тӯй омадааст. Марям дӯсти соҳибони тӯй аст ва дар тӯй хизмат мекунад. Аз ин рӯ ӯ даррав пай мебарад, ки шароб тамом шудааст. Марям назди Исо омада, ба ӯ мегӯяд: «Онҳо дигар шароб надоранд» (Юҳанно 2:3).

Марям бо ин гапаш аз Исо хоҳиш мекунад, ки ягон илоҷашро ёбад. Лекин Исо мегӯяд: «Чаро ману ту ғами инро хӯрем?» (Юҳанно 2:4). Исо Подшоҳи таъйинкардаи Худост ва ба ӯ бояд танҳо Худо дастурот диҳад, на дӯстону наздиконаш. Марям бохирадона амал карда ин корро ба ихтиёри Исо мегузорад ва ба онҳое, ки хизмат мекарданд, мегӯяд: «Ҳар чӣ ӯ ба шумо гӯяд, ба ҷо оред» (Юҳанно 2:5).

Дар назди Исо шаш кӯзаи сангин истодааст, ки ҳар кадомаш зиёда аз 40 литр об мебарад. Исо ба ёрдамчиҳо мегӯяд: «Ин кӯзаҳоро аз об пур кунед». Онҳо пур мекунанд. Ӯ обро ба шароб табдил медиҳад ва баъд мегӯяд: «Акнун каме аз он гирифта, ба сардори тӯй баред» (Юҳанно 2:7, 8).

Маззаи шароб ба сардори тӯй сахт маъқул мешавад, лекин ӯ дар бораи чӣ тавр тайёр шудани он хабар надорад. Ӯ домодро фарёд карда, мегӯяд: «Ҳар кас дар аввал шароби хубро мегузорад ва пас аз маст шудани меҳмонон бадтарашро меорад. Ту бошӣ, шароби хубро то ҳол нигоҳ доштаӣ» (Юҳанно 2:10).

Ин аввалин мӯъҷизаи Исост ва, бешак, аз дидани ин имони шогирдони наваш қавӣ мешавад. Баъд аз ин Исо ҳамроҳи модару бародаронаш ба шаҳри Кафарнаҳум меравад, ки он дар шимолу ғарби соҳили баҳри Ҷалил воқеъ аст.



---

◊ Исо кай ба Қоно равона мешавад?

◊ Исо ба суханони модараш чӣ ҷавоб медиҳад?

◊ Исо чӣ мӯъҷизае мекунад ва ин ба дигарон чӣ таъсире мерасонад?

# РАШКИ ИСО БА ИБОДАТИ ПОК

ЮҲАННО 2:12–22



Баъд аз тамом шудани тӯй Исо аз Қоно ба Кафарнаҳум равона мешавад. Ҳамроҳи ӯ модараш ва бародаронаш Яъқуб, Юсуф, Шимъӯн ва Яҳудо сафар мекунанд.

Барои чӣ Исо ба Кафарнаҳум меравад? Аввал ин ки, Кафарнаҳум аз Қонову Носира калонтар аст ва мавқеи беҳтари ҷуғрофӣ дорад. Дуюмаш ин ки, бисёре аз шогирдони нави Исо дар Кафарнаҳум ва наздикии он зиндагӣ мекунанд. Ин барои Исо имконияти хубест, ки шогирдонашро дар ҷойи зисташон таълим диҳад.

Дар шаҳри Кафарнаҳум Исо бисёр корҳои аҷоибе ба амал меорад. Овозаи ӯ дар он шаҳр ва маҳалҳои ҳамсоя паҳн мешавад. Ҳоло соли 30-и милодист ва иди Раҳоӣ наздик аст. Яҳудиёни худотарс ҳар сол бояд ба Ерусалим барои ҷашн гирифтани он ид раванд. Исо ва шогирдонаш ҳам бо ин мақсад ба Ерусалим равона мешаванд.

Вақте онҳо ба Ерусалим мерасанду ба маъбад медароянд, Исо коре мекунад, ки шогирдонаш аз вай ҳеҷ интизор набуданд.

Мувофиқи Шариати Худо исроилиён бояд ба маъбади Ерусалим ягон ҳайвонро оварда қурбонӣ мекарданд. Лекин ба касоне, ки ба Ерусалим аз роҳи дур меомаданд, Шариати Худо иҷозат медод, ки ба ҷойи ҳайвон бо худ пул гиранд, то ки барои худ «гов, гӯсфанд» ва дигар чизи лозима харанд. Онҳо он пулро ҳам барои харидани хӯрока ва ҳам қурбонӣ истифода бурда метавонистанд (Такрори Шариат 14:24–26). Аз ин қонун суиистифода карда савдогарон дар даруни саҳни васеи маъбад ҳайвоноту парранда мефурӯхтанд. Баъзеи онҳо бошанд, ба моли худ нархи аз ҳад гарон гузошта мусофирони бечораро ғорат мекарданд.

Вақте Исо ба маъбад даромада, ин аҳволро мебинад, хашму ғазабаш аланга мезанад. Ӯ мизҳои касонеро, ки пул иваз мекунанд, чаппа карда, тангаҳояшонро ба ҳар тараф мепартояд. Худи савдогаронро Исо аз маъбад пеш карда мегӯяд: «Инҳоро аз ин ҷо бароред! Бас аст, хонаи Падари маро ба бозор табдил надиҳед!» (Юҳанно 2:16).

Вақте шогирдони Исо ин воқеаро мебинанд, як пешгӯӣ ба хотирашон меояд, ки он ба Исо дахл дорад: «Рашк нисбати хонаи Ту маро фаро хоҳад гирифт». Яҳудиён бошанд, аз ӯ мепурсанд: «Бо чӣ аломате исбот мекунӣ, ки ба чунин рафтор ҳақ дорӣ?» Исо ба онҳо ҷавоб медиҳад: «Ин маъбадро вайрон кунед ва ман онро дар се рӯз аз нав бино мекунам» (Юҳанно 2:17–19; Забур 68:10).

Яҳудиён гумон мекунанд, ки гап дар бораи маъбади аслӣ, маъбади Ерусалим меравад. Барои ҳамин онҳо чунин мегӯянд: «Ин маъбад дар давоми чилу шаш сол сохта шудааст, ту бошӣ, онро дар се рӯз бино мекунӣ?» (Юҳанно 2:20). Лекин Исо ин ҷо маъбад гуфта, бадани худашро дар назар дорад. Се сол пас, вақте Исо пас аз маргаш зинда мешавад, шогирдонаш ин суханонро ба хотир меоранд.

---

- Баъд аз тӯй дар Қоно Исо ба кадом ҷойҳо меравад?
- Чӣ Исоро дар маъбад ба хашм меорад ва ӯ чӣ кор мекунад?
- Исо «ин маъбад» гуфта, чиро дар назар дорад ва суханонаш чӣ маъно доранд?

# ИСО ШАБОНА НИҚӮДИМУСРО ТАЪЛИМ МЕДИҲАД

ЮҲАННО 2:23–3:21

Дар иди Раҳой, ки соли 30-и милодӣ мегузарад, Исо бисёр аломату мӯъҷизаҳо нишон медиҳад. Одамони зиёде ба ӯ имон меоранд. Як фарисӣ, ки номаш Ниқӯдимус аст ва аъзои суди олии яҳудиён мебошад, аз корҳои аҷоиби Исо ба ҳайрат меояд. Акнун ӯ мехоҳад назди Исо рафта, аз ӯ бисёртар фаҳмад, лекин, шояд, аз тарси он ки обрӯяш дар назди яҳудиёни соҳибэҳтиром нарезад, ин корро шабона мекунад.

Ниқӯдимус назди Исо рафта, мегӯяд: «Устод, мо медонем, ки ту муаллими аз ҷониби Худо фиристодашуда мебошӣ, зеро мӯъҷизаҳоеро, ки ту нишон медиҳӣ, танҳо касе ба амал оварда метавонад, ки Худо бо ӯст». Исо бошад, дар ҷавоб мегӯяд, ки барои ба Подшоҳии Худо даромадан шахс бояд «дубора таваллуд» шавад (Юҳанно 3:2, 3).

Аз ин гап Ниқӯдимус ҳайрон шуда мепурсад: «Охир, [одам] бори дуюм ба батни модар даромада, аз нав таваллуд ёфта наметавонад-ку?!» (Юҳанно 3:4).

Не, дубора таваллуд шудан маънои дигаре дорад. Исо мефаҳмонад: «То одам аз об ва рӯҳ таваллуд нашавад, ба Подшоҳии Худо даромада наметавонад» (Юҳанно 3:5). Аз об ва рӯҳ таваллуд шудан чӣ маъно дорад? Масалан, вақте Исо бо об таъмид гирифту рӯҳи муқаддаси Худо бар ӯ фуруд омад, ӯ гӯё «аз об ва рӯҳ» таваллуд шуд. Он гоҳ аз осмон овозе шунида шуд: «Ин Писари азизи Ман аст ва Ман аз ӯ розиям» (Матто 3:16, 17). Бо ин суханонаш Худо гӯё эълон кард, ки Исо чун писари рӯҳии Ӯ аз нав таваллуд шудааст ва ба ӯ имконияти ба Подшоҳии осмон даромаданро додааст. Баъдтар, дар иди Ҳафтаҳо, соли 33-и милодӣ Худо бар касоне, ки бо об таъмид гирифтаанд, рӯҳи муқаддас мерезад. Ҳамин тавр онҳо ҳам гӯё дубора таваллуд мешаванд ва фарзандони тадҳиншудаи Худо ҳисоб мeёбанд (Аъмол 2:1–4).



Барои Ниқӯдимус фаҳмидани чизҳое, ки Исо дар бораи Подшоҳии Худо мегӯяд, душвор аст. Барои ҳамин Исо мефаҳмонад, ки Худо ба ӯ чӣ вазифаи махсусе додааст: «Чуноне ки Мӯсо-пайғамбар дар биёбон мори мисинро боло бардошт, Писари одам низ бояд боло бардошта шавад, то ҳар кӣ ба ӯ имон меорад, соҳиби ҳаёти ҷовидонӣ гардад» (Юҳанно 3:14, 15).

Дар замонҳои қадим боре, исроилиёнро морҳо газида буданд ва онҳо барои зинда мондан бояд ба мори мисине нигоҳ мекарданд, ки онро Мӯсо-пайғамбар овехта буд (Ададҳо 21:9). Мисли ин, ҳама одамон барои аз марг наҷот ёфтан ва соҳиби ҳаёти ҷовидонӣ шудан бояд ба Писари Худо имон оранд. Ин имкониятро Яҳува аз рӯйи муҳаббаташ додааст. Барои ҳамин Исо ба Ниқӯдимус мегӯяд: «Худо ҷаҳонро чунон дӯст дошт, ки Писари ягонаи Худро дод, то ҳар кӣ ба ӯ имон оварад, нобуд нашавад, балки соҳиби ҳаёти ҷовидонӣ гардад» (Юҳанно 3:16). Ҳамин тавр, шаш моҳ пас аз сар кардани хизмати худ Исо якумин бор мегӯяд, ки ӯ барои одамон роҳи наҷот аст.

Исо ба Ниқӯдимус мегӯяд: «Худо Писари Худро на барои он ба ҷаҳон фиристод, ки ӯ ҷаҳонро доварӣ кунад, балки, барои он ки ҷаҳон ба воситаи ӯ наҷот ёбад». Дар ҳақиқат, мақсади Худо аз фиристодани Исо ба марг маҳкум кардани одамон неву аз марг наҷот додани онҳост (Юҳанно 3:17).

Ниқӯдимус аз тарс назди Исо дар торикии шаб омадааст. Барои ҳамин ҷолиби диққат аст,



ки Исо сӯҳбатро бо ин суханон тамом мекунад: «Чунин аст асос барои доварӣ: нур ба ҷаҳон омад [нур худи Исо мебошад, ки ин аз ҳаёту таълимаш маълум аст], вале одамон ба ҷойи нур торикиро дӯст доштанд, зеро корҳояшон бад буд. Ҳар кӣ корҳои бад мекунад, аз нур нафрат дорад ва сӯйи он намеояд, то ки корҳояш фош нашаванд. Вале ҳар кӣ дуруст рафтор мекунад, сӯйи нур меояд, то маълум шавад, ки корҳои ӯ мувофиқи хости Худоянд» (Юҳанно 3:19–21).

Ниқӯдимус шунид, ки Исо дар иҷрошавии нияти Худо чӣ вазифа дорад. Акнун ин муаллими халқи Исроил ва фарисӣ бояд дар ин бора мулоҳиза карда, хулосаи худро барорад.

- ◊ Чаро Ниқӯдимус назди Исо меояд ва чаро ин корро шабона мекунад?
- ◊ «Дубора таваллуд» шудан чӣ маъно дорад?
- ◊ Ба кадом маъно Исо барои «ҷаҳонро доварӣ» кардан наомадааст?

# ИСО БУЗУРГ МЕШАВАДУ ЯҲЁ — ХУРД

МАТТО 4:12   МАРҚӮС 6:17–20   ЛУҚО 3:19, 20   ЮҲАННО 3:22–4:3

Баҳори соли 30-и милодӣ. Исо ва шогирдонаш иди Раҳоиро ҷашн мегиранд ва баъди ид аз Ерусалим мераванд. Лекин онҳо ба ватани худ Ҷалил барнамегарданд, балки ба вилояти Яҳудия мераванд ва он ҷо бисёриҳоро таъмид медиҳанд. Қариб як сол мешавад, ки Яҳё ҳам, эҳтимол, дар водии дарёи Урдун бо ин кор машғул аст. Баъзе шогирдонаш то ҳол бо ӯ ҳастанд.

Худи Исо ҳеҷ касро таъмид намедиҳад. Ин корро шогирдонаш зери роҳбарии ӯ мекунанд. Ҳам Исо ва ҳам Яҳё яҳудиёнеро, ки бар зидди Шариати Худо гуноҳ намуда, акнун тавба кардаанд, таълим медиҳанд (Аъмол 19:4).

Лекин шогирдони Яҳё ба Исо ҳасад бурда дар бораи ӯ ба устодашон мегӯянд: «Касе, ки... бо ту буд... ҳоло таъмид дода истодааст ва ҳама ба назди ӯ мераванд» (Юҳанно 3:26). Яҳё бошад, ҳасад намебарад. Ӯ аз он ки хизмати Исо пеш рафта истодааст, хеле хурсанд аст ва мехоҳад, ки шогирдонаш ҳам ба хурсандиаш шарик шаванд. Ӯ ба шогирдонаш хотиррасон мекунад: «Худи шумо шоҳид ҳастед, ки гуфта будам: “Ман Масеҳ нестам, балки пешопеши ӯ фиристода шудаам”». Ӯ ин фикрро бо мисоле мефаҳмонад, ки ба ҳама шинос аст: «Домод ҳамон касест, ки арӯс дорад. Вале дӯсти домод, вақте дар наздаш истода, суханонашро мешунавад, аз шунидани овози ӯ бисёр шод мегардад. Ба ин монанд, хурсандии ман низ ҳадду канор надорад» (Юҳанно 3:28, 29).

Яҳё, чун дӯсти ҳақиқии домод, хурсанд буд, ки чанд моҳ пеш шогирдонашро бо Исо шинос кард. Баъзе аз онҳо пайрави Исо шуданд ва баъдтар бо рӯҳи муқаддаси Худо тадҳин мешаванд. Яҳё мехоҳад, ки шогирдони боқимондааш ҳам аз пайи Исо раванд. Мақсади Яҳё барои хизмати Масеҳ роҳ тайёр кардан аст, барои ҳамин ӯ мегӯяд: «Масеҳ бояд рӯз ба рӯз бузург шавад, вале ман хурд» (Юҳанно 3:30).

Юҳанно, ки каме пеш шогирди Исо шуда буд, баъдтар дар бораи ӯ чунин мегӯяд: «Он касе, ки аз боло меояд, аз ҳама болотар аст... Падар Писарро дӯст медорад ва ҳама чизро ба дасти ӯ супоридааст. Ҳар касе, ки ба Писар имон меорад, ҳаёти ҷовидонаро соҳиб мегардад. Ҳар касе, ки ба Писар итоат намекунад, ҳаётро намебинад, балки ба ғазаби Худо гирифтор мешавад» (Юҳанно 3:31, 35, 36). Ҳар як кас бояд донад, ки барои наҷот ёфтан ба Исо имон овардан даркор аст.

Каме баъд аз он ки Яҳё ин суханонро мегӯяд, ӯро подшоҳ Ҳиродус дастгир мекунад. Ҳиродус зани бародараш Филиппус — Ҳиродияро ба занӣ гирифта буд. Вақте Яҳё дар назди одамон хиёнат будани рафтори ӯро фош мекунад, Ҳиродус ӯро ба зиндон мепартояд. Инро фаҳмида Исо ҳамроҳи шогирдонаш аз Яҳудия ба Ҷалил меравад (Матто 4:12; Марқӯс 1:14).



◊ Яҳё ва ҳамчунин шогирдони Исо ҳангоми дар замин будани Исо киро таъмид медиҳанд?

◊ Чӣ тавр Яҳё ба шогирдонаш мефаҳмонад, ки набояд ба Исо ҳасад баранд?

◊ Барои чӣ Яҳёро ба зиндон мепартоянд?

# ИСО ЗАНИ СОМАРИРО ТАЪЛИМ МЕДИҲАД

ЮҲАННО 4:3–43

Вақте Исо бо шогирдонаш аз Яҳудия ба Ҷалил сафар мекунад, аз шимоли мамлакат, аз вилояти Сомария, мегузарад. Онҳо хеле монда мешаванд ва қарибии пешин дар шаҳри Суҳар, дар назди яке аз чоҳҳои об, барои дамгирӣ мешинанд. Ин чоҳро асрҳо пеш Яъқуб-пайғамбар канда буд, ё эҳтимол, барои ин кор касеро киро карда буд. Имрӯз чоҳи ба ин монандро дар наздикии шаҳри Ноблус ёфтан мумкин аст.

Исо барои дамгирӣ мешинаду шогирдонаш ба шаҳри ҳамсоя хӯрокхарӣ мераванд. Дар набудани онҳо зани сомарие ба назди чоҳ барои обгирӣ меояд. Исо аз ӯ хоҳиш мекунад:

— Ба ман каме об деҳ (Юҳанно 4:7).

Сомариёну яҳудиён якдигарро бад мебинанд ва одатан бо якдигар сарукор надоранд. Барои ҳамин зан аз гапи Исо ҳайрон шуда мепурсад:

— Чӣ тавр ту, ки яҳудӣ ҳастӣ, аз ман, ки зани сомарӣ мебошам, об мепурсӣ?

Исо дар ҷавоб мегӯяд:

— Агар ту медонистӣ, ки атои Худо чист ва кӣ ба ту мегӯяд, ки «ба ман каме об деҳ», худат аз ӯ об мепурсидӣ ва ӯ ба ту оби ҳаёт медод.

— Тақсир,— ҷавоб медиҳад зан,— ту ҳатто зарфе надорӣ, ки аз ин чоҳи чуқур об гирӣ, пас, он оби ҳаётро ба ман аз куҷо медиҳӣ? Магар ту аз падарамон Яъқуб, ки ин чоҳро ба мо додаасту худаш, писаронаш ва чорвояш аз он об менӯшиданд, бузургтарӣ? (Юҳанно 4:9–12).

Исо мегӯяд:

— Ҳар кӣ аз ин об менӯшад, боз ташна мемонад, вале ҳар кӣ аз обе, ки ман медиҳам, нӯшад, ҳеҷ гоҳ ташна намемонад, балки обе, ки ман медиҳам, дар ӯ чашмае мегардад, ки ҷӯш мезанад ва ҳаёти ҷовидонӣ мебахшад (Юҳанно 4:13, 14).

Ҳарчанд Исо монда аст, қуввати худро дареғ надошта, ба зани сомарӣ дар бораи ҳақиқати ҳаётбахш нақл мекунад.

Он зан ба Исо мегӯяд:

— Тақсир, илтимос, ба ман ҳам аз он об деҳ, то



ки ман дигар ташна намонам ва барои об кашидан ба ин ҷо наоям.

Исо акнун гапро дигар тараф бурда мегӯяд:

— Рафта, ҳамроҳи шавҳарат ба ин ҷо биё.

Зан дар ҷавоб мегӯяд:

— Ман шавҳар надорам.

Исо ба ӯ ҷавоб медиҳад:

— Рост гуфтӣ, ки шавҳар надорӣ. Ту панҷ шавҳар доштӣ ва марде, ки ҳозир бо вай зиндагӣ мекунӣ, шавҳари ту нест. Ин гапат рост аст (Юҳанно 4:15–18).

Аз ҷавоби Исо зан ба ҳайрат меояд.

Ин суханон чашмони занро мекушоянд ва ӯ нидо мекунад:

— Тақсир, мебинам, ки ту пайғамбар ҳастӣ.

Аз суханони минбаъдаи зани сомарӣ маълум мешавад, ки ӯ ба масъалаҳои динӣ ҳам шавқ дорад:

— Падарони мо [сомариён] Худоро дар ин кӯҳ [кӯҳи Ҷаризим] ибодат мекарданд, вале шумо [яҳудиён] мегӯед, ки ҷойи ибодат дар Ерусалим аст (Юҳанно 4:19, 20).

Лекин Исо ба вай мефаҳмонад, ки дар куҷо ибодат кардани Худо муҳим нест. Ӯ мегӯяд:

— Бовар кун, соате фаро мерасад, ки Падарро на дар ин кӯҳ ибодат мекунед ва на дар Ерусалим.

# 19

- ИСО ЗАНИ СОМАРӢ ВА ДИГАРОНРО ТАЪЛИМ МЕДИҲАД
- ТАРЗИ ИБОДАТЕ, КИ БА ХУДО МАЪҚУЛ АСТ



◊ Барои чӣ зани сомарӣ аз он ки Исо бо ӯ гап мезанад, ҳайрон мешавад?

◊ Исо ба он зан дар бораи оби ҳаёт ва дар куҷо ибодат кардани Худо чӣ мегӯяд?

◊ Чӣ хел Исо ба зани сомарӣ кӣ буданашро мефаҳмонад ва дар бораи чӣ тавр ибодат кардани Худо чӣ мегӯяд?

**СОМАРИЁН КӢ БУДАНД?** Сомария вилояте буд, ки дар шимоли он Ҷалил ва дар ҷанубаш Яҳудия ҷойгир буд.

Баъд аз марги подшоҳ Сулаймон даҳ қабилаи шимолии Исроил аз Яҳудо ва Бинёмин ҷудо шуд. Қаламрави подшоҳии шимолӣ Сомария ном гирифт. Он даҳ қабила баъдтар гӯсолапараст шуданд. Барои ҳамин соли 740-и то милод Худо гузошт, ки ашшуриён замини Сомарияро забт кунанд. Баъд аз забти ин сарзамин ашшуриён қисми зиёди аҳолии онро ба асирӣ бурданду ба ҷойи онҳо халқҳои дигарро аз империяи Ашшур ба Сомария оварданд. Ин халқҳо худоҳои бегонаро парастиш мекарданд. Бо гузашти вақт онҳо бо дигар исроилиён омехта шуда, мазҳаберо ба вуҷуд оварданд, ки он баъзе қонуну талабҳои Шариати Худоро, ба мисли хатна, дар бар мегирифт. Лекин онҳо ибодати ҳақиқиро бо урфу одатҳои худ омехта буданд, барои ҳамин гуфтан мумкин аст, ки Худоро дуруст парастиш намекарданд (4 Подшоҳон 17:9–33; Ишаъё 9:9).

Дар замонҳои Исо сомариён китобҳои пайғамбар Мӯсоро қабул мекарданд, лекин Худоро дар маъбади Ерусалим ибодат намекарданд. Онҳо дар кӯҳи Ҷаризим, ки дар наздикии шаҳри Суҳар буд, маъбаде сохта буданд ва солҳои зиёд Худоро дар он ҷо парастиш менамуданд. Ҳатто вақте ин маъбад вайрон шуд, сомариён дар кӯҳи Ҷаризим ибодати худро давом медоданд. Дар рӯзҳои Исо душманӣ байни сомариёну яҳудиён аён буд (Юҳанно 8:48).



Баъд ӯ илова мекунад:

— Соате фаро мерасад ва аллакай расидааст, ки ибодаткунандагони ҳақиқӣ Падарро дар рӯҳ ва ростӣ ибодат хоҳанд кард, зеро Падар маҳз чунин ибодаткунандагонро ҷустуҷӯ мекунад (Юҳанно 4:21, 23, 24).

Барои Падари мо, Худо, дар куҷо ибодат кардан неву чӣ тавр ибодат кардани Ӯ муҳим аст. Маҳз ҳаминро Ӯ аз парастандагони ҳақиқӣ интизор аст. Ин суханони Исо ба дили зан сахт таъсир мекунанд.

— Медонам, ки бояд Масеҳ биёяд ва, вақте ӯ меояд, ҳама чиро ба мо кушоду равшан нақл мекунад,— мегӯяд зан (Юҳанно 4:25).

Исо ба ӯ ошкоро мегӯяд:

— Он шахс ман ҳастам (Юҳанно 4:26).

Исо то ҳол ба ҳеҷ кас рӯирост нагуфта буд, ки ӯ Масеҳ аст. Лекин ба ин зани сомарӣ, ки вақти пешин барои об меояд, ин ҳақиқати муҳимро ошкор мекунад. Чӣ шарафи бузурге!

## БИСЁР СОМАРИҲО ИМОН МЕОРАНД

Шогирдони Исо хӯрок гирифта, аз Суҳар бармегарданд. Онҳо аз дур мебинанд, ки Исо бо зани сомарие сӯҳбат карда истодааст. Вақте онҳо ба назди Исо меоянд, зан кӯзаи обашро монда, ба шаҳр меравад.

Он зан ба Суҳар расида, ба одамони он ҷо суханони Исоро нақл мекунад. Ӯ онҳоро даъват мекунад: «Биёед ва касеро бинед, ки ба ман ҳамаи корҳои кардаамро нақл кард». Баъд, шояд, барои бедор кардани кунҷкобии мардум, мегӯяд: «Шояд ӯ Масеҳ бошад?» (Юҳанно 4:29). Аз замони Мӯсо-пайғамбар то он рӯз одамон интизори Масеҳ буданд (Такрори Шариат 18:18). Барои ҳамин сомариён суханони занро шунида ба дидани Исо мешитобанд.

Дар ин миён шогирдон аз Исо хоҳиш мекунанд, ки каме хӯрок хӯрад. Лекин ӯ ҷавоб медиҳад: «Ман хӯроке дорам, ки шумо дар борааш намедонед». Шогирдон ҳайрон шуда аз якдигар мепурсанд: «Магар ягон кас ба ӯ хӯрок овард?» Исо ба онҳо бо меҳрубонӣ мефаҳмонад: «Хӯроки ман



ин аст, ки хости Фиристандаи худро ба ҷо орам ва кореро, ки Ӯ ба ман супурдааст, ба анҷом расонам» (Юҳанно 4:32–34). Ҳар як пайрави Исо бояд ҳамин хел фидокор бошад.

Исо гапашро давом дода мегӯяд: «Чашмони худро бардоред ва ба киштзор назар андохта бинед, ки ҳосил барои дарав тайёр аст. Даравгар музди худро гирифта истодааст ва барои ҳаёти ҷовидонӣ ҳосил ҷамъ оварда истодааст, то кишткунанда ва даравгар якҷоя хурсандӣ кунанд» (Юҳанно 4:35, 36). Исо ин ҷо дарави аслии ғалларо дар назар надорад, чунки то он боз чор моҳи дигар аст. Ӯ дарав гуфта, ба кори шогирдсозӣ ишора мекунад.

Зани сомарӣ рафта, ба ҳамшаҳриёнаш суханони ӯро нақл мекунад. Бисёриҳо аз Сухар нақли он зани сомариро шунида, ба Исо имон меоранд, чунки зан дар бораи Исо мегӯяд: «Ӯ ба ман ҳамаи корҳои кардаамро нақл кард» (Юҳанно 4:39). Барои ҳамин онҳо назди Исо омада, аз ӯ хоҳиш мекунанд, ки ҳамроҳашон каме истад. Исо даъвати онҳоро қабул карда, дар Сомария боз ду рӯзи дигар меистад.

Баъди шунидани суханони Исо одамони боз ҳам бештар ба ӯ имон меоранд. Онҳо ба зани сомарӣ мегӯянд: «Акнун имони мо на танҳо бар гуфтаҳои ту асос меёбад, зеро мо бо гӯши худ суханони ӯро шунидем ва ҳоло медонем, ки ин мард дар ҳақиқат наҷотдиҳандаи ҷаҳон аст» (Юҳанно 4:42). Зани сомарӣ барои ҳамаи мо намунаи ибрат аст. Мо ҳам метавонем дар бораи Масеҳ ба дигарон нақл карда, шавқи одамонро бедор кунем.

Ба хотир оред, ки то саршавии дарав, эҳтимол, ҷавдарав, чор моҳи дигар аст. Дар ин ҷойҳо ҷавро дар фасли баҳор медараванд. Ҳозир, аз афташ, моҳи ноябр ё декабр аст. Пас, маълум мешавад, ки баъди ҷашн гирифтани иди Раҳоии соли 30-и милодӣ Исо ва шогирдонаш тахминан ҳашт моҳ дар вилояти Яҳудия бо таълим ва таъмид додани шогирдон машғул буданд. Акнун онҳо ба тарафи шимол, ба Ҷалил, меравананд. Онҳоро дар диёрашон чӣ интизор бошад?

◊ Зани сомарӣ дар бораи Исо ба чӣ хулоса меояд ва баъд чӣ кор мекунад?

◊ Исо ва шогирдонаш баъди иди Раҳоии соли 30-и милодӣ бо чӣ машғул мешаванд?





ҚИСМИ

# 3

# ХИЗМАТИ ИСО ДАР ҶАЛИЛ

ИСО
МАВЪИЗА КАРДА МЕГӮЯД:
«ПОДШОҲИИ ОСМОН
НАЗДИК ШУДААСТ»
(МАТТО 4:17).

# МӮЪҶИЗАИ ДУЮМИ ИСО ДАР ҚОНО

МАРҚӮС 1:14, 15   ЛУҚО 4:14, 15   ЮҲАННО 4:43–54

Исо ду рӯз дар Сомария меистад ва баъд аз ин ба диёраш бармегардад. Ӯ дар Яҳудия бисёр мавъиза карда буд ва ба Ҷалил ҳам маҳз барои ҳамин меравад. Шояд, Исо интизор нест, ки ӯро дар Ҷалил хуб қабул мекунанд, чунки худаш гуфта буд, ки «пайғамбар дар диёри худ қадр надорад» (Юҳанно 4:44). Оё шогирдонаш ҳам ҳамроҳаш мавъиза мекунанд? Не, онҳо ҳар кадоме ба назди оилаи худ баргашта, аз пайи зиндагиашон мешаванд.

Исо дар бораи чӣ мавъиза мекунад? Ӯ мегӯяд: «Подшоҳии Худо наздик шудааст. Тавба кунед ва ба хушхабар имон оред» (Марқӯс 1:15). Бисёри ҷалилиён Исоро хуб қабул карда, ба ӯ иззату эҳтиром нишон медиҳанд. Лекин онҳо танҳо барои хабараш ба ӯ чунин муносибат намекунанд. Якчанд моҳ пеш, ҳангоми ҷашни Иди раҳой, онҳо дар Ерусалим буданд ва мӯъҷизаҳоеро, ки Исо ба амал овард, бо чашми худ дида буданд (Юҳанно 2:23).

Исо хизмати бузургтари худро дар вилояти Ҷалил аз куҷо сар мекунад? Аз афташ, аз шаҳри Қоно. Агар дар хотир дошта бошед, ӯ дар он ҷо обро шароб гардонда буд. Вақте Исо бори дуюм ба Қоно меояд, мефаҳмад, ки писари яке аз ходимони дарбори шоҳ сахт касал буда, дар дами марг аст. Ин шоҳ Ҳиродуси Антипас аст, ҳамон шоҳест, ки баъдтар бо амри ӯ сари Яҳёро аз танаш ҷудо мекунанд. Вақте ходими дарбор мефаҳмад, ки Исо ба Қоно омадааст, аз шаҳри худ — Кафарнаҳум ба ҷустуҷӯйи Исо меояд. Исоро ёфта, он марди ғамзада илтимос мекунад:

— Ҳазрат, пеш аз он ки кӯдакам бимирад, ҳамроҳам рафта, ӯро шифо деҳ (Юҳанно 4:49).

Ҷавоби Исо, шояд, ходими дарборро ба ҳайрат меорад. Ӯ мегӯяд:

— Ба хонаат баргард: писарат шифо ёфт (Юҳанно 4:50).

Ӯ ба Исо бовар карда, ба хона бармегардад. Дар роҳ ба пешвози ӯ ғуломонаш баромада, хабари хушро мерасонанд. Онҳо мегӯянд, ки писари вай зиндаву саломат аст. Ходими дарбор донистан мехоҳад, ки аҳволи писараш кай беҳтар шуд.

Ғуломон ҷавоб медиҳанд:

— Таби ӯ дирӯз, тахминан соати яки рӯз, фаромад (Юҳанно 4:52).

Ходими дарбор мефаҳмад, ки маҳз ҳамин вақт Исо ба вай «писарат шифо ёфт» гуфта буд. Баъди ин воқеа он марди сарватманд бо тамоми аҳли оила ва ғуломонаш пайрави Исо мешавад.

Исо бори аввал дар Қоно обро ба шароб табдил дода буд ва акнун аз дурӣ, аз масофаи тахминан 25 км, писари ходими дарборро шифо медиҳад. Албатта, Исо мӯъҷизаҳои зиёди дигаре низ ба амал меорад. Лекин мӯъҷизаи дуюми ӯ дар Қоно аҳамияти калон дорад, чунки ӯ бо ин мӯъҷизааш дар Ҷалил хизмати бузургтареро сар мекунад. Исо, дар ҳақиқат, пайғамбари Худост, лекин оё ӯро дар диёраш қабул мекарда бошанд?

Ин вақте маълум мешавад, ки Исо ба хонаи худ, ба Носира, бармегардад. Биёед мебинем, ки ӯро дар он ҷо чӣ интизор аст.

---

◊ Ҳангоми ба Ҷалил баргаштан Исо ба одамон кадом хабарро мерасонад? Мардум ӯро чӣ хел қабул мекунанд?

◊ Исо бори дуюм дар Қоно чӣ мӯъҷизае мекунад ва ин чӣ натиҷа меорад?

◊ Барои чӣ мӯъҷизаи дуюми Исо аҳамияти калон дорад?

# 20

• ИСО МАВЪИЗА КАРДА МЕГӮЯД, КИ «ПОДШОҲИИ ХУДО НАЗДИК ШУДААСТ»
• ИСО ПИСАРЕРО АЗ ДУРӢ ШИФО МЕДИҲАД



# ДАР ИБОДАТГОҲИ НОСИРА

ЛУҚО 4:16–31

Мардуми Носира аз омадани Исо дар ҳаяҷонанд. Тахминан як сол пеш, пеш аз он ки Исо таъмид гирад, ӯ дар шаҳри худ дуредгар буд. Акнун бошад, ӯро чун шахси мӯъҷизакор мешиносанд. Ҳамшаҳриёнаш бесаброна интизоранд, ки ӯ дар ин ҷо ҳам мӯъҷиза ба амал орад.

Вақте Исо аз рӯйи одати худ ба ибодатгоҳ меояд, ҳама интизор мешаванд, ки ҳозир ӯ ягон кори аҷоиб мекунад. Одатан мардум «ҳар шанбе дар ибодатгоҳҳо» дуо мегӯяд ва аз навиштаҳои Мӯсо-пайғамбар порчае мехонад (Аъмол 15:21). Онҳо навиштаҳои дигар пайғамбаронро низ мехонанд. Вақте Исо барои хондан аз ҷояш мехезад, ӯ, мумкин, чеҳраҳои шиносро мебинад. Дар давоми солҳо ӯ ҳамроҳи онҳо ба ин ибодатгоҳ меомад. Ба ӯ дастхати китоби Ишаъё-пайғамбарро медиҳанд. Исо порчаеро меёбад ва дар бораи шахсе мехонад, ки Яҳува ӯро бо рӯҳи муқаддасаш тадҳин кардааст. Имрӯз мо ин матнро аз Ишаъё 61:1, 2 ёфта метавонем.

Дар он ҷо гуфта мешавад, ки он интихобшудаи Худо озодиро ба асирон ва биноиро ба кӯрон эълон мекунад ва дар бораи вақте, ки розигии Яҳуваро соҳиб шудан мумкин аст, мавъиза мекунад. Исо дастхатро ба хизматгузори ибодатгоҳ медиҳад ва ба ҷояш мешинад. Ҳама бо кунҷкобӣ ба ӯ нигоҳ мекунанд. Сипас ӯ чизи хондаашро каме шарҳу эзоҳ медиҳад ва фикри муҳимеро қайд мекунад: «Суханове, ки ҳоло аз Навиштаҳои Муқаддас шунидед, имрӯз ба иҷро расиданд» (Луқо 4:21).

Одамон «аз суханони фораме, ки аз даҳони ӯ шуниданд», ба ҳайрат меоянд ва ба якдигар мегӯянд: «Магар ӯ писари Юсуф нест?» Исо пай мебарад, ки онҳо аз ӯ мӯъҷизае интизоранд, барои ҳамин мегӯяд: «Бешубҳа, шумо ба ман суханони зеринро нисбат медиҳед: “Эй табиб, аввал худатро шифо деҳ”, ва мегӯед: “Мо дар бораи ҳамаи корҳое, ки дар Кафарнаҳум кардаӣ, шунидаем, ҳоло дар ватани худат ҳам чунин корҳоро ба амал ор”» (Луқо 4:22, 23). Ҳамшаҳриҳои Исо, мумкин, фикр мекунанд, ки ӯ бояд аввал дар зодгоҳи худаш одамонро шифо медод, баъд дар ҷойҳои дигар. Барои ҳамин, шояд, ба назарашон чунин тобад, ки Исо онҳоро писанд накард.

Фикрҳои онҳоро фаҳмида Исо аз таърихи Исроил якчанд мисол меорад. Дар рӯзҳои Илёс-пайғамбар дар Исроил бевазанони зиёде буданд, лекин Илёс ба назди ҳеҷ кадоми онҳо фиристода нашуд. Ӯ ба назди бевазане рафт, ки исроилӣ набуд ва дар назди Сидӯн, дар шаҳри Сорефот, зиндагӣ мекард. Илёс мӯъҷиза карда, дар он ҷо ҳатто писари он занро зинда кард (3 Подшоҳон 17:8–16). Дар рӯзҳои Элишоъ-пайғамбар бошад, дар Исроил махавиёни зиёде буданд, лекин пайғамбар танҳо Наамони суриягиро шифо дод (4 Подшоҳон 5:1, 8–14).

Ин мисолҳо худхоҳу сустимон будани мардуми Носираро фош мекунанд, барои ҳамин онҳо аз хашму ғазаб пур мешаванд. Онҳо Исоро кашола карда аз шаҳр берун мебаранд ва ба қуллаи кӯҳе, ки шаҳр бар он бино шуда буд, бароварда, аз ҷарӣ партофтанӣ мешаванд. Лекин Исо аз дасти онҳо халос шуда меравад. Баъди ин воқеа ӯ ба шаҳри Кафарнаҳум, ки дар соҳили шимолу ғарбии баҳри Ҷалил ҷойгир аст, равона мешавад.

---

- ◊ Барои чӣ мардуми Носира дар ҳаяҷонанд?
- ◊ Суханони Исо ба одамон чӣ хел таъсир мекунанд, лекин чӣ онҳоро ба хашм меорад?
- ◊ Сокинони Носира бо Исо чӣ кор карданӣ мешаванд?

# 21

• ИСО ПОРЧАЕРО АЗ НАВИШТАҲОИ ИШАЪЁ-ПАЙҒАМБАР МЕХОНАД
• МАРДУМИ НОСИРА ИСОРО КУШТАН МЕХОҲАНД



# ЧОР ШОГИРДИ ИСО САЙЁДИ ОДАМОН МЕШАВАНД

МАТТО 4:13–22   МАРҚӮС 1:16–20   ЛУҚО 5:1–11



Аз дасти сокинони Носира халос хӯрда, Исо ба шаҳри Кафарнаҳум меравад. Ин шаҳр дар назди баҳри Ҷалил воқеъ аст, ки онро ҳамчунин кӯли Ҷинесор мегӯянд (Луқо 5:1). Ҳамин тавр пешгӯйии пайғамбар Ишаъё иҷро мешавад. Ӯ гуфта буд, ки дар оянда мардуми Ҷалил нури азимеро мебинанд (Ишаъё 9:1, 2).

Ба Ҷалил омада, Исо мавъизаро давом медиҳад: «Подшоҳии осмон наздик шудааст» (Матто 4:17). Дар он ҷо ӯ чор шогирди худро меёбад. Онҳо пештар ҳамроҳи ӯ сафар мекарданд, лекин ҳангоми аз Яҳудия омаданашон Исоро гузошта, ба моҳиқапӣ баргаштанд (Юҳанно 1:35–42). Акнун Исо мехоҳад, ки онҳо шогирдони доимиаш бошанд, то ӯ онҳоро таълим диҳаду онҳо баъди маргаш кори ӯро давом диҳанд.

Дар соҳили баҳр қадам зада, Исо Шимъӯни Петрус ва бародари ӯ Андриёсро мебинад, ки ҳамроҳи дигар моҳигирон тӯрҳои худро тоза карда истодаанд. Исо ба қаиқи Петрус даромада, аз ӯ хоҳиш мекунад, ки аз соҳил каме дуртар ронад. Вақте онҳо андаке дуртар мешаванд, Исо менишинад ва ба одамоне, ки дар соҳил ҷамъ омадаанд, дар бораи Подшоҳии Худо нақл кардан мегирад.

Баъд аз ин Исо ба Петрус мегӯяд: «Қаиқро ба ҷойи чуқуртар бирон ва дар он ҷо тӯрҳои худро ба об андозед». Петрус дар ҷавоб мегӯяд: «Устод, мо тамоми шаб заҳмат кашида чизе дошта натавонистем, лекин ба хотири сухани ту тӯрро ба об меандозам» (Луқо 5:4, 5).

Онҳо тӯрро ба об меандозанд ва чунон моҳии бисёр медоранд, ки тӯрҳо даридан мегиранд. Онҳо даррав шариконашонро аз дигар киштӣ ба ёрӣ даъват мекунанд. Ҳамакаса онҳо ду қаиқро аз моҳӣ пур мекунанд ва қаиқҳо ба вазни моҳӣ тоб наоварда ғӯтидан мегиранд. Ин мӯъҷизаро дида Петрус пеши пойи Исо меафтад ва мегӯяд: «Ҳазратам, ман сазовори он нестам, ки дар пеши ту бошам, чунки ман одами гунаҳкоре ҳастам». Аммо Исо ба ӯ мегӯяд: «Натарс, минбаъд одамони зиндаро мисли моҳӣ сайд хоҳӣ кард» (Луқо 5:8, 10).



Исо ба Петрус ва Андриёс мегӯяд: «Аз паси ман биёед ва ман шуморо сайёди одамон мегардонам» (Матто 4:19). Ӯ ду моҳигири дигар, Яъқуб ва Юҳанно — писарони Забдойро ҳам даъват мекунад ва онҳо дарҳол розӣ мешаванд. Чор моҳигир тӯрҳои моҳигириро партофта, аввалин касоне мешаванд, ки Исоро доимо пайравӣ мекунанд.

---

◊ Исо киро даъват мекунад, то доимо ӯро пайравӣ кунанд, ва онҳо бо чӣ кор машғуланд?
◊ Петрус аз кадом мӯъҷиза ба ҳарос меафтад?
◊ Чор шогирди Исо бояд киро «сайд» кунанд?

# ИСО ДАР КАФАРНАҲУМ КОРҲОИ БУЗУРГ МЕКУНАД

МАТТО 8:14–17 МАРҚӮС 1:21–34 ЛУҚО 4:31–41

Исо Петрус, Андриёс, Яъқуб ва Юҳанноро даъват кард, ки сайёди одамон шаванд. Акнун ӯ ҳамроҳи он чор шогирдаш дар рӯзи шанбе ба яке аз ибодатгоҳҳои Кафарнаҳум меояд. Одамон аз тарзи таълими Исо дар ҳайрат мемонанд, зеро ӯ чун шахси соҳибқудрат таълим медиҳад, на чун шариатдонон.

Дар ибодатгоҳ марде, ки дар банди дев мебошад, бо овози баланд фарёд зада мегӯяд: «Эй Исои носирӣ, ту ба мо чӣ кор дорӣ? Оё ту барои нест кардани мо омадӣ? Ман аниқ медонам, ки ту Муқаддаси Худо ҳастӣ!» Исо он девро сарзаниш карда мегӯяд: «Хомӯш шав ва аз ӯ берун ой!» (Марқӯс 1:24, 25).

Дев он мардро сахт ба ларза меораду ба замин мепартояд. Баъд бо тамоми овоз дод зада аз вай мебарояд, лекин ба мард ҳеҷ зараре намерасонад (Луқо 4:35). Касоне, ки дар ибодатгоҳ буданд, инро дида ҳуш аз сарашон мепарад. «Ин чист? — мегӯянд онҳо.— Ӯ ҳатто ба девҳо амр медиҳад ва онҳо ба ӯ итоат мекунанд» (Марқӯс 1:27). Овозаи ин воқеа дар тамоми Ҷалил паҳн мешавад.

Баъди ин Исо ва шогирдонаш аз он ҷо баромада, ба хонаи Шимъӯн, ё худ Петрус, мераванд. Дар он ҷо онҳо мебинанд, ки хушдомани Петрус сахт касал мебошаду бо таби баланд хоб аст. Онҳо аз Исо илтимос мекунанд, ки ба зан ёрдам диҳад. Исо занро аз дасташ мегирад ва аз ҷояш мехезонад. Ҳамон дам вай шифо меёбад ва Исою шогирдонашро меҳмондорӣ мекунад.

Ҳангоми нишастани офтоб одамон аз ҳар ҷо беморонашонро гирифта ба хонаи Петрус меоранд. Дере нагузашта ба назар чунин метобад, ки тамоми шаҳр дар назди хонаи Петрус ҷамъ шудааст. Одамон ҳар гуна беморонро назди Исо меоранд. Ва ӯ ба ҳар як бемор даст гузошта, онҳоро шифо медиҳад (Луқо 4:40). Ҳамин тавр Исо пешгӯйии Ишаъё-пайғамбарро иҷро мекунад (Ишаъё 53:4). Ӯ ҳатто девҳоро аз одамон берун мекунад ва онҳо ҳангоми баромадан фарёд мезананд: «Ту Писари Худо ҳастӣ» (Луқо 4:41). Исо бошад, ба онҳо иҷозат намедиҳад, ки гап зананд. Онҳо медонанд, ки Исо Масеҳ аст. Лекин вай намехоҳад одамон аз гапи девҳо хулоса бароранд, ки онҳо ҳам ба Худо хизмат мекунанд.

**ДАР БАНДИ ДЕВ** Касе, ки дар банди як ё якчанд дев буд, сахт азоб мекашид (Матто 17:14–18). Лекин, вақте дев аз вай берун мебаромад, ӯ бо тани сиҳат ва ақли солим умр ба сар бурда метавонист. Исо бо ёрдами рӯҳи муқаддаси Худо борҳои зиёд аз одамон девҳоро берун карда буд (Луқо 8:39; 11:20).

---

- Рӯзи шанбе дар ибодатгоҳи Кафарнаҳум чӣ рӯй медиҳад?
- Аз ибодатгоҳ баромада, Исо ба куҷо меравад ва дар он ҷо чӣ кор мекунад?
- Корҳои Исо ба одамони шаҳр чӣ хел таъсир мекунад?

# 23

• ИСО ДЕВРО БЕРУН МЕКУНАД
• ШИФО ЁФТАНИ ХУШДОМАНИ ПЕТРУС



# ХИЗМАТИ ИСО ДАР ҶАЛИЛ ПЕШРАФТ МЕКУНАД

МАТТО 4:23–25   МАРҚӮС 1:35–39   ЛУҚО 4:42, 43

Исову шогирдонаш дар Кафарнаҳум рӯзи дароз банд буданд. Бегоҳ низ одамон беморонро назди ӯ меоранд ва ӯ онҳоро шифо медиҳад. Исо вақте надорад, ки танҳо бимонад.

Саҳари барвақт, ҳанӯз чашми рӯз накафида, Исо аз хоб мехезад ва танҳо берун меравад. Ӯ ҷойи хилвате ёфта, мехоҳад дар танҳоӣ ба Падараш дуо гӯяд. Лекин «Шимъӯн ва онҳое, ки бо ӯ буданд», даррав пай мебаранд, ки Исо нест ва ба ҷустуҷӯйи ӯ мебароянд. Мумкин, ин корро Петрус роҳбарӣ мекунад, чунки Исо дар хонаи ӯ меҳмон аст (Марқӯс 1:36; Луқо 4:38).

Вақте онҳо Исоро меёбанд, Петрус мегӯяд: «Ҳама туро кофта истодаанд» (Марқӯс 1:37). Фаҳмост, ки мардуми Кафарнаҳум мехоҳанд, ки Исо бо онҳо монад. Онҳо барои корҳояш аз Исо миннатдоранд, барои ҳамин «ӯро дар пеши худ нигоҳ доштанӣ» мешаванд (Луқо 4:42). Лекин оё Исо ба замин фақат барои мӯъҷиза кардан омадааст? Оё ӯ бояд фақат дар як маҳал корҳои худашро нишон диҳад? Худи Исо дар ин бора чӣ мегӯяд?

Исо ба шогирдонаш мегӯяд: «Биёед ба ҷойи дигар, ба шаҳрҳои гирду атроф, равем, то ки ман дар он ҷо низ мавъиза кунам, зеро маҳз барои ҳамин омадаам». Ӯ ба мардум низ чунин мегӯяд: «Ман бояд хушхабарро дар бораи Подшоҳии Худо дар шаҳрҳои дигар низ эълон кунам, зеро барои ҳамин фиристода шудаам» (Марқӯс 1:38; Луқо 4:43).

Бале, яке аз сабабҳои асосии ба замин омадани Исо ин аст, ки дар бораи Подшоҳии Худо ба дигарон нақл кунад. Ин Подшоҳӣ номи Худоро ҷалол дода, тамоми бадбахтиҳои инсониятро бартараф мекунад. Исо бо мӯъҷиза одамонро шифо дода, исбот мекунад, ки ӯро Худо фиристодааст. Асрҳо пеш Мӯсо-пайғамбар ҳам бо ҳамин мақсад корҳои бузург мекард (Хуруҷ 4:1–9, 30, 31).

Исо аз Кафарнаҳум меравад, то ки дар дигар шаҳрҳо ҳам мавъиза кунад. Ҳамроҳаш чор шогирдаш мераванд: Петрусу бародараш Андриёс ва Юҳаннову бародараш Яъқуб. Аз вақте, ки Исо онҳоро даъват намуд, ки ҳамроҳаш сафар кунанд, як ҳафта гузаштааст.

Мавъизаи Исо бо чор шогирдаш дар Ҷалил баракатҳои бисёре меорад. Хабар дар бораи ӯ дар ҳама ҷо паҳн мешавад. «Овозаи Исо дар тамоми Сурия», дар Декаполис, маҳалле, ки даҳ шаҳр дорад, ва дар дигар тарафи дарёи Урдун паҳн мешавад (Матто 4:24, 25). Одамони бисёре аз он ҷойҳо ва ҳамчунин аз Яҳудия аз паси Исову пайравонаш равона мешаванд. Аз ҳар ҷо назди ӯ беморонро меоранд. Исо бошад, ҳеҷ касро ноумед намекунад, балки беморонро шифо медиҳад ва девҳоро берун мекунад.

---

◇ Саҳари барвақт, баъд аз рӯзи серташвиш, дар Кафарнаҳум чӣ рӯй медиҳад?

◇ Чаро Исо ба замин фиристода шуд ва ӯ бо кадом мақсад мӯъҷиза ба амал меорад?

◇ Кӣ ҳамроҳи Исо ба дигар шаҳрҳои Ҷалил меравад ва хизмати онҳо чӣ натиҷа меорад?

# 24

• ИСО БО ЧОР ШОГИРДАШ ДАР САРОСАРИ ҶАЛИЛ САФАР МЕКУНАД
• ОВОЗА ДАР БОРАИ МАВЪИЗА ВА МӮЪҶИЗАҲОИ ИСО ДАР ҲАМА ҶО ПАҲН МЕШАВАД



# ИСО РАҲМ КАРДА МАХАВИРО ШИФО МЕДИҲАД

МАТТО 8:1–4   МАРҚӮС 1:40–45   ЛУҚО 5:12–16



Исо бо шогирдонаш дар «сар то сари Ҷалил дар ибодатгоҳҳо мавъиза» мекунад ва овозаи корҳои аҷоиби ӯ дар ҳама ҷо паҳн мешавад (Марқӯс 1:39). Хабар дар бораи Исо ба гӯши марде мерасад, ки гирифтори бемории махав аст. Луқо, ки касбаш табибист, ӯро чун «марди пур аз махав» тасвир мекунад (Луқо 5:12). Ин бемории даҳшатнок дар марҳилаҳои минбаъдаи худ оҳиста-оҳиста шакли табиии узвҳои гуногуни бадани одамро вайрон мекунад.

Ин марди махавӣ дар ҳолати ғамангез аст ва бояд аз дигарон ҷудо зиндагӣ кунад. Одатан, вақте ягон кас ба махавӣ наздик мешавад, ӯ бояд «Наҷис! Наҷис!» гуфта, фарёд занад, то одамон аз бемории ӯ огоҳ шаванд ва махав ба дигар кас нагузарад (Ибодат 13:45, 46). Лекин ин мард чӣ кор мекунад? Ӯ ба назди Исо омада, рӯ ба замин меафтад ва аз ӯ илтиҷо мекунад: «Ҳазратам, агар хоҳӣ, метавонӣ маро пок кунӣ» (Матто 8:2).

Чӣ имони қавие! Касалӣ афту андоми ӯро чунон безеб кардааст ки, кас бинад, дилаш месӯзад. Агар шумо ба ҷойи Исо мебудед, чӣ кор мекардед? Исо ба ҳоли зори мард раҳм мекунад ва ба ӯ даст расонда, мегӯяд: «Албатта, мехоҳам. Пок шав!» (Матто 8:3). Он мард ҳамон лаҳза аз бемориаш шифо меёбад! Одамон бо чашмони худ инро мебинанд, лекин боварашон намеояд.

Оё шумо мехостед подшоҳе дошта бошед, ки мисли Исо раҳмдилу пурқудрат бошад? Муносибати Исо ба махавӣ нишон медиҳад, ки вақте ӯ бар тамоми замин Подшоҳ мешавад, пешгӯйии зерини Китоби Муқаддас иҷро мегардад: «Ба бенаво ва мискин шафқат хоҳад кард, ва ҷонҳои мискинонро наҷот хоҳад дод» (Забур 71:13). Он гоҳ Исо хоҳиши дилашро иҷро карда, ба *ҳамаи* беморону ғамзадагон ёрӣ медиҳад.

Ба хотир оред, ки ҳанӯз ин мӯъҷизаро нақарда, одамон аз корҳои Исо ба шавқу ҳаяҷон омада буданд. Ҳоло низ хабари шифо додани махавӣ дар байни ҳама паҳн мешавад. Лекин Исо намехоҳад, ки одамон танҳо аз рӯйи гапи дигарон ба ӯ имон оранд. Дар як пешгӯйӣ гуфта мешавад, ки ӯ «овози Худро... дар кӯчаҳо нахоҳад шунавонид», яъне худнамоӣ намекунад ва диққатро ба худаш ҷалб намекунад (Ишаъё 42:1, 2) Барои ҳамин Исо ба махавии шифоёфта таъкид карда мегӯяд: «Эҳтиёт шав, ки дар ин бора ба ҳеҷ кас гап назанӣ, балки рафта, худатро ба коҳин нишон деҳ ва ҳадияеро, ки Мӯсо-пайғамбар фармуда буд, пешкаш кун» (Матто 8:4).

Лекин он мард чунон хурсанд аст, ки хомӯш монда наметавонад. Ӯ рафта, ин воқеаро ба ҳама нақл мекунад. Ин овоза дар ҳама ҷо паҳн мешавад ва шавқу кунҷкобии мардумро боз ҳам зиёдтар мегардонад. Кор ба ҷое мерасад, ки Исо ошкоро ба шаҳр даромада наметавонад, барои ҳамин ӯ муддате дар ҷойҳои беодам ва дур аз шаҳр меистад. Лекин бо вуҷуди ин одамон аз ҷойҳои гуногун назди Исо меоянд, то аз ӯ таълим гиранд ва шифо ёбанд.

---

- ◇ Бемории махав ба шахс чӣ таъсир мерасонад ва аз махавӣ чӣ талаб карда мешуд?
- ◇ Махавӣ ба Исо чӣ мегӯяд ва аз ҷавоби Исо мо чӣ мефаҳмем?
- ◇ Пас аз шифо ёфтан махавӣ чӣ кор мекунад ва ин чӣ натиҷа меорад?

# «ГУНОҲҲОЯТ БАХШИДА ШУДАНД»

МАТТО 9:1–8 МАРҚӮС 2:1–12 ЛУҚО 5:17–26



Овозаи Исо дар ҳама ҷо паҳн мешавад. Одамони зиёд ҳатто ба ҷойҳои дурдаст мераванд, то таълими ӯро гӯш кунанд ва мӯъҷизаҳояшро бо чашмони худ бинанд. Лекин баъди якчанд рӯз Исо ба Кафарнаҳум — ҷойи асосии хизматаш бармегардад. Хабари омадани Исо дарҳол дар ин шаҳр, ки дар соҳили баҳри Ҷалил ҷойгир аст, паҳн мешавад. Барои ҳамин дар хонае, ки Исо меистад, мардуми зиёде ҷамъ меояд. Ба он ҷо ҳамчунин аз Ҷалилу Яҳудия, аз он ҷумла аз Ерусалим, баъзе фарисиён ва муаллимони Шариат меоянд.

Ба назди Исо чунон одамони бисёре меоянд ки, дар хона ҷойи поймонӣ нест ва ҳатто ба дари хона наздик омада намешавад. Ва ӯ ба одамони ҷамъшуда дар бораи хушхабар гап заданро сар мекунад (Марқӯс 2:2). Аз воқеае, ки каме баъд рӯй медиҳад, маълум мешавад, ки Исо медонад, ки сабаби дарду азоби одамизод чист ва метавонад онро бартараф кунад. Ӯ метавонад ҳар касеро, ки хоҳад, пурра шифо диҳад.

Дар он вақте, ки Исо дар хонаи пур аз одам таълим медиҳад, чор нафар марди шалеро назди ӯ меоранд. Онҳо мехоҳанд, ки Исо дӯсташонро шифо бахшад. Лекин дар он ҷо мардуми зиёде ҷамъ омадаанд, барои ҳамин онҳо беморро «ба назди Исо даровarda» наметавонанд (Марқӯс 2:4). Лекин онҳо ноумед намешаванд, балки ба боми ҳамвори хона баромада, онро шикоф мекунанд. Баъд марди шалро бо бистараш рост ба даруни хона мефароранд.

Оё Исо аз ин кори онҳо ба хашм меояд? Не, албатта! Имони қавии ин одамонро дида Исо ба марди шал мегӯяд: «Гуноҳҳоят бахшида шуданд» (Матто 9:2). Лекин оё Исо гуноҳҳоро бахшида метавонад? Шариатдонон ва фарисиён аз ин дарғазаб шуда мегӯянд: «Барои чӣ вай ин хел мегӯяд? Ӯ куфр гуфта истодааст. Оё касе ғайр аз Худо гуноҳҳоро бахшида метавонад?» (Марқӯс 2:7).

Исо фикрҳои онҳоро фаҳмида чунин мегӯяд: «Барои чӣ дар дилатон чунин андеша меронед? Ба ин марди шал чӣ гуфтан осонтар аст: “Гуноҳҳоят бахшида шуданд” ё “Аз ҷоят хез ва бистаратро гирифта, роҳ гард”?» (Марқӯс 2:8, 9). Бале, Исо метавонад дар асоси қурбоние, ки каме баъд пешкаш мекунад, гуноҳҳои он мардро бахшад.

Баъд Исо бо мӯъҷизае ба одамони ҷамъомада, аз он ҷумла ба шариатдонон ва фарисиён, нишон медиҳад, ки ӯ барои бахшидани гуноҳҳо қудрат дорад. Ӯ ба марди шал нигоҳ карда, амр медиҳад: «Ба ту мегӯям: аз ҷоят хез ва бистари худро гирифта, ба хонаат рав». Он мард дарҳол мехезад ва дар пеши назари ҳама бистарашро гирифта, меравад. Инро дида одамон ангушти ҳайрат мегазанд. Мардум Худоро ҷалол дода мегӯяд: «Мо ҳеҷ гоҳ чизи ба ин монандро надида будем» (Марқӯс 2:11, 12).

Аҳамият диҳед: Исо қайд мекунад, ки байни гуноҳу бемориҳо ва байни бахшида шудани гуноҳҳою тансиҳатӣ алоқа вуҷуд дорад. Китоби Муқаддас таълим медиҳад, ки инсони аввалин — Одам гуноҳ кард ва ҳамаи одамон гуноҳро мерос гирифтанд. Ана барои ҳамин имрӯз мо бемор мешавем ва мемурем. Лекин зери роҳбарии Подшоҳии Худо Исо гуноҳи ҳамаи онҳоеро, ки Худоро дӯст медоранду Ӯро ибодат мекунанд, мебахшад. Он вақт дигар ҳеҷ кас касал намешавад (Румиён 5:12, 18, 19).

- ◊ Барои чӣ Исо марди шалро шифо мебахшад?
- ◊ Чӣ тавр марди шалро назди Исо медароранд?
- ◊ Аз ин воқеа мо дар бораи гуноҳу бемориҳо чӣ мефаҳмем ва ин ба мо чӣ умеде мебахшад?

# ИСО МАТТОРО ДАЪВАТ МЕКУНАД

МАТТО 9:9–13   МАРҚЎС 2:13–17   ЛУҚО 5:27–32

Баъди шифо додани марди шал Исо якчанд вақт дар гирду атрофи Кафарнаҳум мемонад. Мардум дар пеши ӯ ҷамъ мешаванд ва ӯ онҳоро таълим медиҳад. Вақте Исо роҳашро давом медиҳад, дар идораи андоз Матторо, ки ҳамчунин Левӣ ном дорад, мебинад. Исо ӯро даъват карда мегӯяд: «Биё ва маро пайравӣ кун» (Матто 9:9).

Аз афташ, Матто ҳам мисли Петрус, Андриёс, Яъқуб ва Юҳанно бо таълим ва мӯъҷизаҳое, ки Исо дар он маҳал кардааст, шинос аст. Ва ӯ ҳам монанди онҳо дарҳол таклифи Исоро қабул мекунад. Матто дар Инҷили худ мегӯяд: «Ҳамон дам он мард [худи Матто] аз ҷой хеста, аз пайи Исо равона шуд» (Матто 9:9). Матто ҷамъовари андоз аст ва, вақте Исо ӯро даъват мекунад, ӯ вазифаи худро монда, пайрави Исо мешавад.

Баъдтар, шояд, барои нишон додани миннатдории худ ба Исо Матто дар хонааш зиёфати калоне мекунад. Вай ба ин зиёфат Исову шогирдонаш ва ҳамчунин ҳамкорони пештараи худро таклиф мекунад. Ин одамон барои ҳокимияти Рум, ки халқ онро бад мебинанд, андоз ҷамъ мекунанд. Онҳо андозро аз халқи одӣ, киштиҳое, ки ба бандар меоянд, корвонҳое, ки аз роҳҳои асосӣ мегузаранд, ва ҳамчунин аз молҳое, ки аз ҷойҳои дигар меоранд, ҷамъ мекунанд. Мардум ҷамъоварони андозро чашми дидан надоранд, чунки онҳо одатан ҳилаву найрангро ба кор бурда, аз халқ бештар аз он чӣ муқаррар шудааст, пул меситонанд. Ғайр аз ҷамъоварони андоз ба ин зиёфат ҳамчунин касоне даъват шудаанд, ки бо корҳои нодуруссташон ном баровардаанд ва одамон онҳоро «гунаҳкорон» меноманд (Луқо 7:37–39).

Ба ин зиёфат ҳамчунин фарисиён, ки дар назари худ росткоранд, даъват шудаанд. Онҳо Исоро дар байни ин одамон дида ба шогирдони ӯ мегӯянд: «Чаро устоди шумо бо ҷамъкунандагони андоз ва гунаҳкорон хӯрок мехӯрад?» (Матто 9:11). Суханони онҳоро шунида Исо мегӯяд: «На солимон ба духтур мӯҳтоҷанд, балки беморон. Пас, биравед ва маънои ин суханонро бифаҳмед: “Раҳму шафқат мехоҳам, на қурбонӣ”. Охир, ман барои он омадаам, ки на росткорон, балки гунаҳкоронро даъват кунам» (Матто 9:12, 13; Ҳушаъ 6:6). Ҳарчанд фарисиён Исоро устод мегӯянд, онҳо ӯро чун устод қабул намекунанд, ҳол он ки метавонанд аз ӯ чӣ будани росткории ҳақиқиро ёд гиранд.

Матто ҷамъоварони андоз ва гунаҳкоронро ба ин зиёфат даъват мекунад, зеро «бисёри онҳо ӯро [Исоро] пайравӣ мекарданд». Аз афташ, Матто мехоҳад, то онҳо омада, Исоро гӯш кунанд ва аз ӯ таълим гиранд (Марқӯс 2:15). Исо ҳам хоҳиш дорад, ки ба онҳо ёрӣ диҳад, то ба Худо наздик шаванд. Баръакси фарисиёне, ки дар назари худ росткоранд, Исо он одамонро паст намешуморад. Ӯ дилсӯзу меҳрубон аст ва ба ҳамаи онҳое, ки аз ҷиҳати рӯҳонӣ беморанд, чун табиб ёрӣ дода метавонад.

Исо нисбати ҷамъоварони андоз ва гунаҳкорон раҳмдил аст, лекин ин маънои онро надорад, ки ӯ рафтори онҳоро дуруст мешуморад. Ӯ ба онҳо чун ба беморони аслӣ ҳамдарду меҳрубон аст. Ба хотир оред, ки чӣ тавр ӯ ба ҳоли махавӣ раҳм карда ба ӯ даст расонд ва гуфт: «Албатта, мехоҳам. Пок шав!» (Матто 8:3). Магар мо ҳам набояд мисли Исо меҳрубону дилсӯз бошем ва ба мӯҳтоҷон ёрӣ диҳем, махсусан барои он ки ба Худо наздик шаванд?

---

- ◇ Исо Матторо дар куҷо мебинад?
- ◇ Барои чӣ яҳудиён ҷамъоварони андозро бад мебинанд?
- ◇ Барои чӣ Исо бо гунаҳкорон вақт мегузаронад?

# 27

• ИСО МАТТОРО БА ШОГИРДӢ ДАЪВАТ МЕКУНАД
• МАСЕҲ БО ГУНАҲКОРОН ВАҚТ МЕГУЗАРОНАД, ТО БА ОНҲО ЁРӢ ДИҲАД



# БАРОИ ЧӢ ШОГИРДОНИ ИСО РӮЗА НАМЕДОРАНД?

МАТТО 9:14–17 МАРҚӮС 2:18–22 ЛУҚО 5:33–39

Каме баъд аз он ки Исо ба иди Раҳоии соли 30-и милодӣ рафт, Яҳёро ба зиндон андохтанд. Ӯ мехост, ки шогирдонаш пайрави Исо шаванд, лекин айни ҳол на ҳамаи онҳо Исоро пайравӣ мекунанд.

Ҳоло бошад, иди Раҳоии соли 31-и милодӣ наздик шуда истодааст. Баъзе аз шогирдони Яҳё назди Исо омада, аз ӯ мепурсанд: «Чаро мо ва фарисиён рӯза медорем, лекин шогирдони ту рӯза намедоранд?» (Матто 9:14). Фарисиён рӯзадориро маросими ҳатмӣ мешумурданд. Баъдтар Исо ҳатто мисоле меорад, ки чӣ тавр як фарисии ҳавобаланд дар дуо чунин мегӯяд: «Худоё, туро шукр мегӯям, ки монанди дигар одамон... нестам. Дар як ҳафта ду маротиба рӯза медорам» (Луқо 18:11, 12). Шояд, шогирдони Яҳё ҳам ин корро чун як маросим ба ҷо меоваранд. Ё, мумкин, онҳо барои ба зиндон партофта шудани Яҳё мотам гирифта, рӯза медоранд. Шояд, барои ҳамин онҳо ҳайронанд, ки чаро шогирдони Исо ҳам мотам намегиранд ва ба ғами онҳо шарик шуда рӯза намедоранд.

Исо мисол оварда ба онҳо мефаҳмонад: «Магар дӯстони домод, ҳангоме ки ӯ бо онҳост, мотам мегиранд? Лекин вақте мерасад, ки домод аз онҳо гирифта мешавад ва он гоҳ онҳо рӯза хоҳанд дошт» (Матто 9:15).

Худи Яҳё боре Исоро домод номида буд (Юҳанно 3:28, 29). Ҳоло ки Исо дар замин аст, шогирдонаш рӯза намедоранд. Баъдтар, вақте Исо мемирад, шогирдонаш мотам мегиранд ва хоҳиши хӯрданро гум мекунанд. Аммо, вақте Исо боз зинда мегардад, онҳо шоду хуррам мешаванд ва барои мотаму рӯза дигар ҳоҷат намемонад.

Баъд Исо ду мисол меорад: «Ҳеҷ кас матои навро ба либоси кӯҳна дарбеҳ намекунад, зеро баъди шустан матои нав ба об даромада, аз либоси кӯҳна канда мешавад ва ҷойи даридаи он аз пештарааш дида калонтар мегардад. Ҳамчунин ҳеҷ кас шароби навро ба машки кӯҳна намерезад, вагарна машк медарад ва ҳам шароб мерезаду ҳам машк корношоям мегардад. Лекин шароби навро ба машки нав мерезанд» (Матто 9:16, 17). Исо бо ин гапаш чӣ гуфтанӣ аст?

Ба воситаи ин мисолҳо Исо ба шогирдони Яҳё фаҳмонданист, ки ӯ намехоҳад пайравонаш урфу одатҳои кӯҳнашудаи дини яҳудиро дастгирӣ кунанд. Исо намехоҳад тарзи ибодати кӯҳнашударо давом диҳад, ибодатеро, ки ба наздикӣ бекор мешавад. Исо тарзи ибодатеро дастгирӣ мекунад, ки дар он барои урфу одатҳои одамӣ ҷой нест. Дини яҳудӣ бошад, дар он замон аз таълимоту маросими одамӣ пур буд. Бале, дастгирӣ кардани ин кор мисли он аст, ки шахс ба либоси кӯҳна дарбеҳи нав дӯзаду шароби навро ба машки кӯҳна резад.

**МИСОЛҲО ДАР БОРАИ РӮЗАДОРӢ** Исо мисолеро овард, ки одамони он замон ба осонӣ фаҳмида метавонистанд: ӯ дар бораи дӯхтани либоси кӯҳна гап зад. Агар касе порчаи матои навро гирифта, ба либоси даридаи кӯҳна дӯзад, чӣ мешавад? Вақте чунин либосро мешӯянд, дарбеҳи он майда шуда матои кӯҳнаро мекашад ва онро медаронад.

Шаробро бошад, баъзан дар машкҳо — халтаҳои махсус, ки аз пӯсти ҳайвонот тайёр мешуданд, нигоҳ медоштанд. Бо гузашти вақт пӯст хушк ва дурушт мешуд. Вақте шароби навро ба машки кӯҳна мерехтанд, он метавонист ба ҷӯш ояд ва ба машк фишор оварда, онро шикоф кунад.





◊ Дар рӯзҳои Исо кӣ рӯза медошт ва чаро?

◊ Чаро шогирдони Исо, вақте ӯ бо онҳост, рӯза намедоранд? Чӣ сабаби рӯза доштани онҳо шуда метавонад?

◊ Мисолҳое, ки Исо овард, чӣ маъно доранд?

# ОЁ РӮЗИ ШАНБЕ КОРИ ХУБ КАРДАН РАВОСТ?

ЮҲАННО 5:1–16

Исо дар Ҷалил корҳои бисёре мекунад. Лекин худи ӯ гуфта буд: «Ман бояд хушхабарро дар бораи Подшоҳии Худо дар шаҳрҳои дигар низ эълон кунам». Ва ӯ бояд на танҳо ба шаҳрҳои вилояти Ҷалил, балки ба дигар ҷойҳо ҳам равад. Барои ҳамин ӯ мавъизаи хушхабарро «дар ибодатгоҳҳои Яҳудия» давом медиҳад (Луқо 4:43, 44). Исо вақти мувофиқро интихоб кард, чунки ҳозир баҳор аст ва ба наздикӣ дар Ерусалим ид барпо мешавад.

Дар Инҷилҳо дар бораи хизмати Исо дар Ҷалил бисёр нақл карда мешавад, лекин дар бораи хизмати ӯ дар Яҳудия батафсил навишта нашудааст. Шояд, сабабаш он бошад, ки дар Яҳудия одамон ба Исо он қадар хуб гӯш намекунанд. Аммо ин Исоро бознамедорад, ки мавъизаи хушхабарро давом диҳад ва дар ҳама ҷо корҳои хуб кунад.

Исо барои қайд кардани иди Раҳоии соли 31-и милодӣ ба шаҳри асосии Яҳудия — Ерусалим меравад. Ӯ ба назди дарвозаҳои Гӯсфанд мерасад. Дар он ҷо ҳавзе ҳаст, ки гирдогирдаш роҳрави сутундор дорад ва Байт-Ҳасдо номида мешавад. Бисёр кӯрон, шалон ва беморон назди ин ҳавз меоянд. Чаро? Онҳо бовар доранд, ки агар вақти ба ҳаракат омадани об ба он дароянд, шифо меёбанд.

Рӯзи шанбе Исо назди он ҳавз мардеро мебинад, ки 38 сол боз бемор аст. Исо аз ӯ мепурсад: «Оё шифо ёфтан мехоҳӣ?» Он мард мегӯяд: «Тақсир, ман касе надорам, ки ҳангоми ба ҳаракат омадани об маро ба ҳавз дарорад, ва то худам наздик меоям ки, дигаре аз ман пештар ба об медароянд» (Юҳанно 5:6, 7).

Ҷавоби Исо он мард ва дигаронро ба ҳайрат меорад: «Бархез! Бистари худро бардор ва роҳ рав» (Юҳанно 5:8). Мард ҳамон лаҳза аз ҷояш мехезад ва бистарашро бардошта меравад!

Аммо, вақте яҳудиён ин мардро мебинанд, ба ҷойи хурсанд шудан ӯро сарзаниш карда мегӯянд: «Дар ин рӯз, ки шанбе аст, бистарро бардоштани ту раво нест». Он мард ҷавоб медиҳад: «Он касе, ки маро шифо дод, ба ман гуфт: “Бистари худро бардор ва роҳ рав”» (Юҳанно 5:10, 11). Ба яҳудиён маъқул намешавад, ки касе дар рӯзи шанбе одамонро шифо медиҳад.

Яҳудиён аз он мард мепурсанд: «Кӣ ба ту гуфт, ки бистари худро бардошта, роҳ равӣ?» Он мард бошад, номи шахсеро, ки ӯро шифо додааст, намедонад, чунки «Исо байни мардум даромада, аз назар ғоиб шуд» (Юҳанно 5:12, 13). Лекин ӯ дар маъбад дуюмбора Исоро вомехӯрад ва мефаҳмад, ки ӯро кӣ шифо додааст.

Он мард назди яҳудиёне меравад, ки аз ӯ дар бораи шифо ёфтанаш пурсида буданд. Вай мегӯяд, ки ӯро Исо шифо додааст. Яҳудиён инро фаҳмида назди Исо мераванд. Барои чӣ? Оё барои фаҳмидани он ки чӣ тавр Исо тавонист чунин мӯъҷизае кунад? Не, барои айбдор кардани ӯ. Онҳо кори Исоро нодуруст мешуморанд, чунки ӯ мӯъҷизаҳояшро рӯзи шанбе мекунад. Аз ин рӯз сар карда онҳо зидди Исо мебароянд.

- ◊ Чаро Исо ба Яҳудия меравад ва дар он ҷо бо чӣ кор машғул мешавад?
- ◊ Чаро одамон ба назди ҳавзи Байт-Ҳасдо мераванд?
- ◊ Исо дар назди ҳавз чӣ мӯъҷизае мекунад ва баъзе яҳудиён ба ин чӣ тавр муносибат мекунанд?

# 29

• ИСО ДАР ЯҲУДИЯ МАВЪИЗА МЕКУНАД
• Ӯ БЕМОРЕРО НАЗДИ ҲАВЗ ШИФО МЕДИҲАД



# ИСО ПИСАРИ ХУДОСТ

ЮҲАННО 5:17–47

Вақте баъзе яҳудиён Исоро айбдор мекунанд, ки ӯ дар рӯзи шанбе мардро шифо бахшид, Исо ба онҳо мегӯяд: «Падари ман то ҳол кор карда истодааст ва ман низ кор мекунам» (Юҳанно 5:17).

Албатта, он мардро шифо дода Исо амри Шариатро дар бораи рӯзи шанбе вайрон накард. Ӯ ба корҳои хуби Худо пайравӣ карда ба одамон хушхабарро мавъиза мекунад ва беморонро шифо мебахшад. Исо ҳар рӯз корҳои хуб мекунад. Лекин ҷавоби Исо айбҷӯёнашро боз ҳам бештар ба хашм меорад ва онҳо ҳатто қасди куштани ӯро мекунанд. Барои чӣ?

Пеш аз ин яҳудиён Исоро барои дар рӯзи шанбе шифо бахшиданаш айбдор карданд. Лекин ҳоло онҳо аз он ки Исо Худоро Падар гуфт, бештар дарғазаб шуданд. Онҳо ин суханони Исоро куфр мешуморанд ва гумон мекунанд, ки бо ин Исо худро ба Худо баробар кардан мехоҳад. Исо бошад, наметарсад ва рӯирост мегӯяд, ки ба Худо то чӣ андоза наздик аст: «Падар Писарро дӯст медорад ва ҳама чизеро, ки худаш ба амал меоварад, ба ӯ нишон медиҳад» (Юҳанно 5:20).

Падар Сарчашмаи ҳаёт аст. Дар замонҳои пеш Ӯ ба ходимонаш қудрат медод, ки мурдаҳоро зинда кунанд. Исо ба ин ишора карда мегӯяд: «Чи тавре ки Падар мурдагонро бармехезонад ва зинда мекунад, Писар низ ҳамон тавр ҳар касеро хоҳад, зинда мекунад» (Юҳанно 5:21). Чӣ суханони пурмаъно ва умедбахше! Ҳатто ҳоло Писар одамонро аз марги рӯҳонӣ зинда мекунад. Барои ҳамин Исо мегӯяд: «Ҳар кӣ сухани маро мешунавад ва ба Оне, ки маро фиристодааст, боварӣ дорад, соҳиби ҳаёти ҷовидонист ва ӯ маҳкум намегардад, балки аз марг ба ҳаёт гузаштааст» (Юҳанно 5:24).

То ин дам Исо ягон одами мурдаро зинда накардааст. Лекин ӯ ба он яҳудиён мегӯяд: «Соате мерасад, ки ҳамаи онҳое, ки дар қабр мебошанд, овози ӯро хоҳанд шунид ва берун хоҳанд омад» (Юҳанно 5:28, 29). Ин нишон медиҳад, ки дар оянда мурдагон ба маънои аслӣ зинда мешаванд.

Дар оянда Исо одамонро доварӣ мекунад ва мурдагонро зинда мегардонад. Ин вазифаро ба ӯ Худо медиҳад. Худи Исо мегӯяд, ки ӯ ба Худо баробар нест: «Ман наметавонам аз пеши худ ягон коре кунам... зеро на хости худ, балки хости Фиристандаамро иҷро кардан мехоҳам» (Юҳанно 5:30). То ин дам Исо дар бораи корҳое, ки барои иҷро шудани нияти Худо мекунад, дар назди ҳама гап назада буд. Лекин дар бораи Исо Яҳё-пайғамбар низ шаҳодат дода буд. Исо мегӯяд: «Шумо ба назди Яҳё кас фиристодед ва ӯ дар бораи ман ҳақиқатро гуфт» (Юҳанно 5:33).

Аз афташ, айбҷӯёни Исо медонанд, ки тақрибан ду сол пеш пайғамбар Яҳё ба сарварони дини яҳудӣ дар бораи касе гуфта буд, ки баъди ӯ меояд ва одамон ӯро «пайғамбари пешгӯйишуда» ва «Масеҳ» меноманд (Юҳанно 1:20–25). Ӯ хотиррасон мекунад, ки чӣ тавр як вақтҳо онҳо пайғамбар Яҳёро, ки ҳоло дар зиндон аст, ҳурмату эҳтиром мекарданд. Барои ҳамин чунин мегӯяд: «Шумо муддати кӯтоҳе хоҳиш доштед, ки дар нури ӯ [Яҳё] шодӣ кунед» (Юҳанно 5:35). Ҳоло бошад, Исо шаҳодате медиҳад, ки аз шаҳодати Яҳё бузургтар аст.

Исо мегӯяд: «Корҳое, ки ба ҷо меорам [аз он ҷумла навакак шифо додани он мард], аз он шаҳодат медиҳанд, ки маро Падар фиристодааст». Баъд илова мекунад: «Худи Падар низ, ки маро фиристод, дар бораам шаҳодат додааст» (Юҳанно 5:36, 37). Лекин кай Худо дар бораи Исо шаҳодат дод? Масалан, дар вақти таъмид гирифтани ӯ (Матто 3:17).

Дар ҳақиқат, айбҷӯёни Исо ҳеҷ узре надоранд ва рафторашонро ҳеҷ чиз сафед карда наметавонад! Онҳо даъво мекунанд, ки Навиштаҳоро меомӯзанд, лекин худи Навиштаҳо дар бораи Исо шаҳодат медиҳанд. Исо дар охир мегӯяд: «Агар шумо ба Мӯсо бовар мекардед, ба ман ҳам бовар мекардед, зеро ӯ дар бораи ман навишта буд. Вале, агар шумо ба он чизе, ки ӯ навиштааст, бовар накунед, пас, чӣ тавр ба суханони ман бовар мекунед?» (Юҳанно 5:46, 47).



- Чаро Исо бо кардани корҳои хуб дар рӯзи шанбе Шариатро вайрон намекунад?
- Исо барои иҷро шудани нияти Худо чӣ кор мекунад?
- Чӣ исбот мекунад, ки Исо Писари Худост?

# ОЁ ДАР РӮЗИ ШАНБЕ ХӮШАЧИНӢ РАВОСТ?

МАТТО 12:1–8  МАРҚӮС 2:23–28  ЛУҚО 6:1–5

Исо ва шогирдонаш як рӯзи шанбе ба тарафи шимол, ба Ҷалил, равона мешаванд. Дар ин фасли баҳор дар саҳро гандум бисёр аст. Шогирдон гурусна мемонанд ва хӯшаҳои гандумро чида, мехӯранд. Ин кори онҳоро фарисиён мебинанд.

Ба хотир оред, ки чанде пеш яҳудиён дар Ерусалим Исоро барноҳақ айбдор карданд, ки ӯ рӯзи шанберо риоя намекунад, ва барои ин ӯро куштан мехостанд. Ҳоло бошад, фарисиён ба хӯшачинии шогирдон ишора карда, ба Исо мегӯянд: «Нигоҳ кун! Шогирдони ту дар рӯзи шанбе кореро мекунанд, ки раво нест» (Матто 12:2).

Яҳува дар Шариат ба халқи Исроил чунин гуфта буд: «Шаш рӯз кор кун, ва дар рӯзи ҳафтум истироҳат намо» (Хуруҷ 34:21). Фарисиён бошанд, ин амри Шариатро нодуруст маънидод карда, шарҳу тафсилоти аз ҳад зиёде дода буданд ва ҳар як чизи майда-чуйдаро кор мешумурданд, ба тавре ки риояи рӯзи шанбе барои одамони одӣ бори гарон шуда буд. Онҳо чидан ва бо даст молидани хӯшаҳоро кор шумурда, онро ба дарав ва орд кардани ғалла баробар карданд. Лекин Яҳува ният дошт, ки исроилиён дар рӯзи шанбе аз таълими Ӯ баҳравар шаванд ва он барояшон хурсандибахш бошад. Исо якчанд мисол оварда нодуруст будани фикрронии фарисиёнро нишон медиҳад. Ӯ мефаҳмонад, ки Худо ҳеҷ гоҳ намехост, ки риояи рӯзи шанбе барои одамон бори гарон шавад.

Аввал Исо Довуд ва ҳамроҳонашро мисол меорад. Боре, вақте онҳо гурусна буданд, ба хайма даромада, нонҳои пешкашшударо хӯрданд. Асосан, вақте нонҳои пешкашшударо гирифта, ба ҷояшон навашро мемонданд, нонҳои кӯҳнаро бояд коҳинон мехӯрданд. Лекин Довуд ва ҳамроҳонаш аз беилоҷӣ ин нонҳоро хӯрданд ва ҳеҷ кас онҳоро барои ин маҳкум накард (Ибодат 24:5–9; 1 Подшоҳон 21:1–6).



Баъди ин Исо мисоли дигаре оварда мегӯяд: «Магар дар Таврот нахондаед, ки дар рӯзҳои шанбе коҳинон дар маъбад қонунро оиди рӯзи шанбе вайрон мекунанд ва бо вуҷуди ин гунаҳкор ҳисобида намешаванд?» Исо дар назар дорад, ки коҳинон рӯзҳои шанбе дар маъбад қурбонӣ меоранд ва корҳои дигар мекунанд. Ӯ гапашро давом дода мегӯяд: «Аммо ман ба шумо мегӯям: шахсе, ки дар ин ҷост, аз маъбад ҳам бузургтар аст» (Матто 12:5, 6; Ададҳо 28:9).

Исо боз ба Навиштаҳо ишора мекунад: «Вале, агар шумо мефаҳмидед, ки суханони “раҳму шафқат мехоҳам, на қурбонӣ” чӣ маъно доранд, одамони бегуноҳро маҳкум намекардед». Баъд ӯ илова мекунад: «Писари одам бошад, Хӯҷаини рӯзи шанбе аст». «Рӯзи шанбе» гуфта, Исо ба ҳукмронии ҳазорсолаи худ ишора мекунад, ки дар он одамон аз сулҳу оромӣ баҳравар мешаванд (Матто 12:7, 8; Ҳушаъ 6:6).

Одамизод тӯли асрҳо асири дунёи Шайтон аст, дунёе, ки пур аз азобу машаққат ва зӯровариву ҷанг мебошад. Лекин дар шанбеи бузург, яъне ҳангоми ҳукмронии Масеҳ, ҳамаи одамоне, ки ташнаи осудагиву роҳатанд, лаззат хоҳанд бурд.

---

- Фарисиён шогирдони Исоро дар чӣ айбдор мекунанд ва чаро?
- Чӣ тавр Исо фикри нодурусти фарисиёнро ислоҳ карданӣ мешавад?
- Ба кадом маъно Исо «Хӯҷаини рӯзи шанбе аст»?



# ДАР РӮЗИ ШАНБЕ ЧӢ РАВОСТУ ЧӢ — НЕ?

МАТТО 12:9–14 МАРҚӮС 3:1–6 ЛУҚО 6:6–11

Як шанбеи дигар Исо ба ибодатгоҳе, эҳтимол, ба яке аз ибодатгоҳҳои Ҷалил, меравад. Дар он ҷо ӯ мардеро мебинад, ки дасташ хушк аст (Луқо 6:6). Фарисиёну шариатдонон Исоро бодиққат мушоҳида мекунанд. Нияти бади онҳо аз саволе, ки ба Исо медиҳанд, маълум мешавад: «Оё дар рӯзи шанбе шифо додан равост?» (Матто 12:10).

Сарварони дини яҳудӣ фикр мекунанд, ки дар рӯзи шанбе танҳо он вақт беморро табобат кардан равост, агар ҳаёти ӯ зери хатар бошад. Масалан, дар ин рӯз шикастабандӣ ва захмбандӣ кардан мумкин нест, чунки ин корҳоро ба пагоҳ гузоштан мумкин аст. Фарисиёну шариатдонон барои айбдор кардани Исо ин саволро медиҳанд, на аз дилсӯзӣ ба он марди бемор.

Ӯ дарк мекунад, ки фарисиён дар бораи кор накардан дар рӯзи шанбе тасаввуроти нодуруст доранд ва дар риояи он аз ҳад гузаштаанд. Исо медонад, ки ин хел фикрронӣ бар Навиштаҳо асос намеёбад (Хуруҷ 20:8–10). Ӯ аллакай дар рӯзи шанбе корҳои нек карда буд ва бо танқиди бемаврид дучор шуда буд. Аммо ҳозир Исо бо рафтораш ба оташи ғазаби фарисиёну шариатдонон равған мерезад. Ӯ ба марде, ки дасташ хушк аст, мегӯяд: «Аз ҷоят хез ва дар миёнаҷо ист» (Марқӯс 3:3).

Баъд ӯ ба фарисиёну шариатдонон муроҷиат карда мегӯяд: «Кадоме аз шумо, агар як гӯсфанд дошта бошад ва он дар рӯзи шанбе ба чоҳ афтад, онро аз чоҳ намебарорад?» (Матто 12:11). Албатта, ҳеҷ кас гӯсфандашро то пагоҳ дар чоҳ намемонад, чунки агар гӯсфанд мурад, соҳибаш зарар мебинад. Ғайр аз ин, дар Китоби Муқаддас гуфта мешавад: «Одил ба ҷони чорвои худ раҳм мекунад» (Масалҳо 12:10).

Исо ба сари мақсад омада мегӯяд: «Лекин то чӣ андоза одам аз гӯсфанд пурарзиштар аст! Бинобар ин дар рӯзи шанбе кардани кори нек равост» (Матто 12:12). Барои ҳамин, агар Исо он мардро дар рӯзи шанбе шифо диҳад, ҳеҷ гуноҳе намекунад. Сарварони динӣ ба ин суханони меҳрубонона ва далелҳои мантиқии Исо ҷавоби мувофиқе наёфта хомӯш мемонанд.

Исо аз тарзи фикри он раҳбарони динӣ ба қаҳр омада, онҳоро бо ғамгинӣ аз назар мегузаронад. Баъд ӯ ба марди дастхушк мегӯяд: «Дастатро дароз кун» (Матто 12:13). Ӯ дасташро дароз мекунад ва он сип-сиҳат мешавад. Бешакк, шодии он мард ҳадду канор надорад. Оё касоне, ки Исоро айбдор кардан мехоҳанд, ба шодии он мард шарик мешаванд? Не.

Баръакс, фарисиён даррав аз он ҷо берун баромада «бо тарафдорони Ҳиродус дар бораи куштани ӯ [Исо] маслиҳат» мекунанд (Марқӯс 3:6). Аз афташ, дар байни он ҳизби сиёсӣ, яъне тарафдорони Ҳиродус, баъзе саддуқиён ҳам ҳастанд. Одатан саддуқиёну фарисиён байни ҳам душманӣ доранд. Лекин барои бар зидди Исо баромадан пайравони ин ду мазҳаб тифоқ шуда забон як мекунанд.





- Исо дар куҷо ва чӣ тавр ба муқобили сарварони дини яҳудӣ мебарояд?
- Сарварони дини яҳудӣ дар бораи қонуни рӯзи шанбе чӣ ақидаи хатое доранд?
- Исо бо чӣ далеле фикри нодурусти сарварони динро фош мекунад?

# ПЕШГӮЙИИ ПАЙҒАМБАР ИШАЪЁ ИҶРО МЕШАВАД

МАТТО 12:15–21 МАРҚӮС 3:7–12

Исо хабар меёбад, ки фарисиён ва тарафдорони Ҳиродус қасди куштани ӯро доранд, барои ҳамин шогирдонашро гирифта, ба соҳили баҳри Ҷалил меравад. Одамони зиёд аз ҳар ҷо — Ҷалил, шаҳрҳои соҳилии Сӯру Сидӯн, аз тарафи шарқии дарёи Урдун, Ерусалим ва Адӯмия пеши ӯ меоянд. Ӯ бисёриҳоро шифо медиҳад. Одамоне, ки гирифтори бемориҳои вазнинанд, ӯро аз ҳар тараф фишор медиҳанд. Онҳо интизор намешаванд, ки кай Исо ба онҳо даст мерасонад ва худашон ба ӯ даст мерасонанд (Марқӯс 3:9, 10).

Одамони зиёде дар гирдаш ҷамъ меоянд, барои ҳамин Исо ба шогирдонаш мегӯяд, ки қаиқеро тайёр карда монанд, то ӯ аз соҳил каме дуртар равад ва мардум ӯро фишор надиҳад. Ҳамчунин ӯ метавонад аз қаиқ истода баҳузур таълим диҳад ё лаб-лаби соҳил шино карда ба одамони бештар кӯмак кунад.

Яке аз шогирдони Исо — Матто мегӯяд, ки бо ин кораш Исо суханони «ба воситаи Ишаъё-пайғамбар пешгӯйишуда»-ро иҷро мекунад (Матто 12:17).

Дар он ҷо навишта шудааст: «Инак, хизматгори интихобкардаи Ман! Ман ӯро дӯст медорам ва аз ӯ розиям. Рӯҳи Худро ба ӯ хоҳам дод ва ӯ чӣ будани адолати ҳақиқиро ба халқҳо аён хоҳад сохт. Ӯ баҳсу мунозира ва доду фарёд нахоҳад кард ва касе дар кӯчаҳои калон овози ӯро нахоҳад шунид. Ӯ қамиши нимшикастаро нахоҳад шикаст ва чароғи хомӯшшудаистодаро хомӯш нахоҳад кард, то даме ки адолатро барқарор намояд. Ва халқҳо ба номи ӯ умед хоҳанд баст» (Матто 12:18–21; Ишаъё 42:1–4).

Бешубҳа, Исо ҳамон хизматгорест, ки Худо ӯро дӯст медорад ва аз ӯ розӣ аст. Исо чӣ будани адолати ҳақиқиро ошкор месозад, ҳамон адолатеро, ки урфу одатҳои дини дурӯғ онро аз мардум пинҳон мекунанд. Фарисиён адлу инсофро зери по карда Шариати Худоро ба таври худ маънидод мекунанд ва дар рӯзи шанбе ҳатто ба беморон дасти ёрӣ дароз намекунанд. Исо бошад, адолати Худоро ба ҳама маълум месозад ва нишон медиҳад, ки рӯҳи Худо бар ӯст. Ҳамин тавр ӯ одамонро аз бори гарони урфу одатҳои беадолатона озод мекунад. Ана барои ҳамин сарварони дин ӯро куштан мехоҳанд. Чӣ рафтори пасту бешармонае!



Суханони «ӯ баҳсу мунозира ва доду фарёд нахоҳад кард ва касе дар кӯчаҳои калон овози ӯро нахоҳад шунид» чӣ маъно доранд? Вақти шифо додани одамон Исо ба онҳо ва ба девҳо мефармояд, ки «дар борааш ба дигарон нақл накунанд» (Марқӯс 3:12). Ӯ мехоҳад, ки одамон худашон биёянду фаҳманд, на аз даҳони касоне, ки



дар кӯчаҳо истода бо овози баланд фарёд мезананд ва на аз овозаҳои дурӯғ, ки аз даҳон ба даҳон мегузаранд.

Исо ба одамоне, ки мисли «қамиши нимшикаста» хамида ва поймол шудаанд, хабари тасаллибахшро мерасонад. Онҳо ба чароғи нимсӯхтае, ки ба хомӯшшавӣ наздик аст, монананд. Исо қамиши нимшикастаро намешиканад ва пилтаи нимсӯхтаро хомӯш намекунад. Баръакс, ӯ бо меҳру муҳаббат одамони ҳалиму хоксорро рӯҳбаланд месозад. Исо маҳз ҳамон касест, ки халқҳо ба ӯ умед баста метавонанд!

◇ Чӣ тавр Исо бе баҳсу мунозира ва доду фарёд адолатро ошкор месозад?
◇ Кӣ ба қамиши нимшикаста ва пилтаи нимсӯхта монанд аст ва чӣ тавр Исо ба онҳо муносибат мекунад?

# ИСО ДУВОЗДАҲ РАСУЛРО ИНТИХОБ МЕКУНАД

МАРҚӮС 3:13–19   ЛУҚО 6:12–16

Аз он вақте, ки Яҳё Исоро ҳамчун «Барраи Худо» ба шогирдонаш шиносонид, тахминан яку ним сол гузашт. Вақте Исо хизмати худро сар кард, якчанд шахсони самимӣ шогирди ӯ шуданд. Баъзеи онҳо чунин ном доштанд: Андриёс, Шимъӯни Петрус, Юҳанно, Филиппус ва Барталмо (ки ҳамчунин Натанъил ном дошт). Яъқуб (бародари Юҳанно) ҳам шояд яке аз аввалин шогирдони Исо буд. Бо гузашти вақт дигарон ҳам пайрави Исо гаштанд (Юҳанно 1:45–47).

Акнун Исо тайёр аст, ки расулони худро интихоб кунад. Расулони Исо ҳамроҳони наздиктарини вай мешаванд ва аз ӯ таълими лозима мегиранд. Лекин пеш аз он ки онҳоро интихоб кунад, Исо ба яке аз кӯҳҳое мебарояд, ки шояд дар наздикии баҳри Ҷалил, назди Кафарнаҳум, ҷойгир аст. Ӯ тамоми шаб дуо гуфта, эҳтимол, аз Худо хирад ва баракат металабад. Рӯзи дигар Исо шогирдонашро ба назди худ даъват менамояд ва аз байни онҳо дувоздаҳ нафарро расул интихоб мекунад.



Исо шаш нафареро, ки номҳояшон дар боло оварда шудаанд, ва ҳамчунин Матторо, ки аз корхонаи андоз даъват карда буд, интихоб менамояд. Панҷ нафари дигаре, ки расули Исо мешаванд, инҳоянд: Яҳудо (ки ӯро ҳамчунин Таддо ва «писари Яъқуб» меномиданд), Шимъӯни Қанно, Тумо, Яъқуб — писари Ҳалфой ва Яҳудои Исқарют (Луқо 6:16; Матто 10:2–4).

Ин дувоздаҳ шогирд аллакай вақти зиёд бо Исо сафар мекунанд ва ӯ онҳоро хуб медонад. Баъзеи онҳо ба Исо хеш мешаванд. Масалан, Яъқуб ва Юҳанно, аз афташ, холабачаҳои Исоянд. Ба ақидаи баъзеҳо, Ҳалфой бародари падарандари Исо — Юсуф мебошад ва, агар ин рост бошад, пас, Яъқуби писари Ҳалфой амакбачаи Исо аст.

Исо, бешубҳа, номҳои шогирдонашро медонад. Лекин чӣ тавр шумо номҳои онҳоро ба хотир гирифта метавонед? Ду шогирди Исо Шимъӯн ном доранд, ду нафарашон Яъқуб ва ду нафарашон — Яҳудо. Бародари Шимъӯн (Петрус) Андриёс ном дорад ва бародари Яъқуб (писари Забдой) — Юҳанно. Ҳамин тавр шумо номи ҳашт расули Исоро ба хотир гирифта метавонед. Чор нафари дигарашон инҳоянд: Матто, ки ҷамъовари андоз буд, Тумо, ки баъдтар шубҳа мекунад, Натанъил, ки ӯро Исо аз зери дарахт даъват кард, ва дӯсти Натанъил — Филиппус.

Ёздаҳ нафари онҳо аз ватани Исо, аз Ҷалиланд. Натанъил аз Қоно аст. Филиппус, Петрус ва Андриёс аслан аз Байт-Сайдо мебошанд. Лекин баъдтар Петрус ва Андриёс ба Кафарнаҳум кӯчида мераванд ва Матто ҳам, аз афташ, дар он ҷо зиндагӣ мекунад. Яъқуб ва Юҳанно низ дар Кафарнаҳум ё наздикии он зиндагӣ мекунанд ва бо моҳигирӣ машғуланд. Аз афташ, танҳо Яҳудои Исқарют, ки баъдтар ба Исо хиёнат мекунад, аз Яҳудия мебошад.

---

◇ Исо тамоми шаб дуо гуфта, чӣ гуна қарори ҷиддӣ мебарорад?
◇ Расулони Исо киҳоянд ва чӣ тавр шумо номҳои онҳоро дар хотир дошта метавонед?



# МАВЪИЗАИ БОЛОИ КӮҲ

МАТТО 5:1–7:29    ЛУҚО 6:17–49



Исо шаби дароз ба Худо дуо гуфт ва баъд аз ин 12 расулашро интихоб кард. Бешак, ӯ хаста шудааст. Бо вуҷуди ин ӯ мехоҳад бо тамоми қувваташ ба одамон ёрдам кунад. Барои ҳамин ӯ ба кӯҳе меравад, ки дар минтақаи Ҷалил, дар наздикии ҷойи асосии хизматаш — Кафарнаҳум, ҷойгир аст.

Одамон аз ҷойҳои дур ба назди Исо меоянд. Баъзеҳо аз ҷануб, аз Ерусалим ва шаҳрҳои Яҳудия, меоянд. Дигарон бошанд — аз Сӯр ва Сидӯн, аз шаҳрҳое, ки дар соҳили баҳр, дар шимолу ғарб ҷойгиранд. Онҳо барои чӣ назди Исо меоянд? «То ӯро шунаванд ва аз бемориҳои худ шифо ёбанд». Танҳо тасаввур кунед: *ҳеҷ як* беморе нест, ки Исо ӯро шифо надиҳад. Исо ҳамчунин онҳоеро, ки «аз рӯҳҳои нопок азоб мекашиданд», яъне касонеро, ки дар банди девҳои Шайтонанд, шифо мебахшад (Луқо 6:17–19).

Баъди ин Исо ҷойи ҳамвореро ёфта, мешинад ва дар гирди ӯ мардуми бисёре ҷамъ мешавад. Аз афташ, шогирдони Исо, аз он ҷумла 12 расулаш, ба ӯ наздиктар мешинанд. Одамон аз мӯъҷизаҳои Исо ба ҳайрат омадаанд. Акнун онҳо бо шавқ интизори онанд, ки ӯ чӣ мегӯяд. Исо насиҳатҳои бисёре медиҳад, ки то имрӯз ба бисёр одамон фоида овардаанд. Мо низ метавонем аз мавъизаи ӯ баҳра барем, чунки ӯ мавзӯъҳои муҳими ҳаёт ва ҳақиқати Худоро ба таври сода фаҳмондааст. Исо дар бораи чизҳои одӣ ва ба одамон шинос гап мезанад. Ҳамин тавр ҳар як нафар ба осонӣ мефаҳмад, ки чӣ тавр ӯ бояд хости Худоро иҷро кунад ва ҳаёти худро беҳтар созад. Фикрҳои асосии Мавъизаи болои кӯҳ кадоманд? Биёед мебинем.

## КӢ ДАР ҲАҚИҚАТ ХУШБАХТ АСТ?

Ҳама мехоҳад хушбахт бошад. Исо инро медонад ва барои ҳамин гапро аз он сар мекунад, ки киро хушбахт номидан мумкин аст. Шунавандагонаш бо тамоми диққат ба суханони ӯ гӯш медиҳанд. Лекин баъзе гапҳои Исо одамонро ба ҳайрат меоранд.

Ӯ мегӯяд: «Хушбахтанд онҳое, ки мӯҳтоҷи Худо буданашонро медонанд, зеро Подшоҳии осмон аз они онҳост. Хушбахтанд мотамзадагон, зеро онҳо тасаллӣ меёбанд... Хушбахтанд ташнагони адолат, зеро хоҳиши онҳо қонеъ мегардад... Хушбахтанд онҳое, ки аз сабаби дуруст рафтор карданашон таъқиб карда мешаванд, зеро Подшоҳии осмон аз они онҳост. Хушбахтед шумо, вақте ба хотири ман одамон шуморо паст мезананд, таъқиб мекунанд... Шоду хурсанд бошед» (Матто 5:3–12).

Лекин хушбахтӣ чист? Хушбахтии ҳақиқӣ фақат шоду хуррам буданро дар бар намегирад. Он чизи бештарест. Шахси хушбахт оромии дарунӣ дорад ва аз ҳаёти худ розиву қаноатманд аст.

Исо мегӯяд, ки касоне, ки мӯҳтоҷи Худо буданашонро мефаҳманд, касоне, ки аз гунаҳгор буданашон ғамгинанд, ва касоне, ки ба Худо наздик мешаванду ба Ӯ хизмат мекунанд, дар ҳақиқат хушбахтанд. Агар онҳоро ба хотири иҷрои хости Худо бад бинанду таъқиб кунанд, пас, онҳо хушбахтанд. Барои чӣ? Чунки онҳо медонанд, ки Худо аз рафторашон розист ва ба онҳо ҳаёти ҷовидонӣ мебахшад.

Лекин бисёр одамон фикр мекунанд, ки бою бадавлат будан ва аз хушиҳои ҳаёт баҳра бурдан ба кас хушбахтӣ меорад. Исо тарзи фикри шунавандагонашро ислоҳ карда мегӯяд: «Вой бар ҳоли шумо, эй онҳое, ки сарватманд ҳастед, зеро таселлои худро ба пуррагӣ ёфтаед. Вой бар ҳоли шумо, эй онҳое, ки ҳоло сер ҳастед, зеро гурусна хоҳед монд. Вой бар ҳоли шумо, эй онҳое, ки

◇ Исо мавъизаи худро дар куҷо мегӯяд ва кӣ онро мешунавад?

◇ Барои чӣ ин мавъизаи Исо пурарзиш аст?

◇ Кӣ дар ҳақиқат хушбахт аст ва чаро?

ҳоло механдед, зеро мотам гирифта, гиря хоҳед кард. Вой бар ҳоли шумо, вақте ки одамон шуморо таърифу тавсиф мекунанд, зеро падарони онҳо низ нисбати пайғамбарони бардурӯғ чунин мекарданд» (Луқо 6:24–26).

Магар бой будан, аз таҳти дил хандидан ва аз одамон таъриф шунидан ягон бадӣ дорад? Не, лекин вақте ин чизҳо барои кас аз ҳад азизанд, ӯ дар бораи хизмати Худо фаромӯш мекунад ва хушбахтии ҳақиқиро аз даст дода метавонад. Исо ҳамчунин дар назар надорад, ки камбағал ё гурусна будан касро хушбахт месозад. Лекин ода-



тан маҳз чунин одамон ба суханони Исо гӯш медиҳанд ва хушбахтии ҳақиқиро соҳиб мешаванд.

Акнун Исо ба шогирдони худ муроҷиат карда мегӯяд: «Шумо намаки ҷаҳон ҳастед» (Матто 5:13). Албатта, онҳо ба маънои аслӣ намак нестанд. Исо ин ҷо ба як хосияти хуби он ишора мекунад: намак хӯрокаро аз вайроншавӣ нигоҳ медорад. Одатан дар назди қурбонгоҳи маъбади Худо барои намак задани қурбониҳо намаки бисёре нигоҳ дошта мешавад. Ҳамчунин намак рамзи пок будан аз пӯсиш ва вайроншавӣ мебошад (Ибодат 2:13; Ҳизқиёл 43:23, 24). Шогирдони Исо ба он маъно «намаки ҷаҳон» ҳастанд, ки онҳо ба дигарон таъсири хуб мерасонанд, то ҳам ахлоқ ва ҳам муносибаташон бо Худо вайрон нашавад. Хабаре, ки онҳо ба одамон мерасонанд, ҳаёташонро наҷот медиҳад.

Исо ба шогирдонаш мегӯяд: «Шумо нури ҷаҳон ҳастед». Одамон чароғро зери сабад неву дар чароғпоя мемонанд, то ки тамоми хонаро равшан кунад. Барои ҳамин Исо ба шогирдонаш мегӯяд: «Бигзор нури шумо дар пеши мардум дурахшад, то онҳо корҳои некатонро дида Падари шуморо, ки дар осмон аст, ҷалол диҳанд» (Матто 5:14–16).



## ШОГИРДОНИ ИСО БОЯД ЧӢ ТАВР РАФТОР КУНАНД?

Каме пеш сарварони дини яҳудӣ Исоро куштан мехостанд. Онҳо фикр мекунанд, ки ӯ Шариати Худоро вайрон мекунад. Барои ҳамин Исо мегӯяд: «Фикр накунед, ки ман барои бекор кардани Таврот ва Навиштаҳои пайғамбарон омадаам. Ман на барои бекор кардан, балки барои иҷро намудани онҳо омадаам» (Матто 5:17).

Исо Шариати Худоро қадр мекунад ва дигаронро ҳам ташвиқ мекунад, ки онро қадр намоянд. Барои ҳамин ӯ чунин мегӯяд: «Ҳар кӣ яке аз амрҳои хурдтарини Шариатро вайрон карда, ба дига-



рон ҳам инро таълим диҳад, ба Подшоҳии осмон даромада наметавонад. Лекин ҳар кӣ ин амрҳоро иҷро кунад ва онҳоро ба дигарон таълим диҳад, метавонад ба Подшоҳии осмон дохил шавад» (Матто 5:19).

Исо на фақат рафтори нопок, балки тарзи фикри нодурустро, ки оқибати он гуноҳ ва вайрон намудани Шариат аст, маҳкум мекунад. Ӯ ин ҳукми Шариатро ба одамон хотиррасон мекунад: «Ба одамкушӣ даст назан». Баъд ӯ илова мекунад: «Касе, ки нисбати бародараш хашмгин шавад у ин ҳиссиётро дар дилаш гирифта гардад, дар назди додгоҳ ҷавоб медиҳад» (Матто 5:21, 22). Агар шахс нисбати касе хашмгин шавад ва ин ҳиссиётро дар дил нигоҳ доштан гирад, ӯ ба одамкушӣ даст зада метавонад. Барои ҳамин Исо қайд мекунад, ки оштӣ шудан хеле муҳим аст: «Пас, агар вақти назди қурбонгоҳ овардани ҳадияи худ ба хотират ояд, ки бародарат аз ту хафа аст, ҳадияи худро он ҷо мону аввал рафта, бо бародарат оштӣ шав ва баъд баргашта, ҳадияатро пешкаш намо» (Матто 5:23, 24).

Қонуни дигари Шариати Худо хиёнати ҳамсарирo манъ мекунад. Исо дар ин бора мегӯяд: «Шумо шунидаед, ки гуфта шудааст: “Ба ҳамсарат хиёнат накун”. Аммо ман ба шумо мегӯям: ҳар кӣ ба зане бо чашми шаҳватомез нигоҳ карданро давом диҳад, аллакай дар дили худ бо вай зино кардааст» (Матто 5:27, 28). Аҳамият диҳед, ки Исо «нигоҳ кунад» неву «нигоҳ карданро давом диҳад» мегӯяд. Пас, ӯ дар бораи фикри зудгузар гап намезанад. Ин ҷо гап дар бораи фикру хаёли дуру-дароз меравад. Агар шахс дурудароз бо чашми шаҳватомез ба касе нигоҳ кунад, дар дилаш хоҳиши гунаҳкорона аланга мезанад. Ҳамин ки имконият пайдо шавад, ӯ метавонад зино кунад. Инро чӣ тавр пешгирӣ кардан мумкин аст? Дарҳол ва бо қатъият амал кардан даркор аст. Исо мегӯяд: «Агар чашми ростат сабаби гуноҳ кардани ту шавад, онро канда парто... агар дасти ростат сабаби гуноҳ кардани ту шавад, онро бурида парто» (Матто 5:29, 30).



Баъзан одамон барои наҷот додани ҷони худ, аз баҳри даст ё пое, ки гирифтори бемории ҷиддӣ аст, мегузаранд. Барои ҳамин Исо мегӯяд, ки *ҳар чизеро*, ки метавонад дар мо фикри шаҳвониро бедор кунад ва моро ба гуноҳ тела диҳад, аз он ҷумла чизҳои бароямон азизро, ба мисли чашм ё даст, канда партоем. Исо мегӯяд: «Беҳтар аст, ки аз як узват маҳрум шавӣ, назар ба он ки тамоми баданат ба водии Ҳиннӯм партофта шавад». Водии Ҳиннӯм водиест берун аз деворҳои Ерусалим, ки дар он ҳар гуна партов сӯзонда мешуд. Исо онро ҳамчун рамзи нестшавии абадӣ истифода бурдааст.

Исо ҳамчунин мегӯяд, ки вақте касе моро меранҷонад ё озор медиҳад, чӣ кор кунем: «Ба шахси бад муқобилат накун, балки, агар касе ба як тарафи рӯят торсакӣ занад, тарафи дигари рӯятро низ ба ӯ гардон» (Матто 5:39). Исо дар назар надорад, ки вақте касе ба мо ё оилаамон ҳамла мекунад, мо набояд худро ҳимоя кунем. Вақте шахс торсакӣ ё шапалоқ мезанад, мақсадаш захмдор кардан ё куштани касе нест, балки паст задан



◇ «Вой бар ҳоли» кӣ ва барои чӣ?

◇ Ба кадом маъно шогирдони Исо «намаки ҷаҳон» ва «нури ҷаҳон» ҳастанд?

◇ Барои чӣ гуфтан мумкин аст, ки Исо Шариати Худоро қадр мекунад?

◇ Кадом суханони Исо кӯмак мекунанд, ки одамкушӣ ва зиноро пешгирӣ кунем?



аст. Барои ҳамин, агар ягон кас бо суханони нешдор ё торсакӣ хоҳад моро ба ҷанг ё баҳс тела диҳад, мо набояд бо бадӣ ҷавоб диҳем.

Ин маслиҳат мувофиқи қонуни Худост, ки мегӯяд, ки шахс бояд ёри худро дӯст дорад. Исо ба шунавандагони худ чунин маслиҳат медиҳад: «Душманони худро дӯст доред ва дар ҳаққи таъқибкунандагони худ дуо гӯед». Баъд ӯ мефаҳмонад, ки барои чӣ ин муҳим аст: «То шумо писарони Падари осмонии худ гардед, зеро Ӯ офтобро ҳам ба бадон ва ҳам ба некон тулӯъ мекунонад» (Матто 5:44, 45).

Исо ин маслиҳатҳояшро чунин хулоса мекунад: «Комил бошед, чуноне ки Падари осмонии шумо комил аст» (Матто 5:48). Албатта, ҳеҷ яке аз мо комил буда наметавонем ва Исо инро медонист. Лекин, вақте мо аз Худо ибрат мегирем, ба он дараҷа расида метавонем, ки ҳатто душманони худро дӯст дорем. Ин суханони Исо дар ояти дигаре ин тавр оварда шудаанд: «Раҳмдил бошед, чуноне ки Падари шумо раҳмдил аст» (Луқо 6:36).

## ДУО ВА ТАКЯ БА ХУДО

Исо суханашро давом дода мегӯяд: «Эҳтиёт шавед, то барои ҷалб кардани диққати одамон росткориатонро дар пеши онҳо нишон надиҳед». Исо ба шунавандагон маслиҳат медиҳад, ки корҳои некашонро намоиш надиҳанд: «Вақте ки садақа медиҳӣ, пешопеши худ карнай нанавоз, мисли он ки дурӯягон... мекунанд» (Матто 6:1, 2).

Исо боз мегӯяд: «Вақте ки дуо мегӯед, мисли дурӯягон рафтор накунед, зеро ба онҳо маъқул аст, ки дар ибодатгоҳҳо ва дар сари чорраҳаҳои калон истода дуо гӯянд, то одамон онҳоро бинанд». Пас, чӣ тавр бояд дуо гуфт? Исо мегӯяд: «Вақте дуо мегӯӣ, ба хонаи худ даромада, дарро маҳкам кун ва ба Падари худ, ки нонамоён аст, дуо гӯй» (Матто 6:5, 6). Исо дар назар надорад, ки дар пеши мардум дуо гуфтан мумкин нест, чунки худаш борҳо чунин кардааст. Ӯ мегӯяд, ки шахс набояд барои он дуо гӯяд, ки дигарон ба ӯ таҳсину офарин хонанд.



Исо ба мардум мегӯяд: «Вақте дуо мегӯед, мисли халқҳои дигар гаштаву баргашта як чизро такрор накунед» (Матто 6:7). Исо дар назар надорад, ки як чизро аз Худо якчанд бор пурсидан мумкин нест. Ӯ гуфтанист, ки мо набояд як чизро қориазёд карда, «гаштаву баргашта» онро такрор кунем. Баъд ӯ ба мардум дуоеро таълим медиҳад, ки аз ҳафт дархост иборат аст. Се дархости аввал бо ҳуқуқи Ҳокими Олам будани Худо ва нияти Ӯ алоқаманд аст. Яъне аввал дар бораи муқаддас гаштани номи Худо, омадани Подшоҳии Ӯ ва иҷро шудани хости Ӯ дуо гуфтан лозим аст. Танҳо баъди ёдовар шудани чунин чизҳо шахс метавонад дар бораи ниёзҳои худ, ба мисли ризқу рӯзӣ, бахшиши гуноҳҳо, берун аз қувват озмуда нашудан ва халосӣ аз Шайтон, дуо гӯяд.

Чизу чора бояд то чӣ андоза бароямон муҳим бошад? Исо ба мардум мегӯяд: «Барои худ дар

---

◇ Исо «тарафи дигари рӯятро... гардон» гуфта, чиро дар назар дошт?

◇ Чӣ тавр мо мисли Худо комил буда метавонем?

◇ Исо дар бораи дуогӯӣ чӣ гуфт?



**ТАКРОР** Вақт аз вақт Исо фикрҳои асосиро такрор мекард. Масалан, дар Мавъизаи болои кӯҳ ӯ ба шунавандагон дуо гуфтан ва ба пулу мол дуруст муносибат карданро ёд дод (Матто 6:9–13, 25–34).

Тақрибан баъди яку ним сол Исо ҳамин чизҳоро такрор кард (Луқо 11:1–4; 12:22–31). Аз ин такрор касоне, ки ин маслиҳатҳоро нашунида буданд, баҳра гирифтанд. Ҳамчунин ин ба шогирдони Исо ёрдам кард, ки фикрҳои муҳим дар хотирашон нақш бандад.



замин боигарӣ ҷамъ накунед, ки дар ин ҷо онҳоро куя ва занг мезанад ва дуздон даромада, медузданд». Ин суханон ҳаққанду рост! Моли дунё гузарон аст ва он дар назари Худо қадре надорад. Барои ҳамин Исо илова мекунад: «Дар осмон боигарӣ ҷамъ кунед». Боигарӣ доимӣ нест, марҳамати Худо бошад, абадист. Барои ҳамин мо бояд хизмати Худоро дар ҷойи аввали ҳаётамон монем. Агар ин тавр кунем, моро аз марҳамати Худо ҳеҷ кас маҳрум карда наметавонад. Ғайр аз ин, мо соҳиби ҳаёти ҷовидона мешавем. Исо мегӯяд: «Боигарии шумо дар куҷое бошад, дилатон низ дар ҳамон ҷо хоҳад буд» (Матто 6:19–21).



Ин фикрро қайд карда Исо мисоле меорад: «Чароғи бадан чашм аст. Пас, агар чашмат танҳо ба як чиз равона шуда бошад, тамоми баданат равшан хоҳад буд. Лекин, агар чашми ту ҳасадхӯр бошад, он гоҳ тамоми баданат торик хоҳад буд» (Матто 6:22, 23). Маънои ин суханон чунин аст: агар хоҳем, ки баданамон «равшан» бошад, бояд чашмамон, яъне диққатамонро, ба чизи асосӣ равона кунем. Ин чизи асосӣ чист? Хизмат ба Худо. Аммо, вақте шахс диққати худро ба хизмати Худо нею ба пулу мол равона мекунад, тамоми баданаш «торик хоҳад буд» ва ӯ ба корҳои баду нодуруст даст зада метавонад.

Баъд Исо мисоли дигаре меорад: «Ҳеҷ кас ғуломи ду хӯҷаин буда наметавонад, чунки ё аз яке нафрат карда, дигареро дӯст медорад, ё якеро эҳтиром карда, дигареро хор медорад. Шумо наметавонед ҳам ғуломи Худо ва ҳам ғуломи боигарӣ бошед» (Матто 6:24).

Шояд, баъзе аз мардум дар бораи он ғам мехӯранд, ки чӣ тавр худро таъмин кунанд. Барои ҳамин Исо ба онҳо мегӯяд, ки агар хизмати Худоро дар ҷойи аввал монанд, ба онҳо дар ин бора ғаму ташвиш хӯрдан лозим намеояд. Ӯ мегӯяд: «Ба паррандагони осмон бодиққат назар кунед — онҳо на мекоранд, на медараванд ва на дар анборҳо захира мекунанд, бо вуҷуди ин Падари осмонии шумо ризқу рӯзиашонро мерасонад» (Матто 6:26).

Дар бораи савсанҳои саҳро, ки одамон дар гирду атрофи худ мебинанд, чӣ гуфтан мумкин аст? Исо мегӯяд: «Ҳатто Сулаймон дар тамоми ҷалоли худ мисли яке аз онҳо либос напӯшида буд». Ин чӣ маъно дорад? «Агар Худо алафи саҳроро, ки имрӯз ҳасту пагоҳ ба оташ партофта мешавад, ин тавр пӯшонад, наход шуморо, эй сустимонҳо, пӯшонида натавонад?» (Матто 6:29, 30). Исо онҳоро ташвиқ мекунад: «Ҳеҷ гоҳ ташвиш кашида нагӯед, ки "чӣ хӯрем?" ё "чӣ нӯшем?" ё "чӣ пӯшем?"... Падари осмониатон ба ҳамаи ин чизҳо мӯҳтоҷ будани шуморо медонад. Пас, ҳама вақт аввал Подшоҳии Худоро ҷӯед ва он чиро, ки дар назари Худо дуруст аст, ба ҷо оред, он гоҳ ҳамаи ин чизҳо ба шумо ба таври илова дода хоҳад шуд» (Матто 6:31–33).

## ЧӢ ТАВР СОҲИБИ ҲАЁТ ШАВЕМ?

Расулон ва дигар одамони самимӣ мехоҳанд тавре зиндагӣ кунанд, ки Худо аз онҳо розӣ бошад. Лекин дар вазъияти онҳо ин кор осон нест, чунки аксарият ин тавр намекунанд. Масалан, бисёри фарисиён танқидчиянд ва доимо айбҷӯйӣ мекунанд. Барои ҳамин Исо ба мардум насиҳат медиҳад: «Дигар ҳукм накунед, то ҳукм карда нашавед, зеро, чи тавре ки шумо ҳукм мекунед, ҳамон тавр ҳукм карда хоҳед шуд» (Матто 7:1, 2).

Ба фарисиёни танқидчӣ пайравӣ кардан хатарнок аст. Инро суханони зерини Исо исбот мекунанд: «Оё кӯре ба кӯри дигар роҳ нишон дода метавонад? Магар ҳар ду ба чоҳ намеафтанд?» Пас, шунавандагони Исо нисбати дигарон бояд чӣ гуна муносибат кунанд? Онҳо набояд айбҷӯй бошанд, чунки айбҷӯйӣ гуноҳ аст. Ӯ мегӯяд: «Чӣ тавр ба бародари худ мегӯӣ: "Иҷозат деҳ хасеро, ки дар чашми туст, гирам", модоме ки чӯби дар чашми худат бударо намебинӣ? Эй дурӯя! Аввал чӯби чашми худатро гир ва он вақт нағзтар мебинӣ, ки чӣ тавр хасеро, ки дар чашми бародарат аст, гирӣ» (Луқо 6:39–42).

Лекин ин маънои онро надорад, ки шогирдони Исо бояд тамоман ба дуруст ё нодуруст будани рафтори дигарон аҳамият надиҳанд. Исо ба онҳо мегӯяд: «Чизи муқаддасро ба сагон надиҳед ва марвориди худро пеши хукон напартоед» (Матто 7:6). Ҳақиқатҳои Каломи Худо мисли марворидҳо бебаҳоянд. Агар рафтори ягон кас нишон диҳад, ки ӯ ин ганҷҳоро қадр намекунад, шогирдони Исо бояд аз пеши ӯ раванд ва одамони миннатдорро ҷустуҷӯ кунанд.

Баъд Исо боз ба мавзӯи дуо бармегардад ва аҳамияти исроркориро қайд мекунад: «Талаб кунед ва ба шумо дода хоҳад шуд». Худо доимо тайёр аст, ки ба дуоҳои мо ҷавоб диҳад, чи тавре ки суханони зерини Исо нишон медиҳанд: «Агар



писаратон аз шумо нон пурсад, кадоме аз шумо ба ӯ санг медиҳед?.. Агар шумо, бо вуҷуди он ки бадкор ҳастед, ба фарзандонатон додани чизҳои хубро донед, пас, то чӣ андоза бештар Падари осмонии шумо ба онҳое, ки аз Ӯ мепурсанд, чизҳои хубро ато хоҳад кард!» (Матто 7:7–11).

Пас аз ин Исо суханонеро мегӯяд, ки имрӯз машҳур ва паҳн шудаанд: «Чи тавре мехоҳед дигарон бо шумо рафтор кунанд, шумо ҳам бо онҳо ҳамон тавр рафтор кунед». Оё набояд ҳар яки мо низ аз таҳти дил кӯшиш карда ҳар рӯз мувофиқи ин насиҳати Исо рафтор кунем? Лекин ин кор осон нест, чи тавре ки суханони зерини Исо нишон медиҳанд: «Аз дарвозаи танг дароед, чунки кушод аст он дарвоза ва васеъ аст он роҳе, ки



ба нобудшавӣ мебарад ва бисёриҳо бо он раво-наанд. Лекин танг аст он дарвоза ва борик аст он роҳе, ки сӯйи ҳаёт мебарад ва шумораи ками одамон онро меёбанд» (Матто 7:12–14).



Баъзеҳо мехоҳанд шогирдонро аз роҳе, ки сӯйи ҳаёт мебарад, дур созанд, барои ҳамин Исо онҳоро огоҳ мекунад: «Аз пайғамбарони бардурӯғ эҳтиёт шавед, ки ба намуди гӯсфанд назди шумо меоянду дар асл гургони дарранда-анд» (Матто 7:15). Баъд Исо қайд мекунад, ки хуб ё бад будани дарахт аз меваи он маълум аст. Дар бораи одамон низ ҳамин хел гуфтан мумкин аст. Пас, пайғамбарони бардурӯғро аз рӯйи таълимот ва рафторашон шинохта метавонем. Исо мефаҳмонад, ки на танҳо *суханони* шахс нишон медиҳанд, ки ӯ шогирди Исо аст, балки *рафтораш* низ. Баъзеҳо мегӯянд, ки Исо Ҳазрати онҳост, лекин хости Худоро ба ҷо намеоранд. Исо дар бораи чунин одамон мегӯяд: «Ман ба онҳо мегӯям: “Ман шуморо ҳеҷ вақт намешинохтам! Аз ман дур шавед, эй бадкорон!”» (Матто 7:23).

Дар охири мавъизаи худ Исо мегӯяд: «Ҳар касе, ки ин суханони маро мешунаваду иҷро мекунад, ба шахси бохираде монанд карда мешавад, ки хонаи худро бар кӯҳпора сохтааст. Вақте ки борони сел борида обхезӣ шуд ва шамоли сахте вазид, хонаи ӯ вайрон нагашт, зеро таҳкурсиаш бар кӯҳпора сохта шуда буд» (Матто 7:24, 25). Барои чӣ хона вайрон нашуд? Барои он ки он шахс «заминро чуқур кандааст ва таҳкурсии онро бар кӯҳпора гузоштааст» (Луқо 6:48). Пас, фақат шунидани суханони Исо кам аст. Мо бояд кӯшишу ғайрат кунем, то гуфтаҳои ӯро ба ҷо орем.

Лекин дар бораи касе, ки суханони Исоро «мешунаваду иҷро намекунад», чӣ гуфтан мумкин аст? Ӯ «ба шахси беақле монанд карда мешавад, ки хонаашро бар қум сохтааст» (Матто 7:26). Вақте борон меборад, сел меояд ва шамоли сахт мевазад, чунин хона вайрон мешавад.

Мардум аз таълими Исо ба ҳайрат меояд. Ӯ на мисли сарварони дин, балки чун шахси соҳибқудрат таълим медиҳад. Бисёре аз онҳое, ки Исоро гӯш карданд, эҳтимол, шогирди ӯ шуданд.

---

- Барои чӣ дар осмон боигарӣ ҷамъ кардан муҳим аст ва чӣ тавр мо ин корро карда метавонем?
- Барои чӣ пайравони Исо набояд ғаму ташвиш хӯранд?
- Исо дар бораи ҳукм кардани дигарон чӣ гуфт, лекин ҳамзамон мо бояд чӣ кор кунем?
- Исо бори дуюм дар бораи дуо чӣ гуфт ва кадом маслиҳати ӯ имрӯз машҳур ва паҳн шудааст?
- Чӣ тавр Исо нишон дод, ки шогирди ӯ будан осон нест, ва, агар шахс аз роҳи ҳаёт дур шавад, оқибат чӣ рӯй медиҳад?

# МИРИСАД ИМОНИ ҚАВӢ НИШОН МЕДИҲАД

МАТТО 8:5–13   ЛУҚО 7:1–10



Исо Мавъизаи болои кӯҳро тамом карда, ба Кафарнаҳум равона мешавад. Дар он ҷо ба наздаш якчанд нафар пирони яҳудӣ меоянд. Онҳоро марди ғайрияҳудие назди Исо фиристодааст. Ӯ мирисад, яъне яке аз сардорони лашкари Рум, мебошад.

Хизматгори дӯстдоштаи ин мард сахт касал аст ва дар дами марг мебошад. Ҳарчанд мирисад яҳудӣ нест, ӯ аз Исо ёрдам мепурсад. Пирони яҳудӣ ба Исо мегӯянд, ки хизматгори он мард «фалаҷ шуда дар хона хоб аст ва дарди ҷонкоҳе ӯро азоб медиҳад» (Матто 8:6). Онҳо ҳамчунин ба ёрдами Исо сазовор будани ӯро қайд карда мегӯянд: «Ӯ халқи моро дӯст медорад ва бароямон ибодатгоҳ сохтааст» (Луқо 7:4, 5).

Исо ҳамроҳи он яҳудиён ба хонаи мирисад меравад. Вақте онҳо ба хона наздик мешаванд, мирисад дӯстонашро мефиристад, то аз номи ӯ гӯянд: «Тақсир, худатро ташвиш надеҳ, зеро ман сазовори он нестам, ки ту ба хонаам дароӣ. Ва барои ҳамин худам ба наздат наомадам» (Луқо 7:6, 7). Аҷоиб, ки шахсе, ки одатан ба дигарон фармон медиҳад, бо ин қадар хоксориву фурӯтанӣ бо Исо гап мезанад! Ин нишон медиҳад, ки мирисад аз румиён, ки нисбати ғуломони худ бераҳманд, сахт фарқ мекунад (Матто 8:9).

Мирисад, бешубҳа, медонад, ки яҳудиён бо ғайрияҳудиён ҳеҷ сарукор надоранд (Аъмол 10:28). Шояд, барои ҳамин вай худаш нарафта ба воситаи дӯстонаш илтимос мекунад: «Сухане бигӯ, то хизматгорам шифо ёбад» (Луқо 7:7).

Инро шунида Исо ба ҳайрат меояд ва мегӯяд: «Ба шумо мегӯям, ки ҳатто дар Исроил чунин имони бузургро надида будам» (Луқо 7:9). Вақте дӯстони мирисад ба хонаи ӯ меоянд, мебинанд, ки ғуломи бемор ҳоло сиҳату саломат аст.

Баъди шифо додани ғуломи мирисад Исо аз фурсат истифода бурда нишон медиҳад, ки ғайрияҳудиёне, ки имон меоранд, соҳиби баракатҳо мешаванд: «Бисёриҳо аз шарқу ғарб омада, дар Подшоҳии осмон бо Иброҳим, Исҳоқ ва Яъқуб дар сари миз хоҳанд нишаст». Лекин бо яҳудиёне, ки имон намеоранд, чӣ мешавад? Исо мегӯяд, ки онҳо «ба берун, ба торикӣ, партофта хоҳанд шуд ва... дар он ҷо гиря мекунанду дандонҳояшонро ғиҷиррос мезанонанд» (Матто 8:11, 12).



Худо аввал ба яҳудиён имконият дод, ки дар Подшоҳии осмон ҳамроҳи Масеҳ ҳукмронӣ кунанд, лекин онҳо инро қабул накарданд. Барои ҳамин Ӯ онҳоро рад кард ва баъд ба ғайрияҳудиён имконият дод, ки дар «Подшоҳии осмон... дар сари миз»-и Масеҳ шинанд.

◇ Барои чӣ яҳудиён илтимос мекунанд, ки Исо ба мирисад ёрдам диҳад?
◇ Аз кадом сабаб мирисад аз Исо хоҳиш мекунад, ки ба хонааш надарояд?
◇ Аз рӯйи гапи Исо, ба ғайрияҳудиён чӣ гуна имконият дода мешавад?

# ИСО ПИСАРИ БЕВАЗАНЕРО ЗИНДА МЕКУНАД

ЛУҚО 7:11–17

Баъд аз шифо додани хизматгори мирисад Исо аз Кафарнаҳум ба Ноин равона мешавад. Ӯ танҳо сафар намекунад, шогирдон ва одамони зиёде ӯро ҳамроҳӣ мекунанд. Ноин зиёда аз 30 километр дуртар аз Кафарнаҳум, дар тарафи ҷанубу ғарбии он ҷойгир аст. Аз афташ, онҳо қарибиҳои бегоҳӣ ба Ноин наздик мешаванд. Дар он ҷо онҳо яҳудиёни зиёдеро мебинанд, ки тобути ҷавонписареро аз шаҳр берун баровարда истодаанд.

Одамон хеле ғамгинанд. Лекин аз ҳама ғамзада бечора модари писар аст. Ӯ бевазан аст. Вақте шавҳараш мурд, ягона шахси наздикаш ҳамин писараш буд. Акнун бошад, ӯ писари ҷигарбандашро ҳам аз даст дод. Ягона умеди бевазан, пушту паноҳ ва нигаҳбонаш писараш буд. Акнун кӣ ҳамдаму ҳамрози ӯ мешавад? Кӣ асои дасташ мегардад?

Вақте Исо ғаму андӯҳи бепоёни занро мебинад, дилаш об мешавад. Ӯ бо овози меҳрубонона ва оромбахш ба он зан мегӯяд: «Гиря накун». Баъд ӯ назди тобут омада, ба он даст мерасонад (Луқо 7:13, 14). Одамон аз рафтори Исо ҳайрон шуда бозмеистанд. «Барои чӣ ӯ ба бевазан ин хел гуфт? Ӯ чӣ кор карданист?» — шояд, фикр кунанд онҳо.

Одамоне, ки ҳамроҳи Исо сафар мекунанд, чӣ фикр мекарда бошанд? Онҳо бо чашмони худ дидаанд, ки чӣ хел Исо бемориҳои зиёдеро шифо дода буд ва корҳои бузурге карда буд. Лекин онҳо, эҳтимол, то ҳол надидаанд, ки Исо мурдаеро зинда карда бошад. Албатта, дар замонҳои қадим пайғамбарони Худо одамонро зинда мекарданд, лекин оё Исо ҳам ин корро карда метавонад? (3 Подшоҳон 17:17–23; 4 Подшоҳон 4:32–37). Исо ба мурда мегӯяд: «Эй ҷавон, ба ту мегӯям: бархез!» (Луқо 7:14). Ҳамон лаҳза писар аз ҷояш бармехезад ва ба гап медарояд! Шодии модар ҳадду канор надорад. Ӯ дигар танҳо нест.

Вақте одамон зинда шудани ин ҷавонписарро мебинанд, Яҳува Худоро, ки Сарчашмаи ҳаёт аст, ҳамду сано мехонанд ва мегӯянд: «Пайғамбари



бузурге дар байни мо ба миён омадааст». Дигарон бошанд, моҳияти мӯъҷизаи Исоро пай бурда чунин хулоса мебароранд: «Худо диққати Худро ба халқаш равона кардааст» (Луқо 7:16). Хабари мӯъҷизаи Исо дар шаҳру маҳалҳои гирду атроф барқвор паҳн мешавад. Овозаи он ҳатто ба Яҳудия рафта мерасад ва, аз афташ, дар ватани Исо, дар Носира ҳам, ки тахминан даҳ километр аз Ноин дуртар аст, паҳн мешавад.

Яҳё-пайғамбар ҳанӯз дар зиндон аст ва меxоҳад дар бораи корҳои аҷоиби Исо бештар донад. Шогирдонаш назди ӯ омада, дар бораи мӯъҷизаҳои Исо нақл мекунанд. Ӯ дар ҷавоб чӣ мегӯяд?



---

- ◇ Вақте Исо ба Ноин мерасад, чиро мебинад?
- ◇ Чизи дидааш ба Исо чӣ тавр таъсир мерасонад ва ӯ чӣ кор мекунад?
- ◇ Мӯъҷизаи Исо ба одамон чӣ таъсире мерасонад?



# САВОЛИ ЯҲЁ БА ИСО

МАТТО 11:2–15   ЛУҚО 7:18–30

Як сол мешавад, ки Яҳё дар зиндон аст. Дар он ҷо ӯ дар бораи корҳои аҷоиби Исо мешунавад. Тасаввур кунед, ки вақте шогирдонаш ба Яҳё нақл мекунанд, ки Исо дар Ноин писари бевазанеро зинда кард, чӣ ҳиссиёте ӯро фаро мегирад. Лекин Яҳё мехоҳад аз даҳони худи Исо шунавад, ки ӯ Масеҳ аст. Барои ҳамин ӯ ду шогирдашро ба назди Исо мефиристад, то аз ӯ пурсанд: «Оё ту ҳамоне ҳастӣ, ки бояд биёяд, ё каси дигареро мунтазир шавем?» (Луқо 7:19).

Барои чӣ Яҳё чунин савол медиҳад? Оё ӯ аз Исо шубҳа дорад? Тахминан ду сол пеш, вақте Яҳё Исоро таъмид дод, ӯ бо чашмони худ дид, ки рӯҳи Худо бар Исо мефарояд, ва бо гӯшҳои худ шаҳодати Худоро шунид. Ҳоло низ имони Яҳё суст нашудааст. Агар ин хел мебуд, баъдтар Исо ин марди худотарсро таъриф намекард. Пас, барои чӣ Яҳё ба Исо чунин савол дод?

Шояд, Яҳё мехоҳад аз худи Исо шунавад, ки ӯ Масеҳ аст. Ин ба Яҳё, ки аз занҷиру завлонаҳои зиндон хаста шудааст, қувват хоҳад бахшид. Аз афташ, чунин савол додани Яҳё сабаби дигар ҳам дорад. Шояд, ӯ ин хел фикр мекунад: «Дар Навиштаҳои Муқаддас пешгӯйӣ шудааст, ки Масеҳ подшоҳ ва халосгар мешавад. Ман бошам, моҳҳои зиёд аст, ки дар зиндонам. Оё баъди Исо боз каси дигаре меояду ҳамаи ин пешгӯйиҳоро иҷро мекунад?»

Исо ба шогирдони Яҳё рӯирост чунин намегӯяд: «Ҳа, ман ҳамонам, ки бояд биёяд». Ба ҷойи ин ӯ одамони зиёдеро аз касалиҳои гуногун шифо дода нишон медиҳад, ки ӯро Худо фиристодааст. Баъд Исо мегӯяд: «Биравед ва он чиро, ки мебинеду мешунавед, ба Яҳё хабар диҳед: кӯрон мебинанд, лангон роҳ мегарданд, махавиён пок мешаванд, карон мешунаванд, мурдагон зинда мешаванд ва ба камбағалон хушхабар эълон мегардад» (Матто 11:4, 5).

Аз саволи Яҳё хулоса баровардан мумкин аст, ки ӯ интизори чизи бештар аст — ӯ интизори он аст, ки Исо мӯъҷизаҳои аз ин ҳам бузургтар ба амал меорад ва ӯро аз зиндон озод мекунад. Лекин Исо ба Яҳё мегӯяд, ки аз корҳое, ки ӯ ҳозир карда истодааст, чизи бештареро интизор нашавад.

Вақте шогирдони Яҳё мераванд, Исо ба мардум мегӯяд, ки Яҳё пайғамбари одие нест. Ӯ ҳамон «қосид», яъне хабаррасонест, ки дар борааш дар Малокӣ 3:1, ва ҳамон Илёсест, ки дар бораaш дар Малокӣ 4:5, 6, пешгӯйӣ шудааст. Исо мефаҳмонад: «Ба ростӣ ба шумо мегӯям, ки дар байни онҳое, ки аз зан таваллуд шудаанд, шахси аз Яҳёи Таъмиддиҳанда бузургтаре ба миён наомадааст, лекин шахсе, ки дар Подшоҳии осмон хурдтарин мебошад, аз вай бузургтар аст» (Матто 11:11).

«Шахсе, ки дар Подшоҳии осмон хурдтарин мебошад, аз вай [Яҳё] бузургтар аст» гуфта, Исо нишон медиҳад, ки Яҳё ба Подшоҳии осмон намедарояд. Яҳё барои Исо роҳ тайёр кард, лекин Исо танҳо баъд аз марги Яҳё ба осмон роҳ кушод (Ибриён 10:19, 20). Ин пайғамбари содиқ зери ҳукмронии Подшоҳии Худо дар рӯйи замин зиндагӣ хоҳад кард.



# 38



◊ Барои чӣ Яҳё аз Исо мепурсад, ки оё ӯ ҳамон касест, ки бояд биёяд?

◊ Мувофиқи суханони Исо, Яҳё кадом пешгӯиҳоро иҷро кард?

◊ Барои чӣ Яҳё ҳамроҳи Исо ба осмон намедарояд?

# ВОЙ БАР ҲОЛИ НАСЛИ САРКАШ!

МАТТО 11:16–30 ЛУҚО 7:31–35

Исо Яҳёро иззату эҳтиром мекунад, лекин аксари одамон ба ӯ чунин муносибат намекунанд. Исо мисоле оварда мегӯяд: «Ин насл... мисли кӯдаконест, ки дар бозорҳо мешинанд ва ба рафиқонашон фарёд зада мегӯянд: “Барои шумо най навохтем, вале шумо рақс накардед. Мо навҳагарӣ кардем, вале шумо аз ғаму андӯҳ ба синаатон назадед”» (Матто 11:16, 17).

Ин суханони Исо чӣ маъно доранд? Ӯ мефаҳмонад: «Яҳё хӯрок намехӯрад ва шароб наменӯшад, вале одамон мегӯянд: “Вай дев дорад”. Писари одам бошад, ҳам мехӯрад ва ҳам менӯшад, вале боз одамон мегӯянд: “Ана, одами пурхӯр ва майпараст, дӯсти ҷамъкунандагони андоз ва гунаҳкорон”» (Матто 11:18, 19). Яҳё назир аст. Ӯ чун назирони дигар умр ба сар мебарад ва шароб наменӯшад, лекин ин мардум мегӯяд, ки вай дев дорад (Ададҳо 6:2, 3; Луқо 1:15). Исо бошад, мисли дигарон мехӯраду менӯшад, лекин одамон мегӯянд, ки вай пурхӯру майпараст аст. Дар ҳақиқат, дили одамонро ёфтан душвор аст.

Исо ин наслро ба кӯдаконе монанд мекунад, ки вақте барояшон най менавозанд, рақс кардан намехоҳанд, ё, вақте дигарон навҳагарӣ мекунанд, ғамгин намешаванд. «Лекин боҳирад будани одам,— мегӯяд Исо,— аз корҳои дурусти ӯ маълум мегардад» (Матто 11:16, 19). Бале, маҳз корҳои Яҳё ва Исо нишон медиҳанд, ки суханони одамон тӯҳмати холиянд ва асосе надоранд.

Баъд аз ин Исо шаҳрҳои Кӯрозин, Байт-Сайдо ва Кафарнаҳумро, ки он ҷо мӯъҷизаҳои зиёде нишон дода буд, сарзаниш мекунад. Ӯ мегӯяд, ки агар дар шаҳрҳои Сӯру Сидӯн чунин мӯъҷизаҳо ба амал меовард, онҳо тавба мекарданд. Ҳатто дар Кафарнаҳум, ки Исо он ҷо вақти зиёди худро гузаронида буд, бисёриҳо ӯро қабул накарданд. Исо дар бораи сокинони он шаҳр мегӯяд: «Дар Рӯзи Доварӣ ҳолати Садӯм аз ҳолати шумо сабуктар хоҳад буд» (Матто 11:24).

Баъд Исо Падарашро ҳамду сано мехонад, зеро Ӯ ҳақиқатҳои пурарзишро дар бораи худ «аз оқилону донишмандон» пинҳон карда, ба касоне, ки мисли кӯдак хоксору фурӯтананд, маълум месозад (Матто 11:25). Исо ба чунин шахсон муроҷиат карда мегӯяд: «Назди ман оед, эй заҳматкашон ва касоне, ки зери бори вазнин қарор доред, ва ман ба шумо қувват хоҳам бахшид. Юғи маро ба гардани худ гиред ва аз ман таълим ёбед, зеро ман ҳалим ва фурӯтан ҳастам ва шумо қувват хоҳед ёфт. Зеро юғи ман қулай ва бори ман сабук аст» (Матто 11:28–30).

Сарварони дин бар дӯши халқ бори гарони урфу одатҳоро гузоштаанд. Масалан, онҳо дар бораи он ки дар рӯзи шанбе кардани кадом кор раво асту кадомаш не қонуну қоидаҳои зиёде бофта бароварда буданд. Исо бошад, ҳақиқатро дар бораи Худо таълим дода, одамонро аз ин бор озод мекунад. Исо ҳамчунин ба касоне, ки аз зулму ситами ҳокимиятдорон азоб мекашанд ё аз хатову гуноҳҳояшон рӯҳафтодаанд, сабукӣ мебахшад. Ӯ нишон медиҳад, ки онҳо бояд чӣ кор кунанд, то гуноҳҳояшон бахшида шаванд ва бо Худо дӯстӣ пайдо кунанд.

Ҳамаи онҳое, ки юғи Исоро ба гардан мегиранд, метавонанд ҳаёти худро ба Худо бахшанд ва ба Падари меҳрубону дилсӯзи мо хизмат кунанд. Ба Худо хизмат кардан душвор нест, чунки талаботҳои Ӯ гарон нестанд (1 Юҳанно 5:3).

# 39

• ИСО БАЪЗЕ ШАҲРҲОРО САРЗАНИШ МЕКУНАД
• ИСО БА ФУРӮТАНОН ҚУВВАТУ САБУКӢ МЕБАХШАД



◊ «Ин насл... мисли кӯдакон» аст гуфта, Исо чиро дар назар дорад?
◊ Барои чӣ Исо Падари осмониашро ҳамду сано мехонад?
◊ Одамон аз чӣ азоб мекашанд ва чӣ тавр Исо ба онҳо сабукӣ мебахшад?

# БАХШИДАН МУҲИМ АСТ

ЛУҚО 7:36–50

Дилу нияти ҳама ҳар хел аст, барои ҳамин одамон ба таълим ва мӯъҷизаҳои Исо ҳар хел муносибат мекунанд. Дилу нияти Шимъӯн ном фарисие ҳангоми ба меҳмонӣ даъват кардани Исо маълум мегардад. Шимъӯн, ки дар Ҷалил зиндагӣ мекунад, мӯъҷизаҳои Исоро дида мехоҳад бо вай беҳтар шинос шавад. Исо таклифи Шимъӯнро қабул мекунад ва ба хонааш меравад, чи тавре ки ба хонаи ҷамъоварони андоз ва гунаҳкорон низ рафта буд. Ин барои Исо имконияти хуб аст, ки ба одамон мавъиза кунад.

Лекин дар хонаи Шимъӯн Исоро ба таври бояду шояд меҳмондорӣ намекунанд. Масалан, дар Фаластин роҳҳо пурчанганд ва дар ҳавои гарм пойҳои одам чиркин мешаванд. Барои ҳамин аз рӯйи урфу одат соҳибони хона пойҳои меҳмонро мешӯянд. Ғайр аз ин, исроилиён меҳмонро бо бӯса пешвоз мегиранд ва ба сари вай равған мерезанд, ки ин нишонаи меҳрубониву меҳмоннавозӣ аст. Лекин дар хонаи Шимъӯн Исоро бо бӯса пешвоз намегиранд, ба сараш равған намерезанд ва пойҳояшро намешӯянд. Пас, магар гуфтан мумкин аст, ки Шимъӯн Исоро меҳмони гиромиқадр меҳисобад?

Ҳангоми хӯрок хӯрдан меҳмонон дар сари дастархон мешинанд. Дар ин вақт ба хона зане медарояд, ки одамон ӯро «чун гунаҳкор мешинохтанд» (Луқо 7:37). Албатта, ҳама одамон гунаҳкоранд, лекин ин зан, аз афташ, фоҳиша, яъне зани бероҳаву сабукпо аст. Шояд, вай таълим ва ҳамчунин даъвати зерини Исоро шунидааст: «Назди ман оед... касоне, ки зери бори вазнин қарор доред, ва ман ба шумо қувват хоҳам бахшид» (Матто 11:28, 29). Эҳтимол, суханон ва корҳои Исо ба дили зан сахт таъсир карданд ва ӯ ба ҷустуҷӯяш ба ин ҷо омад.

Зан аз қафо ба назди Исо меояд ва дар назди пойҳои ӯ зону мезанад. Ӯ пойҳои Исоро бо ашки худ шуста, бо мӯйҳояш хушк мекунад. Илова бар ин, ӯ меҳрубонона пойҳои ӯро мебӯсад ва бар онҳо атри хушбӯеро, ки бо худ овардааст, мерезад. Ин воқеа ба Шимъӯн маъқул намешавад ва ӯ дар дили худ мегӯяд: «Агар ин мард дар ҳақиқат пайғамбар мебуд, он гоҳ медонист, ки зане, ки ба пойҳои ӯ даст мерасонад, кист ва чӣ гуна зан аст, зеро ӯ зани пургуноҳ аст» (Луқо 7:39).

Фикрҳои Шимъӯнро фаҳмида Исо мегӯяд: «Эй Шимъӯн, ба ту чизе гуфтаниам». Ӯ ҷавоб медиҳад: «Бигӯ, эй Устод!» Сипас Исо ба ӯ мисоле меорад: «Аз як марде ду кас қарздор буданд: яке панҷсад ва дигаре панҷоҳ динор. Азбаски барои баргардонидани қарз чизе надоштанд, ӯ қарзи ҳар дуро бо омодагӣ бахшид. Пас, кадоме аз онҳо ӯро бисёртар дӯст хоҳад дошт?» Шимъӯн, аз афташ, ба суханони Исо он қадар аҳамият надода чунин ҷавоб медиҳад: «Ба фикри ман, ҳамон касе, ки ба вай бисёртар бахшида шудааст» (Луқо 7:40–43).

Исо ба вай мегӯяд, ки гапаш рост аст, ва баъд ба зан ишора карда, аз Шимъӯн мепурсад: «Оё ин занро мебинӣ? Ман ба хонаи ту омадам ва ту барои шустани пойҳоям об надодӣ, аммо ин зан пойҳои маро бо ашкҳои худ шуст ва бо мӯйҳояш хушк кард. Ту маро бо бӯса пешвоз нагирифтӣ, ин зан бошад, аз омаданам инҷониб бӯсидани пойҳоямро бас намекунад. Ту бар сари ман равған нарехтӣ, аммо ин зан ба пойҳои ман равғани хушбӯй рехт». Исо мебинад, ки ин зан аз таҳти дил тавба мекунад ва аз гуноҳҳои худ пушаймон аст. Бинобар ин ӯ мегӯяд: «Ба ту мегӯям, ки гуноҳҳои ӯ, нигоҳ накарда ба он ки зиёданд, бахшида шудаанд, аз ин рӯ вай муҳаббати зиёд зоҳир мекунад. Аммо касе, ки кам бахшида мешавад, муҳаббати камтар зоҳир мекунад» (Луқо 7:44–47).

Исо ба бадахлоқӣ чашм намепӯшад. Ӯ ба касоне, ки гуноҳҳои ҷиддӣ мекунанду баъд пушаймон шуда барои оромӣ ёфтан назди Масеҳ меоянд, ҳамдардӣ зоҳир мекунад. Исо ба он зан мегӯяд: «Гуноҳҳоят бахшида шуданд... Имонат туро наҷот дод. Рав ва дар амони Худо бош!» (Луқо 7:48, 50). Танҳо тасаввур кунед, ки чӣ қадар ин суханони Исо ба зан оромӣ мебахшанд!

# 40



◇ Исоро дар хонаи Шимъӯн чӣ хел қабул мекунанд?
◇ Барои чӣ зане ба ҷустуҷӯйи Исо меояд?
◇ Исо чиро мисол меорад ва чӣ хел онро шарҳ медиҳад?

# ИСО БО ҚУДРАТИ КӢ МӮЪҶИЗА МЕКУНАД?

МАТТО 12:22–32 МАРҚӮС 3:19–30 ЛУҚО 8:1–3

Каме баъд аз меҳмонӣ дар хонаи Шимъӯни фарисӣ Исо бори дуюм дар саросари Ҷалил мавъиза мекунад. Ин соли дуюми хизмати Исост ва дувоздаҳ расулаш ҳамроҳи ӯ мебошанд. Ҳамчунин баъзе занone, ки ӯ онҳоро «аз банди рӯҳҳои нопок раҳо» карда, «аз касалиҳо... шифо» дода буд, ҳамроҳаш сафар мекунанд (Луқо 8:2). Дар байни онҳо Марями Маҷдалия, Сусан ва Юҳона, ки шавҳараш ходими дарбори шоҳ Ҳиродуси Антипас аст, мебошанд.

Одамони бештар дар бораи Исо мефаҳманд ва фикру ақидаҳо дар бораи ӯ гуногун аст. Баъди як воқеа бошад, бозори баҳсу мунозираҳо метафсад. Одамон назди Исо мардеро меоранд, ки аз сабаби дев доштанаш кӯру гунг аст. Исо ӯро шифо медиҳад ва мард ба гап медарояду бино мешавад. Мардум ангушти ҳайрат мегазанду ба якдигар мегӯянд: «Магар ин шахс Писари Довуд нест?» (Матто 12:23).

Мардум дар назди дари хонае, ки Исо меистад, ҷамъ мешаванд. Одамон чунон бисёранд, ки Исову шогирдонаш ҳатто хӯрок хӯрда наметавонанд. Лекин на ҳамаи онҳо фикр доранд, ки Исо Масеҳ ва «Писари Довуд» аст. Баъзе шариатдонону фарисиён аз худи Ерусалим омадаанд. Лекин мақсади онҳо аз Исо таълим гирифтан ва ё ӯро дастгирӣ кардан нест. Онҳо дар бораи Исо ба мардум мегӯянд: «Вай Баал-Забул дорад». Онҳо гуфтанианд, ки Исо бо «ҳокими девҳо» як аст (Марқӯс 3:22). Вақте хабари ин шӯру ғавғо ба гӯши хешу табори Исо мерасад, онҳо назди Исо меоянд, то ӯро гирифта баранд. Барои чӣ?

Бародарони Исо ҳоло бовар надоранд, ки ӯ Писари Худост (Юҳанно 7:5). Онҳо фикр мекунанд, ки Исо дар байни мардум шӯру ғавғо мебардорад ва ӯ акнун он Исое нест, ки ҳамроҳашон дар Носира калон шуда буд. Барои ҳамин онҳо гумон мекунанд, ки Исо ақлашро гум кар-



даает. Онҳо мегӯянд: «Вай девона шудааст» (Марқӯс 3:21).

Лекин, албатта, ин гап рост нест. Исо мардеро, ки гирифтори дев буд, шифо бахшид ва ӯро бинову шунаво гардонд. Инро ҳама диданд ва ин мӯъҷизаро инкор карда намешавад. Лекин фарисиёну шариатдонон дар Исо айб ёфтан мехоҳанд. Онҳо мегӯянд: «Ӯ девҳоро ба воситаи Баал-Забул — ҳокими девҳо, берун мекунад» (Матто 12:24).

Исо фикри фарисиёну шариатдононро пай бурда мегӯяд: «Ҳар подшоҳие, ки дар он ҷудоӣ ба миён меояд, барҳам мехӯрад ва ҳар шаҳр ё хонадоне, ки дар он ҷудоӣ ба миён меояд, устувор нахоҳад монд. Ба ин монанд, агар Шайтон Шайтонро берун кунад, пас, дар ӯ ҷудоӣ ба миён омадааст. Дар ин ҳолат чӣ тавр подшоҳии ӯ устувор монда метавонад?» (Матто 12:25, 26).

Чӣ мисоли хубе! Фарисиён медонанд, ки баъзе яҳудиён аз одамон девҳоро берун мекунанд (Аъмол 19:13). Барои ҳамин Исо аз онҳо мепурсад: «Агар ман девҳоро ба воситаи Баал-Забул берун мекарда бошам, писарони шумо онҳоро ба воситаи кӣ берун мекунанд?» Фарисиён Исоро айбдор кардан мехоҳанд, лекин аз рӯйи суханонашон худи онҳоро айбдор кардан мумкин аст. Исо фикрашро давом дода мегӯяд: «Лекин, агар ман девҳоро бо рӯҳи Худо берун мекарда бошам, пас, Подшоҳии Худо, дар ҳақиқат, омадааст шумо бехабаред» (Матто 12:27, 28).

Баъд Исо мисоле меорад: «Чӣ тавр кас ба хонаи марди пурзӯре зада даромада, чизу чораашро аз они худ карда метавонад? Ӯ бояд аввал дасту пойи марди пурзӯрро бандад ва танҳо баъд хонаи вайро ғорат карда метавонад. Ҳар кӣ бо ман нест, зидди ман аст ва ҳар кӣ бо ман ҷамъ намекунад, пароканда менамояд» (Матто 12:29, 30). Он ки Исо девҳоро берун мекунад, нишон медиҳад, ки ӯ аз Шайтон қудрати бештар дорад. Фарисиёну шариатдонон бар зидди Исоянд, барои ҳамин гуфтан мумкин аст, ки онҳо Шайтонро тарафгирӣ мекунанд. Онҳо намегузоранд, ки мардум ба Исо, ки ҳама корро бо дастгирии Яҳува Худо мекунад, наздик шаванд.



Исо ба ин душманони Худо мегӯяд: «Ба ростӣ ба шумо мегӯям, ки ҳама гуноҳҳои одамон бахшида мешаванд, новобаста аз он ки онҳо чӣ гуна гунох содир мекунанд ва чӣ гуна суханони куфрро ба забон меоранд. Вале касе, ки бар зидди рӯҳи муқаддас куфр мегӯяд, ҳеҷ гоҳ бахшида намешавад, балки ин гуноҳаш то абад мемонад» (Марқӯс 3:28, 29). Душманони Исо маҳз чунин гуноҳро мекунанд, зеро кореро, ки бо рӯҳи Худо карда мешавад, ба Шайтон нисбат медиҳанд!

- ◇ Ҳангоме ки Исо бори дуюм барои мавъиза кардан ба Ҷалил сафар мекунад, кӣ ҳамроҳаш меравад?
- ◇ Барои чӣ хешу табори Исо ӯро гирифта бурданӣ мешаванд?
- ◇ Фарисиёну шариатдонон дар бораи мӯъҷизаҳои Исо чӣ мегӯянд ва Исо чӣ ҷавоб медиҳад?

# ИСО ФАРИСИЁНРО САРЗАНИШ МЕКУНАД

МАТТО 12:33–50   МАРҚӮС 3:31–35   ЛУҚО 8:19–21

Фарисиён инкор мекунанд, ки Исо бо қудрати Худо девҳоро аз одамон берун мекунад. Касе, ки корҳои Худоро ба девҳо нисбат медиҳад, бар зидди рӯҳи муқаддас гуноҳ мекунад. Пас, фарисиён тарафи киро мегиранд — тарафи Худо ё Шайтонро? Исо мегӯяд: «Агар шумо мисли дарахти хуб бошед, меваи хуб хоҳед овард ва, агар мисли дарахти бад бошед, меваи бад хоҳед овард, зеро дарахт аз меваҳояш шинохта мешавад» (Матто 12:33).



Меваҳои Исо, яъне корҳои ӯ, хубанд. Барои ҳамин гуфтани он ки ӯ девҳоро бо ёрдами Шайтон берун мекунад, аҳмақист. Худи Исо дар Мавъизаи болои кӯҳ гуфта буд, ки агар мева хуб бошад, дарахти он ҳам хуб аст. Аммо фарисиён шарм надошта Исоро барноҳақ айбдор мекунанд. Онҳо меваи бад ба бор меоранд, барои ҳамин гуфтан мумкин аст, ки онҳо аз дарахти баданд. Исо ба онҳо мегӯяд: «Эй афъизодагон, чӣ тавр шумо суханони хуб гуфта метавонед, дар сурате ки худатон бад ҳастед? Охир, дар дили одам чизе, ки бошад, ба забон ҳамон меояд» (Матто 7:16, 17; 12:34).

Бале, суханони мо нишон медиҳанд, ки дар дили мо чӣ аст, ва аз рӯйи ин Худо моро дар оянда доварӣ мекунад. Аз ин рӯ Исо мегӯяд: «Ба шумо мегӯям, ки одамон барои ҳар як сухани бадашон дар Рӯзи Доварӣ ҷавоб хоҳанд дод, зеро ту аз рӯйи суханонат росткор эълон хоҳӣ шуд ва ҳамчунин аз рӯйи суханонат маҳкум хоҳӣ гардид» (Матто 12:36, 37).

Исо мӯъҷизаҳои зиёде нишон додааст, лекин фарисиён боз талаб карда мегӯянд: «Устод, мехоҳем, ки ба мо аломате нишон диҳӣ». Хоҳ онҳо корҳои Исоро бо чашмони худ дида бошанд, хоҳ не, одамони зиёде шоҳиди ин мӯъҷизаҳо буданд ва дар бораашон нақл мекарданд. Барои ҳамин ҳоҷат ба аломати дигаре нест. Бинобар ин Исо ба онҳо чунин мегӯяд: «Ин насли бадкор ва ба Худо бевафо аломат меҷӯяд, аммо ғайр аз аломати Юнус-пайғамбар ба ин насл аломати дигаре нишон дода намешавад» (Матто 12:38, 39).

Исо маънои суханонашро мефаҳмонад: «Чи тавре ки Юнус се шабу се рӯз дар шиками моҳии бузург буд, ҳамон тавр Писари одам низ се шабу се рӯз дар оғӯши замин хоҳад буд». Моҳии калоне Юнусро фурӯ бурда буд, лекин ӯ баъдтар халос шуда, ба маъное аз марг зинда шуд. Исо дар бораи худаш пешгӯйӣ карда мегӯяд, ки ӯ мемурад ва дар рӯзи сеюм зинда мешавад. Вақте баъдтар ин пешгӯйии Исо иҷро мешавад, сарварони дини яҳудӣ «аломати Юнус-пайғамбар»-ро қабул наменамоянд: онҳо тавба намекунанду ислоҳ намешаванд (Матто 27:63–66; 28:12–15). «Мардуми Нинве» бошанд, баъд аз шунидани мавъизаи Юнус-пайғамбар тавба карда буданд, барои ҳамин онҳо дар Рӯзи Доварӣ ин наслро маҳ-



кум мекунанд. Исо ҳамчунин мегӯяд, ки рафтори маликаи Сабо низ онҳоро маҳкум мекунад. Дар давраҳои қадим маликаи Сабо суханони хирадмандонаи Сулаймонро шунидан мехост ва, вақте шунид, дар ҳайрат монда буд. Лекин, чи тавре ки Исо мегӯяд, «шахсе, ки дар ин ҷост, аз Сулаймон ҳам бузургтар аст» (Матто 12:40–42).

Исо ин наслро ба шахсе монанд мекунад, ки аз вай дев берун мешавад (Матто 12:45). Вақте шахс ҷойи холиро бо ягон чизи хуб пур намекунад, он дев ҳафт деви аз худаш бадтарро гирифта меорад ва онҳо ба вай медароянд. Халқи Исроил низ, мисли марде, ки аз вай рӯҳи нопок баромад, пок ва ислоҳ карда шуд. Лекин ин халқ пайғамбарони Худоро қабул намекард ва, аз ҳама бадтараш, шахсеро, ки рӯҳи Худо бар ӯст, яъне Исоро, рад кард. Ва ин нишонаи он аст, ки ҳолати онҳо аз пештарааш бадтар гардидааст.

Исо ҳанӯз гапашро тамом накарда, модару бародаронаш меоянд. Онҳое, ки ба ӯ наздиктар нишастаанд, мегӯянд: «Модару бародаронат дар берун истодаанд ва туро дидан мехоҳанд». Исо бошад, ба шогирдонаш ишора карда мегӯяд: «Модару бародарони ман онҳое мебошанд, ки каломи Худоро мешунаванд ва онро ба ҷо меоранд» (Луқо 8:20, 21). Ин суханони Исо нишон медиҳанд, ки чӣ қадар ӯ ба шогирдонаш муҳаббату дилбастагии сахт дорад. Ва, ҳарчанд оила ва хешу табор барои Исо азиз аст, шогирдонаш барои ӯ азизтаранд. Мо низ метавонем бо онҳое, ки ҳамроҳамон Худоро ибодат мекунанд, чунин муносибати наздик дошта бошем. Ин ба мо қувват мебахшад, хусусан, вақте дигарон ба мо бовар намекунанд ва моро барои корҳои некамон танқид мекунанд.



- Ба кадом маъно фарисиён мисли дарахти баданд?
- «Аломати Юнус-пайғамбар» кадом аст ва чӣ тавр баъдтар исроилиён онро рад карданд?
- Ба кадом маъно исроилиёни асри як ба шахсе, ки аз вай дев берун шудааст, монананд?
- Чӣ тавр Исо нишон дод, ки шогирдонашро дӯст медорад?

# МИСОЛҲО ДАР БОРАИ ПОДШОҲИИ ХУДО

МАТТО 13:1–53 МАРҚӮС 4:1–34 ЛУҚО 8:4–18

Аз афташ, вақте Исо фарисиёнро сарзаниш кард, ӯ дар Кафарнаҳум буд. Худи ҳамон рӯз, каме баъдтар, Исо аз хона баромада, ба тарафи баҳри Ҷалил меравад, ки дар он ҷо мардуми бисёре ҷамъ мешавад. Исо ба қаиқ савор шуда, каме дуртар шино мекунаду ба таълим додани мардум сар мекунад. Ӯ бо мисолҳо дар бораи Подшоҳии Худо таълим медиҳад. Мисолҳое, ки Исо меорад, ба шунавандагонаш шиносанд, барои ҳамин ин ба онҳо ёрӣ медиҳад, ки дар бораи Подшоҳӣ чизҳои зиёдеро фаҳманд.

Аввал Исо дар бораи деҳқоне нақл мекунад, ки тухмӣ мекорад. Баъзе тухмиҳо дар сари роҳ меафтанд ва паррандаҳо онҳоро мехӯранд. Баъзеи дигар ба замини санглоху камхок меафтанд ва, азбаски чуқур реша намедавонанд, пажмурда мешаванду хушк мегарданд. Боз баъзе дар байни хорҳо меафтанд ва хорҳо қад кашида тухмиро пахш мекунанд. Баъзеи дигар бошанд, ба замини нағз меафтанд ва самар меоранд — «қисме сад баробар, қисме шаст ва қисме сӣ» (Матто 13:8).

Баъд Исо дар бораи Подшоҳии Худо боз як мисол меорад. Шахсе тухмӣ мекорад. Ӯ шаб хоб меравад ва саҳар мехезад, тухмӣ бошад, худ аз худ месабзад. Лекин «он мард намедонад, ки ин чӣ тавр рӯй медиҳад» (Марқӯс 4:27). Тухмӣ худ аз худ месабзад ва барои дарав тайёр мешавад.

Исо дар бораи киштукор мисоли дигаре меорад. Марде дар замини худ тухмии хуб мекорад, лекин, «вақте ки ҳама хоб буданд», душман омада, дар байни гандум алафи бегона мекорад. Ғуломон аз соҳиби киштзор иҷозат мепурсанд, ки алафи бегонаро канда партоянд. Лекин ӯ ҷавоб медиҳад: «Не, мабодо дар вақти канда гирифтани алафи бегона гандумро ҳам бо решааш канда партоед. Бигзор то вақти дарав ҳар



◊ Исо кай ва дар куҷо ба одамон мисолҳо меорад?

• ИСО ДАР БОРАИ ПОДШОҲИИ ХУДО МИСОЛҲО МЕОРАД

# 43



дуяш афзоиш кунад ва дар мавсими дарав ман ба даравгарон мегӯям: "Аввал алафи бегонаро ҷамъ ореду барои сӯзонидан банд-банд кунед ва баъд аз ин гандумро ба анбори ман захира намоед"» (Матто 13:24–30).

Касоне, ки Исоро гӯш мекунанд, бо киштукор хуб шиносанд. Ҳамчунин ӯ дар бораи донаи хурдакаки хардал гап мезанад, ки ин низ ба онҳо шинос аст. Он сабзида чунон дарахти калоне мешавад, ки паррандаҳо дар шохаҳои он лона монда метавонанд. Дар бораи донаи хардал Исо мегӯяд: «Подшоҳии осмон монанди донаи хардалест, ки шахсе онро гирифта, дар киштзори худ шинонд» (Матто 13:31). Албатта, ин ҷо Исо аз фанни ботаника дарс надода истодааст. Ӯ бо ин мисол мефаҳмонад, ки чӣ тавр чизи хурдакак метавонад сабзад ва ба чизи калоне табдил ёбад.

Баъд Исо дар бораи чизе гап мезанад, ки ба бисёри шунавандагонаш шинос аст. Ӯ мегӯяд: «Подшоҳии осмон монанди хамиртурушест, ки зане онро гирифта, бо миқдори зиёди орд хамир кард» (Матто 13:33). Ҳарчанд хамиртуруш баъди бо орд омехта шуданаш ба чашм маълум намешавад, он ба тамоми хамир таъсир мекунад ва онро мерасонад. Бале, хамиртуруш дар хамир дигаргуниҳое ба амал меорад, ки ба осонӣ маълум нестанд.

Баъди овардани ин мисолҳо Исо мардумро ҷавоб медиҳад ва ба хонае, ки он ҷо меистад, меравад. Каме пас шогирдонаш ба наздаш меоянд ва хоҳиш мекунанд, ки маънои ин мисолҳоро фаҳмонад.

## МАЪНОИ МИСОЛҲОИ ИСО

Шогирдон аз ин пеш ҳам мисолҳои Исоро шунида буданд, лекин ӯ ҳеҷ гоҳ ин қадар мисоли зиёд наоварда буд. Барои ҳамин онҳо аз Исо мепурсанд: «Барои чӣ ту бо онҳо бо мисолҳо гап мезанӣ?» (Матто 13:10).

Як сабаби аз мисолҳо истифода бурдани Исо ин аст, ки ҳамин тавр ӯ пешгӯйии Китоби Муқаддасро иҷро мекунад. Матто нақл мекунад: «Ба онҳо бе мисол гап намезад, то суханони ба воситаи пайғамбар гуфташуда иҷро шавад: "Даҳони худро кушода бо мисолҳо сухан хоҳам гуфт, он чиро ки аз аввал пинҳон аст, эълон хоҳам кард"» (Матто 13:34, 35; Забур 77:2).

Боз як сабаб ин аст, ки мисолҳо дилу нияти одамонро ошкор месозанд. Барои мардум Исо шахсест, ки дар нақл кардани ҳикояҳо моҳир аст ва мӯъҷизаҳои зиёд ба амал меорад. Лекин онҳо дарк намекунанд, ки Исо Ҳазрат аст ва бояд ба ӯ итоат кунанду аз баҳри баъзе чизҳо баромада ӯро пайравӣ кунанд (Луқо 6:46, 47). Ин одамон тарзи фикррониӣ ва ҳаёташонро дигар кардан намехоҳанд. Онҳо намегузоранд, ки хабари Исо ба дилашон таъсир расонад.

Исо ба шогирдонаш ҷавоб медиҳад: «Барои ҳамин ман ба онҳо бо мисолҳо гап мезанам, зеро онҳо нигоҳ мекунанду чизе намебинанд, мешунавонду ба гӯшашон чизе намедарояд ва ба маънои суханон сарфаҳм намераванд. Ва пешгӯйии Ишаъё-пайғамбар дар мавриди онҳо иҷро мешавад. Ӯ гуфтааст: "...Дили ин мардум ба қабул кардан... моил нест"» (Матто 13:13–15; Ишаъё 6:9, 10).

Лекин на ҳама шунавандагони Исо ба хабари ӯ чунин муносибат доранд. Ӯ мефаҳмонад: «Шумо хушбахтед, чунки чашмонатон мебинанд ва гӯшҳоятон мешунаванд. Ба ростӣ ба шумо мегӯям: бисёр пайғамбарон ва одамони росткор дидани чизҳоеро, ки шумо мебинед, орзу мекарданд, вале надиданд ва чизҳоеро, ки шумо мешунавед, шунидан мехостанд, вале нашуниданд» (Матто 13:16, 17).

---

- ◊ Исо дар аввал кадом панҷ мисолро меорад?
- ◊ Барои чӣ Исо бо мисолҳо гап мезанад?
- ◊ Аз кадом ҷиҳат шогирдони Исо аз дигар одамон фарқ мекунанд?
- ◊ Маънои мисоли деҳқон чист?

Бале, дили 12 расули Исо ва дигар шогирдони бовафояш ба қабул кардани суханони ӯ тайёр аст. Барои ҳамин Исо мегӯяд: «Ба шумо фаҳмидани сирри муқаддаси Подшоҳии осмон ато шудааст, ба онҳо бошад, не» (Матто 13:11). Онҳо аз таҳти дил мехоҳанд, ки ба маънои суханони устодашон сарфаҳм раванд, аз ин рӯ Исо ба онҳо маънои мисоли деҳқонро мефаҳмонад.

Исо мегӯяд: «Тухмӣ каломи Худост» (Луқо 8:11). Замин бошад, дили одамон аст. Ин ду чиз ёрдам мекунад, ки маънои ин мисолро фаҳмем.

Исо дар бораи донаҳое, ки дар сари роҳ меафтанд, чунин мегӯяд: «Иблис меояд ва каломро аз дилашон мебарад, то онҳо имон наоранд ва наҷот наёбанд» (Луқо 8:12). Замини санглох, ки баъзе донаҳо ба он меафтанд, ба дили он одамоне ишора мекунад, ки каломро бо хурсандӣ қабул мекунанд, лекин он дар дилашон реша намедавонад. «Ҳамин ки аз барои каломи Подшоҳӣ бо азобу таъқиботҳо рӯ ба рӯ» мешаванд, онҳо пешпо мехӯранд. «Дар вақти озмоишҳо», эҳтимол, ҳангоми муқобилият аз тарафи аъзоёни оила ва дигарон, чунин одамон «имони худро аз даст медиҳанд» (Матто 13:21; Луқо 8:13).

Дар бораи донаҳое, ки дар байни хорҳо меафтанд, чӣ гуфтан мумкин аст? Чи тавре ки Исо ба шогирдонаш мегӯяд, ин ба одамоне ишора мекунад, ки каломро мешунаванд, лекин «ташвишҳои зиндагӣ ва пулу мол» онҳоро пахш мекунанд (Матто 13:22). Дар натиҷа онҳо самаре намеоранд.

Дар охир Исо дар бораи донаҳое гуфта буд, ки ба замини нағз меафтанд. Ин ҷо гап дар бораи одамоне меравад, ки каломро мешунаванд ва ба маънои чизҳои шунидаашон сарфаҳм рафта, онро бо ҷону дил қабул мекунанд. Ва азбаски вазъият, масалан синну сол ва саломатиашон гуногун аст, баъзеи онҳо сад баробар, баъзе шаст ва баъзе сӣ баробар самар



меоранд. Дар ҳақиқат, касоне, ки «каломро бо дили самимиву нек шунида, онро дар худ нигоҳ медоранд ва бо истодагарӣ самар меоранд», ба Худо хизмат карда, соҳиби баракатҳо мешаванд (Луқо 8:15).

Аз афташ, ин суханони Исо ба шогирдон сахт таъсир мекунанд. Акнун онҳо маънои мисолҳои Исоро ба пуррагӣ мефаҳманд. Исо мехоҳад, ки шогирдонаш ба маънои мисолҳои ӯ хуб сарфаҳм раванд ва онҳоро ба дигарон нақл кунанд. Исо мепурсад: «Оё чароғро барои он меоранд, ки дар таги сабад ё кате монанд? Магар барои он намеоранд, ки дар рӯйи чароғпоя гузоранд?» Баъд ӯ чунин мегӯяд: «Ҳар кӣ гӯши шунаво дорад, бигзор гӯш диҳад» (Марқӯс 4:21–23).



ИСО БОЗ ШОГИРДОНАШРО ТАЪЛИМ МЕДИҲАД

Баъди он ки Исо ба шогирдонаш маънои мисоли деҳқонро мефаҳмонад, онҳо боз бисёртар фаҳмидан мехоҳанд. Онҳо аз ӯ хоҳиш мекунанд: «Ба мо мисоли алафҳои бегонаи киштзорро фаҳмон» (Матто 13:36).

Муносибати шогирдон ба хабари Исо аз муносибати одамоне, ки дар соҳил ӯро гӯш карданд, сахт фарқ мекунад. Он одамон суханони Исоро гӯш карданд, лекин нахостанд ба маънои мисолҳояш сарфаҳм раванд ва фаҳманд, ки чӣ тавр онҳоро ба кор бурда метавонанд. Онҳо аз чизе, ки шуниданд, қонеъ ҳастанд ва бисёртар фаҳмидан намехоҳанд. Шогирдони Исо бошанд, ташнаи донишанд ва мехоҳанд, ки ӯ онҳоро боз таълим диҳад. Барои ҳамин Исо мегӯяд:

«Ба он чизе ки мешунавед, диққат диҳед. Бо кадом андозае, ки чен мекунед, бо ҳамон андоза ва ҳатто зиёдтар аз он ба шумо чен карда мешавад» (Марқӯс 4:24). Онҳо бо кадом андоза «чен мекунанд»? Онҳо бо тамоми диққат ва шавқу завқ Исоро гӯш мекунад ва дар натиҷа таълими бештар мегиранду фаҳмишашон беҳтар мешавад. Аз ин рӯ, Исо суханашро давом дода мефаҳмонад, ки мисол дар бораи гандум ва алафи бегона чӣ маъно дорад:

«Шахсе, ки тухмии хубро корид, Писари одам аст; киштзор ҷаҳон аст, тухмии хуб — писарони Подшоҳӣ, алафҳои бегона бошанд, писарони Иблис мебошанд ва душмане, ки онҳоро корид, Иблис аст. Вақти дарав охирзамон аст, даравгарон бошанд, фариштагонанд» (Матто 13:37–39).

Баъди он ки Исо ин мисолро як ба як шарҳ дод, ӯ фаҳмонд, ки чӣ тавр он иҷро мешавад. Ӯ гуфт, ки дар охирзамон даравгарон, яъне фариштагон, «алафҳои бегона» — ба ном масеҳиёнро, аз «писарони Подшоҳӣ», яъне масеҳиёни ҳақиқӣ, ҷудо мекунад. «Росткорон» ҷамъоварӣ мешаванд ва оқибат «дар Подшоҳии Падарашон мисли офтоб» медурахшанд. Лекин бо «писарони Иблис» чӣ мешавад? Онҳоро нестӣ интизор аст, барои ҳамин «гиря мекунанду дандонҳояшонро ғиҷиррос мезанонанд» (Матто 13:41–43).





Баъд Исо ба шогирдонаш се мисоли дигарро нақл мекунад. Дар аввал ӯ мегӯяд: «Подшоҳии осмон мисли ганҷест, ки дар саҳро пинҳон карда шудааст, ва марде онро ёфта, боз пинҳон мекунад ва аз хурсандӣ рафта, тамоми чизҳои доштаашро мефурӯшад ва он саҳроро мехарад» (Матто 13:44).

Ӯ боз мегӯяд: «Подшоҳии осмон ба савдогаре монанд аст, ки марворидҳои қиматбаҳоро ҷустуҷӯ мекунад. Вақте ки ӯ як марвориди пурарзише меёбад, дарҳол рафта, ҳар чизи доштаашро мефурӯшад ва он марворидро мехарад» (Матто 13:45, 46).

Дар ин ду мисол Исо қайд мекунад, ки шахс барои ба даст овардани чизи пурарзиш тайёр аст, ки аз баҳри бисёр чиз барояд. Масалан, савдогар дарҳол «ҳар чизи доштаашро» мефурӯшад, то марвориди қиматбаҳоро харад. Ин мисол ба шогирдони Исо шинос аст. Дар мисоли дигар марде, ки ганҷи дар саҳро пинҳонро меёбад, «тамоми чизҳои доштаашро мефурӯшад», то ганҷро ба даст орад. Дар ҳар ду маврид гап дар бораи чизи қиматбаҳое меравад, чизе, ки кирои ба даст овардан ва қадр кардан аст. Ин мисолҳо нишон медиҳанд, ки барои ба Худо наздик шудан шахс бояд тайёр бошад аз баҳри чизе барояд (Матто 5:3). Баъзе аз шунавандагони Исо аллакай нишон доданд, ки барои дӯсти Худо ва пайрави ҳақиқии Исо шудан тайёранд аз баҳри чизе бароянд (Матто 4:19, 20; 19:27).

Дар охир Исо Подшоҳии осмонро ба тӯри моҳигирие монанд мекунад, ки ба он ҳар хел моҳиҳо ҷамъ оварда мешаванд (Матто 13:47). Вақте моҳиҳоро ҷудо мекунанд, моҳиҳои хубро ба зарфҳо меандозанд, лекин моҳиҳои барои хӯрдан номувофиқро мепартоянд. Исо мегӯяд, ки дар охирзамон ҳам чизи ба ин монанде рӯй медиҳад, яъне фариштагон бадкоронро аз ростқорон ҷудо мекунанд.

Вақте Исо шогирдони аввалашро даъват кард, ки «сайёди одамон» шаванд, худаш ба маъное одамонро мисли моҳӣ сайд мекард (Марқӯс 1:17). Лекин ӯ мегӯяд, ки мисол дар бораи тӯри моҳигирӣ дар оянда, яъне «дар охирзамон», иҷро мешавад (Матто 13:49). Расулон ва дигар шогирдон мефаҳманд, ки дар оянда одамонро воқеаҳои аҷоибе интизоранд.

Ин расулон ва шогирдоне, ки мисолҳои аз қаиқ гуфтаи Исоро шуниданд, дар ҳақиқат соҳиби баракатҳои бештар гаштанд, зеро Исо «дар танҳоӣ ҳама чизро» ба онҳо фаҳмонд (Марқӯс 4:34). Ӯ «мисли соҳибхонаест, ки аз ганҷинааш чизҳои наву кӯҳнаро мебарорад» (Матто 13:52). Бо овардани ин мисолҳо Исо муаллими моҳир будани худро намоиш намедиҳад. Баръакс, ӯ ба шогирдонаш ҳақиқатҳоеро, ки мисли ганҷ қиматбаҳоянд, нақл мекунад. Дар ҳақиқат, Исо омӯзгори бемислу монанд аст!

◊ Дар мисоли алафи бегона «коранда», «киштзор», «тухмии хуб», «алафи бегона», «душман», «дарав» ва «даравгарон» чӣ маъно доранд?

◊ Исо боз кадом се мисолро меорад ва мо аз онҳо чӣ дарс гирифта метавонем?

# ИСО ТӮФОНРО ХОМӮШ МЕКУНАД

МАТТО 8:18, 23–27 МАРҚӮС 4:35–41 ЛУҚО 8:22–25



Баъди рӯзи дарозу пурмашаққат Исо хаста мешавад. Бегоҳӣ ӯ ба шогирдонаш мегӯяд: «Биёед ба соҳили дигари баҳр мегузарем». Онҳо аз Кафарнаҳум ба соҳили дигари баҳри Ҷалил мегузаранд (Марқӯс 4:35).

Дар соҳили шарқии баҳри Ҷалил замини чарчасиён воқеъ аст. Он қисми Декаполис ном маҳале мебошад. Шаҳрҳои Декаполис маркази мадании юнонӣ мебошанд, лекин дар он ҷо яҳудиён ҳам зиндагӣ мекунанд.

Аз рафтани Исо хабар ёфта одамони дигар ҳам ба киштиҳо нишаста, ба роҳ мебароянд (Марқӯс 4:36). Баҳри Ҷалилро гузаштан он қадар душвор нест. Дар асл баҳри Ҷалил кӯл аст. Оби он ширин буда, дарозиаш тахминан 21 километр ва бараш дар ҷойи паҳнтаринаш 12 километр аст. Лекин ин кӯли ба назар хурд чуқур мебошад.

Ҳарчанд Исо марди комил асту саломатии хуб дорад, ӯ рӯзи дароз таълим додааст ва акнун хеле монда аст. Вақте Исову шогирдонаш ба роҳ мебароянд, Исо дар ақиби киштӣ дароз мекашад ва сарашро ба болишт монда, хоб меравад.

Якчанд нафар аз расулон дар киштиронӣ таҷрибаи зиёде доранд. Аммо ин сафари онҳо бе хатар намешавад. Баҳри Ҷалилро кӯҳҳо иҳота мекунанд. Оби сатҳи он гарм аст ва вақте аз кӯҳҳои атроф шамоли хунук мевазаду ба оби гарми баҳр бармехӯрад, тӯфони шадиду ногаҳонӣ ба вуҷуд меояд. Ҳоло низ ҳамин тавр мешавад. Баҳр ба хурӯш омада, мавҷҳои он ба киштӣ задан мегиранд. Киштӣ ба ҳар тараф алвонҷ мехӯрад ва «аз об пур» шудан мегирад (Луқо 8:23). Ҳаёти шогирдон зери хатар аст, лекин Исо ҳоло ҳам хоб аст!

Расулон тамоми маҳорат ва қуввати худро ба кор бурда, мехоҳанд зудтар ҷони худро халос кунанд. Баъзеи онҳо пештар ҳам вақти тӯфон қаиқ меронданд, лекин ин дафъа тӯфон чунон сахт аст, ки онҳо аз тарси ҷони худ Исоро бедор намуда, илтиҷо мекунанд: «Ҳазрат, моро наҷот деҳ, ки ҳозир мемирем!» (Матто 8:25).

Исо бедор шуда, ба шогирдон мегӯяд: «Эй сустимонҳо, чаро ин қадар метарсед?» (Матто 8:26). Баъд Исо ба баҳру бод амр медиҳад: «Бас! Ором шав!» (Марқӯс 4:39). Тӯфони шадид хомӯш мешаваду баҳр ором мегардад. (Марқӯс ва Луқо дар Инҷилҳои худ аввал дар бораи ин мӯъҷиза нақл мекунанд ва баъд ба сустимонии шогирдон ишора мекунанд.)

Чӣ таъсирбахш аст ин мӯъҷиза барои шогирдон! Онҳо диданд, ки чӣ тавр Исо баҳри пурҷӯшу хурӯшро ором кард. Шогирдон ба тарсу ваҳм меафтанд. Онҳо ба якдигар мегӯянд: «Ин шахс кист, ки ҳатто шамол ва баҳр ба ӯ итоат мекунанд?» Исову расулонаш сиҳату саломат ба соҳил мерасанд (Марқӯс 4:41–5:1). Қаиқҳои дигаре, ки аз пушти Исо ба роҳ баромада буданд, аз афташ, ба соҳили ғарбии Ҷалил бармегарданд.

Ин мӯъҷиза нишон медиҳад, ки Писари Худо қувваҳои табиатро идора карда метавонад. Донистани ин ба мо оромӣ мебахшад. Вақте Исо ҳукмронии худро бар замин сар мекунад, ҳама одамон аз хатару офатҳои табиӣ дар амон мешаванд.

---

◇ Аз кадом сабаб дар баҳри Ҷалил тӯфон ба вуҷуд омада метавонад?
◇ Шогирдони Исо аз тарсу ҳарос чӣ кор мекунанд?
◇ Аз ин мӯъҷиза мо чӣ мефаҳмем?

# ИСО БАР ДЕВҲО ҚУДРАТ ДОРАД

МАТТО 8:28–34 МАРҚӮС 5:1–20 ЛУҚО 8:26–39

Шогирдони Исо баъди он ки аз тӯфон наҷот ёфтанд, дар соҳил шоҳиди воқеаи тарсоваре мешаванд: ду шахсе, ки дев доранд, аз тарафи қабристон ба пеши Исо девонавор давида меоянд! Яке аз онҳо назар ба дигарӣ ваҳшитар аст ва зиёдтар зери таъсири девҳо қарор дорад, барои ҳамин дар Инҷилҳо диққати асосӣ ба ӯ равона мешавад.

Ин марди бечора доимо бараҳна мегардад ва шабу рӯз «дар миёни қабрҳо ва кӯҳҳо доду фарёд» мезанад ва «худро бо сангҳо зада хуншор» мекунад (Марқӯс 5:5). Афту башара ва рафтори ӯ чунон тарсовар аст, ки ҳеҷ кас аз пеши ӯ намегузарад. Борҳои зиёд одамон ба дасту пойҳояш занҷиру завлона баста буданд, лекин вай занҷирҳоро меканду завлонаҳоро пора-пора мекард. Ҳеҷ кас ӯро ром карда наметавонад.

Вақте ин мард ба Исо наздик мешавад, пеши пойҳои ӯ меафтад. Зери таъсири девҳо мард фарёд зада мегӯяд: «Эй Исо, Писари Худои Таоло, ту ба ман чӣ кор дорӣ? Бо Худо қасам хӯр, ки маро азоб намедиҳӣ». Исо бар девҳо қудрат дорад, барои ҳамин амр медиҳад: «Эй рӯҳи нопок, аз ин мард берун шав!» (Марқӯс 5:7, 8).

Дар асл ин мард девҳои зиёд дорад. Вақте Исо «Номи ту чист?» мегӯяд, вай чунин ҷавоб медиҳад: «Номи ман Қӯшун аст, зеро мо бисёрем» (Марқӯс 5:9). Як қӯшуни Рум аз ҳазорҳо сарбоз иборат аст, барои ҳамин гуфтан мумкин аст, ки ин мард зери таъсири девҳои зиёд аст ва онҳо аз ранҷу азоби ӯ ҳаловат мебаранд. Девҳо аз Исо илтиҷо мекунанд, ки «онҳоро бо амри худ ба чоҳи бетаг нафиристад». Аз афташ, девҳо медонанд, ки онҳо ва сардорашон — Шайтонро чӣ интизор аст (Луқо 8:31).

Дар теппае галаи калони хукҳо мечарад, ки тақрибан аз 2000 хук иборат аст. Мувофиқи Шариат хукҳо ҳайвони нопоканд ва барои яҳудиён парвариш кардани онҳо норавост. Девҳо ба Исо мегӯянд: «Моро ба галаи хукон равона кун, то ба онҳо дароем» (Марқӯс 5:12). Исо ба онҳо иҷозат медиҳад, ки ба галаи хукон дароянд. Он вақт тамоми гала худро аз ҷарӣ ба баҳр мепартояд ва ғарқ мешавад.

Хукбонон, ки ин воқеаро бо чашмони худ диданд, ин хабарро дар шаҳру деҳот паҳн мекунанд. Одамон аз ҳар ҷо меоянд, то бинанд, ки дар ин ҷо





Одатан Исо ба одамоне, ки онҳоро шифо мебахшид, мефармуд, ки дар борааш ба касе гап назананд. Ӯ намехост, ки мардум дар асоси нақли ягон кас дар борааш хулоса бароранд. Ҳоло бошад, ӯ ин хел накард. Исо медонад, ки баъзе одамон воқеаи нобуд шудани хукҳоро шунида дар борааш хулосаи нодуруст баровarda метавонанд. Лекин сиҳат шудани ин мардро дида қудрати Исоро тан мегиранд ва дар бораи ӯ хулосаи дуруст мебароранд. Ҳамчунин онҳо метавонанд аз даҳони ин мард асли воқеаро фаҳманд. Барои ҳамин ӯ меравад ва дар саросари Декаполис ба одамоне, ки Исоро надидаанд, дар бораи кори кардааш нақл мекунад.



чӣ рӯй додааст. Онҳо мебинанд, ки марде, ки дев дошт, ҳоло мисли як одами дуппа-дуруст дар тан либос дорад ва дар пеши пойҳои Исо нишастааст.

Одамоне, ки овозаи ин воқеаро шуниданд ё онро бо чашмони худ диданд, дар тарсу ҳаросанд. Онҳо намедонанд, ки боз чӣ рӯй дода метавонад, барои ҳамин аз Исо илтимос мекунанд, ки аз ҷойҳои онҳо равад. Вақте Исо ба қаиқ савор мешавад, он марде, ки дев дошт, аз ӯ зориву илтиҷо мекунад, ки ӯро ҳамроҳаш гирад. Лекин Исо ба ӯ мегӯяд: «Ба хона, ба пеши хешу таборат, рав ва тамоми корҳоеро, ки Яҳува барои ту кард, ва раҳмеро, ки Ӯ ба ту зоҳир намуд, ба онҳо нақл кун» (Марқӯс 5:19).

◇ Барои чӣ дар Инҷилҳо аз мардони девдор диққати асосӣ фақат ба яке равона мешавад?

◇ Девҳо дар бораи ояндаашон чӣ медонанд?

◇ Барои чӣ Исо ба шахсе, ки аз вай девҳоро берун кард, мегӯяд, ки дар бораш ба дигарон нақл кунад?

# ЗАНЕ БА ЛИБОСИ ИСО ДАСТ МЕРАСОНАД ВА ШИФО МЕЁБАД

МАТТО 9:18–22 МАРҚӮС 5:21–34 ЛУҚО 8:40–48

Хабари аз Декаполис баргаштани Исо ба гӯши яҳудиёне, ки дар тарафи шимолу ғарбии баҳри Ҷалил зиндагӣ мекунанд, мерасад. Мумкин, бисёриҳо шунида бошанд, ки Исо ҳангоми тӯфон шамол ва баҳрро ором кард. Баъзеҳо, шояд, хабар доранд, ки Исо марди гирифтори деврo шифо бахшид. Барои ҳамин дар лаби баҳр, аз афташ, дар наздикиҳои Кафарнаҳум, «мардуми зиёде» ҷамъ мешаванд, то Исоро пешвоз гиранд (Марқӯс 5:21). Вақте ӯ аз қаиқ мефарояд, мардум бесаброна интизори мӯъҷизаҳои дигари ӯ мешаванд.

Яке аз онҳое, ки Исоро дидан мехоҳад, нозири ибодатгоҳ, Ёир, мебошад. Ӯ ба пеши пойи Исо афтода, гаштаву баргашта илтимос мекунад: «Духтарчаи ман сахт касал аст. Илтимос, биё ба хонаи ман равем ва ба ӯ даст гузор, то вай шифо ёбад ва зинда монад» (Марқӯс 5:23). Оё Исо хоҳиши Ёирро иҷро карда, ба духтарчаи 12-солаи ӯ, ки ҷигарбанди ягонааш аст, ёрдам мекунад? (Луқо 8:42).

Вақте Исо ба хонаи Ёир равона мешавад, дар роҳ воқеаи дигаре рӯй медиҳад. Бисёре аз ҳамроҳони Исо фикри онро мекунанд, ки оё шоҳиди мӯъҷизаи дигари ӯ мешуда бошанд ё не. Лекин як зане дар байни мардум дар ғами бемории худ аст.

Ин зани яҳудӣ дувоздаҳ сол боз гирифтори хунравӣ аст. Вай дар ба дари духтурҳо гашта тамоми пулашро барои табобат сарф мекунад, лекин «аҳволаш торафт бадтар» мешаваду беҳтар не (Марқӯс 5:26).

Ин бемории занро на фақат беҳолу бемадор мегардонад, балки ҳамчунин зери бори нанг мегузорад. Одатан ҳеҷ кас дар бораи ин беморӣ рӯирост гап намезанад. Ғайр аз ин, мувофиқи Шариати Мӯсо ҳар боре, ки зан гирифтори хунравӣ шавад, нопок ҳисоб меёбад. Ҳамчунин касе, ки ба ӯ ё либоси хунолуди ӯ даст расонад, бояд шустушӯ кунад ва то бегоҳ нопок ҳисобида мешавад (Ибодат 15:25–27).

Ин зан «дар бораи Исо шунид» ва акнун кофта-кофта ба назди ӯ омад. Азбаски вай нопок аст, кӯшиш мекунад, ки номаълумакак аз байни мардум гузашта, ба назди Исо равад. Вай дар дили худ мегӯяд: «Агар ақаллан ба либоси ӯ даст расонам, шифо хоҳам ёфт». Ҳамин ки зан ба домани либоси Исо даст мерасонад, ҳис мекунад, ки хунравиаш бозмонд ва «аз ин бемории вазнин шифо ёфт» (Марқӯс 5:27–29).

Он гоҳ Исо мепурсад: «Кӣ ба ман даст расонд?» Ба фикри шумо, зан ин вақт чӣ ҳис мекунад? Петрус ба Исо мегӯяд: «Устод, мардум туро иҳота карда, фишор дода истодааст». Пас, барои чӣ Исо пурсид, ки ба вай кӣ даст расонд? Ӯ мегӯяд: «Касе ба ман даст расонд, зеро ман ҳис кардам, ки қуввае аз ман берун шуд» (Луқо 8:45, 46).

Вақте зан мефаҳмад, ки кори кардаи вай номаълум намонд, тарсону ларзон пеши пойи Исо меафтад. Вай дар пеши ҳама дар бораи касалиаш нақл мекунад ва мегӯяд, ки чӣ тавр навакак шифо ёфт. Он вақт Исо меҳрубонона ӯро ором мекунад: «Духтарам, имонат туро шифо дод. Рав ва дар амони Худо бош! Бигзор ин касалии вазнин туро дигар азоб надиҳад» (Марқӯс 5:34).

Исо, ки Худо ӯро Подшоҳи тамоми замин интихоб кардааст, дар ҳақиқат шахси дилсӯз ва пур аз меҳру муҳаббат аст. Ӯ ҳам мехоҳад ва ҳам қудрат дорад, ки ба ҳамаи одамон ёрдам кунад.



- Барои чӣ мардум дар соҳил ҷамъ шуда, Исоро пешвоз мегиранд?
- Зане гирифтори чӣ гуна бемории аст ва барои чӣ вай Исоро мекобад?
- Ин зан чӣ тавр шифо меёбад ва чӣ хел Исо ӯро ором мекунад?

# ИСО ДУХТАРАКЕРО ЗИНДА МЕКУНАД

МАТТО 9:18, 23–26 МАРҚӮС 5:22–24, 35–43 ЛУҚО 8:40–42, 49–56

Ёир мебинад, ки чӣ тавр Исо занеро, ки гирифтори хунравӣ буд, шифо медиҳад. Ин боварии ӯро зиёд мекунад, ки Исо духтари ӯро ҳам сиҳат карда метавонад. Лекин ба гумон аст, ки духтари Ёир то ҳол зинда аст (Матто 9:18). Оё Исо ба ин духтарак ёрдам карда метавонад?

Исо ҳанӯз бо он зан гап зада истода буд, ки баъзе одамон аз хонаи Ёир омада, ба ӯ хабар доданд: «Духтарат аллакай мурдааст. Дигар Устодро ташвиш додан чӣ даркор?» (Марқӯс 5:35).

Чӣ хабари шуме! Духтари ягонаи Ёир мурдааст ва ӯ, ки марди соҳибмартабаву баобрӯ аст, дар ин ҳолат ҳеҷ коре карда наметавонад. Исо ин хабарро шунида ба Ёир рӯ меорад ва мегӯяд: «Натарс, фақат имон ор» (Марқӯс 5:36).

Исо ҳамроҳи Ёир ба хонааш меравад. Вақте онҳо ба он ҷо мерасанд, одамони зиёдеро мебинанд, ки гиряву нола карда истодаанд ва аз ғаму андӯҳ бар синаашон мезананд. Исо ба хона даромада, мегӯяд: «Кӯдак намурдааст, балки хоб аст» (Марқӯс 5:39). Инро шунида баъзе одамон механданд, чунки ҳама медонад, ки духтар мурдааст. Лекин Исо нишон додан мехоҳад, ки бо қудрати худодод барояш зинда кардани мурда мисли он аст, ки шахсро аз хоб бедор кунад.



Исо ба ғайр аз панҷ нафар ҳамаро берун мебарорад. Дар хона бо Исо фақат Петрус, Яъқуб, Юҳанно ва падару модари духтарак мемонанд. Исо ба бистари вай наздик шуда, дасташро мегирад ва мегӯяд: «“Талито қумӣ”, ки маънояш чунин аст: “Эй духтарак, ба ту мегӯям: аз ҷоят хез!”» (Марқӯс 5:41). Духтарак дарҳол аз ҷояш мехезад ва роҳ мегардад. Хурсандии Ёиру занаш ҳадду канор надорад! Исо ба онҳо мегӯяд, ки ба духтарашон хӯрок диҳанд. Ӯ бо ин суханаш онҳоро дилпур кардан мехоҳад, ки духтарак зинда аст.

Пеш, вақте Исо касеро шифо медод, ба ӯ мегуфт, ки ба ҳеҷ кас дар ин бора нақл накунад. Ҳозир ҳам ӯ ба падару модари духтарак ҳамин хел мегӯяд. Лекин, падару модари духтарак, ки дилашон лабрези шодист, ва ҳамчунин дигар одамон ин хабарро «дар тамоми... сарзамин» паҳн мекунанд (Матто 9:26). Агар шумо бо чашмони худ медидед, ки чӣ тавр шахси наздикатон зинда мешавад, оё хомӯш мемондед? Дар Китоби Муқаддас ин дуюм воқеаест, ки Исо мурдаро зинда мекунад.

- ◊ Ба Ёир чӣ хабар медиҳанд, вале Исо ба ӯ чӣ мегӯяд?
- ◊ Вақте Исо ба хонаи Ёир мерасад, чиро мебинад?
- ◊ Барои чӣ Исо мегӯяд, ки духтарак хоб аст?



# ИСОРО ДУБОРА ДАР НОСИРА РАД МЕКУНАНД

МАТТО 9:27–34; 13:54–58 МАРҚӮС 6:1–6



Ин рӯз барои Исо серташвиш буд. Баъди он ки Исо аз сафари Декаполис омад, ӯ занеро, ки гирифтори хунравӣ буд, шифо бахшид ва духтари Ёирро зинда кард. Лекин рӯз ҳанӯз ба охир нарасидааст. Вақте Исо аз хонаи Ёир меояд, ду марди кӯре аз пасаш равона шуда, фарёдзанон мегӯянд: «Эй Писари Довуд, ба мо раҳм кун!» (Матто 9:27).

Барои чӣ ин мардон Исоро «Писари Довуд» меноманд? Бо ин онҳо боварии худро ба он ки Исо вориси тахти Довуд, яъне Масеҳ, мебошад, нишон медиҳанд. Исо бошад, гӯшашро ба карӣ мезанад. Шояд, ӯ дидан мехоҳад, ки ин хоҳиши онҳо то чӣ андоза сахт аст. Лекин онҳо аз он ҷо рафтанӣ нестанд. Вақте Исо ба хонае медарояд, он мардони кӯр аз пасаш меоянд. Исо аз онҳо мепурсад:

— Оё имон доред, ки ман шуморо шифо дода метавонам?

Онҳо бо боварӣ ба ӯ ҷавоб медиҳанд:

— Бале, Ҳазрат, имон дорем.

Он гоҳ Исо ба чашмони онҳо даст расонда, мегӯяд:

— Бигзор мувофиқи имонатон шавад (Матто 9:28, 29).

Ҳамон замон онҳо бино мешаванд! Чун ҳарвақта Исо ба ин мардон ҳам мефармояд, ки дар ин бора ба касе гапназананд. Лекин онҳо чунон шоду хурсанданд, ки ин хабарро дар ҳама ҷо паҳн мекунанд.

Вақте ин мардон мераванд, ба назди Исо шахсеро меоранд, ки гунг асту дев дорад. Исо деврo берун мекунад ва мард дарҳол ба гап медарояд. Мардум аз ин дар ҳайрат монда мегӯянд: «Дар Исроил ҳеҷ кас чизи ба ин монандро надидааст». Фарисиён ҳам инро мебинанд. Онҳо мӯъҷизаҳои Исоро рад карда наметавонанд, барои ҳамин боз мисли пештара мегӯянд: «Ӯ девҳоро ба воситаи ҳокими девҳо берун мекунад» (Матто 9:33, 34).

Каме баъд Исо ҳамроҳи шогирдонаш ба диёри худ — Носира меравад. Тахминан як сол пеш Исо дар ибодатгоҳи ин шаҳр таълим дода буд. Дар аввал мардум аз таълими ӯ ба ҳайрат омада буданд, лекин баъдтар аз гуфтаҳои ӯ дарғазаб шуда қасди куштани ӯро карданд. Ҳоло бошад, Исо боз кӯшиш мекунад, ки ба ҳамдиёронаш кӯмак кунад.

Рӯзи шанбе Исо ба ибодатгоҳ меравад ва одамонро таълим медиҳад. Бисёриҳо ҳайрон шуда мепурсанд: «Ӯ аз куҷо ин қадар хирад дорад ва қудрати ба амал овардани мӯъҷизаҳоро аз куҷо пайдо кардааст?» Онҳо мегӯянд: «Магар ӯ писари дуредгар нест? Оё номи модараш Марям ва номи бародаронаш Яъқуб, Юсуф, Шимъӯн ва Яҳудо нест? Магар ҳамаи хоҳаронаш бо мо дар ин ҷо зиндагӣ намекунанд? Пас, ӯ ҳамаи ин хираду қудратро аз куҷо ёфтааст?» (Матто 13:54–56).

Дар назари одамон Исо як марди одии носирӣ аст. Онҳо чунин фикр мекунанд: «Охир, ӯ дар пеши чашми мо калон шуд. Чӣ тавр ӯ Масеҳ буда метавонад?» Азбаски мардуми Носира Исоро хуб мешиносанд, онҳо ба хиради бузург ва мӯъҷизаҳои аҷоибаш нигоҳ накарда ӯро рад мекунанд. Ҳатто хешу табори наздикаш ба ӯ имон намеоранд. Барои ҳамин Исо мегӯяд: «Пайғамбар дар ҳама ҷо қадр дошта бошад ҳам, дар зодгоҳи худ ва дар назари аҳли хонаводаи худ қадре надорад» (Матто 13:57).

Исо аз беимонии онҳо дар ҳайрат мемонад. Ӯ дар он ҷо ягон мӯъҷизае ба амал намеорад, «ғайр аз он ки ба якчанд бемор дасташро гузошта онҳоро шифо» медиҳад (Марқӯс 6:5, 6).

- ◊ Барои чӣ ду марди кӯр Исоро «Писари Довуд» меноманд?
- ◊ Фарисиён дар бораи мӯъҷизаҳои Исо чӣ мегӯянд?
- ◊ Дар Носира Исоро чӣ хел қабул мекунанд ва барои чӣ?

# МАВЪИЗА ДАР ҶАЛИЛ ВА ТАЪЛИМ ДОДАНИ РАСУЛОН

МАТТО 9:35–10:15 МАРҚӮС 6:6–11 ЛУҚО 9:1–5

Тахминан ду сол мешавад, ки Исо хизматашро сар карда, бо ҷидду ҷаҳд мавъиза мекунад. Оё акнун вақти он омадааст, ки дам гирад? Не, баръакс, Исо боз ҳам бештар мавъиза мекунад. Ӯ «ба ҳамаи шаҳру деҳаҳо [-и Ҷалил] рафта, дар ибодатгоҳҳои онҳо таълим» медиҳад ва «хушхабарро дар бораи Подшоҳии Худо» мавъиза мекунад. «Ӯ ҳамчунин одамонро аз ҳар гуна дарду беморӣ» шифо медиҳад (Матто 9:35). Аз чизи дидааш Исо хулоса мебарорад, ки боз ҳам бештар мавъиза кардан даркор аст. Лекин ӯ аз ӯҳдаи ин кор чӣ хел мебаромада бошад?

Вақте Исо дар саросари Ҷалил мавъиза мекунад, ӯ мебинад, ки одамон ба роҳнамоии Худо ва тасаллӣ мӯҳтоҷанд. Онҳо мисли гӯсфандони бечӯпон захмдор ва парокандаанд. Дили Исо ба одамон месӯзад ва ӯ ба шогирдонаш мегӯяд: «Ҳосил, дар ҳақиқат, бисёр аст, лекин коргарон кам. Барои ҳамин аз Соҳиби ҳосил илтимос кунед, ки барои дарав коргар фиристад» (Матто 9:37, 38).

Исо медонад, ки як худаш аз ӯҳдаи ин кор намебарояд. Барои ҳамин ӯ дувоздаҳ расулашро ба назди худ даъват мекунад ва онҳоро дунафарӣ ба мавъиза мефиристад. Пеш аз рафтанашон Исо ба онҳо чунин дастурот медиҳад: «Ба пеши халқҳои дигар наравед ва ба ягон шаҳри Сомария надароед, балки танҳо ба назди гӯсфандони гумшудаи хонадони Исроил биравед. Ҳангоми роҳ рафтанатон мавъиза карда гӯед: “Подшоҳии осмон наздик шудааст”» (Матто 10:5–7).

Шогирдон бояд дар бораи Подшоҳии Худо, ки Исо дар борааш дар дуои намунавӣ гуфта буд, мавъиза кунанд. Ин Подшоҳӣ ба он маъно наздик



шудааст, ки Подшоҳи таъйиншуда, яъне Исои Масеҳ, дар рӯйи замин аст. Лекин чӣ тавр шогирдони Исо исбот мекунанд, ки онҳо дар ҳақиқат намояндагони Подшоҳии осмонанд? Исо ба онҳо қудрат медиҳад, ки беморонро шифо диҳанд ва ҳатто мурдагонро зинда кунанд. Барои ин онҳо аз одамон ягон тин намегиранд. Пас, чӣ тавр онҳо худашонро таъмин мекунанд?

Исо ба шогирдонаш мегӯяд, ки барои сафар бо худ чизе нагиранд, масалан, ба ҳамёнҳояшон тангаҳои тилло, нуқра ё мис наандозанд ё хӯрокворӣ ва либосу пойафзоли иловагӣ нагиранд. Барои чӣ Исо чунин дастурот медиҳад? Ӯ мефаҳмонад: «Меҳнаткаш сазовори он аст, ки ба вай хӯрду хӯрок дода шавад» (Матто 10:10). Одамоне, ки хабари шогирдонро қабул мекунанд, онҳоро бо чизҳои лозима таъмин менамоянд. Исо мегӯяд: «Дар ҳар ҷо ба хонае медароед, то аз он маҳал рафтанатон дар ҳамон хона монед» (Марқӯс 6:10).

Исо ҳамчунин мегӯяд, ки хабарро дар бораи Подшоҳии Худо чӣ тавр ба одамон расондан даркор аст: «Вақте ки ба хонае медароед, ба аҳли хонавода салом диҳед. Агар аҳли хона шуморо қабул кунанд, бигзор саломи шумо бар онҳо қарор гирад, лекин, агар онҳо шуморо қабул накунанд, бигзор саломатон ба шумо баргардад. Агар касе шуморо қабул накунад ё ба суханонатон гӯш надиҳад, ҳангоми аз он хона ё шаҳр баромада рафтанатон чанги пойи худро афшонед» (Матто 10:12–14).

Ҳатто чунин шуда метавонад, ки тамоми шаҳр ё қишлоқ хабари шогирдонро қабул намекунад. Оқибати чунин шаҳру қишлоқҳо чӣ мешавад? Исо



мегӯяд, ки онҳо бо тамоми сахтгирӣ доварӣ карда мешаванд: «Ба ростӣ ба шумо мегӯям, ки дар Рӯзи Доварӣ ҳолати сарзамини Садӯм ва Амӯро аз ҳолати он шаҳр сабуктар хоҳад буд» (Матто 10:15).

---

◊ Кай Исо бори дигар дар саросари Ҷалил мавъиза мекунад ва ӯ чиро пай мебарад?
◊ Исо чӣ тавр дувоздаҳ расулашро ба мавъиза мефиристад ва ба онҳо чӣ дастурот медиҳад?
◊ Ба кадом маъно «Подшоҳии осмон наздик шудааст»?

# ШОГИРДОНИ ИСО БОЯД ДАЛЕРОНА МАВЪИЗА КУНАНД

МАТТО 10:16–11:1 МАРҚЎС 6:12, 13 ЛУҚО 9:6

Исо ба шогирдонаш дар бораи он ки чӣ тавр дукасӣ мавъиза кунанд, дастуроти батафсил медиҳад. Ҳамчунин ӯ аз дилсӯзӣ онҳоро огоҳ мекунад, ки душманон дар ин кор ба онҳо халал мерасонанд: «Инак, ман шуморо ба назди одамон мефиристам ва шумо чун гӯсфандон дар миёни гургон хоҳед буд... Эҳтиёт шавед, зеро одамон шуморо ба додгоҳҳо мекашанд ва дар ибодатгоҳҳояшон қамчинкорӣ мекунанд. Ва аз сабаби маро пайравӣ карданатон шуморо ба назди ҳокимон ва подшоҳон мебаранд» (Матто 10:16–18).

Шогирдони Исо бо таъқиботи сахт дучор шуда метавонанд. Лекин Исо онҳоро ором карда мегӯяд: «Вақте ки шуморо ба додгоҳҳо мекашанд, ғам нахӯред, ки чӣ мегӯед ва чӣ тавр сухан меронед, чунки дар он соат ба шумо дода мешавад, ки чӣ бояд гӯед. Он вақт на шумо, балки рӯҳи Падаратон ба воситаи шумо сухан мегӯяд». Исо гапашро давом дода мегӯяд: «Дар он айём бародар бародарро ва падар фарзандашро ба марг месупорад, ҳамчунин фарзандон ба падару модари худ зид баромада, онҳоро ба ҳалокат мерасонанд. Ва ҳама аз барои номи ман аз шумо нафрат мекунанд, вале ҳар кӣ то охир истодагарӣ кунад, наҷот меёбад» (Матто 10:19–22).

Азбаски мавъиза кардани хушхабар хеле муҳим аст, Исо шогирдонашро таъкид мекунад, ки бохираду дурандеш бошанд, то онҳоро дастгир накунанд ва онҳо тавонанд ин корро ба анҷом расонанд. Ӯ мегӯяд: «Вақте шуморо дар як шаҳр таъқиб мекунанд, ба шаҳри дигар гурезед. Ба ростӣ ба шумо мегӯям: ҳанӯз шумо тамоми шаҳрҳои Исроилро нагашта, Писари одам хоҳад омад» (Матто 10:23).

Ин дастурот, огоҳӣ ва дилбардории Исо, бешубҳа, барои 12 расулаш хеле пурарзиш аст. Лекин ин суханони Исо на танҳо ба онҳо дахл доранд. Ин суханон ҳамчунин ба касоне дахл доранд, ки баъд аз марг ва зиндашавии Исо дар кори мавъиза иштирок мекунанд. Чаро ин хел гуфтан мумкин аст? Исо ба шогирдонаш мегӯяд, ки *ҳамаи* халқҳо аз онҳо нафрат мекунанд. Аммо он замон расулон ба назди ҳамаи халқҳо фиристода нашуда буданд. Ғайр аз ин, дар ҳеҷ куҷо навишта нашудааст, ки дар ин вақти кӯтоҳе, ки расулон дар Ҷалил мавъиза мекарданд, онҳоро дастгир карда, назди ҳокиму подшоҳон оварданд ва ё наздиконашон онҳоро ба марг таслим карданд.

Исо ин суханонро гуфта, ояндаро дар назар дорад. Масалан, Исо мегӯяд, ки шогирдонаш ҳанӯз хушхабарро дар ҳама ҷо мавъиза накарда, Писари одам меояд. Исо дар назар дорад, ки пеш аз он ки шогирдонаш мавъизаро дар бораи Подшоҳии Худо ба охир расонанд, ӯ



чун Подшоҳи пурҷалол ва Довар аз ҷониби Худо меояд.

Исо ба шогирдонаш мегӯяд, ки вақте бо муқобилат рӯ ба рӯ мешаванд, набояд аз ин ҳайрон шаванд. Ӯ мегӯяд: «Шогирд аз устод ва ғулом аз хӯҷаини худ болотар нест». Худи Исоро ҳам ба хотири Подшоҳии Худоро мавъиза карданаш паст мезананд ва таъқиб мекунанд. Шогирдон низ бояд бо ҳамаи ин чизҳо рӯ ба рӯ шаванд. Исо ба шогирдонаш мегӯяд: «Аз онҳое, ки ҷисмро мекушанд, вале ҷонро кушта наметавонанд, натарсед, балки аз Оне тарсед, ки метавонад ҳам ҷон ва ҳам ҷисмро дар водии Ҳиннӯм несту нобуд кунад» (Матто 10:24, 28).

Худи Исо аз ҷиҳати вафодориву далерӣ ба шогирдонаш намуна гузошт. Ӯ ҳаёташро аз даст доду аз Худои Қодир рӯ нагардонд. Исо медонист, ки ҳам марг ва ҳам ҳаёти инсон дар дасти Худои Тавоност. Ӯ метавонад «ҷон»-и инсонро нест кунад, яъне ба таври доимӣ шахсро аз ҳаёт маҳрум созад ва ё мурдаро зинда кунад. Донистани ин, бешак, имони шогирдони Исоро қавӣ мегардонад.

Баъд Исо мисол оварда мефаҳмонад, ки Худо чӣ қадар меҳрубон аст: «Магар ду гунҷишкро ба як тин намефурӯшанд? Бо вуҷуди ин, агар ягонтои онҳо ба замин афтад, ин аз назари Падаратон дур намемонад. Бинобар ин натарсед: шумо аз гунҷишкҳои зиёд пурарзиштаред» (Матто 10:29, 31).

Хабаре, ки шогирдони Исо мавъиза мекунанд, дар баъзе оилаҳо ҷудоӣ меандозад, чунки на ҳама онро қабул мекунанд. Исо мегӯяд: «Фикр накунед, ки ман барои ба замин оварданӣ осоиштагӣ омадаам». Бале, барои қабул кардани ҳақиқати Китоби Муқаддас нотарсӣ даркор аст. Ӯ суханашро давом дода мегӯяд: «Касе падар ё модари худ ва ҳамчунин касе, ки писар ё духтари худро аз ман дида бисёртар дӯст дорад, сазовор нест, ки шогирди ман бошад» (Матто 10:34, 37).



Лекин одамоне ёфт мешаванд, ки шогирдонро хуб қабул мекунанд. Исо мегӯяд: «Ҳар касе, ки ба яке аз ин хурдон барои шогирди ман буданаш ақаллан як пиёла оби хунук диҳад, ба ростӣ ба шумо мегӯям, ки бе мукофот нахоҳад монд» (Матто 10:42).

Исо ба расулонаш дастуроту огоҳӣ медиҳад ва онҳоро боварӣ мебахшад, ки танҳо нестанд. Акнун онҳо барои мавъиза тайёранд. Расулон «дар он сарзамин деҳа ба деҳа гашта, дар ҳама ҷо хушхабарро мавъиза» мекунанду «беморонро шифо» медиҳанд (Луқо 9:6).

- ◊ Исо ба шогирдонаш чӣ огоҳие медиҳад?
- ◊ Чӣ тавр Исо шогирдонашро ором мекунад?
- ◊ Чаро гуфтан мумкин аст, ки ин дастуротҳои Исо ба рӯзҳои мо ҳам дахл доранд?

# КУШТОР ДАР РӮЗИ ЗОДРӮЗ

МАТТО 14:1–12  МАРҚӮС 6:14–29  ЛУҚО 9:7–9

Исо ва расулонаш дар Ҷалил мавъиза мекунанд. Лекин Яҳё, шахсе, ки Исоро ба дигарон шинос кард, дар озодӣ нест. Аллакай ду сол мешавад, ки ӯ дар зиндон аст.

Шоҳ Ҳиродуси Антипас аз зани якумаш ҷудо шуда, Ҳиродия, ҳамсари бародараш Филиппусро, ба занӣ гирифта буд. Мувофиқи Шариат, ин издивоҷ кори нораво буд ва хиёнат ба ҳисоб мерафт. Ҳиродус даъво мекард, ки Шариатро риоя мекунад, аз ин рӯ Яҳё ӯро рӯирост маҳкум кард. Ҳиродус бошад, ба гапи Ҳиродия даромада Яҳёро ба зиндон партофт.

Ҳиродус намедонад, ки бо Яҳё чӣ кор кунад, чунки мардум ӯро пайғамбар меҳисобанд (Матто 14:5). Лекин «Ҳиродия нисбати Яҳё дар дил кина» гирифтааст ва қасди куштани ӯро дорад (Марқӯс 6:19). Оқибат, чунин имконият пайдо мешавад.

Каме пеш аз иди Раҳоии с. 32-и милодӣ Ҳиродус ба муносибати ҷашни зодрӯзаш зиёфати калоне барпо мекунад. Ӯ мансабдорон, мириҳазорон ва калоншавандагони вилояти Ҷалилро таклиф мекунад. Саломия — духтари Ҳиродия, ки аз шавҳари якумаш Филиппус аст, омада, дар назди Ҳиродус ва меҳмонон рақс мекунад ва рақси ӯ ба онҳо сахт маъқул мешавад.

Рақси духтарандараш ба Ҳиродус хуш меояд, барои ҳамин ӯ ба духтар мегӯяд: «Ҳар чӣ дилат мехоҳад, аз ман хоҳиш кун ва ман онро ба ту медиҳам». Ҳиродус қасам хӯрда мегӯяд: «Ҳар чизе аз ман хоҳиш кунӣ, ба ту медиҳам, ҳатто нисфи мамлакатамро». Пеш аз ҷавоб додан духтар рафта, аз модараш мепурсад: «Чӣ хоҳиш кунам?» (Марқӯс 6:22–24).

Ин маҳз ҳамон чизест, ки Ҳиродия дар орзуяш буд! Ӯ дарҳол ба духтараш ҷавоб медиҳад: «Каллаи Яҳёи Таъмиддиҳандаро». Саломия назди Ҳиродус омада мегӯяд: «Мехоҳам, ки худи ҳозир каллаи Яҳёи Таъмиддиҳандаро дар табақе ба ман диҳӣ» (Марқӯс 6:24, 25).

Аз ин Ҳиродус хеле зиқ мешавад, лекин гапашро дигар намекунад, чунки қавл додааст. Барои иҷро кардани ваъдааш ӯ тайёр аст, ки шахси бегуноҳро кушад. Ҳиродус сарбози худро барои иҷро кардани ин кори даҳшатнок ба зиндон мефиристад. Каме пас сарбоз сари Яҳёро дар табақе гирифта меорад ва ба Саломия медиҳад. Духтар бошад, онро ба модараш мебарад.

Вақте ки шогирдони Яҳё инро мефаҳманд, омада, ҷасади ӯро мегиранд ва дар қабр мемонанд. Баъд пеши Исо мераванду ҳамаашро нақл мекунанд.

Дертар, вақте ба гӯши Ҳиродус мерасад, ки Исо беморонро шифо медиҳаду девҳоро аз онҳо берун мекунад, ӯ ба тарсу ҳарос меафтад. Ӯ хавотир аст, ки боз Исо ҳамон Яҳё набошад, ки ҳоло «аз мурдагон зинда шудааст» (Луқо 9:7). Барои ҳамин ӯ сахт мехоҳад, ки бо Исо вохӯрад. Мақсади ӯ гӯш кардани таълими Исо неву фаҳмидани он аст, ки гумону хавотириаш рост аст ё не.

---

- Барои чӣ Яҳё дар зиндон аст?
- Чӣ тавр Ҳиродия оқибат ба мақсадаш мерасад?
- Барои чӣ баъди марги Яҳё Ҳиродуси Антипас Исоро дидан мехоҳад?



# ИСО ҲАЗОРОН НАФАРРО БО ЯКЧАНД НОНУ МОҲӢ СЕР МЕКУНАД

МАТТО 14:13–21 МАРҚӮС 6:30–44 ЛУҚО 9:10–17 ЮҲАННО 6:1–13

Дувоздаҳ расули Исо аз мавъиза дар саросари Ҷалил бармегарданд ва бо хурсандӣ ба Исо «дар бораи ҳамаи корҳои кардаашон ва дар бораи чизҳои ба одамон таълимдодаашон» нақл мекунанд. Онҳо хеле монда бошанд ҳам, барои хӯрдану дамгирӣ фурсат надоранд, чунки одамони бисёре омадурафт мекунанд. Барои ҳамин Исо мегӯяд: «Биёед ба ягон ҷойи беодам меравем, то шумо каме дам гиред» (Марқӯс 6:30, 31).

Онҳо, эҳтимол, дар наздикиҳои Кафарнаҳум ба қаиқе савор шуда, ба тарафи шарқии дарёи Урдун, каме дуртар аз Байт-Сайдо, ба ҷойи беодаме, мераванд. Одамони бисёре рафтани онҳоро дида лаб-лаби соҳил ба тарафи онҳо шитоб мекунанд. Исову шогирдонаш ба соҳил мерасанд ва мебинанд, ки танҳо нестанд.

Вақте Исо он мардумро мебинад, дилаш ба онҳо месӯзад, чунки онҳо мисли гӯсфандони бечӯпонанд. Ӯ ба онҳо дар бораи Подшоҳии Худо чизҳои бисёреро таълим медиҳад (Марқӯс 6:34). Ҳамчунин ӯ «касонеро, ки бемор буданд», шифо медиҳад (Луқо 9:11). Вақте бегоҳ мешавад, шогирдон ба ӯ мегӯянд: «Ин ҷо ҷойи беодам аст ва аллакай бегоҳ шуда истодааст, мардумро ҷавоб деҳ, то ба қишлоқҳо рафта, барои худ хӯрдание харанд» (Матто 14:15).



Исо бошад, ҷавоб медиҳад: «Ба рафтани онҳо ҳоҷат нест — шумо ба онҳо хӯрок диҳед» (Матто 14:16). Исо аз Филиппус, ки аз ҳамин ҷойҳо, яъне аз наздикиҳои Байт-Сайдо мебошад, мепурсад: «Барои ин одамон аз куҷо нон харем?» Исо ин саволро барои озмудани Филиппус медиҳад, чунки аллакай медонад, ки ин душвориро чӣ хел ҳал кунад. Дар ин ҷо панҷ ҳазор мард ҷамъ шудааст. Агар занону кӯдаконро ба назар гирем, шумораи мардум ду маротиба зиёдтар мешавад! Пас, чӣ хел барои ин қадар одам нон харидан мумкин аст? Филиппус ба Исо мегӯяд: «Ҳатто агар ба дусад динор* нон харем, ба ҳамаи онҳо як бурдагӣ ҳам намерасад» (Юҳанно 6:5–7).

Ин қадар одамро сер кардан кори номумкин аст. Аз афташ, Андриёс ҳам ба ҳамин ишора карда мегӯяд: «Дар ин ҷо писарчае ҳаст, ки панҷ нони ҷавин ва ду моҳии хурд дорад. Лекин ин барои мардуми бисёр чӣ мешавад?» (Юҳанно 6:9).

Ҳоло баҳори соли 32 мебошад ва иди Раҳоӣ наздик аст. Дар ин фасл кӯҳу саҳро ва теппаҳо сабзапӯшанд. Исо аз мардум хоҳиш мекунад, ки 50–100 нафарӣ тақсим шуда, ба рӯйи сабза шинанд. Ӯ панҷ нон ва ду моҳиро гирифта, Худоро шукргузорӣ мекунад. Баъд Исо нонро шикаста, моҳиро қисм-қисм мекунад ва ба шогирдонаш медиҳад, то ба мардум тақсим кунанд. Ҳама одамон меҳӯранду сер мешаванд.

Баъд Исо ба шогирдонаш мегӯяд: «Пораҳои боқимондаро ҷамъ кунед, то ҳеҷ чиз ҳайф нашавад» (Юҳанно 6:12). Шогирдон аз нонпораҳои боқимонда 12 сабадро пур мекунанд!

* Як динор ба музди якрӯзаи мардикор баробар буд.

# 52



◊ Барои чӣ Исо мехоҳад бо шогирдонаш ба ҷойи беодаме равад?
◊ Исо ва шогирдонаш ба куҷо мераванд ва дар он ҷо чиро мебинанд?
◊ Шогирдонаш ба Исо чӣ мегӯянд, лекин ӯ чӣ кор мекунад?

# ИСО ҚУВВАҲОИ ТАБИАТРО ИДОРА МЕКУНАД

МАТТО 14:22–36   МАРҚӮС 6:45–56   ЮҲАННО 6:14–25



# 53

Мӯъҷизаи Исо ба мардум сахт таъсир мерасонад. Онҳо хулоса мебароранд, ки ӯ Масеҳ, яъне «ҳамон пайғамбари ваъдашудаест, ки бояд ба ҷаҳон биёяд». Ҳамчунин онҳо фикр мекунанд, ки Исо, бешубҳа, ҳокими хуб мешавад (Юҳанно 6:14; Такрори Шариат 18:18). Барои ҳамин мардум ният доранд, ки Исоро маҷбурӣ подшоҳ кунанд.

Лекин Исо нияти онҳоро пай мебарад. Ӯ мардумро ҷавоб медиҳад ва ба шогирдонаш мефармояд, ки ба қаиқҳои худ савор шуда, ба Кафарнаҳум баргарданд. Шогирдон мехоҳанд аввал ба Байт-Сайдо ва баъд ба Кафарнаҳум раванд. Исо бошад, ба кӯҳе мебарояд, то дар танҳоӣ ба Худо дуо гӯяд.

Қарибии саҳар Исо аз дурӣ мебинад, ки «шогирдонаш бо азоб қаиқ меронанд», зеро шамоли сахте ба муқобили онҳо мевазад. Ӯ аз кӯҳ мефарояд ва рӯ-рӯйи об ба назди шогирдонаш меравад (Марқӯс 6:48). Шогирдон то омадани ӯ «қаиқро тахминан панҷ ё шаш километр» пеш меронанд (Юҳанно 6:19). Онҳо дар рӯйи об роҳ гаштани Исоро мебинанд ва аз тарсу ҳарос мегӯянд: «Ин хоб аст ё бедорӣ?» (Марқӯс 6:49).

Исо шогирдонашро ором карда мегӯяд: «Ором бошед! Натарсед! Ин манам». Лекин Петрус мегӯяд: «Ҳазрат, агар ин ту бошӣ, ба ман фармо, ки дар рӯйи об қадам зада пеши ту оям». Исо дар ҷавоб мегӯяд: «Биё!» Он гоҳ Петрус аз қаиқ мебарояд ва рӯйи об қадам зада ба тарафи Исо меравад. Лекин, вақте ӯ ба тӯфон нигоҳ мекунад, ба ҳарос афтода ғӯтидан мегирад. Он гоҳ Петрус фарёд мезанад: «Ҳазратам, маро наҷот деҳ!» Исо дарҳол дасташро дароз мекунад ва ӯро дошта, мегӯяд: «Эй сустимон, чаро шубҳа кардӣ?» (Матто 14:27–31).

Ҳамин ки Петрусу Исо ба қаиқ медароянд, шамол мемонад. Шогирдон аз чизи дидаашон ба ҳайрат меоянд. Ҳамагӣ якчанд соат пеш Исо ҳазорон нафарро сер карда буд. Агар шогирдонаш ба маънои ин мӯъҷизаи Исо сарфаҳм мерафтанд, онҳо аз дидани он ки ӯ дар рӯйи об қадам мезанад ва шамолро ором мекунад, ҳайрон намешуданд. Ҳоло бошад, шогирдон ба худ омада, ба Исо таъзим мекунанд ва мегӯянд: «Дар ҳақиқат ту Писари Худо ҳастӣ» (Марқӯс 6:52; Матто 14:33).

Чанде пас Исову шогирдонаш ба сарзамини зебову ҳосилхези Ҷинесор мерасанд, ки он дар тарафи ҷанубии Кафарнаҳум ҷойгир аст. Онҳо дар он ҷо лангар андохта, ба соҳил мефароянд. Мардум Исоро мешиносанд ва ҳамроҳи ҳамаи онҳое, ки аз маҳалҳои гирду атрофанд, беморҳоро ба назди ӯ меоранд. Одамон танҳо ба домани либосаш даст расонда аз касалиҳои худ шифо меёбанд.

Дар ин миён, онҳое, ки сер шудани панҷ ҳазор мардро дида буданд, пайхас мекунанд, ки Исо аз он ҷо рафтааст. Барои ҳамин, вақте аз Табария қаиқҳо меоянд, онҳо ба ин қаиқҳо савор шуда, ба Кафарнаҳум равона мешаванд. Дар он ҷо онҳо Исоро ёфта, мегӯянд: «Устод, ту кай ба ин ҷо омадӣ?» (Юҳанно 6:25). Исо бошад, онҳоро сарзаниш мекунад. Барои чӣ? Инро аз боби оянда мефаҳмем.

---

- ◊ Вақте Исо ҳазорон нафарро сер мекунад, мардум чӣ кор карданӣ мешавад?
- ◊ Барои чӣ шогирдон набояд ҳайрон мешуданд, ки Исо дар рӯйи об қадам мезанад ва шамолро ором мекунад?
- ◊ Вақте Исо ба соҳили назди Кафарнаҳум мерасад, чӣ рӯй медиҳад?

# ИСО «НОНИ ҲАЁТ» АСТ

ЮҲАННО 6:25–48

Дар соҳили шарқии баҳри Ҷалил Исо ба таври мӯъҷиза якчанд ҳазор нафарро сер кард ва баъд аз пеши онҳо рафт, чунки мардум ӯро подшоҳ кардан мехостанд. Ҳамон шаб Исо рӯ-рӯйи обҳои пурталотуми баҳр қадам зад. Петрус ҳам аввал имон оварда, рӯйи об роҳ рафт, лекин баъдтар, вақте имонаш сустӣ кард, ғарқ шудан гирифт. Исо бошад, ӯро наҷот дод. Ҳамчунин Исо шамолро ором кард ва, эҳтимол, бо ин кораш шогирдонашро наҷот дод.

Ҳоло Исо дар назди соҳили ғарбии баҳр, дар тарафҳои Кафарнаҳум, аст. Он одамоне, ки ӯ ба таври мӯъҷиза сер карда буд, Исоро ёфта мегӯянд: «Эй Устод! Кай ба ин ҷо омадӣ?» Исо ин мардумро сарзаниш карда мегӯяд, ки онҳо барои дуюмбора хӯрок хӯрдан ба пешаш омадаанд. Барои ҳамин ӯ ба онҳо мегӯяд: «На барои хӯроки вайроншаванда, балки барои хӯроки вайроннашавандае меҳнат кунед, ки ҳаёти ҷовидонӣ мебахшад». Онҳо аз ӯ мепурсанд: «Чӣ кор кунем, то корҳои писандидаи Худоро ба ҷо орем?» (Юҳанно 6:25–28).

Корҳои Худо гуфта, онҳо, аз афташ, корҳоеро дар назар доранд, ки дар Шариат навишта шудаанд. Лекин Исо ба як чизи муҳимтаре ишора мекунад: «Кори писандидаи Худо ин аст, ки шумо ба каси фиристодааш имон оред». Мардум ба ҳама корҳои Исо нигоҳ накарда ба ӯ имон намеоранд. Онҳо боз аз ӯ аломате металабанд ва мегӯянд: «Чӣ кор мекунӣ? Падарони мо дар биёбон манн хӯрданд, чунон ки навишта шудааст: “Ӯ ба онҳо аз осмон нон дод, то бихӯранд”» (Юҳанно 6:29–31; Забур 77:24).

Исо бошад, дар ҷавоб ба онҳо мегӯяд, ки мӯъҷизаҳо бо қудрати Худо ба амал оварда мешаванд, на бо қудрати инсон: «Ба шумо мегӯям: Мӯсо ба шумо аз осмон нони ҳақиқӣ надодааст, вале Падари ман аз осмон ба шумо нони ҳақиқӣ дода истодааст. Зеро нони Худо ҳамон касест, ки аз осмон меояду ба ҷаҳон ҳаёт мебахшад». Вале онҳо суханони Исоро нафаҳмида мегӯянд: «Ҳазрат, ба мо ҳамеша ин нонро бидеҳ» (Юҳанно 6:32–34). Исо «нон» гуфта, чиро дар назар дорад?

Ӯ мефаҳмонад: «Ман нони ҳаёт ҳастам. Касе, ки назди ман меояд, ҳаргиз гурусна намемонад ва касе, ки ба ман имон меорад, ҳаргиз ташна намешавад. Вале, чуноне ки гуфтам, шумо маро дидед ва бо вуҷуди ин бовар намекунед... Ман аз осмон на барои ба ҷо овардани хости худ, балки барои ба ҷо овардани хости Фиристандаи худ фаромадаам. Ва хости Фиристандаам ин аст, ки ман ҳеҷ яки онҳоеро, ки Ӯ ба ман додааст, аз даст надиҳам, балки онҳоро дар рӯзи охирин эҳё кунам. Хости Падари ман ин аст, ки ҳар кӣ Писарро қабул кунад ва ба ӯ имон орад, ҳаёти ҷовидонӣ ёбад» (Юҳанно 6:35–40).

Мардум аз ин суханон ба қаҳр меоянд ва дар байни худ аз ӯ шикоят кардан мегиранд. Онҳо ҳайрон шуда мепурсанд, ки чаро Исо худашро «ноне, ки аз осмон фаромадааст», мегӯяд (Юҳанно 6:41). Дар назари онҳо Исо як марди одие аз Носираи Ҷалил аст. Онҳо ба якдигар мегӯянд: «Магар ӯ Исо, писари Юсуф, нест, ки падару модарашро мо мешиносем?» (Юҳанно 6:42).

Исо ба онҳо мегӯяд: «Шикоят накунед. Ҳеҷ кас назди ман омада наметавонад, бе он ки Падаре, ки маро фиристодааст, ӯро ҷалб кунад, ва ман ӯро дар рӯзи охирин эҳё хоҳам кард. Дар Навиштаҳои пайғамбарон гуфта шудааст: “Ҳамаи онҳо аз Яҳува таълим хоҳанд ёфт”. Ва ҳар кӣ ба Падар гӯш медиҳад ва таълим мегирад, назди ман меояд. Ҳеҷ як инсон Падарро надидааст, ғайр аз касе, ки аз ҷониби Худост; танҳо ӯ Падарро дидааст. Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: ҳар кӣ имон меорад, соҳиби ҳаёти ҷовидонӣ мегардад» (Юҳанно 6:43–47; Ишаъё 54:13).

Чанде пеш, ҳангоми сӯҳбат бо Никӯдимус, Исо гуфта буд, ки ҳаёти ҷовидонӣ аз чӣ вобаста аст: «Ҳар кӣ ба [Писари ягонаи Худо] имон оварад, нобуд нашавад, балки соҳиби ҳаёти ҷовидонӣ гардад» (Юҳанно 3:15, 16). Акнун бошад, ӯ ба як



одам неву ба одамони зиёде муроҷиат карда мегӯяд, ки барои ҳаёти ҷовидониро ба даст овардан бояд ба ӯ имон оранд. Ин аторо ба онҳо на манн бахшида метавонад ва на нони дигаре, ки дар Ҷалил ёфтан мумкин аст. Исо суханашро такрор мекунад: «Ман нони ҳаёт ҳастам» (Юҳанно 6:48).

Вақте Исо дар ибодатгоҳи Кафарнаҳум таълим медиҳад, муҳокима дар бораи ноне аз осмон боз ҳам бештар авҷ мегирад.

- Чаро аз Исо аломат талаб кардани мардум нодуруст аст?
- Вақте Исо худашро ноне аз осмон мегӯяд, мардум инро чӣ хел қабул мекунанд?
- Чаро ноне, ки Исо дар бораш гап мезанад, аз нони аслӣ ё манн беҳтар аст?

# БИСЁРИҲО АЗ СУХАНОНИ ИСО БА ҒАЗАБ МЕОЯНД

ЮҲАННО 6:48–71

Исо дар тарафи шарқии баҳри Ҷалил мардумро бо якчанд нону моҳӣ сер карда буд. Баъди ин воқеа одамон Исоро кофта ёфтанд ва ӯ ба онҳо гуфт, ки ӯ ноне аз осмон аст. Ҳоло дар ибодатгоҳи Кафарнаҳум ӯ боз дар ин бора гап мезанад.

Исо суханашро давом дода мегӯяд: «Падарони шумо дар биёбон манн хӯрданд ва бо вуҷуди ин мурданд». Баъд чунин мегӯяд: «Ман он нони зиндае ҳастам, ки аз осмон фаромадааст. Агар касе аз ин нон хӯрад, абадан зиндагӣ хоҳад кард. Ва ноне, ки ман медиҳам, ҷисми ман аст, ки онро барои соҳиби ҳаёт гаштани одамизод хоҳам дод» (Юҳанно 6:48–51).

Баҳори соли 30-и милодӣ Исо ба Ниқӯдимус гуфта буд, ки Худо ҷаҳонро чунон дӯст дошт, ки барои наҷоти он Писарашро фиристод. Акнун бошад, Исо қайд мекунад, ки одамон бояд ҷисми ӯро «хӯранд», яъне ба қурбоние, ки ӯ каме баъд меорад, имон оранд. Танҳо ҳамин тавр онҳо соҳиби ҳаёти ҷовидонӣ шуда метавонанд.

Аммо мардум ба суханони Исо эрод гирифта мегӯянд: «Чӣ тавр ин шахс ҷисми худро барои хӯрдани мо дода метавонад?» (Юҳанно 6:52). Исо мехоҳад онҳо фаҳманд, ки суханони ӯ маънои маҷозӣ доранд. Суханони минбаъдаи ӯ ин фикрро тасдиқ мекунанд.

«Агар ҷисми Писари одамро нахӯред ва хуни ӯро нанӯшед, соҳиби ҳаёт нахоҳед гашт. Ҳар кӣ ҷисми маро мехӯрад ва хуни маро менӯшад, соҳиби ҳаёти ҷовидонӣ мегардад... зеро ҷисми ман хӯроки ҳақиқӣ ва хуни ман нӯшокии ҳақиқӣ аст. Ҳар кӣ ҷисми маро мехӯрад ва хуни маро менӯшад, бо ман дар ягонагӣ мемонад» (Юҳанно 6:53–56).

Танҳо тасаввур кунед, ки ин суханон барои яҳудиён чӣ қадар гӯшхарошанд! Шояд, онҳо фикр мекунанд, ки Исо онҳоро ба одамхӯрӣ ё истеъмоли хун, ки аз рӯйи Шариат норавост, тела дода истодааст (Ҳастӣ 9:4; Ибодат 17:10, 11). Лекин Исо ин суханонро ба маънои аслӣ намегӯяд. Ӯ гуфтанӣ аст, ки ҳамаи онҳое, ки соҳиби ҳаёти ҷовидонӣ шудан мехоҳанд, бояд ба қурбонии ӯ имон оранд, яъне имон оранд, ки ӯ барои наҷот додани одамон ҷисми бегуноҳи худро медиҳад ва хунашро мерезад. Лекин ҳатто бисёре аз шогирдонаш ин суханони Исоро намефаҳманд. Баъзеи онҳо чунин мегӯянд: «Ин суханон гӯшхарошанд! Кӣ ба онҳо гӯш дода метавонад?» (Юҳанно 6:60).

Исо пай мебарад, ки баъзеи шогирдонаш шикоят карда истодаанд, барои ҳамин ӯ мепурсад: «Оё ин суханон шуморо ба хашм оварданд? Пас, агар ба ҷойи аввалаи худ баромадани Писари одамро бинед, чӣ хоҳед кард?.. Суханоне, ки ба шумо гуфтам, рӯҳ ва ҳаёт ҳастанд. Аммо дар байни шумо касоне ҳастанд, ки имон надоранд». Он гоҳ бисёре аз шогирдонаш Исоро тарк мекунанд ва дигар аз пайи ӯ намераванд (Юҳанно 6:61–64).

Баъд аз ин Исо аз 12 расулаш мепурсад: «Шояд шумо ҳам рафтанӣ ҳастед?» Петрус ҷавоб медиҳад: «Ҳазрат, назди кӣ равем?! Суханони ҳаёти ҷовидонӣ дар туст. Мо имон овардем ва медонем, ки ту Шахси муқаддасе ҳастӣ, ки Худо фиристодааст» (Юҳанно 6:67–69). Ҳарчанд Петрус ва дигар расулон низ ба маънои суханони Исо сарфаҳм намераванд, онҳо аз Исо рӯй намегардонанд. Чӣ намунаи хуби вафодорӣ!

Исо аз суханони Петрус хурсанд шуда бошад ҳам, як чизи муҳимеро қайд мекунад: «Магар ман дувоздаҳ нафари шуморо интихоб накардаам? Вале яке аз шумо тӯҳматчӣ аст» (Юҳанно 6:70). «Тӯҳматчӣ» гуфта, Исо Яҳудои Исқарютро дар назар дорад. Аз афташ, ҳамин вақт Исо пай мебарад, ки Яҳудо ба роҳи бад қадам мондааст.

Лекин Петрус ва дигар расулон Исоро тарк намекунанд ва мехоҳанд минбаъд низ дар кори наҷотбахш ҳамроҳи ӯ бошанд. Донистани ин, бешубҳа, дили Исоро таскин мебахшад.

# 55



- Чӣ тавр Исо ҷисми худро барои одамон медиҳад ва ба кадом маъно дигарон бояд ҷисми ӯро хӯранд?
- Барои чӣ одамон аз суханони Исо дар бораи ҷисм ва хунаш ба ғазаб меоянд, лекин Исо чиро дар назар дорад?
- Барои чӣ бисёре аз шогирдони Исо аз ӯ рӯй мегардонанд? Петрус ба Исо чӣ мегӯяд?

# ЧӢ ОДАМРО НОПОК МЕГАРДОНАД?

МАТТО 15:1–20 МАРҚӮС 7:1–23 ЮҲАННО 7:1

Иди Раҳоии соли 32-и милодӣ наздик аст. Ҳоло Исо дар Ҷалил машғули таълимдиҳӣ мебошад. Аз афташ, ба қарибӣ ӯ ба Ерусалим меравад, то мувофиқи Шариат идро ҷашн гирад. Лекин Исо ин корро эҳтиёткорона мекунад, зеро яҳудиён қасди куштани ӯро доранд (Юҳанно 7:1). Баъди ид Исо боз ба Ҷалил бармегардад.

Эҳтимол, ҳоло Исо дар Кафарнаҳум аст. Аз Ерусалим ба назди ӯ фарисиён ва шариатдонон меоянд. Барои чӣ онҳо роҳи дурударозро тай карда, ба назди Исо меоянд? Онҳо мехоҳанд баҳонае ёфта, Исоро дар риоя накардани маросимҳои динӣ айбдор кунанд. Онҳо мегӯянд: «Барои чӣ шогирдони ту урфу одатҳои аҷдодонро поймол мекунанд? Масалан, онҳо пеш аз хӯрок хӯрдан дастҳои худро намешӯянд» (Матто 15:2). Худо аз исроилиён талаб накарда буд, ки пеш аз хӯрдани хӯрок дастонашонро то оринҷ шӯянд (Марқӯс 7:3). Лекин барои фарисиён риоя накардани ин маросим хатои ҷиддӣ аст.

Исо ба саволи ин одамон рӯирост ҷавоб намедиҳад, балки ба он ишора мекунад, ки чӣ тавр худи онҳо дидаву диниста Шариати Худоро поймол мекунанд. Ӯ мегӯяд: «Чаро худи шумо баҳри урфу одатҳоятон амрҳои Худоро поймол мекунед? Масалан, Худо гуфтааст: “Падару модаратро иззату ҳурмат кун” ва “Ҳар кӣ падар ё модарашро дашном диҳад, бояд кушта шавад”. Лекин шумо мегӯед: “Агар касе ба падар ё модараш гӯяд, ки “чизе, ки бо он шуморо дастгирӣ карда метавонистам, ҳадияи ба Худо бахшидашуда аст”, он гоҳ зарур нест, ки онҳоро ҳурмату эҳтиром кунад”» (Матто 15:3–6; Хуруҷ 20:12; 21:17).

Фарисиён мегӯянд, ки пулу мол ё ягон чизи дигаре, ки ба Худо ҳадия карда мешавад, аз они маъбад аст ва онро бо дигар мақсад истифода бурдан мумкин нест. Ҳол он ки дар асл худи шахс аз он истифода мебарад. Масалан, писар гуфта метавонад, ки пул ё чизу чораи вай ба Худо ё маъбад «қурбон» шудааст. Ин тавр вай гӯё мегӯяд, ки ҳуқуқи истифода бурдани ин чизҳо дар ихтиёри маъбад аст. Ҳарчанд дар асл ин чизҳо дар дасти фарзанд аст, ӯ мегӯяд, ки онҳоро ба фоидаи падару модари пир ва мӯҳтоҷаш истифода бурда наметавонад. Ҳамин тавр, ӯ аз адо кардани қарзи фарзандӣ гардан метобад (Марқӯс 7:11).

Исо аз он ки фарисиён Шариати Худоро дурӯғ маънидод мекунанд, дарғазаб мешавад. Ӯ мегӯяд: «Шумо баҳри урфу одатҳоятон суханони Худоро поймол мекунед. Эй дурӯяҳо, ҳақ буд пайғамбар Ишаъё, вақте ки дар бораи шумо пешгӯйӣ карда гуфт: “Ин мардум Маро дар сухан эҳтиром мекунанд, лекин дилҳояшон аз Ман дур аст. Онҳо беҳуда Маро ибодат мекунанд, зеро таълимоташон бар гуфтаҳои одамон асос меёбад”». Фарисиён ба ин танқиди Исо чизе ҷавоб намедиҳанд. Исо мардумро ба назди худ хонда мегӯяд: «Гӯш диҳед ва ба ин суханон сарфаҳм равед: на он чӣ ба даҳон медарояд, одамро нопок месозад, балки он чӣ аз даҳон берун меояд» (Матто 15:6–11; Ишаъё 29:13).

Баъдтар дар хона шогирдонаш ба Исо мегӯянд: «Оё медонӣ, ки фарисиён суханони гуфтаатро шунида ба хашм омаданд?» Исо ба онҳо ҷавоб медиҳад: «Ҳар ниҳоле, ки Падари осмониам нашинондааст, решакан хоҳад шуд. Ба онҳо аҳамият надиҳед. Онҳо роҳнамоёни кӯранд. Агар як кӯр ба кӯри дигар роҳ нишон диҳад, ҳар ду ба чоҳ меафтанд» (Матто 15:12–14).

Петрус аз номи шогирдон аз Исо хоҳиш мекунад, то фаҳмонад, ки чӣ одамро нопок мегардонад. Исо ҳайрон шуда, мегӯяд: «Оё намедонед, ки ҳар он чӣ ба даҳон медарояд, ба шикам меравад ва аз он берун мешавад? Лекин



он чӣ аз даҳон мебарояд, аз дил берун меояд ва он чизҳо одамро нопок мегардонанд. Масалан, аз дил фикрҳои бад, одамкушӣ, хиёнати ҳамсарӣ, бадахлоқии ҷинсӣ, дуздӣ, шаҳодати бардурӯғ ва куфр берун меояд. Ҳамаи ин чизҳо одамро нопок мекунанд, аммо бо дасти ношуста хӯрок хӯрдан касро нопок намесозад» (Матто 15:17–20).

Исо бар зидди тозагӣ нест ва суханони ӯ маънои онро надоранд, ки пеш аз хӯрок пухтан ё хӯрдан даст шустан даркор нест. Аниқтараш ӯ дурӯягии роҳбарони динро маҳкум мекунад, зеро онҳо қонуни Худоро зери по карда, таълимоти инсонро болобардор мекунанд. Дар ҳақиқат, одамро корҳои баде нопок мегардонанд, ки аз дил сарчашма мегиранд.

- ◇ Фарисиён ва шариатдонон шогирдони Исоро дар чӣ айбдор мекунанд?
- ◇ Чӣ тавр фарисиён дидаву дониста Шариати Худоро поймол мекунанд?
- ◇ Дар асл чӣ одамро нопок мегардонад?

# ИСО ДУХТАРИ ДЕВДОР ВА МАРДИ КАРРО ШИФО МЕБАХШАД

МАТТО 15:21–31 МАРҚӮС 7:24–37

Баъди он ки Исо нодуруст будани урфу одатҳои фарисиёнро фош мекунад, ӯ ҳамроҳи шогирдонаш ба Финиқия, ба тарафи Сӯр ва Сидӯн меравад. Ин ҷойҳо хеле дуртар аз Кафарнаҳум, дар шимолу ғарб ҷойгиранд.

Дар он ҷо Исо хонае ёфта, дар он меистад ва намехоҳад, ки одамон аз ин хабардор шаванд. Лекин ҳатто дар ин ҷо мардум аз омадани ӯ дарак меёбанд. Як зани юноние, ки дар ин ҷойҳо таваллуд шуда буд, назди Исо меояд ва аз ӯ зориву илтиҷо мекунад: «Эй Ҳазрат, Писари Довуд, ба ман раҳм кун! Духтарам дар банди дев аст ва сахт азоб мекашад» (Матто 15:22; Марқӯс 7:26).

Каме пас шогирдон аз Исо хоҳиш мекунанд: «Ба он зан бигӯ, ки равад, зеро вай аз паси мо фарёд зада истодааст». Исо бошад, ба онҳо мефаҳмонад, ки барои чӣ гуфтаи занро иҷро накарда истодааст: «Ман фақат ба назди гӯсфандони гумшудаи хонадони Исроил фиристода шудаам». Ҳарчанд Исо ба зан гӯё аҳамият намедиҳад, он зан ноумед намешавад ва аз пеши ӯ намеравад. Ӯ назди Исо меояд ва худро пеши пойҳояш партофта, илтиҷо мекунад: «Ҳазратам, ба ман ёрдам кун!» (Матто 15:23–25).

Аз афташ, барои санҷидани имони он зан Исо мегӯяд: «Нони фарзандонро гирифта, ба пеши сагчаҳо партофтан хуб нест» (Матто 15:26). Бо ин суханон ӯ ба он ишора мекунад, ки яҳудиён ба халқҳои дигар муносибати бад доранд. Лекин калимаи «сагчаҳо»-ро истифода бурда ӯ нишон дод, ки худаш нисбати ғайрияҳудиён бадбинӣ надорад. Муносибати нағзи ӯ аз чеҳра ва оҳанги овозаш маълум аст.

Зан аз суханони Исо хафа намешавад, балки бо фурӯтанӣ мегӯяд: «Рост мегӯӣ, Ҳазратам, аммо сагчаҳо ҳам нонрезаҳои аз дастархони соҳибашон афтодаро мехӯранд» (Матто 15:27, 28). Исо мебинад, ки ин зан самимӣ аст, барои ҳамин мегӯяд: «Эй зан, имонат бузург аст, бигзор мувофиқи хости ту шавад». Духтари зан дар ин ҷо нест, лекин маҳз ҳамин вақт ӯ шифо меёбад. Вақте зан ба хонааш меравад, ӯ мебинад, ки духтарчааш сиҳату саломат дар ҷогаҳ хоб аст ва «дев аз вай берун шудааст» (Марқӯс 7:30).

Аз Финиқия Исо ва шогирдонаш ба болооби дарёи Урдун мераванд. Онҳо онро аз тарафи шимоли баҳри Ҷалил гузашта, ба Декаполис равона мешаванд. Дар он ҷо онҳо ба кӯҳ мебароянд, лекин тӯдаи мардум аз қафояшон меояд. Мардум лангон, маъюбон, кӯрон, гунгон ва бисёр беморони дигарро оварда, дар пеши пойи Исо мегузоранд ва ӯ онҳоро шифо медиҳад. Одамон аз ин корҳои Исо ба ҳайрат меоянд ва Худои Исроилро ҷалол медиҳад.

Аз байни мардум Исо марди кареро, ки забонаш мегирифт, шифо додан мехоҳад. Лекин ӯ ин корро дар назди ҳама намекунад, чунки мефаҳмад, ки то чӣ андоза вай дар ҳаяҷон аст. Исо мардро ба як тараф мебарад ва дар танҳоӣ нишон медиҳад, ки барои ӯ чӣ кор карданист. Ӯ ангуштонашро ба гӯши вай меандозад ва туф карда, дасташро ба забони вай мерасонад. Баъд ба осмон нигоҳ карда, мегӯяд: «Ифатаҳ», ки маъноаш чунин аст: «Кушода шав». Ҳамон лаҳза мард шифо меёбад ва гӯёву шунаво мешавад. Исо намехоҳад, ки ин кораш дар ҳама ҷо овоза шавад. Ӯ мехоҳад, то мардум дар асоси он чизҳое, ки худашон мебинанду мешунаванд, ба ӯ имон оранд (Марқӯс 7:32–36).

Одамоне, ки ин мӯъҷизаҳои Исоро мебинанд, сахт ба ҳайрат меоянд. Онҳо мегӯянд: «Тамоми корҳои ӯ хуб аст. Ӯ ҳатто одамони карро шунаво ва гунгҳоро гӯё мегардонад» (Марқӯс 7:37).

# 57



- Барои чӣ Исо духтари зани финиқиро дарҳол сиҳат намекунад?
- Аз Финиқия Исо ва шогирдонаш ба куҷо мераванд?
- Чӣ тавр Исо ба марди каре, ки забонаш мегирифт, ҳамдардӣ нишон медиҳад?

# НОНУ ХАМИРТУРУШ

МАТТО 15:32–16:12 МАРҚӮС 8:1–21

Дар Декаполис, дар соҳили шарқии баҳри Ҷалил, ба назди Исо одамони зиёде меоянд. Ин мардум барои шифо ёфтан ва таълим гирифтан меоянд. Онҳо дар сабадҳои калон ҳамроҳи худ хӯрду хӯрокаашонро меоранд.

Баъди якчанд рӯз бошад, хӯроки одамон тамом мешавад ва Исо ба шогирдонаш мегӯяд:

— Дилам ба мардум месӯзад, зеро аллакай се рӯз аст, ки дар ин ҷо бо мананд ва чизе барои хӯрдан надоранд. Агар ман онҳоро ба хонаҳояшон гурусна ҷавоб диҳам, дар роҳ аз ҳол меравад, охир, баъзеашон аз роҳи дур омадаанд.

Шогирдон дар ҷавоб мегӯянд:

— Дар ин ҷойи дурдаст барои сер кардани мардум аз куҷо нон ёбем? (Марқӯс 8:2–4).

— Шумо чандто нон доред? — мепурсад Исо.

— Ҳафт нон ва якчанд моҳии хурд,— мегӯянд шогирдон (Матто 15:34).

Баъд Исо ба мардум мегӯяд, ки ба замин шинанд. Ӯ нону моҳиҳоро мегирад, Худоро шукр мегӯяд ва ба шогирдонаш медиҳад, то онҳо ба дигарон тақсим кунанд. Аз ҳафт нону якчанд



моҳӣ ғайр аз занону кӯдакон тақрибан чор ҳазор мард мехӯранду сер мешаванд! Вақте хӯроки боқимондаро ҷамъ мекунанд, ҳафт сабади калон пур мешавад.

Исо мардумро ҷавоб медиҳад ва ҳамроҳи шогирдонаш ба қаиқ нишаста, ба Маҷдал меравад, ки он дар соҳили ғарбии баҳри Ҷалил ҷойгир аст. Дар он ҷо фарисиён бо баъзе аъзоёни мазҳаби саддуқиён Исоро озмуданӣ шуда аз ӯ аломате аз осмон металабанд.

Исо дилу нияти онҳоро пай бурда мегӯяд:

— Бегоҳӣ шумо мегӯед: «Ҳаво нағз мешавад, чунки осмон суп-сурх аст», саҳарӣ бошад, мегӯед: «Ҳаво имрӯз хунук ва боронӣ мешавад, чунки осмон суп-сурх бошад ҳам, абрнок аст». Чӣ тавр аз рӯйи осмон муайян кардани обу ҳаворо медонеду маънои аломатҳои ин замонаро фаҳмонда наметавонед (Матто 16:2, 3).

Баъд Исо ба фарисиёну саддуқиён мегӯяд, ки ба онҳо, ғайр аз аломати Юнуси набӣ, дигар аломат нишон дода намешавад.

Исо ва шогирдонаш ба қаиқ нишаста, ба Байт-Сайдо, ки дар шимолу шарқи соҳили баҳри Ҷалил ҷойгир аст, равона мешаванд. Дар роҳ шогирдон пай мебаранд, ки бо худ танҳо як дона нон гирифтаанд. Исо бошад, дар бораи сӯҳбаташ бо фарисиён ва саддуқиёне, ки тарафдорони Ҳиродус мебошанд, фикр карда ба шогирдон мегӯяд: «Ҳушёр бошед! Худро аз хамиртуруши фарисиён ва хамиртуруши Ҳиродус эҳтиёт кунед». Шогирдон гумон мекунанд, ки Исо ба онҳо дар бораи нон нагирифтанашон ёдрас карда истодааст. Аммо Исо гумони онҳоро пай бурда мегӯяд: «Барои чӣ дар байни худ баҳс мекунед, ки нон надоред?» (Марқӯс 8:15–17).

Исо чанде пеш ҳазорон нафарро бо нон сер карда буд. Барои ҳамин шогирдон бояд мефаҳмиданд, ки ӯ аз сабаби кам будани нон хавотир нест. Исо мегӯяд:

— Оё дар ёд надоред, ки вақте барои панҷ ҳазор мард панҷ нонро шикастам, чанд сабадро аз пораҳо пур кардед?

— Дувоздаҳ сабад,— ҷавоб медиҳанд шогирдон.

— Вақте ки барои чор ҳазор мард ҳафт нонро шикастам, чанд сабади калонро аз пораҳо пур кардед?

— Ҳафт сабад (Марқӯс 8:18–20).

— Наход нафаҳмед, ки ман нонро дар назар надоштам? — мепурсад Исо ва илова мекунад: — Худро аз хамиртуруши фарисиён ва саддуқиён эҳтиёт кунед (Матто 16:11).

Шогирдон охиру оқибат мақсади гапи Исоро мефаҳманд. Хамиртуруш хамирро турш карда, онро мерасонад. Исо дар ин ҷо хамиртурушро чун рамзи вайроншавӣ истифода мебарад. Ӯ шогирдонашро огоҳ мекунад, ки аз таъсири бади «*таълимоти* фарисиён ва саддуқиён» эҳтиёт шаванд (Матто 16:12).



◇ Барои чӣ мардуми бисёре назди Исо меояд?

◇ Вақте Исо дар бораи хамиртуруш гап мезанад, шогирдонаш чӣ гумон мекунанд?

◇ Исо «хамиртуруши фарисиён ва саддуқиён» гуфта, чиро дар назар дорад?

# ПИСАРИ ОДАМ КИСТ?

МАТТО 16:13–27 МАРҚӮС 8:22–38 ЛУҚО 9:18–26

Исо ҳамроҳи шогирдонаш ба Байт-Сайдо меояд. Дар он ҷо одамон ба назди Исо марди кӯреро меоранд ва илтимос мекунанд, ки вайро шифо диҳад.

Исо он мардро аз дасташ гирифта, аз қишлоқ берун мебарорад ва ба чашмаш туф мекунаду мепурсад: «Ягон чизро мебинӣ?» Мард дар ҷавоб мегӯяд: «Ба фикрам, ман одамонро мебинам, лекин онҳо ба дарахтоне монанданд, ки роҳ мегарданд» (Марқӯс 8:23, 24). Исо дастонашро ба чашмони он мард мегузорад ва ӯро пурра шифо медиҳад. Баъд ӯ марди биношударо ба хонааш мефиристад ва мефармояд, ки ба қишлоқ надарояд.

Баъди ин Исо ва шогирдонаш ба шимол, ба тарафҳои Қайсарияи Филиппӣ, равона мешаванд. Онҳо бояд тахминан 40 километр роҳро пиёда тай карда, ба боло бароянд. Қайсарияи Филиппӣ дар баландии 350 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир буда, дар шимолу шарқи он кӯҳи барфпӯши Ҳермӯн воқеъ аст. Аз афташ, ин сафари онҳо якчанд рӯз давом мекунад.

Дар роҳ Исо аз шогирдонаш ҷудо мешавад, то дар танҳоӣ дуо гӯяд. То марги Исо ҳамагӣ нӯҳ ё даҳ моҳ мондааст ва ӯ дар бораи шогирдонаш хавотир аст. Ба қарибӣ бисёриҳо пайравӣ кардани ӯро бас карданд, дигарон бошанд, аз афташ, ноумеданд ва чӣ кор карданашонро намедонанд. Шояд, онҳо ҳайронанд, ки вақте мардум Исоро подшоҳ карданӣ шуданд, барои чӣ ӯ пеши роҳи онҳоро гирифт. Ё чаро ӯ ба одамон аломате нишон дода, кӣ будани худро ба ҳама маълум насохт.

Вақте шогирдон ба он ҷое, ки Исо дуо гуфта истодааст, меоянд, ӯ аз онҳо мепурсад: «Мардум Писари одамро кӣ меҳисобанд?» Шогирдон мегӯянд: «Баъзеҳо Яҳёи Таъмиддиҳанда мегӯянд, дигарон — Илёс-пайғамбар ва боз қисми дигар — Ирмиё ё яке аз пайғамбарон». Дар ҳақиқат, мардум фикр мекунанд, ки Исо яке аз пайғамбарон мебошад, ки ҳоло зинда шуда, омадааст. Барои фаҳмидани фикри шогирдонаш Исо аз онҳо мепурсад: «Худи шумо маро кӣ меҳисобед?» Петрус дарҳол ҷавоб медиҳад: «Ту Масеҳ, Писари Худои зинда ҳастӣ» (Матто 16:13–16).

Исо мегӯяд, ки Петрус хушбахт аст, зеро худи Худо инро ба вай маълум сохтааст. Баъд ӯ илова мекунад: «Ба ту мегӯям: ту Петрус ҳастӣ. Ман ҷамъомади худро бар ин кӯҳ бино хоҳам кард ва дарвозаҳои гӯр бар он ғолиб нахоҳанд омад». Ин суханон нишон медиҳанд, ки Исо асосгузори ҷамъомад аст ва, агар аъзоёни он то охири умр ба Худо вафодор монанд, баъди мурданашон абадан дар банди гӯр намемонанд. Баъди ин Исо ба Петрус чунин ваъда медиҳад: «Ман ба ту калидҳои Подшоҳии осмонро медиҳам» (Матто 16:18, 19).

Албатта, бо ин гапаш Исо Петрусро аз дигар расулонаш боло намемонад ва ӯро таҳкурсии ҷамъомад намегардонад. Худи Исо ҳамон кӯҳест, ки ҷамъомад бар он бино меёбад (1 Қӯринтиён 3:11; Эфсӯсиён 2:20). Петрус бошад, соҳиби се ка-



лид мешавад. Яъне ӯ имконияти пуршараф пайдо мекунад, ки ба се гурӯҳи одамон барои ба Подшоҳии осмон дохил шудан роҳ кушояд.

Петрус калиди аввалинашро иди Ҳафтаҳои соли 33-и милодӣ истифода мебарад. Он вақт ӯ ба яҳудиён ва ғайрияҳудиёне, ки дини яҳудиро қабул карда буданд, мефаҳмонад, ки барои наҷот ёфтан онҳо бояд чӣ кор кунанд. Калиди дуюмашро ба кор бурда, Петрус ба сомариёни имондор роҳ мекушояд, то ба Подшоҳии осмон дохил шаванд. Ва, ниҳоят, калиди сеюмро Петрус соли 36-и милодӣ истифода мебарад ва ба ғайрияҳудиёни хатнанашуда, ки аввалинашон Корнилюс ва оилаву дӯстони ӯянд, ба Подшоҳии осмон роҳ мекушояд (Аъмол 2:37, 38; 8:14–17; 10:44–48).

Дар рафти сӯҳбат Исо ба расулонаш мегӯяд, ки ба қарибӣ ӯ дар Ерусалим бисёр азоб мекашад ва оқибат кушта мешавад. Онҳо аз ин зиқу хавотир мешаванд. Петрус намефаҳмад, ки Исо баъди марг аз нав зинда мешавад ва ба осмон меравад, барои ҳамин ӯ Исоро ба як тараф мебарад ва сарзаниш карда мегӯяд: «Ҳазрат, ба худат раҳм кун. Ҳаргиз бо ту ин тавр нахоҳад шуд». Лекин Исо рӯяшро аз вай гардонда, мегӯяд: «Аз пеши ман дур шав, эй Шайтон! Ту дар сари роҳи ман монеаӣ, зеро мисли одамизод фикр мекунӣ, на мисли Худо» (Матто 16:22, 23).

Баъди ин Исо дигар шогирдонро низ ба пеши худ даъват карда, ба онҳо мефаҳмонад, ки пайрави ӯ будан осон намешавад. Ӯ мегӯяд: «Ҳар кӣ аз пайи ман рафтан хоҳад, бигзор аз баҳри худ барояд ва сутуни азобу шиканҷаашро бардошта, доимо маро пайравӣ кунад. Ҳар кӣ ҷони худро наҷот додан хоҳад, онро аз даст медиҳад, лекин ҳар кӣ ҷони худро ба хотири ман ва хушхабар аз даст диҳад, онро наҷот хоҳад дод» (Марқӯс 8:34, 35).



Барои шогирди ҳақиқии Исо шудан шахс бояд далеру фидокор бошад. Исо мегӯяд: «Ҳар кӣ дар пеши ин насли ба Худо бевафо ва гунаҳкор аз ман ва аз суханонам шарм дорад, Писари одам ҳам, вақте ки ҳамроҳи фариштагони муқаддас дар ҷалоли Падари худ меояд, аз вай шарм хоҳад дошт» (Марқӯс 8:38). Бале, вақте Исо меояд, ӯ «ба ҳар кас мувофиқи рафтораш подош хоҳад дод» (Матто 16:27).

◇ Мардум Исоро кӣ меҳисобанд? Расулон чӣ?
◇ Ба Петрус кадом калидҳо дода мешаванд ва ӯ онҳоро чӣ тавр истифода мебарад?
◇ Барои чӣ ва чӣ тавр Исо Петрусро ислоҳ мекунад?

# ДИГАРГУН ШУДАНИ ИСО

МАТТО 16:28–17:13 МАРҚӮС 9:1–13 ЛУҚО 9:27–36

Ҳоло Исо дар гирду атрофи Қайсарияи Филиппӣ, ки аз кӯҳи Ҳермӯн дар масофаи 25 километр ҷойгир аст, мардумро таълим медиҳад. Дар ин вақт ӯ ба расулонаш чизи аҷоибе мегӯяд: «Ба ростӣ ба шумо мегӯям: баъзе аз онҳое, ки дар ин ҷо истодаанд, то даме ки дар Подшоҳии худ омадани Писари одамро набинанд, нахоҳанд мурд» (Матто 16:28).

Шояд, шогирдон намефаҳманд, ки Исо чӣ гуфтан мехоҳад. Тақрибан баъди як ҳафта Исо се расули худ — Петрус, Яъқуб ва Юҳанноро гирифта, ба кӯҳи баланде мебарояд. Аз афташ, онҳо шабонгоҳ ба кӯҳ мебароянд, чунки расулон хоболуданд. Дар вақти дуо гуфтанаш Исо дар назди онҳо дигаргун мешавад. Расулон мебинанд, ки рӯйи Исо мисли офтоб дурахшон ва либосаш чун нур сап-сафед мешавад.

Баъд ду нафаре пайдо мешаванд, ки расулон онҳоро «Мӯсо ва Илёс» меноманд. Онҳо «оиди рафтани Исо, ки бояд дар Ерусалим ба амал меомад», гап мезананд (Луқо 9:30, 31). Аз афташ, «рафтани Исо» гуфта, онҳо марг ва зинда шудани ӯро дар назар доранд. Каме пеш Исо дар ин бора ба шогирдонаш гап зада буд (Матто 16:21). Ин нишон медиҳад, ки баръакси суханони Петрус Исо тайёр аст бо мазоҳу масхара рӯ ба рӯ шавад ва мурад.

Вақте расулон ҳушёр мешаванд, онҳо ба ҳайрат афтода саропо гӯшу ҳуш мешаванд. Ин рӯъё чунон зиндаву воқеист, ки Петрус худро гум карда мегӯяд: «Устод, дар ин ҷо будани мо хуб аст. Иҷозат деҳ се хайма занем — якеаш барои ту, дигараш барои Мӯсо ва сеюмаш барои Илёс» (Марқӯс 9:5). Шояд, Петрус мехоҳад, ки рӯъё давом ёбад, барои ҳамин мегӯяд, ки дар он ҷо хайма зананд.

Ҳанӯз Петрус гапашро тамом накарда, дар болои сарашон абри сафеде пайдо мешавад ва овозе аз даруни абр мебарояд: «Ин Писари азизи Ман аст ва Ман аз ӯ розиям. Ӯро гӯш кунед». Овози Худоро шунида расулон сахт метарсанд ва рӯй ба замин меафтанд. Исо ба онҳо мегӯяд: «Бархезед, натарсед» (Матто 17:5–7). Сарҳои худро бардошта, онҳо ғайр аз Исо каси дигареро намебинанд. Рӯъё ба охир расид. Вақте рӯз мешавад, онҳо аз кӯҳ мефароянд. Он вақт Исо ба онҳо мефармояд: «То даме ки Писари одам аз мурдагон зинда нашавад, чизи дидаатонро ба ҳеҷ кас нагӯед» (Матто 17:9).

Расулон дар ин рӯъё Илёсро диданд, барои ҳамин аз Исо мепурсанд: «Барои чӣ шариатдонон мегӯянд, ки аввал бояд Илёс биёяд?» Исо ҷавоб медиҳад: «Илёс аллакай омад, лекин онҳо ӯро нашинохтанд» (Матто 17:10–12). Исо Яҳёи Таъмиддиҳандаро, ки хизматаш ба хизмати Илёс монанд буд, дар назар дорад. Илёс барои Элишоъ роҳ тайёр карда буд, Яҳё бошад, барои Масеҳ.

Ин рӯъё, бешубҳа, имони Исо ва расулонро хеле қавӣ мегардонад. Ба воситаи он шӯҳрату ҷалоли Подшоҳии Масеҳ ба онҳо нишон дода шуд. Чи тавре ки Исо ваъда дода буд, шогирдон «дар Подшоҳии худ омадани Писари одамро» диданд (Матто 16:28). Бале, дар кӯҳ онҳо «бузургии ӯро бо чашмони худ» диданд. Пеш аз ин фарисиён аз Исо талаб карда буданд, ки бо аломате Подшоҳи интихобшудаи Худо буданашро исбот кунад, лекин Исо ин корро накард. Шогирдони наздикаш бошанд, дигаргун шудани ӯро бо чашмони худ диданд ва ҳамин тавр ба иҷро шудани пешгӯйиҳо дар бораи Подшоҳӣ дилпурӣ пайдо карданд. Баъдтар Петрус дар ин бора чунин менависад: «Бовари мо ба суханони пешгӯйишуда боз ҳам қавитар гашт» (2 Петрус 1:16–19).

# 60



- Чӣ тавр расулон пеш аз мурданашон дар Подшоҳии худ омадани Исоро мебинанд?
- Дар рӯъё Мӯсову Илёс бо Исо дар бораи чӣ гап мезананд?
- Чӣ тавр рӯъёи дидаашон имони расулонро қавӣ мегардонад?

# ИСО ПИСАРАКЕРО, КИ ДЕВ ДОШТ, ШИФО МЕДИҲАД

МАТТО 17:14–20 МАРҚӮС 9:14–29 ЛУҚО 9:37–43

Вақте Исо, Петрус, Яъқуб ва Юҳанно аз кӯҳ мефароянд, мардуми бисёреро мебинанд. Аз афташ, чизе рӯй додааст, чунки шариатдонон дар гирди шогирдони Исо ҷамъ шуда, бо онҳо баҳс карда истодаанд. Одамон Исоро дида хурсанд мешаванд ва давида ӯро пешвоз мегиранд. Он вақт Исо мепурсад: «Шумо бо онҳо дар бораи чӣ баҳс мекунед?» (Марқӯс 9:16).

Аз байни одамон марде баромада, дар пеши Исо зону мезанад ва мегӯяд: «Устод, ман писарамро ба пешат овардам, чунки вай гирифтори дев аст ва он писарамро гунг кардааст. Ҳар боре, ки дев ҳамла мекунад, писарамро ба замин мезанад ва аз даҳони вай кафк мебарояд, дандонҳояш ба ҳам бармехӯранд ва вай тамоман бемадор мешавад. Ман аз шогирдонат хоҳиш кардам, ки devро аз писарам берун кунанд, аммо онҳо натавонистанд» (Марқӯс 9:17, 18).

Ҳарчанд шогирдон бисёр кӯшиш карданд, ки писаракро шифо диҳанд, ин корро карда натавонистанд. Аз афташ, барои ҳамин шариатдонон онҳоро мазоҳу масхара карда ба ҳолашон механданд. Аз ин рӯ ба ҷойи ба ин падари ғамзада ҷавоб додан Исо ба мардум мегӯяд: «Эй насли беимон ва гунаҳкор, то кай ман бо шумо бошам ва шуморо тоқат кунам?» Ин суханони сахт, бешубҳа, ба шариатдонон дахл доранд, ки онҳо дар набудани Исо шогирдони ӯро ғам медоданд. Баъд Исо ба падари он писар мегӯяд: «Писаратро пеши ман биёр» (Луқо 9:41).

Вақте писарак ба назди Исо меояд, дев ӯро ба замин меафтонад ва сахт ба ларза меорад. Писар дар замин печутоб мехӯрад ва аз даҳонаш кафк мебарояд.

— Ин ҳолат кай боз давом мекунад? — мепурсад Исо аз падари вай.



— Аз кӯдакиаш. Бисёр вақт дев ӯро гоҳ ба обу гоҳ ба оташ меандозад, то несту нобуд кунад,— ҷавоб медиҳад он мард ва илтиҷо мекунад: — Агар ягон кор карда тавонӣ, ба мо раҳм кун ва ёрӣ деҳ (Марқӯс 9:21, 22).

Падар рӯҳафтодаву ноумед аст, чунки ҳатто шогирдони Исо ба фарзандаш ёрӣ дода натавонистанд. Исо ӯро рӯҳбаланд мекунад ва боварӣ мебахшад:

— «Агар тавонӣ» мегӯӣ? Барои шахсе, ки имон дорад, ҳама чиз имконпазир аст.

Падари писарак ҳамон лаҳза ҷавоб медиҳад:

— Ман имон дорам! Дар чизе, ки имонам сустӣ мекунад, ба ман ёрӣ деҳ! (Марқӯс 9:23, 24).

Исо пай мебарад, ки одамони зиёде шитобон ба наздаш меоянд ва ӯ дар пеши назари ҳама он рӯҳи нопокро сарзаниш карда мегӯяд: «Эй рӯҳи гунг ва кар, ба ту амр мефармоям, ки аз бача берун шав ва дигар ба вай надаро!» Зери таъсири дев писарак фарёд мезанад ва сахт ба ларза меояд. Баъди ин дев аз писарак берун мешавад ва вай мисли мурда дар замин хоб меравад. Инро дида бисёриҳо мегӯянд: «Вай мурдааст!» (Марқӯс 9:25, 26). Лекин Исо ӯро аз дасташ мегирад ва ӯ аз ҷояш мехезад ва ҳамон лаҳза шифо меёбад (Матто 17:18). Одамон аз ин ба ҳайрат меафтанд.

Чанде пеш, вақте Исо шогирдонашро барои мавъиза фиристода буд, онҳо девҳоро берун мекарданд. Барои ҳамин дар хона ҳангоми танҳо монданашон шогирдон аз ӯ мепурсанд: «Барои чӣ мо девро берун карда натавонистем?» Исо мефаҳмонад, ки сабабаш сустимонии онҳост ва мегӯяд: «Ин гуна девҳоро танҳо бо дуо аз одам берун кардан мумкин аст» (Марқӯс 9:28, 29). Барои берун кардани ин деви пурзӯр ба шогирдон



лозим буд, ки имони қавӣ дошта бошанд ва дар дуо аз Худо ёрдам пурсанд.

Дар охир Исо мегӯяд: «Ба ростӣ ба шумо мегӯям: агар ба андозаи донаи хардал имон дошта бошеду ба ин кӯҳ “аз ин ҷо ба он ҷо кӯч” гӯед, он мекӯчад ва ҳеҷ чиз барои шумо ғайриимкон нахоҳад буд» (Матто 17:20). Дар ҳақиқат, имон қувваи пурзӯр дорад!

Монеа ва душвориҳое, ки барои дар хизмати Худо пешравӣ кардан ба мо халал мерасонанд, баъзан ба назарамон мисли кӯҳ калону ноҷунбон тофта метавонанд. Лекин, агар имонамонро қавӣ гардонем, мо чунин душвориҳоро паси сар карда метавонем.

◇ Вақте Исову шогирдонаш аз кӯҳ мефароянд, онҳо чиро мебинанд?
◇ Барои чӣ шогирдон девро аз писарак берун карда наметавонанд?
◇ Мо ба туфайли имон чӣ кор карда метавонем?

# ФУРӮТАНӢ МУҲИМ АСТ

МАТТО 17:22–18:5 МАРҚӮС 9:30–37 ЛУҚО 9:43–48

Каме пеш Исо дар гирду атрофи Қайсарияи Филиппӣ дигаргун шуда буд ва писараки девдорро шифо дода буд. Акнун ӯ ба Кафарнаҳум рафта истодааст. Ӯ танҳо ҳамроҳи шогирдонаш сафар мекунад, чунки намехоҳад, ки «касе дар куҷо буданашро фаҳмад» (Марқӯс 9:30). Ин тавр ӯ шогирдонашро ба хизматиояндаашон ва ба маргаш тайёр карда метавонад. Ӯ мегӯяд: «Писари одам ба дасти душманонаш супурда мешавад ва онҳо ӯро мекушанд, лекин баъди се рӯз ӯ зинда мешавад» (Матто 17:22, 23).

Ин фикр барои шогирдон нав нест. Агар дар хотир дошта бошед, каме пеш Исо дар бораи кушта шуданаш гап зада буд ва Петрус ба ин зид баромада буд (Матто 16:21, 22). Баъдтар се расулаш шоҳиди дагаргун шудани ӯ гаштанд ва дар бораи «рафтани Исо» шуниданд (Луқо 9:31). Ҳоло шогирдон ба маънои суханони устодашон пурра сарфаҳм намераванд ва «сахт зиқ»-анд (Матто 17:23). Лекин онҳо ҷуръат намекунанд, ки дар ин бора ба ӯ савол диҳанд ва бисёртар фаҳманд.

Исову шогирдонаш ба Кафарнаҳум, ки ҷойи асосии хизмати Исо аст, мерасанд. Ин шаҳр ватани баъзе аз расулони ӯ мебошад. Дар ин ҷо ба назди Петрус ҷамъоварони андози маъбад меоянд. Аз афташ, онҳо мехоҳанд Исоро дар насупоридани андоз айбдор кунанд. Онҳо мегӯянд:

— Магар устоди шумо андози маъбадро намесупорад? (Матто 17:24).

— Месупорад,— ҷавоб медиҳад Петрус.

Вақте ӯ ба хона меояд, мефаҳмад, ки Исо аллакай аз воқеаи рӯйдода бохабар аст, зеро пеш аз он ки дар ин бора гап кушояд, Исо аз ӯ мепурсад:

— Шимъӯн, ба фикри ту, подшоҳони ҷаҳон андози сарикасӣ ё дигар андозҳоро аз кӣ ҷамъ мекунанд? Аз фарзандони худ ё аз бегонагон? Петрус ҷавоб медиҳад:

— Аз бегонагон.

Исо мегӯяд:

— Пас, фарзандон озоданд (Матто 17:25, 26).



Падари Исо Ҳокими Олам аст ва маҳз Ӯро одамон дар маъбад ибодат мекунанд. Барои ҳамин Писари Худо ҳақ дорад, ки андоз насупорад. Исо мегӯяд: «Лекин, барои он ки онҳоро ба хашм наорем, рафта, шасти моҳигирии худро ба баҳр андоз ва аз даҳони аввалин моҳие, ки ба шаст меафтад, тангаи нуқрагие меёбӣ. Онро гирифта, барои ҳар дуи мо ба онҳо деҳ» (Матто 17:27).

Баъд расулон бо ҳам ҷамъ меоянд ва аз Исо пурсидан мехоҳанд, ки дар Подшоҳӣ кӣ аз ҳама бузург мешавад. Чанде пеш онҳо ҷуръат накарда буданд, ки аз устодашон дар бораи маргаш пурсанд. Ҳоло бошад, нотарсида дар бораи ояндаи худашон савол доданиянд. Исо аз андешаи дили онҳо бохабар аст. Маҳз дар ин бора онҳо дар роҳи Кафарнаҳум баҳс мекарданд. Барои ҳамин Исо мепурсад: «Дар роҳ шумо дар бораи чӣ баҳс мекардед?» (Марқӯс 9:33). Аз шарму хиҷолат расулон ҷавоб намедиҳанд, чунки дар роҳ баҳс карданд, ки кадоме аз онҳо бузургтар аст. Оқибат расулон саволеро, ки онҳоро ба ташвиш меовард, ба Исо медиҳанд: «Дар Подшоҳии осмон кӣ аз ҳама бузург хоҳад буд?» (Матто 18:1).

Қариб се сол мешавад, ки шогирдон ҳамроҳи Исоянд. Онҳо бо чашмони худ диданд, ки Исо чӣ тавр рафтор мекунад ва гап мезанад. Лекин ба ин нигоҳ накарда онҳо дар бораи он ки кадоме аз онҳо бузургтар аст, баҳс мекунанд. Албатта, онҳо одамони гунаҳкору нокомиланд. Ҳамчунин дин ва ҷомеа ба онҳо чунон таъсир

кардааст, ки барояшон мансабу мартаба аҳамияти калон дорад. Ғайр аз ин, каме пеш Исо ба Петрус ваъда дода буд, ки калидҳои Подшоҳиро ба ӯ медиҳад. Ин ҳам сабаб шуда метавонист, ки Петрус худро аз дигарон боло гирад. Яъқубу Юҳанно ҳам манманӣ карда метавонистанд, чунки онҳо шоҳиди дигаргун шудани Исо буданд.

Ба ҳар ҳол Исо мехоҳад тарзи фикри онҳоро ислоҳ кунад. Ӯ кӯдакеро ба назди худ хонда, ӯро дар байни онҳо мегузорад ва мегӯяд: «То даме ки тарзи фикрронииатонро тағйир дода, мисли кӯдакон нагардед, ба Подшоҳии осмон дохил нахоҳед шуд. Пас, ҳар кӣ худро мисли ин кӯдак фурӯтан созад, дар Подшоҳии осмон аз ҳама бузург хоҳад буд. Ва ҳар кӣ яке аз чунин кӯдаконро ба хотири номи ман қабул кунад, ҳамчунин маро қабул мекунад» (Матто 18:3–5).

Дар ҳақиқат, Исо муаллими беҳтарин аст! Ӯ аз ин рафтори шогирдонаш асабонӣ ва дарғазаб нашуд ва онҳоро худхоҳу шӯҳратпараст наномид. Ӯ барои таълим додани онҳо диққатро ба кӯдаки хурде равона кард. Барои чӣ? Исо мехост, ки шогирдонаш мисли кӯдакон шаванд ва дар фикри мансабу мартаба набошанд. Баъд Исо як дарси муҳимро қайд мекунад: «Шахсе, ки дар байни шумо чун хурдтарин рафтор мекунад, бузург аст» (Луқо 9:48).



◇ Дар роҳи Кафарнаҳум Исо ба шогирдонаш чӣ мегӯяд ва ин ба онҳо чӣ хел таъсир мекунад?
◇ Чаро Исо ҳақ дошт андози маъбадро насупорад, лекин барои чӣ баъдтар ӯ ин корро мекунад?
◇ Барои чӣ шогирдон дар бораи мансабу мартаба ғам мехӯранд ва чӣ тавр Исо онҳоро ислоҳ мекунад?

# ИСО БА ШОГИРДОНАШ БОЗ МАСЛИҲАТҲОИ МУҲИМ МЕДИҲАД

МАТТО 18:6–20 МАРҚӮС 9:38–50 ЛУҚО 9:49, 50

Исо ба шогирдонаш маслиҳат дод, ки онҳо бояд чӣ гуна фикрронӣ дошта бошанд. Ӯ гуфт, ки ҳар кӣ кӯдаконро ба хотири номи ӯ қабул кунад, худи Исоро қабул мекунад (Матто 18:5). Онҳо бояд мисли кӯдакон хоксору фурӯтан бошанд ва дар фикри мансабу мартаба нашаванд.

Каме пеш шогирдонаш баҳс мекарданд, ки кадоме аз онҳо бузургтар аст. Барои ҳамин, ин насиҳати Исо саривақт аст ва ба онҳо кӯмак расонда метавонад. Ҳоло Юҳаннои расул дар бораи воқеаи дигаре нақл мекунад, ки навакак рӯй дода буд: «Устод, мо мардеро дидем, ки ба номи ту девҳоро аз одамон берун мекунад ва хостем ба вай монеъ шавем, зеро вай ҳамроҳи мо туро пайравӣ намекунад» (Луқо 9:49).

Шояд, Юҳанно фикр мекунад, ки фақат расулон ҳақ доранд одамонро шифо диҳанд ва девҳоро аз онҳо берун кунанд. Агар ин хел бошад, пас, барои чӣ он марди яҳудӣ девҳоро берун карда тавонист? Он мард ҳамроҳи Исо ва расулон намегардад, барои ҳамин, Юҳанно фикр мекунад, ки ӯ набояд мӯъҷиза ба амал орад.

Лекин ҷавоби Исо Юҳанноро ба ҳайрат меорад: «Вайро аз ин кор бознадоред, зеро ҳар кӣ ба номи ман мӯъҷизаҳо мекунад, наметавонад дарҳол баъди ин дар ҳаққи ман суханони бад гӯяд. Ҳар кӣ зидди мо нест, бо мост. Ба ростӣ ба шумо мегӯям: ҳар кӣ ба шумо ба хотири пайрави Масеҳ буданатон як пиёла об диҳад, мукофоти худро аз даст нахоҳад дод» (Марқӯс 9:39–41).

Айни замон шарт нест, ки ин мард дар ҳама ҷо Исоро ҳамроҳӣ кунад ва бо ин тарафдори Масеҳ буданашро нишон диҳад. Ҷамъомади масеҳӣ ҳоло ташкил нашудааст, барои ҳамин ҳамроҳи Исо набудани он мард маънои онро надорад, ки ӯ мухолифи Исо ё тарафдори ягон дини дурӯғ аст. Рафтори он мард нишон медиҳад, ки ӯ ба номи Исо имон дорад. Аз суханони Исо маълум аст, ки он мард мукофоташро аз даст намедиҳад.

Аммо, агар суханони расулон сабаб шаванд, ки он мард аз роҳи рост дур шавад, пас, ин масъалаи ҷиддист. Исо мегӯяд: «Ҳар кӣ ба пешпо хӯрдани яке аз ин хурдон, ки ба ман имон доранд, сабаб гардад, барояш беҳтар мебуд, ки санги калони осиёро ба гарданаш баста, ӯро ба баҳр партоянд» (Марқӯс 9:42). Исо мегӯяд, ки агар даст, пой ё чашми пайравонаш сабаби пешпо хӯрданашон шавад, онҳо бояд аз баҳри он узви баданашон бароянд. Бале, беҳтараш шахс бе ин узвҳои даркорӣ ба Подшоҳии Худо дарояд, назар ба он



ки бо ин узвҳо ба водии Ҳиннӯм партофта шавад. Шогирдон, аз афташ, ин водиро, ки дар наздикии Ерусалим ҷойгир буд ва дар он ҳар гуна партов сӯзонда мешуд, дидаанд. Барои ҳамин онҳо ба осонӣ мефаҳманд, ки ин ҷо Исо нестшавии абадиро дар назар дорад.

Исо огоҳ мекунад: «Эҳтиёт шавед, ки ягонтои ин хурдонро кам нашуморед, зеро ба шумо мегӯям: фариштаҳои онҳо ҳамеша рӯйи Падари маро... мебинанд». Ин хурдон барои Падари осмониамон хеле қиматбаҳоянд. Барои нишон додани ин Исо дар бораи марде мисол меорад, ки сад гӯсфанд дошт. Вақте як гӯсфанди он мард гум мешавад, ӯ 99 гӯсфандашро монда, ба ҷустуҷӯйи гӯсфанди гумшу-

да меравад. Вақте ӯ онро меёбад, барои он назар ба 99 гӯсфанде, ки гум нашуда буданд, бештар шод мешавад. Баъд Исо илова мекунад: «Падари осмонии ман низ намехоҳад, ки ҳатто яке аз ин хурдон нобуд шавад» (Матто 18:10, 14).

Эҳтимол, Исо ҳоло ҳам дар бораи баҳси расулон фикр карда суханони зеринро ба забон меорад: «Дар худ намак дошта бошед ва бо якдигар муросо кунед» (Марқӯс 9:50). Намак хӯрокро хушмазза мекунад. Суханони нарму намакин бошанд, барои ба дили одам роҳ ёфтан ёрдам мекунанд ва ҳамин тавр сулҳу якдигарфаҳмиро нигоҳ медоранд. Баҳсу мунозира бошад, баръакс сулҳу оромиро вайрон месозад (Қӯлассиён 4:6).

Баъзан байни мо душвориҳои ҷиддӣ пайдо шуда метавонанд ва Исо дастурот дод, ки чӣ тавр мо бояд онҳоро ҳал кунем. Ӯ мегӯяд: «Агар бародарат бар зидди ту гуноҳ кунад, рафта, рӯ ба рӯ, дар танҳоӣ ба вай хатояшро фаҳмон. Агар ӯ ба ту гӯш диҳад, пас, бародаратро ба роҳи рост баргардондӣ». Агар гӯш надиҳад-чӣ? «Як ё ду нафарро ҳамроҳи худ бар, то бо гувоҳии ду ё се шоҳид ҳақ будани ҳар сухан исбот гардад»,— маслиҳат медиҳад Исо. Агар ин қадам ҳам ёрдам накунад, шахс бояд «ба ҷамъомад», яъне ба пирони масъул муроҷиат кунад, то онҳо ягон чора андешанд. Агар ӯ ба гапи пирон ҳам гӯш накунад-чӣ? Исо мегӯяд, ки дар ин ҳолат ба ӯ бояд мисли бегона назар кард: «Бигзор ӯ барои ту мисли одами ин ҷаҳон ва ҷамъкунандаи андоз бошад» (яҳудиён одатан бо ҷамъоварони андоз дӯстӣ намекарданд) (Матто 18:15–17).

Нозирони ҷамъомадҳо бояд пурра ба Каломи Худо такя кунанд. Вақте онҳо шахси гуноҳкардаро айбдор мешуморанд ва чораи ислоҳкунанда меандешанд, онҳо мувофиқи он чизе, ки «аллакай дар осмон баста шудааст», амал мекунанд. Вале, агар пирон хулоса бароранд, ки шахс айбдор нест, он чизе мешавад, ки «аллакай дар осмон кушода шудааст». Ин дастурот вақте ҷамъомади масеҳӣ ташкил ёфт, фоидаи зиёд овард. Исо дар бораи баррасии чунин масъалаҳои ҷиддӣ гуфт: «Ҳар ҷое, ки ду ё се нафар ба номи ман ҷамъ шаванд, ман бо онҳо хоҳам буд» (Матто 18:18–20).



◊ Барои чӣ марде, ки девҳоро аз одамон берун мекард, бар зидди Исо нест?

◊ То чӣ андоза пешпо додани «хурдон» масъалаи ҷиддист ва бо кадом мисол Исо муҳим будани онҳоро нишон дод?

◊ Мувофиқи дастуроти Исо, агар бародарамон бар зидди мо гуноҳ кунад, мо бояд чӣ кор кунем?

# БАРОИ ЧӢ БАХШИДАН МУҲИМ АСТ?

МАТТО 18:21–35

Исо маслиҳат дод, ки вақте байни шахс ва бародараш душворӣ пайдо мешавад, вай бояд кӯшиш кунад, ки онро бе дахолати дигарон ҳал кунад. Петрус инро шунида буд, лекин акнун вай, шояд, аниқ кардан мехоҳад, ки барои ҳал кардани душворӣ чанд бор бояд кӯшиш кунад.

Петрус аз Исо мепурсад: «Эй Ҳазрат, агар бародарам бар зидди ман гуноҳ кардан гирад, чанд бор бояд ӯро бахшам? То ҳафт бор?» Баъзе сарварони динӣ таълим медиҳанд, ки шахс каси дигарро бояд то се бор бахшад. Барои ҳамин Петрус, шояд, фикр мекунад, ки агар бародарашро «то ҳафт бор» бахшад, пас, ӯ бениҳоят раҳмдилу бахшанда аст (Матто 18:21).

Лекин ҳисоб кардани он ки шахс дигаронро чанд бор мебахшад, ба таълими Исо зид аст. Барои ҳамин ӯ Петрусро ислоҳ карда мегӯяд: «Ба ту мегӯям, ки на ҳафт бор, балки то ҳафтоду ҳафт бор» (Матто 18:22). Исо ба Петрус гуфтанист, ки ӯ бояд бародарашро беохир бахшад.

Баъди ин Исо ба Петрус ва дигарон мисоле меорад. Исо мехоҳад, то онҳо дарк кунанд, ки бахшидани дигарон қарзи ҳар як инсон аст. Подшоҳе ба ғуломонаш қарз медиҳад ва рӯзе мехоҳад, ки пулашро аз онҳо гирад. Яке аз ғуломон аз подшоҳ пули хеле калон, яъне 10 000 талант, ки ба 60 000 000 динор баробар аст, қарздор аст. Лекин вай имконият надорад, ки қарзашро баргардонад. Аз ин рӯ барои ба даст овардани пули худ подшоҳ фармон медиҳад, ки ғулом ва зану фарзандонашро фурӯшанд. Он гоҳ ғулом пеши подшоҳ зону зада аз ӯ илтимос мекунад: «Ба ман камтар вақт деҳ ва ман ҳамаашро ба ту бармегардонам» (Матто 18:26).

Дили подшоҳ ба он ғулом месӯзад ва ӯ раҳм карда қарзи ӯро мебахшад. Лекин ғулом аз пеши подшоҳ рафта, ғуломи дигареро меёбад, ки аз ӯ ҳамагӣ 100 динор қарздор буд. Вай аз гиребони он ғулом мегирад ва қариб буғӣ карда мегӯяд: «Тамоми қарзеро, ки аз ман гирифта будӣ, гардонда деҳ». Лекин он ғулом зону зада илтиҷо мекунад:





«Камтар вақт деҳ ва ман қарзамро бармегардонам» (Матто 18:28, 29). Ғуломи якум бошад, мисли хӯҷаинаш рафтор намекунад. Вай рафиқашро ба зиндон мепартояд ва мегӯяд, ки то қарзашро барнагардонад, озод намешавад. Ба ин ғуломи бераҳм подшоҳ қарзи хеле калонеро бахшид, аммо ӯ қарзи ночизи рафиқашро бахшидан нахост.

Баъд Исо мегӯяд, ки ғуломони дигар муносибати бераҳмонаи ғуломи якумро дида ба пеши подшоҳ меравcovered ва тамоми воқеаро нақл мекунанд. Подшоҳ аз ин дарғазаб мешавад ва он ғуломро ба наздаш фарёд карда, мегӯяд: «Эй ғуломи бадкор, вақте ки ту аз ман зориву илтиҷо кардӣ, ман тамоми қарзатро бахшидам. Пас, магар ту низ набояд ба рафиқат раҳм мекардӣ, чи тавре ки ман ба ту кардам?» Подшоҳ он ғуломи бераҳмро ба зиндон мепартояд ва мегӯяд, ки то тамоми қарзашро адо накунад, озод намешавад. Дар охир Исо мегӯяд: «Агар шумо ҳам бародари худро аз таҳти дил набахшед, Падари осмонии ман бо шумо чунин хоҳад кард» (Матто 18:32–35).

Чӣ дарси муҳиме! Худо аз гуноҳҳои мо гузашта, ба маъное, қарзи калони моро бахшидааст. Аз ин рӯ новобаста аз он ки бародаронамон бар зидди мо чӣ гуна гуноҳ мекунанд, мо бояд онҳоро бахшем. Қарзи бародаронамон дар пеши қарзе, ки Худо ба мо бахшидааст, ночиз аст. Ғайр аз ин, Худо моро ҳазорон бор мебахшад. Мо низ бояд хатоҳои бародаронамонро ҳисоб накарда бахшем, ҳатто агар барои хафашавӣ сабаб дошта бошем. Чи тавре ки Исо дар Мавъизаи болои кӯҳ гуфта буд, Худо қарзҳои моро мебахшад, «чунон ки мо низ ба қарздорони худ мебахшем» (Матто 6:12).



◇ Барои чӣ Петрус ба Исо дар бораи бахшидан савол медиҳад? Чаро, эҳтимол, ӯ фикр мекунад, ки то ҳафт бор бахшидан нишонаи раҳмдилист?

◇ Подшоҳ ба ғуломи якум чӣ гуна муносибат мекунад? Лекин ғулом бо рафиқаш чӣ гуна рафтор мекунад?

◇ Мо аз мисоле, ки Исо овард, чӣ меомӯзем?

# ИСО ДАР РОҲ ТАЪЛИМ МЕДИҲАД

МАТТО 8:19–22 ЛУҚО 9:51–62 ЮҲАННО 7:2–10

Чанд вақт мешавад, ки Исо асосан дар Ҷалил хизмат мекунад, чунки дар ин ҷо назар ба Яҳудия мавъизаи ӯро одамони бисёртар гӯш мекунанд. Ғайр аз ин, вақте ӯ дар Ерусалим шахсеро рӯзи шанбе шифо дода буд, «яҳудиён боз ҳам бештар қасди куштани Исоро карданд» (Юҳанно 5:18; 7:1).

Ҳоло тирамоҳи соли 32-и милодӣ ва омад-омади иди Хаймаҳо аст. Ин ид ҳафт рӯз давом мекунад ва дар рӯзи ҳаштум ҷамъомади ботантана баргузор мегардад. Дар ин ид одамон ба охир расидани мавсими киштукорро ҷашн мегиранд ва шодиву хурсандӣ карда, Худоро шукргузорӣ мекунанд.

Бародарони Исо — Яъқуб, Шимъӯн, Юсуф ва Яҳудо ба ӯ мегӯянд: «Аз ин ҷо баромада, ба Яҳудия рав». Пойтахти Яҳудия, Ерусалим, маркази ибодати яҳудиён аст ва соле се маротиба мардуми зиёд барои ҷашн гирифтани ид ба он ҷо меоянд. Бародарони Исо мегӯянд: «Касе, ки машҳур шудан мехоҳад, пинҳонӣ амал намекунад. Ту ки чунин корҳоро мекунӣ, худатро ба ҷаҳон маълум соз» (Юҳанно 7:3, 4).

Бародарони Исо имон надоранд, ки ӯ Масеҳ аст. Ба ҳар ҳол онҳо мехоҳанд, ки ӯ омада, дар ид мӯъҷизаҳо нишон диҳад, то дигарон бинанд. Лекин Исо мефаҳмад, ки ҳоло ба ид рафтан хатарнок аст, барои ҳамин ба онҳо мегӯяд: «Ҷаҳон барои аз шумо нафрат кардан сабабе надорад, лекин аз ман нафрат мекунад, зеро ман шаҳодат медиҳам, ки корҳои он бад аст. Шумо ба ид равед, вале ман ҳоло ба ин ид намеравам, чунки вақти ман ҳанӯз нарасидааст» (Юҳанно 7:5–8).

Якчанд рӯз баъд аз он ки бародарони Исо ҳамроҳи дигарон ба Ерусалим мераванд, Исо низ бо шогирдонаш ба роҳ мебарояд. Онҳо мехоҳанд ба он ҷо пинҳонӣ раванд ва барои ҳамин бо роҳе, ки аз наздикии Урдун мегузараду яҳудиён одатан бо он сафар мекунанд, равона намешаванд. Исову шогирдонаш бо роҳи росте мераванд, ки аз Сомария гузашта ба Ерусалим мебарад. Дар Сомария ба онҳо ҷое барои истодан лозим аст ва Исо якчанд шогирдашро пешопеши худ равона мекунад, то онҳо ҷой тайёр кунанд. Лекин мардуми яке аз маҳалҳо онҳоро қабул намекунанд, зеро мефаҳманд, ки Исо ва шогирдонаш барои ҷашни иди яҳудиён ба Ерусалим рафта истодаанд. Яъқуб ва Юҳанно аз ин дарғазаб мешаванд ва аз Исо мепурсанд: «Ҳазрат, оё мехоҳӣ бигӯем, ки аз осмон оташ фаромада, онҳоро нобуд созад?» (Луқо 9:54). Исо шогирдонашро барои фикрҳои нодурусташон сарзаниш мекунад ва баъд онҳо роҳро давом медиҳанд.



Дар роҳ шариатдоне ба назди Исо омада, мегӯяд:

— Устод, ҳар ҷое равӣ, ман туро пайравӣ хоҳам кард.

— Рӯбоҳон хона ва паррандагони осмон лона доранд, вале Писари одам ҷое надорад, ки сар монад,— мегӯяд Исо (Матто 8:19, 20).

Бо ин Исо ба шариатдон нишон додан мехоҳад, ки





агар ӯ пайрави Исо шудан хоҳад, ба бисёр душвориҳо дучор мешавад. Лекин шариатдон, аз афташ, шахси аз ҳад мағрур аст ва барои ҳаёташро дигар кардан тайёр нест. Ҳар яки мо бояд аз худ пурсем: «Оё ман тайёрам, ки Исоро пайравӣ кунам?»

Исо ба марди дигаре мегӯяд:

— Биё ва маро пайравӣ кун.

— Ҳазратам, иҷозат деҳ, ки аввал рафта, падарамро гӯр кунам,— мегӯяд он мард.

— Бигзор мурдагон мурдагони худро гӯронанд, ту бошӣ, рафта, дар ҳама ҷо Подшоҳии Худоро эълон кун (Луқо 9:59, 60).

Исо вазъияти он мардро медонист, барои ҳамин чунин ҷавоб дод. Эҳтимол, падари ин мард зинда аст. Агар ин тавр намебуд, вай бо Исо гап зада наметавонист. Аз афташ, ин шахс тайёр нест, ки Подшоҳии Худоро дар ҷойи аввали ҳаёташ монад.

Дар роҳ ба Ерусалим боз як марди дигар ба Исо муроҷиат карда мегӯяд:

— Ҳазрат, ман туро пайравӣ мекунам, лекин иҷозат деҳ, ки аввал бо аҳли хонаи худ хайрухуш кунам.

— Касе, ки дасти худро бар омоч гузошта, ба чизҳои дар ақиббуда нигоҳ мекунад, лоиқи Подшоҳии Худо нест,— ҷавоб медиҳад Исо (Луқо 9:61, 62).

Касе, ки мехоҳад пайрави Исо бошад, бояд диққаташро пурра ба хизмати Худо равона кунад. Агар деҳқон ҳангоми шудгор кардани замин ба пеш нигоҳ накунад, ҷӯяки ӯ каҷ мебарояд ва агар ӯ омочашро монда ба қафо нигоҳ кунад, кори саҳро мемонад. Ба ин монанд, шахсе, ки диққаташро ба ин ҷаҳон равона мекунад, аз роҳе, ки ба ҳаёти ҷовидонӣ мебарад, дур мешавад.

---

- ◊ Бародарони Исо дар бораи кӣ будани ӯ чӣ фикр доранд?
- ◊ Барои чӣ сомариён Исоро қабул намекунанд ва он вақт Яъқубу Юҳанно чӣ кор карданӣ мешаванд?
- ◊ Дар роҳ Исо бо мардоне, ки вомехӯрад, дар бораи чӣ сӯҳбат мекунад ва дар бораи хизмати Худо чиро қайд мекунад?







ҚИСМИ

# 4

# ХИЗМАТИ ИСО ДАР ЯҲУДИЯ

«АЗ СОҲИБИ ҲОСИЛ ИЛТИМОС КУНЕД, КИ БАРОИ ДАРАВ КОРГАР ФИРИСТАД»

(ЛУҚО 10:2).

# ИСО БА ИДИ ХАЙМАҲО МЕОЯД

ЮҲАННО 7:11–32

Баъди таъмидаш Исо машҳур шуд. Ҳазорон яҳудиён мӯъҷизаҳои ӯро бо чашмони худ диданд ва дар саросари мамлакат дар ин бора гап мезананд. Ҳоло мардум иди Хаймаҳоро ҷашн гирифта истодаанд ва бисёриҳо Исоро меҷӯянд.

Фикру ақидаҳо дар бораи Исо гуногунанд. Баъзеҳо мегӯянд, ки «ӯ одами хуб аст». Баъзеи дигар бошанд, чунин мегӯянд: «Не, ӯ мардумро гумроҳ мекунад» (Юҳанно 7:12). Дар рӯзҳои аввали ид ин хел миш-мишҳо зиёданд, лекин аз тарси яҳудиён ҳеҷ кас ҷуръат намекунад, ки дар бораи ӯ ошкоро гап занад.

Вақте ки нисфи ид мегузарад, Исо ба маъбад меояд. Одамон аз таълими ӯ ба ҳайрат омада мегӯянд: «Чӣ тавр ин одам, ки дар мактабҳои динӣ нахондааст, Навиштаҳои Муқаддасро ин қадар хуб медонад?» (Юҳанно 7:15).

Исо мегӯяд: «Он чӣ ман таълим медиҳам, аз они ман нест, балки аз они Фиристандаи ман аст. Агар касе хости Ӯро ба ҷо овардан хоҳад, мефаҳмад, ки оё ин таълим аз ҷониби Худост ё ман аз худ сухан мегӯям» (Юҳанно 7:16, 17). Исо мувофиқи Шариати Худо таълим медиҳад, барои ҳамин маълум аст, ки ӯ Худоро ҷалол додан мехоҳад, на худро.

Баъд Исо мегӯяд: «Оё Мӯсо ба шумо Шариатро надодааст? Вале ҳеҷ кадоми шумо ба Шариат итоат намекунед. Барои чӣ шумо маро куштан мехоҳед?» Аз афташ, баъзеҳо аз шаҳрҳои дигар омадаанд, барои ҳамин намефаҳманд, ки барои чӣ Исо ин хел мегӯяд. Фикри он ки касе чунин муаллимро куштан мехоҳад, дар сари онҳо ҷой намешавад. Барои ҳамин мардум хулоса мебароранд, ки Исо девона шудааст. Онҳо мегӯянд: «Ту дев дорӣ. Кӣ туро куштанӣ аст?» (Юҳанно 7:19, 20).

Яку ним сол пеш, вақте Исо мардеро дар рӯзи шанбе шифо дод, сарварони дин ӯро куштанӣ шуданд. Ҳоло бошад, Исо далелҳо меорад ва нодуруст будани рафтори онҳоро нишон медиҳад. Ӯ мегӯяд, ки мувофиқи Шариат писарчаро дар рӯзи ҳаштум, ҳатто агар он ба рӯзи шанбе рост ояд, хатна мекунанд. Баъд ӯ аз онҳо мепурсад: «Модоме ки шумо писарони худро дар рӯзи шанбе хатна мекунед, то Шариати Мӯсоро вайрон насозед, пас, чаро аз он ки ман касеро дар рӯзи шанбе пурра сиҳат кардам, ин қадар ба хашм меоед? Аз рӯйи он чӣ мебинед, ҳукм накунед, балки аз рӯйи адлу инсоф ҳукм намоед» (Юҳанно 7:23, 24).

Он гоҳ баъзе сокинони Ерусалим, ки асли воқеаро медонанд, мегӯянд: «Магар ин ҳамон касе нест, ки ӯро куштан мехоҳанд? Бинед, ӯ дар пеши ҳама сухан гуфта истодааст ва ҳеҷ кас ба ӯ чизе намегӯяд. Оё роҳбарон дар ҳақиқат фикр мекунанд, ки ӯ Масеҳ аст?» Пас, барои чӣ мардум ба Масеҳ будани Исо бовар надоранд? Одамон мегӯянд: «Охир, мо аз куҷо будани ин одамро медонем, лекин, вақте Масеҳ меояд, ҳеҷ кас нахоҳад донист, ки ӯ аз куҷост» (Юҳанно 7:25–27).

Дар ҷавоби ин Исо мегӯяд: «Шумо маро мешиносед ва аз куҷо буданамро медонед. Ман аз пеши худ наомадаам; Оне, ки маро фиристодааст, дар ҳақиқат вуҷуд дорад, вале шумо Ӯро намешиносед. Ман бошам, Ӯро мешиносам, чунки аз пеши Ӯ омадаам ва Ӯ маро фиристодааст» (Юҳанно 7:28, 29). Ин суханони Исоро шунида мардум аз пайи дастгир кардани ӯ мешаванд, то ӯро ба зиндон партоянд ё кушанд. Лекин ин кор аз дасти онҳо намеояд, зеро вақту соати ӯ ҳанӯз нарасидааст.

Ба ин нигоҳ накарда бисёриҳо ба Исо имон меоранд, чунки ӯ мӯъҷизаҳои зиёде ба амал оварда буд. Онҳо, шояд, шунидаанд, ки ӯ метавонад рӯ-рӯйи об қадам занад, тӯфонро ором кунад, бо якчанд нон ва моҳӣ ҳазорҳо одамон-



ро сер кунад, беморон, лангон, кӯрон ва махавиёнро шифо диҳад ва ҳатто мурдагонро зинда кунад. Аз ин рӯ онҳо мегӯянд: «Вақте Масеҳ меояд, наход аз ин одам дида бештар мӯъҷиза нишон диҳад?» (Юҳанно 7:31).

Вақте фарисиён суханонеро, ки мардум дар бораи Исо мегӯянд, мешунаванд, онҳо ва коҳинони калон посбононро барои дастгир кардани ӯ мефиристанд.

---

- Дар вақти ид одамон дар бораи Исо чӣ мегӯянд?
- Барои исбот кардани он ки ӯ Шариатро вайрон намекунад, Исо чӣ мегӯяд?
- Барои чӣ бисёриҳо ба Исо имон меоранд?

# «КАСЕ ҲАРГИЗ МОНАНДИ Ӯ СУХАН НАГУФТААСТ»

ЮҲАННО 7:32–52

Иди Хаймаҳо ҳанӯз тамом нашудааст ва Исо то ҳол дар Ерусалим мебошад. Ӯ хурсанд аст, ки «бисёриҳо аз байни мардум ба ӯ имон» оварданд. Аммо сарварони дин аз ин хеле дарғазабанд. Онҳо посбононро мефиристанд, то Исоро дастгир кунанд (Юҳанно 7:31, 32). Лекин Исо пинҳон намешавад.

Ӯ таълим додани мардумро давом дода мегӯяд: «Боз каме бо шумо хоҳам буд ва баъд ба назди Фиристандаи худ хоҳам рафт. Маро мекобед, вале намеёбед ва ба он ҷое, ки ман меравам, шумо омада наметавонед» (Юҳанно 7:33, 34). Яҳудиён ба маънои суханони ӯ сарфаҳм намераванд, барои ҳамин дар байни худ мегӯянд: «Ин одам ба куҷо рафтанӣ аст, ки мо ӯро ёфта наметавонем? Оё мехоҳад ба назди яҳудиёне, ки дар байни юнониҳо пароканда шудаанд, рафта, юнониҳоро таълим диҳад? “Маро мекобед, вале намеёбед ва ба он ҷое, ки ман меравам, шумо омада наметавонед” гуфтани ӯ чӣ маъно дорад?» (Юҳанно 7:35, 36). Исо дар назар дорад, ки ӯ мемурад ва баъд зинда шуда, ба осмон меравад. Фаҳмост, ки душманони ӯ аз пасаш ба он ҷо рафта наметавонанд.

Дар рӯзҳои ид коҳин ҳар саҳар аз ҳавзи Шилӯаҳ об гирифта, ба лаган мерезад ва он ба пояи қурбонгоҳ ҷорӣ мешавад. Рӯзи ҳафтуми ид Исо, аз афташ, ба ин ишора карда мегӯяд: «Касе ташна аст, бигзор пеши ман ояд ва бинӯшад. Ҳар кӣ ба ман имон меорад, чуноне ки Навиштаҳои Муқаддас мегӯянд, “аз ӯ дарёҳои оби ҳаёт ҷорӣ мешаванд”» (Юҳанно 7:37, 38).

Исо ба чизе ишора карда истодааст, ки баъди марги ӯ рӯй медиҳад. Соли оянда, дар иди Ҳафтаҳо, бар шогирдони Исо рӯҳи муқаддас фурӯ мерезад ва онҳо бо он тадҳин шуда, ба ҳаёти осмонӣ даъват мешаванд. Аз он вақт сар карда шогирдони тадҳиншуда ҳақиқатро дар бораи Худо ба одамон мавъиза мекунанд ва ҳамин тавр «дарёҳои оби ҳаёт ҷорӣ мешаванд».



Вақте мардум таълими Исоро мешунаванд, баъзеҳо мегӯянд: «Ин шахс дар ҳақиқат ҳамон пайғамбарест, ки дар борааш пешгӯӣ шуда буд». Аз афташ, онҳо пайғамбареро дар назар доранд, ки бояд аз Мӯсо бузургтар мешуд. Дигарон бошанд, чунин мегӯянд: «Ӯ Масеҳ аст». Лекин баъзеҳо ба ин ақида зид мебароянд. Онҳо мегӯянд: «Магар Масеҳ аз Ҷалил меояд? Оё дар Навиштаҳои Муқаддас гуфта нашудааст, ки Масеҳ бояд аз насли Довуд, дар деҳаи Байт-Лаҳм, ки ӯ аз он ҷо буд, ба дунё ояд?» (Юҳанно 7:40–42).

Дар байни мардум ҷудоӣ ба миён меояд. Баъзеҳо мехоҳанд Исоро дастгир кунанд, лекин ин корро намекунанд.
Вақте посбонон бе Исо меоянд, коҳинони калон ва фарисиён мегӯянд:

— Чаро шумо ӯро наовардед?

— Касе ҳаргиз монанди ӯ сухан нагуфтааст,— ҷавоб медиҳанд посбонон.
Он гоҳ сарварони дин ба хашм меоянд ва онҳоро паст зада мегӯянд:

— Наход шумо ҳам гумроҳ шуда бошед? Магар касе аз роҳбарон ё фарисиён ба ӯ имон овардааст? Вале ин мардум, ки Тавротро намедонанд, одамони лаънатёфта мебошанд (Юҳанно 7:45–49).

Он гоҳ Ниқӯдимуси фарисӣ, ки аъзои Шӯрои олии яҳудиён аст, ҷуръат карда Исоро тарафгирӣ мекунад. Тахминан дую ним сол пеш Ниқӯдимус шабона пеши Исо омада, ба ӯ имон доштанашро нишон дода буд. Ӯ мегӯяд:

— Оё аз рӯйи Шариати мо сухани касро нашунида ва чӣ кор карданашро муайян накарда, ӯро маҳкум намудан дуруст аст?!

— Магар ту ҳам ҷалилӣ ҳастӣ? Навиштаҳои Муқаддасро таҳқиқ кун ва мебинӣ, ки аз Ҷалил ягон пайғамбар баромада наметавонад,— мегӯянд онҳо (Юҳанно 7:51, 52).

Дар Навиштаҳо рӯирост гуфта нашудааст, ки пайғамбар бояд аз Ҷалил бошад. Лекин аз Каломи Худо фаҳмидан мумкин аст, ки Масеҳ аз Ҷалил мебарояд. Дар он пешгӯӣ шудааст, ки «Ҷалили ғайрияҳудиён... рӯшноии бузургеро» мебинад (Ишаъё 9:1, 2; Матто 4:13–17). Беш аз ин, чуноне ки пешгӯӣ шудааст, Исо дар Байт-Лаҳм таваллуд ёфтааст ва аз насли Довуд мебошад. Ва ҳарчанд фарисиён инро медонанд, аз афташ, қисми зиёди маълумоти нодурустро дар бораи Исо маҳз онҳо паҳн кардаанд.



◊ Кадом суханони Исо ба маросиме, ки дар рӯзҳои ид ҳар саҳар ба ҷо оварда мешавад, ишора мекунанд?

◊ Барои чӣ посбонон Исоро дастгир намекунанд ва он вақт сарварони дин чӣ мегӯянд?

◊ Чӣ нишон медиҳад, ки Масеҳ аз Ҷалил мебарояд?

# ПИСАРИ ХУДО «НУРИ ҶАҲОН» АСТ

ЮҲАННО 8:12–36

Дар рӯзи охири иди Хаймаҳо, яъне рӯзи ҳафтум, Исо дар он қисми маъбад, ки «зарфҳои хайриякунӣ» меистанд, таълим медиҳад (Юҳанно 8:20; Луқо 21:1). Аз афташ, он дар саҳни занон ҷойгир аст.

Дар рӯзҳои ид шабона ин қисми маъбад ба таври махсус равшан карда мешавад. Дар он ҷо чор чароғпояи калон мегузоранд, ки ҳар яки он чор чароғдони пур аз равған дорад. Равшании ин чароғҳо чунон баланд аст, ки аз масофаи дур онро дидан мумкин аст.

Чизе, ки Исо ҳозир мегӯяд, ба шунавандагонаш ин манзарaро хотиррасон мекунад:

— Ман нури ҷаҳон ҳастам. Ҳар касе, ки маро пайравӣ мекунад, ҳаргиз дар торикӣ роҳ нахоҳад рафт, балки соҳиби нури ҳаёт хоҳад гашт (Юҳанно 8:12).

Он гоҳ фарисиён ба Исо мегӯянд:

— Ту худат дар бораат шаҳодат медиҳӣ, бинобар ин шаҳодати ту сазовори боварӣ нест.

— Гарчанде ман худам дар бораам шаҳодат медиҳам, шаҳодати ман боваринок аст, зеро медонам, ки аз куҷо омадаам ва ба куҷо меравам. Вале шумо намедонед, ки ман аз куҷо омадаам ва ба куҷо меравам,— мегӯяд Исо ва илова мекунад: — Дар Шариати шумо низ навишта шудааст: «Шаҳодати ду нафар сазовори боварист». Ман дар бораи худ шаҳодат медиҳам ва Падар низ, ки маро фиристодааст, дар бораи ман шаҳодат медиҳад (Юҳанно 8:13–18).

Аммо фарисиён паст наомада мегӯянд:

— Падари ту куҷост?

— Шумо на маро мешиносед ва на Падарамро. Агар шумо маро мешинохтед, Падарамро низ мешинохтед,— мегӯяд Исо (Юҳанно 8:19). Ҳарчанд фарисиён Исоро дастгир кардан мехоҳанд, ҳеҷ кас ба ӯ даст намерасонад.

Исо боз ба онҳо мегӯяд:

— Ман меравам ва шумо маро ҷустуҷӯ хоҳед кард, вале бо вуҷуди ин дар гуноҳи худ хоҳед мурд. Ба он ҷое, ки ман меравам, шумо рафта наметавонед.



Яҳудиён суханони ӯро нодуруст мефаҳманд ва мегӯянд:

— Магар ӯ худро куштанӣ аст ки, мегӯяд: «Ба он ҷое, ки ман меравам, шумо рафта наметавонед»? Онҳо намедонанд, ки ӯ аз куҷо омадааст, барои ҳамин ба маънои суханонаш сарфаҳм намераванд.

— Шумо аз поёнед, ман бошам, аз боло,— мефаҳмонад ӯ.— Шумо аз ин ҷаҳон ҳастед, вале ман аз ин ҷаҳон нестам (Юҳанно 8:21–23).

Исо гуфтанист, ки пеш аз таваллудаш дар осмон буд ва ҳамон Масеҳи ваъдашудаест, ки сарварони дин бояд ӯро интизор мешуданд.

Лекин фарисиён бо қаҳру ғазаби бештар мегӯянд:

— Ту кистӣ? (Юҳанно 8:25).

Азбаски яҳудиён Исоро рад мекунанд ва ба ӯ муқобил мебароянд, ӯ ба онҳо мегӯяд:

— Чаро ман беҳуда бо шумо гап зада истодаам? Баъд ӯ дар бораи Падараш гап мезанад ва мефаҳмонад, ки барои чӣ яҳудиён бояд Писарро гӯш кунанд:

— Ман ба ҷаҳон суханонеро мегӯям, ки аз Фиристандаи худ шунидаам, ва суханони Ӯ ҳаққанд (Юҳанно 8:25, 26).

Баръакси ин яҳудиён Исо аз Падараш дилпур аст, барои ҳамин мегӯяд:

— Пас аз он ки шумо Писари одамро боло мебардоред, хоҳед фаҳмид, ки ман ҳамоне ҳастам, ки ба шумо гуфтам, ва ҳеҷ кореро аз пеши худ намекунам, балки он чиро, ки Падар ба ман таълим додааст, ҳамонро мегӯям. Фиристандаи ман бо ман аст; Ӯ маро танҳо нагузоштааст, зеро ман ҳамеша корҳоеро ба ҷо меорам, ки ба Ӯ маъқуланд (Юҳанно 8:28, 29).

Лекин баъзе яҳудиён ба Исо имон доранд ва ӯ ба онҳо мегӯяд:

— Агар ҳамеша аз рӯйи суханони ман рафтор кунед, пас, дар ҳақиқат шогирдони ман ҳастед. Шумо ростиро хоҳед шинохт ва ростӣ шуморо озод хоҳад кард (Юҳанно 8:31, 32).

Барои баъзеҳо суханони Исо дар бораи озод шудан бегонаанд.

— Мо насли Иброҳим ҳастем,— мегӯянд онҳо,— ва ҳеҷ гоҳ ғуломи касе набудем. Пас, чӣ тавр ту мегӯӣ, ки «озод хоҳед шуд»?

Яҳудиён медонанд, ки вақт аз вақт халқҳои бегона бар онҳо ҳукмфармоӣ мекарданд, лекин онҳо худро ғулом намеҳисобанд. Исо бошад, қайд мекунад, ки онҳо то ҳол ғуломанд:

— Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: ҳар касе, ки гуноҳ мекунад, ғуломи гуноҳ аст (Юҳанно 8:33, 34).

Онҳо ба гардан намегиранд, ки ғуломи гуноҳанд ва ин худбоварии онҳо оқибати нохуш дорад.

— Ғулом як умр дар хонаи хӯҷаин намемонад,— мефаҳмонад Исо,— вале писар ҳамеша дар хонаи падари худ мемонад (Юҳанно 8:35).

Ғулом ба гирифтани мерос ҳақ надорад ва соҳибонаш кадом вақте, ки хоҳанд, ӯро аз хона пеш карда метавонанд. Фақат писар ё писархонд метавонад як умр дар хонаи падар зиндагӣ кунад.

Пас, вақте Исо «ростӣ шуморо озод хоҳад кард» гуфт, ӯ дар назар дошт, ки ҳақиқат дар бораи Писар ба таври ҳамешагӣ одамонро аз банди гуноҳу марг озод мекунад.

— Агар Писар шуморо озод кунад, дар ҳақиқат озод хоҳед буд,— мегӯяд Исо (Юҳанно 8:36).

---

◇ Дар рӯзҳои ид шабона мардум чӣ гуна манзараро мебинанд ва чӣ тавр Исо инро чун мисол истифода мебарад?

◇ Исо дар бораи аз куҷо омадани худ чӣ мегӯяд ва ин суханон ба чӣ ишора мекунанд?

◇ Ба кадом маъно яҳудиён ғуломанд ва кадом ростӣ онҳоро озод мекунад?

# ПАДАРИ ОНҲО ИБРОҲИМ АСТ Ё ШАЙТОН?

ЮҲАННО 8:37–59

Дар Ерусалим, дар иди Хаймаҳо, Исо таълим додани ҳақиқатҳои муҳимро давом медиҳад. Баъзе яҳудиён навакак ба Исо чунин гуфта буданд: «Мо насли Иброҳим ҳастем ва ҳеҷ гоҳ ғуломи касе набудем». Исо дар ҷавоб мегӯяд: «Ман медонам, ки шумо насли Иброҳим ҳастед, вале мехоҳед маро бикушед, зеро суханонамро қабул намекунед. Ман он чиро мегӯям, ки дар назди Падари худ дидаам, шумо бошед, корҳоеро мекунед, ки аз падари худ шунидаед» (Юҳанно 8:33, 37, 38).

Исо гуфтанӣ аст, ки Падари ӯ дигар асту падари онҳо дигар. Яҳудиён ба суханони Исо сарфаҳм намераванд ва мегӯянд: «Падари мо Иброҳим аст» (Юҳанно 8:39; Ишаъё 41:8). Онҳо дар ҳақиқат аз насли Иброҳиманд. Иброҳим дӯсти Худо буд ва яҳудиён фикр мекунанд, ки онҳо низ мисли падарашон ба Худо имон доранд.

Лекин суханони минбаъдаи Исо онҳоро ба ҳайрат меорад. Ӯ мегӯяд: «Агар шумо фарзандони Иброҳим мебудед, мисли ӯ рафтор мекардед». Дар ҳақиқат, одатан писар ба падари худ тақлид мекунад. Баъд Исо давом медиҳад: «Вале шумо қасди куштани маро доред, ҳол он ки ман ба шумо ростии аз Падар шунидаамро мерасонам. Иброҳим ин тавр рафтор намекард». Баъд ӯ мегӯяд: «Шумо корҳои падари худро мекунед» (Юҳанно 8:39–41).

Яҳудиён то ҳол намефаҳманд, ки Исо киро дар назар дорад. Онҳо ба фарзандони қонунӣ будани худ ишора карда мегӯянд: «Мо аз зино таваллуд нашудаем; мо як Падар дорем, ки Худост». Лекин оё дар асл падари онҳо Худо аст? Исо мегӯяд: «Агар Падари шумо Худо мебуд, маро дӯст медоштед, зеро ман аз ҷониби Худо омадаам ва ҳоло дар ин ҷо мебошам. Ман аз пеши худ наомадаам, балки Ӯ маро фиристодааст». Сипас Исо ба онҳо савол медиҳаду худаш ба он ҷавоб медиҳад: «Чаро шумо он чиро, ки ман мегӯям, намефаҳмед? Ин аз он сабаб аст, ки шумо суханони маро қабул карда наметавонед» (Юҳанно 8:41–43).

Исо ба онҳо фаҳмондан мехост, ки оқибати ӯро қабул накарданашон чӣ мешавад. Лекин ҳоло ӯ рӯирост мегӯяд: «Падари шумо Иблис аст ва шумо мехоҳед хости падари худро ба ҷо оред». Исо мефаҳмонад, ки падари онҳо чӣ гуна шахс аст: «Ӯ аз он вақте, ки зидди Худо баромад, одамкуш гашт ва дар ростӣ устувор намонд». Баъд ӯ илова мекунад: «Касе, ки аз Худост, ба суханони Худо гӯш медиҳад. Шумо аз он сабаб гӯш намедиҳед, ки аз Худо нестед» (Юҳанно 8:44, 47).

Яҳудиён аз ин суханони Исо ба хашм омада мегӯянд: «Оё мо ҳақ набудем, вақте гуфтем, ки ту сомарӣ ҳастӣ ва дев дорӣ?» Онҳо Исоро «сомарӣ» гуфта паст мезананд. Лекин Исо ба пичинги онҳо аҳамият намедиҳаду мегӯяд: «Ман дев надорам, балки Падари худро эҳтиром мекунам, лекин шумо маро беҳурмат месозед». Ҷиддӣ будани ин масъала аз суханони Исо маълум мешавад. Ӯ мегӯяд: «Ҳар кӣ сухани маро ба ҷо меорад, ҳеҷ гоҳ маргро нахоҳад дид». Яҳудиён ба Исо беҳурматӣ карда худро аз ҳаёти абадӣ маҳрум месозанд. Албатта, Исо гуфтанӣ нест, ки расулон ва дигар пайравони ӯ ҳеҷ гоҳ намемуранд. Суханони ӯ маънои онро доранд, ки онҳо абадан нест у нобуд намешаванд, яъне «марги дуюм»-ро, ки аз он ҳеҷ кас зинда намешавад, намечашанд (Юҳанно 8:48–51; Ваҳй 21:8).

Лекин яҳудиён суханони Исоро ба маънои аслӣ фаҳмида мегӯянд: «Акнун мо аниқ донистем, ки ту дев дорӣ. Иброҳим мурд, пайғамбарон низ мурдаанд, ту бошӣ, мегӯӣ: “Ҳар кӣ сухани маро ба ҷо меорад, ҳеҷ гоҳ маргро нахоҳад чашид”. Магар ту аз падарамон Иброҳим, ки мурдааст, бузургтар ҳастӣ?.. Ту худатро кӣ меҳисобӣ?» (Юҳанно 8:52, 53).

Мақсади гапи Исо фаҳмост: ӯ Масеҳ аст. Лекин Исо рӯирост ба саволи онҳо ҷавоб намедиҳад, балки фақат чунин мегӯяд: «Агар ман худро ҷалол диҳам, ҷалоли ман ҳеҷ аст. Маро Падарам ҷалол медиҳад, Ҳамоне, ки шумо Ӯро Худои худ меҳисобеду лекин намешиносед. Ман бошам,



Ӯро мешиносам. Агар мегуфтам, ки Ӯро намешиносам, мисли шумо дурӯғгӯй мебудам» (Юҳанно 8:54, 55).

Баъд Исо боз дар бораи Иброҳим, ки хизматгори вафодори Худо буд, гап мезанад: «Падари шумо Иброҳим дидани рӯзи маро интизор буд ва аз ин бисёр шодӣ мекард. Ва ӯ инро диду шод гашт». Дар ҳақиқат, Иброҳим ба ваъдаи Худо бовар дошт ва омадани Масеҳро интизорӣ мекашид. Лекин яҳудиён боз шакку шубҳа карда мегӯянд: «Ту ҳанӯз панҷоҳсола ҳам нестӣ ва боз мегӯӣ, ки Иброҳимро дидаӣ?» Исо ба онҳо ҷавоб медиҳад: «Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: пеш аз он ки Иброҳим ба дунё ояд, ман вуҷуд доштам». Исо ба он ишора карда истодааст, ки пеш аз таваллудаш ӯ дар осмон фаришта буд (Юҳанно 8:56–58).

Вақте Исо мегӯяд, ки ӯ пеш аз Иброҳим вуҷуд дошт, яҳудиён аз хашму ғазаб пур гашта ӯро сангсор карданӣ мешаванд. Лекин Исо аз он ҷо меравад ва онҳо ба ӯ зараре намерасонанд.

- Чӣ тавр Исо нишон медиҳад, ки Падари ӯ дигар асту падари душманонаш дигар?
- Барои чӣ гуфтан мумкин аст, ки яҳудиён дар асл фарзандони Иброҳим нестанд?
- Ба кадом маъно пайравони Исо «ҳеҷ гоҳ маргро» нахоҳанд дид?

# ИСО КӮРИ МОДАРЗОДРО ШИФО МЕДИҲАД

ЮҲАННО 9:1–18

Рӯзи шанбе аст ва Исо ҳоло ҳам дар Ерусалим мебошад. Ӯ ва шогирдонаш роҳравон марди гадоеро мебинанд, ки кӯри модарзод аст. Шогирдон аз Исо мепурсанд: «Устод, ин шахс аз барои гуноҳи кӣ кӯр таваллуд шудааст: аз барои гуноҳи худаш ё аз барои гуноҳи падару модараш?» (Юҳанно 9:2).

Шояд, шогирдони Исо фаҳмидан мехоҳанд, ки оё шахс дар шиками модар гуноҳ карда метавонад ё не. Исо ҷавоб медиҳад: «На ӯ гуноҳ кардааст ва на падару модараш, балки барои он чунин шудааст, ки корҳои Худо дар ӯ намоён шаванд» (Юҳанно 9:3). Ин мард ё падару модараш гуноҳе накардаанд, ки сабаби кӯр таваллуд шудани ӯ гашта бошад. Аниқтараш ин аз сабаби гуноҳи аввалин инсон — Одам аст. Ҳамаи одамон нокомил ва бо чунин камбудиҳо мисли нобиноӣ таваллуд мешаванд. Чун дар мавридҳои дигар, ҳоло Исо мехоҳад, ки ин кӯри модарзодро шифо дода ҳамин тавр корҳои бузурги Худоро нишон диҳад.

Исо қайд мекунад, ки корҳои некро ба қафо партофтан лозим нест. Ӯ мегӯяд: «Ҳанӯз ки рӯз аст, мо бояд корҳои Фиристандаи маро ба ҷо орем. Шаб фаро расида истодааст ва он вақт ҳеҷ кас коре карда наметавонад. То даме ки ман дар ҷаҳон ҳастам, нури ҷаҳонам» (Юҳанно 9:4, 5). Каме пас, баъди маргаш, Исо ба оғӯши гӯри торик партофта мешавад ва дар он ҷо ӯ ягон кор карда наметавонад. Ҳоло бошад, ӯ барои ҷаҳон манбаи рӯшноӣ аст.

Оё Исо ин мардро шифо медиҳад? Ӯ чӣ тавр ин корро мекунад? Исо ба замин туф мекунад ва туфашро бо хок омехта, лой мекунад. Баъд онро ба чашмони марди кӯр мемолад ва мегӯяд: «Рафта, дар ҳавзи Шилӯаҳ чашмонатро бишӯй» (Юҳанно 9:7). Он мард рафта, чашмонашро мешӯяд ва бино мешавад. То ин дам ӯ ҳеҷ чизро намедид, акнун бошад, ҳама чизро мебинад! Бешубҳа, хурсандии ӯ ҳадду канор надорад!

Одамоне, ки кӯр будани он мардро медонанд, ҳайрон шуда мепурсанд:

— Магар ин ҳамон касе нест, ки нишаста садақа мепурсид?

— Ҳа, ин ҳамон кас аст,— мегӯянд баъзеҳо. Вале дигарон чунин мегӯянд:

— Не, ӯ танҳо ба вай монанд аст.

— Ин манам,— мегӯяд худи он мард (Юҳанно 9:8, 9).

Онҳо аз вай мепурсанд:

— Пас, чӣ тавр ту бино шудӣ?

— Исо ном марде туфи худро бо хок омехта, онро ба чашмонам молид ва гуфт: «Рафта, чашмонатро дар Шилӯаҳ шӯй». Ман рафта, шустам ва бино шудам.

— Он мард дар куҷост?

— Намедонам (Юҳанно 9:10–12).

Мардум ин мардро назди фарисиён мебаранд. Онҳо низ фаҳмидан мехоҳанд, ки чӣ тавр ӯ бино шуд. Ӯ ба онҳо мегӯяд:





— Вай ба чашмонам лой молид ва ман, баъд аз он ки чашмонамро шустам, бино шудам.

Ба ҷойи он ки ба шодии ин мард шарик шаванд, баъзе фарисиён норозигӣ баён карда дар бораи Исо мегӯянд:

— Он шахс аз ҷониби Худо нест, зеро ӯ рӯзи шанберо риоя намекунад.

Фарисиёни дигар бошанд, чунин мегӯянд:

— Чӣ тавр одами гунаҳкор чунин мӯъҷизаҳоро ба амал оварда метавонад? (Юҳанно 9:15, 16).

Ҳамин тавр дар байни онҳо ҷудоӣ ба миён меояд.

Он гоҳ фарисиён аз он мард мепурсанд:

— Ту дар бораи шахсе, ки чашмонатро шифо дод, чӣ мегӯӣ?

— Ӯ пайғамбар аст,— бе дудилагӣ ҷавоб медиҳад ӯ (Юҳанно 9:17).

Фарисиён ба ин бовар кардан намехоҳанд. Аз афташ, онҳо фикр мекунанд, ки ин марду Исо забон як кардаанд ва ҳоло одамонро аҳмақ карда истодаанд. Барои фаҳмидани асли воқеа онҳо мехоҳанд аз волидони ин мард пурсанд, ки оё ӯ дар ҳақиқат кӯр таваллуд шудааст ё не.

---

◊ Барои чӣ марди гадо кӯр таваллуд шуда буд?

◊ Бино гаштани кӯри модарзод ба одамон чӣ тавр таъсир мекунад?

◊ Барои чӣ дар байни фарисиён ҷудоӣ ба миён меояд?

# ФАРИСИЁН МАРДИ ШИФОЁФТАРО САВОЛБОРОН МЕКУНАНД

ЮҲАННО 9:19–41

Фарисиён бовар намекунанд, ки Исо кӯри модарзодро шифо додааст, барои ҳамин онҳо падару модари ӯро ҷеғ мезананд, то аниқ кунанд, ки оё фарзандашон дар ҳақиқат кӯр таваллуд шудааст ё не. Волидони он мард мефаҳманд, ки агар Исоро Масеҳ гӯянд, онҳоро аз ибодатгоҳ пеш карда метавонанд (Юҳанно 9:22). Касе, ки аз ибодатгоҳ ронда мешуд, радди маърака мегашт ва дар натиҷа аз ҷиҳати пулию моддӣ душворӣ мекашид.

Фарисиён ба онҳо ду савол медиҳанд:

— Оё ин писари шумост, ки, аз рӯйи гапатон, кӯр таваллуд шудааст? Агар ин рост бошад, пас, чӣ тавр ӯ ҳоло бино гашт?

— Мо медонем, ки ин писари мост ва кӯр таваллуд шудааст. Аммо намедонем, ки чӣ тавр ӯ бино шуд ва кӣ чашмони ӯро шифо дод,— ҷавоб медиҳанд волидони он мард.

Ҳатто агар он мард воқеаи рӯйдодаро ба волидонаш нақл карда бошад, онҳо ба саволҳои фарисиён бо як эҳтиёткорӣ ҷавоб медиҳанд ва илова мекунанд:

— Аз худаш пурсед, ӯ болиғ аст ва бояд худаш ҷавоб диҳад (Юҳанно 9:19–21).

Он гоҳ фарисиён он марди шифоёфтаро боз ба назди худ фарёд мекунанд. Онҳо Исоро дар гуноҳе айбдор карда он мардро тарсонданӣ мешаванд.

— Худоро ҷалол деҳ,— мегӯянд онҳо.— Мо медонем, ки он мард гунаҳкор аст.

— Гунаҳкор аст ё не, ман намедонам. Фақат ҳаминро медонам, ки кӯр будам, вале ҳоло бино шудам,— ҷавоб медиҳад он мард (Юҳанно 9:24, 25).

Фарисиён ором нашуда боз мепурсанд:

— Ӯ бо ту чӣ кор кард? Чӣ тавр чашмони туро шифо дод?

Он мард ҷуръат карда мегӯяд:

— Ман аллакай гуфтам, вале шумо гӯш накардед. Пас, барои чӣ боз шунидан мехоҳед? Магар шумо ҳам мехоҳед шогирди вай шавед?

— Ту шогирди вай ҳастӣ,— дармегиранд фарисиён,— мо бошем, шогирдони Мӯсо-пайғамбарем. Мо медонем, ки бо Мӯсо Худо гап задааст, вале аз куҷо будани ин одам ба мо маълум нест (Юҳанно 9:26–29).

Он мард ҳайрон шуда мегӯяд:

— Аҷиб аст, ки шумо аз куҷо будани ӯро намедонед, ҳол он ки ӯ маро бино кардааст.

Он гоҳ ӯ дар бораи он ки Худо дуоҳои киро гӯш мекунаду аз кӣ розӣ аст, чунин далел меорад:

— Маълум аст, ки Худо дуои гунаҳкоронро намешунавад, фақат онҳоеро мешунавад, ки худотарс ҳастанду хости Ӯро ба ҷо меоранд. Аз замони қадим касе ҳаргиз нашунидааст, ки ягон шахс кӯри модарзодро бино карда бошад.

Ва баъд хулоса мекунад:

— Агар он одам аз ҷониби Худо намебуд, ҳеҷ кор карда наметавонист (Юҳанно 9:30–33).

Фарисиён ба суханони ӯ ҷавоб намеёбанд ва ӯро паст зада мегӯянд:

— Ту пур аз гуноҳ таваллуд ёфтаиву боз моро таълим медиҳӣ? (Юҳанно 9:34).

Баъди ин онҳо ӯро пеш мекунанд.

Вақте Исо аз ин воқеа хабардор мешавад, он мардро меёбад ва мепурсад:

— Оё ба Писари одам имон дорӣ?

— Тақсир, ӯ кист, то ба ӯ имон оварам?

— Ту ӯро дидаӣ ва ӯ ҳамонест, ки бо ту гап зада истодааст (Юҳанно 9:35–37).

Он гоҳ он мард мегӯяд:

— Имон дорам, Ҳазратам.

Ва баъд ӯ имон ва иззату эҳтироми худро нишон дода ба Исо таъзим мекунад.

— Ман ба ҷаҳон омадам, то одамон доварӣ карда шаванд ва кӯрон бино гардanду биноён кӯр,— мегӯяд Исо (Юҳанно 9:38, 39).

Фарисиёне, ки ин дам суханони Исоро мешунаванд, худро кӯр намеҳисобанд, баръакс, онҳо гумон мекунанд, ки мардумро сӯйи Худо роҳнамоӣ менамоянд. Онҳо аз Исо мепурсанд:

— Магар мо ҳам кӯр ҳастем?

— Агар шумо кӯр мебудед, гуноҳе намедоштед. Вале, азбаски шумо мегӯед, ки бино ҳастед, гуноҳҳоятон бахшида намешаванд,— мегӯяд Исо (Юҳанно 9:40, 41).

Ҳарчанд фарисиён устодони динанд ва Шариати Худоро хуб медонанд, онҳо Исоро чун Масеҳ қабул намекунанд. Барои ҳамин ин рафтори онҳо гуноҳи азиму нобахшиданист.

# 71



◇ Падару модари марди шифоёфта аз чӣ метарсанд ва онҳо ба саволи фарисиён чӣ ҷавоб медиҳанд?

◇ Ба кадом суханони мард фарисиён ҷавоб ёфта наметавонанд?

◇ Барои чӣ Исоро чун Масеҳ қабул накардани фарисиён гуноҳи азиму нобахшиданист?

# ИСО 70 ШОГИРДАШРО БА МАВЪИЗА МЕФИРИСТАД

ЛУҚО 10:1–24

Ҳоло охирҳои соли 32-и милодӣ аст. Тақрибан се сол пеш Исо таъмид гирифта буд. Каме пеш Исою шогирдонаш дар Ерусалим иди Хаймаҳоро ҷашн гирифтанд. Аз афташ, ҳозир онҳо дар гирду атрофи Ерусалим мебошанд (Луқо 10:38; Юҳанно 11:1). То марги Исо шаш моҳ боқӣ мондааст. Ӯ қисми зиёди ин вақтро дар Яҳудия ё вилояти Перея, ки дар он тарафи дарёи Урдун ҷойгир аст, мегузаронад. Дар ин ҷойҳо ҳам одамон бояд хабари ӯро шунаванд.

Баъди иди Раҳоии соли 30-и милодӣ Исо якчанд моҳ дар Яҳудия мавъиза кард. Ҳамчунин ҳангоми ба Ҷалил рафтанаш дар Сомария дар бораи Подшоҳии Худо гап зад. Каме пеш аз иди Раҳоии соли 31-и милодӣ дар Ерусалим яҳудиён қасди куштани ӯро карданд. Яку ним соли дигарро Исо асосан дар шимол, дар Ҷалил, гузаронд. Дар давоми ин вақт бисёриҳо пайрави ӯ шуданд. Дар Ҷалил Исо расулонашро таълим дод ва чунин роҳнамоӣ кард: «Мавъиза карда гӯед: “Подшоҳии осмон наздик шудааст”» (Матто 10:5–7). Ҳоло ӯ дар Яҳудия кори мавъизаро ташкил карданист.

Дар аввал Исо 70 шогирдро интихоб мекунад ва онҳоро дунафарӣ ба мавъиза мефиристад. Онҳо бояд хабари Подшоҳии Худоро дар ҷойҳое, ки ҳосил «бисёр... лекин коргарон кам»-анд, мавъиза кунанд (Луқо 10:2). Исо онҳоро ба ҷойҳое, ки худаш баъдтар рафтан мехоҳад, мефиристад. Ин 70 нафар бояд беморонро шифо диҳанд ва хабареро, ки Исо мавъиза мекунад, паҳн созанд.

Онҳо мардумро дар ибодатгоҳҳо таълим намедиҳанд. Исо ба онҳо мегӯяд, ки ба хонаи одамон раванд. Ӯ чунин дастур медиҳад: «Ба ҳар хонае, ки медароед, аввал чунин гӯед: “Сулҳу осоиштагӣ бод бар ин хонадон!” Агар дар он ҷо шахси сулҳҷӯе бошад, сулҳу осоиштагии шумо бар ӯ қарор хоҳад гирифт». Онҳо бояд кадом хабарро ба одамон расонанд? Исо мегӯяд: «Гӯед: “Подшоҳии Худо ба шумо наздик шудааст”» (Луқо 10:5–9).

Дастуроте, ки Исо ба ин 70 нафар медиҳад, ба дастуроте, ки қариб як сол пеш ба 12 расул дода буд, монанд аст. Ӯ шогирдонро огоҳ мекунад, ки на ҳама онҳоро бо хурсандӣ қабул мекунад. Лекин одамони самимие, ки хабари онҳоро қабул мекунанд, ба омадани Исо тайёр мешаванд ва вақте баъдтар Ҳазрат меояд, бисёре аз онҳо бо омодагӣ аз ӯ таълим мегиранд.

Дере нагузашта ин 70 нафар воизон пеши Исо бармегарданд. Онҳо бо хурсандӣ ба ӯ мегӯянд: «Ҳазрат, вақте номи туро ба забон мегирем, ҳатто девҳо ба мо итоат мекунанд». Аз ин хабари хуш Исо хурсанд мешавад. Ӯ мегӯяд: «Ман дидам, ки Шайтон барқвор аз осмон афтод. Инак, ман ба шумо ҳокимият додам, то морҳо ва каждумҳоро поймол кунед» (Луқо 10:17–19).

Ҳамин тавр Исо ба шогирдонаш боварӣ мебахшад, ки онҳо морҳо ва каждумҳоро поймол



мекунанд, яъне бар ҳама чизҳое, ки ба онҳо зарар расонда метавонанд, қудрат хоҳанд дошт. Беш аз ин, онҳо дилпур буда метавонанд, ки дар оянда Шайтон аз осмон ронда мешавад. Ҳамчунин Исо ба ин 70 шогирд мефаҳмонад, ки чӣ барои онҳо бояд дар ҳақиқат муҳим бошад. Ӯ мегӯяд: «Аз он шодӣ накунед, ки рӯҳҳои нопок ба шумо итоат мекунанд, балки аз он шод бошед, ки номҳои шумо дар осмон навишта шудаанд» (Луқо 10:20).

Исо аз хурсандӣ пур мешавад ва дар назди ҳама Падарашро барои он ки дар чунин кори бузург шахсони фурӯтану хоксорро истифода мебарад, ҳамду сано мехонад. Баъд ба шогирдонаш мегӯяд: «Хушбахтанд онҳое, ки чизҳои дидаи шуморо мебинанд. Ба шумо мегӯям: бисёр пайғамбарон ва подшоҳон дидани чизҳоеро, ки шумо мебинед, орзу мекарданд, вале надиданд ва чизҳоеро, ки шумо мешунавед, шунидан мехостанд, вале нашуниданд» (Луқо 10:23, 24).

---

- ◇ Шаш моҳи охири ҳаёташ Исо дар куҷо мавъиза мекунад ва барои чӣ?
- ◇ Ҳафтод шогирд бояд дар куҷо мавъиза кунанд?
- ◇ Мувофиқи суханони Исо, чӣ барои 70 шогирдаш бояд дар ҳақиқат муҳим бошад?



# СОМАРИИ НЕКДИЛ

ЛУҚО 10:25–37

Ҳоло Исо дар наздикиҳои Ерусалим аст. Дар он ҷо яҳудиёни зиёде назди ӯ меоянд. Баъзеҳо мехоҳанд аз ӯ таълим гиранд, дигарон бошанд, мехоҳанд ӯро санҷанд. Як мард, ки Шариатро хеле хуб медонад, аз Исо мепурсад: «Устод, чӣ кор кунам, то ҳаёти ҷовидониро мерос гирам?» (Луқо 10:25).

Исо пай мебарад, ки ин мард барои фаҳмидани фикри ӯ напурсида истодааст. Эҳтимол, ӯ мехоҳад Исо тавре ҷавоб диҳад, ки яҳудиёнро ба хашм орад. Исо дарк мекунад, ки мард оиди ин масъала ақидаи худро дорад. Барои ҳамин ӯ бохирадона амал карда фикри худи мардро мепурсад.

Исо мегӯяд: «Дар Шариат чӣ навишта шудааст? Ту онро чӣ тавр мефаҳмӣ?» Азбаски ин мард Шариати Худоро омӯхтааст, дар асоси он ҷавоб медиҳад. Ӯ аз Такрори Шариат 6:5 ва Ибодат 19:18 иқтибос оварда, мегӯяд: «“Худои худ Яҳуваро бо тамоми дили худ, бо тамоми ҷони худ, бо тамоми қуввати худ ва бо тамоми ақли худ дӯст дор” ва ҳамчунин “дигаронро мисли худат дӯст дор”» (Луқо 10:26, 27). Оё ӯ дуруст ҷавоб дод?

Исо ба он мард мегӯяд: «Ту дуруст ҷавоб додӣ. Ҳамин тавр рафтор кун ва соҳиби ҳаёт хоҳӣ шуд». Лекин вай бо ин ҷавоб қонеъ нашуда, мехоҳад худро сафед кунад. Вай мехоҳад Исо тасдиқ кунад, ки фикру ақида ва муносибати ӯ ба дигарон дуруст аст. Барои ҳамин он мард мепурсад: «Дигарон гуфта, кӣ дар назар дошта шудааст?» (Луқо 10:28, 29). Ин савол дар назар одӣ тобад ҳам, зери коса нимкоса ҳаст.

Ба ақидаи яҳудиён, онҳо бояд танҳо касонеро дӯст доранд, ки урфу одатҳои яҳудиро риоя мекунанд. Ва чунин тофта метавонад, ки ояти Ибодат 19:18 ин фикрро тасдиқ мекунад. Яҳудиён баъзан ҳатто мегӯянд, ки бо ғайрияҳудиён дӯстӣ кардан норавост (Аъмол 10:28). Барои ҳамин ин мард ва, аз афташ, баъзе шогирдони Исо низ фикр мекунанд, ки фақат ба ҳаммиллатони худ некӣ кардан дуруст аст. Ғайрияҳудиёнро бошад, дӯст доштан ва ба онҳо некӣ кардан лозим нест.

Чӣ тавр Исо ин мард ва дигар яҳудиёнро наранҷонда фикрронии онҳоро ислоҳ карда метавонад? Ӯ мисоле меорад: «Марде аз Ерусалим ба Ериҳӯ мерафт ва дар роҳ ба дасти роҳзанон афтод. Онҳо либосашро кашида гирифтанд, ӯро лату кӯб карданд ва дар ҳолати ниммурда партофта рафтанд. Тасодуфан аз он роҳ коҳине мегузашт, вале, вақте ӯ он мардро дид, ба тарафи дигари роҳ гузашта, рафт. Баъди ин аз он роҳ левизодае гузашт ва ӯ низ он мардро дида ба тарафи дигари роҳ гузашта, рафт. Аммо як марди сомарӣ, ки аз он роҳ мегузашт, ба назди марди маҷрӯҳ расид ва ӯро дида дилаш сӯхт» (Луқо 10:30–33).

Он мард, албатта, медонад, ки бисёре аз коҳинон ва левизодагоне, ки дар маъбад хизмат мекунанд, дар Ериҳӯ зиндагӣ мекунанд. Вақте онҳо хизмати худро дар маъбад ба ҷо оварда, ба хона бармегарданд, тахминан 23 километр роҳро тай мекунанд. Ин роҳ хатарнок аст, зеро дар он дуздону ғоратгарон ба шахс ҳамла карда метавонанд. Пас, вақте коҳин ва левизода дар роҳ яҳудии маҷрӯҳро мебинанд, магар набояд ба вай ёрдам кунанд? Лекин сомарие, ки аз он роҳ мегузарад, нигоҳ накарда ба он ки яҳудиён сомариёнро бад мебинанд, ба он яҳудӣ дасти ёрӣ дароз мекунад (Юҳанно 8:48).

Чӣ тавр сомарӣ ба он мард ёрӣ медиҳад? Исо нақл мекунад: «Ӯ наздик омад ва ба ҷароҳатҳои вай равған ва шароб рехта, онҳоро баст. Баъд ӯро ба хари худ савор карда, ба меҳмонхонае овард ва нигоҳубин кард. Рӯзи дигар ӯ ду динорро баровардa, ба соҳиби меҳмонхона дод ва гуфт: “Ин мардро нигоҳубин кун ва, агар аз ин зиёдтар сарф кунӣ, вақти баргаштанам ба ту медиҳам”» (Луқо 10:34, 35).

Баъди нақл кардани ин мисол Исо аз он мард мепурсад: «Ба фикри ту, кадоме аз ин се нафар ба он марде, ки аз дасти роҳзанҳо ҷабр дида буд, муҳаббат зоҳир кард?» Аз афташ, забони он мард намегардад, ки «марди сомарӣ» гӯяд, барои ҳамин вай чунин ҷавоб медиҳад: «Ҳамоне, ки ба ӯ раҳм кард». Он гоҳ Исо хулоса карда мегӯяд: «Бирав ва ту низ чунин кун» (Луқо 10:36, 37).

Исо, дар ҳақиқат, муаллими беҳтарин аст! Агар вай рӯирост мегуфт, ки ғайрияҳудиёнро низ дӯст доштан даркор аст, шояд, суханони ӯ ба дили он мард ва дигар яҳудиён таъсир намекард. Лекин бо ёрдами ин мисоли осонфаҳм Исо нишон медиҳад, ки киро дӯст доштан лозим аст. Каломи Худо моро бармеангезад, ки ба *ҳамаи* одамон меҳру муҳаббат дошта бошем.



◇ Аз афташ, барои чӣ марде аз Исо мепурсад, ки чӣ тавр соҳиби ҳаёти ҷовидонӣ шудан мумкин аст?
◇ Ба фикри яҳудиён, онҳо бояд танҳо киро дӯст доранд ва барои чӣ онҳо чунин ақида доранд?
◇ Чӣ тавр Исо нишон медиҳад, ки киро дӯст доштан лозим аст?

# ДАРСИ МУҲИМ ДАР БОРАИ МЕҲМОННАВОЗӢ ВА ДУО

ЛУҚО 10:38–11:13

Тахминан се километр дуртар аз Ерусалим, дар доманаи шарқии кӯҳи Зайтун, деҳаи Байт-Ҳинӣ ҷойгир аст (Юҳанно 11:18). Исо ба он ҷо рафта, дар хонаи Марто ва Марям ном хоҳароне меҳмон мешавад. Мартову Марям ва бародарашон Лаъзор дӯстони Исоянд ва онҳо ӯро гарму ҷӯшон қабул мекунанд.

Дар хонаи худ қабул кардани Масеҳ барои онҳо шарафи бузург аст. Марто мехоҳад Исоро нағз меҳмондорӣ кунад, барои ҳамин вай дар тараддуди хӯрокпазӣ аст. Вақте Марто пухтупаз мекунад, хоҳараш Марям дар пеши пойи Исо нишаста суханони ӯро гӯш мекунад. Он гоҳ Марям ба назди Исо омада, мегӯяд: «Ҳазрат, магар парвое надорӣ, ки хоҳарам ҳамаи корҳоро ба ӯҳдаи ман гузоштааст? Ба ӯ гӯй, ки омада, ба ман ёрдам диҳад» (Луқо 10:40).

Исо ба Марям чизе нагуфта худи Мартоaccess насиҳат медиҳад, ки аз ҳад зиёд дар бораи хӯрдухӯрок ташвиш накашад. Ӯ мегӯяд: «Марто, Марто, ту дар бораи чизҳои бисёр ташвиш мекашӣ ва ғам мехӯрӣ, ҳол он ки чизҳои каме ё ҳатто як чиз лозим аст. Марям бошад, чизи беҳтарро интихоб кард ва ин аз ӯ гирифта намешавад» (Луқо 10:41, 42). Исо қайд мекунад, ки вақти зиёдро барои пухтани хӯрокҳои гуногун сарф кардан лозим нест — танҳо як хӯроки осонпаз кифоя аст.

Бешубҳа, нияти Марто пок аст, вай мехоҳад Исоро меҳмондорӣ кунад. Лекин дар бораи хӯрок аз ҳад зиёд ташвиш хӯрда вай аз таълими пурарзиши Писари Худо бебаҳра мемонад. Исо мегӯяд, ки Марям чизи дурустро интихоб кард, чизеро, ки тамоми умр ба вай фоида меорад, ва ҳамаи мо низ бояд аз ин барои худ дарс гирем.

Дар мавриди дигаре Исо боз як чизи муҳимеро қайд мекунад. Яке аз шогирдонаш аз ӯ мепурсад: «Эй Ҳазрат, дуо гуфтанро ба мо ёд деҳ, чи тавре ки Яҳё ба шогирдонаш ёд додааст» (Луқо 11:1). Тахминан яку ним сол пеш дар Мавъизаи болои кӯҳ Исо аллакай фаҳмонда буд, ки чӣ тавр дуо гуфтан лозим аст (Матто 6:9–13). Лекин, аз афташ, ин шогирд он вақт набуд, барои ҳамин Исо суханонашро такрор мекунад. Баъд ӯ мисоле меорад ва нишон медиҳад, ки гаштаву баргашта дуо гуфтан лозим аст.

«Фарз кардем, ки яке аз шумо дӯсте дорад. Ва шумо нисфи шаб ба назди он дӯстатон омада, мегӯед: “Эй ҷӯра, ба ман сето нон қарз деҳ, зеро як дӯстам аз сафар ба хонаам омадааст ва ман чизе надорам, ки дар пешаш гузорам”. Вале он шахс аз даруни хона мегӯяд: “Маро ташвиш надеҳ. Дари хонаам аллакай қулф аст ва бачаҳоям дар наздам хобидаанд. Ман хеста, ба ту чизе дода наметавонам”. Ба шумо мегӯям, ки, ҳатто агар ӯ ба хотири дӯстӣ аз ҷой бархоста, чизе надиҳад, аз сабаби гаштаву баргашта талаб карданатон он чиро, ки ба шумо лозим аст, хоҳад дод» (Луқо 11:5–8).

Оё Исо гуфтанӣ аст, ки Яҳува хоҳишҳои моро иҷро кардан намехоҳад? Не, албатта. Аҳамият диҳед, ки ҳатто дӯсти нокомил баъди гаштаву баргашта илтимос кардани ҷӯрааш ба вай ёрӣ дод. Пас, то чӣ андоза мо дилпур буда метавонем, ки Падари осмонӣ ва меҳрубонамон — Яҳува ба дуоҳои самимии хизматгоронаш ҷавоб медиҳад! Баъд Исо мегӯяд: «Талаб кунед ва ба шумо дода хоҳад шуд, ҷӯед ва пайдо хоҳед кард, дарро тақ-тақ кунед ва он ба шумо кушода хоҳад шуд, чунки касе, ки металабад, мегирад, касе, ки меҷӯяд, пайдо мекунад ва касе, ки дарро мекӯбад, он ба вай кушода мешавад» (Луқо 11:9, 10)

Исо ин фикрро қайд карда, Яҳуваро ба падар монанд мекунад: «Оё дар байни шумо падаре ҳаст, ки агар писараш моҳӣ талаб кунад, ба ҷойи моҳӣ море диҳад? Ё, агар тухме талаб кунад, ба вай каждум диҳад? Агар шумо, бо вуҷуди он ки бадкор ҳастед, ба фарзандонатон додани чизҳои хубро донед, пас, то чӣ андоза бештар Падари осмонии шумо ба онҳое, ки аз Ӯ мепурсанд, рӯҳи муқаддас хоҳад дод!» (Луқо 11:11–13). Дар ҳақиқат, Падари осмониамон мехоҳад моро гӯш кунад ва эҳтиёҷотамонро қонеъ гардонад.

# 74



- Чӣ тавр интихоби Марям аз Марто фарқ мекунад ва мо аз ин чӣ дарс мегирем?
- Барои чӣ Исо чӣ тавр дуо гуфтанро ёдрас мекунад?
- Чӣ тавр Исо нишон медиҳад, ки гаштаву баргашта дуо гуфтан лозим аст?

# ХУШБАХТИИ ҲАҚИҚӢ ЧИСТ?

ЛУҚО 11:14–36

Исо навакак бори дигар фаҳмонд, ки чӣ тавр дуо гуфтан даркор аст. Лекин мавзӯъҳои дигаре низ ҳастанд, ки Исо дар давоми хизматаш беш аз як бор муҳокима мекунад. Масалан, вақте Исо дар Ҷалил мӯъҷизаҳо ба амал меовард, душманонаш ӯро айбдор карда мегуфтанд, ки ӯ ин корҳоро ба воситаи ҳокими девҳо ба ҷо меорад. Ҳоло дар Яҳудия низ чунин айбро ба гардани ӯ мемонанд.

Исо аз як мард деверо, ки ӯро гунг карда буд, берун мекунад. Мардум инро дида дар ҳайрат мемонанд, лекин баъзеҳо Исоро ҳукм мекунанд ва боз ӯро айбдор карда мегӯянд: «Ӯ девҳоро ба воситаи Баал-Забул — ҳокими девҳо берун мекунад» (Луқо 11:15). Дигарон бошанд, барои фаҳмидани он ки Исо кист, аломате аз осмон талаб мекунанд.

Исо мефаҳмад, ки онҳо ӯро санҷидан мехоҳанд, барои ҳамин дар ҷавоб суханонеро, ки дар Ҷалил ба айбдоркунандагонаш гуфта буд, такрор мекунад. Ӯ мегӯяд, ки агар дар подшоҳӣ ҷудой ба миён ояд, он пойдор намемонад ва илова мекунад: «Агар дар Шайтон ҷудой ба миён ояд, чӣ тавр подшоҳии ӯ устувор монда метавонад?» Баъд ӯ чунин хулоса мекунад: «Агар ман девҳоро бо ангушти Худо берун мекарда бошам, пас, Подшоҳии Худо, дар ҳақиқат, омадаасту шумо бехабаред» (Луқо 11:18–20, эзоҳ).

Вақте Исо «ангушти Худо» мегӯяд, шунавандагонаш, аз афташ, воқеаеро, ки дар замонҳои қадим бо халқи Исроил рӯй дода буд, ба хотир меоранд. Вақте аҳли дарбори фиръавн мӯъҷизаи Мӯсоро диданд, онҳо гуфтанд: «Ин ангушти Худост». Ва ҳамин «ангушти Худо» дар ду лавҳи сангин Даҳ амри Шариатро навишта буд (Хуруҷ 8:19; 31:18). Пас, «ангушти Худо», яъне рӯҳи муқаддас, ҳамон қувваест, ки ба воситаи он Исо девҳоро берун мекунад ва беморонро шифо медиҳад. Барои ҳамин, гуфтан мумкин аст, ки Подшоҳии Худо дар ҳақиқат бар он душманони Исо омадааст, зеро Исо, Подшоҳи он, дар байни онҳост ва ин мӯъҷизаҳоро ба амал меорад.

Вақте баъзеҳо Исоро айбдор мекунанд, ӯ дар бораи марди силоҳбадаст, ки қасрро посбонӣ мекунад, мисоле меорад. Ӯ мегӯяд, ки марди пурзӯртаре омада, он мардро мағлуб месозад. Ба ин монанд, девҳоро берун кардани Исо нишонаи он аст, ки ӯ аз Шайтон пурзӯртар аст ва бар ӯ қудрат дорад. Исо ҳамчунин мисолро дар бораи рӯҳи нопоке, ки аз одам мебарояд, такрор мекунад. Агар он шахс ҷойи холиро бо ягон чизи хуб пур накунад, он рӯҳ бо ҳафт рӯҳи бади дигар меояд ва аҳволи он мард аз аввала бадтар мегардад (Матто 12:22, 25–29, 43–45). Ҳолати халқи Исроил низ ба ҳамин монанд аст.

Вақте Исо ин суханонро мегӯяд, зане аз байни мардум бо овози баланд нидо мекунад: «Хушбахт аст зане, ки туро таваллуд кардааст ва шир додааст!» Модари пайғамбар, ё хусусан модари Масеҳ будан, орзуи ҳар як зани яҳудӣ буд. Барои ҳамин, аз афташ, ин зан фикр мекунад, ки Марям аз дигарон хушбахттар аст, чунки модари чунин устоди бузург аст. Лекин Исо ба ӯ мефаҳмонад, ки хушбахтии ҳақиқӣ аз ин вобаста нест. Ӯ мегӯяд: «Касоне, ки каломи Худоро мешунаванд ва риоя мекунанд, хушбахттаранд» (Луқо 11:27, 28). Исо ягон бор нагуфта буд, ки мардум бояд ба модараш, Марям, иззату ҳурмати махсус нишон диҳанд. Хушбахтии ҳақиқӣ аз пайвандҳои хешутаборӣ ё дастовардҳои шахс вобаста нест. Шахси дар ҳақиқат хушбахт онест, ки содиқона ба Худо хизмат мекунад.

Вақте одамон аз Исо аломати осмонӣ талаб мекунанд, ӯ, чи тавре ки дар Ҷалил карда буд, мардумро сарзаниш мекунад. Ӯ мегӯяд, ки ғайр аз «аломати Юнус-пайғамбар» ба онҳо аломати дигаре нишон дода намешавад. «Аломати Юнус» чӣ буд? Ӯ се рӯз дар шиками моҳӣ буд ва ҳамчунин хабари Худоро далерона мавъиза мекард. Мардуми Нинве хабари ӯро шунида тавба карда буданд. Исо мегӯяд: «Шахсе, ки дар ин ҷост, аз Юнус ҳам бузургтар аст» (Луқо 11:29–32). Исо ҳамчунин аз Сулаймон, ки маликаи Сабо барои шунидани суханони хирадмандонааш омада буд, бузургтар аст.

Исо илова мекунад: «Ҳеҷ кас чароғро даргиронда, дар ҷойи пинҳон ё таги сабад намемонад,



балки онро дар рӯйи чароғпоя мегузоранд» (Луқо 11:33). Исо, аз афташ, дар назар дорад, ки дар пеши ин мардум мӯъҷиза кардан ва онҳоро таълим додан мисли он аст, ки шахс нури чароғро пинҳон кунад. Ин мардум мисли он ки дар торикӣ бошанд, ба маънои корҳои Исо сарфаҳм намераванд.

Исо навакак девро аз мард берун сохта, он мардро гӯё кард. Ин бояд мардумро барангезад, ки Яҳуваро ҷалол диҳанд ва дар бораи корҳои бузурги Ӯ ба дигарон нақл кунанд. Лекин душманони Исо ин корро намекунанд, барои ҳамин Исо ҳар яки онҳоро огоҳ карда мегӯяд: «Бинобар ин бохабар бош, то нуре, ки дар туст, зулмот набошад. Пас, агар тамоми баданат равшан бошад ва дар он ягон зарра торикие набошад, он гоҳ баданат равшан хоҳад буд, мисли он ки чароғе бо нурҳои худ туро мунаввар карда бошад» (Луқо 11:35, 36).

◇ Вақте Исо гунгро шифо медиҳад, баъзеҳо чӣ мегӯянд?
◇ «Ангушти Худо» чӣ маъно дорад ва ба кадом маъно Подшоҳии Худо омадааст?
◇ Хушбахтии ҳақиқӣ аз чӣ вобаста аст?

# ИСО БО ФАРИСӢ ХӮРОК МЕХӮРАД

ЛУҚО 11:37–54

Дар Яҳудия Исо ба хонаи фарисие ба меҳмонӣ меравад. Аз афташ, ӯро бегоҳӣ неву рӯзона даъват мекунанд (Луқо 11:37, 38; Бо Луқо 14:12 муқоиса кунед.) Фарисиён одат доранд, ки пеш аз хӯрок дастонашонро то оринҷ шӯянд, Исо бошад, ин хел намекунад (Матто 15:1, 2). Ҳарчанд то оринҷ шуштани даст Шариатро вайрон намесозад, Худо аз халқаш кардани ин корро талаб намекунад.

Соҳиби хона намефаҳмад, ки чаро Исо мисли ҳама дастонашро то оринҷ нашушт. Исо инро пай бурда, мегӯяд: «Шумо, фарисиён, беруни пиёла ва табақро тоза мекунед, аммо дарунатон пур аз чашмгуруснагӣ ва бадист. Эй бефаҳмон! Оне, ки берунро офаридааст, магар дарунро низ наофаридааст?» (Луқо 11:39, 40).

Албатта, пеш аз хӯрок даст шуштан кори бад нест. Ин ҷо гап дар бораи дурӯягии фарисиён меравад. Фарисиён ва баъзе одамони дигар аз рӯйи анъана дастони худро то оринҷ шушта тоза мекунанд, лекин дилашон пур аз ифлосиҳост. Барои ҳамин Исо ба онҳо чунин маслиҳат медиҳад: «Аз сидқи дил ба камбағалон некӣ кунед ва он гоҳ шумо ба пуррагӣ пок хоҳед буд» (Луқо 11:41). Дар ҳақиқат, шахс бояд на барои худнамоӣ корҳои нек кунад, балки аз самими дил, бо нияти пок.

Исо дар бораи рафтори фарисиён чунин мегӯяд: «Шумо аз пудина, судоб ва ҳар навъ растанӣ даҳяк медиҳед, аммо адолат ва муҳаббати Худоро зери по мекунед! Шумо бояд ҳам он чизҳоро ба ҷо меовардед ва ҳам ба дигараш беаҳамиятӣ намекардед» (Луқо 11:42). Шариати Худо талаб мекард, ки шахс аз зироати худ даҳякашро ба маъбад орад (Такрори Шариат 14:22). Ба он пудина, судоб ва дигар растаниҳое, ки барои хуштаъм кардани хӯрок истифода мешаванд, дохил мешуданд. Фарисиён аз ҳамаи ин растаниҳо даҳяк месупориданд ва ин талаботро ба пуррагӣ иҷро мекарданд. Лекин онҳо дар бораи гуфтаҳои муҳимтари Шариат, ба монанди адолат ва хоксорӣ, фаромӯш мекарданд (Мико 6:8).

Исо суханашро давом дода мегӯяд: «Вой бар ҳоли шумо, эй фарисиён, зеро ба шумо маъқул аст, ки дар ибодатгоҳҳо ҷойҳои беҳтаринро ишғол кунед ва дар бозорҳо одамон ба пешвозатон бароянд! Вой бар ҳолатон, зеро шумо монанди қабрҳоед, ки ба чашм намоён нестанд ва одамон надониста бар болои онҳо роҳ мераванд!» (Луқо 11:43, 44). Ин ҷо Исо дар назар дорад, ки нопокии фарисиён мисли ин гӯрҳо ба назар намоён нест. Одамон надониста ба чунин гӯрҳо даст мерасонанд ва дар натиҷа мувофиқи Шариат нопок ҳисоб меёбанд (Матто 23:27).

Як марде, ки Шариати Худоро хуб медонад, аз суханони Исо ранҷида мегӯяд: «Устод, ту бо ин суханонат моро низ таҳқир мекунӣ». Исо ба он мард мефаҳмонад, ки онҳо ҳам ба мардуми одӣ кӯмак намерасонанд: «Вой бар ҳоли шумо, эй касоне, ки Шариатро хуб медонед, зеро шумо борҳои вазнинро бар дӯши одамон мегузоред, вале худатон ба онҳо ҳатто даст намерасонед! Вой бар ҳолатон, зеро шумо қабрҳои пайғамбаронро, ки падаронатон кушта буданд, бино мекунед!» (Луқо 11:45–47).

Борҳои вазнине, ки Исо дар бораашон гап мезанад, қонуну қоидаҳое ҳастанд, ки фарисиёну донандагони Шариат бар гардани мардум бор кардаанд. Онҳо ривоятҳои инсониро дастгирӣ мекунанд ва Шариати Худоро ба таври худ маънидод менамоянд. Риояи ин қонуну қоидаҳо ҳаёти мардумро душвор мегардонд. Аз замонҳои Ҳобил сар карда падарони онҳо пайғамбарони Худоро мекуштанд. Ҳозир бошад, онҳо барои пайғамбарон мақбара бино карда нишон додан мехоҳанд, ки ҳурмати онҳоро ба ҷо меоранд. Аммо аз рафтори фарисиёну шариатдонон маълум аст, ки онҳо амалҳои бади аҷдодонашонро такрор мекунанд. Онҳо ҳатто мехоҳанд бузургтарин Пайғамбари Худоро кушанд. Исо мегӯяд, ки Худо ин наслро ҳатман ҷазо медиҳад. Ин суханони Исо 38 сол пас, соли 70-и милодӣ иҷро шуданд.

Исо суханашро давом медиҳад: «Вой бар ҳоли шумо, эй касоне, ки Шариатро хуб медонед, зеро шумо калиди донишро аз одамон гирифта, ҳам худатон надаромадед ва ҳам ба касоне, ки даромадан мехостанд, монеъ шудед!» (Луқо 11:52). Ба

ҷойи он ки ба маънои Каломи Худо равшанӣ андозанд ва онро ба дигарон таълим диҳанд, ин одамон ба мардуми одӣ халал мерасонданд, ки ба он сарфаҳм раванд.

Фарисиён ва шариатдонон суханони Исоро шунида ба шӯру ғазаб меоянд. Вақте Исо хеста рафтанӣ мешавад, онҳо ӯро саволборон мекунанд. Мақсади онҳо аз Исо таълим гирифтан нест. Баръакс, онҳо мехоҳанд дар сухани Исо айб ёфта, ӯро дастгир кунанд.



◊ Чаро Исо фарисиён ва шариатдононро маҳкум мекунад?
◊ Фарисиёну шариатдонон ба гардани мардум чиро бор кардаанд?
◊ Касонеро, ки бар зидди Исо мебароянд ва ӯро куштан мехоҳанд, чӣ интизор аст?

# ИСО ДАР БОРАИ БОИГАРӢ МАСЛИҲАТ МЕДИҲАД

ЛУҚО 12:1–34

Исо дар хонаи фарисӣ меҳмон аст. Ҳазорҳо одамон дар берун ӯро интизоранд. Вазъиятҳои ба ин монанд дар Ҷалил низ рӯй дода буданд (Марқӯс 1:33; 2:2; 3:9). Ҳоло дар Яҳудия одамон мехоҳанд ӯро бинанд ва гӯш кунанд. Лекин дар бораи фарисиёне, ки ҳамроҳи Исо хӯрок хӯрда истодаанд, чунин гуфтан мумкин нест.

Чизе, ки Исо дар аввал мегӯяд, пеш аз ҳама ба шогирдонаш дахл дорад: «Аз хамиртуруши фарисиён, яъне аз дурӯягӣ эҳтиёт шавед». Исо аз ин пеш ҳам ин огоҳиро дода буд, лекин чизе, ки ӯ дар хонаи фарисӣ дид, нишон дод, ки то чӣ андоза ин маслиҳат саривақт аст (Луқо 12:1; Марқӯс 8:15). Фарисиён бадкории худро зери ниқоби худотарсӣ пинҳон мекунанд, лекин Исо шогирдонашро аз хатари дурӯягӣ огоҳ месозад. Ӯ мефаҳмонад: «Ҳеҷ чизи махфие нест, ки маълум нашавад, ва ҳеҷ сирре нест, ки ошкор нагардад» (Луқо 12:2).

Аз афташ, бисёре аз онҳое, ки дар гирди Исо ҷамъ омадаанд, яҳудӣ мебошанд ва дар бораи он чизҳое, ки ӯ дар Ҷалил таълим дода буд, нашунидаанд. Барои ҳамин Исо баъзе чизҳоеро, ки пештар гуфта буд, такрор мекунад. Ӯ ба ҳамаи шунавандагонаш мегӯяд: «Аз онҳое, ки ҷисмро мекушанд, вале ҷонро кушта наметавонанд, натарсед» (Луқо 12:4). Исо бори дигар ба шогирдонаш мегӯяд, ки дар бораи эҳтиёҷоташон ташвиш нахӯранд, чунки Худо дар бораи онҳо ғамхорӣ мекунад. Ҳамчунин онҳо бояд ӯро чун Писари Худо қабул кунанд ва аз кӯмаку дастгирии Худо дилпур бошанд (Матто 10:19, 20, 26–33; 12:31, 32).

Ногоҳ марде аз байни одамон ба Исо муроҷиат карда дар бораи ташвиши худ гап мезанад: «Устод, ба бародарам гӯй, ки меросро бо ман тақсим кунад» (Луқо 12:13). Мувофиқи Шариат писари нахустзода ҳиссаи дучанди меросро мегирад, барои ҳамин дар ин масъала ҳоҷати баҳс нест (Такрори Шариат 21:17). Лекин, аз афташ, барои ин мард ҳиссаи худаш кам аст ва ӯ мехоҳад чизи бештаре ба даст орад. Исо хирадмандона рафтор мекунад ва ба ин баҳс дахолат намекунад. Ӯ мегӯяд: «Эй инсон, кӣ маро таъйин кардааст, ки дар байни шумо довар бошам ё чизу чораатонро тақсим кунам?» (Луқо 12:14).

Баъд Исо тамоми мардумро насиҳат медиҳад: «Ҳушёр бошед ва аз ҳар гуна чашмгуруснагӣ дурӣ ҷӯед, зеро, ҳатто агар одам чизу чораи бисёр дошта бошад ҳам, ин ба ӯ ҳаёт намедиҳад» (Луқо 12:15). Одам чи қадар бою бадавлат набошад, як рӯз не, як рӯз мемурад ва бо худ ба гӯр ҳеҷ чиз намебарад. Исо барои қайд кардани ин фикр мисоле меорад ва нишон медиҳад, ки дар назди Худо номи нек доштан муҳим аст:

«Киштзори як марди бой ҳосили фаровоне дод. Ӯ дар дили худ андеша карда гуфт: “Чӣ кор кунам, охир, ман барои ҷамъ кардани ҳосили худ ҷое надорам?” Ва гуфт: “Чунин мекунам: анборҳои худро вайрон карда, калонтарашро месозам ва дар он ҷо тамоми ғаллаву дороии худро ҷамъ меорам ва баъд ба худ мегӯям: “Барои солҳои зиёд дороии бисёре ҷамъ овардӣ. Истироҳат кун, бихӯр, бинӯш ва димоғчоқӣ кун”. Аммо Худо ба вай гуфт: “Эй нодон, худи ҳамин шаб ҷонат аз ту талаб карда мешавад. Пас, он чӣ захира кардӣ, ба кӣ мемонад?” Чунин хоҳад буд ҳоли касе, ки барои худ ганҷҳо ҷамъ мекунад, аммо дар назари Худо бой нест» (Луқо 12:16–21).

Шогирдони Исо ва касоне, ки ӯро гӯш мекунанд, метавонанд ба доми чашмгуруснагӣ ва чизпарастӣ афтанд. Ва ё ғаму ташвиши зиндагӣ диққати онҳоро аз хизмати Худо дур сохта метавонад. Барои ҳамин Исо маслиҳатеро, ки

яку ним сол пеш аз ин дар Мавъизаи болои кӯҳ гуфта буд, такрор мекунад:

«Дигар дар бораи ҳаёти худ, яъне чӣ хӯрдан, ё дар бораи бадани худ, яъне чӣ пӯшидан, ташвиш накашед... Ба зоғон бодиққат нигоҳ кунед: онҳо на мекоранд, на медараванд ва на анборҳо доранд, бо вуҷуди ин Худо ризқу рӯзиашонро мерасонад. Магар шумо аз паррандаҳо пурарзиштар нестед?... Ба савсанҳо бодиққат нигоҳ кунед, ки чӣ тавр онҳо месабзанд: онҳо на меҳнат мекунанд ва на мересанд, аммо ман ба шумо мегӯям, ки ҳатто Сулаймон дар тамоми ҷалоли худ мисли яке аз онҳо либос напӯшида буд... Бинобар ин дигар ташвиш накашед, ки чӣ мехӯред ва чӣ менӯшед, ва дигар ғам нахӯред... Падари шумо ба ин чизҳо мӯҳтоҷ буданатонро медонад. Пас, Подшоҳии Ӯро ҷӯед ва ҳамаи ин чизҳо ба шумо ба таври илова дода хоҳад шуд» (Луқо 12:22–31; Матто 6:25–33).

Кӣ Подшоҳии Худоро меҷӯяд? Исо ин пайравони вафодорашро «рамаи хурд» меномад. Ин нишон медиҳад, ки шумораи онҳо нисбатан кам аст. Дертар маълум мешавад, ки шумораи онҳо 144 000 мебошад. Исо ба онҳо мегӯяд: «Падари шумо қарор додааст, ки Подшоҳиро ба шумо диҳад». Ин масеҳиён дар замин барои худ ганҷҳо, ки онҳоро дуздон гирифта метавонанд, ҷамъ намекунанд. Онҳо дар осмон, ки он ҷо ҳамроҳи Исо ҳукмронӣ мекунанд, ганҷе ҷамъ мекунанд, ки «ҳеҷ гоҳ тамом намешавад» (Луқо 12:32–34).



◊ Исо ба саволи як мард чӣ ҷавоб медиҳад?
◊ Барои чӣ мисоле, ки Исо меорад, сазовори диққати мост?
◊ Исо дар бораи онҳое, ки дар Подшоҳии Худо ҳукмронӣ мекунанд, чиро маълум месозад?

# ҒУЛОМИ БОВАРИНОК БОЯД ТАЙЁР БОШАД

ЛУҚО 12:35–59

Исо фаҳмонд, ки танҳо шумораи ками одамон, ки «рамаи хурд» ном дорад, дар Подшоҳии Худо ҳукмронӣ мекунад (Луқо 12:32). Лекин аз касоне, ки соҳиби чунин мукофот мешаванд, кӯшишу ғайрат дар талаб аст. Исо қайд мекунад, ки онҳо бояд рӯҳияи дуруст дошта бошанд.

Исо шогирдонашро ташвиқ мекунад, ки ба омадани ӯ тайёр бошанд. Ӯ мегӯяд: «Миёни худро баста, чароғҳоятонро фурӯзон нигоҳ доред. Шумо бояд мисли касоне бошед, ки аз базми тӯёна омадани хӯҷаинашонро интизоранд, то, вақте ӯ омада, дарро мекӯбад, зуд ба рӯяш кушоянд. Хушбахтанд он ғуломоне, ки хӯҷаинашон омада, онҳоро бедор меёбад» (Луқо 12:35–37).

Исо мехоҳад шогирдонаш мисли касоне бошанд, ки аз базми тӯёна омадани хӯҷаинашонро интизоранд. Ӯ мегӯяд: «Хушбахтанд он ғуломон, агар хӯҷаинашон нисфи шаб [тақрибан аз соати нӯҳи бегоҳ то дувоздаҳи шаб] ё ҳатто вақти бонги хурӯс [аз соати дувоздаҳи шаб тақрибан то сеи саҳар] омада, онҳоро тайёр ёбад» (Луқо 12:38).

Ин ҷо гап дар бораи он намеравад, ки шогирдон хизматгор ё коргари боғайрат бошанд. Исо дар бораи воқеае гап мезанад, ки бояд дар оянда рӯй диҳад, яъне дар бораи омадани худ. Ӯ мегӯяд: «Шумо низ тайёр бошед, зеро дар соате, ки гумон надоред, Писари одам [худи Исо] меояд» (Луқо 12:40). Исо мехоҳад пайравонаш, махсусан аъзоёни «рамаи хурд», ба омадани ӯ тайёр бошанд.

Петрус мехоҳад маънои суханони Исоро хубтар фаҳмад, барои ҳамин мепурсад: «Ҳазрат, ин мисолро танҳо барои мо гуфтӣ ё барои ҳама?» Дар ҷавоб Исо мисоли дигаре меорад: «Кист он идоракунандаи боваринок, он шахси боандеша, ки хӯҷаинаш ӯро бар хизматгорони худ таъйин мекунад, то ба онҳо миқдори лозимаи хӯрокро сари вақт диҳад? Хушбахт аст он ғулом, агар хӯҷаинаш омада, вайро машғули ҳамин кор ёбад. Ба ростӣ ба шумо мегӯям: ӯ ғуломро бар тамоми молу мулки худ таъйин хоҳад кард» (Луқо 12:41–44).

Дар мисоли якум «хӯҷаин», аз афташ, ба Исо — Писари одам ишора мекунад. Пас, хулоса баровардан мумкин аст, ки ибораи «идоракунандаи боваринок» ба касоне ишора мекунад, ки қисми «рамаи хурд» мебошанд ва дар оянда дар Подшоҳии Худо ҳукмронӣ мекунанд (Луқо 12:32). Аз суханони Исо бармеояд, ки баъзе аъзоёни «рамаи хурд» ба «[хизматгорон] миқдори лозимаи хӯрокро сари вақт» медиҳанд. Ҳамин тавр, Петрус ва дигар шогирдоне, ки Исо онҳоро таълим медиҳаду бо ғизои рӯҳонӣ таъмин мекунад, хулоса бароварда метавонанд, ки Писари одам дар оянда боз меояд. Он вақт Исо чора меандешад, ки ба хизматгорони Хӯҷаин, яъне ба пайравонаш, сари вақт хӯроки рӯҳонӣ дода шавад.

Баъд Исо мегӯяд: «Лекин, агар он ғулом дар дили худ “хӯҷаинам ба ин зудӣ намеояд” гуфта, ба задани ғуломону канизон сар кунад ва ба хӯрдан, нӯшидан ва мастигарӣ машғул гардад, хӯҷаини он ғулом дар рӯзе, ки вай интизор нест, ва дар соате, ки вай намедонад, омада, ӯро сахт ҷазо медиҳаду ба назди хиёнаткорон мепартояд» (Луқо 12:45, 46). Ин тавр Исо бори дигар қайд мекунад, ки шогирдон бояд ҳушёру тайёр бошанд. Лекин барои чӣ ӯ чунин мегӯяд? Барои он ки оҳиста-оҳиста шахс метавонад қадр кардани чизҳои фаҳмидаашро бас кунад ва ҳатто ба ҳамимонони худ зид бароояд.

Сипас Исо дар бораи худаш чунин мегӯяд: «Ман барои он омадам, ки дар замин оташ даргиронам». Дар ҳақиқат, Исо баъзе масъалаҳоеро мебардорад, ки ба танӯри баҳсу мунозираҳо ҳезум мепартояд ва дар он таълимот ва урфу одатҳои нодуруст месӯзанд. Дар натиҷа байни аъзоёни оила тухми ҷудоӣ кошта меша-

вад ва «падар бар зидди писар ва писар бар зидди падар, модар бар зидди духтар ва духтар бар зидди модар, хушдоман бар зидди келин ва келин бар зидди хушдоман мебароянд» (Луқо 12:49, 53).

Ҳамаи ин суханонро Исо асосан ба шогирдонаш гуфт. Акнун бошад, Исо ба мардум рӯ меорад: «Вақте шумо мебинед, ки дар ғарб абр пайдо мешавад, ҳамон лаҳза мегӯед: “Борони сахт меборад” ва суханони шумо ба амал меоянд. Ва, вақте шамоли ҷанубӣ мевазад, мегӯед: “Ҳаво хеле гарм мешавад” ва ҳамин тавр ҳам мешавад. Эй дурӯягон, шумо ба осмону замин нигариста вазъи обу ҳаворо муайян карда метавонеду маънои воқеаҳои ба амал омадаистодаро муайян карда наметавонед?» (Луқо 12:54–56). Ҳарчанд далелҳои зиёд исбот мекунанд, ки Исо Масеҳ аст, бисёриҳо якравӣ карда ба ӯ имон намеоранд. Афсӯс ки, онҳо ба қабул кардани Масеҳ тайёр нестанд.



◇ Дар мисолҳои Исо «хӯҷаин» кисту «идоракунандаи боваринок» кист?

◇ Барои чӣ шогирдон хулоса бароварда метавонанд, ки «идоракунандаи боваринок» дар оянда меояд, ва вай он вақт чӣ кор мекунад?

◇ Барои чӣ суханони Исо дар бораи тайёр будан ин қадар муҳиманд?

# КӢ НЕСТУ НОБУД МЕШАВАД?

ЛУҚО 13:1–21

Исо бо ҳар роҳ мардумро ташвиқ мекунад, то дар бораи муҳим будани муносибат бо Худо фикр кунанд. Ҳоло, дар назди хонаи фарисӣ, ӯ боз имконият дорад, ки ба одамон дар ин бора гап занад.

Одамон ба Исо дар бораи як ҳодисаи нохуш, «дар бораи ҷалилиёне, ки Пилотус [ҳокими вилояти Яҳудия] кушта, хунашонро бо хуни қурбониҳояшон омехта буд», нақл мекунанд (Луқо 13:1).

Якчанд вақт пеш Пилотус хост, ки барои обёрӣ кардани Ерусалим канал созад. Ӯ бо розигии шахсоне, ки дар маъбад соҳиби ҳокимият буданд, аз хазинаи он пул гирифт. Аз ин кори Пилотус ҳазорҳо яҳудиён норозӣ шуда исён бардоштанд. Аз афташ, маҳз ҳамон вақт он ҷалилиён кушта шуданд. Ба фикри одамон, ҷалилиён барои он ба фалокат дучор шуданд, ки дар корҳои бад гунаҳкор буданд. Исо ба ин фикри онҳо зид аст.

Ӯ мегӯяд: «Гумон мекунед, ки онҳо аз ҳамаи ҷалилиёни дигар гунаҳкортар буданд, ки чунин ҳодиса рӯй дод?» Ва худаш ҷавоб медиҳад: «Не». Баъд аз фурсат истифода бурда ба яҳудиён огоҳӣ медиҳад: «Агар тавба накунед, ҳамаи шумо ҳамин тавр нобуд мешавед» (Луқо 13:2, 3). Баъд Исо ба воқеаи нохуши дигаре ишора мекунад, ки каме пеш рӯй дода буд ва, шояд, бо сохтмони ҳамон канали обгузар алоқаманд буд. Ӯ мепурсад:

«Ё, ба фикри шумо, он ҳаждаҳ нафаре, ки дар Шилӯаҳ бурҷ ба болояшон чаппа шуда онҳоро нобуд кард, назар ба дигар сокинони Ерусалим зиёдтар айбдор буданд?» (Луқо 13:4). Аз афташ, мардум фикр мекунанд, ки он шахсон аз сабаби ягон кори бадашон мурданд. Аммо Исо хуб медонад: сабаби чунин бадбахтиву нохушиҳо ин аст, ки баъзан одамон «ба вақти пуркулфат, ки ногаҳон ба сарашон меояд, гирифтор мешаванд» (Воиз 9:12). Мардум бояд аз ин воқеа барои худ дарс гиранд. Исо мегӯяд: «Агар тавба накунед, ҳамаи шумо монанди онҳо нобуд мешавед» (Луқо 13:5). Лекин барои чӣ Исо ҳоло ин дарсро қайд мекунад?

Ҳоло хизмати ӯ ба охир расида истодааст. Ӯ мисоле меорад: «Марде дар токзори худ дарахти анҷир шинонда буд. Рӯзе вай омад, то дар он мевае пайдо кунад, вале чизе наёфт. Он гоҳ ӯ ба токпарвари худ гуфт: “Аллакай се сол мешавад, ки ман омада, аз ин дарахт мевае пайдо кардан мехоҳам, вале чизе намеёбам. Онро бурида парто! Заминро беҳуда банд карда истодани он чӣ лозим аст?!” Токпарвар



дар ҷавоб гуфт: “Хӯҷаин, мон, ки он боз як соли дигар истад, то гирдашро побел карда, ба заминаш пору андозам. Агар мева диҳад, хеле хуб, лекин, агар надиҳад, он гоҳ онро бурида метавонӣ”» (Луқо 13:6–9).

Беш аз се сол Исо кӯшиш кард, ки яҳудиён аз таҳти дил ба Худо имон оранд. Лекин меҳнату машаққати ӯ самари бисёр наовард, чунки шумораи ками онҳо шогирди ӯ шуданд. Ҳоло, ки соли чоруми хизмати ӯст, ӯ боз ҳам бештар кӯшиш карда истодааст. Исо дар Яҳудия ва Перея бо кори мавъиза ва таълим машғул аст. Ҳамин тавр ӯ гӯё гирди дарахти анҷирро (ки яҳудиёнро тасвир мекунад) побел мекунад ва ба заминаш пору мерезад. Ин чӣ натиҷа меорад? Танҳо



шумораи ками яҳудиён хабари ӯро қабул мекунанд. Халқ дар кулли худ тавба намекунанд ва онҳоро несту нобудшавӣ интизор аст.

Каме баъд беимонии яҳудиён баръало маълум мешавад. Як рӯзи шанбе Исо дар ибодатгоҳ таълим медиҳад. Дар он ҷо ӯ занеро вомехӯрад, ки аз сабаби дев доштанаш 18-сол боз азоб мекашад ва қоматашро рост карда наметавонад. Исо бо раҳму дилсӯзӣ ба зан мегӯяд: «Эй зан, аз бемории худ озод гаштӣ» (Луқо 13:12). Исо ба ӯ даст мерасонад ва ҳамон лаҳза қомати зан рост мешавад ва ӯ Худоро ҷалол додан мегирад.

Нозири ибодатгоҳ аз ин ба қаҳр омада ба мардум мегӯяд: «Барои кор кардан шаш рӯз ҳаст, дар ҳамон рӯзҳо омада, шифо ёбед, на дар рӯзи шанбе» (Луқо 13:14). Ин нозир шубҳа надорад, ки Исо одамонро шифо дода метавонад. Ӯ аз он дарғазаб аст, ки мардум рӯзи шанбе барои шифо ёфтан меоянд. Исо дар ҷавоб мегӯяд: «Эй дурӯяҳо, магар ҳар яки шумо дар рӯзи шанбе банди барзагов ё хари худро кушода, онро обдиҳӣ намебаред? Магар ин зан, ки духтари Иброҳим асту ҳаждаҳ сол боз дар банди Шайтон мебошад, набояд дар рӯзи шанбе аз ин бандҳо озод шавад?» (Луқо 13:15, 16).

Душманони Исо аз ин суханон хиҷолат мекашанд, мардум бошанд, аз корҳои бузурге, ки ӯ мекунад, шоду хурсанд мешаванд. Баъд Исо дар бораи Подшоҳии Худо ду мисол меорад. Ӯ ин мисолҳоро чанде пеш, ҳангоми дар Ҷалил буданаш, аз қаиқ нақл карда буд (Матто 13:31–33; Луқо 13:18–21).



---

◊ Исо дар бораи кадом ду воқеаи нохуш гап мезанад ва аз онҳо чӣ дарс гирифтан мумкин аст?
◊ Аз кадом ҷиҳат дарахти анҷир аз мисоли Исо ба ҳолати яҳудиён монанд аст?
◊ Нозири ибодатгоҳ аз чӣ норозӣ мешавад ва чӣ тавр Исо дурӯягии ӯро фош мекунад?

# ЧӮПОНИ НЕК ВА ҚӮРАИ ГӮСФАНДОН

ЮҲАННО 10:1–21

Исо то ҳол дар Яҳудия таълим дода истодааст. Рӯзе ӯ мисоле меорад, ки ба бисёриҳо шинос аст — мисоли гӯсфандон ва қӯраро*. Лекин ӯ гӯсфанд ва қӯраи аслиро дар назар надорад. Барои исроилиён фаҳмидани ин мисол душвор нест, чунки дар Шариати Худо онҳо бисёр вақт ба рамаи гӯсфандон монанд карда мешаванд. Масалан, Довуд-пайғамбар дар таронаи Забур чунин гуфтааст: «Худованд Чӯпони ман аст: ба ҳеҷ чиз мӯҳтоҷ нахоҳам шуд. Дар чарогоҳҳои сералаф маро мехобонад» (Забур 22:1, 2). Дар таронаи дигар Довуд халқро даъват карда мегӯяд: «Биёед... пеши Худованд, ки Офаридгори мост, зону занем. Зеро ки Ӯ Худои мост, ва мо қавми чарогоҳи Ӯ... ҳастем» (Забур 94:6, 7).

Исроилиён ба он маъно ба гӯсфандони дохили қӯра монананд, ки онҳо аз вақти таваллуд зери аҳди Шариат мебошанд. Шариат мисли девор онҳоро аз рафтори нопоки халқҳои бутпараст муҳофизат мекард. Лекин баъзе исроилиён ба «рамаи» Худо зулму ситам мекарданд. Исо мегӯяд: «Ҳар кӣ ба қӯраи гӯсфандон на аз дар, балки аз ҷойи дигаре медарояд, дузд ва ғоратгар аст. Вале касе, ки аз дар медарояд, чӯпони гӯсфандон аст» (Юҳанно 10:1, 2).

Суханони Исоро шунида, шояд, одамон касонеро ба хотир меоранд, ки худро бардурӯғ Масеҳ меноманд. Ин шахсон мисли duздону ғоратгаронанд ва одамон набояд аз пайи чунин фиребгарон раванд. Баръакс, онҳо бояд аз пайи «чӯпони гӯсфандон» равона шаванд, ки Исо дар бораи ӯ чунин мегӯяд:

«Дарвозабон ба ӯ дарро мекушояд ва гӯсфандон ба овози ӯ гӯш медиҳанд. Ӯ гӯсфандонашро ном ба ном хонда берун мебарорад. Вақте ки ӯ ҳамаи гӯсфандони худро мебарорад, пешопеши онҳо меравад ва гӯсфандон ҳам аз қафои ӯ мераванд, зеро овозашро мешиносанд. Онҳо ҳеҷ гоҳ аз қафои шахси бегона намераванд, балки аз вай мегурезанд, зеро овози бегонагонро намешиносанд» (Юҳанно 10:3–5).

Чанде пеш «дарвозабон» — Яҳё-пайғамбар ба «гӯсфандон», яъне исроилиёне, ки зери ҳимояи Шариати Худо буданд, нишон дод, ки Исо ҳамон чӯпонест, ки онҳо бояд аз пасаш раванд. Ва баъзе «гӯсфандон» дар Ҷалил ва дар худи Яҳудия овози ӯро шинохтанд. Вақте Исо ин мисолро нақл мекунад, баъзеҳо «маънои суханони ӯро» намефаҳманд (Юҳанно 10:6). Онҳо, шояд, дар бораи он фикр мекунанд, ки ӯ онҳоро ба куҷо мебарад ва, агар аз пояш раванд, оқибат чӣ мешавад.

Исо мефаҳмонад: «Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: ман барои гӯсфандон дар ҳастам. Ҳамаи онҳое, ки ба ҷойи ман омада, худро чӯпон меномиданд, дузду ғоратгаранд, ва гӯсфандон ба онҳо гӯш надоданд. Ман дар ҳастам. Ҳар касе, ки ба воситаи ман медарояд, наҷот хоҳад ёфт, ӯ медарояду мебарояд ва барои худ чарогоҳ пайдо мекунад» (Юҳанно 10:7–9).

Равшан аст, ки Исо ин ҷо дар бораи чизи наве гап мезанад. Шунавандагони Исо медонанд, ки ӯ «дар»-и аҳди Шариат нест, Шариате, ки асрҳои зиёд вуҷуд дорад. Аз ин маълум мешавад, ки Исо «гӯсфандон»-и худро ба қӯраи дигаре роҳнамоӣ мекунад. Баъд бо онҳо чӣ мешавад?

Исо гапашро давом дода мегӯяд: «Ман... барои он омадаам, ки гӯсфандон ҳаёт ёбанд ва онро ба фаровонӣ дошта бошанд. Ман чӯпони нек ҳастам. Чӯпони нек ҷони худро барои гӯсфандон фидо мекунад» (Юҳанно 10:10, 11). Якчанд вақт пеш Исо шогирдонашро дилбардорӣ карда чунин гуфта буд: «Натарс, эй рамаи хурд, зеро Падари шумо қарор додааст, ки Подшоҳиро ба шумо диҳад» (Луқо 12:32). Исо «рамаи хурд»-ро ба қӯраи нав роҳнамоӣ мекунад, то онҳо «ҳаёт ёбанд ва онро ба фаровонӣ дошта бошанд». Чӣ баракате!

Лекин дар ин ҷо Исо гапашро тамом намекунад. Ӯ давом медиҳад: «Ман гӯсфандони дига-

* Қӯра ҷоест дар саҳро, ки гирдогирдаш девор аст ва он ҷо рамаро нигоҳ медоранд; хобок, ҳел.



ре ҳам дорам, ки аз ин қӯра нестанд ва онҳоро низ бояд биёрам. Онҳо овози маро хоҳанд шунид ва як рама хоҳанд шуд ва як чӯпон хоҳанд дошт» (Юҳанно 10:16). Ин «гӯсфандони дигар» аз «ин қӯра нестанд». Пас, хулоса баровардан мумкин аст, ки «рамаи хурд»-е, ки аъзоёнаш дар Подшоҳии Худо ҳукмронӣ мекунанд, аз дигар қӯра мебошаду «гӯсфандони дигар» аз дигар. Гӯсфандоне, ки ба ин ду қӯра медароянд, ояндаи гуногун доранд. Лекин ҳар дуи ин гурӯҳ аз коре, ки Исо мекунад, манфиат мегиранд. Исо мегӯяд: «Падар маро дӯст медорад, зеро ман ҷони худро фидо мекунам» (Юҳанно 10:17).

Он гоҳ бисёриҳо мегӯянд: «Ӯ дев дорад ва аз ақл бегона шудааст». Дигарон бошанд, бо шавқу ҳавас суханони Исоро гӯш мекунанд ва мехоҳанд аз қафои ин Чӯпони нек раванд. Онҳо мегӯянд: «Шахсе, ки дев дорад, чунин гап намезанад. Магар дев кӯронро бино карда метавонад?» (Юҳанно 10:20, 21). Аз афташ, онҳо ба он ишора мекунанд, ки Исо чанде пеш кӯри модарзодро шифо дода буд.

---

- ◇ Барои чӣ яҳудиён мисоли Исоро дар бораи гӯсфандону қӯра хуб мефаҳманд?
- ◇ Чӯпони нек кист ва ӯ гӯсфандонро ба куҷо мебарад?
- ◇ Гӯсфандоне, ки аз қафои Исо мераванд, ба кадом ду қӯра медароянд?

# БА КАДОМ МАЪНО ИСО ВА ПАДАР ЯКАНД?

ЮҲАННО 10:22–42

Исо барои ҷашн гирифтани Иди бахшидашавии маъбад (ё Ҳанука) ба Ерусалим меояд. Ин ид ба муносибати аз нав бахшида шудани маъбад ҷашн гирифта мешуд. Беш аз як аср пеш подшоҳи Сурия Антиохи IV (Эпифан) Ерусалимро забт кард. Ӯ дар болои қурбонгоҳи бузурги маъбади Худо қурбонгоҳе сохт. Баъдтар писарони як коҳин бо лашкари Сурия ҷангида, Ерусалимро озод карданд ва маъбадро боз ба Яҳува бахшиданд. Аз ҳамон вақт сар карда ин ҷашн ҳар сол 25-и моҳи кислев (ки ба мобайнҳои ноябр ва аввалҳои декабр рост меояд) сар мешавад.

Ҳоло зимистон — фасли хунуки сол аст. Исо дар маъбад, дар роҳрави Сулаймон, қадам мезанад. Яҳудиён дар гирди ӯ ҷамъ мешаванд ва мегӯянд: «То ба кай ҳақиқатро дар бораи худат аз мо пинҳон медорӣ? Агар Масеҳ бошӣ, ба мо рӯирост гӯй» (Юҳанно 10:22–24). Ӯ ҷавоб медиҳад: «Ман ба шумо гуфтам, вале шумо бовар намекунед». Ҳарчанд каме пеш Исо ба зани сомарӣ гуфта буд, ки ӯ Масеҳ аст, ба яҳудиён ин гапро *рӯирост* нагуфтааст (Юҳанно 4:25, 26). Лекин бояд қайд кард, ки ӯ кӣ будани худро бо чунин суханон маълум сохта буд: «Пеш аз он ки Иброҳим ба дунё ояд, ман вуҷуд доштам» (Юҳанно 8:58).

Исо мехоҳад, то мардум корҳои ӯро бо он чизе, ки дар бораи Масеҳ пешгӯйӣ шудааст, муқоиса кунанд ва ба Масеҳ буданаш боварӣ ҳосил кунанд. Аз ин сабаб ӯ баъзан ба пайравонаш мегуфт, ки дар бораи Масеҳ буданаш ба касе гап назананд. Лекин ҳоло ӯ ба яҳудиёни хашмгин чунин мегӯяд: «Корҳое, ки ман ба номи Падари худ ба амал меорам, дар бораам шаҳодат медиҳанд. Аммо шумо бовар намекунед» (Юҳанно 10:25, 26).

Барои чӣ онҳо бовар намекунанд, ки Исо Масеҳ аст? Исо мегӯяд: «Шумо бовар намекунед, чунки гӯсфандони ман нестед. Гӯсфандони ман ба овозам гӯш медиҳанд. Ман онҳоро мешиносам ва онҳо аз қафоям меоянд. Ман ба онҳо ҳаёти ҷовидонӣ ато мекунам ва онҳо ҳеҷ гоҳ талаф намешаванд ва касе онҳоро аз дасти ман намегирад. Касоне, ки Падар ба ман додааст, аз ҳар чизи дигар пурарзиштаранд». Баъд Исо мефаҳмонад, ки то чӣ андоза муносибати ӯву Падараш наздик аст: «Ман ва Падар як ҳастем» (Юҳанно 10:26–30). Ҳоло Исо дар замин аст, Падараш бошад, дар осмон. Барои ҳамин ӯ дар назар надорад, ки ӯву Падараш ба маънои аслӣ як ҳастанд. Ӯ гуфтанӣ аст, ки онҳо як мақсад доранд ва дар байнашон ягонагӣ аст.

Суханони Исо яҳудиёнро чунон ба ғазаб меорад, ки онҳо мехоҳанд боз ӯро сангсор карда кушанд. Лекин Исо аз ин наметарсад. Ӯ мегӯяд: «Ман ба шумо корҳои неки бисёре нишон додам, ки Падар фармудааст. Барои кадоми ин корҳо маро сангсор карданӣ ҳастед?» Яҳудиён бошанд, мегӯянд: «Мо туро на барои корҳои нек, балки барои куфр гуфтанат сангсор карданием, зеро ту... худро худо мехонӣ» (Юҳанно 10:31–33). Исо ягон бор худро Худо наномида буд, пас, барои чӣ ӯро айбдор мекунанд?

Аз рӯйи суханони Исо, ӯ қудрату қобилияте дорад, ки, ба гуфти яҳудиён, онҳоро фақат Худо дошта метавонад. Масалан, дар бораи «гӯсфандон» ӯ чунин гуфт: «Ман ба онҳо ҳаёти ҷовидонӣ ато мекунам» (Юҳанно 10:28). Албатта, аз дасти одамони хокӣ ин кор намеояд. Ва бояд қайд кард, ки Исо дар назди ҳама гуфта буд, ки ӯ ин қудратро аз Падар гирифтааст, лекин яҳудиён ин чизро ба назар нагирифтанд.

Исо беасос будани айбдоркуниҳои онҳоро нишон дода чунин мегӯяд: «Оё дар Шариати шумо [дар Забур 81:6] навишта нашудааст: “Ман гуфтам: шумо худоёнед”? Худо онҳоеро, ки ба муқобилашон сухан гуфтааст, “худоён” номидааст... Пас, барои чӣ шумо маро, ки Падар муқаддас гардонид ва ба ҷаҳон фиристод, аз сабаби худро Писари Худо номиданам “куфргӯ” мегӯед?» (Юҳанно 10:34–36).

Дар Навиштаҳо ҳатто доварони беинсоф «худоён» номида шудаанд. Пас, барои чӣ ин яҳудиён Исоро барои худро «Писари Худо» номиданаш



айбдор мекунанд? Исо далели боварибахше меорад: «Агар корҳои Падари худро ба ҷо наорам, ба ман бовар накунед. Вале, агар ба ҷо орам, ба ман бовар накунед ҳам, ақаллан ба корҳоям бовар кунед, то бифаҳмед ва бештар боварӣ пайдо кунед, ки Падар бо ман ва ман бо Падар дар ягонагӣ ҳастем» (Юҳанно 10:37, 38).

Баъд яҳудиён бори дигар мехоҳанд, ки Исоро дастгир кунанд, лекин ӯ аз дасти онҳо раҳо шуда, аз Ерусалим меравад. Ӯ ба тарафи дигари Урдун, ба ҷое, ки Яҳё чор сол пеш аз ин таъмид медод, равона мешавад. Аз афташ, ин маҳал дар наздикии соҳили ҷанубии баҳри Ҷалил воқеъ аст.

Мардуми бисёре назди Исо меоянд ва мегӯянд: «Яҳё ягон мӯъҷизае нишон надодааст, аммо ҳар чизе, ки ӯ дар бораи ин шахс гуфта буд, рост аст» (Юҳанно 10:41). Дар натиҷа, бисёри яҳудиён ба Исо имон меоранд.

---

◊ Барои чӣ Исо диққати шунавандагонро ба корҳояш равона кард?

◊ Ба кадом маъно Исо ва Падар яканд?

◊ Чӣ тавр Исо аз китоби Забур иқтибос оварда беасос будани айбдоркунии яҳудиёнро нишон дод?





ҚИСМИ

5

# ХИЗМАТИ ИСО ДАР ТАРАФИ ШАРҚИИ УРДУН

«БИСЁРИҲО... БА Ӯ ИМОН ОВАРДАНД»
(ЮҲАННО 10:42).

# ХИЗМАТИ ИСО ДАР ПЕРЕЯ

ЛУҚО 13:22–14:6

Дар Яҳудия ва Ерусалим Исо одамонро шифо мебахшид ва таълим медод. Акнун ӯ ба он тарафи дарёи Урдун мегузарад, то дар шаҳрҳои вилояти Перея низ таълим диҳад. Чанде пас бошад, Исо бояд боз ба Ерусалим равад.

Дар Перея марде аз Исо мепурсад: «Ҳазрат, оё шумораи онҳое, ки наҷот меёбанд, кам аст?» Шояд, он мард медонад, ки сарварони дин дар бораи он баҳс мекунанд, ки одамони зиёд наҷот меёбанд ё кам. Лекин Исо гапро ба дигар тараф мебарад ва мефаҳмонад, ки барои наҷот ёфтан чӣ кор кардан даркор аст. Ӯ мегӯяд: «Бо тамоми қувват саъю кӯшиш намоед, ки аз дари танг дароед». Бале, барои наҷот ёфтан бисёр-бисёр саъю кӯшиш кардан даркор аст. Исо мефаҳмонад: «Ба шумо мегӯям, ки бисёриҳо ба дохил шудан кӯшиш мекунанд, аммо наметавонанд» (Луқо 13:23, 24).

Муҳим будани кӯшишу ғайратро қайд карда Исо мегӯяд: «Вақте ки соҳиби хона хеста, дарро қулф мекунад, шумо аз берун истода, дарро мекӯбед ва мегӯед: “Тақсир, дарро ба мо кушо”... Лекин вай ба шумо хоҳад гуфт: “Ман намедонам, ки шумо аз куҷоед. Аз ман дур шавед, эй бадкорон!”» (Луқо 13:25–27).

Ин мисол ҳолати касеро нишон медиҳад, ки дер меояд (шояд, дар вақте, ки барои вай қулай аст) ва мебинад, ки дар аллакай қулф аст. Чунин шахс, ҳатто агар ноқулай бошад, бояд барвақттар меомад. Ба ин монанд, Исо дар байни одамон гашта, онҳоро таълим медод, лекин аксари онҳо ӯро гӯш кардан нахостанд ва ибодати ҳақиқиро дар ҳаёти худ дар ҷойи аввал нагузоштанд. Бисёре аз онҳое, ки Исо ба наздашон фиристода шуд, ба ӯ имон наоварданд. Ҳол он ки маҳз ба воситаи ӯ Худо мехост онҳоро наҷот диҳад. Исо мегӯяд, ки вақте ин одамонро берун меронанд, онҳо гиря мекунанд ва дандонҳояшонро ғиҷиррос мезанонанд. Он вақт одамон аз ҳамаи халқҳо «аз шарқу ғарб ва шимолу ҷануб омада, дар Подшоҳии Худо ба сари миз хоҳанд нишаст» (Луқо 13:28, 29).

Исо мефаҳмонад: «Баъзе аз онҳое, ки охиринанд [мисли ғайрияҳудиён ва яҳудиёни зулму ситамдида], аввалин мешаванд ва баъзе аз онҳое, ки аввалинанд [сарварони дини яҳудӣ, ки фахр мекунанд, ки онҳо аз насли Иброҳиманд], охирин» (Луқо 13:30). Охирин будани онҳо нишон медиҳад, ки ин шахсони ношукр ба Подшоҳии Худо намедароянд.



Баъзе фарисиён назди Исо омада ба ӯ мегӯянд: «Аз ин ҷо баромада рав, зеро Ҳиродус[-и Антипас] туро куштан мехоҳад». Шояд, ин овозаро худи шоҳ Ҳиродус паҳн кардааст, то ки Исо аз он маҳал баромада равад. Ҳиродус Яҳё-пайғамбарро кушта буд, барои ҳамин, эҳтимол, вай метарсад, ки мабодо дар кушта шудани ин пайғамбар ҳам айбдор шавад. Лекин Исо ба фарисиён мегӯяд: «Рафта, ба он рӯбоҳ гӯед: “Ман имрӯзу пагоҳ девҳоро берун мекунам ва

одамонро шифо медиҳам ва дар рӯзи сеюм корамро ба охир мерасонам"» (Луқо 13:31, 32). Исо Ҳиродусро «рӯбоҳ» номида, шояд, ба маккории ӯ ишора мекунад. Лекин Исо намегузорад, ки Ҳиродус ё ягон каси дигар ба ӯ роҳ нишон диҳад ё ӯро саросема кунад. Вай бояд супориши Худоро иҷро кунад ва ин корро дар вақте ба ҷо меорад, ки Худо барояш муқаррар кардааст.

Исо роҳи худро давом дода, ба Ерусалим равона мешавад, зеро, чи тавре ки худи ӯ мегӯяд, «ин тавр шуда наметавонад, ки пайғамбар берун аз Ерусалим кушта шавад» (Луқо 13:33). Дар ягон ҷойи Китоби Муқаддас пешгӯйӣ нашудааст, ки Масеҳ бояд дар Ерусалим мурад. Пас, барои чӣ Исо мегӯяд, ки ӯ бояд дар он ҷо кушта шавад? Гап дар сари он ки Ерусалим пойтахти мамлакат аст ва Суди олии яҳудиён дар он ҷо ҷойгир аст. Ин суд, ки аз 71 нафар иборат аст, касонеро, ки пайғамбарони бардурӯғ ҳисоб меёбанд, доварӣ мекунад. Ғайр аз ин, дар маъбади Ерусалим ҳайвонҳоро қурбон мекунанд. Барои ҳамин Исо мефаҳмад, ки ӯ бояд дар ин шаҳр кушта шавад, на дар ҷойи дигаре.

Исо афсӯс хӯрда мегӯяд: «Эй Ерусалим, Ерусалим, шаҳре, ки пайғамбаронро мекушӣ ва онҳоеро, ки ба наздат фиристода шудаанд, сангсор мекунӣ! Чанд бор хостам, ки кӯдакони туро ҷамъ оварам, чи тавре ки мурғ чӯҷаҳои худро зери болаш ҷамъ мекунад, аммо ту нахостӣ. Инак, Худо ин хонаро тарк хоҳад кард» (Луқо 13:34, 35). Ин халқ ба Писари Худо имон наоварданд ва бояд оқибати талхи ин рафторашонро чашанд.



Дар роҳ ба Ерусалим яке аз сардорони фарисиён Исоро рӯзи шанбе ба меҳмонӣ таклиф мекунад. Исо дар он ҷо мардеро мебинад, ки гирифтори касалии обхӯра аст (касалие, ки дар натиҷаи он дар бадани одам, бисёр вақт дар пойҳо, об ҷамъ мешавад). Меҳмонон бодиққат назар мекунанд, ки оё Исо ин мардро шифо медиҳад ё не. Исо аз фарисиён ва шариатдонон мепурсад: «Оё дар рӯзи шанбе шифо додан раво аст?» (Луқо 14:3).

Ҳеҷ кас ба саволи ӯ ҷавоб намедиҳад. Он гоҳ Исо он мардро шифо медиҳад ва баъд аз ҳозирон мепурсад: «Агар писар ё барзагови яке аз шумо дар рӯзи шанбе ба чоҳ афтад, магар ҳамон замон онро намебарорад?» (Луқо 14:5) Ин дафъа ҳам саволи Исо бе ҷавоб мемонад.

- ◇ Барои наҷот ёфтан чӣ кор кардан лозим аст ва барои чӣ баъзеҳо «дар берун» мемонанд?
- ◇ Кӣ аввалин мешаваду кӣ охирин?
- ◇ Эҳтимол, шоҳ Ҳиродус аз чӣ метарсад?
- ◇ Барои чӣ Исо мегӯяд, ки ӯ бояд дар Ерусалим кушта шавад?

# ТАКЛИФ БА МЕҲМОНӢ

ЛУҚО 14:7–24

Исо ҳоло ҳам дар хонаи фарисӣ аст. Навакак ӯ марди бемореро шифо дод. Дар он ҷо Исо мебинад, ки чӣ тавр меҳмонон аз боло гузашта мешинанд ва ӯ ин фурсатро истифода мебарад, то ба онҳо муҳим будани фурӯтаниро нишон диҳад.

Исо мегӯяд: «Вақте ки касе туро ба тӯйи арӯсӣ даъват мекунад, аз боло гузашта нашин. Шояд дар байни даъватшудагон шахсе бошад, ки аз ту обрӯмандтар аст. Он вақт касе, ки ҳар дуи шуморо даъват кардааст, ба наздат омада, мегӯяд: “Ҷойи худро ба ин кас деҳ”. Он гоҳ ту дар хиҷолат монда аз поён гузашта мешинӣ» (Луқо 14:8, 9).

Исо илова мекунад: «Вақте туро даъват мекунанд, аз поён шин, то он касе, ки туро даъват кардааст, ба наздат омада, гӯяд: “Эй дӯст, аз боло гузашта шин”. Он гоҳ иззату эҳтироми ту дар пеши ҳамаи меҳмонон ба ҷо оварда мешавад». Чунин рафтор на танҳо нишонаи одобу ахлоқи хуб аст. Исо мефаҳмонад: «Зеро ҳар касе, ки худро аз дигарон боло гирад, паст мегардад ва ҳар касе, ки худро фурӯтан созад, сарбаланд мегардад» (Луқо 14:10, 11). Бо ин суханон Исо шунавандагонашро даъват мекунад, ки фурӯтанӣ инкишоф диҳанд.

Баъд Исо ба соҳиби хона дарси муҳими дигареро таълим медиҳад. Ӯ мефаҳмонад, ки барои ба Худо маъқул шудан киро ба меҳмонӣ таклиф кардан даркор аст. Ӯ мегӯяд: «Ҳангоме ки дар вақти пешин ё бегоҳ зиёфат медиҳӣ, дӯстон, бародарон, хешу табор ё ҳамсоягони сарватдоратро таклиф накун: мабодо онҳо низ рӯзе туро даъват намоянд ва мукофоти ту дода шавад. Вале, вақте зиёфат медиҳӣ, камбағалон, маъюбон, лангон ва кӯронро таклиф кун ва ту хушбахт хоҳӣ буд, зеро онҳо чизе надоранд, ки ба ту подош диҳанд» (Луқо 14:12–14).

Ба меҳмонӣ таклиф кардани дӯстон, хешу табор ё ҳамсоягон ягон бадие надорад. Исо низ ин корро нодуруст намеҳисобад. Лекин ӯ қайд мекунад, ки агар шахс касони мӯҳтоҷро, ба мисли камбағалон, маъюбон ва кӯрон таклиф кунад, соҳиби баракатҳои зиёд шуда метавонад. Исо ба соҳиби хона мегӯяд: «Ту мукофоти худро дар вақти эҳёшавии росткорон хоҳӣ гирифт». Яке аз меҳмонон чунин мегӯяд: «Хушбахт аст касе, ки дар Подшоҳии Худо хӯрок мехӯрад» (Луқо 14:15). Ӯ мефаҳмад, ки ба Подшоҳии Худо дохил шудан имконияти пуршараф аст. Лекин на ҳама ин имкониятро қадр мекунанд. Барои нишон додани ин Исо мисоли дигареро нақл мекунад.

Ӯ мегӯяд: «Марде бегоҳирӯзӣ зиёфати калоне барпо кард ва касони зиёдро даъват намуд... Ӯ ғуломи худро фиристод, то ба даъватшудагон гӯяд: “Биёед, чунки ҳама чиз аллакай тайёр аст”. Вале ҳамаи онҳо, гӯё забон як карда бошанд, ба узрхоҳӣ сар карданд. Яке ба ӯ гуфт: “Ман замин харидам ва бояд онро рафта бинам. Илтимос, маро бубахш, зеро ман рафта наметавонам”. Дигаре чунин гуфт: “Ман панҷ ҷуфт барзагов харидам ва бояд онҳоро санҷида бинам. Илтимос, маро бубахш, зеро ман рафта наметавонам”. Сеюмин гуфт: “Ман ба наздикӣ оиладор шудам ва барои ҳамин омада наметавонам”» (Луқо 14:16–20).

Дар ҳақиқат, чи хеле ки мегӯянд, «дили нохоҳам, узри бисёр»! Одатан одам замин ё молро пеш аз харидан месанҷад, барои ҳамин ҳоло ҳоҷат нест, ки ин ду шахс рафта замину моли худро бинанд. Шахси сеюм бошад, ба тӯй тайёрӣ намебинад. Ӯ аллакай оиладор аст, аз ин рӯ барои рад кардани ин таклифи муҳим сабаб надорад. Аз шунидани ин баҳонаҳои беасос соҳиби хона дарғазаб мешавад ва ба ғуломаш мегӯяд:

«Зудтар ба кӯчаҳои калон ва паскӯчаҳои шаҳр рафта, камбағалон, маъюбон, кӯрон ва лангонро ба ин ҷо биёр». Ғулом ҳамин тавр мекунад, лекин боз ҷойҳои холӣ мемонанд. Соҳиби хона ба ғулом мегӯяд: «Ба сари кӯчаҳо ва роҳҳои беруни шаҳр баромада, одамонро ба омадан маҷбур кун, то хонаи ман пур шавад. Ба шумо мегӯям, ки ҳеҷ касе аз даъватшудагон хӯроки маро нахоҳад чашид» (Луқо 14:21–24).

Мо аз ин мисол чӣ мефаҳмем? Худо ба Исои Масеҳ супориш дод, ки одамонро таклиф кунад, то ба Подшоҳии Худо дохил шаванд. Дар аввал яҳудиён, махсусан сарварони дин, даъват шуданд. Вақте Исо дар замин хизмат мекард, бисёри онҳо даъвати ӯро рад карданд. Лекин фақат онҳо даъват нашуда буданд. Исо ба таври равшан фаҳмонд, ки дар оянда яҳудиёни одӣ ва шахсони дини яҳудиро қабулкарда низ даъват мешаванд. Дафъаи сеюм, яъне бори охир, шахсоне даъват мешаванд, ки, ба ақидаи яҳудиён, сазовори меҳрубониву марҳамати Худо нестанд (Аъмол 10:28–48).

Суханони Исо ин гуфтаҳои яке аз меҳмононро тасдиқ мекунанд: «Хушбахт аст касе, ки дар Подшоҳии Худо хӯрок мехӯрад».



◊ Чӣ тавр Исо дарси фурӯтаниро таълим медиҳад?

◊ Барои ба Худо маъқул шудан соҳиби хона бояд киро ба меҳмонӣ таклиф кунад ва чаро он вақт ӯ хушбахт мешавад?

◊ Мисоли Исо дар бораи зиёфати калон чӣ маъно дорад?

# ШОГИРДИ ИСО БУДАН ЧӢ МАЪНО ДОРАД?

ЛУҚО 14:25–35

Дар хонаи сардори фарисиён Исо ба одамон дарсҳои пурарзишеро таълим дод. Акнун ӯ роҳашро давом дода, ба Ерусалим равона аст. Одамони зиёде аз қафои ӯ мераванд. Лекин барои чӣ? Оё онҳо дар ҳақиқат мехоҳанд пайравони ӯ шаванд ва оё онҳо мефаҳманд, ки ин дар асл чӣ маъно дорад?

Дар роҳ Исо суханонеро мегӯяд, ки, шояд, баъзеҳоро дар ҳайрат мемонанд. Ӯ мегӯяд: «Агар касе пеши ман ояд, вале падару модар, зану фарзандон, бародарону хоҳарон ва ҳамчунин ҷони худро аз ман зиёдтар дӯст дорад, шогирди ман буда наметавонад» (Луқо 14:26). Суханони Исо чӣ маъно доранд?

Исо гуфтанӣ нест, ки пайравонаш набояд хешу таборашонро дӯст доранд. Муҳим он аст, ки онҳо хешовандонашонро аз ӯ зиёдтар дӯст надоранд. Чунки дар ин ҳолат онҳо метавонанд ба он марде, ки оиладор шуданашро баҳона карда таклифи муҳимро рад кард, монанд шаванд (Луқо 14:20).

Ҳамчунин, Исо намегӯяд, ки шогирдони ӯ ҷон ё ҳаёти худро эҳтиёт накунанд. Шогирдони ҳақиқӣ бояд Исоро ба дараҷае дӯст доранд, ки агар даркор бошад, ҳатто ҷонашонро ба хотири ӯ фидо кунанд. Равшан аст, ки шогирди Исо будан кори шӯхӣ нест ва кас бояд ба он ҷиддӣ назар кунад.

Шогирди Исо метавонад бо душвориҳо ва таъқибот рӯ ба рӯ шавад. Исо мегӯяд: «Ҳар касе, ки сутуни азобу шиканҷаи худро бардошта, маро пайравӣ намекунад, шогирди ман буда наметавонад» (Луқо 14:27). Бале, шогирди ҳақиқии Исо бояд тайёр бошад, ки мисли ӯ азобу уқубат кашад ва, шояд, ҳатто аз дасти душманон кушта шавад.

Барои ҳамин касоне, ки ҳамроҳи Исо ба Ерусалим сафар мекунанд, бояд нағзакак фикр кунанд, ки шогирди Масеҳ будан чӣ маъно дорад. Исо инро бо мисоле мефаҳмонад: «Масалан, кадоме аз шумо бурҷе сохтанӣ шуда, аввал нишаста, харҷи онро ҳисоб намекунад, то бидонад, ки оё имконияти ба анҷом расонидани онро дорад ё не?» Зеро агар чунин накунад, ӯ метавонад «таҳкурсии онро гузораду барои ба анҷом расонидани он қувваташ нарасад» (Луқо 14:28, 29). Пас, касоне, ки шогирди Исо шудан мехоҳанд, бояд боварӣ ҳосил кунанд, ки ин масъулиятро ба пуррагӣ ба



гардан гирифта метавонанд ё не. Исо барои қайд кардани ин фикр мисоли дигаре меорад:

«Кадом подшоҳ ба муқобили подшоҳи дигар ба ҷанг баромаданӣ шуда, аввал нишаста, маслиҳат намекунад, ки оё метавонад бо даҳ ҳазор сарбоз ба касе, ки бо бист ҳазор сарбоз бар зиддаш меояд, муқобилат кунад? Агар қувваташ нарасад, ҳанӯз ки он подшоҳ дур аст, сафиронашро фиристода, бо ӯ сулҳ мебанданд». Баъд Исо хулоса бароварда мегӯяд: «Пас, бидонед, ки ягон нафари шу-

мо, то аз тамоми молу мулки худ даст накашад, шогирди ман буда наметавонад» (Луқо 14:31–33).

Албатта, ин суханони Исо на танҳо ба ҳамсафарони ӯ, балки ҳамчунин ба ҳамаи онҳое, ки дар оянда бо Масеҳ ва таълимоти ӯ шинос мешаванд, дахл доранд. Онҳо бояд тайёр бошанд, ки ҳама чиз, аз он ҷумла чизу чора ва ҳатто ҳаёти худро, фидо кунанд. Ҳамаи мо бояд дар ин бора фикр кунем ва дуо гӯем.

Баъди ин Исо дар бораи намак гап мезанад. Дар Мавъизаи болои кӯҳ ӯ гуфта буд, ки шогирдонаш «намаки ҷаҳон»-анд (Матто 5:13). Аз афташ, ӯ гуфтанӣ буд, ки, чи тавре ки намак хӯрокаро аз вайроншавӣ нигоҳ медорад, ҳамон тавр шогирдонаш низ ба одамон ёрӣ медиҳанд, ки аз ҷиҳати ахлоқӣ вайрон нашаванд ва муносибаташонро бо Худо нигоҳ доранд. Ҳоло, ки хизмати Исо ба охир расида истодааст, ӯ мегӯяд: «Бешубҳа, намак чизи хуб аст, лекин, агар намак таъми худро гум кунад, бо чӣ мазаи онро баргардонидан мумкин аст?» (Луқо 14:34). Шунавандагони Исо медонанд, ки баъзан дар ҷойҳои онҳо намак намаки тоза нест ва он бо хок ва моддаҳои дигар омехта аст. Чунин намак метавонист таъми худро гум кунад ва ба чизе кор наояд.

Ҳамин тавр Исо нишон медиҳад, ки ҳатто онҳое, ки солҳои сол ӯро пайравӣ мекунанд, бояд нагузоранд, ки ҷидду ҷаҳдашон суст шавад. Чунки агар ин хел шавад, онҳо чун намаке, ки хосияти худро гум кардааст, бефоида мешаванд. Он гоҳ онҳо мавриди мазоҳу масхараи одамони ин ҷаҳон мегарданд. Беш аз ин, онҳо аз розигии Яҳува маҳрум мешаванд ва ҳатто номи Ӯро доғдор месозанд. Исо шунавандагонашро аз ин огоҳ карда мегӯяд: «Ҳар кӣ гӯши шунаво дорад, бигзор гӯш диҳад» (Луқо 14:35).



- ◊ Мувофиқи суханони Исо, шогирдони ӯ бояд ба хешу табор ва ҳаёти худ чӣ тавр муносибат кунанд?
- ◊ Касоне, ки шогирди Исо шудан мехоҳанд, бояд чиро дарк кунанд?
- ◊ Ба кадом маъно шогирдон ба намаке, ки таъми худро гум кардааст, монанд шуда метавонанд?

# ШОДИВУ ХУРСАНДӢ БАРОИ ГУНАҲКОРИ ТАВБАКАРДА

ЛУҚО 15:1–10

Дар давоми хизматаш Исо чандин бор муҳим будани фурӯтаниро қайд карда буд (Луқо 14:8–11). Ҳоло низ ӯ дар ҷустуҷӯйи касони фурӯтанест, ки мехоҳанд ба Худо хизмат кунанд. Дар байни чунин касон одамоне ҳастанд, ки мардум онҳоро чун гунаҳкор мешиносанд.

Фарисиён ва шариатдонон пай мебаранд, ки чунин одамон, яъне касоне, ки онҳо пасту нокас меҳисобанд, ба назди Исо меоянд ва хабари ӯро гӯш мекунанд. Аз ин рӯ онҳо мегӯянд: «Ин одам бо гунаҳкорон ҳамнишин аст ва бо онҳо хӯрок мехӯрад» (Луқо 15:2). Фарисиён ва шариатдонон худро аз мардуми одӣ боло мегиранд ва онҳоро чирки таги пой меҳисобанд. Сарварони дин чунин одамонро паст зада нисбаташон калимаи ибрии «ам ҳаа̀ретс»-ро истифода мебаранд, ки маънояш «одамони замин [хок]» мебошад.



Исо бошад, ба ҳама бо эҳтиром ва меҳрубониву дилсӯзӣ муносибат мекунад. Барои ҳамин бисёре аз одамони одӣ, аз он ҷумла касоне, ки чун гуноҳкор ном баровардаанд, бо шавқу ҳавас Исоро гӯш мекунанд. Вақте фарисиён мебинанд, ки Исо ба чунин шахсон ёрӣ медиҳад, онҳо ӯро таънаву маломат мекунанд. Лекин Исо ба ин чӣ тавр муносибат мекунад?

Исо ба онҳо мисоли таъсирбахшеро нақл мекунад. Чанде пеш ӯ дар Кафарнаҳум мисоли ба ин монандеро нақл карда буд (Матто 18:12–14). Дар ин мисол Исо фарисиёнро ба гӯсфандоне монанд мекунад, ки дар қӯраи Худо паноҳ меёбанд. Одамони одӣ ва гунаҳкоронро бошад — ба гӯсфандоне, ки аз рама дур гашта гум шудаанд. Ӯ мегӯяд:

«Агар нафаре аз шумо сад гӯсфанд дошта бошаду яке аз онҳоро гум кунад, магар наваду нӯҳ гӯсфандашро дар биёбон монда, он гумшударо то ёфт шуданаш ҷустуҷӯ намекунад? Ва чун меёбад, онро бар китфаш мегузораду шодӣ карда ба хона бармегардад. Ӯ ёру дӯстон ва ҳаққу ҳамсояҳояшро ҷеғ зада, мегӯяд: “Бо ман хурсандӣ кунед, чунки гӯсфанди гумшудаам ёфт шуд”» (Луқо 15:4–6).

Баъд Исо мефаҳмонад: «Ба шумо мегӯям: ба ин монанд дар осмон барои як гунаҳкори тавбакарда назар ба наваду нӯҳ росткоре, ки ба тавба эҳтиёҷ надоранд, хурсандӣ зиёдтар хоҳад буд» (Луқо 15:7).

Фарисиён худро росткор меҳисобанд ва барои ҳамин фикр мекунанд, ки ба тавба эҳтиёҷ надоранд. Якчанд сол пеш, вақте онҳо Исоро ҳукм карданд, ки ӯ бо ҷамъоварони андоз ва гунаҳкорон хӯрок мехӯрад, ӯ чунин гуфт: «Ман барои он омадаам, ки на росткорон, балки гунаҳкоронро даъват кунам» (Марқӯс 2:15–17).



Азбаски ин фарисиёни худбовар тавба кардан намехоҳанд, дар осмон барои онҳо касе хурсандӣ намекунад. Ва, баръакс, вақте гунаҳкорон аз таҳти дил тавба мекунанд, дар осмон хурсандии бемислу монанд ҳукмфармо мегардад.

Барои боз ҳам равшантар кардани ин фикр Исо мисоли дигаре меорад: «Агар зане даҳ тангаи нуқра дошта бошаду яктоашро гум кунад, магар чароғро даргиронда, хонаро намерӯбад ва то ёфт шудани он ҳама ҷоро намекобад? Ва чун меёбад, дугонаву ҳамсояҳояшро ҷеғ зада, мегӯяд: “Бо ман хурсандӣ кунед, чунки тангаи гумкардаи худро ёфтам”» (Луқо 15:8, 9).

Баъд Исо илова мекунад: «Ба ин монанд фариштагони Худо ҳам барои як гунаҳкори тавбакарда хурсандӣ мекунанд» (Луқо 15:10).

Дар ҳақиқат, фариштагон нисбати гунаҳкорон бепарво нестанд. Онҳо мехоҳанд, ки ҳар як гунаҳкор тавба кунаду аз роҳи бад гардад. Зеро гунаҳкори тавбакардае, ки дар Подшоҳии Худо ҳамроҳи Масеҳ ҳукмрон мешавад, аз фариштагон мавқеи баландтарро ишғол мекунад (1 Қӯринтиён 6:2, 3). Лекин фариштагон ба ин ҳасад намебаранд. Пас, вақте ягон гунаҳкор аз таҳти дил тавба карда ба назди Худо бармегардад, магар мо низ набояд аз ин хурсанд шавем?!



◊ Барои чӣ Исо бо гунаҳкорон вақт мегузаронад?
◊ Фарисиён ба мардуми одӣ чӣ тавр муносибат мекунанд ва муносибати Исоро дида чӣ мегӯянд?
◊ Мо аз мисоли гӯсфанд ва тангаи гумшуда чӣ мефаҳмем?

# ПИСАРИ ГУМШУДА БАРМЕГАРДАД

ЛУҚО 15:11–32

Аз афташ, Исо мисоли гӯсфанди гумшуда ва тангаи гумшударо дар Перея, дар тарафи шарқии дарёи Урдун, нақл кард. Аз ин ду мисол чӣ дарс гирифтан мумкин аст? Вақте гунаҳкоре тавба карда, назди Худо бармегардад, мо бояд хурсанд шавем. Фарисиён ва шариатдонон Исоро ҳукм мекунанд, ки ӯ бо одамони гунаҳкор рафтуомад дорад. Онҳо аз ин мисолҳо бояд мефаҳмиданд, ки Падари осмонии мо ба гунаҳкорони тавбакарда чӣ гуна муносибат мекунад. Ҳоло Исо мисоли таъсирбахше нақл мекунад, ки ин дарси муҳимро бори дигар қайд мекунад.

Исо дар бораи падаре нақл мекунад, ки соҳиби ду писар аст ва ин мисол асосан дар бораи писари хурдӣ мебошад. Фарисиёну шариатдонон ва ҳамчунин шунавандагони дигари Исо аз чизе, ки бо писари хурдӣ рӯй дод, барои худ дарс гирифта метавонанд. Ғайр аз ин, ба рӯҳия ва рафтори падару писари калонӣ низ диққат дода чизҳои зиёде омӯхтан мумкин аст.

Исо нақли худро ин тавр сар мекунад: «Марде ду писар дошт. Рӯзе писари хурдиаш ба ӯ





гуфт: “Падар, қисми молу мулкеро, ки ба ман тааллуқ дорад, бидеҳ”. Он гоҳ падар дороии худро байни писаронаш тақсим кард» (Луқо 15:11, 12). Танҳо тасаввур кунед: писар аз падари зиндаву саломаташ ҳиссаи мероси худро талаб мекунад! Вай мехоҳад худи *ҳозир* мустақил бошад ва пулашро аз рӯйи хости худ истифода барад.

Исо давом медиҳад: «Пас аз якчанд рӯз писари хурдӣ тамоми чизу чораашро ҷамъ карда, ба ҷойи дуре сафар кард ва ба айшу ишрат дода шуда дороии худро барбод дод» (Луқо 15:13). Писари хурдӣ хонаи тинҷу ором ва падари ғамхорашро, ки ӯро бо чизҳои лозима таъмин мекунад, монда, ба мамлакати дуре меравад. Дар он ҷо вай ба айшу ишрат дода мешавад ва тамоми пулу молашро мехӯрад. Баъди ин ба сари вай рӯзҳои сахт меоянд. Исо мегӯяд:

«Вақте тамоми пулашро сарф кард, дар саросари он кишвар қаҳтии сахте рӯй дод ва ӯ ба мӯҳтоҷӣ афтод. Ӯ ҳатто рафта, хизматгори яке

аз сокинони он кишвар гашт ва он шахс ӯро ба саҳрои худ фиристод, то хукбонӣ кунад. Вай тайёр буд, ки шикамашро аз хӯроки хукҳо сер кунад, лекин ҳеҷ кас ба ӯ чизе намедод» (Луқо 15:14–16).

Ҳарчанд мувофиқи Шариат хукҳо ҳайвонҳои нопок ҳисоб меёбанд, ин писар маҷбур мешавад, ки хукбонӣ кунад. Аз гушнагӣ ҷони писарак ба лаб меояд ва вай ҳатто тайёр мешавад, ки хӯроки хуконро хӯрад. Ин вақт вай ба худ меояд ва мегӯяд: «Чӣ қадар мардикорони падарам ба фаровонӣ нон доранд, ман бошам, дар ин ҷо аз гуруснагӣ мурда истодаам! Хеста, назди падарам меравам ва мегӯям: “Падар, ман пеши осмон ва пеши ту гуноҳ кардам ва дигар сазовори он нестам, ки писари ту номида шавам. Маро чун яке аз мардикорони худ қабул кун”». Баъд вай ба назди падараш меравад (Луқо 15:17–20).

Падар писари хурдиашро дида чӣ кор мекарда бошад? Оё ӯ бо қаҳру ғазаб ба писар дармеафтад ва барои беақлӣ карда аз хона рафтанаш ҷанг мекунад? Оё падар ӯро бо қошу қавоқи гирифта пешвоз мегирад? Агар шумо ба ҷойи падар мебудед, чӣ кор мекардед?



◊ Исо мисоли писари гумшударо ба кӣ нақл мекунад ва барои чӣ?

◊ Ин мисол асосан дар бораи кист ва бо ӯ чӣ рӯй медиҳад?



ПИСАРИ ГУМШУДА ЁФТ МЕШАВАД

Баъд Исо нақл мекунад, ки падар баъди дидани писар чӣ ҳис мекунад ва чӣ кор мекунад: «Вақте ки ӯ ҳанӯз хеле дур буд, падараш вайро дида, дилаш ба ӯ сӯхт. Ӯ тозон рафта, писаравро ба оғӯш гирифту бӯсид» (Луқо 15:20). Ҳарчанд падар фаҳмида буд, ки писараш чӣ гуна ҳаёт ба сар мебурд, ӯ бо чеҳраи кушод ва оғӯши гарм вайро пешвоз гирифт. Сарварони дин даъво мекунанд, ки Яҳуваро мешиносанд ва Ӯро ибодат мекунанд. Лекин оё онҳо ин мисолро шунида мефаҳманд, ки Падари осмониамон нисбати гунаҳкорони тавбакарда чӣ ҳис мекунад? Оё онҳо дарк мекунанд, ки Исо низ мисли Падари худ рафтор мекунад?

Ин падари бодиққат, эҳтимол, аз нигоҳу чеҳраи писараш пай мебарад, ки вай аз кардааш пушаймон аст. Падар писарро нағз қабул мекунад ва ин ба вай ёрӣ медиҳад, ки гуноҳашро ба гардан гирад. Исо нақл мекунад: «Писараш ба ӯ гуфт: "Падар, ман пеши осмон ва пеши ту гуноҳ кардам ва дигар сазовори он нестам, ки писари ту номида шавам"» (Луқо 15:21).

Падар ба ғуломон мефармояд: «Зудтар либоси беҳтаринеро оварда, ба ӯ пӯшонед, ангуштарине ба дасташ андозед ва ба пояш пойафзол пӯшонед! Ҳамчунин гӯсолаи парвориро оварда, сар буред, то бихӯрему хурсандӣ кунем, зеро ин писарам мурда буд ва зинда шуд, гум шуда буд ва ёфт шуд». Он гоҳ онҳо «ба хурсандӣ намудан сар карданд» (Луқо 15:22–24).

Дар ин вақт писари калонӣ дар саҳро буд. Исо давом медиҳад: «Ҳангоме ки ӯ бармегашт ва ба хона наздик мешуд, садои мусиқӣ ва рақсу бозиро шунид. Вай яке аз ғуломонро ба наздаш ҷеғ зада, пурсид, ки чӣ рӯй дода истодааст. Ғулом ба ӯ гуфт: "Бародарат омад ва падарат барояш гӯсолаи парвориро сар бурид, чунки ӯ сиҳату саломат ба хона баргашт". Писари калонӣ ба қаҳр омада ба хона даромадан нахост. Он гоҳ падараш баромада, ил-



тимос кард, ки ба хона дарояд. Писар ба падараш гуфт: “Солҳои зиёд аст, ки ман мисли ғулом ба ту хизмат мекунам ва ҳаргиз аз фармонат сар натофтаам, вале ту боре ҳам ба ман бузғолаеро надодӣ, то бо дӯстонам хурсандӣ кунам. Лекин, чун ин писарат, ки чизу чораатро бо фоҳишаҳо хӯрда тамом кард, ба хона баргашт, ту барояш гӯсолаи парвориро сар буридӣ”» (Луқо 15:25–30).

Шариатдонон ва фарисиён мисли ин писари калонӣ рафтор мекунанд. Вақте онҳо мебинанд, ки Исо ба одамони одӣ ва гунаҳкорон дилсӯзиву меҳрубонӣ мекунад, онҳо Ӯро танқид мекунанд. Маҳз аз ҳамин сабаб Исо ин мисолро меорад. Бале, ҳар касе ки аз раҳмдиливу меҳрубонии Худо нисбати гунаҳкорон ба хашм меояд, бояд аз ин мисол барои худ дарс гирад.

Дар охир падар мегӯяд: «Писарам, ту ҳама вақт бо ман ҳастӣ ва ҳар чизе, ки дорам, аз они туст. Мо бошем, аз он сабаб шодиву хурсандӣ мекунем, ки бародарат мурда буд ва зинда шуд, гум шуда буд ва ёфт шуд» (Луқо 15:31, 32).

Исо намегӯяд, ки писари калонӣ баъд чӣ кор мекунад. Лекин баъди марг ва эҳёшавии Исо «бисёре аз коҳинон низ имон оварданд» (Аъмол 6:7). Шояд, дар байни ин коҳинон ҳамчунин касоне буданд, ки мисоли писари гумшударо шунида буданд. Ба онҳо имконият дода шуд, ки ба худ оянд, тавба кунанд ва ба назди Худо баргарданд.

Дар рӯзҳои мо ҳам шогирдони Исо мефаҳманд, ки аз ин мисол чӣ дарс гирифтан мумкин аст. Дарси якум ин аст, ки мо ҳеҷ гоҳ набояд аз халқи Худо дур шуда, аз пайи ҳузуру ҳаловат «ба ҷойи дуре» равем. Зеро дар байни халқаш Падари ғамхору меҳрубонамон моро ҳимоя мекунад ва ҳама чизи лозимаро медиҳад.

Дарси дуюм ин аст, ки агар ягон нафари мо аз Худо дур шавем, мо бояд фурӯтанӣ зоҳир карда, ба назди Падари худ баргардем ва розигии Ӯро ба даст орем.

Дарси дигар бошад, ҳангоми муқоиса кардани рӯҳияи падар ва писари калонӣ маълум мешавад. Падар писари хурдиро бо омодагӣ бахшид ва гарму ҷӯшон қабул кард, писари калонӣ бошад, ба хашму ғазаб омад ва бо бародараш оштӣ шудан нахост. Равшан аст, ки хизматгорони Худо бояд гунаҳкореро, ки аз таҳти дил тавба мекунад ва ба «хона»-и Падар бармегардад, бахшанд ва нағз қабул кунанд. Ин, дар ҳақиқат, сабаби шодиву хурсандии мост, чунки бародарамон «мурда буд ва зинда шуд, гум шуда буд ва ёфт шуд».

- ◇ Вақте писари хурдӣ ба хона бармегардад, падар чӣ кор мекунад?
- ◇ Аз кадом ҷиҳат падари дилсӯз ба Яҳува ва Исо монанд аст?
- ◇ Аз кадом ҷиҳат фарисиён ва шариатдонон ба писари калонӣ монанданд?
- ◇ Шумо аз мисоли Исо чӣ дарс гирифтед?

# МО БОЯД ДУРАНДЕШ ВА ЗИРАК БОШЕМ

ЛУҚО 16:1–13

Навакак Исо мисоли писари гумшударо нақл кард. Аз ин мисол ҷамъоварони андоз, шариатдонон ва фарисиён бояд мефаҳмиданд, ки Худо тайёр аст гунаҳкорони тавбакардаро бахшад (Луқо 15:1–7, 11). Ҳоло бошад, ӯ ба шогирдонаш рӯ меорад ва мисоли дигареро нақл мекунад: марди сарватманде мефаҳмад, ки идоракунандаи корҳо ё худ сардори ғуломонаш беинсофона рафтор мекунад.



Аз рӯйи нақли Исо, идоракунанда молу мулки хӯҷаинашро исроф мекунад ва хӯҷаинаш ӯро аз кор пеш карданӣ мешавад. Идоракунанда хавотир шуда мегӯяд: «Чӣ кор кунам? Хӯҷаинам маро аз вазифаи идоракунӣ маҳрум карданӣ аст. Ба каланд задан қувватам намерасад, аз гадоӣ кардан шарм медорам». Ӯ илоҷи воқеаро ҷуста чунин мегӯяд: «Тавре мекунам, ки одамон ҳангоми аз вазифа дур шуданам маро дар хонаҳояшон қабул кунанд». Ӯ дарҳол қарздорони хӯҷаинашро як-як ҷеғ мезанад ва мепурсад: «Ту аз хӯҷаинам чӣ қадар қарздор ҳастӣ?» (Луқо 16:3–5).

Шахси якум мегӯяд, ки ӯ «сад хум равғани зайтун», яъне тақрибан 2200 литр, қарздор аст. Аз афташ, ин мард соҳиби боғи калони дарахти зайтун аст ё савдогарест, ки равғани зайтун мефурӯшад. Идоракунанда ба ӯ мегӯяд: «Забонхати худро гир ва зудтар нишаста, панҷоҳ навис» (Луқо 16:6). Панҷоҳ хум равған ба 1100 литр баробар аст.

Идоракунанда аз шахси дигаре мепурсад: «Ту чӣ қадар қарздор ҳастӣ?» Ӯ ҷавоб медиҳад: «Сад халта гандум [тақрибан 22 000 литр]». Идоракунанда мегӯяд: «Забонхататро гир ва ҳаштод навис». Ҳамин тавр ӯ қарзи он мардро 20 фоиз кам мекунад (Луқо 16:7).

Ҳоло ҳам пулу моли хӯҷаин дар дасти идоракунанда аст ва ӯ аз ин имконият истифода бурда қарзи одамонро кам карда истодааст. Бо ин кораш идоракунанда барои худ дӯст пайдо мекунад ва умед дорад, ки вақте корашро аз даст медиҳад, ин одамон ӯро дастгирӣ мекунанд.

Баъд хӯҷаин ҳамаашро мефаҳмад. Ин идоракунанда «беинсоф буд» ва ба хӯҷаин зарар овард. Ба ин нигоҳ накарда хӯҷаин ӯро барои зиракиаш таъриф мекунад. Исо мегӯяд: «Писарони ин замона дар муомила бо одамони насли худ аз писарони нур бохирадтаранд» (Луқо 16:8).

Исо ин кори идоракунандаро дуруст намешуморад ва ӯ гуфтанӣ нест, ки дар масъалаҳои корӣ макру фиребро истифода бурдан лозим аст. Пас, ӯ чиро дар назар дорад? Ӯ ба шогирдонаш мегӯяд: «Ба воситаи сарвате, ки дар ин ҷаҳон доред, барои худ дӯстон пайдо кунед, то, вақте он тамом мешавад, онҳо шуморо ба ҷойҳои зисти ҷовидонӣ қабул кунанд» (Луқо 16:9). Суханони ӯ маънои онро доранд, ки мо бояд дурандеш ва зирак бошем. Хизматгорони Худо, «писарони нур», бояд пулу молашонро тавре истифода баранд, ки дар оянда соҳиби ҳаёти ҷовидонӣ шаванд.

Танҳо Яҳува Худо ва Писараш метавонанд ба касе имконият диҳанд, ки дар Подшоҳӣ ҳукмронӣ кунад ё зери роҳбарии он дар биҳишти рӯйи замин зиндагӣ кунад. Мо бояд кӯшиш кунем, ки дӯстиамонро бо онҳо қавӣ гардонем ва чизу чораамонро барои дастгирии кори Худо истифода барем. Ҳамин тавр, вақте тиллову нуқра ва дигар сарвати ҷисмонӣ несту нобуд мешавад, мо боварӣ дошта метавонем, ки Худо моро то абад дастгирӣ мекунад.

Исо ҳамчунин мегӯяд, ки агар касе дар истифодаи сарват ё молу мулк боваринок бошад, вай дар корҳои муҳимтар ҳам боваринок аст. Ва илова мекунад: «Бинобар ин, агар шумо дар истифодаи сарвате, ки дар ин ҷаҳон доред, сазовори боварӣ будани худро исбот накунед, кӣ ба шумо бо дили пур сарвати ҳақиқиро [яъне масъулиятҳоеро, ки Худо ба хизматгоронаш медиҳад] месупорад?» (Луқо 16:11).

Исо ба шогирдонаш мефаҳмонад, ки аз касоне, ки ба «ҷойҳои зисти ҷовидонӣ» қабул мешаванд, чизи бештар талаб карда мешавад. Шахс наметавонад дар як вақт ҳам хизматгори Худо бошад ва ҳам ғуломи боигарӣ. Исо хулоса мебарорад: «Ҳеҷ як хизматгор ғуломи ду хӯҷаин буда наметавонад, чунки ё аз яке нафрат карда, дигареро дӯст медорад, ё якеро эҳтиром карда, дигареро хор медорад. Шумо наметавонед ҳам ғуломи Худо ва ҳам ғуломи боигарӣ бошед» (Луқо 16:9, 13).



◊ Дар мисоли Исо чӣ тавр идоракунанда соҳиби дӯстоне мешавад, ки баъдтар ба ӯ кӯмак карда метавонанд?

◊ Исо «сарвате, ки дар ин ҷаҳон доред» гуфта, чиро дар назар дошт ва чӣ тавр масеҳӣ ба воситаи он дӯстон пайдо карда метавонад?

◊ Агар мо ҳоло дар истифодаи сарват ё молу мулк боваринок бошем, кӣ моро «ба ҷойҳои зисти ҷовидонӣ» қабул мекунад?

# МАРДИ БОЙ ВА ЛАЪЗОР

ЛУҚО 16:14–31



Исо ба шогирдонаш дар бораи истифодаи молу мулк маслиҳати хубе дод. Лекин, вақте Исо дар ин бора гап мезад, суханони ӯро на танҳо шогирдонаш, балки фарисиёни пулпараст низ гӯш мекарданд. Ҳарчанд фарисиён бояд маслиҳати Исоро қабул мекарданд, онҳо суханони Исоро шунида ӯро масхара карданд (Луқо 15:2; 16:13, 14).

Лекин Исо хомӯш намемонад. Ӯ ба онҳо мегӯяд: «Шумо дар назди одамон худро шахсони росткор нишон медиҳед, вале Худо аз дилҳои шумо хабардор аст, зеро он чӣ одамон болобардор мекунанд, дар назари Худо нафратангез аст» (Луқо 16:15).

Солҳои сол аст, ки одамон фарисиёнро «болобардор мекунанд». Лекин, чи тавре ки мегӯянд, «осиё ба навбат». Акнун вақте фаро расидааст, ки одамони одие, ки дар бораи Худо бисёртар фаҳмидан мехоҳанд, сарбаланд гарданд. Лекин касоне, ки болобардор карда мешуданд, касоне, ки соҳиби пулу моланд ва дар сиёсату дин ҳокимият доранд, паст мегарданд. Исо бо суханони зеринаш нишон медиҳад, ки ҳоло дигаргуниҳои калон рӯй дода истодаанд:

«Тавротва Навиштаҳои пайғамбарон то замони Яҳё эълон карда мешуданд. Аммо аз он вақт инҷониб хушхабар дар бораи Подшоҳии Худо мавъиза карда мешавад ва ҳар гуна одамон бо ҷидду ҷаҳд сӯйи он мешитобанд. Ҳатто замину осмон нест шавад ҳам, ҳеҷ як ҳарф ё нуқтае аз Таврот иҷро нашуда намемонад» (Луқо 3:18; 16:16, 17). Чӣ тавр суханони Исо ба ин дигаргуниҳо ишора мекунанд?

Сарварони дини яҳудӣ фахр мекунанд, ки Шариати Мӯсоро риоя мекунанд. Ба хотир оред, ки вақте Исо дар Ерусалим кӯреро бино карда буд, чӣ тавр онҳо мағрурона гуфтанд: «Мо... шогирдони Мӯсо-пайғамбарем. Мо медонем, ки бо Мӯсо Худо гап задааст» (Юҳанно 9:13, 28, 29). Яке аз сабабҳои дода шудани Шариат ин буд, ки одамони фурӯтанро сӯйи Масеҳ роҳнамоӣ кунад. Яҳё гуфта буд, ки Исо Барраи Худо, яъне ҳамон Масеҳ, аст (Юҳанно 1:29–34). Аз он вақте, ки Яҳё хизмати худро сар кард, яҳудиёни фурӯтан, хусусан камбағалон, хабарро дар бораи «Подшоҳии Худо» шунида истодаанд. Ва ин хабар барои касоне, ки мехоҳанд тобеи ин Подшоҳӣ шаванд ва баракатҳои онро чашанд, дар ҳақиқат, «хушхабар» аст.

Албатта, гуфтан мумкин нест, ки Шариати Мӯсо иҷро нашудааст, чунки он одамонро сӯйи Масеҳ роҳнамоӣ кард. Лекин минбаъд, риоя кардани он талаб карда намешавад. Масалан, Шариат ба шахс иҷозат медод, ки бо сабабҳои гуногун аз занаш ҷудо шавад. Исо бошад, мефаҳмонад, ки «ҳар касе, ки аз зани худ ҷудо шуда, бо дигаре оиладор шавад, ба ҳамсараш хиёнат мекунад ва ҳар касе, ки бо зани аз шавҳараш ҷудошуда оиладор шавад, ба хиёнати ҳамсарӣ даст мезанад» (Луқо 16:18). Ин суханони Исо, аз афташ, фарисиёнро, ки бофта-

ни ҳар гуна қонуну қоидаҳоро дӯст медоранд, хеле ба хашм меоранд.

Ҳоло Исо мисолеро нақл мекунад, ки то чӣ андоза калон будани дигаргуниҳои ҳозираро нишон медиҳад. Он дар бораи ду шахсест, ки мавқеъ ва вазъияташон тамоман тағйир меёбад. Ҳангоми дида баромадани ин мисол дар хотир доред, ки баъзе аз шунавандагони Исо фарисиёни пулпарасте мебошанд, ки одамон онҳоро болобардор мекунанд.

Исо мегӯяд: «Як шахси бое буд. Ӯ либосҳои бунафшранг ва катон мепӯшиду кайфу сафо карда рӯз мегузаронд. Ба назди дарвозаи ин шахс Лаъзор ном гадоеро оварда мемонданд, ки баданаш пур аз захм буд, ва ӯ орзу дошт, ки бо он чӣ аз дастархони марди сарватдор меафтад, шиками худро сер кунад. Ва ҳатто сагон омада, захмҳои ӯро мелесиданд» (Луқо 16:19–21, эзоҳ).

Фарисиён пулро дӯст медоранд, аз ин рӯ равшан аст, ки дар ин мисол марди бой фарисиёнро тасвир мекунад. Мисли он марди бой ин сарварони дин низ пӯшидани либосҳои қиматбаҳоро дӯст медоранд. Илова бар ин, ғайр аз молу мулк онҳо ҳамчунин ҳуқуқу имкониятҳое доранд, ки ба мардуми одӣ дастрас нестанд. Либоси бунафшранг ё арғувонии шоҳонае, ки марди бой дар бар дорад, ба мавқею мартабаи фарисиён ишора мекунад, катони сафед бошад, ба он ки онҳо дар назари худ росткоранд (Дониёл 5:7).

Ин сарварони бою мағрур ба мардуми одиву камбағал чӣ тавр муносибат мекунанд? Онҳо ин



- ◊ Байни фарисиён ва мардуми одӣ чӣ фарқе ҳаст?
- ◊ Мувофиқи суханони Исо, аз он вақте, ки хизмати Яҳё сар шуд, чӣ гуна дигаргунӣ рӯй дода истодааст?
- ◊ Дар мисоли Исо марди бой ва Лаъзор киро тасвир мекунанд?

одамонро паст зада, «ам ҳаа̓ретс» ё одамони замин (хок) меноманд ва фикр мекунанд, ки онҳо Шариатро намедонанд ва ҳатто сазовори он нестанд, ки аз он таълим гиранд (Юҳанно 7:49). Ин ҳолатро вазъияти «Лаъзор ном гадое» хуб тасвир мекунад. Чи тавре ки Лаъзор ба «он чӣ аз дастархони марди сарватдор меафтад», зор аст, ҳамин тавр мардуми одӣ низ ба дониши андаки Шариат мӯҳтоҷанд. Ва, чи тавре ки аз Лаъзор, ки баданаш пури захм аст, одамон нафрат мекунанд, сарварони дин мардуми одиро рӯҳан касал шумурда, аз онҳо нафрат мекунанд.

Чунин вазъияти аламовар аллакай муддати зиёд вуҷуд дорад. Лекин Исо медонад: ҳоло вақти он расидааст, ки ҳама чиз тағйир ёбад — ҳам ҳолати касоне, ки мисли марди бой мебошанд ва ҳам ҳолати касоне, ки мисли Лаъзоранд.

## ДИГАР ШУДАНИ ВАЗЪИЯТИ БОЙ ВА ЛАЪЗОР

Исо нақл мекунад, ки чӣ тавр вазъият дигар мешавад: «Пас аз чанде он марди гадо мурд ва фариштагон ӯро ба паҳлӯи Иброҳим бурданд. Марди бой низ мурд ва гӯронида шуд. Вақте ӯ дар гӯр азоб мекашид, чашмонашро боло карда, аз дур Иброҳимро дид ва Лаъзор низ дар паҳлӯяш буд» (Луқо 16:22, 23).

Шунавандагони Исо медонанд, ки Иброҳим кайҳо мурдааст ва дар гӯр мебошад. Аз Навиштаҳо бошад, маълум аст, ки дар гӯр ҳеҷ кас диgav гап зада наметавонад (Воиз 9:5, 10). Пас, вақте ин сарварони дин мисоли Исоро мешунаванд, онҳо чӣ фикр мекунанд? Бо ин мисол Исо дар бораи мардуми одӣ ва сарварони дин, ки пулу молро дӯст медоранд, чӣ гуфтанӣ аст?



Исо навакак ба ин дигаргунӣ ишора карда чунин гуфт: «Таврот ва Навиштаҳои пайғамбарон то замони Яҳё эълон карда мешуданд. Аммо аз он вақт инҷониб хушхабар дар бораи Подшоҳии Худо мавъиза карда мешавад». Дар мисоли Исо



тағйир ёфтани ҳаёти Лаъзор ва марди бой ба чӣ ишора мекунад? Он ба вақте ишора менамояд, ки Яҳё ва Исои Масеҳ мавъизаро сар карданд.

Касони фурӯтану камбағал муддати зиёде дар бораи Худо дониши дурусту аниқ намегирифтанд. Лекин, Яҳё-пайғамбар ва баъдтар Исо ба онҳо хабарро дар бораи Подшоҳии Худо нақл карданд. Пештар чунин шахсон маҷбур буданд, ки бо «он чӣ аз дастархон»-и сарварони дин меафтид, қаноат кунанд. Акнун бошад, онҳо аз даҳони Исо ҳақиқатҳои ҳаётбахшро шунида, ба маъное хӯроки серғизо мехӯранд. Гуфтан мумкин аст, ки ҳоло онҳо дар назари Яҳува мақоми баландро ишғол мекунанд.

Баръакси ин, сарварони дин, ки пулу мол ва ҳокимияти калон доранд, хабареро, ки Яҳё эълон мекард ва Исо дар тамоми он сарзамин мавъиза менамуд, қабул накарданд (Матто 3:1, 2; 4:17).

Хабар дар бораи доварии Худо, ки хеле наздик аст, онҳоро ба хашм меораду азоб медиҳад (Матто 3:7–12). Агар Исову шогирдонаш эълон кардани хабари Худоро бас кунанд, ин дарду азоби сарварони пулпарастро сабук мекунад. Онҳо мисли он марди бое мебошанд, ки мегӯяд: «Эй падарам Иброҳим, ба ман раҳм кун ва Лаъзорро фирист, то нӯги ангушташро тар карда, ба забонам об чаконад, зеро ман дар ин оташи сӯзон азоб мекашам» (Луқо 16:24).

Лекин Исову шогирдонаш ҳеҷ гоҳ мавъизаро бас намекунанд. Қисми зиёди сарварони дин бошанд, фикру ақидаи худро дигар намекунанд. «Китобҳои Мӯсо ва Навиштаҳои пайғамбарон» бояд ин сарваронро роҳнамоӣ мекарданд, то Исоро чун Масеҳи Худо ва Подшоҳ қабул кунанд, лекин онҳо ба ин китобҳо гӯш додан нахостанд (Луқо 16:29, 31; Ғалотиён 3:24). Онҳо фурӯтаниро дар бар накарданд ва ба намунаи камбағалоне, ки Исоро қабул карданду розигии Худоро ба даст оварданд, пайравӣ нанамуданд. Шогирдони Исо бо мақсади қонеъ кардани хоҳиши сарварони дин ё сабук гардонидани азоби онҳо ҳақиқатҳои Каломи Худоро бо ҳар гуна урфу одатҳо омехта намекунанд ва онро пинҳон намесозанд. Исо инро бо суханоне, ки Иброҳим ба марди бой мегӯяд, тасвир мекунад:

«Писарам, ба хотир ор, ки ту дар вақти зинда буданат ҳамаи чизҳои хубро соҳиб будӣ, Лаъзор бошад, дар ҳаёти худ танҳо чизи бад дидааст. Акнун ӯ дар ин ҷо тасаллӣ меёбаду ту азоб мекашӣ. Ғайр аз ин, дар миёни мову шумо ҷарии чуқуре мавҷуд аст ва, агар касе аз ин ҷо назди шумо гузаштанӣ шавад, ин корро карда наметавонад, аз он ҷо низ касе назди мо гузашта наметавонад» (Луқо 16:25, 26).

Дар ҳақиқат, ин дигаргунӣ аз рӯйи адлу инсоф аст! Акнун сарварони динии пурғурур бо касони фурӯтане, ки юғи Исоро ба гардан гирифта, дар бораи Худо дониш мегиранд, ҷой иваз мекунанд (Матто 11:28–30). Ин дигаргунӣ якчанд моҳ пас, вақте ҷойи аҳди Шариатро аҳди нав мегирад, боз ҳам равшантар мешавад (Ирмиё 31:31–33; Қӯлассиён 2:14; Ибриён 8:7–13). Вақте иди Ҳафтаҳои соли 33-и милодӣ Худо рӯҳи муқаддасашро фурӯ мерезад, маълум мегардад, ки Худо на аз фарисиён ва дигар сарварони дин, балки аз шогирдони Исо розӣ аст.



◇ Исо дар бораи дигар шудани вазъияти Лаъзор ва марди бой чӣ мегӯяд?

◇ Сарварони дин ба хабари Яҳё ва Исо чӣ гуна муносибат мекунанд ва Исо инро чӣ тавр тасвир мекунад?

◇ Сарварони дин дар орзуи чиянд, лекин барои чӣ ин тавр намешавад?

◇ «Ҷарии чуқуре», ки байни сарварони дин ва шогирдони Исо вуҷуд дорад, кай боз ҳам калонтар мешавад?

# ИСО ДАР РОҲ БА ЯҲУДИЯ ТАЪЛИМ МЕДИҲАД

ЛУҚО 17:1–10 ЮҲАННО 11:1–16

Чанд вақт боз Исо дар вилояти Перея, ки дар «тарафи дигари Урдун» аст, таълим медиҳад (Юҳанно 10:40). Ҳоло бошад, ӯ ба ҷануб, ба Ерусалим, сафар карданист.

Исо танҳо нест. Ҳамроҳи ӯ шогирдонаш ва «мардуми бисёре», аз он ҷумла ҷамъоварони андоз ва гунаҳкорон, сафар мекунанд (Луқо 14:25; 15:1). Ҳамчунин фарисиён ва шариатдонон, ки аз корҳо ва таълими ӯ норозиянд, ҳамроҳи ӯянд. Каме пеш Исо мисоли гӯсфанди гумшуда, писари гумшуда ва марди сарватманду Лаъзорро нақл карда буд. Ҳоло онҳо метавонанд дар бораи ин мисолҳо фикру мулоҳиза кунанд (Луқо 15:2; 16:14).

Шояд, Исо ҳоло дар бораи суханони талху нешдори душманонаш фикр карда, ба шогирдонаш рӯ меорад. Ӯ ба онҳо дар бораи чизе гап мезанад, ки чанде пеш дар Ҷалил таълим дода буд.

Исо мегӯяд: «Чизҳое, ки сабаби пешпо хӯрдани дигарон мегарданд, ҳатман ба миён хоҳанд омад, лекин вой бар ҳоли касе, ки ба воситаи ӯ ин чизҳо ба миён меоянд!.. Ба худатон диққат диҳед. Агар бародарат гуноҳ кунад, ӯро сарзаниш намо ва, агар тавба кунад, ӯро бахш. Ҳатто агар дар як рӯз ҳафт бор бар зидди ту гуноҳ кунад ва ҳафт бор ба наздат омада, “тавба кардам” гӯяд, ӯро бахш» (Луқо 17:1–4). Эҳтимол, ин суханони Исо ба Петрус саволеро, ки ӯ чанде пеш ба устодаш дода буд, хотиррасон мекунанд (Матто 18:21).

Чӣ ба шогирдон ёрдам мекунад, ки мувофиқи суханони Исо амал кунанд? Имон. Барои ҳамин онҳо аз ӯ илтимос мекунанд, ки имонашонро зиёдтар гардонад. Исо бошад, ба онҳо мегӯяд: «Агар шумо ба андозаи донаи хардал имон медоштед, ҳангоми ба ин дарахти тут “Решакан гардида, дар баҳр ҷойгир шав!” гуфтанатон он ба шумо итоат мекард» (Луқо 17:5, 6). Бале, ҳатто бо андак имон шахс метавонад корҳои бузургро ба анҷом расонад.

Баъд Исо қайд мекунад, ки то чӣ андоза фурӯтан будан ва ба худ назари дуруст доштан муҳим аст. Ӯ ба расулонаш мегӯяд: «Кадоме аз шумо ба ғуломи худ, ки бо шудгори замин ё чӯпонӣ машғул аст, ҳангоми аз саҳро баргаштанаш чунин мегӯяд: “Зудтар ин ҷо омада, ба сари дастархон шин”? Баръакс, магар намегӯяд: “Бароям хӯроки шом тайёр кун ва, то вақте ки мехӯраму менӯшам, миёни худро баста, ба ман хизмат кун ва баъд аз он худат бихӯру бинӯш”? Оё хӯҷаин ба ғуломи худ барои иҷро кардани вазифааш миннатдор мешавад? Ба ин монанд, шумо низ пас аз иҷро кардани тамоми корҳое, ки ба ӯҳдаатон гузошта шудаанд, чунин гӯед: “Мо ғуломони ночиз ҳастем ва кореро кардем, ки карданамон лозим буд”» (Луқо 17:7–10).

Ҳар як хизматгори Худо бояд фаҳмад, ки хости Худоро дар ҷойи аввал мондан муҳим аст. Беш аз ин, ҳар як шахс бояд дар хотир дошта бошад, ки Худоро ибодат кардан ва ғулому бандаи Ӯ будан шарафи бузург аст.

Аз афташ, чанде пас аз ин Маряму Марто — хоҳарони Лаъзор, ки дар Байт-Ҳинии Яҳудия зиндагӣ мекунанд, ба назди Исо кас фиристода мегӯянд: «Ҳазрат, шахси бароят азиз бемор аст» (Юҳанно 11:1–3).

Хабари бемории дӯсташ Исоро зиқу рӯҳафтода намесозад. Баръакс, ӯ мегӯяд: «Ин бемориӣ на барои он аст, ки бо марг анҷом ёбад, балки барои ҷалоли Худост, то Писари Худо ба воситаи он ҷалол ёбад». Исо ду рӯзи дигар дар ин маҳал мемонад ва баъд ба шогирдонаш мегӯяд: «Биёед ба Яҳудия баргардем». Онҳо норозигӣ баён карда мегӯянд: «Устод, чанде пеш мардуми Яҳудия туро сангсор карданӣ буданд ва ту мехоҳӣ боз ба он ҷо равӣ?» (Юҳанно 11:4, 7, 8).

Исо мегӯяд: «Магар рӯз дувоздаҳ соат давом намекунад? Касе, ки рӯзона роҳ меравад, ба чизе пешпо намехӯрад, зеро равшании ин ҷаҳонро мебинад. Вале касе, ки шабона роҳ меравад, пешпо мехӯрад, чунки равшанӣ надорад» (Юҳанно 11:9, 10). Аз афташ, Исо «рӯзона» гуфта, вақтеро дар назар дорад, ки Худо барои хизмати ӯ муайян кардааст. Он ҳоло тамом нашудааст ва дар ин

вақти кӯтоҳи боқимонда Исо бояд корҳои зиёдеро ба анҷом расонад.

Исо илова мекунад: «Дӯсти мо Лаъзор хобидааст, вале ман меравам, то ӯро бедор кунам». Эҳтимол, шогирдон фикр мекунанд, ки Лаъзор аз сабаби касалиаш хоб аст ва каме пас аҳволаш беҳтар мешавад. Барои ҳамин онҳо мегӯянд: «Ҳазрат, агар ӯ хобида бошад, боз сиҳат шуда мехезад». Он гоҳ Исо ба онҳо рӯирост мегӯяд: «Лаъзор мурдааст... Вале акнун биёед назди ӯ равем» (Юҳанно 11:11–15).

Тумо медонад, ки Исоро дар Яҳудия кушта метавонанд. Ҳамзамон ӯ мехоҳад устодашро дастгирӣ кунад, барои ҳамин ба шогирдони дигар мегӯяд: «Биёед мо ҳам равем, то бо ӯ бимирем» (Юҳанно 11:16).



◊ Исо дар куҷо мавъиза мекунад?
◊ Ӯ кадом фикрҳоро такрор мекунад ва бо кадом мисол нишон медиҳад, ки фурӯтан будан муҳим аст?
◊ Исо аз чӣ хабардор мешавад ва барои чӣ Тумо чунин мегӯяд: «Биёед мо ҳам равем, то бо ӯ бимирем»?

# ИСО «ЭҲЁШАВӢ ВА ҲАЁТ» АСТ

ЮҲАННО 11:17–37

Исо аз Перея омада, дар канори Байт-Ҳинӣ меистад. Ин қишлоқ тахминан 3 километр дуртар аз Ерусалим, дар тарафи шарқии он, ҷойгир аст. Маряму Марто барои марги Лаъзор мотам гирифтаанд ва одамони зиёде барои дилбардории онҳо омадаанд.

Ин вақт касе ба Марто хабар медиҳад, ки Исо омада истодааст ва ӯ саросемавор ба пешвози Исо меравад. Вақте Марто Исоро мебинад, чунин мегӯяд: «Ҳазрат, агар ту ин ҷо мебудӣ, бародарам намемурд». Аз афташ, ӯву хоҳараш чор рӯз боз



дар ин бора фикр карда истодаанд. Лекин Марто ноумед нашудааст, ӯ мегӯяд: «Медонам, ки ҳар он чӣ аз Худо хоҳиш кунӣ, ба ту медиҳад» (Юҳанно 11:21, 22). Марто медонад, ки Исо ба бародараш ёрӣ дода метавонад.

Исо ба ӯ мегӯяд: «Бародарат зинда мешавад». Марто фикр мекунад, ки Исо ба эҳёшавӣ дар рӯйи замин, ки дар оянда рӯй медиҳад, ишора карда истодааст. Иброҳим ва дигар хизматгорони содиқи Худо низ ба ин умед мебастанд. Марто ҳам ба ин имон дорад, барои ҳамин ӯ мегӯяд: «Медонам, ки ҳангоми эҳёшавӣ, дар рӯзи охирин, зинда мешавад» (Юҳанно 11:23, 24).

Лекин оё Исо худи ҳозир ягон кор карда метавонад? Ӯ хотиррасон мекунад, ки бо қудрати худодод бар марг ғолиб омада метавонад. Исо мегӯяд: «Ҳар кӣ ба ман имон меорад, бимирад ҳам, боз зинда мешавад. Ҳамчунин, ҳар шахси зиндае, ки ба ман имон меорад, ҳаргиз намемирад» (Юҳанно 11:25, 26).

Гапи Исо маънои онро надорад, ки шогирдоне, ки ҳоло зиндаанд, ҳеҷ гоҳ намемиранд. Ҳатто худи ӯ мемирад, чи тавре ки пештар ба расулонаш гуфта буд (Матто 16:21; 17:22, 23). Исо гуфтанӣ аст, ки ҳар кӣ ба ӯ имон меорад, метавонад соҳиби ҳаёти ҷовидонӣ шавад. Албатта, бисёриҳо баъди аз марг зинда шуданашон соҳиби чунин ҳаёт мегарданд. Лекин касони вафодоре, ки дар охирзамон зиндагӣ мекунанд, имконият доранд, ки умуман маргро набинанд. Ҳар чӣ ҳам бошад, касоне, ки ба Исо имони ҳақиқӣ доранд, метавонанд дилпур бошанд, ки онҳо ба таври абадӣ намемиранд.

Лекин оё Исо, ки навакак «ман эҳёшавӣ ва ҳаёт ҳастам» гуфт, ба Лаъзор, ки аллакай чанд рӯз боз мурдааст, ёрӣ дода метавонад? Исо аз Марто мепурсад: «Оё ба ин бовар мекунӣ?» Марто ҷавоб медиҳад: «Бале, Ҳазрат, бовар мекунам, ки ту Масеҳ, Писари Худо ҳастӣ, ҳамоне, ки бояд ба ҷаҳон меомад». Марто имон дорад, ки Исо худи ҳозир ягон кор карда метавонад. Аз ин рӯ вай давида ба хона меравад ва Марямро як тараф бурда мегӯяд: «Устод дар ҳамин ҷост ва мехоҳад, ки ту ба наздаш равӣ» (Юҳанно 11:25–28). Марям ин суханонро шунида аз хона мебарояд. Касоне, ки дар хона буданд, ба гумони он ки вай пеши қабри Лаъзор меравад, аз пасаш равона мешаванд.

Марям ба назди Исо омада, гирёну нолон пеши пойҳои ӯ меафтад ва мисли Марто мегӯяд: «Ҳазрат, агар ту ин ҷо мебудӣ, бародарам намемурд». Гиряи Марям ва одамони дигар ба Исо чунон таъсир мекунанд, ки ӯ оҳи пурдарду алам мекашад ва аз чашмонаш ашк мерезад. Инро дида дили мардум об мешавад. Лекин баъзеҳо мегӯянд: «Шахсе, ки марди кӯрро бино кард, магар барои намурдани ин одам чорае андешида наметавонист?» (Юҳанно 11:32, 37).

# 90

• ИСО БАЪДИ МАРГИ ЛАЪЗОР МЕОЯД
• ИСО «ЭҲЁШАВӢ ВА ҲАЁТ» АСТ



◊ Вақте Исо ба Байт-Ҳинӣ наздик мешавад, ӯ чиро мебинад?
◊ Барои чӣ Марто имон дорад, ки мурдагон зинда мешаванд?
◊ Чӣ тавр Исо нишон медиҳад, ки ба Лаъзори мурда ёрдам карда метавонад?

# ЛАЪЗОР ЗИНДА МЕШАВАД

ЮҲАННО 11:38–54

Баъди он ки Исо дар наздикии Байт-Ҳинӣ бо Мартою Марям вомехӯрад, ӯ ба сари қабри Лаъзор меравад. Қабри Лаъзор дар ғорест, ки даҳонаш бо санг пӯшида шудааст. Исо мегӯяд: «Сангро як тараф кунед». Марто намефаҳмад, ки Исо чӣ кор карданист, барои ҳамин хавотир шуда мегӯяд: «Ҳазрат, шояд ҷасад бадбӯй шуда бошад, зеро аллакай чор рӯз гузаштааст». Исо бошад, ба ӯ чунин мегӯяд: «Магар ба ту нагуфтам: агар бовар кунӣ, ҷалоли Худоро мебинӣ?» (Юҳанно 11:39, 40).

Сангро аз даҳони ғор дур мекунанд. Баъд Исо чашмонашро сӯйи осмон мебардорад ва дуо мегӯяд: «Эй Падар, Туро шукр мегӯям, ки маро шунидӣ. Медонам, ки Ту ҳама вақт маро мешунавӣ, вале инро ба хотири мардуми дар



ин ҷо ҷамъомада гуфтам, то онҳо бовар кунанд, ки Ту маро фиристодаӣ». Дуои Исо ба мардум нишон медиҳад, ки коре, ки ӯ ҳозир мекунад, бо қудрати Худо карда мешавад. Баъд Исо бо овози баланд мегӯяд: «Лаъзор, баро!» Лаъзор мебарояд. Дасту пойҳои ӯ кафанпеч ва рӯяш бо рӯймоле пӯшида аст. Исо мегӯяд: «Дасту пойи ӯро кушоед ва гузоред, ки роҳ равад» (Юҳанно 11:41–44).

Бисёре аз яҳудиён, ки барои дилбардории Маряму Марто омада буданд, ин мӯъҷизаро мебинанд ва ба Исо имон меоранд. Лекин баъзеҳо пеши фарисиён мераванд ва дар ин бора нақл мекунанд. Он гоҳ фарисиён ва коҳинони калон Суди олии яҳудиёнро ҷамъ меоранд. Саркоҳин Қаёфо аъзои ин суд аст. Баъзе аз ҷамъомадагон мегӯянд: «Чӣ кор кунем? Охир, ин шахс мӯъҷизаҳои зиёде нишон медиҳад. Агар ӯро ба ҳоли худ гузорем, ҳама ба ӯ имон меоранд ва румиён омада, ҳам ин ҷой ва ҳам халқи моро соҳиб мешаванд» (Юҳанно 11:47, 48). Фарисиёну коҳинон аз даҳони шоҳидон шуниданд, ки Исо «мӯъҷизаҳои зиёде нишон медиҳад». Лекин онҳо аз он ки Худо ба воситаи Исо ин корҳоро мекунад, хурсанд нестанд. Онҳо фақат дар бораи мансабу мартаба ва обрӯю эътибори худашон фикр мекунанд.

Зинда шудани Лаъзор барои саддуқиён, ки ба эҳёшавӣ бовар надоранд, шикасти бузург аст. Саркоҳин Қаёфо, ки худ саддуқӣ аст, чунин мегӯяд: «Шумо ҳеҷ чизро намефаҳмед. Магар аён нест, ки агар як нафар барои халқ бимирад, барои шумо беҳтар аст, назар ба он ки тамоми халқ нобуд шавад» (Юҳанно 11:49, 50; Аъмол 5:17; 23:8).

Қаёфо саркоҳин аст, барои ҳамин ӯ аз пеши худ неву зери роҳбарии Худо ин суханонро мегӯяд. Ӯ гуфтан мехоҳад, ки Исо бояд кушта шавад, то дигар мардумро аз пайи худ набарад ва обрӯву эътибори сарварони динро дар чашми онҳо кам нагардонад. Лекин ӯ худаш нафаҳмида дар бораи марги Исо як чизи муҳимро пешгӯйӣ мекунад. Ӯ мегӯяд, ки марги Исо на танҳо барои яҳудиён, балки барои «фарзандони Худо, ки парокандаанд», қурбонии фидия мешавад, яъне онҳоро аз ғуломии гуноҳу марг озод мекунад (Юҳанно 11:51, 52).

Қаёфо Суди олиро иғво меандозад ва онҳо нақшаи куштани Исоро мекашанд. Оё Никӯдимус — яке аз аъзоёни Суди олии яҳудиён, ки бо Исо муносибати нағз дошт, ӯро аз нақшаи душманонаш хабардор месозад? Мо инро аниқ намедонем. Ба ҳар ҳол Исо дарҳол Ерусалимро тарк мекунад, то пеш аз мӯҳлати муайянкардаи Худо кушта нашавад.



◇ Шахсоне, ки зинда шудани Лаъзорро диданд, чӣ кор карданд?

◇ Чӣ нишон медиҳад, ки аъзоёни Суди олии яҳудиён бадкору беинсофанд?

◇ Қаёфо худаш нафаҳмида бо хости Худо чиро пешгӯйӣ мекунад?

# ФАҚАТ ЯК МАХАВӢ МИННАТДОРӢ БАЁН МЕКУНАД

ЛУҚО 17:11–19

Аъзоёни Суди олии яҳудиён ният доштанд, ки Исоро кушанд. Лекин ӯ нақшаҳои душманонашро вайрон карда, ба шаҳри Эфроим меравад ва ҳамроҳи шогирдонаш дар он ҷо меистад. Ин шаҳр дар тарафи шимолу шарқии Ерусалим ҷойгир аст (Юҳанно 11:54). Иди Раҳоии соли 33-и милодӣ наздик шуда истодааст, барои ҳамин Исо чанде пас боз ба роҳ мебарояд. Ӯ аз Сомария гузашта, ба тарафҳои шимол, сӯйи Ҷалил, равона мешавад. Ин бори охир аст, ки Исо пеш аз маргаш ба ин ҷойҳо меояд.

Дар аввали сафар, вақте Исо аз як қишлоқ ба қишлоқи дигаре меравад, ӯ даҳ мардеро мебинад, ки гирифтори касалии махав мебошанд. Баъзан бо гузашти вақт ангуштони дасту пой, гӯшҳо ва дигар қисмҳои бадани чунин беморон пӯсида нобуд мешаванд (Ададҳо 12:10–12). Мувофиқи Шариат махавиён бояд аз дигарон ҷудо зиндагӣ кунанд ва агар касеро бинанд, «Наҷис! Наҷис!» гуфта, фарёд зананд (Ибодат 13:45, 46).

Ин даҳ махавӣ аз дур истода бо овози баланд фарёд мезананд: «Исо, Устод, ба мо раҳм кун!» Махавиёнро дида Исо мегӯяд: «Рафта, худро ба коҳинон нишон диҳед» (Луқо 17:13, 14). Ин тавр Исо ба Шариати Худо эҳтиром нишон медиҳад, чунки мувофиқи Шариат коҳинон бояд махавиёни шифоёфтаро пок эълон кунанд. Он гоҳ онҳо метавонанд боз чун одамони дигар умр ба сар баранд (Ибодат 13:9–17).

Ин даҳ махавӣ ба қудрати Исо имон доранд. Аз ин рӯ онҳо ҳанӯз шифо наёфта, ба пеши коҳинон равона мешаванд. Дар роҳ онҳо мебинанд ва ҳис мекунанд, ки шифо ёфтаанд. Худо онҳоро барои имонашон баракат дод!

Нӯҳ нафари онҳо бо роҳи худ мераванд. Лекин як нафарашон, ки сомарӣ аст, баргашта, Исоро ҷустуҷӯ мекунад. Барои чӣ? Вай аз Исо барои кори кардааш хеле миннатдор аст. Ин марди шифоёфта «бо овози баланд Худоро ҳамду сано» мехонад, зеро медонад, ки маҳз бо қуввати Худо ӯ шифо ёфтааст (Луқо 17:15). Исоро ёфта он мард дар пеши ӯ зону мезанад ва миннатдорӣ баён мекунад.

Исо аз одамоне, ки дар пешаш буданд, мепурсад: «Магар даҳ нафар пок нагашта буданд? Пас, нӯҳ нафари дигар куҷоянд? Наход, ғайр аз ин марде, ки аз миллати дигар аст, ягон нафаре барнагашт, то Худоро ҷалол диҳад?» Ва баъд ба марди сомарӣ мегӯяд: «Аз ҷоят хез ва бирав, имонат туро шифо дод» (Луқо 17:17–19).

Даҳ марди махавиро шифо дода Исо нишон медиҳад, ки Яҳува бо ӯст. Яке аз он мардон бошад, на танҳо аз Исо шифо ёфт, балки, аз афташ, ҳамчунин ба роҳе, ки сӯйи ҳаёт мебарад, қадамгузор шуд. Дар рӯзҳои мо Худо ба воситаи Исо ҳеҷ касро шифо намедиҳад. Лекин, агар ба Исо имон орем, мо низ метавонем бо роҳе, ки сӯйи ҳаёти ҷовидонӣ мебарад, равона шавем. Оё мо низ чун марди сомарӣ миннатдории худро барои ин баён мекунем?

---

- Исо нақшаҳои душманонашро вайрон карда, ба куҷо меравад?
- Барои чӣ даҳ махавӣ худро аз мардум дур мегиранд ва чаро Исо ба онҳо мегӯяд, ки ба назди коҳинон раванд?
- Мо аз намунаи марди сомарӣ чӣ омӯхта метавонем?



# ПИСАРИ ОДАМ ОШКОР МЕШАВАД

ЛУҚО 17:20–37

Исо то ҳол дар Сомария ё Ҷалил аст. Фарисиён аз ӯ мепурсанд, ки Подшоҳии Худо кай меояд. Онҳо фикр мекунанд, ки омадани он бошукӯҳу дабдабанок мешавад, лекин Исо мегӯяд: «Подшоҳии Худо тавре намеояд, ки ба назари ҳама намоён бошад, ва одамон нахоҳанд гуфт: “Он дар ин ҷост!” ё “Дар он ҷост!”, зеро Подшоҳии Худо дар миёни шумост» (Луқо 17:20, 21).

Аз ин суханони Исо баъзеҳо ба хулоса омада метавонанд, ки Подшоҳӣ дар дили хизматгорони Худост. Лекин ин нодуруст аст, чунки Подшоҳии Худо дар дили фарисиён, ки Исо ба онҳо гап зада истодааст, нест. Балки он *дар миёни онҳост*, чунки Подшоҳи интихобшудаи ин Подшоҳӣ — Исо, дар байни онҳо мебошад (Матто 21:5).

Аз афташ, баъди рафтани фарисиён Исо ба шогирдонаш дар бораи омадани Подшоҳии Худо маълумоти бисёртар медиҳад. Ӯ дар бораи чун Подшоҳ ҳузур доштани худ аввал чунин мегӯяд: «Вақте мерасад, ки шумо дидани яке аз рӯзҳои Писари одамро орзу мекунед, вале нахоҳед дид» (Луқо 17:22). Ин ҷо Исо ба он ишора мекунад, ки Писари одам дар оянда дар Подшоҳии Худо ҳукмронӣ мекунад. Пеш аз омадани он вақт, шояд, баъзе шогирдон хавотир шуда фаҳмидан хоҳанд, ки ин кай рӯй медиҳад. Лекин онҳо бояд сабр кунанд ва вақтеро, ки Худо барои омадани Писараш муқаррар кардааст, интизор шаванд.

Исо давом медиҳад: «Одамон ба шумо мегӯянд: “Ӯ дар он ҷост!” ё “Дар ин ҷост!” Набароед ва аз пайи онҳо наравед. Зеро, чи тавре ки дар вақти дурахши барқ осмон аз як канор то канори дигараш равшан мегардад, дар вақти ошкор шудани Писари одам низ ҳамон тавр хоҳад буд» (Луқо 17:23, 24). Чӣ ба шогирдон ёрӣ медиҳад, ки аз паси масеҳони бардурӯғ наравaнд? Исо мегӯяд, ки омадани Масеҳи ҳақиқӣ мисли дурахши барқ мешавад. Чи тавре ки дурахши барқ дар ҳама ҷо маълум мегардад, ҳамон тавр чун Подшоҳ ҳузур доштани Масеҳ ба ҳама одамоне, ки инро бодиққат мушоҳида мекунанд, баръало маълум мешавад.

Баъд, барои нишон додани он ки рӯҳияи одамон он вақт чӣ гуна мешавад, Исо ба воқеаҳое, ки дар замонҳои қадим рӯй дода буданд, ишора мекунад: «Чунон ки дар рӯзҳои Нӯҳ-пайғамбар буд, дар рӯзҳои Писари одам низ ҳамон хел хоҳад буд... Ба ин монанд, дар рӯзҳои Лут низ одамон мехӯрданду менӯшиданд, мехариданду мефурӯхтанд, кишт мекарданду хонаҳо месохтанд, вале дар рӯзе, ки Лут аз Садӯм баромад, аз осмон оташ ва сулфур борида, ҳамаро нобуд кард. Дар вақти зоҳир шудани Писари одам низ ҳамон тавр хоҳад буд» (Луқо 17:26–30).

Исо гуфтанӣ нест, ки одамон дар рӯзҳои Нӯҳ ва Лут аз сабаби хӯрдану нӯшидан, харидану фурӯхтан ва кишт кардану хона сохтан несту нобуд шуданд. Чунки худи Нӯҳ ва Лут ва аҳли оилаашон низ баъзеи ин корҳоро мекарданд. Гап дар сари он буд, ки одамон бо ин корҳо машғул шуда, дар бораи хости Худо тамоман фикр на-



мекарданд ва диққат намедоданд, ки дар кадом замон зиндагӣ мекунанд. Исо бошад, шогирдонашро бармеангезад, ки ҳамеша хости Худоро дар ёд доранд ва дар иҷро кардани он саҳми худро гузоранд. Бо ин суханонаш Исо ба шогирдон нишон медиҳад, ки вақте Худо дар оянда бадкоронро несту нобуд мекунад, чӣ тавр онҳо наҷот ёфта метавонанд.

Шогирдон бояд эҳтиёт шаванд, то чизҳое, ки ҷаҳон пешкаш мекунад, диққати онҳоро парешон насозад. Исо мегӯяд: «Дар он рӯз касе, ки дар болои бом асту чизу чорааш дар хона аст, бигзор барои гирифтани он ба поён нафарояд ва касе, ки дар саҳрост, ба хона барнагардад. Зани Лутро ба хотир оред» (Луқо 17:31, 32). Чи хеле ки медонем, зани Лут ба сутуни намак табдил ёфта буд.

Баъд Исо оиди он ки дар вақти ҳукмронии Писари одам вазъият чӣ гуна мешавад, боз мегӯяд: «Ба шумо мегӯям, ки дар он шаб аз ду нафаре, ки дар як бистар хобанд, яке бурда мешавад ва дигаре мемонад» (Луқо 17:34). Яъне баъзеҳо наҷот меёбанду баъзеи дигар нобуд мешаванд.

Шогирдон мепурсанд: «Эй Ҳазрат, ин дар куҷо ба амал меояд?» Исо ҷавоб медиҳад: «Ҳар ҷо ҷасади мурда бошад, уқобон дар ҳамон ҷо ҷамъ меоянд» (Луқо 17:37). Дар оянда касоне, ки наҷот меёбанд, мисли уқобони тезчашм дар пеши Масеҳи ҳақиқӣ, Писари одам, ҷамъ мешаванд. Ва он вақт Исо ба шогирдони содиқи худ ҳақиқатеро, ки онҳоро наҷот дода метавонад, мекушояд.



◊ Ба кадом маъно Подшоҳии Худо дар байни фарисиён аст?

◊ Чаро гуфтан мумкин аст, ки ҳузури Масеҳ мисли дурахши барқ мешавад?

◊ Барои чӣ шогирдон дар вақти ҳузури Писари одам бояд ҳушёру бедор бошанд?

# ДУО ВА ФУРӮТАНӢ МУҲИМАНД

ЛУҚО 18:1–14

Исо аллакай ба шогирдонаш дар бораи исроркорӣ дар дуо мисол оварда буд (Луқо 11:5–13). Ҳоло Исо, шояд, дар Сомария ё Ҷалил аст ва ӯ боз қайд мекунад, ки гаштаву баргашта дуо гуфтан муҳим аст. Ӯ дар ин бора мисоли дигаре меорад.

Исо мегӯяд: «Дар як шаҳр доваре зиндагӣ мекард, ки на тарсе аз Худо дошт ва на шарме аз мардум. Дар он шаҳр ҳамчунин бевазане буд, ки гаштаву баргашта ба назди он довар омада, мегуфт: "Масъалаи байни ману даъвогарамро аз рӯйи адолат ҳал кун". Довар муддати дурудароз ба



бевазан ёрӣ додан намехост, вале баъдтар дар дили худ гуфт: "Гарчанде ман на тарсе аз Худо дорам ва на шарме аз мардум, лекин, азбаски ин бевазан маро ором намегузорад, нисбати масъалаи ӯ аз рӯйи адолат қарор мебарорам, то ҳар дам омада, маро безор накунад"» (Луқо 18:2–5).

Исо мефаҳмонад: «Шунидед, ки ин довар бо вуҷуди ноинсоф буданаш чӣ гуфт? Пас, магар Худо барои интихобшудагони худ, ки шабу рӯз сӯйи Ӯ илтиҷо мекунанд, адолатро барқарор намекунад, гарчанде ки нисбати онҳо пуртоқат аст?» (Луқо 18:6, 7). Бо ин суханон Исо дар бораи Падараш чӣ гуфтан мехоҳад?

Исо гуфтанӣ нест, ки Яҳува Худо аз ягон ҷиҳат ба довари беинсоф монанд аст. Баръакс, Исо фарқи байни Худои одилу одами нокомилро нишон доданӣ аст: бевазан гаштаву баргашта ба назди довари беинсоф мерафт ва довар оқибат ба доди ӯ расид. Пас, магар Яҳува, ки пур аз некӣ ва адлу инсоф аст, ба дуоҳои боисрори мо ҷавоб намедиҳад? Бешубҳа, ҷавоб медиҳад. Суханони зерини Исо инро исбот мекунанд: «Ба шумо мегӯям, ки Ӯ [Худо] барои барқарор кардани адолат мешитобад» (Луқо 18:8).

Бисёр вақт ҳеҷ кас ба доди одамони камбағалу бечора намерасад. Лекин хоҳишу талаби шахсони бой ва обрӯмандро дарҳол иҷро мекунанд. Аммо Худо ин хел намекунад. Худо вақтеро таъйин кардааст, ки дар он адлу инсофро барқарор мекунад ва бадкоронро ҷазо медиҳад. Он гоҳ хизматгорони Ӯ соҳиби ҳаёти ҷовидонӣ мешаванд.

Имрӯз имони кӣ мисли ин бевазан аст? Чӣ қадар одамон дар ҳақиқат дилпуранд, ки Худо «барои барқарор кардани адолат мешитобад»? Исо бо ин мисол фаҳмонд, ки гаштаву баргашта дуо гуфтан хеле муҳим аст. Акнун бошад, ӯ ба он ишора мекунад, ки ба қуввати дуо имон доштан муҳим аст: «Вақте Писари одам меояд, оё чунин имонро дар замин хоҳад ёфт?» (Луқо 18:8). Ин нишон медиҳад, ки вақте Масеҳ меояд, эҳтимол, на ҳама чунин имон нишон медиҳанд.

Баъзе аз шунавандагони Исо бо имони худ фахр мекунанд. Онҳо худро росткор меҳисобанд ва аз дигарон худро боло мегиранд. Исо мисоле меорад, ки ба чунин одамон дахл дорад.

Ӯ мегӯяд: «Ду марде барои дуо гуфтан ба маъбад даромаданд: яке аз онҳо фарисӣ буду дигаре ҷамъкунандаи андоз. Фарисӣ рост истода, дар дили худ дуо мегуфт: "Худоё, Туро шукр мегӯям, ки монанди дигар одамон ғоратгар, бадкор, зинокор ва ҳамчунин монанди ин мард ҷамъкунандаи андоз нестам. Дар як ҳафта ду маротиба рӯза медорам ва аз ҳар чизе, ки ба даст меорам, даҳякашро месупорам"» (Луқо 18:10–12).

Фарисиён худро дар назди ҳама росткор вонамуд месозанд, то мардум онҳоро таърифу тахсин

кунад. Онҳо одатан рӯзҳои душанбе ва панҷшанбе рӯза медоранд. Дар ин рӯзҳо бозорҳои шаҳр серодаманд ва онҳо метавонанд дар назари мардуми зиёд рӯзадориашонро нишон диҳанд. Онҳо ҳатто даҳяки растаниҳои хурдро месупоранд (Луқо 11:42). Якчанд моҳ пеш онҳо муносибати худро ба одамони одӣ нишон дода гуфта буданд: «Ин мардум, ки Тавротро намедонанд [яъне худи Тавротро неву тафсири фарисиёнро], одамони лаънатёфта мебошанд» (Юҳанно 7:49).

Исо мисолашро давом медиҳад: «Аммо ҷамъкунандаи андоз дуртар истода, ҳатто ҷуръат намекард, ки чашмонашро сӯйи осмон бардорад, балки ба синаи худ мезаду мегуфт: “Худоё, ба мани гунаҳкор раҳм кун”». Маълум аст, ки ҷамъовари андоз камбудиҳояшро фурӯтанона ба гардан мегирад. Исо хулоса мебарорад: «Ба шумо мегӯям, ки, вақте ин шахс ба хонааш рафт, дар назари Худо аз он фарисӣ дида росткортар буд. Зеро ҳар касе, ки худро аз дигарон боло гирад, паст мегардад ва ҳар касе, ки худро фурӯтан созад, сарбаланд мегардад» (Луқо 18:13, 14).

Ҳамин тавр, Исо нишон медиҳад, ки фурӯтан будан муҳим аст. Ин маслиҳат барои шогирдони Исо фоиданок аст, чунки онҳо дар ҷамъияте тарбия ёфтаанд, ки роҳбарони дин одилтарошӣ мекунанд ва ба мансабу мартаба аз ҳад зиёд диққат медиҳанд. Ба ин маслиҳат бояд ҳама пайравони Исо гӯш диҳанд.



- ◊ Аз мисол дар бораи довари беинсоф ва бевазани исроркор мо чӣ мефаҳмем?
- ◊ Вақте Масеҳ меояд, чӣ гуна имонро дар замин ҷустуҷӯ мекунад?
- ◊ Пайравони Исо бояд аз кадом рӯҳия даргурез бошанд?

# ИСО ДАР БОРАИ ТАЛОҚ ТАЪЛИМ МЕДИҲАД

МАТТО 19:1–15 МАРҚӮС 10:1–16 ЛУҚО 18:15–17

Исо ва шогирдонаш аз Ҷалил баромада, ба он тарафи дарёи Урдун мегузаранд ва мехоҳанд аз Перея гузашта ба тарафи ҷануб раванд. Вақте Исо бори охир дар Перея буд, ӯ ба фарисиён гуфта буд, ки назари Худо ба ҷудо шудани ҳамсарон чӣ гуна аст (Луқо 16:18). Ҳоло онҳо боз ин масъаларо бардошта, мехоҳанд Исоро санҷанд.

Мӯсо-пайғамбар навишта буд, ки агар мард дар занаш «чизи нафратоваре» пайдо кунад, метавонад аз вай ҷудо шавад (Такрори Шариат 24:1). Яҳудиён дар бораи асос барои ҷудо шудан фикрҳои гуногун доранд. Баъзеҳо ҳатто фикр мекунанд, ки бо сабабҳои майда-чуйда низ ҷудо шудан мумкин аст. Барои ҳамин фарисиён мепурсанд: «Оё равост, ки мард бо ҳар сабаб аз зани худ ҷудо шавад?» (Матто 19:3).

Ба ҷойи он ки ба фикру ақидаи одамон ишора кунад, Исо суханони худи Худоро иқтибос меорад ва моҳирона онро шарҳ медиҳад: «Оё нахондаед, ки Офаридгор дар аввал онҳоро марду зан офарид? Ӯ гуфта буд: “Аз ин сабаб мард падару модари худро тарк карда, бо зани худ мепайвандад ва ҳар ду як тан хоҳанд буд”. Бинобар ин онҳо акнун ду тан неву як тан мебошанд. Пас, он чӣ Худо бо ҳам пайвастааст, одам набояд ҷудо кунад» (Матто 19:4–6). Вақте Худо оилаи якумро барпо кард, ӯ ният дошт, ки Одаму Ҳавво як умр бо ҳам бошанд ва ҳеҷ гоҳ ҷудо нашаванд.

Фарисиён бо суханони Исо розӣ нашуда мегӯянд: «Набошад, барои чӣ Мӯсо-пайғамбар гуфтааст, ки мард метавонад ба занаш хати талоқ дода, аз вай ҷудо шавад?» (Матто 19:7). Исо ба онҳо мегӯяд: «Мӯсо аз сабаби дилсахтиатон ба шумо иҷозат додааст, ки аз зани худ ҷудо шавед, лекин дар аввал ин тавр набуд» (Матто 19:8). Ин ҷо Исо «дар аввал» гуфта, рӯзҳои Мӯсо-пайғамбарро неву вақтеро дар назар дорад, ки Худо дар боғи Адан оилаи аввалинро барпо кард.

Он гоҳ Исо ба онҳо ҳақиқати муҳимеро мегӯяд: «Ҳар кӣ аз зани худ, ғайр аз сабаби бадахлоқии ҷинсӣ, ҷудо шуда, зани дигаре гирад, ба ҳамсараш хиёнат мекунад» (Матто 19:9). Пас, ягона сабаб барои ҷудошавӣ бадахлоқии ҷинсӣ ё худ зино аст.

Шогирдон инро шунида мегӯянд: «Агар ин тавр бошад, пас, оиладор нашудан беҳтар аст» (Матто 19:10). Ҳар касе ки дар фикри оиладор шудан аст, бояд дарк кунад, ки издивоҷ пайванди абадӣ аст!

Баъд Исо дар бораи муҷаррадӣ гап мезанад. Ӯ мефаҳмонад, ки баъзеҳо аз шиками модар бо нуқсон таваллуд шудаанд, барои ҳамин оиладор намешаванд. Дигарон бошанд, аз он сабаб оиладор намешаванд, ки аз дасти одамон нуқсондор шудаанд. Вале қисми дигаре хоҳишҳои ҷинсии худро пахш карда, оиладор намешаванд, то вақту қуввати худро пурра барои иҷрои хости Худо сарф кунанд. Баъд Исо мегӯяд: «Ҳар кӣ мувофиқи ин суханон амал карда тавонад, бигзор амал кунад [яъне муҷаррад монад]» (Матто 19:12).

Ин вақт одамон кӯдакони худро назди Исо меоранд, лекин шогирдон онҳоро сарзаниш мекунанд. Аз афташ, онҳо намехоҳанд, ки Исоро ташвиш диҳанд. Инро дида Исо хашмгин мешавад ва ба шогирдонаш мегӯяд: «Монед, ки кӯдакон назди ман оянд, пеши роҳи онҳоро нагиред, зеро чунин шахсон Подшоҳии Худоро соҳиб мешаванд. Ба ростӣ ба шумо мегӯям: ҳар кӣ Подшоҳии Худоро мисли кӯдак қабул накунад, ҳеҷ гоҳ ба он дохил намешавад» (Марқӯс 10:14, 15; Луқо 18:15).

Чӣ дарси хубе! Барои қабул кардани Подшоҳии Худо мо бояд мисли кӯдак ҳалиму мулоим ва ба таълим гирифтан тайёр бошем. Исо кӯдаконро ба бағал мегираду баракат медиҳад ва ин тавр муҳаббаташро ба онҳо нишон медиҳад. Ва ӯ ҳамаи онҳоеро, ки «Подшоҳии Худоро мисли кӯдак қабул» мекунанд, ҳамин тавр дӯст медорад (Луқо 18:17).



- ◊ Чӣ тавр фарисиён Исоро санҷиданӣ мешаванд?
- ◊ Аз рӯйи суханони Исо, ягона сабаб барои ҷудо шудани ҳамсарон кадом аст?
- ◊ Барои чӣ баъзе шогирдон муҷаррад мемонанд?
- ◊ Аз кадом ҷиҳат мо бояд ба кӯдакон монанд бошем?

# СӮҲБАТИ ИСО БО ҶАВОНИ ҲОКИМИЯТДОР ВА БОЙ

МАТТО 19:16–30 МАРҚӮС 10:17–31 ЛУҚО 18:18–30



Исо аз Перея гузашта ба Ерусалим рафта истодааст. Дар роҳ ҷавони бое назди Исо меояд ва пеши пойҳои ӯ меафтад. Ин мард «як шахси ҳокимиятдор» мебошад. Шояд, ӯ нозири ибодатгоҳ ё аъзои Суди олии яҳудиён аст. Ӯ аз Исо мепурсад: «Эй Устоди некӯ, чӣ кор кунам, то ҳаёти ҷовидониро соҳиб шавам?» (Луқо 8:41; 18:18; 24:20).

Исо дар ҷавоб мегӯяд: «Барои чӣ ту маро некӯ мегӯӣ? Ғайр аз Худо ҳеҷ кас некӯ нест» (Луқо 18:19). Аз афташ, ин ҷавон мисли устодони дини яҳудӣ ибораи «некӯ»-ро чун унвон истифода мебарад. Ҳарчанд Исо муаллими нек аст, ӯ ба ин мард мефаҳмонад, ки унвони «некӯ»-ро танҳо нисбати Худо истифода бурдан даркор аст.

Исо ба ӯ маслиҳат медиҳад: «Агар соҳиби ҳаёт шудан хоҳӣ, амрҳоро риоя кун». Ҷавон аз Исо мепурсад: «Кадом амрҳоро?» Исо аз Даҳ амри Шариат панҷтоашро иқтибос меорад: «Ба одамкушӣ даст назан, ба ҳамсарат хиёнат накун, duздӣ накун, шаҳодати бардурӯғ надеҳ, падару модаратро иззату ҳурмат кун». Баъд ӯ ба амри муҳимтарин ишора мекунад: «Дигаронро мисли худат дӯст дор» (Матто 19:17–19).

Мард мегӯяд: «Ман ҳамаи ин амрҳоро риоя мекунам. Ғайр аз ҳамаи ин боз чӣ карданам лозим аст?» (Матто 19:20). Шояд, ӯ фикр мекунад, ки барои соҳиби ҳаёти ҷовидонӣ шудан ӯ бояд ягон рафтори нек ва қаҳрамононае кунад. Ин суханони самимии мард ба Исо таъсир мекунад ва ӯ «бо меҳр ба вай нигоҳ» мекунад (Марқӯс 10:21). Лекин чизе барои ин ҷавон санги сари роҳ аст.

Ин мард ба чизу чора дилбастагӣ дорад, барои ҳамин Исо мегӯяд: «Фақат як чиз ба ту намерасад — рафта, тамоми чизу чораатро фурӯш ва ба камбағалон тақсим кун, он гоҳ дар осмон ганҷ хоҳӣ дошт. Пас аз ин омада, маро пайравӣ кун». Бале, ин мард бояд пулҳояшро ба камбағалон тақсим кунад, ба касоне, ки ба некиаш ҷавоб дода наметавонанд. Танҳо баъд ӯ метаво-

над шогирди Исо шавад. Лекин ӯ аз суханони Исо рӯҳафтода мешавад ва бо сари хам аз пешаш меравад. Аз афташ, ин Исоро ғамгин месозад. Дилбастагӣ ба «молу мулки бисёре», ки дошт, он мардро кӯр карда буд, барои ҳамин вай сарвати ҳақиқиро дида натавонист (Марқӯс 10:21, 22). Исо мегӯяд: «То чӣ андоза барои одамони сарватманд ба Подшоҳии Худо дохил шудан душвор хоҳад буд!» (Луқо 18:24).

Шогирдон аз ин суханон ва суханони навбатии Исо ба ҳайрат меоянд: «Аз сӯрохии сӯзан гузаштани шутур осонтар аст, назар ба он ки одами бой ба Подшоҳии Худо дарояд». Акнун шогирдон фаҳмидан мехоҳанд: «Пас, кӣ наҷот ёфта метавонад?» Магар наҷот ёфтан як чизи ғайриимкон аст? Исо ба онҳо нигоҳ карда мегӯяд: «Он чӣ барои одамон ғайриимкон аст, барои Худо имконпазир аст» (Луқо 18:25–27).

Петрус қайд мекунад, ки интихоби онҳо аз интихоби марди бой фарқ мекунад. Ӯ мегӯяд: «Ана, мо ҳама чизро партофта, туро пайравӣ кардем, пас, мукофоти мо чӣ хоҳад буд?» Исо мефаҳмонад, ки барои ин корашон онҳоро чӣ интизор аст: «Ҳангоми аз нав сохта шудани ҳама чиз, вақте ки Писари одам ба тахти бошукӯҳи худ менишинад, шумо, ки пайравони ман шудед, бар дувоздаҳ тахт нишаста, дувоздаҳ қабилаи Исроилро доварӣ хоҳед кард» (Матто 19:27, 28).

Бешубҳа, Исо ояндаро дар назар дорад, замонеро, ки замин боз мисли боғи Адан биҳишт мешавад. Он вақт Петрус ва шогирдони дигар ҳамроҳи Исо аз осмон бар замин ҳукмронӣ мекунанд. Ин мукофот ба ҳама қурбониҳо ва фидокориҳое, ки онҳо мекунанд, меарзад!

Лекин шогирдон на танҳо дар оянда соҳиби мукофот мешаванд. Аллакай ҳозир онҳо аз баъзе баракатҳо баҳра мебаранд. Исо мегӯяд: «Ҳеҷ касе нест, ки ба хотири Подшоҳии Худо аз баҳри хона, зан, бародарон, падару модар ё фарзандон гузашта бошаду дар ин замон ҳамаи инро чанд маротиба зиёдтар ба даст наорад ва дар оянда ҳаёти ҷовидониро соҳиб нашавад» (Луқо 18:29, 30).

Дар ҳақиқат, шогирдони Исо дар ҳама гӯшаю канори дунё ҳамимон — хоҳару бародарон доранд. Муносибат байни онҳо аз пайвандҳои оилавӣ наздиктар ва пурарзиштар аст. Сад афсӯс ки, ҷавони бой худро аз ин баракат ва баракати аз ин ҳам бузург — ҳаёти беохир дар осмон маҳрум сохт.

Исо илова мекунад: «Аммо бисёре аз онҳое, ки аввалинанд, охирин мешаванд ва онҳое, ки охиринанд, аввалин мешаванд» (Матто 19:30). Ин суханон чӣ маъно доранд?

Ин ҷавони бой, ки яке аз сарварони дини яҳудӣ мебошад, дар қатори онҳоест, ки «аввалинанд». Ӯ Шариатро риоя мекунад, барои ҳамин фикр кардан мумкин буд, ки ӯ пайрави Масеҳ мешавад ва корҳои неки бисёре мекунад. Лекин дар ҳаёти ӯ чизу чора ва боигарӣ дар ҷойи аввал аст. Одамони одӣ бошанд, таълими Исоро ҳақиқат ва роҳ сӯйи ҳаёти ҷовидонӣ меҳисобанд. Онҳо «охирин» буданд, лекин ҳоло имконият доранд, ки «аввалин» шаванд. Ин шахсони самимӣ замонеро интизоранд, ки мукофоти худро мегиранд. Он гоҳ онҳо бар тахтҳо мешинанд ва ҳамроҳи Исо бар замин, ки ба биҳишт табдил мегардад, ҳукмронӣ мекунанд.

---

- ◇ Кӣ ба Исо савол медиҳад?
- ◇ Барои чӣ Исо намехоҳад, ки ӯро «некӯ» номанд?
- ◇ Исо ба пайравонаш чӣ гуна мукофот ва баракатҳоро ваъда медиҳад?
- ◇ Ба кадом маъно «онҳое, ки аввалинанд, охирин мешаванд ва онҳое, ки охиринанд, аввалин»?

# МИСОЛ ДАР БОРАИ МАРДИКОРОНИ ТОКЗОР

МАТТО 20:1–16

Исо навакак дар Перея ба шунавандагонаш гуфт, ки «бисёре аз онҳое, ки аввалинанд, охирин мешаванд ва онҳое, ки охиринанд, аввалин мешаванд» (Матто 19:30). Барои равшан кардани ин фикр ӯ дар бораи мардикорони токзор мисол меорад.

Ӯ мегӯяд: «Подшоҳии осмон монанди соҳибхонаест, ки саҳарии барвақт аз хона баромад, то барои токзори худ мардикоронро киро кунад. Вақте ки ӯ бо мардикорон барои рӯзи кориашон якдинорӣ гапзанон кард, онҳоро ба токзораш фиристод. Тақрибан соати нӯҳи саҳар ӯ боз ба бозор рафта, мардикорони дигареро дид, ки бекор истода буданд, ва ба онҳо гуфт: “Ба токзорам равед ва ман музди шуморо аз рӯйи инсоф хоҳам дод”. Ва онҳо ҳам рафтанд. Ӯ ҳамчунин қарибиҳои соати дувоздаҳ ва сеи рӯз рафта, мардикоронро киро кард. Ниҳоят, ӯ тақрибан соати панҷи бегоҳ берун рафт ва мардикорони бекористодаро дида ба онҳо гуфт: “Чаро шумо рӯзи дароз дар ин ҷо бекор истодаед?” Онҳо ҷавоб доданд: “Чунки ҳеҷ кас моро киро накард”. Вай ба онҳо гуфт: “Шумо ҳам ба токзори ман равед”» (Матто 20:1–7).

Аз афташ, вақте Исо дар бораи «Подшоҳии осмон» ва «соҳибхона» гап мезанад, шунавандагон мефаҳманд, ки ӯ дар бораи Яҳува гуфта истодааст. Дар Навиштаҳо Яҳува чун соҳиби токзор ва халқи Исроил чун токзор тасвир мешавад (Забур 79:9, 10; Ишаъё 5:3, 4). Касоне, ки дар аҳди Шариат мебошанд, ба мардикорони токзор монанд карда мешаванд. Лекин дар ин мисол Исо давраҳои пешро тасвир намекунад, ӯ дар бораи рӯзҳои худ гап мезанад.

Сарварони дин, аз он ҷумла фарисиёне, ки чанде пеш масъалаи талоқро бардошта, Исоро санҷиданӣ буданд, фикр мекунанд, ки рӯзи дароз дар хизмати Худоянд. Онҳо ба мардикороне монананд, ки тамоми рӯз меҳнат карданд ва интизори музди пурра, яъне як динор, мебошанд.

Коҳинон ва дигар сарварони дин фикр мекунанд, ки яҳудиёни одӣ ба Худо камтар хизмат мекунанд, мисли мардикороне, ки дар токзор корро дертар сар карданд. Дар мисоли Исо баъзеи онҳо «тақрибан соати нӯҳи саҳар» ё ҳатто аз ин ҳам дертар — соатҳои дувоздаҳи рӯз, се ё панҷи бегоҳ, омаданд.

Сарварони дин занону мардонеро, ки Масеҳро пайравӣ мекунанд, «одамони лаънатёфта» меҳисобанд (Юҳанно 7:49). Онҳо қисми зиёди умрашон бо моҳигирӣ ё ягон кори дигар машғул буданд. Баъд, тирамоҳи соли 29-и милодӣ, «соҳиби токзор» Исоро фиристод, то ин мардуми одиро даъват кунад ва онҳо чун шогирдони Масеҳ ба Худо хизмат кунанд. Инҳо ҳамон касони охирине мебошанд, ки дар мисоли Исо соати панҷи бегоҳ ба токзор омаданд.

Баъд Исо нақл мекунад, ки дар охири рӯзи корӣ чӣ мешавад. Ӯ мегӯяд: «Вақте шом фаро расид, соҳиби токзор ба сардори хизматгорон гуфт: “Коргаронро ҷамъ овар ва ба ҳамаашон, аз охирин сар карда то аввалин, ҳаққи меҳнаташонро деҳ”. Мардикороне, ки соати панҷи бегоҳ корро сар карда буданд, якдинорӣ гирифтанд. Аз ин рӯ онҳое, ки аз ҳама пеш киро шуда буданд, гумон карданд, ки ҳаққи корашон зиёдтар хоҳад буд, вале ба онҳо низ якдинорӣ дода шуд. Онҳо пулашонро гирифта, аз соҳиби токзор шикоят карда мегуфтанд: “Ин коргароне, ки дар охири рӯз омаданд, ҳамагӣ як соат кор карданд, ту бошӣ, онҳоро бо мо, ки дар таги офтоби сӯзон араҷи ҷабин рехта тамоми рӯз меҳнат кардем, баробар донистӣ!” Вале ӯ ба яке аз онҳо ҷавоб дод: “Эй ҷӯра, ман нисбати ту ноҳаққӣ накардаам. Оё мо якдинорӣ гапзанон накарда будем? Пас, пулатро гиру рав. Ба ин охиринҳо бошад, ман мехоҳам баробари ту музд диҳам. Магар ман ҳақ надорам, ки пуламро чи хеле хоҳам, ҳамон хел сарф кунам? Ё ту ҳасад мебарӣ, ки ман ба онҳо некӣ мекунам?” Ҳамин тавр, он-



ҳое, ки охиринанд, аввалин хоҳанд шуд ва онҳое, ки аввалинанд, охирин» (Матто 20:8–16).

Шояд, шогирдон фикр намефаҳманд, ки қисми охири мисоли Исо чӣ маъно дорад. Чӣ тавр сарварони дин, ки худро «аввалин» меҳисобанд, «охирин» мегарданд ва чӣ тавр шогирдони Исо «аввалин» мешаванд?

Шогирдони Исо, ки фарисиён ва дигарон онҳоро «охирин» меҳисобанд, «аввалин» мешаванд ва музди худро ба пуррагӣ мегиранд. Баъди марги Исо Худо халқи Исроилро рад карда, ба ҷойи он халқи нав — «Исроили Худоро» интихоб мекунад (Ғалотиён 6:16; Матто 23:38). Вақте Яҳё-пайғамбар дар бораи бо рӯҳи муқаддас таъмид гирифтан гап мезад, ӯ маҳз ҳамин одамонро дар назар дошт. Онҳое, ки «охирин» буданд, аввалин мешаванд ва дар иди Ҳафтаҳои соли 33-и милодӣ бо рӯҳи муқаддас таъмид мегиранд. Он вақт онҳо имконият пайдо мекунанд, ки «то гӯшаю канори замин дар бораи» Исо шаҳодат диҳанд (Аъмол 1:5, 8; Матто 3:11). Албатта, шогирдони Исо то ба охир сарфаҳм намераванд, ки то чӣ андоза дигаргунии куллӣ дар пеш аст. Бо вуҷуди ин онҳо мефаҳманд, ки он вақт сарварони дин, ки «охирин» мешаванд, аз онҳо сахт нафрат мекунанд.

- ◊ Барои чӣ гуфтан мумкин аст, ки дар мисоли Исо «соҳиби токзор» Яҳува мебошад? Дар ин мисол «мардикорон» кистанд?
- ◊ Исо бо мисоли худ ба кадом дигаргунӣ ишора мекунад?
- ◊ Ин дигаргунӣ кай маълум мегардад?

# РАСУЛОН БОЗ МАНСАБТАЛОШӢ МЕКУНАНД

МАТТО 20:17–28   МАРҚӮС 10:32–45   ЛУҚО 18:31–34



Сафари Исо аз вилояти Перея ба тарафи ҷануб, ба Ерусалим, ба охир мерасад. Ӯву шогирдонаш ба он тарафи дарёи Урдун мегузаранд ва ба шаҳри Ериҳӯ наздик мешаванд. Дигарон низ ҳамроҳашон ба ҷашни иди Раҳоии соли 33-и милодӣ рафта истодаанд.

Исо аз шогирдонаш каме пештар роҳ рафта истодааст, ӯ мехоҳад ба иди Раҳоӣ сари вақт рафта расад. Шогирдонро тарс фаро гирифтааст. Чанде пеш, вақте Лаъзор мурд ва Исо аз Перея ба Яҳудия рафтанӣ буд, Тумо чунин гуфт: «Биёед мо ҳам равем, то бо ӯ бимирем» (Юҳанно 11:16, 47–53). Ҳоло ба Ерусалим рафтан хатарнок аст, барои ҳамин фаҳмост, ки барои чӣ шогирдон метарсанд.

Барои он ки расулонро ба воқеаҳои оянда тайёр кунад, Исо онҳоро як тараф мебарад ва мегӯяд: «Дар Ерусалим, ки мо ба он ҷо рафта истодаем, Писари одам ба дасти коҳинони калон ва шариатдонон супорида мешавад. Онҳо ӯро ба марг маҳкум мекунанд ва ба дасти халқҳои дигар месупоранд, он халқҳо бошанд, ӯро мазоҳу масхара менамоянд, бо қамчин мезананд ва дар сутун ба қатл мерасонанд, лекин ӯ дар рӯзи сеюм зинда мешавад» (Матто 20:18, 19).

Ин бори сеюм аст, ки Исо ба шогирдонаш дар бораи марг ва зиндашавиаш гап мезанад (Матто 16:21; 17:22, 23). Лекин ҳоло ӯ мегӯяд, ки ӯро дар сутун ба қатл мерасонанд. Шогирдон ӯро гӯш мекунанд, лекин ба суханонаш сарфаҳм намераванд. Шояд, онҳо гумон мекунанд, ки Исо дар Исроил подшоҳиро барқарор карда, подшоҳи он мешавад, онҳо бошанд, ҳамроҳаш ҳукмронӣ мекунанд ва шӯҳрату ҷалол мееёбанд.

Модари Яъқуб ва Юҳанно (аз афташ, Салӯмит) низ ҳамроҳи онҳо ба Ерусалим сафар карда истодааст. Исо ин ду расулро барои бадҷаҳлиашон «писарони раъд» номида буд (Марқӯс 3:17; Луқо 9:54). Аллакай чанд вақт боз ин ду

нафар ташнаи он буданд, ки дар Подшоҳии Масеҳ соҳиби мансабу мартаба мешаванд. Модарашон аз ин хабардор аст. Ҳоло Салӯмит пеши Исо меояд ва ба ӯ таъзим карда, чизе илтимос карданӣ мешавад. Исо мепурсад: «Чӣ хоҳиш дорӣ?» Ӯ мегӯяд: «Илтимос, иҷозат деҳ, ки ин ду писарам дар Подшоҳии ту яке аз тарафи ростат ва дигаре аз тарафи чапат шинанд» (Матто 20:20, 21).

Дар асл, ин хоҳиши Яъқубу Юҳанно аст. Инро пай бурда Исо мегӯяд: «Шумо намефаҳмед, ки чиро хоҳиш карда истодаед. Оё аз пиёлае, ки ман хоҳам нӯшид, нӯшида метавонед?» Онҳо мегӯянд: «Метавонем» (Матто 20:22). Исо навакак ба шогирдонаш гуфт, ки ӯро шармандаву шармсор мекунанд ва ба қатл мерасонанд. Лекин онҳо намефаҳманд, ки ӯ «пиёлае, ки ман хоҳам нӯшид» гуфта, маҳз ҳамин азобу уқубатҳоро дар назар дорад.

Исо ба онҳо мегӯяд: «Аз пиёлаи ман, албатта, хоҳед нӯшид, аммо муайян кардани он ки дар тарафи рост ва чапи ман кӣ мешинад, дар ихтиёри ман нест. Ин ҷойҳо аз они касоне мебошанд, ки Падарам барояшон тайёр кардааст» (Матто 20:23).

Ин дархости Яъқубу Юҳанноро фаҳмида даҳ расули дигар дарғазаб мешаванд. Чанде пеш расулон дар бораи он ки кадоме аз онҳо бузургтар аст, баҳс карда буданд. Оё он вақт Яъқубу Юҳанно низ кушоду равшан мегуфтанд, ки онҳо аз дигарон бузургтаранд? (Луқо 9:46–48). Ҳар чи ҳам бошад, хоҳиши ин ду бародар нишон медиҳад, ки дувоздаҳ расули Исо маслиҳати ӯро ба кор набурданд. Исо ба онҳо гуфта буд, ки чун хурдтаринҳо рафтор кунанд, лекин ҳушу хаёли онҳо то ҳол ба ҷоҳу мансаб аст.

Исо мехоҳад ин душвориро ҳал кунад ва душманиеро, ки байни шогирдон пайдо шуд, бартараф созад. Барои ҳамин ӯ дувоздаҳ расулро ҷамъ мекунад ва бо меҳрубонӣ мегӯяд: «Шумо медонед, касоне, ки ҳокими халқҳо ҳисоб меёбанд, бар одамон ҳукмронӣ мекунанд ва онҳое, ки соҳибқудрат ҳастанд, бар дигарон фармонфармоӣ менамоянд. Вале дар байни шумо набояд чунин бошад. Ҳар кӣ дар байнатон бузург будан хоҳад, бояд хизматгори шумо шавад ва ҳар кӣ дар байни шумо аввалин будан хоҳад, бояд ғуломи ҳама шавад» (Марқӯс 10:42–44).

Шогирдон бояд ба кӣ пайравӣ кунанд? Ба худи Исо. Ӯ мегӯяд: «Писари одам низ на барои он омад, ки ба вай хизмат кунанд, балки, барои он ки ба дигарон хизмат кунад ва ҷони худро барои фидияи бисёр касон диҳад» (Матто 20:28). Тахминан се сол боз Исо ба дигарон хизмат карда истодааст. Каме пас ӯ ҳатто ҳаёти худро барои тамоми одамон қурбон мекунад! Шогирдонаш бояд фикрронии Масеҳро аз худ кунанд ва мисли ӯ рафтор намоянд. Онҳо набояд интизор шаванд, ки дигарон ба онҳо хизмат кунанд, балки бо омодагӣ ба дигарон хизмат кунанд. Онҳо набояд мансабталошӣ кунанд, балки худро аз дигарон хурд донанд.

- ◇ Чӣ тавр Исо расулонро ба воқеаҳои оянда тайёр мекунад?
- ◇ Ду расул аз Исо чӣ хоҳиш мекунанд ва расулони дигар инро шунида чӣ кор мекунанд?
- ◇ Исо барои ислоҳ кардани фикррониии расулон чӣ кор мекунад?

# ИСО ДУ КӮРРО ШИФО МЕБАХШАД ВА БА ЗАККАЙ ЁРӢ МЕДИҲАД

МАТТО 20:29–34 МАРҚӮС 10:46–52 ЛУҚО 18:35–19:10

Исову ҳамсафаронаш ба Ериҳӯ меоянд. Барои аз Ериҳӯ ба Ерусалим расидан тахминан як рӯз роҳ рафтан даркор аст. Дар Яҳудия ду шаҳри Ериҳӯ вуҷуд дорад: шаҳри кӯҳна ва нав. Шаҳри кӯҳна тахминан 1,5 километр дуртар аз шаҳри нав, ки дар давраҳои румиён сохта шудааст, ҷойгир мебошад. Вақте Исо ҳамроҳи мардум аз Ериҳӯи кӯҳна баромада, ба Ериҳӯи нав наздик мешавад, мардум ғалоғула мебардоранд. Ин ғалоғуларо ду гадои кӯре мешунаванд, ки номи якеашон Бартимай аст.

Вақте Бартимай ва ҳамроҳаш мефаҳманд, ки Исо аз пешашон гузашта истодааст, онҳо фарёд мезананд: «Ҳазрато, Писари Довуд, ба мо раҳм кун!» (Матто 20:30). Баъзеҳо онҳоро сарзаниш карда мегӯянд, ки хомӯш шаванд, лекин ин ду нафар боз ҳам баландтар фарёд мезананд. Исо инро шунида меистад ва ба яке аз ҳамроҳонаш мегӯяд, ки он касонро наздаш оранд. Онҳо ба назди гадоён рафта ба яке аз онҳо мегӯянд:



«Натарс, хез, ӯ туро ҷеғ зада истодааст» (Марқӯс 10:49). Он мард аз хурсандӣ ҷомаашро мекашад ва ҷаста аз ҷояш мехезаду пеши Исо меравад.

Исо аз онҳо мепурсад: «Шумо аз ман чӣ хоҳиш доред?» Онҳо зориву илтиҷо карда мегӯянд: «Ҳазрат, мехоҳем, ки чашмонамон бино шавад» (Матто 20:32, 33). Дили Исо ба ҳоли онҳо месӯзад. Баъд ӯ ба чашмонашон даст мерасонад ва ба яке аз онҳо назар карда мегӯяд: «Рав, имонат туро шифо дод» (Марқӯс 10:52). Ҳамон лаҳза ду марди кӯр бино мешаванд ва Худоро ҳамду сано хондан мегиранд. Мардуме, ки шоҳиди ин воқеа шуданд, ҳамроҳи ин ду нафар Худоро ситоиш мекунанд. Мардони биношуда аз пайи Исо мераванд.

Ҳоло Исо аз шаҳри Ериҳӯ гузашта истодааст, дар пеши ӯ одамони зиёде ҷамъ шудаанд. Ҳама мехоҳанд шахсеро, ки мардони кӯрро бино кард, бинанд. Мардум ӯро аз ҳар тараф иҳота кардаанд, барои ҳамин баъзеҳо наметавонанд, ки ҳатто як борак ба ӯ нигоҳ кунанд. Заккай ном марде низ мехоҳад Исоро бинад. Ӯ сардори ҷамъоварони андози Ериҳӯ ва гирду атрофи он мебошад. Қади ӯ паст аст, барои ҳамин вай пешопеши мардум рафта ба дарахти анҷири ёбоие, ки дар сари роҳ аст, мебарояд. Акнун Заккай ҳама ҷоро бемалол мебинад. Вақте Исо ба ин дарахт наздик мешавад, ӯ Заккайро мебинад ва мегӯяд: «Эй Заккай, зудтар фаро, чунки ман имрӯз дар хонаи ту меистам» (Луқо 19:5). Заккай саросемавор поён мефарояд ва ба хонааш мешитобад, то меҳмони олиқадрро қабул кунад.

Инро дида мардум норозигӣ баён мекунанд. Онҳо Заккайро гунаҳкор меҳисобанд, барои ҳамин фикр мекунанд, ки Исо набояд меҳмони чунин шахс шавад. Охир, Заккай бо макру фиреб аз мардум пул рӯёнда аз ҳамин ҳисоб бой шудааст.

Вақте Исо ба хонаи Заккай медарояд, мардум ғур-ғур карда мегӯянд: «Ӯ дар хонаи шахси гунаҳкор меҳмон шуд». Лекин Исо мебинад, ки дили Заккай ба тавба моил аст. Вақте Исо ба хонаи Заккай меояд, ӯ аз ҷой хеста, мегӯяд: «Ҳазратам, нисфи дороии худро ба камбағалон медиҳам ва ҳар чиро, ки ба воситаи айбдоркунии бардурӯғ аз одамон кашида гирифтаам, чор баробар зиёдтар бармегардонам» (Луқо 19:7, 8).

Заккай аз таҳти дил тавба кардааст ва суханонаш инро баръало нишон медиҳанд. Аз афташ, ӯ метавонад аз қайдҳои худ ҳисоб кунад, ки аз яҳудиён чӣ қадар андоз ситондааст, барои ҳамин ваъда медиҳад, ки чизи гирифтаашро чор баробар зиёдтар бармегардонад. Коре, ки ӯ карданист, аз он чизе, ки Шариат талаб мекунад, бештар аст (Хуруҷ 22:1; Ибодат 6:2–5). Илова бар ин, Заккай ваъда медиҳад, ки ними боигариашро ба камбағалон тақсим мекунад.

Исо тавбаи самимии Заккайро дида хурсанд мешавад ва мегӯяд: «Имрӯз ба ин хона наҷот омад, чунки ӯ ҳам писари Иброҳим аст. Зеро Писари одам барои пайдо кардан ва наҷот додани гумшудагон омадааст» (Луқо 19:9, 10).

Чанде пеш Исо дар бораи писари гумшуда мисоле оварда буд (Луқо 15:11–24). Акнун бошад, ӯ бо каси воқеие рӯ ба рӯ мешавад, ки ба маъное гум шуда буду ёфт шуд. Сарварони дин ва пайравонашон Исоро барои он ки бо гунаҳкорон вақт мегузаронад, танқид мекунанд. Лекин ба ин нигоҳ накарда Исо мехоҳад минбаъд низ фарзандони гумшудаи Иброҳимро ҷустуҷӯ кунад ва онҳоро ба роҳи дуруст ҳидоят намояд.



---

◊ Аз афташ, Исо ду марди кӯрро дар куҷо вомехӯрад ва барои онҳо чӣ кор мекунад?

◊ Заккай кист ва чӣ тавр ӯ нишон медиҳад, ки аз таҳти дил тавба кардааст?

◊ Аз муносибати Исо бо Заккай мо чӣ меомӯзем?

# МИСОЛ ДАР БОРАИ ҲАЗОР ТАНГАИ НУҚРА

ЛУҚО 19:11–28

Шояд, Исо ҳамроҳи шогирдон то ҳол дар хонаи Заккай аст. Шогирдон фикр мекунанд, ки ҳамин ки онҳо ба Ерусалим меоянд, ҳукмронии Исо дар «Подшоҳии Худо» сар мешавад (Луқо 19:11). Лекин ин гумони онҳо хато аст, ҳамон тавре онҳо дар бораи марги Исо фикри нодуруст доранд. Барои ҳамин Исо мисоле оварда, ба шогирдонаш мефаҳмонад, ки Подшоҳии Худо ба ин зудӣ намеояд.

Ӯ мегӯяд: «Марде аз хонадони шоҳ ба кишвари дурдасте сафар кард, то дар он ҷо подшоҳ таъйин гардида, сипас баргардад» (Луқо 19:12). Барои ба кишвари дурдаст сафар кардан вақти зиёд даркор аст. Равшан аст, ки «марде аз хонадони шоҳ» худи Исо аст. Ӯ ба «кишвари дурдасте», яъне ба осмон, меравад ва дар он ҷо Падар ӯро подшоҳ таъйин мекунад.

Баъд Исо нақл мекунад, ки пеш аз сафар он мард даҳ ғуломро ба наздаш даъват карда, ба ҳар кадомашон сад тангаи нуқра медиҳаду мегӯяд: «То вақти баргаштанам бо ин пулҳо харидуфурӯш карда фоида ба даст оред» (Луқо 19:13). Сад тангаи нуқра пули кам нест. Барои кор кардани ин маблағ деҳқон бояд аз се моҳ зиёд меҳнат кунад.

Шояд, шогирдон мефаҳманд, ки худи онҳо мисли он даҳ ғуломанд, чунки чанде пеш Исо онҳоро ба даравгарон монанд карда буд (Матто 9:35–38). Албатта, ӯ аз онҳо талаб накарда буд, ки ба маънои аслӣ дарав кунанду ҳосилашро биёранд. Не, ҳосиле, ки онҳо бояд ҷамъ оваранд, шогирдони дигаре мебошанд, ки ба Подшоҳии Худо дохил шуда метавонанд. Шогирдон вақту қувват ва ҳатто дороии худро истифода бурда ба шумораи ҳар чӣ бештари одамон ёрӣ медиҳанд, ки ворисони ин Подшоҳӣ гарданд.

Исо нақлашро давом дода мегӯяд, ки аҳли он сарзамин аз он мард «нафрат доштанд ва аз паси ӯ сафиронро фиристода, гуфтанд: “Мо намехоҳем, ки ин мард подшоҳи мо шавад”» (Луқо 19:14). Шогирдон медонанд, ки яҳудиён Исоро қабул намекунанд ва баъзеашон ҳатто ӯро куштан мехоҳанд. Баъди марг ва ба осмон рафтани Исо бисёре аз яҳудиён шогирдонро таъқиб карда нишон медиҳанд, ки аз ӯ нафрат доранд. Аз рафтори ин яҳудиён маълум аст, ки онҳо намехоҳанд Исо подшоҳашон бошад (Юҳанно 19:15, 16; Аъмол 4:13–18; 5:40).

Лекин он даҳ ғулом то омадани хӯҷаинашон ҳазор тангаи гирифтаашонро чӣ хел истифода мебаранд? Исо нақл мекунад: «Вақте он мард подшоҳ таъйин шуд ва ниҳоят ба хона баргашт, ғуломонеро, ки ба онҳо пул дода буд, ба назди худ даъват кард, то фаҳмад, ки онҳо чӣ қадар фоида ба даст оварданд. Ғуломи якум пеш омада, гуфт: “Хӯҷаин, сад тангаи додаат даҳ баробар фоида овард”. Ӯ ба вай гуфт: “Офарин, эй ғуломи нек! Азбаски дар чизи хурд сазовори боварӣ буданатро нишон додӣ, туро бар даҳ шаҳр ҳоким таъйин мекунам”. Ғуломи дуюм омада, гуфт: “Хӯҷаин, сад тангаи додаат панҷ баробар фоида овард”. Ӯ ба ин ғулом гуфт: “Ту бар панҷ шаҳр ҳукмронӣ кун”» (Луқо 19:15–19).

Агар шогирдон мисли он ғуломон ҳар кори аз дасташон меомадаро кунанд ва барои тайёр кардани шогирдон ҳамаи имкониятҳоро истифода баранд, онҳо боварӣ дошта метавонанд, ки Исо аз онҳо розӣ мешавад ва онҳоро барои кӯшишу ғайрат ҳатман мукофот медиҳад. Албатта, вазъият, имконият ва қобилиятҳои шогирдон гуногун аст ва ҳамаи онҳо дар кори шогирдсозӣ як хел иштирок карда наметавонанд. Лекин Исо, ки подшоҳ таъйин мегардад, инро мефаҳмад ва кӯшишҳои шогирдони вафодорашро ҳатман баракат медиҳад (Матто 28:19, 20).

Исо нақлашро давом дода мегӯяд: «Вале ғуломи дигаре омада, гуфт: “Хӯҷаин, ана сад тангаи ту, ман онро ба матое печонида, пинҳон карда будам. Ман аз ту метарсидам, зеро ту одами сахтгир ҳастӣ; пулеро, ки насупоридай, мегирӣ ва он чиро, ки накоштай, медаравӣ”. Лекин ӯ ба вай гуфт: “Эй ғуломи бадкор, туро аз рӯйи суханони худат



ҳукм мекунам. Охир, ту медонистӣ, ки ман одами сахтгирам, пулеро, ки насупоридаам, мегирам ва он чиро, ки накоштаам, медаравам. Пас, чаро пули маро ба кор наандохтӣ, то омада, онро бо фоидааш гирам?” Ва ӯ ба онҳое, ки дар наздаш истода буданд, гуфт: “Сад тангаи нуқраро аз ӯ гирифта, ба касе диҳед, ки даҳ баробар фоида овард”» (Луқо 19:20–24).

Баръакси ду ғуломи аввал ин ғулом ақаллан кӯшиш накард, ки ба хӯҷаинаш даромад орад ва ҳамин тавр сарвати подшоҳии ӯро зиёд гардонад. Барои ҳамин ҳатто пуле, ки дошт, аз вай гирифта шуд. Расулон дар Подшоҳии Худо ҳукмронӣ кардани Исоро интизоранд. Барои ҳамин вақте онҳо суханонеро, ки Исо дар бораи ғуломи охирин гуфт, мешунаванд, эҳтимол, мефаҳманд, ки агар боғайрат набошанд, ба Подшоҳии Худо роҳ намеёбанд.

Суханони Исо бояд шогирдонро барангезанд, ки боз ҳам бештар ҷидду ҷаҳд кунанд. Ӯ дар охир мегӯяд: «Ба шумо мегӯям, ки ҳар касе дорад, ба вай боз ҳам бештар дода мешавад, вале ҳар касе надорад, аз ӯ ҳатто он чизе, ки дорад, гирифта мешавад». Баъд ӯ илова мекунад, ки душманонаш, яъне касоне, ки бар онҳо подшоҳӣ карданашро намехоҳанд, несту нобуд мешаванд. Сипас Исо роҳи худро ба Ерусалим давом медиҳад (Луқо 19:26–28).

---

- Барои чӣ Исо дар бораи ҳазор тангаи нуқра мисол меорад?
- «Марде аз хонадони шоҳ» кист ва «кишвари дурдасте», ки ӯ он ҷо меравад, куҷост?
- «Ғуломон» киҳоянду «аҳли он сарзамин» кӣ?
- Ғуломоне, ки аз хӯҷаин мукофот гирифтанд, аз ғуломе, ки пули доштаашро аз даст дод, чӣ фарқ доранд?





ҚИСМИ

# 6

# ДАВРАИ ОХИРИ ХИЗМАТИ ИСО

«ПОДШОҲИ ТУ... НАЗДИ ТУ МЕОЯД»
(МАТТО 21:5).

# МЕҲМОНӢ ДАР ХОНАИ ШИМЪӮН

МАТТО 26:6–13   МАРҚӮС 14:3–9   ЮҲАННО 11:55–12:11

Исо аз Ериҳӯ баромада, сӯйи Байт-Ҳинӣ равона мешавад. Ериҳӯ аз сатҳи баҳр 250 метр *пасттар*, Байт-Ҳинӣ бошад, тахминан 600 метр аз сатҳи баҳр *баландтар* ҷойгир аст. Барои ҳамин барои аз Ериҳӯ ба Байт-Ҳинӣ расидан бо роҳи душворгузаре, ки қариб 20 километр тӯл мекашад, боло баромадан лозим аст. Байт-Ҳинӣ дар доманаи шарқии кӯҳи Зайтун, дар масофаи тахминан 3 километр аз Ерусалим дур, ҷойгир аст. Дар ин қишлоқча Лаъзор ҳамроҳи ду хоҳараш зиндагӣ мекунад.

Бисёри яҳудиён аллакай барои ҷашн гирифтани иди Раҳоӣ ба Ерусалим рафтаанд. Онҳо «барои ба ҷо овардани маросими покшавӣ» барвақттар омадаанд, то ки агар ба ҷасаде расида бошанд ва ё ба таври дигар нопок шуда бошанд, пок шаванд (Юҳанно 11:55; Ададҳо 9:6–10). Баъзе аз онҳое, ки барвақт омадаанд, дар маъбад ҷамъ мешаванд. Онҳо мехоҳанд донанд, ки оё Исо ба иди Раҳоӣ меомада бошад ё не (Юҳанно 11:56).

Мардум оиди омадани Исо баҳсу мунозира мекунанд. Баъзе роҳбарони дин мехоҳанд Исоро дастгир карда, кушанд. Онҳо ҳатто ба одамон гуфтанд, ки агар касе дар куҷо будани Исоро фаҳмад, зуд ба онҳо хабар диҳад (Юҳанно 11:57). Аз ин пеш ҳам, вақте Исо Лаъзорро зинда карда буд, ин роҳбарони дин қасд карданд, ки Исоро кушанд (Юҳанно 11:49–53). Барои ҳамин баъзеҳо фикр мекунанд, ки Исо ба ид намеояд.

Исо рӯзи ҷумъа, «шаш рӯз пеш аз Иди раҳоӣ», ба Байт-Ҳинӣ меояд (Юҳанно 12:1). Мувофиқи тақвими яҳудиён рӯзи нав бегоҳ сар мешавад ва рӯзи шанбеи яҳудиён (8 нисон) рӯзи ҷумъа баъд аз ғуруби офтоб сар мешавад ва то бегоҳи рӯзи шанбе, то ғуруби навбатӣ, давом мекунад. Барои ҳамин гуфтан мумкин аст, ки Исо то ғуруби рӯзи ҷумъа сафарашро ба охир расонд, чунки барои яҳудиён дар рӯзи шанбе сафар кардан норавост. Исо, аз афташ, чун ҳарвақта ба хонаи Лаъзор меравад.



Шимъӯн ном марде дар Байт-Ҳинӣ Исо ва ҳамроҳонаш, аз ҷумла Лаъзорро, бегоҳи рӯзи шанбе ба меҳмонӣ таклиф мекунад. Дар Китоби Муқаддас Шимъӯн махавӣ номида шудааст. Аз афташ, ӯ пеш махавӣ буду Исо ӯро сиҳат карда буд. Исову ҳамроҳонаш ба хонаи Шимъӯн меоянд. Дар байни онҳо Мартову Марям низ ҳузур доранд. Марто, ки духтари боғайрат аст, ба меҳмонон хизмат мекунад. Таваҷҷӯҳи Марям бошад, ба Исо банд аст ва ӯ коре мекунад, ки боиси баҳсу мунозира мешавад.

Марям кӯзачаи сангинеро мекушояд, ки он «тахминан сесад грамм равғани тозаи хушбӯй ва қиматбаҳо»-е дорад, ки аз нардсунбул тайёр шудааст (Юҳанно 12:3). Нархи ин равғани пурқимат 300 динор аст, ки он ба музди яксолаи коргари одӣ баробар аст! Марям ба сару пойи Исо равғанро рехта, пойҳои ӯро бо мӯяш хушк мекунад. Бӯйи форами равғани атрафшон хонаро пур мекунад.



Ин кор ба шогирдон маъқул намешавад. Онҳо мегӯянд: «Ин равғани хушбӯйро исроф кардан чӣ даркор буд?» (Марқӯс 14:4). Яҳудои Исқарют мегӯяд: «Магар беҳтар набуд, ки ин равғани хушбӯйро ба сесад динор фурӯхта, пулашро ба камбағалон тақсим кунем?» (Юҳанно 12:5). Лекин дили Яҳудо дар асл ба камбағалон неву ба пул месӯзад, чунки ӯ аз қуттичае, ки шогирдон дар он пулашонро нигоҳ медоранд, медуздад.

Исо Марямро тарафгирӣ карда мегӯяд: «Барои чӣ ин занро хиҷил мекунед? Вай барои ман кори нек кард. Зеро камбағалон ҳама вақт бо шумо хоҳанд буд, лекин ман на ҳама вақт бо шумо ҳастам. Ин зан ба баданам равғани хушбӯйро молида маро барои гӯронидан тайёр кард. Ба ростӣ ба шумо мегӯям: дар ҳар гӯшаву канори дунё, ки ин хушхабар эълон карда мешавад, кори кардаи ин зан низ барои ёдоварии вай нақл карда хоҳад шуд» (Матто 26:10–13).

Исо зиёда аз як рӯз дар Байт-Ҳинӣ мебошад ва ин овоза дар ҳама ҷо паҳн мешавад. Яҳудиёни бисёр барои дидани Исо меоянд. Ғайр аз ин, онҳо мехоҳанд Лаъзорро, ки Исо аз мурдагон зинда кардааст, бо чашмони худ бинанд (Юҳанно 12:9). Коҳинони калон акнун забон як мекунанд, ки ҳам Исо ва ҳам Лаъзорро кушанд. Онҳо фикр мекунанд, ки мардум Лаъзорро, ки мурда буд, зинда дида, ба Исо имон меоранд. Чӣ хел дилсиёҳу бадниятанд ин роҳбарони дин!

---

◇ Яҳудиён дар маъбад оиди чӣ баҳсу мунозира мекунанд?
◇ Чаро гуфтан мумкин аст, ки Исо рӯзи ҷумъа аллакай ба Байт-Ҳинӣ расида буд?
◇ Кадом кори Марям боиси баҳсу мунозира мешавад ва чӣ тавр Исо ӯро тарафгирӣ мекунад?
◇ Чӣ дилсиёҳиву бадтинатии коҳинони калонро нишон медиҳад?

# ПОДШОҲ САВОРИ ХАРКУРРА БА ЕРУСАЛИМ МЕДАРОЯД

МАТТО 21:1–11, 14–17   МАРҚӮС 11:1–11   ЛУҚО 19:29–44   ЮҲАННО 12:12–19

Рӯзи дигар, якшанбеи 9-и нисон, Исо ҳамроҳи шогирдонаш аз Байт-Ҳинӣ баромада, ба Ерусалим меравад. Вақте онҳо ба Байт-Фоҷӣ, ки бар кӯҳи Зайтун ҷойгир аст, мерасанд, Исо ба ду шогирдаш мегӯяд:

«Ба ин қишлоқ, ки дар рӯ ба рӯйи шумост, дароед. Ҳамин ки ба он ҷо даромадед, хари бастаеро бо куррааш хоҳед дид. Бандро кушода, онҳоро назди ман биёред. Агар касе ба шумо чизе гӯяд, чунин ҷавоб диҳед: “Онҳо ба Ҳазрат даркоранд”. Ва ӯ ҳамон замон ба шумо иҷозат медиҳад, ки онҳоро бо худ баред» (Матто 21:2, 3).

Шогирдон намефаҳманд, ки ин суханони Исо бо иҷрошавии як пешгӯйии Китоби Муқаддас алоқаманд аст. Пайғамбар Закарё пешгӯйӣ карда буд, ки Подшоҳи аз тарафи Худо ваъдашуда «ҳалим аст, ва бар харе, бар курраи бачаи модахар» ба Ерусалим медарояд (Закарё 9:9). Баъдтар шогирдон мефаҳманд, ки ин пешгӯйӣ дар он рӯз иҷро шуд.

Вақте шогирдон ба Байт-Фоҷӣ меоянд, онҳо хари бастаеро бо куррааш гирифтанӣ мешаванд. Одамоне, ки дар он ҷо истода буданд, мегӯянд: «Чаро онро кушода истодаед?» (Марқӯс 11:5). Лекин, вақте он шахсон мефаҳманд, ки ин барои Ҳазрат даркор аст, ба шогирдон монеъ намешаванд. Шогирдон харро бо куррааш ба пеши устодашон меоранду ҷомаҳояшонро ба болои онҳо мегузоранд ва Исо ба курра савор мешавад.

Вақте Исо ба Ерусалим наздик мешавад, мардум дар пеши ӯ ҷамъ шудан мегиранд. Бисёриҳо ҷомаҳои худро дар сари роҳи Исо пойандоз мекунанд, дигарон бошанд, шохаҳои дарахтонро бурида, пеши пойи ӯ мепартоянд. Онҳо фарёд зада мегӯянд: «Худоё, илтиҷо мекунем, ӯро дар паноҳат нигоҳ дор! Баракат ёбад шахсе, ки ба номи Яҳува меояд! Худо Подшоҳии омадаистодаи падарамон Довудро баракат диҳад!» (Марқӯс 11:8–10). Фарисиён аз ин норозӣ мешаванд ва ба Исо мегӯянд: «Эй Устод, ба шогирдонат фармон деҳ, ки хомӯш шаванд». Исо дар ҷавоб мегӯяд: «Ба шумо мегӯям, ки агар онҳо хомӯш шаванд, ин сангҳо фарёд хоҳанд зад» (Луқо 19:39, 40).

Исо ба Ерусалим нигоҳ мекунад ва ба ҳоли он гиря карда мегӯяд: «Кошки ту дар ин рӯз мефаҳмидӣ, ки чӣ бароят осоиштагӣ меорад... аммо ҳоло ин аз чашмони ту пинҳон аст». Ин шаҳр бояд барои саркашиаш ҷазо гирад. Исо пешгӯйӣ мекунад: «Душманони ту дар атрофат аз чӯбҳои нӯгтез девор сохта, туро иҳота мекунанд ва аз ҳар тараф ба танг меоранд. Онҳо туро ба хок яксон карда, фарзандонатро несту нобуд месозанд ва дар ту санге бар санге намемонанд» (Луқо 19:42–44). Ин суханони Исо соли 70-и милодӣ, ҳангоми харобшавии Ерусалим, иҷро мешаванд.

Вақте Исо ба Ерусалим медарояд, тамоми мардуми шаҳр ба ҳаяҷон омада мепурсанд: «Ин кист?» Одамоне, ки ҳамроҳи ӯ буданд, мегӯянд: «Ин Исои пайғамбар аст, ки аз Носираи Ҷалил мебошад» (Матто 21:10, 11). Онҳое, ки зинда шудани Лаъзорро дида буданд, ба дигарон дар бораи ин мӯъҷиза нақл мекунанд. Фарисиён мебинанд, ки ҳеҷ кор карда наметавонанд ва ба якдигар мегӯянд: «Тамоми ҷаҳон аз пайи ӯ меравад» (Юҳанно 12:18, 19).

Баъд Исо аз рӯйи одати худ ба маъбад медарояд, то мардумро таълим диҳад. Дар он ҷо ӯ кӯрон ва маъюбонро шифо медиҳад. Фарисиён ва шариатдонон корҳои ӯро мебинанд ва мешунаванд, ки чӣ тавр кӯдакон фарёд зада мегӯянд: «Худоё, илтиҷо мекунем, Писари Довудро дар паноҳат нигоҳ дор!» Ин онҳоро ба ғазаб меорад. Сарварони дин аз Исо мепурсанд: «Оё мешунавӣ, ки инҳо чӣ мегӯянд?» Ӯ ҷавоб медиҳад: «Магар нахондаед, ки навишта шудааст: “Аз даҳони кӯдакон ва тифлон ҳамду саноро ба вуҷуд овардаӣ”?» (Матто 21:15, 16).

Дар маъбад Исо ба гирду атроф нигоҳ мекунад. Ҳоло бевақт шуда истодааст, барои ҳамин ӯ ҳамроҳи шогирдонаш аз он ҷо меравад. Даҳуми нисон нашуда ӯ аз Ерусалим мебарояд ва ба Байт-Ҳинӣ равона мешавад ва шаби якшанберо дар он ҷо мегузаронад.

# 102

• ИСО ТАНТАНАВОР БА ЕРУСАЛИМ МЕДАРОЯД
• ХАРОБШАВИИ ЕРУСАЛИМ ПЕШГӮЙӢ МЕШАВАД



◇ Исо кай ва чӣ тавр чун Подшоҳ ба Ерусалим медарояд?
◇ Исо ба Ерусалим нигоҳ карда чӣ ҳис мекунад ва чиро пешгӯйӣ мекунад?
◇ Вақте Исо ба маъбад медарояд, чӣ рӯй медиҳад?

# ИСО БОРИ ДУЮМ МАЪБАДРО ТОЗА МЕКУНАД

МАТТО 21:12, 13, 18, 19 МАРҚӮС 11:12–18 ЛУҚО 19:45–48 ЮҲАННО 12:20–27

Исо ва шогирдонаш аз Ериҳӯ ба Байт-Ҳинӣ омада, се шаб дар он ҷо меистанд. Ҳоло саҳарии рӯзи душанбе, 10-и нисон аст, ва Исо ҳамроҳи шогирдонаш сӯйи Ерусалим равона аст. Исо гурусна аст, аз ин рӯ, вақте дар роҳ дарахти анҷирро мебинад, ба наздаш меравад, то бинад, ки оё он мева дорад ё не.

Асосан анҷир бояд моҳи июн пазад, ҳоло бошад, охирҳои моҳи март аст. Лекин ин дарахти анҷир пеш аз вақт барг баровардааст. Барои ҳамин Исо баргҳои онро дида фикр мекунад, ки дарахт мева ҳам дорад. Лекин, вақте ӯ ба назди дарахт меравад, мебинад, ки фиреб хӯрдааст. Он гоҳ Исо мегӯяд: «Бигзор ҳеҷ гоҳ касе аз меваи ту нахӯрад» (Марқӯс 11:14). Ҳамон лаҳза дарахт хушк шудан мегирад ва шогирдон инро танҳо саҳари рӯзи дигар мефаҳманд.

Чанде пас Исо ҳамроҳи шогирдонаш ба Ерусалим меояд ва ба маъбад медарояд. Дирӯз Исо маъбадро бодиққат аз назар гузаронда буд, имрӯз бошад, ӯ кореро мекунад, ки се сол пеш дар иди Раҳоии соли 30-и милодӣ карда буд (Юҳанно 2:14–16). Ин дафъа Исо «онҳоеро, ки машғули харидуфурӯш»-анд, аз маъбад пеш мекунад ва «мизҳои пуливазкунандагону курсиҳои кафтарфурӯшонро» чаппа мекунад (Марқӯс 11:15). Ӯ ҳатто ба касоне, ки роҳро миёнабур мекунанд ва аз саҳни маъбад гузашта, ба тарафи дигари шаҳр чиз мебаранд, иҷозат намедиҳад, ки гузаранд.

Барои чӣ Исо бо касоне, ки пул иваз мекунанд ва дар маъбад ҳайвонҳоро мефурӯшанд, ин тавр амал мекунад? Ӯ мегӯяд: «Магар навишта нашудааст: “Хонаи Ман ҷойи дуогӯйии тамоми халқҳо номида хоҳад шуд”? Шумо бошед, онро ба хонаи ғоратгарон табдил додаед» (Марқӯс 11:17). Барои чӣ Исо онҳоро ғоратгар меномад? Сабаб дар он аст, ки одамон маҷбуранд барои қурбонӣ аз маъбад ҳайвон харанд. Ин савдогарони бешарму беҳаё бошанд, ҳайвонҳоро бо нархи хеле баланд мефурӯшанд ва ҳамин тавр мардумро ғорат мекунанд.

Коҳинони калон, шариатдонон ва дигар шахсони соҳибмартаба аз кори Исо хабардор мешаванд ва боз қасди куштани ӯро мекунанд. Лекин ба мақсад расидани онҳо душвор аст, чунки мардуми зиёде барои гӯш кардани Исо дар наздаш ҷамъ мешаванд.

Барои ҷашн гирифтани иди Раҳоӣ на танҳо яҳудиён, балки ҳамчунин ғайрияҳудиёне меоянд, ки дини яҳудиро қабул кардаанд. Дар байни онҳо юнониҳое ҳастанд, ки барои ибодат ба Ерусалим омадаанд. Онҳо ба назди Филиппус меоянд (шояд, барои он ки ӯ номи юнонӣ дорад) ва мегӯянд, ки мехоҳанд Исоро бинанд. Филиппус намедонад, ки ба онҳо чӣ ҷавоб диҳад, барои ҳамин рафта, бо Андриёс маслиҳат мекунад. Он гоҳ ин ду расул ба назди Устодашон, ки, аз афташ, то ҳол дар маъбад аст, мераванд ва масъаларо ба вай мефаҳмонанд.

Исо медонад, ки баъди чанд рӯз кушта мешавад, барои ҳамин фикр мекунад, ки ҳоло вақти қонеъ кардани кунҷкобии одамон ё шӯҳрат ёфтан нест. Ӯ дар ҷавоб ба ин ду шогирдаш чунин мисоле меорад: «Вақти он расидааст, ки Писари одам ҷалол ёбад. Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям, ки агар донаи гандум ба замин афтода намирад, танҳо худаш мемонад, вале, агар бимирад, ҳосили фаровон меорад» (Юҳанно 12:23, 24).

Як донаи гандум ба назар ночиз метобад. Лекин, вақте он дар замин кошта мешавад ва гӯё мемирад, метавонад сабзад ва хӯша баста гандуми бисёр ба бор орад. Ба ин монанд, Исо низ ягона шахси комил аст. Лекин то дами марг ба Худо содиқ монда ӯ барои бисёр касоне, ки мисли худаш фидокоранд, ба сӯйи ҳаёти ҷовидона роҳ мекушояд. Исо мегӯяд: «Ҳар кӣ ҷони худро азиз дорад, онро барбод медиҳад, вале ҳар кӣ дар ин ҷаҳон аз ҷони худ нафрат кунад, онро барои ҳаёти ҷовидонӣ нигоҳ медорад» (Юҳанно 12:25).

Баъд ӯ давом медиҳад: «Ҳар касе, ки ба ман хизмат кардан хоҳад, бигзор маро пайравӣ намояд ва ҳар ҷое, ки ман бошам, хизматгори ман



низ ҳамон ҷо хоҳад буд. Ҳар касе, ки ба ман хизмат кунад, Падар ӯро иззат хоҳад кард» (Юҳанно 12:26). Касоне, ки Падар онҳоро иззат мекунад, дар Подшоҳии осмон ҳамроҳи Исо ҳукмронӣ мекунанд. Чӣ мукофоти пурарзише!

Исо медонад, ки бояд бисёр азоб кашад ва бо марги пурдард бимирад. Барои ҳамин ӯ мегӯяд: «Ҳоло ман дар изтироб ҳастам. Чӣ гӯям? Эй Падар, маро аз он чӣ дар пеш аст, наҷот деҳ». Лекин Исо ҳаргиз намехоҳад аз иҷрои хости Худо сар печад. Аз ин рӯ ӯ илова мекунад: «Аммо ман маҳз барои ҳамин омадаам» (Юҳанно 12:27). Бале, Исо тайёр аст нияти Худоро ба пуррагӣ иҷро кунад ва ҳатто марги пуразобро қабул дорад.

◇ Барои чӣ Исо фикр мекунад, ки дарахти анҷир мева бастааст, ҳол он ки мавсими анҷир ҳоло нарасидааст?

◇ Барои чӣ Исо касонеро, ки дар маъбад савдо мекунанд, «ғоратгарон» меномад?

◇ Аз кадом ҷиҳат Исо ба донаи гандум монанд аст ва ӯ дар бораи азобҳову марги худ чӣ фикр дорад?

# ОЁ ЯҲУДИЁН ИМОН МЕОРАНД?

ЮҲАННО 12:28–50

Рӯзи душанбеи даҳуми нисон аст. Исо дар маъбад асту дар борои он гап мезанад, ки ба наздикӣ бояд кушта шавад. Ӯ хавотир аст, ки ин воқеа ба номи Худо доғ оварданаш мумкин аст. Барои ҳамин ӯ аз Худо хоҳиш мекунад: «Эй Падар, номи Худро ҷалол деҳ». Овози боҳашамате аз осмон шунида мешавад: «Ҷалол додаам ва боз ҷалол хоҳам дод» (Юҳанно 12:27, 28).

Мардум инро шунида ҳайратзада мешаванд. Баъзеҳо фикр мекунанд, ки ин овози раъд аст. Дигарон мегӯянд: «Бо ӯ фариштае гап зад» (Юҳанно 12:29). Лекин ин на раъд буду на фаришта, балки овози Яҳува Худо! Дар ин се соли хизмати Исо мардум на як бор овози Худоро мешунаванд.

Сею ним сол пеш, вақте Исо таъмид мегирифт, Яҳё-пайғамбар аз осмон ин суханони Худоро шунида буд: «Ин Писари азизи Ман аст ва Ман аз ӯ розиям». Баъдтар бошад, баъд аз иди Раҳоии соли 32-и милодӣ, Яъқуб, Юҳанно ва Петрус шоҳиди он буданд, ки чӣ тавр Исо дар пеши назарашон дигаргун шуд. Ҳамон замон онҳо аз осмон овози Худоро шуниданд, ки чунин гуфт: «Ин Писари азизи Ман аст ва Ман аз ӯ розиям. Ӯро гӯш кунед» (Матто 3:17; 17:5). Бори сеюм, яъне ҳозир, Яҳува тавре сухан мегӯяд, ки ҳама овозашро мешунаванд.

Исо ба одамон мегӯяд: «Ин садо на барои ман, балки барои шумо буд» (Юҳанно 12:30). Ин исботи он аст, ки Исо, дар ҳақиқат, Писари Худо ва Масеҳи ваъдашуда аст.

Исо то охири умр ба Худо содиқ монда ба ҳамаи мо намунаи ибрат гузошт. Ҳамчунин ӯ бо тарзи ҳаёташ исбот кард, ки ҳокими ин ҷаҳон — Шайтон бояд ҷазои худро бинад. Исо мегӯяд: «Вақти доварӣ кардани ин ҷаҳон расидааст, акнун ҳокими ин ҷаҳон ронда хоҳад шуд». Марги Исо нишони шикаст неву нишони ғалабаи ӯст. Исо мегӯяд: «Вақте ман аз замин боло бардошта мешавам, ҳар гуна одамонро назди худ ҷалб мекунам» (Юҳанно 12:31, 32). Исо ҷони худро қурбон карда одамонро ба худ ҷалб месозад ва барои ҳаёти ҷовидонӣ роҳ мекушояд.

Вақте Исо мегӯяд, ки боло бардошта мешавад, мардум ҷавоб медиҳанд: «Мо аз Таврот шунидаем, ки Масеҳ то абад мемонад. Чӣ тавр ту мегӯӣ, ки Писари одам бояд боло бардошта шавад? Писари одам кист?» (Юҳанно 12:34). Ин одамон исботи бисёреро бо чашмони худ диданд, ҳатто овози худи Худоро шуниданд, лекин аксари онҳо ҳанӯз имон намеоранд. Онҳо ҳанӯз ҳам бовар намекунанд, ки Исо Писари одам, яъне Масеҳ, аст.

Мисли пештара Исо худашро «нур» меноманд (Юҳанно 8:12; 9:5). Ӯ мардумро огоҳ мекунад: «Нур боз муддати кӯтоҳе дар миёни шумо хоҳад буд. То даме ки равшанӣ доред, дар он роҳ равед, то ки торикӣ шуморо фаро нагирад... То даме ки нур бо шумост, ба он имон оред, то писарони нур шавед» (Юҳанно 12:35, 36). Баъд аз гуфтани ин суханон Исо аз он ҷо меравад, чунки ҳоло 10-уми нисон аст ва соати маргаш ҳанӯз фаро нарасидааст. Ӯ бояд 14-уми нисон, ҳангоми иди Раҳоӣ «боло бардошта» шавад, яъне дар сутун мехкӯб карда шавад (Ғалотиён 3:13).

Исо муддати чанд сол ба яҳудиён мавъиза мекард, лекин онҳо ба суханонаш гӯш намедоданд ва ба вай имон намеоварданд. Ҳамин тавр пешгӯйии пайғамбар Ишаъё иҷро гардид. Ӯ пешгӯӣ карда буд, ки чашмони ин одамон кӯру дилҳояшон сахт мешавад ва онҳо ба Худо рӯ намеоранду шифо намеёбанд (Ишаъё 6:10; Юҳанно 12:40). Дар ҳақиқат, аксари яҳудиён Исоро рад мекунанд. Онҳо ба далелҳои раднопазир нигоҳ накарда эътироф намекунанд, ки ӯ Халосгари онҳост, ки дар борааш дар Навиштаҳо пешгӯйӣ шудааст.

Ниқӯдимус, Юсуфи аромотӣ ва дигар роҳбарон ба Исо имон меоранд. Лекин оё онҳо далерона амал мекунанд? Ва ё аз тарси он ки онҳоро аз ибодатгоҳ пеш мекунанд ва ё обрӯйи худро дар назди мардум аз даст медиҳанд, имонашонро нишон намедиҳанд? (Юҳанно 12:42, 43).

Исо мефаҳмонад, ки ба вай имон овардан чӣ маъно дорад: «Ҳар кӣ ба ман имон меорад, на танҳо ба ман, балки ҳамчунин ба Фиристандаи ман имон меорад ва ҳар кӣ маро мебинад, Фиристандаи маро низ мебинад». Худо ба Исо фармудааст, ки ҳақиқатро ба одамон таълим диҳад. Чизҳое, ки Исо таълим медиҳад, то дараҷае муҳим ҳастанд, ки ӯ мегӯяд: «Барои касе, ки маро ҳурмат намекунаду суханонамро қабул наменамояд, доваре ҳаст. Сухане, ки ман гуфтаам, ӯро дар рӯзи охирин доварӣ хоҳад кард» (Юҳанно 12:44, 45, 48).

Исо суханашро тамом карда мегӯяд: «Ман аз пеши худ сухан нагуфтаам, балки Падаре, ки маро фиристодааст, ба ман амр дод, ки маҳз чиро бояд гӯям. Ва ман медонам, ки амри Ӯ сӯйи ҳаёти ҷовидонӣ мебарад» (Юҳанно 12:49, 50). Исо медонад, ки каме пас ӯ ҷони худро барои шахсоне, ки ба ӯ имон доранд, фидо мекунад (Румиён 5:8, 9).



◇ Дар давоми хизмати Исо дар кадом се маврид овози Худо шунида шуд?

◇ Кадом роҳбарон ба Исо имон оварданд, лекин чӣ сабаб шуда метавонад, ки инро аз дигарон пинҳон кунанд?

◇ Дар кадом асос одамон «дар рӯзи охирин» доварӣ карда мешаванд?

# ИСО ДАРАХТИ АНҶИРИ ХУШКШУДАРО МИСОЛ МЕОРАД

МАТТО 21:19–27 МАРҚӮС 11:19–33 ЛУҚО 20:1–8

Рӯзи душанбе, баъди нисфирӯзӣ, Исо аз Ерусалим боз ба Байт-Ҳинӣ меояд. Ин қишлоқ дар доманаи шарқии кӯҳи Зайтун воқеъ аст. Аз афташ, Исо шабро дар хонаи дӯстонаш — Лаъзор, Марям ва Марто мегузаронад.

Ҳоло саҳари 11-уми нисон аст. Исо ҳамроҳи шогирдонаш роҳи Ерусалимро пеш мегирад ва бори охир ба маъбад меояд. Ин охирин рӯзест, ки Исо мардуми зиёдро таълим медиҳад. Баъд ӯ бори охир иди Раҳоиро ҷашн мегирад ва маросими ёдбуди маргашро ҷорӣ мекунад. Пас аз ин ӯро доварӣ мекунанду ба қатл мерасонанд.

Онҳо аз кӯҳи Зайтун гузашта, ба Ерусалим мераванд. Дар роҳ Петрус ба дарахте, ки рӯзи гузашта Исо онро лаънат карда буд, ишора карда мегӯяд: «Устод, инро бин! Дарахти анҷире, ки ту лаънат кардӣ, хушк шудааст» (Марқӯс 11:21).

Барои чӣ Исо тавре кард, ки ин дарахт хушк шуд? Ӯ мефаҳмонад: «Ба ростӣ ба шумо мегӯям: агар имон дошта бошед ва шакку шубҳа накунед, на танҳо он чиро, ки ман бо анҷир кардам, ба амал хоҳед овард, балки, ҳатто агар ба ин кӯҳ “худро бардошта, ба баҳр парто” гӯед, ҳамин тавр хоҳад шуд. Ва ҳар чиро, ки бо имон дар дуо хоҳиш кунед, ҳатман хоҳед ёфт» (Матто 21:21, 22). Чанде пеш Исо ба шогирдонаш гуфта буд, ки агар имон дошта бошанд, кӯҳро аз ҷояш ҷунбонда метавонанд. Ҳоло низ ӯ ба хушк шудани дарахти анҷир ишора карда ин фикрро қайд мекунад (Матто 17:20).

Дарахти анҷирро хушк карда Исо аниқу равшан нишон медиҳад, ки ба Худо имон доштан хеле муҳим аст. Ӯ мегӯяд: «Имон дошта бошед, ки ҳар чиро ки дар борааш дуо мегӯед ва аз Худо хоҳиш мекунед, ба даст меоред, ва он ба шумо дода хоҳад шуд» (Марқӯс 11:24). Дар ҳақиқат, имон доштан барои ҳамаи пайравони Исо муҳим аст. Махсусан расулон бояд имон дошта бошанд, чунки ба қарибӣ онҳо бо озмоишҳои сахте рӯ ба рӯ мешаванд. Бо ин кораш Исо дар мавриди имон дарси дигареро меомӯзад.

Исроилиён ба маъное ба ин дарахт монанданд. Баргҳои ин дарахти анҷирро дида кас гумон мекунад, ки он аллакай мева бастааст. Ба ин монанд, азбаски Худо бо исроилиён аҳд баста буд, ба назар чунин тофта метавонад, ки онҳо мувофиқи Шариат зиндагӣ мекунанд. Лекин дар асл чунин нест. Қисми зиёди халқ беимон аст ва мисли он дарахти анҷир самар надорад. Онҳо ҳатто Писари Худоро рад мекунанд. Исо бо хушк кардани дарахти анҷир нишон медиҳад, ки оқибат бо исроилиёни бесамар ва беимон чӣ рӯй медиҳад.

Каме пас Исо ва шогирдонаш ба Ерусалим дохил мешаванд. Исо аз рӯйи одат ба маъбад медарояд ва ба таълимдиҳӣ сар мекунад. Коҳинони калон ва пирон, шояд, дар хотир доранд, ки рӯзи гузашта Исо бо касоне, ки пул иваз мекунанд, чӣ гуна рафтор карда буд. Барои ҳамин онҳо аз Исо мепурсанд: «Ту ба кардани ин корҳо чӣ ҳақ дорӣ? Ва кӣ ба кардани ин корҳо ба ту ҳуқуқ додааст?» (Марқӯс 11:28).

Исо ба онҳо мегӯяд: «Ман ҳам ба шумо як савол дорам. Ба саволи ман ҷавоб диҳед, он гоҳ ман ҳам мегӯям, ки ба кардани ин корҳо кӣ ба ман ҳаққу ҳуқуқ додааст. Канӣ гӯед: Худо ба Яҳё ҳақ дода буд, ки таъмид диҳад, ё одамон?» Коҳинон ва пирон намедонанд, ки чӣ ҷавоб диҳанд, барои ҳамин байни худ андеша ронда, мегӯянд: «Агар “Худо” гӯем, ӯ мегӯяд: “Пас, барои чӣ ба вай имон наовардед?” Аммо, агар “одамон” гӯем...» Ин роҳбарон аз мардум метарсанд, зеро мардум боварӣ доранд, ки «Яҳё дар ҳақиқат пайғамбар буд» (Марқӯс 11:29–32).

Душманони Исо ба ин савол ҷавоб дода наметавонанд, барои ҳамин мегӯянд: «Намедонем». Он гоҳ Исо ба онҳо мегӯяд: «Ман ҳам ба шумо намегӯям, ки ба кардани ин корҳо кӣ ба ман ҳуқуқ додааст» (Марқӯс 11:33).

# 105



- Барои чӣ 11-уми нисон санаи муҳим аст?
- Хушк шудани дарахти анҷир чиро нишон медиҳад?
- Чӣ тавр Исо коҳинон ва пиронро дар ҳолати ногувор мемонад?

# ДУ МИСОЛ ДАР БОРАИ ТОКЗОР

МАТТО 21:28–46 МАРҚӮС 12:1–12 ЛУҚО 20:9–19

Навакак дар маъбад коҳинони калон ва пирони халқ Исоро бо саволе санҷидан хостанд. Лекин чизе, ки Исо дар ҷавоб аз ин сарварони дин мепурсад, онҳоро дар ҳолати ногувор мемонад ва онҳо чӣ гуфтанашонро намедонанд. Он гоҳ Исо мисоле меорад, ки чӣ гуна инсон будани онҳоро нишон медиҳад.

Ӯ мегӯяд: «Марде ду писар дошт. Рӯзе ӯ ба пеши писари калонӣ омада, гуфт: "Писарам, имрӯз ба токзор рафта, кор кун". Ӯ ҷавоб дод: "Намеравам", аммо баъд пушаймон шуд ва рафт. Падар рафта, аз писари дуюмаш ҳам ҳамон чизро хоҳиш кард ва ӯ "майлаш, падар" гуфта ҷавоб дод, аммо нарафт. Кадоме аз он ду писар хости падарро иҷро кард?» (Матто 21:28–31). Ҷавоби ин савол аён аст — хости падарро охиру оқибат писари калонӣ иҷро кард.

Исо гапашро давом дода ба душманонаш мегӯяд: «Ба ростӣ ба шумо мегӯям, ки ҷамъкунандагони андоз ва фоҳишаҳо ба Подшоҳии Худо пеш аз шумо дохил хоҳанд шуд». Ҷамъоварони андоз ва фоҳишаҳо дар аввал ба Худо хизмат намекарданд. Лекин баъдтар онҳо чун писари якум пушаймон шуданд ва хизмати Худоро сар карданд. Сарварони дин бошанд, ба писари дуюм монананд. Онҳо даъво мекунанд, ки хизмати Худоро ба ҷо меоранд, лекин дар асл ин корро намекунанд. Исо мегӯяд: «Яҳё омада, ба шумо роҳи ростро нишон дод, аммо шумо ба ӯ бовар накардед, ҷамъкунандагони андоз ва фоҳишагон бошанд, бовар карданд. Вале шумо ҳатто инро дида пушаймон нашудед ва ба ӯ бовар накардед» (Матто 21:31, 32).

Пас аз ин Исо мисоли дигаре меорад. Ин дафъа ӯ нишон медиҳад, ки сарварони дин ғайр аз он ки ба Худо хизмат намекунанд, бераҳму бадкоранд. Исо мегӯяд: «Марде дар замини худ токҳои ангур шинонд, дар гирди он деворе бино кард, барои фишурдани ангур ҳавзчае канд ва бурҷе сохт. Баъд токзорро ба токпарварон иҷора дода, ба сафар рафт. Вақте ки мавсими ҳосилғундорӣ расид, вай ғуломеро ба назди токпарварон фиристод, то ҳаққи худро аз ҳосили токзор гирад. Лекин онҳо ғуломро дошта, заданд ва дасти холӣ фиристоданд. Соҳиби токзор ғуломи дигарашро фиристод, деҳқонон бошанд, сари вайро кафонданд ва шармсору шарманда карданд. Ӯ боз каси дигарро фиристод ва онҳо вайро куштанд; ва боз шахсони зиёди дигарро назди онҳо фиристод, лекин деҳқонон баъзеашонро заданд, баъзеи дигарашонро бошад, куштанд» (Марқӯс 12:1–5).

Оё шунавандагони Исо ба маънои мисоли ӯ сарфаҳм меравганд? Шояд, онҳо суханони зеринеро, ки Худо ба воситаи Ишаъё-пайғамбар гуфта буд, ба хотир меоранд: «Хонадони Исроил токзори Худованди лашкарҳо мебошанд, ва мардони Яҳудо — ниҳоли дилпазири Ӯ; ва Ӯ умеди инсоф дошт, ва инак — ноинсофӣ» (Ишаъё 5:7). Дар мисоли Исо низ Яҳува соҳиби токзор аст, худи токзор бошад, халқи Исроил мебошад. Шариати Худо онҳоро чун девор муҳофизат мекард. Яҳува пайғамбаронро назди халқаш мефиристод, то онҳоро таълим диҳад ва ёрдам кунад, ки самари хуб оранд.

Лекин «токпарварон» баъзе «ғулом»-онеро, ки ба наздашон фиристода шуданд, заданд ва баъзеашонро куштанд. Исо мегӯяд: «Соҳиби токзор як писар дошт, ки барояш азиз буд. Оқибат, ӯ "писарамро ҳатман ҳурмат мекунанд" гуфта, писарашро фиристод. Лекин токпарварон ба якдигар гуфтанд: "Ин меросхӯр аст. Биёед ӯро мекушем ва меросаш аз они мо мешавад". Ва онҳо вайро дастгир карда, куштанд» (Марқӯс 12:6–8).

Баъд Исо мепурсад: «Соҳиби токзор чӣ кор мекунад?» (Марқӯс 12:9). Сарварони дин ҷавоб медиҳанд: «Ӯ онҳоро аз сабаби бадкориашон несту нобуд мекунад, токзорро бошад, ба токпарварони иҷора медиҳад, ки ҳаққи ӯро аз ҳосили токзор дар мавсимаш медиҳанд» (Матто 21:41).



Ин сарварон нафаҳмида худашонро ҳукм мекунанд, чунки онҳо низ дар байни «токпарварон»-и «токзор»-и Яҳува, яъне халқи Исроил, мебошанд. Барои ҳамин Яҳува ҳақ дорад аз онҳо самари хуб талаб кунад, яъне интизор шавад, ки онҳо ба Писараш, Масеҳ, имон меоранд. Исо ба он сарварон нигоҳ карда мегӯяд: «Магар боре ҳам порчаи зерини Навиштаҳои Муқаддасро нахондаед: “Санге, ки бинокорон рад карданд, санги асосии гӯшаи бино гашт. Ин санг аз тарафи Яҳува фиристода шудааст ва он дар назари мо аҷоиб аст”?» (Марқӯс 12:10, 11). Баъд Исо кушоду равшан мегӯяд: «Бинобар ин ба шумо мегӯям, ки Подшоҳии Худо аз шумо гирифта, ба халқе дода хоҳад шуд, ки самар меорад» (Матто 21:43).

Шариатдонон ва коҳинони калон мефаҳманд, ки «вақте Исо ин мисолро гуфт, онҳоро дар назар дошт» (Луқо 20:19). Аз ин рӯ онҳо боз ҳам бештар мехоҳанд ӯро, ки «меросхӯр»-и қонунӣ аст, кушанд. Лекин онҳо ин корро ҳамон лаҳза намекунанд. Онҳо аз мардум метарсанд, зеро мардум Исоро пайғамбар меҳисобад.

---

◊ Ду писар аз мисоли Исо кистанд?

◊ Дар мисоли дуюм «соҳиби токзор», «токзор», «токпарварон», «ғулом»-он ва «меросхӯр» киҳоянд?

◊ Оқибат бо «токпарварон» чӣ мешавад?

# ПОДШОҲ БА ТӮЙИ АРӮСӢ МЕҲМОН ТАКЛИФ МЕКУНАД

МАТТО 22:1–14

Ба қарибӣ хизмати Исо ба охир мерасад. Исо мисолҳои дигар оварда бадкории шариатдонон ва фарисиёнро фош мекунад ва барои ҳамин онҳо мехоҳанд ӯро кушанд (Луқо 20:19). Ӯ мегӯяд:

«Подшоҳии осмонро ба подшоҳе монанд кардан мумкин аст, ки писарашро хонадор карданӣ шуда базм барпо кард. Ӯ ғуломонашро барои овардани одамоне, ки ба тӯйи арӯсӣ таклиф шуда буданд, фиристод, вале онҳо омадан нахостанд» (Матто 22:2, 3). Азбаски Исо дар бораи «Подшоҳии осмон» гап мезанад, хулоса баровардан мумкин аст, ки «подшоҳ» худи Яҳува мебошад. Лекин писари подшоҳ ва даъватшудагон кистанд? Писари подшоҳ Писари Яҳува, яъне Исои Масеҳ мебошад, даъватшудагон бошанд, касонеанд, дар оянда ҳамроҳи Писар дар Подшоҳии осмонӣ ҳукмронӣ мекунанд.

Касоне, ки аввал таклиф шуданд, киҳоянд? Исову расулонаш аввал ба яҳудиён дар бораи Подшоҳии Худо мавъиза карда буданд, пас, хулоса баровардан мумкин аст, ки касоне, ки аввалин шуда даъват шуда буданд, яҳудиёнанд (Матто 10:6, 7; 15:24). Соли 1513-и пеш аз милод бо халқи Исроил аҳди Шариат баста шуд ва онҳо аввалин шуда имконият пайдо карданд, ки «мамлакати коҳинон» шаванд (Хуруҷ 19:5–8) Лекин кай онҳо ба тӯйи арӯсӣ таклиф шуданд? Соли 29-и милодӣ, вақте Исо мавъизаро дар бораи Подшоҳии осмон сар кард.

Аксари исроилиён ба ин даъват чӣ тавр муносибат карданд? Исо мегӯяд, ки «онҳо омадан нахостанд». Бисёре аз сарварони дин ва дигар одамон ӯро чун Масеҳ ва Подшоҳ аз тарафи Худо қабул накарданд.

Лекин ба яҳудиён боз имконият дода мешавад, ки даъватро қабул кунанд. Исо мегӯяд: «Он гоҳ подшоҳ ғуломони дигарашро фиристода, гуфт: “Ба даъватшудагон чунин гӯед: “Инак, ман зиёфатро омода намудам, барзаговҳо ва дигар чорвои беҳтаринро сар буридам ва ҳама чиз тайёр аст. Ба тӯйи арӯсӣ биёед”. Вале даъватшудагон ба суханони ғуломон беэътиноӣ карда, яке ба киштзори худ ва дигаре



аз пайи харидуфурӯш рафтанд, боқимондагон бошанд, ғуломони подшоҳро дошта, онҳоро латукӯб карданд ва оқибат куштанд» (Матто 22:4–6). Вақте ҷамъомади масеҳӣ ташкил шуд, яҳудиён то ҳол имконият доштанд, ки ба Подшоҳии Худо дохил шаванд, лекин бисёри онҳо ин даъватро рад карданд ва ҳатто «ғуломони подшоҳро» латукӯб карданду баъзеашонро куштанд (Аъмол 4:13–18; 7:54, 58).

Исо суханашро давом медиҳад: «Инро фаҳмида подшоҳ ба ғазаб омад ва сарбозонашро фиристода, он одамкушонро ба қатл расонд ва шаҳрашонро оташ зад» (Матто 22:7). Ин суханони Исо соли 70-и милодӣ, вақте лашкари Рум шаҳри яҳудиён — Ерусалимро несту нобуд карданд, иҷро шуд.

Вақте яҳудиён даъвати подшоҳро рад карданд, оё ин маънои онро дошт, ки дигар ҳеҷ кас таклиф намешавад? Не. Исо мегӯяд: «Баъд аз ин [подшоҳ] ба ғуломонаш гуфт: “Зиёфати тӯй тайёр аст, вале даъватшудагон сазовори чунин базм нестанд. Барои ҳамин ба сари роҳҳои калон баромада, ҳар касеро, ки мебинед, ба тӯй даъват кунед”. Ғуломон ба сари роҳҳо баромада, ҳамаи одамони ёфтаашонро, ки дар қаторашон ҳам одамони нағз буданду ҳам одамони бад, ба тӯйхона ҷамъ оварданд ва он ҷо аз меҳмонон пур шуд» (Матто 22:8–10).



Чанде пас Петруси расул ба ғайрияҳудиёне, ки дини яҳудиро қабул накардаанд, ёрӣ дод, ки пайравони ҳақиқии Масеҳ шаванд. Соли 36-и милодӣ ба Корнилюс ном мирисади румӣ ва аҳли оилааш рӯҳи муқаддас фурӯ рехт ва онҳо имконият пайдо карданд, ки ба Подшоҳии осмон, ки Исо дар бораащ гуфта буд, роҳ ёбанд (Аъмол 10:1, 34–48).

Исо мегӯяд, ки на ҳама меҳмононе, ки ба тӯй меоянд, ба подшоҳ писанд мешаванд: «Вақте ки подшоҳ барои дидани меҳмонон ба тӯйхона даромад, чашмаш ба марде афтод, ки либоси тӯёна надошт. Аз ин рӯ ӯ гуфт: “Эй дӯст, ту ба ин ҷо бе либоси тӯёна чӣ тавр даромадӣ?” Он мард бошад, чӣ гуфтанашро надонист. Инро дида подшоҳ ба хизматгоронаш гуфт: “Дасту пояшро баста, вайро ба берун, ба торикӣ, партоед, ки он ҷо ӯ гиря мекунаду дандонҳояшро ғиҷиррос мезанонад”. Бале, даъватшудагон бисёранд, лекин интихобшудагон кам» (Матто 22:11–14).

Мумкин сарварон дин маънои суханони Исо ва аҳамияти онҳоро пурра нафаҳманд. Лекин онҳо боз ҳам бештар ба хашм меоянд ва мехоҳанд ҳар чӣ зудтар касеро, ки «ошашонро шӯр мекунад», кушанд.

- ◊ Дар мисоли Исо «подшоҳ», «писараш» ва касоне, ки аввал ба тӯй таклиф шудаанд, кистанд?
- ◊ Яҳудиён кай даъват шуданд ва баъди онҳо кӣ даъват шуд?
- ◊ Он ки «даъватшудагон бисёранд, лекин интихобшудагон кам» чиро нишон медиҳад?

# ДУШМАНОН ИСОРО БА ДОМ АФТОНДА НАМЕТАВОНАНД

МАТТО 22:15–40  МАРҚӮС 12:13–34  ЛУҚО 20:20–40

Душманони Исо дарғазабанд. Ӯ навакак якчанд мисол оварда бадкории онҳоро фош кард. Ҳоло фарисиён забон як карда мехоҳанд Исоро ба дом афтонанд. Ин сарварони дин ба шогирдонашон пул медиҳанд, то онҳо бо ягон ҳила дар сухани Исо айбе ёбанд. Он гоҳ онҳо метавонанд ӯро ба дасти ҳокими Рум супоранд (Луқо 6:7).

Ин одамон ба назди Исо омада, мегӯянд: «Эй Устод, мо медонем, ки суханону таълими ту дуруст аст ва ту ба ҳама бо як чашм нигоҳ мекуниву дар бораи Худо дуруст таълим медиҳӣ. Пас, ба мо бигӯ, ки ба қайсар андози сарикасӣ супоридан равост ё не?» (Луқо 20:21, 22). Исо фирефтаи хушомади онҳо намешавад, зеро дурӯягиву маккории онҳоро пай мебарад. Исо медонад, ки агар «не, андоз супоридан раво нест» гӯяд, ӯро дар он айбдор карда метавонанд, ки мардумро бар зидди ҳокимияти Рум ба шӯр андохта истодааст. Лекин, агар «ҳа, шумо бояд андоз супоред» гӯяд, мардум, ки аз ҳукмронии румиён ба дод омадаанд, метавонанд суханони ӯро нодуруст фаҳманд ва ба ӯ дарафтанд. Пас, Исо чӣ ҷавоб медиҳад?

Ӯ мегӯяд:

— Барои чӣ маро месанҷед, эй дурӯяҳо? Канӣ, ба ман тангаеро, ки бо он андоз месупоред, нишон диҳед.

Вақте онҳо тангаи динорро меоранд, ӯ мепурсад:

— Дар ин танга сурат ва номи киро мебинед?

— Қайсарро,— ҷавоб медиҳанд онҳо.

Он гоҳ Исо ба онҳо дастуроти бохирадонае медиҳад:



— Пас, он чӣ аз они қайсар аст, ба қайсар диҳед ва он чӣ аз они Худост — ба Худо (Матто 22:18–21).

Ҷавоби оқилонаи Исоро шунида ин ҳилагарон дар ҳайрат мемонанд ва чӣ гуфтанашонро надониста аз пешаш мераванд. Тири фарисиён хок мехӯрад, лекин Исо ҳанӯз нафаси осуда накашида ба наздаш саддуқиён меоянд.

Саддуқиён, ки ба зинда шудани мурдагон бовар надоранд, аз Исо мепурсанд: «Устод, Мӯсо-пайғамбар гуфтааст: “Агар мард фарзанд надида бимирад, бародари он шахс бояд ба зани ӯ хонадор шавад ва барои бародараш насл ба дунё орад”. Дар як оила ҳафт бародар буданд. Бародари калонӣ оиладор шуд ва, азбаски соҳиби фарзанд нагашта мурд, зани вайро додараш гирифт. Бо бародари дуюм, сеюм ва то ҳафтум айнан ҳамон ҳодиса рӯй дод. Баъд аз ҳамаи онҳо худи зан ҳам мурд. Пас, дар вақти эҳёшавӣ вай зани кадоме аз он ҳафт бародар мешавад? Охир, ҳамаи онҳо ӯро ба занӣ гирифта буданд» (Матто 22:24–28).

Азбаски саддуқиён навиштаҳои Мӯсо-пайғамбарро қабул мекунанд, Исо дар ҷавоб ба ин навиштаҳо ишора карда мегӯяд: «Магар сабаби гумроҳиатон ин нест, ки шумо на Навиштаҳои Муқаддасро медонеду на қудрати Худоро? Вақте ки мурдагон зинда мешаванд, онҳо на зан мегиранд ва на ба шавҳар мебароянд, балки мисли фариштагоне хоҳанд буд, ки дар осмонанд. Лекин, агар дар бораи зинда шудани мурдагон гӯем, магар шумо дар китоби Мӯсо-пайғамбар нақлро оиди хорбутта нахондаед? Худо он вақт ба Мӯсо гуфта буд: “Ман Худои Иброҳим, Худои Исҳоқ ва Худои Яъқуб ҳастам”. Ӯ на Худои мурдагон, балки Худои зиндагон аст. Шумо сахт гумроҳ шудаед» (Марқӯс 12:24–27; Хуруҷ 3:1–6). Мардум аз ҷавоби Исо ба ҳайрат меоянд.

Фарисиён ва саддуқиён ба суханони Исо ҷавоб ёфта натавонистанд, акнун ин душманони Исо мехоҳанд якҷоя шуда боз ӯро санҷанд. Як шариатдоне аз Исо мепурсад: «Устод, кадом амр дар Шариат муҳимтарин аст?» (Матто 22:36).

Исо ҷавоб медиҳад: «Амри муҳимтарин ин аст: “Эй Исроил, гӯш кун! Яҳува Худои мост ва Яҳува яктост. Ва ту Худои худ Яҳуваро бо тамоми дили худ, бо тамоми ҷони худ, бо тамоми ақли худ ва бо тамоми қуввати худ дӯст дор.” Ва дуюмаш чунин аст: “Дигаронро мисли худат дӯст дор”. Аз ин ду амр бузургтаре нест» (Марқӯс 12:29–31).

Ҷавоби Исоро шунида ин шариатдон мегӯяд: «Рост мегӯӣ, Устод, “Худованд яктост ва ғайр аз Ӯ дигаре нест”; ва Ӯро бо тамоми дил, бо тамоми ақл ва бо тамоми қувват дӯст доштан ва дигаронро мисли худ дӯст доштан аз тамоми қурбониҳои сӯхтанӣ ва ҳадияҳо муҳимтар аст». Исо мебинад, ки ин шариатдон бохирадона ҷавоб дод, барои ҳамин мегӯяд: «Ту аз Подшоҳии Худо дур нестӣ» (Марқӯс 12:32–34).

Дар давоми се рӯз (9, 10 ва 11 нисон) Исо дар маъбад таълим медиҳад. Баъзе одамон, ба мисли ин шариатдон, бо шавқу ҳаваси зиёд Исоро гӯш мекунанд. Сарварони дин бошанд, тоқати шунидани таълими ӯро надоранд ва ҳоло ҳеҷ кадоми онҳо ҷуръат намекунад, ки ба ӯ саволе диҳад.

---

◇ Фарисиён чӣ кор мекунанд, то дар сухани Исо айбе ёбанд, ва оқибат чӣ мешавад?

◇ Вақте саддуқиён Исоро ба дом афтонданӣ мешаванд, ӯ чӣ мегӯяд?

◇ Шариатдоне ба Исо чӣ савол медиҳад ва Исо дар ҷавоб чӣ мегӯяд?

# ИСО САРВАРОНИ ДИНРО ТАНҚИД МЕКУНАД

МАТТО 22:41–23:24 МАРҚӮС 12:35-40 ЛУҚО 20:41-47

Роҳбарони дин мехостанд дар суханони Исо айбе ёбанду ӯро ба дом афтонда ба румиён супоранд, лекин ин кор ба онҳо муяссар нашуд (Луқо 20:20). Ҳоло 11-уми нисон аст ва Исо дар маъбад мебошад. Бори гузашта роҳбарони дин Исоро хуб пурсуков карда буданд, ҳозир бошад, Исо худаш бо онҳо саволу ҷавоб мекунад. Ӯ аз онҳо мепурсад: «Шумо дар бораи Масеҳ чӣ фикр доред? Ӯ писари кист?» (Матто 22:42). Ба ҳама маълум аст, ки Масеҳ бояд аз насли Довуд биёяд, барои ҳамин онҳо ҷавоб медиҳанд: «Писари Довуд» (Матто 9:27; 12:23; Юҳанно 7:42).

Исо боз мепурсад: «Ин тавр бошад, барои чӣ Довуд зери таъсири рӯҳи муқаддас ӯро “Сарвар” номида чунин гуфтааст: “Яҳува ба Сарвари ман гуфт: “Аз тарафи рости Ман шин, то даме ки душманонатро зери пойи ту гузорам”? Агар Довуд ӯро “Сарвар” номад, пас, чӣ тавр ӯ писари вай буда метавонад?» (Матто 22:43–45).

Фарисиён умед доранд, ки аз насли Довуд ҳокиме пайдо мешавад, ки аз зулми ҳукумати Рум онҳоро халос мекунад. Лекин Исо суханони Забур 109:1, 2-ро иқтибос оварда мефаҳмонад, ки Масеҳ ҳокими одие нест. Довуд ӯро Сарвар меномад ва ӯ ҳукмронии худро баъд аз он ки аз тарафи рости Худо менишинад, сар мекунад. Барои ҳамин вақте Исо ин оятҳоро иқтибос меорад, фарисиён хомӯш мемонанд.

Дар ин ҷо шогирдон ва дигарон ҳам ҳузур доранд. Барои ҳамин Исо ба онҳо муроҷиат карда аз рафтори фарисиёну шариатдонон огоҳашон мекунад. Ӯ мегӯяд, ки фарисиёну шариатдонон «ҷойи Мӯсоро гирифтаанд» ва ба одамон Шариати Худоро таълим медиҳанд. Исо мегӯяд: «Тамоми гуфтаҳояшонро ба ҷо ореду кардаашонро не, зеро онҳо мегӯянду гуфтаҳои худро ба ҷо намеоранд» (Матто 23:2, 3).

Исо бо мисоле дурӯягии фарисиёну шариатдононро фош мекунад. Ӯ мегӯяд, ки онҳо «қуттичаҳои оятдори худро, ки чун тӯмор мебananд, калонтар» мекунанд. Дар он замонҳо баъзе мардони яҳудӣ чунин қуттичаҳои хурдро ба пешонӣ ва ба дасти чапи худ мебастанд. Дар даруни ин қуттичаҳо порчаҳое аз Шариати Худо ҷойгир буданд. Лекин фарисиён қуттичаҳои худро калонтар карда диндориву худотарсии худро нишон додан мехоҳанд. Ҳамчунин онҳо «шилшилаи либосҳояшонро дарозтар мекунанд». Либоси исроилиён бояд шилшиладор мебуд, лекин фарисиён мехоҳанд шилшилаҳояшон ҳар чи дарозтар бошад (Ададҳо 15:38–40). Онҳо ҳамаи ин корҳоро «барои худнамоӣ мекунанд» (Матто 23:5).

Исо намехоҳад, ки шогирдонаш мисли фарисиён ҷоҳталаб бошанд. Барои ҳамин ӯ онҳоро насиҳат мекунад: «Шумо набояд Устод номида шавед, зеро шумо як Устод доред, ҳамаи шумо бошед, бародаронед. Беш аз ин, касеро дар рӯйи замин Падар наномед, зеро шумо танҳо як Падар доред, ки дар осмон аст. Ҳамчунин нагузоред, ки шуморо Пешво номанд, зеро шумо як Пешво доред, ки Масеҳ аст». Баъд Исо мефаҳмонад, ки шогирдон бояд ба худ чӣ гуна назар дошта бошанд: «Ҳар кӣ дар байнатон бузургтар аст, бояд хизматгузори шумо шавад. Ҳар касе, ки худро аз дигарон боло гирад, паст мегардад ва ҳар касе, ки худро фурӯтан созад, сарбаланд мегардад» (Матто 23:8–12).

Баъд бошад, Исо рафтори фарисиёну шариатдононро маҳкум карда мегӯяд: «Вой бар ҳоли шумо, эй шариатдонон ва фарисиёни дурӯя, зеро шумо дарвозаҳои Подшоҳии осмонро ба рӯйи одамон баста, ҳам худатон ба он намедароед ва ҳам ба касоне, ки даромадан мехоҳанд, монеъ мешавед» (Матто 23:13).

Исо фарисиёнро барои бефаҳмӣ ва беэътиноӣ ба амрҳои Худо маҳкум мекунад. Яке аз масъалаҳое, ки дар он фарисиён зидди фикри Худо мебароянд, ин аст, ки онҳо мегӯянд: «Агар касе ба маъбад қасам хӯраду онро иҷро наку-



над, ҳеҷ гап нест, аммо, агар касе ба тиллои маъбад қасам хӯрад, бояд ҳатман қасами худро ба ҷо орад». Онҳо ин тавр гуфта пулро аз маъбад, ки макони парастиши Яҳува Худост, болотар мегузоранд. Онҳо «он чиро, ки дар Шариат муҳимтар аст, яъне адолат, раҳм ва вафодориро зери по» мекунанд (Матто 23:16, 23; Луқо 11:42).

Исо ба онҳо мегӯяд: «Эй роҳнамоёни кӯр, шумо хомӯшаки ба зарф афтодаро гирифта мепартоеду шутурро фурӯ мебаред!» (Матто 23:24). Хомӯшак ҳашароти нопок аст. Барои ҳамин агар дар зарфи шаробашон хомӯшак афтад, фарисиён онро дур мекунанд. Аммо онҳо чизҳои муҳимтари Шариатро зери по мекунанд. Барои ҳамин гуфтан мумкин аст, ки онҳо шутурро фурӯ мебаранд, ҳол он ки шутур низ ҳайвони нопок асту аз хомӯшак калонтар аст (Ибодат 11:4, 21–24).

◊ Вақте Исо суханони Забур 109-ро иқтибос меорад, чаро фарисиён хомӯш мемонанд?
◊ Чаро фарисиён қуттичаҳои оятдори худро калонтару шилшилаҳои либосашонро дарозтар месозанд?
◊ Исо ба шогирдонаш чӣ насиҳате медиҳад?

# ИСО БОРИ ОХИР ДАР МАЪБАД ТАЪЛИМ МЕДИҲАД

МАТТО 23:25–24:2 МАРҚӮС 12:41–13:2 ЛУҚО 21:1–6

Ҳоло Исо бори охир дар маъбад аст ва ӯ фош кардани дурӯягии шариатдонону фарисиёнро давом медиҳад. Исо рӯирост онҳоро дурӯя номида мегӯяд: «Шумо беруни пиёла ва табақро тоза мекунед, аммо даруни онҳо пур аз чашмгуруснагӣ ва хоҳишҳоест, ки шумо идора намекунед. Эй фарисиёни кӯр, аввал даруни пиёла ва табақро тоза кунед, то ки беруни он ҳам пок гардад» (Матто 23:25, 26). Фарисиён амрҳоеро, ки бо покшавӣ ва намуди зоҳирӣ алоқаманданд, як ба як иҷро мекунанд, лекин ба ботини худ аҳамият намедиҳанд ва дили худро пок намесозанд.

Дурӯягии ин сарварони дин ҳамчунин аз он маълум аст, ки онҳо мехоҳанд барои пайғамбарон мақбараҳо созанд ва онҳоро оро диҳанд. Ҳол он ки худашон, чи тавре ки Исо мегӯяд, «писарони кушандагони пайғамбарон» ҳастанд (Матто 23:31). Ин одамон ҳатто мехоҳанд пайғамбари бузург — Исоро кушанд (Юҳанно 5:18; 7:1, 25).

Пас аз ин Исо мегӯяд, ки агар ин роҳбарони дин тавба накунанд, онҳоро чӣ интизор аст: «Эй морон ва афъизодагон, аз ҳукми ба водии Ҳиннӯм партофта шудан чӣ тавр гурехта метавонед?» (Матто 23:33). Водии Ҳиннӯм, ки дар наздикии Ерусалим ҷойгир аст, барои сӯзонидани партовҳо истифода мешавад ва рамзи несту нобудшавии абадӣ мебошад. Фарисиёну шариатдонони бадкореро, ки тавба намекунанд, чунин нестӣ интизор аст.

Исо ба назди фарисиёну шариатдонон «пайғамбарон, хирадмандон ва таълимдиҳандагон», яъне шогирдони худро, мефиристад. Ин сарварони дин онҳоро чӣ тавр қабул мекунанд? Исо ба онҳо мегӯяд: «Шумо баъзеи онҳоро мекушед ва дар сутун ба қатл мерасонед ва баъзеи дигарро дар ибодатгоҳҳои худ қамчинкорӣ мекунеду аз шаҳр ба шаҳр таъқиб менамоед. Ҳамин тавр тамоми хуни ба замин рехтаи росткорон — аз хуни Ҳобили росткор то хуни Закарё... ки шумо ӯро... куштед — бар гардани шумост». Сипас ӯ огоҳ мекунад: «Ба ростӣ ба шумо мегӯям: ин насл барои тамоми гуноҳҳои кардааш ҷазо хоҳад гирифт» (Матто 23:34–36). Ин суханони Исо соли 70-и милодӣ, вақте лашкари румиён Ерусалимро вайрону валангор карданд ва ҳазорҳо яҳудиёнро куштанд, ба иҷро расиданд.

Дар бораи ин вазъияти даҳшатовар фикр карда, Исо оҳи пурдарде мекашад ва мегӯяд: «Эй Ерусалим, Ерусалим, шаҳре, ки пайғамбаронро мекушӣ ва онҳоеро, ки ба наздат фиристода шудаанд, сангсор мекунӣ! Чанд бор хостам, ки кӯдакони туро ҷамъ оварам, чи тавре ки мурғ чӯҷаҳои худро зери болаш ҷамъ мекунад, аммо ту нахостӣ. Инак, Худо ин хонаро тарк хоҳад кард» (Матто 23:37, 38). Шунавандагони Исо, шояд, фикр мекунанд, ки ӯ дар бораи кадом «хона» гап мезада бошад. Аз афташ, Исо ин ҷо ба маъбади Ерусалим ишора мекунад, ки ба ақидаи одамон зери ҳимояи Худо мебошад.

Сипас Исо илова мекунад: «Ба шумо мегӯям, ки дигар маро нахоҳед дид, то даме ки нагӯед: “Баракат ёбад шахсе, ки ба номи Яҳува меояд”» (Матто 23:39). Ин ҷо Исо суханони Забур 117:26-ро иқтибос меорад. Дар он ҷо чунин пешгӯйӣ шудааст: «Муборак аст Он ки ба исми Худованд меояд! Шуморо аз хонаи Худованд баракат мехоҳем». Равшан аст, ки вақте маъбади Ерусалим несту нобуд мешавад, дигар ҳеҷ кас барои ибодат кардани Яҳува ба он ҷо намеояд.

Баъди ин Исо ба он қисми маъбад, ки он ҷо қуттиҳои хайрия истодаанд, равона мешавад. Исо мебинад, ки яҳудиён ба сӯрохии он қуттиҳо пул меандозанд ва сарватмандон «тангаҳои зиёд» хайрия мекунанд. Он вақт Исо шоҳиди он мешавад, ки чӣ тавр бевазани камбағале ба қуттии хайрия «ду тангаи хурдеро, ки арзиши хеле кам» дорад, мепартояд (Марқӯс 12:41, 42). Бешубҳа, Исо медонад, ки ҳадияи ин зан дар назари Худо хеле гаронбаҳо аст.

Исо шогирдонашро ба назди худ хонда мегӯяд: «Ба ростӣ ба шумо мегӯям, ки ин бевазани камбағал аз ҳамаи онҳое, ки ба зарфҳои хайриякунӣ пул меандохтанд, зиёдтар хайрия кард». Ба ка-

дом маъно? Ӯ мефаҳмонад: «Онҳо аз зиёдатии худ хайрия мекарданд, вай бошад, нигоҳ накарда ба камбағалиаш, ҳар чизи доштааш — тамоми ризқу рӯзиашро, дод» (Марқӯс 12:43, 44). Дар ҳақиқат, тарзи фикр ва рафтори ин зан аз роҳбарони дин тамоман фарқ мекунад.

Ҳоло 11-уми нисон аст. Исо аз маъбад баромада меравад ва дигар ҳеҷ гоҳ ба он намеояд. Ҳангоми рафтанаш яке аз шогирдон ба ӯ мегӯяд: «Устод, нигоҳ кун, то чӣ андоза зебоянд ин сангҳо ва биноҳо!» (Марқӯс 13:1). Дар ҳақиқат, баъзе сангҳои девори маъбад беҳад калонанд ва аз устувору бақувват будани он шаҳодат медиҳанд. Барои ҳамин суханоне, ки Исо дар ҷавоб мегӯяд, барои шогирдон аҷоиб метобанд. Ӯ мегӯяд: «Ин биноҳои боҳашаматро мебинӣ? Дар ин ҷо санге бар санге намонда, ҳамааш ба хок яксон хоҳад шуд» (Марқӯс 13:2).

Баъди гуфтани ин суханон Исо ҳамроҳи расулонаш аз водии Қидрӯн гузашта, ба кӯҳи Зайтун мебарояд. Дар давоми якчанд вақт ӯ ҳамроҳи чор расулаш — Петрус, Андриёс, Яъқуб ва Юҳанно танҳо мемонад. Аз он ҷо онҳо ин маъбади боҳашаматро бемалол дида метавонанд.



◊ Исо бори охири дар маъбад буданаш чӣ кор мекунад?
◊ Исо дар бораи маъбад чиро пешгӯйӣ мекунад?
◊ Барои чӣ Исо мегӯяд, ки бевазани камбағал назар ба одамони бой бисёртар хайрия кард?

# РАСУЛОН АЗ ИСО АЛОМАТ МЕПУРСАНД

МАТТО 24:3–51 МАРҚӮС 13:3–37 ЛУҚО 21:7–38



Имрӯз сешанбеи 11-уми нисон аст ва рӯз ба охир расида истодааст. Рӯзҳои охир Исо хеле серкор буд ва каме пас хизмати ӯ ба охир мерасад. Ӯ рӯзона дар маъбад таълим медод, шабро бошад, берун аз шаҳр мегузаронд. Мардум «саҳарии барвақт барои шунидани суханони ӯ ба маъбад меомаданд» ва бо шавқу завқ ӯро гӯш мекарданд (Луқо 21:37, 38). Лекин ҳоло Исо ҳамроҳи чор расул — Петрус, Андриёс, Яъқуб ва Юҳанно дар кӯҳи Зайтун аст.

Навакак Исо пешгӯйӣ кард, ки маъбад несту нобуд мешавад ва дар он санге бар санге боқӣ намемонад. Расулон дар фикри онанд, ки бо маъбад чӣ рӯй медиҳад, барои ҳамин онҳо дар танҳоӣ пеши Исо омадаанд. Лекин онҳо на танҳо дар бораи маъбад ташвиш мекашанд. Каме пеш Исо гуфта буд: «Шумо низ тайёр бошед, зеро дар соате, ки гумон надоред, Писари одам меояд» (Луқо 12:40). Ҳамчунин Исо дар бораи «зоҳир шудани Писари одам» гап зада буд (Луқо 17:30). Оё ҳамаи ин бо чизе, ки ӯ дар бораи маъбад гуфт, алоқаманд аст? Расулон инро фаҳмидан мехоҳанд, барои ҳамин ба Исо мегӯянд: «Ба мо бигӯй, ки ин кай рӯй медиҳад ва аломати ҳузур доштани ту ва охирзамон чӣ хоҳад буд?» (Матто 24:3).

Аз афташ, шогирдон нобудшавии маъбади Ерусалимро дар назар доранд. Худи ҳоло онҳо аз болои кӯҳ маъбадро дида истодаанд. Ҳамчунин онҳо дар бораи ҳузури Писари одам мепурсанд. Чанде пеш Исо дар бораи «марде аз хонадони шоҳ» нақл карда буд, ки ӯ ба кишвари дурдасте сафар мекунад, то дар он ҷо подшоҳ таъйин гардида, сипас баргардад. Шояд, расулон ин мисолро ба хотир оварданд (Луқо 19:11, 12). Боз онҳо фаҳмидан мехоҳанд, ки дар охирзамон чӣ рӯй медиҳад.

Дар ҷавоб Исо як ба як мефаҳмонад, ки аз рӯйи кадом аломатҳо фаҳмидан мумкин аст, ки Ерусалим ва маъбади он аз байн мераванд. Ин аломатҳо дар оянда ба пайравони Исо кӯмак мекунанд, то фаҳманд, ки «ҳузур»-и ӯ ва охирзамон фаро расидааст.

Дар давоми солҳои минбаъда расулон иҷрошавии пешгӯйиҳои Исоро мебинанд. Аллакай дар рӯзҳои расулон бисёре аз ин пешгӯйиҳо иҷро шудан мегиранд. Баъди 37 сол, яъне соли 70-и милодӣ, Ерусалим ва маъбад аз байн мераванд. Масеҳиёне, ки он вақт ҳушёру бедор мемонанд, ба ин воқеаҳо тайёр хоҳанд буд. Лекин на ҳама пешгӯйиҳои Исо пеш аз соли 70-и милодӣ ва дар давоми он иҷро мешаванд. Расулон аз Исо пурсида буданд, ки аломати ҳузури ӯ чӣ мешавад. Ӯ ба ин саволи онҳо ҷавоб медиҳад.

Исо пешгӯйӣ мекунад, ки дар он вақт ҷангҳо рӯй медиҳанд ва «як халқ бо халқи дигаре ва як давлат бо давлати дигаре ҷанг хоҳад кард» (Матто 24:6, 7). Ҳамчунин ӯ мегӯяд, ки «заминҷунбиҳои сахт ба амал меоянд ва дар ҳама ҷо пайи ҳам гуруснагиву вабоҳо сар мезананд» (Луқо 21:11). Исо шогирдонашро огоҳ мекунад: «Одамон шуморо таъқиб мекунанд» (Луқо 21:12). Дар он замон пайғамбарони бардурӯғе пайдо мешаванд, ки бисёриҳоро гумроҳ месозанд. Аз сабаби зиёд шудани бадкорӣ муҳаббати бисёриҳо сард мешавад. Ғайр аз ин, Исо мегӯяд, ки «хушхабар дар бораи Подшоҳии

---

◊ Чаро расулон дар бораи рӯйдодҳои оянда савол медиҳанд ва, аз афташ, онҳо дар бораи чӣ ташвиш мекашанд?

◊ Пешгӯйии Исо кай ва чӣ тавр ба иҷрошавӣ сар мекунад?

◊ Чӣ аломати ҳузури Исо мешавад?

Худо дар тамоми дунё эълон карда мешавад, то ҳамаи халқҳо имконияти шунидани онро дошта бошанд ва пас аз ин анҷом фаро хоҳад расид» (Матто 24:14).

Баъзе аз пешгӯийҳои Исо пеш аз он ки Ерусалим аз тарафи румиён нобуд шавад, иҷро мегарданд, баъзеи дигар бошанд, ҳангоми он. Лекин оё ин пешгӯийҳо боз дар миқёси бузургтар иҷро мешаванд? Оё шумо бо чашмони худ мебинед, ки ин пешгӯийҳо дар рӯзҳои мо иҷро шуда истодаанд?

Чи тавре ки Исо гуфт, яке аз аломатҳои ҳузури ӯ ин аст, ки шогирдонаш «чизи нафратангезро, ки ҳама чиро несту нобуд мекунад», мебинанд (Матто 24:15). Соли 66-и милодӣ шогирдон «чизи нафратангезро» мебинанд, яъне «лашкарҳо»-и Рум бо парчаму нишонҳои бутпарастонаашон меоянд. Онҳо Ерусалимро иҳота мекунанд ва аз зери яке аз деворҳои шаҳр роҳи зеризаминӣ мекананд (Луқо 21:20). Ҳамин тавр, чизи нафратангез дар ҷое меистад, ки набояд дар он истад, яъне дар ҷое, ки барои яҳудиён муқаддас аст.

Исо пешгӯйӣ мекунад: «Мусибати бузурге рӯй медиҳад, ки аз аввали ҷаҳон то ба ҳол рӯй надода буд ва дигар ҳеҷ гоҳ рӯй нахоҳад дод». Соли 70-и милодӣ румиён Ерусалимро забт мекунанд. Вайрону валангор шудани шаҳри муқаддасу маъбад ва марги садҳо ҳазор одамон дар ҳақиқат мусибати бузург аст (Матто 4:5; 24:21). То ин дам ба сари Ерусалим ва яҳудиён чунин балои харобиовар наомада буд. Тӯли садсолаҳо халқ Худои худро дар маъбади Ерусалим ибодат мекард, акнун бошад, Ерусалим ва маъбад аз байн мераванд. Бинобар ин, гуфтан мумкин аст, ки вақте пешгӯийҳои Исо дар оянда иҷро мешаванд, ин дар ҳақиқат мусибати бузург мешавад.

## УМЕД ДАР ДАВОМИ ОХИРЗАМОН

Ҳоло нақли Исо дар бораи аломати охирзамон ва чун Подшоҳ ҳузур доштанаш тамом нашудааст. Мувофиқи суханони ӯ, дар он рӯзҳо «одамоне пайдо мешаванд, ки худро бардурӯғ Масеҳ ва пайғамбар меноманд». Ба гуфти Исо, чунин шахсон кӯшиш мекунанд, «то, агар тавонанд, ҳатто интихобшудагонро гумроҳ кунанд» (Матто 24:24). Лекин интихобшудагон ба доми онҳо намеафтанд. Одамон шахсонеро, ки худро бардурӯғ Масеҳ меноманд, мебинанд, лекин ҳузури Масеҳ ба чашм ноаён мешавад.

Исо дар бораи мусибати бузурге, ки дар охири ҷаҳони Шайтон рӯй медиҳад, чунин мегӯяд: «Офтоб хира мегардад ва моҳтоб дигар равшанӣ намедиҳад, ситорагон аз осмон меафтанд ва қувваҳои осмон ба ларзиш меоянд» (Матто 24:29). Расулон намедонанд, ки ин суханон маҳз чӣ тавр иҷро мешаванд, лекин мефаҳманд, ки он воқеаҳо даҳшатовар хоҳанд буд.

Ин воқеаҳои даҳшатовар ба одамон чӣ тавр таъсир мекунанд? Исо мегӯяд: «Одамон аз тарсу ҳарос ва интизории воқеаҳое, ки бар сари сокинони замин меоянд, аз ҳол мераванд, чунки қувваҳои осмон ба ларзиш меоянд» (Луқо 21:26). Бале, Исо дар бораи рӯйдодҳои даҳшатоваре гап мезанад, ки одамизод пеш аз ин надида буд.

Ҳамзамон Исо мегӯяд, ки вақте Писари одам «бо қудрат ва ҷалоли бузург меояд», на ҳама аз ғаму андӯҳ ба синаашон мезананд (Матто 24:30). Ӯ каме пеш қайд карда буд, ки «ба хотири интихобшудагон он рӯзҳо кӯтоҳ карда мешаванд» (Матто 24:22). Пас, шогирдони Исо бояд ба ин рӯйдодҳо чӣ гуна муносибат кунанд? Исо мегӯяд: «Вақте ки ба амал омадани ин чизҳо сар мешавад, қомати худро рост карда, сарҳои худро бардоред, чунки халосии шумо наздик аст» (Луқо 21:28).

Лекин чӣ тавр дар охирзамон шогирдони Исо фаҳмида метавонанд, ки анҷоми ҷаҳон наздик аст? Исо мисоли анҷирро меорад: «Ҳамин ки шохаҳои он муғҷа баста, барг мебароранд, шумо мефаҳмед, ки тобистон наздик аст. Ба ин монанд, вақте ҳамаи ин воқеаҳоро мебинед, донед, ки Писари одам наздик аст, дар пеши дар аст. Ба ростӣ ба шумо мегӯям: ҳанӯз ин насл аз байн нарафта, ҳамаи ин чизҳо ба амал меоянд» (Матто 24:32–34).

Пас, вақте шогирдон дар як замон иҷро шудани якчанд пешгӯйии Исоро мебинанд, онҳо мефаҳманд, ки анҷом наздик аст. Чизе, ки Исо баъд мегӯяд, ба он масеҳиёне дахл дорад, ки дар охирзамон зиндагӣ мекунанд. Ӯ мегӯяд:

«Он рӯз ва соатро ғайр аз Падар ҳеҷ кас намедонад: на фариштагони осмон, на Писар. Лекин чунон ки дар рӯзҳои Нӯҳ-пайғамбар буд, дар вақти ҳузури Писари одам низ ҳамон хел хоҳад буд. Чи тавре ки пеш аз Тӯфон, то вақти ба киштӣ даромадани Нӯҳ, одамон мехӯрданду менӯшиданд, зан мегирифтанду ба шавҳар мебаромаданд ва то вақти омада, ҳамаро нест у нобуд кардани Тӯфон чизе намефаҳмиданд, дар вақти ҳузури Писари одам низ ҳамон тавр хоҳад шуд» (Матто 24:36–39). Исо он вақтро ба Тӯфони рӯзҳои Нӯҳ-пайғамбар монанд мекунад, ки он ба ҳар як сокини замин таъсир карда буд.

Расулоне, ки дар кӯҳи Зайтун ба суханони Исо гӯш медиҳанд, бояд дарк кунанд, ки ҳушёру бедор будан хеле муҳим аст. Исо мегӯяд: «Ба худ диққат диҳед, то ки пурхӯрӣ, мастигарӣ ва ташвишҳои зиндагӣ ҳеҷ гоҳ дилҳои шуморо пахш накунанд ва он рӯз ногаҳон омада, бароятон доме нагардад. Зеро он рӯз бар ҳамаи сокинони замин хоҳад омад. Бинобар ин ҳушёр бошед ва ҳама вақт дар дуо аз Худо илтиҷо кунед, ки дар вақти ба амал омадани ҳамаи ин воқеаҳо наҷот ёфта, дар пеши Писари одам истода тавонед» (Луқо 21:34–36).

Исо боз нишон додан мехоҳад, ки пешгӯйиҳояш дар миқёси бузург иҷро мешаванд. Ӯ дар бораи он воқеаҳое гап намезанад, ки баъди даҳсолаҳо рӯй медиҳанд ва фақат ба Ерусалиму яҳудиён таъсир мекунанд. Рӯйдодҳое, ки Исо дар бораашон гап мезанад, ба «ҳамаи сокинони замин» таъсир мерасонанд.

Исо мегӯяд, ки шогирдонаш бояд тайёр бошанд ва ҳушёриро аз даст надиҳанд. Барои қайд кардани ин фикр ӯ мисоле меорад: «Ҳаминро бидонед, ки агар соҳиби хона дар кадом вақт омадани дуздро медонист, вай тамоми шаб бедор истода, намемонд, ки ӯ ба хонааш дарояд. Бинобар ин шумо низ тайёр бошед, чунки Писари одам дар соате меояд, ки гумон надоред» (Матто 24:43, 44).

Баъд Исо ба шогирдонаш мефаҳмонад, ки барои чӣ онҳо бояд ба оянда бо чашми умед нигаранд. Ӯ онҳоро дилпур мекунад, ки вақте ин пешгӯйиҳо иҷро мешаванд, дар рӯйи замин «ғулом»-е амал мекунад, ки ҳушёру бедор мемонад. Баъд ӯ мисоле меорад, ки ба шогирдонаш шинос аст: «Кист он ғуломи бовариноку боандеша, ки хӯҷаинаш ӯро бар ғуломони дигари худ таъйин кардааст, то ба онҳо сари вақт хӯрок диҳад? Хушбахт аст он ғулом, агар хӯҷаинаш омада, вайро машғули ҳамин кор ёбад. Ба ростӣ ба шумо мегӯям: ӯ ғуломро бар тамоми молу мулки худ таъйин хоҳад кард». Лекин агар «ғулом» бадкор шаваду рӯҳияи нодуруст инкишоф диҳад, он гоҳ хӯҷаин «ӯро сахт ҷазо медиҳад» (Матто 24:45–51; бо Луқо 12:45, 46 муқоиса кунед).

Лекин, Исо гуфтан намехоҳад, ки ягон гурӯҳи пайравонаш чун ғуломи бадкор рафтор мекунад. Пас, шогирдони ӯ аз ин мисол бояд чӣ гуна дарс гиранд? Исо мехоҳад, ки пайравонаш ҳушёру бедор бошанд ва бисёр меҳнат кунанд. Инро аз мисоли дигаре мефаҳмем.

---

- ◇ Чӣ тавр шогирдон «чизи нафратангез»-ро мебинанд ва баъди ин чӣ рӯй медиҳад?
- ◇ Вақте одамон иҷрошавии пешгӯйиҳои Исоро мебинанд, чӣ кор мекунанд?
- ◇ Бо ёрдами кадом мисоли Исо шогирдонаш фаҳмида метавонанд, ки анҷоми ҷаҳон наздик аст?
- ◇ Чӣ нишон медиҳад, ки пешгӯйиҳои Исо дар миқёси бузург иҷро мешаванд?
- ◇ Исо ба он шогирдонаш, ки дар охирзамон зиндагӣ хоҳанд кард, чӣ мегӯяд?

# МИСОЛ ДАР БОРАИ ДАҲ ДУХТАР

МАТТО 25:1–13

Расулон навакак аз Исо пурсиданд, ки аломати ҳузури ӯ ва охирзамон чӣ мешавад. Исо ба саволи онҳо ҷавоб медиҳад ва акнун мисоли дигаре оварда ба онҳо насиҳати оқилонае медиҳад. Касоне, ки дар вақти ҳузури Масеҳ зиндагӣ мекунанд, чизи ба ин монандро бо чашми худ мебинанд.

Исо мисолро ин тавр сар мекунад: «Подшоҳии осмонро ба даҳ духтаре монанд кардан мумкин аст, ки чароғҳои худро гирифта, ба пешвози домод баромаданд. Панҷ нафари онҳо бехирад ва панҷ нафари дигарашон бохирад буданд» (Матто 25:1, 2).

Исо гуфтанӣ нест, ки нисфи шогирдони ӯ, ки дар Подшоҳии осмон ҳукмронӣ мекунанд, бехираданду нисфи дигарашон бохирад. Исо нишон додан мехоҳад, ки бедору ҳушёр мондан ё ҳушёриро аз даст додан дар ихтиёри худи пайравони ӯст. Албатта, Исо дилпур аст, ки ҳар як шогирди ӯ метавонад то охир содиқ монад ва соҳиби баракатҳо шавад.

Исо мегӯяд, ки ҳамаи духтарон мебароянд, то домодро пешвоз гиранд ва ҳамроҳаш ба базми тӯёна дароянд. Одатан домод арӯсро гирифта, ӯро ба хонае, ки барояш тайёр кардааст, меорад. Вақте арӯсу домод меоянд, духтарон бо чароғҳояшон роҳро равшан карда ба домод иззату эҳтиром нишон медиҳанд. Лекин дар мисоли Исо вазъият ранги дигар мегирад.



Исо мефаҳмонад: «Панҷ духтаре, ки бехирад буданд, чароғ гирифтанду лекин бо худ равған нагирифтанд, бохирадон бошанд, ҳам чароғ гирифтанду ҳам равғани иловагӣ. Аз сабаби он ки домод дер мекард, ғанаби ҳамаи духтарон бурд ва онҳо хоб рафтанд» (Матто 25:3–5). Мувофиқи суханони Исо домод дер меояд ва аз интизории дурудароз хоби духтарон мебарад. Инро шунида расулон, шояд, мисоли Исоро дар бораи «марде аз хонадони шоҳ» ба хотир меоранд. Ӯ гуфта буд, ки он мард ба кишвари дурдасте рафт ва дар он ҷо подшоҳ таъйин шуда, «*ниҳоят* ба хона баргашт» (Луқо 19:11–15).

Исо суханашро давом дода мегӯяд, ки баъд чӣ мешавад: «Нисфи шаб овози баланде шунида шуд: “Домод омада истодааст, ӯро пешвоз гиред!”» (Матто 25:6). Оё духтарон ба омадани домод тайёранд?

Исо мегӯяд: «Он гоҳ ҳамаи духтарон аз хоб бедор шуда, чароғҳои худро тайёр карданд. Духтарони бехирад ба бохирадон гуфтанд: “Аз равғани худ каме ба мо ҳам диҳед, чунки чароғҳои мо хомӯш шуда истодаанд”. Духтарони бохирад дар ҷавоб гуфтанд: “Агар мо равғани худро ба шумо диҳем, мумкин аст ки, равған ба худамон нарасад, беҳтараш назди фурӯшандагон рафта, аз онҳо барои худ равған харед”» (Матто 25:7–9).

Панҷ духтар ба омадани домод тайёр нестанд. Онҳо бо худ равғани кофӣ надоранд ва акнун ба кофтукови он мераванд. Исо мегӯяд: «Вақте ки онҳо барои харидани равған рафтанд, домод омад. Духтароне, ки тайёр буданд, ҳамроҳи ӯ ба базми тӯёна даромаданд ва баъд аз ин дарҳоро маҳкам карданд. Баъдтар духтарони дигар низ омада, гуфтанд: “Тақсир, тақсир, дарро ба мо кушо!” Ӯ ба онҳо ҷавоб дод: “Ба ростӣ мегӯям, ки ман шуморо намешиносам”» (Матто 25:10–12). Чи хеле мебинем, оқибати касоне, ки ҳушёриро аз даст медиҳанд ва тайёр нестанд, ғамангез аст.

Расулон мефаҳманд, ки Исо «домод» гуфта, худашро дар назар дорад. Чанде пеш ҳам Исо мисоле оварда худро ба домод монанд карда буд (Луқо 5:34, 35). Лекин «духтарони бохирад» кистанд? Боре, вақте Исо дар бораи «рамаи хурд», ки дар Подшоҳии осмон ҳукмронӣ мекунанд, гап зада буд, ӯ чунин гуфт: «Миёни худро баста, чароғҳоятонро фурӯзон нигоҳ доред» (Луқо 12:32, 35). Барои ҳамин, вақте Исо дар бораи духтарон гап зад, расулон, аз афташ, фаҳмиданд, ки ӯ ба онҳо ва ҳамчунин дигар аъзоёни «рамаи хурд» ишора карда истодааст. Пас, мақсади Исо аз ин мисол дар чист?

Дар охири ин мисол Исо мегӯяд: «Бедор бошед, зеро он рӯз ва соатро намедонед» (Матто 25:13).

Исо пайравони вафодори худро бармеангезад, ки дар вақти ҳузури ӯ бедор бошанд. Вақте Исо меояд, пайравонаш бояд мисли духтарони бохирад ҳушёриро нигоҳ доранд ва тайёр бошанд. Онҳо бояд умеди олиҷанобашонро ҳама вақт дар мадди назар доранд, то аз мукофоти худ маҳрум нашаванд.

---

- ◇ Духтарони бохирад аз духтарони бехирад чӣ фарқ доранд?
- ◇ Дар мисоли Исо «домод» ва «духтарон» кистанд?
- ◇ Исо бо кадом мақсад мисоли даҳ духтарро меорад?

# МИСОЛ ДАР БОРАИ ТАЛАНТҲО

МАТТО 25:14–30

Исо ҳамроҳи чор шогирдаш ҳанӯз дар кӯҳи Зайтун аст. Чанд рӯз пеш дар Ериҳӯ ӯ ба онҳо мисоли сад тангаи нуқраро оварда, фаҳмонд, ки Подшоҳии Худо ба ин наздикиҳо намеояд. Ҳоло бошад, ӯ мисоли дигареро нақл мекунад, ки ба он монанд аст. Ин мисол мисли баъзе мисолҳои дигар ба саволи шогирдон оиди ҳузури ӯ ва охирзамон ҷавоб медиҳад. Исо қайд кардан мехоҳад, ки шогирдон бояд супоришеро, ки ӯ ба онҳо медиҳад, боғайратона иҷро кунанд.

Исо суханашро чунин сар мекунад: «Подшоҳии осмонро ба марде монанд кардан мумкин аст, ки, пеш аз он ки ба сафар равад, ғуломони худро ҷамъ оварда, молу мулкашро ба онҳо супорид» (Матто 25:14). Исо дар мисоли дигар аллакай худро ба марде монанд карда буд, ки барои подшоҳ таъйин гардидан ба мамлакати дигаре сафар мекунад. Барои ҳамин расулон ба осонӣ фаҳмида метавонанд, ки дар ин ҷо ҳам марде, ки ба сафар меравад, худи Исо мебошад (Луқо 19:12).

Он марде, ки Исо дар борааш нақл мекунад, пеш аз сафар молу мулки гаронбаҳояшро ба ғуломонаш месупорад. Ба ин монанд, Исо ҳам ба наздикӣ бояд биравад. Ӯ дар муддати сеюним сол бо ҷидду ҷаҳд дар бораи Подшоҳии Худо мавъиза менамуду шогирдашро низ таълим медод, ки ин корро ба ҷо оранд. Акнун ӯ метавонад бо дили пур ин супориши муҳимро ба дӯши онҳо гузошта равад (Матто 10:7; Луқо 10:1, 8, 9; бо Юҳанно 4:38; 14:12 муқоиса кунед).

Биёед бинем, ки ин мард чӣ тавр молу мулкашро дар байни ғуломонаш тақсим мекунад. Исо мегӯяд: «Ӯ ба ҳар як ғуломи худ мувофиқи қобилияташ: ба яке панҷ, ба дигаре ду ва ба сеюмӣ як талант танга доду ба сафар рафт» (Матто 25:15). Ғуломон ин амонатро чӣ тавр истифода мебаранд? Оё онҳо барои зиёд кардани дороии хӯҷаинашон ҷидду ҷаҳд мекунанд? Исо ба расулонаш мегӯяд:

«Он ғуломе, ки панҷ талант гирифта буд, дарҳол рафта, онҳоро ба кор андохт ва боз панҷ таланти дигар фоида гирифт. Ғуломи дигар низ, ки ду талант гирифта буд, боз ду таланти дигар ба даст овард. Вале ғуломе, ки ҳамагӣ як талант гирифта буд, рафта, чуқурие кофту он тангаҳоро пинҳон кард» (Матто 25:16–18). Вақте хӯҷаинашон меояд, ӯ чӣ кор мекунад?

Исо суханашро давом медиҳад: «Пас аз муддати дурудароз хӯҷаини он ғуломон баргашта, бо онҳо ҳисобу китоб кард» (Матто 25:19). Ду ғуломи аввал тамоми кӯшишу ғайратро ба харҷ доданд ва ҳар яке «мувофиқи қобилияташ» амал кард. Касе, ки панҷ талант гирифта буд, онро даҳ талант гардонд, касе, ки ду талант гирифта буд, онро чор талант кард (Дар



он замон барои ба даст овардани як талант коргари одӣ бояд 19 сол кор мекард). Хӯҷаин ин ду ғуломро таъриф мекунад ва ба ҳар яки онҳо мегӯяд: «Офарин, эй ғуломи нек ва боваринок! Азбаски дар чизҳои хурд сазовори боварӣ будӣ, ман туро бар чизҳои бисёр таъйин хоҳам кард. Биё, ба шодии хӯҷаини худ шарик шав!» (Матто 25:21).

Аммо ғуломи сеюм мисли ин ду нафар рафтор намекунад. Ӯ ба хӯҷаинаш мегӯяд: «Хӯҷаин, ман медонистам, ки ту одами серталаб ҳастӣ, аз ҷое, ки накоридаӣ, медаравӣ ва аз ҷое, ки бод накардаӣ, ҷамъ мекунӣ. Барои ҳамин ман тарсидам ва рафта, таланти додаатро дар замин пинҳон кардам. Ана он тангаҳои ту"» (Матто 25:24, 25). Ӯ ҳатто пулро ба фоида надод, то ки каме ҳам бошад, барои хӯҷаинаш даромаде ба даст орад. Гуфтан мумкин аст, ки ӯ бар зарари хӯҷаинаш амал кард.

Барои ҳамин хӯҷаинаш ӯро «ғуломи бад ва танбал» меномад. Ӯ пулро аз дасти он ғулом гирифта ба дасти ғуломе медиҳад, ки супориши худро бо ҷидду ҷаҳд иҷро кардааст. Хӯҷаин мегӯяд: «Ҳар касе, ки дорад, ба вай боз ҳам бештар дода мешавад ва ӯ ба фаровонӣ хоҳад дошт, вале ҳар касе, ки надорад, аз ӯ ҳатто он чизе, ки дорад, гирифта мешавад» (Матто 25:26, 29).

Шогирдон бояд дар бораи чизҳои бисёре мулоҳиза кунанд. Аллакай худи ҳамин мисол фикрҳои муҳиме дорад. Исо ба онҳо чизи хеле пурқиматеро месупорад: ӯ ба онҳо вазифа медиҳад, ки шогирд тайёр кунанд. Исо интизор аст, ки онҳо дар иҷрои ин супориш боғайрат шаванд. Ӯ талаб намекунад, ки дар кори мавъиза ҳама шогирдонаш як хел меҳнат кунанд. Чи хеле ки дар масал гуфта шуда буд, ҳар кас бояд «мувофиқи қобилияташ» кӯшиш кунад. Лекин агар касе аз шогирдони Исо «танбал» шаваду барои иҷрои супоришаш аз таҳти дил накӯшад, Исо аз кори вай норозӣ мешавад.



Расулон аз шунидани суханони зерини Исо, бешак, хеле хурсанд шуданд: «Ҳар касе, ки дорад, ба вай боз ҳам бештар дода мешавад».

---

◊ Дар мисоли талантҳо хӯҷаин кисту ғуломон кистанд?

◊ Исо ба шогирдонаш кадом дарсҳоро таълим медиҳад?

# ВАҚТЕ МАСЕҲ МЕОЯД, ГӮСФАНДОНУ БУЗҲОРО ДОВАРӢ МЕКУНАД

МАТТО 25:31–46

Исо то ҳол дар кӯҳи Зайтун аст. Ӯ навакак ба шогирдонаш мисоли даҳ духтар ва талантҳоро нақл кард. Бо ин мисолҳо ӯ қисман ба саволи шогирдон дар бораи аломати ҳузури ӯ ва охирзамон ҷавоб дод. Ҳоло ӯ мисоли дигаре оварда ба саволи онҳо ҷавоби пурра медиҳад. Ин мисол дар бораи гӯсфандон ва бузҳо мебошад.

Исо суханонашро ин тавр сар мекунад: «Вақте ки Писари одам бо ҳамаи фариштаҳояш дар ҷалоли худ меояд, ӯ бар тахти бошукӯҳи худ хоҳад нишаст» (Матто 25:31). Бешубҳа, Писари одам худи Исост, чунки ӯ борҳо худро чунин номидааст (Матто 8:20; 9:6; 20:18, 28).

Воқеаҳое, ки дар ин мисол тасвир шудаанд, кай ба амал меоянд? Вақте Исо бо фариштаҳояш «дар ҷалоли худ меояд» ва «бар тахти бошукӯҳи худ» мешинад. Исо аллакай гуфта буд, ки Писари одам «бар абрҳои осмон бо қудрат ва ҷалоли бузург» ва бо фариштаҳои худ меояд. Ин кай рӯй медиҳад? Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ки «дарҳол баъд аз мусибат» (Матто 24:29–31; Марқӯс 13:26, 27; Луқо 21:27). Пас, воқеаҳое, ки Исо дар мисоли охири худ тасвир мекунад, дар оянда, вақте Исо дар ҷалоли худ меояд, ба амал меоянд. Биёед бинем, ки баъд чӣ рӯй медиҳад.

Исо мегӯяд: «Вақте ки Писари одам... меояд... ҳамаи халқҳо дар пеши ӯ ҷамъ оварда мешаванд ва ӯ одамонро аз якдигар ҷудо хоҳад кард, чуноне ки чӯпон гӯсфандонро аз бузҳо ҷудо мекунад. Ӯ гӯсфандонро аз тарафи рости худ ва бузҳоро аз тарафи чапи худ хоҳад гузошт» (Матто 25:31–33).

Исо дар бораи гӯсфандон мегӯяд: «Сипас Подшоҳ ба онҳое, ки аз тарафи рости ӯ мебошанд, чунин мегӯяд: “Эй онҳое, ки аз Падари ман баракат ёфтаед, омада, Подшоҳиеро, ки барои шумо аз пайдоиши ҷаҳон тайёр карда шудааст, мерос гиред”» (Матто 25:34). Барои



чӣ гӯсфандон соҳиби ин гуна баракат мешаванд?

Подшоҳ мефаҳмонад: «Зеро, вақте ман гурусна будам, шумо ба ман хӯрок додед, ташна будам, ба ман об додед, ғариб будам, маро меҳмоннавозӣ кардед, бараҳна будам, маро либос пӯшондед, бемор будам, маро нигоҳубин кардед ва, вақте дар зиндон будам, маро хабар гирифтед». Вақте гӯсфандон, яъне «росткорон», аз Подшоҳ мепурсанд, ки кай ба ӯ ин некиҳоро карданд, ӯ мегӯяд: «Он чӣ шумо ба яке аз ин бародарони хурдтарини ман кардед, ба ман кардед» (Матто 25:35, 36, 40, 46). Албатта, онҳо ин некиро дар осмон намекунанд, чунки дар он ҷо бемориву гуруснагӣ нест. Онҳо ин некиро ба бародарони Масеҳ дар рӯйи замин мекунанд.

Бо бузҳо, ки аз тарафи чапи Подшоҳ меистанд, чӣ мешавад? Исо нақл мекунад: «Баъд [Подшоҳ] ба онҳое, ки аз тарафи чапаш мебошанд, чунин мегӯяд: “Аз ман дур шавед, эй лаънатёфтагон, ва ба оташи абадие, ки барои Иблис ва фариштаҳояш тайёр шудааст, биравед. Охир, вақте ман гурусна будам, шумо ба ман хӯроке надодед, ташна будам, об надодед, ғариб будам, меҳмоннавозӣ накардед, бараҳна будам, либосе напӯшондед, бемору зиндонӣ будам, ба ман ёрӣ надодед”» (Матто 25:41–43). Ин одамоне, ки ба бузҳо монанд карда мешаванд, бояд ба бародарони Масеҳ некӣ мекарданд. Лекин онҳо ин корро накарданд, барои ҳамин барҳақ гирифтори чунин ҷазо мешаванд.



Расулон мефаҳманд, ки ҳукме, ки дар ин доварӣ бароварда мешавад, дигар бекор намегардад. Исо мегӯяд: «[Подшоҳ] ба онҳо чунин хоҳад гуфт: “Ба ростӣ ба шумо мегӯям: он чӣ шумо ба яке аз ин хурдтаринҳо накардед, ба ман накардед”. Ин одамон абадан нест у нобуд хоҳанд шуд, вале росткорон ҳаёти ҷовидонӣ хоҳанд ёфт» (Матто 25:45, 46).

Шогирдон бояд дар бораи ҷавобе, ки Исо ба саволи онҳо дод, бисёр фикру мулоҳиза кунанд. Суханони Исо онҳоро бармеангезанд, ки дар бораи муносибат ва рафтори худ фикр кунанд ва худро тафтиш намоянд.

◇ Дар мисоли гӯсфандону бузҳо «Подшоҳ» кист ва воқеаҳое, ки дар ин мисол тасвир шудаанд, кай ба амал меоянд?

◇ Барои чӣ гӯсфандон соҳиби баракат мегарданд?

◇ Барои чӣ дар вақти доварӣ баъзе одамон ба гурӯҳи бузҳо дохил мешаванд ва чунин одамонро чӣ интизор аст? Касонеро, ки ба гурӯҳи гӯсфандон дохил мешаванд, чӣ интизор аст?

# ТАЙЁРӢ БА ОХИРИН ИДИ РАҲОЙ

МАТТО 26:1–5, 14–19 МАРҚӮС 14:1, 2, 10–16 ЛУҚО 22:1–13

Исо дар кӯҳи Зайтун таълим додани расулонашро ба охир мерасонад ва ба саволи онҳо оиди ҳузури ӯ дар оянда ва охирзамон ҷавоби пурра медиҳад.

Рӯзи 11-уми нисон барои Исо хеле пурташвиш буд. Акнун бошад, ӯ ҳамроҳи шогирдонаш барои шабро рӯз кардан ба Байт-Ҳинӣ рафта истодааст. Шояд, маҳз дар ҳамин маврид Исо ба расулонаш мегӯяд: «Шумо медонед, ки пас аз ду рӯз Иди раҳоӣ фаро мерасад ва Писари одамро ба дасти душманон месупоранд, то ӯро дар сутун ба қатл расонанд» (Матто 26:2).

Рӯзи сешанбе Исо роҳбарони динро маҳкум карда, дурӯягиву бадкории онҳоро фош намуда буд. Акнун онҳо қасди ҷони ӯро доранд. Ду рӯз пас баъд аз ғуруби офтоб 14-уми нисон, яъне рӯзи иди Раҳоӣ, фаро мерасад. Исо намехоҳад, ки чизе ба ӯ барои ин идро бо расулонаш ҷашн гирифтан халал расонад. Барои ҳамин ӯ, эҳтимол, ин рӯзро, ки рӯзи чоршанбест, бо шогирдонаш дар оромӣ мегузаронад ва худро аз назари мардум пинҳон медорад.

Аммо коҳинони калону пирон пеш аз иди Раҳоӣ ором нестанд. Онҳо дар саҳни хонаи саркоҳин Қаёфо ҷамъ меоянд. Бо кадом мақсад? Онҳо мехоҳанд «Исоро бо ҳилаву найранг дастгир карда», кушанд, чунки Исо корҳои онҳоро дар назди мардум фош мекунад. Лекин онҳо мегӯянд: «Инро дар рӯзи ид намекунем, то мардум шӯру ғавғо набардорад» (Матто 26:4, 5). Онҳо метарсанд, чунки мардум ба Исо ихлос дорад.

Дар ин миён шахсе назди роҳбарони дин меояд. Онҳо аз дидани ӯ хеле ҳайрон мешаванд, чунки ин шахс яке аз расулони Исо, Яҳудои Исқарют, мебошад. Шайтон дар дили ӯ фикри хиёнат ба Исоро ҷо кардааст. Яҳудо аз роҳбарони дин мепурсад: «Агар ӯро ба дасти шумо супорам, ба ман чӣ медиҳед?» (Матто 26:15). Аз



ин бахти ногаҳон онҳо шод шуда, розӣ мешаванд, ки «ба ӯ тангаҳои нуқрагин диҳанд» (Луқо 22:5). Чӣ қадар тангаи нуқра? Сӣ танга. Аз афташ, сӣ тангаи нуқра ба сӣ сиқл нуқра, ки нархи ғулом мебошад, баробар аст (Хуруҷ 21:32). Бо додани сӣ тангаи нуқра сарварони дин гӯё Исоро ба ғулом баробар дониста, ӯро паст задан мехоҳанд. Аз ҳамон лаҳза сар карда Яҳудо фурсати муносиб ҷустан мегирад, то «Исоро аз мардум пинҳонӣ ба дасти онҳо супорад» (Луқо 22:6).

Рӯзи чоршанбе баъди ғуруби офтоб 13-уми нисон фаро мерасад. Ин шаби шашум ва охирон аст, ки Исо бо шогирдонаш дар Байт-Ҳинӣ мебошад. Рӯзи навбатӣ бошад, шогирдон бояд барои иди Раҳоӣ тайёрӣ бинанд. Онҳо бояд барраеро ёбанд ва баъд аз сар шудани 14-уми нисон онро кушта, яклухт пазанд. Онҳо дар куҷо хӯрок мехӯранд ва онро кӣ тайёр мекунад? Исо дар ин бора ҳеҷ чиз намегӯяд. Барои ҳамин Яҳудо ба коҳинони калон ягон маълумот дода наметавонад.

Рӯзи панҷшанбе, тахминан баъди пешин Исо Петрус ва Юҳанноро аз Байт-Ҳинӣ ба Ерусалим фиристода, мегӯяд: «Биравед ва хӯроки Иди раҳоиро барои хӯрдани мо тайёр кунед». Онҳо мепурсанд: «Дар куҷо мехоҳӣ, ки онро тайёр кунем?» Исо ба онҳо мефаҳмонад: «Вақте ба шаҳр медароед, бо марде рӯ ба рӯ мешавед, ки дар кӯзаи гилин об мебарад. Аз ақиби вай ба хонае, ки ӯ медарояд, равед ва ба соҳиби он хона гӯед: “Устод чунин мегӯяд: “Меҳмонхонае, ки дар он ҳамроҳи шогирдонам хӯроки Иди раҳоиро хӯрда метавонам, куҷост?” Он шахс ба шумо болохонаи калонеро нишон медиҳад, ки чизҳои лозима дорад. Дар ҳамон ҷо тайёр кунед» (Луқо 22:8–12).



Соҳибхонае, ки Исо дар борааш гап мезанад, бешак, яке аз шогирдони ӯст. Ӯ шояд пешакӣ медонад, ки Исо рӯзи иди Раҳоӣ аз хонааш истифода мебарад. Вақте ду расул ба Ерусалим мерасанд, он мардро меёбанд ва ҳамон тавре ки Исо гуфта буд, амал мекунанд. Онҳо боварӣ ҳосил мекунанд, ки барра пухта шудааст ва чизҳои дигар ҳам барои иди Раҳоӣ тайёранд. Акнун Исо ва 12 расулаш метавонанд хӯроки иди Раҳоиро хӯранд.

---

◇ Исо, аз афташ, чоршанбеи 12-уми нисон бо чӣ кор машғул аст ва чаро?

◇ Сарварони дин барои чӣ ҷамъ мешаванд ва чаро Яҳудо назди онҳо меравад?

◇ Исо ба Ерусалим киро мефиристад ва онҳо дар он ҷо чӣ кор мекунанд?

# ИСО ПОЙҲОИ РАСУЛОНРО МЕШӮЯД

МАТТО 26:20  МАРҚӮС 14:17  ЛУҚО 22:14–18  ЮҲАННО 13:1–17

Мувофиқи дастуроти Исо Петрус ва Юҳанно ба Ерусалим омаданд ва ҳама чизро барои ҷашни иди Раҳоӣ тайёр карданд. Баъдтар Исо низ ҳамроҳи даҳ расули дигараш ба он ҷо равона мешавад. Рӯз аллакай бегоҳ шудааст ва офтоб ба тарафи ғарбии осмон фурӯ меравад. Ин вақт Исо ҳамроҳи шогирдонаш аз кӯҳи Зайтун мефарояд. Ҳоло бори охир аст, ки Исо пеш аз эҳёи худ Ерусалимро рӯзона аз болои ин кӯҳ мебинад.

Каме пас Исову шогирдонаш ба шаҳр мерасанд ва сӯйи хонае, ки он ҷо иди Раҳоиро ҷашн мегиранд, равона мешаванд. Онҳо ба болохонаи калоне баромада, мебинанд, ки ҳама чиз барои ид тайёр аст. Исо ин ҷорабиниро хеле интизор буд, барои ҳамин ӯ мегӯяд: «Ман бисёр мехостам, ки пеш аз азобу уқубат кашиданам ин хӯроки Иди раҳоиро бо шумо хӯрам» (Луқо 22:15).

Солҳо пеш дар байни яҳудиён чунин урфу одат пайдо шуда буд, ки ҳангоми ҷашни иди Раҳоӣ дар рӯйи дастархон якчанд пиёла шароб гузошта, онро ба дасти якдигар диҳанд. Ҳоло, баъди гирифтани яке аз ин пиёлаҳо, Исо шукргузорӣ карда мегӯяд: «Инро гирифта, ба якдигар диҳед. Ба шумо мегӯям: минбаъд, то даме ки Подшоҳии Худо наояд, дигар шароб нахоҳам нӯшид» (Луқо 22:17, 18). Ин суханони Исо нишон медиҳанд, ки марги ӯ наздик аст.

Ҳангоми ҷашн гирифтани ид Исо кори ғайриҷашмдоште мекунад. Ӯ мехезад ва либоси болояшро кашида, як сӯ мегузораду ба даст сачоқ мегирад. Баъд аз ин ӯ ба тағорае об мегирад ва ба шустани пойҳои расулонаш сар мекунад. Ин корро одатан хӯҷаин ба хизматгор месупорад (Луқо 7:44). Ҳоло, ки дар ин хона хӯҷаин нест, ҳар яке аз расулон метавонист об гирифта, пойҳои дигаронро шӯяд. Лекин, азбаски ҳеҷ кадоми онҳо ин корро накард, Исо худаш ин корро мекунад. Шояд, гап дар сари он аст, ки то ҳол ҳар яки онҳо мехоҳад аз дигаре боло бошад. Ҳар чӣ ҳам бошад, вақте Исо пойҳои шогирдонро мешӯяд, онҳо хиҷолат мекашанд.



Вақте Исо пойҳои Петрусро шустанӣ мешавад, ӯ мегӯяд: «Не, пойҳои маро ҳаргиз нахоҳӣ шуст! Агар пойҳои туро нашӯям, бо ман буда наметавонӣ»,— ҷавоб медиҳад Исо. Петрус мегӯяд: «Ҳазрат, пас на танҳо пойҳо, балки дастон ва сари маро низ шӯй». Суханоне, ки Исо дар ҷавоб мегӯяд, шояд, Петрусро, ҳайрон мекунанд: «Ҳар касе, ки шустушӯ кардааст, шустани пойҳояш кифоя аст, чунки ӯ комилан пок аст. Шумо пок ҳастед, вале на ҳамаатон» (Юҳанно 13:8–10).

Исо пойҳои ҳамаи 12 расул, аз он ҷумла Яҳудои Исқарютро, мешӯяд. Пас аз ин ӯ либосашро мепӯшад ва дар сари миз каҷпаҳлӯ мезанаду мегӯяд: «Оё медонед, ки бароятон чӣ кор кардам?

# 116



Шумо маро "Устод" ва "Ҳазрат" меномед ва рост мегӯед, зеро ҳамин тавр аст. Агар ман — Ҳазрат ва Устоди шумо, пойҳоятонро шуста бошам, пас, шумо низ бояд пойҳои якдигарро бишӯед. Ман ба шумо намуна гузоштам, то, чи тавре ки ман бо шумо рафтор кардам, шумо низ ҳамон тавр кунед. Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: ғулом аз хӯҷаинаш ва шахси фиристодашуда аз фиристандааш бузургтар нест. Агар ин чизҳоро дониста, мувофиқи он амал кунед, хушбахт хоҳед буд» (Юҳанно 13:12–17).

Исо бо ин кораш ягон маросими пойшӯиро ҷорӣ кардан намехост. Не, ӯ ба шогирдонаш намунаи ибрат гузошт, то онҳо мисли ӯ фурӯтан бошанд. Пайравони Исо набояд ҷоҳталаб бошанд ва фикр кунанд, ки онҳо аз дигарон болоянду ҳама бояд ба онҳо хизмат кунанд. Исо бо омодагӣ ба дигарон хизмат кард ва инро бе рӯйбинӣ ба ҷо овард. Шогирдон низ бояд ба ин намунаи Устодашон пайравӣ кунанд.

- ◇ Ҳангоми ҷашни иди Раҳоӣ кадом суханони Исо нишон медиҳанд, ки марги ӯ наздик аст?
- ◇ Барои чӣ гуфтан мумкин аст, ки Исо кори ғайриҷашмдошт кард?
- ◇ Пойҳои расулонро шушта, Исо ба онҳо чиро таълим дод?

# ХӮРОКИ ШОМИ ҲАЗРАТ

МАТТО 26:21–29 МАРҚӮС 14:18–25 ЛУҚО 22:19–23 ЮҲАННО 13:18–30

Ин бегоҳ каме пеш Исо пойҳои расулонро шуста ба онҳо дарси фурӯтаниро таълим дода буд. Акнун бошад, аз афташ, баъди хӯроки иди Раҳоӣ, ӯ пешгӯйии Довуд-пайғамбарро иқтибос меорад: «Ҳатто касе ки бо ман дӯст буд, ва аз ӯ дилпур будам, ва ӯ нони маро мехӯрд, пошнаи худро бар ман баланд кардааст». Баъд ӯ илова мекунад: «Яке аз шумо ба ман хиёнат мекунад» (Забур 40:10; Юҳанно 13:18, 21).

Инро шунида расулон ба якдигар менигаранд ва аз Исо мепурсанд: «Ҳазрат, ин ман нестам-а?» Ҳатто Яҳудои Исқарют ҳамин тавр мегӯяд. Петрус ба Юҳанно, ки назди Исо нишастааст, мегӯяд, ки аз Исо кӣ будани хоинро фаҳмад. Барои ҳамин Юҳанно рӯяшро сӯйи Исо гардонда, аз ӯ мепурсад: «Ҳазрат, ӯ кист?» (Матто 26:22; Юҳанно 13:25).

Исо дар ҷавоб мегӯяд: «Пораи нонро ба коса тар карда, ба касе, ки диҳам, ӯ ҳамон аст». Баъд ӯ нонро ба коса тар карда, ба дасти Яҳудо медиҳад ва мегӯяд: «Писари одам меравад, чи тавре ки дар борааш навишта шудааст, лекин вой бар ҳоли шахсе, ки ба ӯ хиёнат мекунад! Барои он шахс беҳтар мебуд, ки ҳаргиз ба дунё наояд» (Юҳанно 13:26; Матто 26:24). Дар ҳамин вақт Шайтон ба дили Яҳудо роҳ меёбад. Ин мард, ки дилу нияти нопок дорад, акнун худро пурра ба ихтиёри Шайтон месупорад ва хости ӯро иҷро мекунад. Ҳамин тавр, ӯ «писари ҳалокат» мешавад (Юҳанно 6:64, 70; 12:4; 17:12).

Исо ба Яҳудо мегӯяд: «Кореро, ки карданӣ ҳастӣ, тезтар кун». Аммо расулон гумон мекунанд, ки, азбаски қуттии пул дар дасти Яҳудо мебошад, Исо ба ӯ гуфтанӣ аст, ки «чизҳои барои ид лозимаро харад ё ба камбағалон чизе диҳад» (Юҳанно 13:27–30). Яҳудо бошад, аз он ҷо меравад, то Исоро ба дасти душманон супорад.

Ҳамон шабе, ки иди Раҳоӣ баргузор мешавад, Исо маросими наверо ҷорӣ месозад. Ӯ нонро гирифта, шукргузорӣ мекунаду онро пора наму-



да, ба шогирдонаш медиҳад ва мегӯяд: «Ин рамзи бадани ман аст, ки барои шумо қурбон карда мешавад. Инро барои ёдоварии ман ба ҷо оваред» (Луқо 22:19). Расулон пораҳои нонро даст ба даст дода, ҳар яке аз он мехӯранд.

Акнун Исо пиёлаи шаробро гирифта, дуои шукргузорӣ мегӯяд ва ба шогирдон медиҳад. Ҳар яки онҳо аз шароб менӯшад. Исо бошад, дар бораи пиёлаи шароб мегӯяд: «Ин пиёла рамзи аҳди нав аст дар асоси хуни ман, ки барои шумо рехта мешавад» (Луқо 22:20).

Ҳамин тавр Исо ёдбуди марги худро барқарор мекунад, ки онро пайравонаш бояд ҳар сол рӯзи 14-уми нисон қайд кунанд. Ин ба хотири онҳо кореро меорад, ки Яҳува Худо ва Писари Ӯ барои одамонро аз банди гуноҳу марг раҳонидан кардаанд. Иди Раҳоӣ, бешак, барои яҳудиён аҳамияти калон дошт. Аммо ёдбуди марги Масеҳ барои тамоми инсоният аҳамияти аз ин ҳам зиёдтаре дорад, чунки ба воситаи марги Исо одамони имондор соҳиби озодии абадӣ мешаванд.

Исо мегӯяд, ки хуни ӯ «барои бахшида шудани гуноҳҳои бисёриҳо рехта мешавад». Дар байни касоне, ки чунин бахшоишро соҳиб мешаванд, расулони вафодори Исо ва баъзеи дигар пайравони боимони ӯ ҳастанд. Онҳо ҳамроҳи Исо дар Подшоҳии Падараш ҳукмронӣ мекунанд (Матто 26:28, 29).

---

◇ Исо кадом пешгӯйии Китоби Муқаддасро иқтибос меорад ва чӣ тавр онро мефаҳмонад?
◇ Исо ба Яҳудо чӣ мегӯяд, лекин дигар расулон чӣ гумон мекунанд?
◇ Исо кадом маросими навро ҷорӣ месозад ва мақсади он дар чист?



# БАҲСИ НАВБАТИИ ШОГИРДОН

МАТТО 26:31–35 МАРҚӮС 14:27–31 ЛУҚО 22:24–38 ЮҲАННО 13:31–38

Ҳоло шоми охиронест, ки Исо бо шогирдонаш мегузаронад. Навакак Исо пойҳои расулонро шушта ба онҳо дарси фурӯтаниро таълим дод. Барои чӣ? Чунки онҳо ба як камбудиашон то ҳол ғолиб наомадаанд. Гарчанд расулон мардони худотарсанд, онҳо ҳанӯз аз мансабталошии худ даст накашидаанд ва ҳоло ҳам дар фикри онанд, ки дар байнашон кӣ бузургтар аст (Марқӯс 9:33, 34; 10:35–37). Ҳатто баъд аз он ки Исо пойҳои онҳоро мешӯяд, расулон ором намешаванду боз гапро дар ин бора сар мекунанд.

Дар байни «шогирдон дар бораи он ки кадоме аз онҳо бузургтар аст, баҳсу мунозираи сахте» мешавад (Луқо 22:24). Бешубҳа, аз ин Исо хеле ғамгин мегардад. Лекин ӯ чӣ тавр ин масъаларо ҳал мекунад?

Исо ба ҷойи он ки бо шогирдон барои рафтору фикррони нодурусташон сахт гап занад, пуртоқатона мефаҳмонад: «Подшоҳони халқҳо бар онҳо ҳукмронӣ мекунанд ва фармонфармоёни онҳо некӯкор номида мешаванд. Вале шумо набояд чунин бошед... Зеро кӣ бузургтар аст: касе, ки дар сари дастархон мешинад, ё оне, ки хизмат мекунад?» Баъд Исо намунаи худашро ба онҳо хотиррасон карда мегӯяд: «Вале ман дар байни шумо чун хизматгор ҳастам» (Луқо 22:25–27).

Ба нокомилияҳояшон нигоҳ накарда расулон дар вазъиятҳои душвор бо Исо буданд ва аз ӯ рӯ нагардонданд. Барои ҳамин Исо мегӯяд: «Ман бо шумо оиди подшоҳӣ аҳд мебандам, чуноне ки Падарам бо ман бастааст» (Луқо 22:29). Ба ин пайравони вафодораш Исо ваъда медиҳад, ки ба туфайли аҳде, ки байни ӯву онҳо баста мешавад, шогирдон метавонанд дар Подшоҳии Худо ҳамроҳи Исо ҳукмронӣ кунанд.

Ҳарчанд расулон дар оянда дар осмон бо Исо ҳукмронӣ мекунанд, айни замон онҳо одамони хокӣ ва нокомиланд. Исо мегӯяд: «Шайтон талаб кард, ки ҳамаи шуморо мисли гандум аз ғалбер гузаронад» (вақти гандумро аз ғалбер гузаронданд он ба ҳар тараф пош хӯрда, пароканда мешавад) (Луқо 22:31). Ҳамчунин Исо онҳоро огоҳ мекунад: «Ҳамаи шумо имшаб аз ман рӯй мегардонед, зеро навишта шудааст: “Чӯпонро зарба мезанам ва гӯсфандони рама пароканда мешаванд”» (Матто 26:31; Закарё 13:7).

Аммо Петрус худбоварона мегӯяд: «Ҳама аз ту рӯй гардонанд ҳам, ман аз ту рӯй намегардонам!» (Матто 26:33). Исо бошад, мегӯяд, ки ҳамон шаб, пеш аз он ки хурӯс ду бор фарёд кунад, Петрус ӯро инкор мекунад. Баъд Исо илова мекунад: «Аммо ман дар ҳаққи ту ба Худо дуо гуфта илтиҷо кардам, ки имонат суст нашавад ва ту, баъд аз он ки тавба карда бармегардӣ, бародаронатро устувор гардон» (Луқо 22:32). Лекин Петрус боқатъият мегӯяд: «Ҳатто агар бо ту мурданам лозим ояд, ҳеҷ гоҳ туро инкор намекунам» (Матто 26:35). Дигар шогирдон ҳам айнан ҳамин хел мегӯянд.

Исо ба расулонаш мегӯяд: «Ман боз каме бо шумо хоҳам буд. Шумо маро хоҳед кофт, вале, чуноне ки ба яҳудиён гуфтам, ба шумо низ мегӯям: “Ба он ҷое, ки меравам, шумо рафта наметавонед”. Ба шумо амри нави медиҳам: якдигарро дӯст доред. Чуноне ки ман шуморо дӯст доштам, шумо низ якдигарро дӯст доред. Ва, агар дар байнатон муҳаббат бошад, ҳама хоҳанд донист, ки шогирдони ман ҳастед» (Юҳанно 13:33–35).

Вақте Петрус мешунавад, ки Исо боз ками дигар бо онҳост, мепурсад: «Ҳазрат, ба куҷо рафтанӣ ҳастӣ?» Исо ҷавоб медиҳад: «Ба ҷое, ки ман меравам, ту ҳозир рафта наметавонӣ, аммо баъдтар хоҳӣ рафт». Аммо Петрус дар ҷавоб мегӯяд: «Ҳазрат, барои чӣ ҳозир аз паси ту рафта наметавонам? Ман тайёрам, ки ҷони худро барои ту фидо кунам» (Юҳанно 13:36, 37).

Исо акнун дар бораи вақте гап мезанад, ки онҳоро барои дар Ҷалил мавъиза кардан фиристода буд ва гуфта буд, ки бо худ ҳамёни пул ё тӯшаи роҳ нагиранд (Матто 10:5, 9, 10). Исо аз шогирдон мепурсад: «Оё [он вақт] ба чизе мӯҳтоҷ шудед?» Онҳо мегӯянд: «Не». Аммо дар рӯз-

# 118

• ИСО ДАР БОРАИ МАНСАБПАРАСТӢ МАСЛИҲАТ МЕДИҲАД
• ИСО ПЕШГӮЙӢ МЕКУНАД, КИ ПЕТРУС ӮРО ИНКОР МЕКУНАД
• ШОГИРДОНИ ИСО БОЯД ЯКДИГАРРО ДӮСТ ДОРАНД



ҳои баъд онҳо бояд чӣ кор кунанд? Исо ба онҳо дастурот медиҳад: «Акнун касе, ки ҳамён дорад, онро ва ҳамчунин тӯшаи роҳро бо худ гирад ва касе, ки шамшер надорад, ҷомаи худро фурӯхта, шамшер харад. Дар Навиштаҳои Муқаддас гуфта шудааст: “Ӯ ба қатори ҷинояткорон даровардa шуд”. Ба шумо мегӯям, ки ин гуфтаҳо бояд дар ман иҷро шаванд, зеро суханони дар бораи ман навишташуда ба амал омада истодаанд» (Луқо 22:35–37).

Исо суханашро давом дода мегӯяд, ки ба наздикӣ ӯ ҳамроҳи ҷинояткорон дар сутун мехкӯб карда мешавад. Баъд аз ин шогирдонаш бо муқобилати шадид рӯ ба рӯ мешавад. Онҳо фикр мекунанд, ки ба ин таъқиботҳо тайёранд ва мегӯянд: «Ҳазрат, ин ҷо ду шамшер ҳаст». Исо дар ҷавоб мегӯяд: «Кифоя аст» (Луқо 22:38). Каме баъд, вақте яке аз шогирдон шамшерро истифода мебарад, Исо ба расулонаш як чизи муҳимеро таълим медиҳад.

◊ Чаро шогирдон баҳс мекунанд ва Исо чӣ тавр рафтор мекунад?
◊ Аҳде, ки Исо бо шогирдони вафодораш мебандад, ба онҳо чӣ имконият медиҳад?
◊ Вақте Петрус худбоварона гап мезанад, Исо чӣ мегӯяд?

# ИСО РОҲ, РОСТӢ ВА ҲАЁТ АСТ

ЮҲАННО 14:1–31

Навакак Исо ёдбуди маргашро ҷорӣ кард ва ҳоло ҳам ӯву шогирдонаш дар болохона мебошанд. Ӯ ба шогирдон мегӯяд: «Хавотир нашавед. Ба Худо имон оред ва ба ман низ имон оред» (Юҳанно 13:36; 14:1).

Исо ба расулони содиқу вафодораш мефаҳмонад, ки аз рафтани ӯ хавотир нашаванд. Ӯ мегӯяд: «Дар хонаи Падари ман ҷойи зист бисёр аст... Агар ман рафта, барои шумо ҷой тайёр кунам, боз меоям ва шуморо ба назди худ, ба хона, мебарам, то дар он ҷое, ки ман ҳастам, шумо низ бошед». Лекин расулон намефаҳманд, ки ӯ дар бораи осмон гап мезанад. Тумо мепурсад: «Ҳазрат, мо намедонем, ки ту куҷо меравӣ. Пас, роҳро аз куҷо медонем?» (Юҳанно 14:2–5).

Исо мегӯяд: «Ман роҳ, ростӣ ва ҳаёт ҳастам». Шогирдон танҳо он вақт ба осмон, ба хонаи Падари ӯ, рафта метавонанд, агар ба ӯ имон оранд, гуфтаҳояшро қабул кунанд ва мисли ӯ рафтор кунанд. Исо мегӯяд: «Ҳеҷ кас наметавонад назди Падар ояд, магар ин ки ба воситаи ман» (Юҳанно 14:6).

Филиппус, ки бодиққат суханони Исоро гӯш мекард, мегӯяд: «Ҳазрат, Падарро ба мо нишон деҳ ва ҳамин бароямон кифоя аст». Аз афташ, ӯ мехост бо ягон тарз Худоро бинад, масалан, дар рӯъё, чи тавре ки Мӯсо, Илёс ва Ишаъё дида буданд. Лекин ҳеҷ як рӯъё ба он имконияте, ки расулон доранд, баробар шуда наметавонад. Исо дар ин бора мегӯяд: «Филиппус, ҳамин қадар вақт ман бо шумо будам ва ту то ҳол маро нашинохтай? Ҳар касе, ки маро дидааст, Падарро низ дидааст». Исо шахсияти Падарашро ба таври беҳтарин инъикос мекунад, барои ҳамин касе, ки бо Исо асту рафтору корҳои ӯро мушоҳида мекунад, гуфтан мумкин аст, ки Падарро мебинад. Албатта, Падар аз Писар бузургтар аст, зеро худи Исо мегӯяд: «Суханоне, ки ман ба шумо мегӯям, аз пеши худ намегӯям» (Юҳанно 14:8–10). Расулон нағз мефаҳманд: Исо барои ҳамаи он чизе, ки таълим медиҳад, Яҳуваро ҷалол медиҳад, на худашро.

Расулони Исо мединанд, ки чӣ тавр ӯ корҳои бузург мекунад ва хушхабари Подшоҳиро мав-



ъиза мекунад. Акнун бошад, Исо ба онҳо мегӯяд: «Ҳар касе, ки ба ман имон меорад, корҳоеро, ки ман ба амал меорам, ва ҳатто корҳои аз ин ҳам бузургтарро ба ҷо хоҳад овард» (Юҳанно 14:12). Исо дар назар надорад, ки расулон мӯъҷизаҳои бузургтар ба амал меоранд. Аниқтараш онҳо назар ба ӯ бисёртар хизмат мекунанд ва хушхабарро дар ҷойҳои зиёдтар ва ба одамони бисёртар мавъиза мекунанд.

Вақте Исо меравад, шогирдон бе кӯмак намемонанд. Ӯ ба онҳо боварӣ мебахшад: «Агар чизе ба номи ман талаб кунед, онро ба ҷо меорам». Беш аз ин ӯ мегӯяд: «Ман аз Падар хоҳиш мекунам ва Ӯ ба шумо ёрдамчии дигаре медиҳад, ки ҳамеша бо шумо хоҳад буд. Ин ёрдамчӣ — рӯҳи ростист» (Юҳанно 14:14, 16, 17). Исо ваъда медиҳад, ки ба онҳо рӯҳи муқаддас, ёрдамчии дигаре, дода мешавад. Ин дар иди Ҳафтаҳои ҳамин сол рӯй медиҳад.

Исо мегӯяд: «Каме пас ҷаҳон дигар маро нахоҳад дид, аммо шумо маро хоҳед дид, зеро ман зиндаам ва шумо низ зинда хоҳед буд» (Юҳанно 14:19). Расулон Исоро баъди зиндашавиаш боз дар бадани одамӣ мебинанд. Ғайр аз ин, ӯ онҳоро дар оянда зинда мекунад, то ҳамроҳаш дар осмон зиндагӣ кунанд.

Ҳоло Исо қайд мекунад: «Ҳар касе, ки амрҳои маро қабул мекунад ва онҳоро ба ҷо меорад, маро дӯст медорад. Ҳар касе, ки маро дӯст медорад, Падарам ӯро дӯст хоҳад дошт ва ман низ ӯро дӯст хоҳам дошт ва худро ба ӯ ошкор хоҳам кард». Яҳудои расул, ки ҳамчунин Таддо ном дорад, аз Исо мепурсад: «Ҳазрат, барои чӣ худро ба ҷаҳон неву ба мо ошкор карданӣ ҳастӣ?» Ӯ ҷавоб медиҳад: «Агар касе маро дӯст дорад, суханонамро риоя мекунад ва Падари ман ӯро дӯст хоҳад дошт... Ҳар касе, ки маро дӯст намедорад, суханони маро риоя намекунад» (Юҳанно 14:21–24). Баръакси пайравони Исо ин ҷаҳон ба гардан намегирад, ки Исо роҳ, ростӣ ва ҳаёт аст.

Чӣ тавр баъди рафтани Исо шогирдон чизҳоеро, ки аз ӯ таълим гирифтанд, ба хотир оварда метавонанд? Исо мегӯяд: «Аммо ёрдамчӣ, яъне рӯҳи муқаддас, ки Падар ба номи ман мефиристад, ҳама чизро ба шумо таълим медиҳад ва ҳар он чизеро, ки ба шумо гуфта будам, ба ёдатон меорад». Расулон дидаанд, ки ба воситаи рӯҳи муқаддас мӯъҷизаҳои бузург ба амал овардан мумкин аст, барои ҳамин аз ин суханон тасаллӣ меёбанд. Исо илова мекунад: «Осоиштагиро ба шумо мегузорам, осоиштагии худро ба шумо медиҳам... Хавотир нашавед ва натарсед» (Юҳанно 14:26, 27). Бале, шогирдон барои тарсу хавотирӣ сабаб надоранд, зеро худи Падар онҳоро роҳнамоиву муҳофизат мекунад.

Ба қарибӣ расулон мебинанд, ки чӣ тавр Худо хизматгоронашро муҳофизат мекунад. Исо мегӯяд: «Ҳокими ин ҷаҳон омада истодааст, вале ӯ бар ман ҳукмрон нест» (Юҳанно 14:30). Иблис тавонист ба Яҳудои Исқарют дарояд ва ӯро ба роҳи бад дарорад. Лекин Исо ягон майлу хоҳиши гунаҳкорона надорад, то Шайтон аз ин истифода бурда ӯро аз Худо дур созад. Ҳамчунин Иблис ҳеҷ гоҳ наметавонад, ки Исоро абадан дар банди марг нигоҳ дорад. Барои чӣ? Исо мегӯяд: «[Ман] ҳамон тавре амал мекунам, ки Падар ба ман амр додааст». Исо дилпур аст, ки Падар ӯро зинда мекунад (Юҳанно 14:31).

---

◇ Исо ба куҷо меравад ва ӯ ба Тумо дар бораи роҳ ба он ҷо чӣ мегӯяд?

◇ Филиппус аз Исо чӣ хоҳиш мекунад?

◇ Ба кадом маъно пайравони Исо назар ба ӯ корҳои бузургтарро мекунанд?

◇ Азбаски Падар аз Исо бузургтар аст, ӯ аз чӣ дилпур аст?

# ШОГИРДОН БОЯД САМАР ОРАНД ВА ДӮСТИ ИСО БОШАНД

ЮҲАННО 15:1–27

Аллакай дер шудааст, шояд, шаб аз нисф гузашта бошад. Исо навакак бо расулони содиқаш сӯҳбат карда онҳоро дилбардорӣ карду тасаллӣ бахшид. Ҳоло ӯ ба расулонаш мисоле оварда ба онҳо насиҳат медиҳад.

Ӯ мисолро ин тавр сар мекунад: «Ман токи ҳақиқӣ ҳастам ва Падарам боғбон аст» (Юҳанно 15:1). Ин суханони Исо он чизеро, ки асрҳо пеш дар бораи халқи Исроил гуфта шуда буд, ба хотир меоранд. Дар Каломи Худо халқи Исроил токи Яҳува номида шудааст (Ирмиё 2:21; Ҳушаъ 10:1, 2). Лекин Яҳува аз ин халқ рӯ мегардонад (Матто 23:37, 38). Аз ин рӯ Исо ин ҷо дар бораи як чизи наве гап мезанад. Ӯ токест, ки Падар аз соли 29-и милодӣ — аз он вақте, ки Исо бо рӯҳи муқаддас тадҳин гардид — парвариш мекунад. Лекин Исо нишон медиҳад, ки ток на танҳо ӯро тасвир мекунад. Ӯ мегӯяд:

«Ӯ [Падар] ҳар навдаеро, ки дар ман асту самар намеорад, бурида мепартояд ва ҳар навдаеро, ки самар меорад, тоза мекунад, то он боз ҳам бештар самар орад... Чи тавре ки навда, агар дар ток набошад, худ аз худ самар оварда наметавонад, ҳамон тавр шумо низ, агар бо ман дар ягонагӣ набошед, самар оварда наметавонед. Ман ток ҳастам, шумо бошед, навдаҳо» (Юҳанно 15:2–5).

Исо ба расулони вафодораш ваъда дод, ки вақте ӯ меравад, ба онҳо ёрдамчие, яъне рӯҳи муқаддас, мефиристад. Панҷоҳу як рӯз пас, вақте дар иди Ҳафтаҳо рӯҳи муқаддас бар шогирдон фурӯ мерезад, онҳо навдаҳои ток мешаванд. Ва ҳамаи ин «навдаҳо» бояд бо Исо дар ягонагӣ бошанд. Барои чӣ?

Исо мефаҳмонад: «Ҳар кӣ бо ман дар ягонагӣ аст ва ман бо ӯ дар ягонагӣ ҳастам, самари бисёр меорад, зеро бе ман ҳеҷ коре карда наметавонед». Ин «навдаҳо», яъне пайравони содиқи Исо, самари бисёре меоранд. Онҳо хислатҳои Исоро дар худ инкишоф медиҳанд, хабарро дар бораи Подшоҳии Худо дар ҳама ҷо паҳн мекунанд ва шогирдони бештару бештар тайёр мекунанд. Лекин, агар касе бо Исо дар ягонагӣ намонаду самар наорад-чӣ? Исо мегӯяд: «Ҳар кӣ бо ман дар ягонагӣ намемонад, мисли навдаи бурида... хоҳад буд». Баъд ӯ илова мекунад: «Агар бо ман дар ягонагӣ монед ва гуфтаҳои маро дар дили худ нигоҳ доред, ҳар чӣ мехоҳед, талаб кунед ва он ба шумо дода хоҳад шуд» (Юҳанно 15:5–7).

Ҳоло Исо ба мавзӯе бармегардад, ки аллакай ду бор дар бораап гуфта буд: дар бораи риоя кардани амрҳои ӯ (Юҳанно 14:15, 21). Исо мефаҳмонад, ки асосан бо кадом роҳ шогирдон метавонанд амрҳои ӯро риоя кунанд: «Агар амрҳои маро риоя кунед, дар муҳаббати ман мемонед, чуноне ки ман амрҳои Падарро риоя мекунам ва дар муҳаббати Ӯ мемонам». Лекин танҳо дӯст доштани Яҳува ва Писари Ӯ кифоя нест. Исо мегӯяд: «Амри ман ин аст: чуноне ки ман шуморо дӯст медорам, шумо низ якдигарро дӯст доред. Муҳаббати бузургтар аз ин нест, ки касе ҷони худро барои дӯстонаш фидо кунад. Агар шумо амри маро иҷро кунед, дӯстони ман хоҳед буд» (Юҳанно 15:10–14).

Якчанд соат пас Исо ҷони худро барои ҳамаи онҳое, ки ба ӯ имон меоранд, фидо мекунад ва ин тавр муҳаббаташро нишон медиҳад. Пайравони Исо низ бояд кӯшиш кунанд, ки мисли ӯ нисбати якдигар муҳаббату фидокорӣ дошта бошанд. Чунин муҳаббат исбот мекунад, ки онҳо дар ҳақиқат пайравони Исоянд. Худи ӯ гуфта буд: «Агар дар байнатон муҳаббат бошад, ҳама хоҳанд донист, ки шогирдони ман ҳастед» (Юҳанно 13:35).

Пас аз ин Исо мефаҳмонад, ки чаро шогирдонашро «дӯст» меномад: «Шуморо дӯст меномам, зеро тамоми чизҳоеро, ки аз Падар шунидаам, ба шумо маълум сохтам». Шогирдон метавонанд дӯсти Исо бошанд ва ҳар он чиро, ки Падар ба ӯ маълум сохтааст, донанд. Чӣ имконияти пуршарафе! Лекин, барои он ки аз чунин муносибат баҳра баранд, шогирдон бояд доимо самар оранд. Ба касоне, ки ин тавр мекунанд, Исо чу-

нин ваъда медиҳад: «Ҳар он чӣ ба номи ман аз Падар талаб кунед, Ӯ ба шумо хоҳад дод» (Юҳанно 15:15, 16).

Муҳаббат ба ин «навдаҳо», яъне шогирдон, ёрӣ медиҳад, ки ба душвориҳои оянда тоб оранд. Исо пайравонашро огоҳ мекунад, ки ин ҷаҳон аз онҳо нафрат мекунад, лекин ҳамзамон ӯ онҳоро тасаллӣ мебахшад: «Агар ҷаҳон аз шумо нафрат кунад, донед, ки пеш аз ин аз ман нафрат кардааст. Агар шумо аз ҷаҳон мебудед, ҷаҳон шуморо дӯст медошт. Лекин, азбаски шумо аз ҷаҳон нестед... ҷаҳон аз шумо нафрат мекунад» (Юҳанно 15:18, 19).

Пас аз ин Исо мефаҳмонад, ки боз барои чӣ дар ин ҷаҳон аз пайравони ӯ нафрат мекунанд: «Онҳо ҳамаи инро аз барои номи ман ба шумо хоҳанд кард, зеро Фиристандаи маро намешиносанд». Мардум бо чашмони худ мӯъҷизаҳои Исоро диданд, вале ба ин нигоҳ накарда ӯро рад мекунанду аз пайравонаш нафрат доранд. Барои ҳамин Исо мегӯяд: «Агар ман дар миёни онҳо корҳоеро, ки ҳаргиз касе накарда буд, ба амал намеовардам, онҳо гуноҳе намедоштанд, вале ҳоло, бо вуҷуди он ки маро дидаанд, ҳам аз ман ва ҳам аз Падарам нафрат карданд». Чунин муносибати одамон дар Китоби Муқаддас пешгӯйӣ шуда буд (Юҳанно 15:21, 24, 25; Забур 34:19; 68:5).

Исо боз ваъда медиҳад, ки ба шогирдонаш ёрдамчӣ, яъне рӯҳи муқаддасро, мефиристад. Ин қувваи пурзӯр ба ҳамаи пайравони Исо дода мешавад ва ёрӣ медиҳад, ки самар оранд, яъне дар бораи ӯ шаҳодат диҳанд (Юҳанно 15:27).



- ◊ Дар мисоли Исо «боғбон», «ток» ва «навдаҳо» кистанд?
- ◊ Худо аз «навдаҳо» чӣ гуна самар интизор аст?
- ◊ Чӣ тавр шогирдони Исо дӯсти ӯ буда метавонанд ва чӣ ба онҳо ёрӣ медиҳад, ки ба нафрати ҷаҳон тоб оранд?

# «ДАЛЕР БОШЕД; МАН БАР ҶАҲОН ҒОЛИБ ОМАДАМ!»

ЮҲАННО 16:1–33

Исо ва расулон аз хонае, ки дар он хӯроки шомро хӯрданд, баромаданӣ ҳастанд. Исо ба онҳо огоҳиву насиҳати бисёре дода буд. Ҳозир бошад, ӯ илова мекунад: «Ман ин суханонро барои он ба шумо гуфтам, ки хато накунед». Чаро ин огоҳӣ бамаврид аст? Исо ба расулон мегӯяд: «Мардум шуморо аз ибодатгоҳҳо хоҳанд ронд. Ҳатто чунин замоне фаро мерасад, ки ҳар кӣ шуморо мекушад, гумон мекунад, ки ба Худо хизмат карда истодааст» (Юҳанно 16:1, 2).

Ин барои расулон хабари ғамоварест. Исо чанде пеш ҳам ба онҳо гуфта буд, ки ҷаҳон аз онҳо нафрат мекунад. Ҳоло бошад, ӯ бори якум ба онҳо дар бораи хатари марг мегӯяд. Чаро Исо пеш ба онҳо ин гапро нагуфта буд? Исо мефаҳмонад: «Ин чизҳоро аз аввал ба шумо нагуфтам, зеро бо шумо будам» (Юҳанно 16:4). Ӯ барои он шогирдонро пеш аз рафтанаш огоҳ месозад, то дар набудани ӯ ба тарс дода нашаванд.

Исо боз мегӯяд: «Акнун бошад, назди Фиристандаи худ меравам, лекин ягон каси шумо аз ман намепурсад, ки ба куҷо рафта истодаам». Шогирдон каме пештар, худи ҳамин бегоҳ, дар ин бора аз Исо пурсида буданд (Юҳанно 13:36; 14:5; 16:5). Лекин вақте онҳо фаҳмиданд, ки бо кадом таъқиботу душвориҳо рӯ ба рӯ мешаванд, ба ғаму ғусса дода шуданд. Барои ҳамин онҳо дигар аз Исо намепурсанд, ки ӯ ба қарибӣ чӣ гуна ҷалолро соҳиб мешавад ва ин ба парастандагони ҳақиқии Худо чӣ баракатҳо меорад. Исо ҳолати шогирдонро пай бурда мегӯяд: «Чун ин чизҳоро ба шумо гуфтам, дилҳоятон пур аз ғам шуд» (Юҳанно 16:6).

Баъд Исо ба шогирдонаш мефаҳмонад: «Рафтани ман ба фоидаи шумост, чунки, агар наравам, ёрдамчӣ назди шумо намеояд, вале, агар равам, ӯро ба наздатон мефиристам» (Юҳанно 16:7). Исо баъд аз маргаш ба осмон рафта, рӯҳи муқаддасро ба пайравонаш мефиристад, то онҳоро дар кадом гӯшаи дунё, ки набошанд, роҳбарӣ кунад.

Рӯҳи муқаддас «ба ҷаҳон кушоду равшан нишон медиҳад, ки гуноҳ, ростқорӣ ва доварӣ чист» (Юҳанно 16:8). Он гуноҳи ин ҷаҳонро, ки ба Исо имон наовард, ошкор мекунад. Ба осмон рафтани Исо исбот мекунад, ки ӯ ростқор аст ва «ҳокими ин ҷаҳон», яъне Шайтон, бояд доварӣ ва маҳкум карда шавад (Юҳанно 16:11).

«Боз бисёр чизҳоро бояд ба шумо гӯям, вале ҳоло ба он чизҳо сарфаҳм рафта наметавонед»,— илова мекунад Исо. Вақте ӯ ба онҳо рӯҳи муқаддасро мерезад, он ба шогирдон ёрӣ мерасонад, то «ростиро ба пуррагӣ» фаҳманд. Он гоҳ онҳо метавонанд мувофиқи ростӣ зиндагӣ кунанд (Юҳанно 16:12, 13).

Шогирдон аз суханони минбаъдаи Исо ҳайрон мешаванд: «Баъд аз андаке маро нахоҳед дид, вале баъд аз андаки дигар хоҳед дид». Шогирдон аз якдигар мепурсанд, ки Исо чиро дар назар дорад. Инро пай бурда, Исо мефаҳмонад: «Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: шумо гиряву нола мекунед, лекин ҷаҳон шодӣ хоҳад кард; шумо ғамгин мешавед, вале ғами шумо ба хурсандӣ табдил хоҳад ёфт» (Юҳанно 16:16, 20). Вақте фардо баъд аз пешин Исо кушта мешавад, роҳбарони дин шодӣ мекунанду шогирдон ғамгин мешаванд. Аммо вақте Исо зинда карда мешавад, ғаму ғуссаи шогирдон ба шодӣ табдил меёбад. Ва баъдтар, вақте Исо ба онҳо рӯҳи муқаддасро мерезад, шогирдон боз ҳам бештар хурсанд мешаванд.

Исо ҳолати шогирдонро ба ҳолати зани ҳомила монанд карда мегӯяд: «Зан ҳангоми таваллуди кӯдак азоб мекашад, вале, баъди таваллуд карданаш аз шодии он ки инсон ба дунё омад, азобҳои худро фаромӯш мекунад». Сипас Исо онҳоро дилбардорӣ карда мегӯяд: «Ба ин монанд шумо низ ҳоло ғамгинед, лекин, вақте боз маро мебинед, дилҳоятон шод мешавад ва ҳеҷ кас шуморо аз ин шодӣ маҳрум карда наметавонад» (Юҳанно 16:21, 22).

Шогирдон то ин дам ба номи Исо аз Худо чизе напурсидаанд. Ҳоло Исо чунин мегӯяд: «Он рӯз



шумо аз Падар ба номи ман талаб мекунед». Ин, албатта, маънои онро надорад, ки Падар намехоҳад ба дуоҳояшон ҷавоб диҳад. Исо мегӯяд: «Худи Падар шуморо дӯст медорад, чунки маро дӯст доштед ва бовар кардед, ки аз ҷониби Худо омадаам» (Юҳанно 16:26, 27).

Шояд, ин суханон ба шогирдон боварӣ мебахшанд ва онҳо мегӯянд: «Аз ин рӯ бовар мекунем, ки ту аз ҷониби Худо омадаӣ». Ба наздикӣ ин боварии онҳо зери озмоиш қарор мегирад. Исо дар ҷавоб ба онҳо дар бораи ояндаашон мегӯяд: «Инак, вақте наздик аст ва аллакай расидааст, ки ҳар яки шумо пароканда шуда, ба хонаи худ меравед ва маро танҳо мегузоред». Сипас ӯ боз онҳоро дилбардорӣ карда мегӯяд: «Ман инро ба шумо барои он гуфтам, ки ба воситаи ман осоиштагӣ дошта бошед. Дар ин ҷаҳон шумо азобҳо хоҳед дошт, вале далер бошед; ман бар ҷаҳон ғолиб омадам!» (Юҳанно 16:30–33). Аммо Исо онҳоро партофта ба ҳоли худ вогузор намекунад. Ӯ боварӣ дорад, ки ҳарчанд Шайтон ва дунёи ӯ ба шогирдонаш пайваста ҳамла мекунад, онҳо ҳам мисли устодашон бар дунё ғолиб меоянд ва содиқона хости Худоро иҷро мекунанд.

- ◊ Аз шунидани кадом огоҳӣ расулон ғамгин мешаванд?
- ◊ Чаро шогирдон аз Исо дигар дар бораи рафтанаш чизе намепурсанд?
- ◊ Исо бо кадом мисол мефаҳмонад, ки ғами шогирдон ба шодӣ табдил меёбад?

# ИСО БОРИ ОХИР ДАР БОЛОХОНА ДУО МЕГӮЯД

ЮҲАННО 17:1–26

Исо шогирдонашро дӯст медорад ва мехоҳад онҳоро ба рафтани худ тайёр кунад. Ҳоло ӯ ба осмон нигоҳ карда, ба Падараш дуо мегӯяд: «Писари Худро ҷалол деҳ, то Писарат низ Туро ҷалол диҳад. Ту ба ӯ бар тамоми инсоният қудрат додаӣ, то ба ҳамаи онҳое, ки ба ӯ додаӣ, ҳаёти ҷовидонӣ бахшад» (Юҳанно 17:1, 2).

Бешубҳа, Исо дарк мекунад, ки ҷалол додани Худо кори аз ҳама муҳим аст. Лекин ҳамзамон донистани он ки одамон беохир зиндагӣ карда метавонанд, хеле тасаллибахш аст. Худо ба Исо «бар тамоми инсоният қудрат» додааст, барои ҳамин ӯ метавонад қурбонии худро бар фоидаи тамоми одамизод истифода барад. Лекин на ҳамаи одамон аз ин баҳра мегиранд. Исо қайд мекунад: «Барои соҳиби ҳаёти ҷовидонӣ шудан лозим аст, ки дар бораи Ту, Худои ягонаи ҳақиқӣ, ва Исои Масеҳ, ки ӯро фиристодӣ, дониш гиранд» (Юҳанно 17:3).

Шахс бояд ҳам дар бораи Падар ва ҳам Писар дониши амиқ гирад ва бо онҳо муносибати наздик инкишоф диҳад. Ӯ бояд нуқтаи назари Яҳува Худо ва Писари Ӯро аз худ созад. Ҳамчунин ӯ бояд дар худ хислатҳои онҳоро инкишоф диҳад ва ба дигарон мисли онҳо муносибат кунад. Ӯ бояд дарк кунад, ки соҳиби ҳаёти ҷовидонӣ шудан чизи дуюмдараҷа аст, чунки мо бояд пеш аз ҳама дар бораи ҷалол ёфтани Худо фикр кунем. Исо суханашро давом медиҳад:

«Ман он кореро, ки ба ман супоридӣ, ба анҷом расонида, Туро дар рӯйи замин ҷалол додам. Акнун бошад, эй Падар, маро назди Худ бо он ҷалоле, ки пеш аз ба вуҷуд омадани ҷаҳон дар наздат доштам, ҷалол деҳ» (Юҳанно 17:4, 5). Исо аз Яҳува илтимос мекунад, ки баъди зинда шуданаш боз дар осмон ҷалол ёбад.

Ҳамзамон ӯ дар хотир дорад, ки хизмати заминиаш чӣ натиҷа овард: «Ман номи Туро ба одамоне, ки аз ҷаҳон ба ман додӣ, маълум намудам. Онҳо аз они Ту буданд ва Ту онҳоро ба ман додӣ ва онҳо каломи Туро риоя карданд» (Юҳанно 17:6). Чӣ тавр Исо номи Худоро ба одамон маълум сохт? Ӯ на танҳо номи илоҳиро дар вақти бо одамон гап заданаш ба забон меовард; ӯ ба расулонаш кӯмак мекард, то бо хислатҳо ва тарзи муносибати Худо бо одамон шинос шаванд.

Расулон аз Исо таълим гирифта дар бораи Яҳува ва нақши Писар дониш гирифтанд. Исо бо фурӯтанӣ мегӯяд: «Суханонеро, ки ба ман гуфта будӣ, ба онҳо расондам; онҳо ин суханонро қабул карданд ва фаҳмиданд, ки ман аз ҷониби Ту омадаам ва бовар карданд, ки Ту маро фиристодаӣ» (Юҳанно 17:8).

Баъд Исо дар бораи фарқ байни шогирдон ва одамони ин ҷаҳон чунин мегӯяд: «Ман на барои ҷаҳон, балки барои касоне илтимос мекунам, ки ба ман додаӣ, зеро онҳо аз они Туянд... Эй Падари муқаддас, онҳоро ба хотири номи Худ, ба хотири номе, ки ба ман додаӣ, дар паноҳат нигоҳ дор, то онҳо як бошанд, чуноне ки мо як ҳастем... Ман онҳоро ҳимоя кардам ва ҳеҷ кадоми онҳо, ғайр аз писари ҳалокат, нобуд нагашт». «Писари ҳалокат» гуфта, Исо Яҳудои Исқарютро, ки ӯро ба дасти душманонаш супоридан мехоҳад, дар назар дорад (Юҳанно 17:9–12).

«Ҷаҳон аз онҳо нафрат кард,— мегӯяд Исо ва илова мекунад: — Аз Ту илтимос намекунам, ки онҳоро аз ҷаҳон бибарӣ, балки аз Шайтон муҳофизат кунӣ. Онҳо аз ҷаҳон нестанд, чунон ки ман аз ҷаҳон нестам» (Юҳанно 17:14–16). Ҳарчанд расулон ва шогирдони дигар дар ин ҷаҳоне, ки зери роҳбарии Шайтон аст, зиндагӣ мекунанд, онҳо бояд худро ба корҳои бади он олуда насозанд. Чӣ тавр?

Онҳо бояд мувофиқи Навиштаҳои Иброни ва он чизҳое, ки Исо таълим медод, зиндагӣ кунанд. Исо дар дуо чунин мегӯяд: «Онҳоро бо

ростии Худ муқаддас гардон; каломи Ту ростист» (Юҳанно 17:17). Баъдтар баъзе аз расулон зери илҳоми Худо китобҳое менависанд, ки онҳо қисми Каломи Худо, ки ростист, мешаванд. Ин китобҳо барои поку муқаддас мондани шахс кӯмак карда метавонанд.

Лекин бо гузашти вақт дигарон низ «ростӣ»-ро қабул мекунанд. Барои ҳамин Исо дар дуояш мегӯяд: «Ман на танҳо барои онҳо [яъне 11 расул] илтимос мекунам, балки ҳамчунин барои касоне, ки ба воситаи суханони онҳо ба ман имон меоранд». Исо аз ҳамаи онҳо чӣ интизор аст? Ӯ мегӯяд: «То ҳамаи онҳо як бошанд, чунон ки Ту, эй Падар, бо ман ва ман бо Ту дар ягонагӣ ҳастем, то онҳо низ бо мо дар ягонагӣ бошанд ва ҷаҳон бовар кунад, ки Ту маро фиристодаӣ» (Юҳанно 17:20, 21). Исо бо Падари худ ҳамфикр аст. Мисли ин пайравони ӯ низ бояд якдилу тифоқ бошанд.

Каме пеш Исо ба Петрус ва расулони дигар гуфт, ки ӯ меравад, то барои онҳо дар осмон ҷой тайёр кунад (Юҳанно 14:2, 3). Ҳоло бошад, ӯ ин фикрро такрор мекунад: «Эй Падар, мехоҳам, то касони ба ман додаат дар он ҷое, ки ман ҳастам, бо ман бошанд ва ҷалолеро, ки ба ман ато намудаӣ, бубинанд, зеро Ту маро пеш аз пайдоиши ҷаҳон дӯст доштаӣ» (Юҳанно 17:24). Суханони Исо нишон медиҳанд, ки дар гузашта, пеш аз фарзанддор шудани Одаму Ҳавво, ӯ вуҷуд дошт ва Худо Писари ягонаи худро дӯст медошт. Баъдтар ӯ дар замин чун инсон таваллуд шуд ва Исои Масеҳ ном гирифт.

Дар охири дуояш Исо боз дар бораи муҳим будани номи Худо гап мезанад. Ҳамчунин ӯ қайд мекунад, ки Худо расулон ва шахсони дигарро, ки «ростӣ»-ро қабул мекунанд, дӯст медорад. Исо мегӯяд: «Ман номи Туро ба онҳо шиносондам ва боз хоҳам шиносонид, то он муҳаббате, ки Ту ба ман дорӣ, дар онҳо бошад ва ман бо онҳо дар ягонагӣ бошам» (Юҳанно 17:26).



◇ Дар бораи Худо ва Писар дониш гирифтан чӣ маъно дорад?
◇ Чӣ тавр Исо номи Худоро ба дигарон маълум сохт?
◇ Чӣ тавр парастандагони ҳақиқии Худо бо Ӯ ва Писараш дар ягонагӣ буда метавонанд?

# ИСО ДАР ВАҚТИ ОЗМОИШИ САХТ ДУО МЕГӮЯД

МАТТО 26:30, 36–46 МАРҚӮС 14:26, 32–42 ЛУҚО 22:39–46 ЮҲАННО 18:1

Исо ва шогирдони содиқаш дуо мегӯянд ва дар охир дар васфи Худо суруд мехонанд. Баъд аз ин онҳо «аз хона баромада, ба тарафи кӯҳи Зайтун» мераванд (Марқӯс 14:26). Онҳо ба тарафи шарқ, сӯйи боғи Ҷатсамонӣ, ки Исо бисёр вақт ба он ҷо мерафт, равона мешаванд.

Вақте онҳо ба ин боғи зебову пур аз дарахти зайтун наздик мешаванд, Исо аз ҳашт расулаш хоҳиш мекунад: «Ман каме дуртар рафта, дуо мегӯям, шумо бошед, то омаданам дар ин ҷо шинед». Ӯ ҳамроҳи худ Петрус, Яъқуб ва Юҳанноро гирифта ба боғ медарояд. Ӯ дар он ҷо бениҳоят ба изтироб меояд ва ба он се кас мегӯяд: «Аз ғаму ғусса ҷонам ба танг омадааст. Ин ҷо бимонед ва ҳамроҳи ман бедор бошед» (Матто 26:36–38).

Баъд ӯ каме пештар меравад ва ба замин афтода, ба Худо дуо мегӯяд. Дар ин лаҳзаи ҷиддитарин ӯ дар бораи чӣ дуо мегуфта бошад? Исо аз Худо илтиҷо мекунад: «Эй Падар, барои Ту ҳама чиз имконпазир аст, ин пиёларо аз ман дур кун. Лекин на хости ман, балки хости Ту иҷро шавад» (Марқӯс 14:35, 36). Ин суханони Исо чӣ маъно доранд? Магар ӯ намехоҳад барои наҷоти одамон ҷонашро фидо кунад? Не, Исо аз иҷрои супоришаш сар тофтанӣ нест.

Исо аз осмон мушоҳида карда буд, ки румиён ҷинояткоронро азобу уқубати бисёр дода мекушанд. Акнун бошад, ӯ худаш дар замин аст ва чун ҳар як инсон тарс, хавотирӣ ва дардро ҳис карда метавонад. Исо медонад, ки ӯро чӣ интизор аст ва барои ҳамин ошуфтаву беқарор аст. Лекин ӯ бештар на дар бораи худаш, балки дар бораи номи Худо фикр мекунад. Якчанд соат пас Исоро дар кофирӣ айбдор мекунанд ва дар сутун мехкӯб карда мекушанд. Ӯ мефаҳмад, ки чун ҷинояткор мемирад ва ин номи поки Падарашро доғдор карда метавонад.

Исо баъди дурудароз дуо гуфтан назди се расулаш баргашта, мебинад, ки онҳо хоб рафтаанд, ва ба Петрус мегӯяд: «Магар як соат ҳам бо ман бедор монда натавонистед? Бедор бошед ва пайваста дуо гӯед, то ба васваса наафтед». Лекин Исо дарк мекунад, ки ҳоло бевақт шудааст у шогирдон ҳам аз ғаму ташвиши зиёди имрӯз хаста шудаанд. Ӯ илова мекунад: «Рӯҳ бардам аст, вале ҷисм нотавон» (Матто 26:40, 41).

Исо дуюм бор рафта дуо мегӯяд ва аз Худо илтиҷо мекунад, ки «пиёла»-и дарду азоброаз ӯ дур кунад. Вақте ӯ баргашта мебинад, ки се расулаш ба хоб рафтаанд, онҳоро насиҳат дода мегӯяд, ки бедор бошанд, то ба васваса наафтанд. Шогирдон хомӯш меистанд ва намедонанд «ба ӯ чӣ ҷавоб диҳанд» (Марқӯс 14:40). Исо сеюм бор рафта, зону мезанад ва ба Худо дуо мегӯяд.

Исо сахт хавотир аст, ки вақте ӯ чун ҷинояткор мемирад, ин номи Падарашро доғдор месозад. Яҳува дуои Писарашро мешунавад ва фариштаеро мефиристад, то Исоро дилбардорӣ кунад. Ҳатто баъд аз ин Исо дуо гуфтанро бас намекунад, балки «бо ҷидду ҷаҳди бештар»-е дуо мегӯяд. Ғаму ташвиш ва ҳаяҷон мисли кӯҳи

### АРАҚИ Ӯ МИСЛИ ҚАТРАҲОИ ХУН МЕЧАКИД

Луқо, ки духтур аст, аниқ намегӯяд, ки ба кадом маъно араќи Исо «мисли қатраҳои хун ба замин мечакид» (Луқо 22:44). Шояд Луқо дар назар дошт, ки араќи Исо чакра-чакра мерехт, мисли қатраҳои хун аз захм. Боз як ақидаи дигарро олиме бо номи Уилям Эдвардс дар як маҷаллаи илмӣ баён намуда буд. Ӯ гуфт, ки ҳарчанд чунин ҳолат ками дар кам рӯй медиҳад, лекин ин тавр шуданаш мумкин аст, ки бо арақ хун бароядТ. Дар вазъиятҳои хеле душвор аз шиддати ҳаяҷон шоҳрагҳо (артерияҳо)-и хурд мекафанд ва хун бо арақ омехта мешавад. Барои ҳамин ба назар чунин тофта метавонад, ки аз бадани шахс ба ҷойи арақ хун баромада истодааст (The Journal of the American Medical Association).



азиме бар китфи Исо бор шудааст. Охир, ҳаёти абадии худаш ва ҳаёти тамоми инсоният аз ӯ вобаста аст. Араќи Исо «мисли қатраҳои хун ба замин» чакидан мегирад (Луқо 22:44).

Вақте ӯ бори сеюм назди шогирдонаш меояд, мебинад, ки онҳо ин дафъа ҳам хобанд. «Ҳаход дар чунин вақт ҳам шумо хоб равед ва дам гиред?! — мегӯяд Исо.— Ҳоло соате, ки Писари одам ба дасти гунаҳкорон супорида мешавад, наздик аст. Бархезед, меравем. Инак, шахсе, ки ба ман хиёнат мекунад, омада истодааст» (Матто 26:45, 46).

- Баъди аз болохона баромадан Исо бо расулонаш ба куҷо меравад?
- Вақте Исо дуо мегӯяд, се расулаш чӣ кор мекунанд?
- Аз он ки арақи Исо мисли хун мерехт, дар бораи ҳиссиёти ӯ чиро фаҳмидан мумкин аст?

# ЯҲУДО ИСОРО БА ДАСТИ ДУШМАНОН МЕСУПОРАД

МАТТО 26:47–56 МАРҚӮС 14:43–52 ЛУҚО 22:47–53 ЮҲАННО 18:2–12

Ҳоло вақт аз нисфи шаб гузашта аст. Коҳинон ба Яҳудо ваъда дода буданд, ки агар Исоро ба дасти онҳо супорад, ба ӯ 30 тангаи нуқра медиҳанд. Ҳоло Яҳудо ба ҷустуҷӯйи Исо меравад ва ӯро гурӯҳи калони фарисиён ва коҳинони калон ҳамроҳӣ мекунанд. Ҳамчунин ҳамроҳи онҳо як дастаи сарбозони румӣ бо мириҳазорашон равонаанд.

Аз афташ, вақте Исову шогирдонаш дар болохона хӯроки шоми Раҳоиро мехӯрданду Исо Яҳудоро ҷавоб дод, ӯ рост пеши коҳинони калон рафт (Юҳанно 13:27). Коҳинон посбонону сарбозонро ҷамъ карда, бо Яҳудо фиристоданд. Эҳтимол, Яҳудо ва ҳамроҳонаш аввал ба болохона рафтанд, лекин дар он ҷо касеро наёфта, аз водии Қидрӯн гузаштанд ва сӯйи боғи Ҷатсамонӣ равона гаштанд. Ғайр аз силоҳ онҳо бо худ чароғу машъал доранд, то Исоро дар ин бевақтии шаб ҷустуҷӯ карда ёбанд.

Яҳудо боварӣ дорад, ки Исоро дар боғ меёбад. Вақте Исо бо шогирдонаш дар Байт-Ҳинӣ меистоданд, онҳо қариб ҳар рӯз ба Ерусалим омаду рафт мекарданд ва дар аснои роҳ дар боғи Ҷатсамонӣ дам мегирифтанд. Лекин ҳозир шаб шудааст ва Исо дар сояи дарахтони зайтун буда метавонад. Сарбозон бошанд, Исоро пеш аз ин надида буданд ва ӯро намешиносанд. Барои кори онҳоро осон кардан Яҳудо пешниҳод мекунад: «Касеро, ки бӯса кунам, ҳамон шахс Исо аст, ӯро дастгир кунед ва таҳти назорат гирифта, баред» (Марқӯс 14:44).

Яҳудо Исоро бо расулонаш дар боғ дида, рост пеши ӯ меояду «Салом, эй Устод!» мегӯяд ва ӯро мебӯсад. Аммо Исо аз вай мепурсад: «Эй рафиқ, барои чӣ ба ин ҷо омадӣ?» (Матто 26:49, 50). Исо худаш ба саволи худ ҷавоб медиҳад: «Эй Яҳудо, магар ба Писари одам бо бӯса хиёнат мекунӣ?» (Луқо 22:48). Баъд аз ин Исо ба хоини худ дигар чизе намегӯяд.

Он гоҳ Исо далерона ба пеш, ба сӯйи рӯшноии чароғу машъалҳо қадам гузошта, мепурсад: «Киро мекобед?» Онҳо ҷавоб медиҳанд: «Исои носириро». Исо нотарсона мегӯяд: «Ин манам» (Юҳанно 18:4, 5). Ин мардон худашонро гум мекунанд ва ақибнокӣ рафта, ба замин меафтанд.

Исо ба ҷойи он ки аз ин фурсати муносиб истифода бурда гурезад, бори дигар аз онҳо мепурсад, ки киро мекобанд. Вақте онҳо дуюмбора «Исои носириро» мегӯянд, ӯ оромона ҷавоб медиҳад: «Ман ба шумо гуфтам, ки ин манам. Пас, агар маро мекофта бошед, монед, ки онҳо раванд». Ҳатто дар лаҳзае, ки ҷони худаш зери хатар аст, Исо ваъдаашро аз хотир намебарорад. Каме пеш ӯ гуфта буд, ки ҳеҷ яке аз шогирдонашро аз даст намедиҳад (Юҳанно 6:39; 17:12). Исо расулони содиқашро нигаҳ дошт ва ҳеҷ яке аз онҳо, «ғайр аз писари ҳалокат», яъне Яҳудо, гум нашуд (Юҳанно 18:7–9). Ҳозир ӯ хоҳиш мекунад, ки расулонашро сар диҳанд.

Вақте сарбозон аз ҷояшон хеста, сӯйи Исо меоянд, шогирдон мефаҳманд, ки оқибати кор чӣ мешавад. Онҳо аз Исо мепурсанд: «Ҳазрат, оё шамшерҳоямонро ба кор барем?» (Луқо 22:49). Пеш аз он ки Исо ҷавобе гӯяд, Петрус аз он ду шамшере, ки расулон бо худ оварда буданд, якеро ба кор меандозад. Ӯ ба ғуломи саркоҳин, ки Малхус ном дорад, ҳамла мекунад ва гӯши росташро мебурад.

Исо дасташро ба гӯши Малхус мерасонад ва онро шифо медиҳад. Он гоҳ ӯ ба Петрус як чизи муҳимеро таълим дода, амр мефармояд: «Шамшери худро ба ҷояш мон, чунки ҳамаи онҳое, ки шамшер мекашанд, бо шамшер кушта хоҳанд шуд». Исо мехоҳад, ки ӯро дастгир кунанд. Ӯ мегӯяд: «Дар ин ҳол Навиштаҳои Муқаддас чӣ хел иҷро мешаванд? Охир, дар он ҷо гуфта шудааст, ки ҳамааш бояд ҳамин тавр ба амал ояд» (Матто 26:52, 54). Сипас ӯ илова мекунад: «Наход аз пиёлае, ки Падар ба ман додааст, нанӯшам?» (Юҳанно 18:11). Исо мехоҳад хости Падарашро иҷро кунад, ҳатто агар барои ин ба ӯ мурдан лозим ояд.

Он вақт Исо ба мардум мегӯяд: «Магар ман ғоратгарам, ки шумо барои дастгир карданам бо шамшеру таёқҳо омадед? Ҳар рӯз ман дар маъ-

бад нишаста таълим медодам, лекин шумо маро дастгир намекардед. Вале ҳамаи ин ба амал омад, то суханони навиштаи пайғамбарон иҷро шаванд» (Матто 26:55, 56).

Дастаи сарбозон, мириҳазор ва посбонони яҳудӣ Исоро дастгир карда, мебанданд. Инро дида шогирдон мегурезанд. Лекин «як ҷавонмард», шояд, шогирди Исо бо номи Марқӯс, дар он ҷо мемонад, то аз пайи Исо равад (Марқӯс 14:51). Мардум зуд ӯро мешиносанд ва дастгир карданӣ мешаванд, аммо ин ҷавон либоси катонашро дар дасти онҳо монда, мегурезад.



◊ Чаро Яҳудо ба ҷустуҷӯйи Исо ба боғи Ҷатсамонӣ меравад?
◊ Петрус барои ҳимояи Исо чӣ кор карданӣ мешавад, вале Исо чӣ мегӯяд?
◊ Чӣ нишон медиҳад, ки Исо мехоҳад хости Худоро иҷро кунад?
◊ Вақте шогирдон Исоро партофта мегурезанд, кӣ мемонад ва баъд чӣ мешавад?

# ИСОРО АВВАЛ ПЕШИ ҲОНОН ВА БАЪД ПЕШИ ҚАЁФО МЕБАРАНД

МАТТО 26:57–68   МАРҚӮС 14:53–65   ЛУҚО 22:54, 63–65   ЮҲАННО 18:13, 14, 19–24

Исоро мисли ҷинояткор дастгир карда назди Ҳонон мебаранд. Дар вақти наврасии Исо, вақте ӯ дар маъбад муаллимонро ба ҳайрат оварда буд, Ҳонон чун саркоҳин хизмат мекард (Луқо 2:42, 47). Баъдтар баъзе писарони Ҳонон саркоҳин шуданд. Ҳоло бошад, домодаш Қаёфо ин вазифаро ба ӯҳда дорад.

Ҳоло ки Исо дар хонаи Ҳонон аст, Қаёфо метавонад Суди олии яҳудиёнро ҷамъ кунад. Ин суд 71 аъзо дорад ва ба он саркоҳин ва шахсоне, ки пештар ин вазифаро ба ӯҳда доштанд, дохил мешаванд.

Ҳонон аз Исо «дар бораи шогирдонаш ва таълимоташ пурсуҷӯ» мекунад. Исо мегӯяд: «Ман ба ҷаҳон кушоду равшан сухан мегуфтам. Ман ҳамеша дар ибодатгоҳҳо ва дар маъбад, ки тамоми яҳудиён он ҷо ҷамъ меоянд, таълим медодам ва чизеро пинҳонӣ намегуфтам. Пас, чаро аз ман мепурсӣ? Аз онҳое пурс, ки суханони маро шунидаанд» (Юҳанно 18:19–21).

Он гоҳ яке аз посбононе, ки дар наздаш меистод, Исоро торсакӣ зада, мегӯяд: «Ту ба коҳини калон ҳамин тавр ҷавоб медиҳӣ?» Лекин Исо ба ӯ мегӯяд: «Агар ягон гапи нодуруст гуфта бошам, бигӯй, ки хатои ман дар чист, вале, агар дуруст гуфта бошам, барои чӣ маро мезанӣ?» (Юҳанно 18:22, 23). Баъд Ҳонон амр медиҳад, ки Исоро ба назди домодаш Қаёфо баранд.



Дар хонаи Қаёфо аъзоёни Суди олӣ ҷамъ шудаанд, аз он ҷумла худаш, пирон ва шариатдонон. Дар шаби иди Раҳоӣ муҳокима гузаронидани онҳо ғайриқонунӣ мебошад. Лекин ба ин нигоҳ накарда онҳо мехоҳанд нияти бадашонро амалӣ гардонанд.

Бешубҳа, ин одамон Исоро аз рӯйи адолат ҳукм карданӣ нестанд. Чанде пеш, баъди он ки Исо Лаъзорро зинда кард, Суди олӣ қарор кард, ки Исо кушта шавад (Юҳанно 11:47–53). Чанд рӯз пеш бошад, сарварони дин забон як карданд, ки Исоро дастгир карда мекушанд (Матто 26:3, 4). Маълум мешавад, ки пеш аз суд шуданаш Исо аллакай ба марг маҳкум шудааст!

Ғайр аз он ки коҳинони калон ва дигар аъзоёни Суди олии яҳудиён ба таври ғайриқонунӣ ҷамъ мешаванд, онҳо барои айбдор кардани Исо шоҳидони бардурӯғро меҷӯянд. Шоҳидони зиёде ёфт мешаванд, лекин суханони онҳо бо ҳам мувофиқат намекунад. Оқибат ду кас омада, мегӯянд: «Мо шунидаем, ки ӯ гуфта буд: “Ман ин маъбадро, ки бо дасти одамон сохта шудааст, вайрон мекунам ва дар давоми се рӯз маъбади дигаре, ки бо дасти одамон сохта нашудааст, бино мекунам”» (Марқӯс 14:58). Лекин суханони онҳо ҳам бо ҳам мувофиқат намекунад.

Қаёфо аз Исо мепурсад: «Чаро чизе ҷавоб намедиҳӣ? Ту ба ин айбдоркуниҳо чӣ мегӯӣ?» (Марқӯс 14:60). Исо чизе намегӯяд. Ӯ дар ҷавоби шоҳидоне, ки суханонашон бо ҳам мувофиқат намекунад, хомӯш мемонад. Он вақт саркоҳин Қаёфо ҳилаи дигареро ба кор мебарад.

Қаёфо нағз медонад, ки агар касе худро Писари Худо хонад, ин ба яҳудиён сахт мерасад. Чанде пеш, вақте Исо Худоро Падар номид, яҳудиён қасди куштани ӯро карданд, зеро мегуфтанд, ки «худро бо Ӯ баробар» месозад (Юҳанно 5:17, 18; 10:31–39). Қаёфо инро медонад, барои ҳамин ба Исо мегӯяд: «Бо Худои зинда қасам хӯрда ба мо бигӯ, ки оё ту Масеҳ, Писари Худо ҳастӣ?» (Матто 26:63). Дар ҳақиқат, Исо худро Писари Худо меномид (Юҳанно 3:18; 5:25; 11:4). Агар ҳоло Исо инро тасдиқ накунад, ҳама гумон карда метавонад, ки ӯ Писари Худо ва Масеҳ буданашро инкор карда истодааст. Барои ҳамин Исо мегӯяд: «Ҳа, ва шумо Писари одамро хоҳед дид, ки дар тарафи рости Худои қодир нишастааст ва бо абрҳои осмон меояд» (Марқӯс 14:62).

Он гоҳ Қаёфо намоишкорона либоси худро дарронда, мегӯяд: «Ӯ куфр мегӯяд! Дигар ба шоҳид чӣ ҳоҷат? Ана, шумо ҳоло бо гӯши худ шунидед, ки ӯ куфр мегӯяд. Пас, чӣ фикр доред?» Суди олӣ бошад, чунин ҳукми ноҳақ мебарорад: «Ӯ сазовори марг аст» (Матто 26:65, 66).

Баъди ин Исоро мазоҳу масхара мекунанд. Ӯро бо мушт мезананд ва ба рӯяш торсакӣ зада, туф мекунанд. Баъд рӯяшро пӯшонида, ӯро мезананд ва писханд карда мегӯянд: «Агар пайғамбар бошӣ, канӣ гӯй: туро кӣ зад?» (Луқо 22:64). Бинед, ки ин мардум шабона ба таври ғайриқонунӣ ҷамъ шуда Писари Худоро ноҳақ айбдор мекунанд ва паст мезананд!

---

◊ Аввал Исоро ба куҷо мебаранд ва дар он ҷо чӣ рӯй медиҳад?
◊ Баъд Исоро ба куҷо мебаранд ва дар он ҷо Қаёфо кадом ҳиларо ба кор мебарад?
◊ Дар вақти суд Исоро чӣ тавр мазоҳу масхара мекунанд?

# ПЕТРУС ИСОРО ИНКОР МЕКУНАД

МАТТО 26:69–75 МАРҚӮС 14:66–72 ЛУҚО 22:54–62 ЮҲАННО 18:15–18, 25–27

Вақте Исоро дар боғи Ҷатсамонӣ дастгир мекунанд, шогирдонаш аз тарс ӯро партофта мегурезанд. Лекин ду нафари онҳо — Петрус ва «як шогирди дигар», аз афташ Юҳанно, бармегарданд (Юҳанно 18:15; 19:35; 21:24). Эҳтимол, онҳо мебинанд, ки Исоро ба хонаи Ҳонон мебаранд. Вақте Ҳонон Исоро пеши саркоҳин Қаёфо мефиристад, Петрусу Юҳанно дар масофаи дуртар аз пайи ӯ равона мешаванд. Аз афташ, расулон байни обу оташанд: онҳо ҳам барои ҷони худ метарсанд ва ҳам барои Устодашон хавотиранд.

Юҳанно бо саркоҳин шинос аст, барои ҳамин ӯ ба саҳни ҳавлии саркоҳин Қаёфо даромада метавонад. Петрус бошад, дар берун интизор мешавад, аммо баъдтар Юҳанно бо канизи дарвозабон гапзанон карда, Петрусро ба даруни ҳавлӣ медарорад.

Имшаб ҳаво хунук аст, барои ҳамин мардуме, ки дар саҳни ҳавлӣ буданд, дар гирди гулхани аз лахчаҳо афрӯхта худро гарм мекунанд. Петрус ҳам назди онҳо рафта, худро гарм кардан мегирад ва интизор мешавад, ки бо Исо чӣ рӯй медиҳад (Матто 26:58). Дар рӯшноии гулхан канизи дарвозабон, ки Петрусро даровардa буд, ба рӯйи ӯ зеҳн монда мегӯяд: «Магар ту низ яке аз шогирдони он мард нестӣ?» (Юҳанно 18:17). Ба ғайр аз он зан дигарон низ Петрусро чун яке аз ҳамроҳони Исо мешиносанд (Матто 26:69, 71–73; Марқӯс 14:70).

Петрус аз тарс дасту по гум карда, мегӯяд: «Ман вайро намешиносам ва намефаҳмам, ки ту дар бораи чӣ гап зада истодаӣ» (Марқӯс 14:67, 68). Ӯ қавлу қасам хӯрда, Исоро инкор кардан мегирад ва мегӯяд, ки агар дурӯғ гуфта бошад, Худо ӯро ба бало гирифтор кунад (Матто 26:74).

Ҳамзамон суду муҳокимаи Исо, эҳтимол, дар болохонаи ҳавлии Қаёфо давом дорад. Петрус ва одамоне, ки бо ӯ дар беруни ҳавлӣ нишастаанд, мебинанд, ки чӣ тавр шоҳидон барои гувоҳӣ додан ба хона медароянду аз он ҷо баромада мераванд.

Мардум аз лаҳҷаи ҷалилии Петрус мефаҳманд, ки ӯ «вайро намешиносам» гуфта, дурӯғ мегӯяд. Ғайр аз ин, яке аз онҳое, ки дар саҳни ҳавлӣ аст, хеши ҳамон Малхусе ҳаст, ки Петрус гӯшашро бурида буд. Ӯ ба Петрус мегӯяд: «Оё туро дар боғ бо ӯ надида будам?» Вақте Петрус сеюм бор инкор мекунад, хурӯс фарёд мезанад (Юҳанно 13:38; 18:26, 27).

Аз афташ, ҳамон маврид Исо дар айвон асту саҳни ҳавлиро мушоҳида карда истодааст. Ӯ рост ба Петрус нигоҳ мекунад. Ин нигоҳ, бешак, мисли ханҷар ба дили Петрус мезанад. Ӯ суханонеро, ки Исо дар болохона гуфта буд, ба хотир меорад. Петрус ҷиддияти кори кардаашро пурра дарк мекунад ва аз бори дарду алам берун баромада, зор–зор мегиряд (Луқо 22:61, 62).

Чӣ хел шуд, ки Петрус Устодашро инкор кард, Петрусе, ки аз худотарсиву вафодориаш ба Исо дилпур буд? Албатта, сабаб дар он аст, ки ӯ ба ин вазъият тайёр набуд. Ҳозир суди олии яҳудиён суханони Исоро нодуруст маънидод карда, ҷиноятеро ба гардани ӯ бор карда истодаанд. Лекин Исо айбе надорад. Пас, Петрусро мебоист бо Исо бимонад ва Устодашро дастгирӣ кунад, лекин ӯ Писари Худоро тарк кард, касеро, ки «суханони ҳаёти ҷовидонӣ» дошт (Юҳанно 6:68).

Воқеаи ғамангези Петрус нишон медиҳад, ки ҳатто шахси имондору худотарс метавонад пешпо хӯраду афтад, агар ба васвасаву душвориҳо хуб тайёр набошад. Бигзор он чӣ бо Петрус рӯй дод, барои ҳар як ходими Худо дарси ибрат шавад!

# 126



- Чӣ тавр Петрусу Юҳанно ба ҳавлии Қаёфо медароянд?
- Вақте Петрусу Юҳанно дар саҳни ҳавлианд, дар хонае, ки Исо буд, чӣ рӯй медиҳад?
- Петрус қасам хӯрда чӣ мегӯяд?
- Мо аз мисоли Петрус чӣ дарсе мегирем?

# ИСОРО НАЗДИ ПИЛОТУС МЕБАРАНД

МАТТО 27:1–11 МАРҚӮС 15:1 ЛУҚО 22:66–23:3 ЮҲАННО 18:28–35

Субҳ дамида истодааст. Петрус аллакай се бор Исоро инкор кард. Баъди гузаронидани муҳокимаи сохта аъзоёни Суди олии яҳудиён пароканда мешаванд. Саҳари ҷумъа онҳо боз вомехӯранд, то, эҳтимол, муҳокимаи ғайриқонунии дирӯзаашон ранги қонунӣ пайдо кунад. Исоро назди Суди олӣ меоранд.

Суд боз мепурсад: «Агар Масеҳ бошӣ, инро ба мо бигӯ». Исо ҷавоб медиҳад: «Ҳатто агар гӯям ҳам, шумо бовар намекунед. Ва, агар ман ба шумо савол диҳам, ҷавоб намедиҳед». Исо далерона мефаҳмонад, ки ӯ ҳамонест, ки дар Дониёл 7:13 дар борааш пешгӯйӣ шуда буд. Ӯ мегӯяд: «Аз ин пас Писари одам дар тарафи рости Худои қодир хоҳад нишаст» (Луқо 22:67–69; Матто 26:63).

Онҳо боисрор мепурсанд: «Пас, ту Писари Худо ҳастӣ?» Исо мегӯяд: «Ҳамон тавре аст, ки мегӯед». Барои онҳо ин суханони Исо кофиянд, то ӯро дар куфргӯйӣ айбдор кунанд. Онҳо мегӯянд: «Боз чӣ шаҳодате ба мо лозим аст?» (Луқо 22:70, 71; Марқӯс 14:64). Баъд онҳо дастони Исоро мебанданд ва ба назди ҳоким Понтиюс Пилотус мебаранд.

Шояд, Яҳудои хиёнаткор мебинад, ки чӣ тавр Исоро назди Пилотус мебаранд. Вақте Яҳудо мефаҳмад, ки Исо ба марг маҳкум шудааст, ӯ гӯё пушаймонӣ ва ғаму андӯҳ ҳис мекунад. Лекин ба ҷойи он ки аз таҳти дил тавба кунаду ба Худо муроҷиат кунад, ӯ пеши коҳинони калон меравад, то сӣ тангаи нуқраро баргардонад. Яҳудо ба онҳо мегӯяд: «Ман шахси бегуноҳро ба дасти шумо супурда гуноҳ кардам». Лекин ин одамони сангдилу бераҳм чунин ҷавоб медиҳанд: «Ба мо чӣ? Худат медонӣ» (Матто 27:4).

Яҳудо сӣ тангаи нуқраро дар маъбад мепартояд ва баъд ба гуноҳаш гуноҳи дигарро зам мекунад, яъне ба худкушӣ даст заданӣ мешавад. Ӯ мехоҳад худро ба шохаи дарахт овезад, лекин шоха мешиканад. Он гоҳ ӯ саракӣ ба сангҳо меафтад ва шикамаш мекафаду узвҳои даруниаш берун мешаванд (Аъмол 1:17, 18).



Саҳари барвақт Исоро ба қасри Понтиюс Пилотус мебаранд. Лекин яҳудиён ба он ҷо даромадан намехоҳанд. Онҳо фикр мекунанд, ки муомилаву муошироти наздик бо ғайрияҳудиён онҳоро нопок месозад. Ва, агар яҳудӣ нопок шавад, ӯ наметавонад шоми 15-уми нисон — аввалин рӯзи иди Фатир, ки давоми иди Раҳоӣ аст, хӯрок хӯрад.

Пилотус назди онҳо мебарояд ва мегӯяд: «Шумо бар зидди ин одам чӣ даъво доред?» Онҳо мегӯянд: «Агар ӯ ҷинояткор намебуд, мо ӯро ба дасти ту намесупоридем». Аз афташ, яҳудиён ба Пилотус фишор меоранд, барои ҳамин ӯ мегӯяд: «Худатон ӯро гирифта, мувофиқи шариати худ доварӣ кунед». Яҳудиён бошанд, чунин мегӯянд: «Ба мо раво нест, ки касеро кушем» (Юҳанно 18:29–31). Аз ин суханон маълум мешавад, ки онҳо қасди куштани Исоро доранд.

Агар онҳо Исоро дар давоми иди Раҳоӣ кушанд, мардум метавонад шӯру ғавғо бардорад, чунки бисёриҳо Исоро ҳурмату эҳтиром мекунанд. Лекин, яҳудиён медонанд, ки румиён метавонанд Исоро ба қатл расонанд. Агар онҳо Исоро дар исён ба муқобили ҳокимияти Рум айбдор карда, бо дасти румиён кушанд, он вақт мардум онҳоро дар марги Исо айбдор намекунад.

Сарварони дин ба Пилотус намегӯянд, ки онҳо Исоро дар куфргӯӣ айбдор карданд. Акнун онҳо якчанд айби дигареро ба гардани Исо бор мекунанд: «Мо фаҳмидем, ки ин одам халқи моро гумроҳ месозад [1], ба қайсар андоз супориданро манъ мекунад [2] ва худро Масеҳ ва подшоҳ меномад [3]» (Луқо 23:2).

Чун намояндаи ҳокимияти Рум Пилотус хавотир аст, ки оё чизе, ки яҳудиён дар ҳаққи Исо мегӯянд, рост аст ва оё Исо худро подшоҳ номида ба ҳокимияти Рум зид мебарояд. Барои ҳамин ӯ ба қасраш медарояд ва Исоро ба наздаш хонда, мегӯяд: «Оё ту Подшоҳи яҳудиён ҳастӣ?» Пилотус донистан мехоҳад, ки оё Исо бар зидди қайсар баромада, худро подшоҳ эълон карданист ё не. Аз афташ, Исо фаҳмидан мехоҳад, ки Пилотус дар бораи ӯ чӣ медонад, барои ҳамин мепурсад: «Инро худат мегӯӣ ё дигарон дар бораи ман ба ту гуфтанд?» (Юҳанно 18:33, 34).

Пилотус нишон медиҳад, ки дар бораи ӯ чизе намедонад, лекин фаҳмидан мехоҳад, барои ҳамин чунин мегӯяд: «Магар ман яҳудӣ ҳастам? Халқи худат ва коҳинони калон туро ба дасти ман супурданд. Ту чӣ кор кардаӣ?» (Юҳанно 18:35).

Ҳангоми ҷавоб доданаш Исо аз мавзӯи подшоҳӣ дур намеравад ва ҷавоби ӯ, бешубҳа, Пилотусро ба ҳайрат меорад.

**САҲРОИ ХУН** Коҳинони калон намедонанд, ки бо сӣ тангаи нуқра, ки Яҳудо дар маъбад партофт, чӣ кор кунанд. Онҳо мегӯянд: «Инҳоро ба хазинаи маъбад андохтан раво нест, чунки дар ивази ин тангаҳо хуни одам рехта шудааст». Барои ҳамин онҳо қарор мекунанд, ки ба ин пулҳо замини кӯзагарро харанд, то ки дар он ҷо ғарибонро гӯр кунанд. Аз ин сабаб он «Саҳрои хун» ном дорад (Матто 27:6–8).



◇ Барои чӣ Суди олии яҳудиён саҳари ҷумъа боз вомехӯрад?
◇ Яҳудо чӣ тавр мемирад ва бо сӣ тангаи нуқра чӣ мешавад?
◇ Кадом айбҳои дигарро яҳудиён ба гардани Исо бор мекунанд?

# ПИЛОТУС ВА ҲИРОДУС ИСОРО АЙБДОР НАМЕҲИСОБАНД

МАТТО 27:12–14, 18, 19 МАРҚӮС 15:2–5 ЛУҚО 23:4–16 ЮҲАННО 18:36–38

Исо подшоҳ буданашро аз Пилотус пинҳон намесозад. Ҳамзамон ӯ қайд мекунад, ки Подшоҳии ӯ барои ҳокимияти Рум хатарнок нест. Исо мегӯяд: «Подшоҳии ман аз ин ҷаҳон нест. Агар подшоҳии ман аз ин ҷаҳон мебуд, пайравони ман мубориза мебурданд, то ки ба дасти яҳудиён супурда нашавам. Аммо подшоҳии ман аз ин ҷаҳон нест» (Юҳанно 18:36). Бале, Исо соҳиби подшоҳӣ аст, лекин он аз ин ҷаҳон нест.

Пилотус аз ин ҷавоби Исо қонеъ намешавад. Ӯ аз Исо мепурсад: «Пас, ту подшоҳ ҳастӣ?» Исо нишон додан мехоҳад, ки Пилотус ба хулосаи дуруст омадааст, барои ҳамин мегӯяд: «Ҳамон тавре аст, ки мегӯӣ. Ман барои он таваллуд шудам ва барои он ба ҷаҳон омадам, ки дар бораи ростӣ шаҳодат диҳам. Ҳар касе, ки тарафдори ростист, ба овози ман гӯш медиҳад» (Юҳанно 18:37).

Чанде пеш аз ин Исо ба Тумо гуфта буд: «Ман роҳ, ростӣ ва ҳаёт ҳастам». Акнун бошад, ӯ ба Пилотус мефаҳмонад, ки барои он ба ҷаҳон омадааст, то дар бораи ростӣ, хусусан ҳақиқат дар бораи Подшоҳиаш, шаҳодат диҳад. Исо аз таҳти дил мехост мувофиқи ин ростӣ зиндагӣ кунад, ва, агар даркор шавад, ҷонашро дар ин роҳ фидо кунад. Пилотус мепурсад: «Ростӣ чист?» Лекин ӯ ҷавобро интизор намешавад. Пилотус фикр мекунад, ки чизҳои шунидааш кофиянд, то ӯ дар бораи ин мард ҳукм барорад (Юҳанно 14:6; 18:38).

Пилотус боз ба назди мардум, ки ӯро берун аз қаср интизор буданд, мебарояд. Ӯ ба мардум дар бораи Исо, ки, аз афташ, ҳоло дар наздаш истода буд, чунин мегӯяд: «Ман дар ин одам ягон айбе намеёбам». Вале коҳинони калон ва мардум, ки аз ин ҳукм норозиянд, боисрор мегӯянд: «Ӯ дар тамоми Яҳудия, аз Ҷалил сар карда то худи ин ҷойҳо, мардумро бо таълим доданаш ба шӯр меорад» (Луқо 23:4, 5).

Аз афташ, Пилотус якравиву хунхории мардумро дида ба ҳайрат меояд. Коҳинони калон ва пирон бошанд, доду фарёд мебардоранд. Пилотус аз Исо мепурсад: «Магар намешунавӣ, ки туро чӣ қадар айбдор мекунанд?» (Матто 27:13). Исо чизе ҷавоб намедиҳад ва оромона таънаву маломати душманонашро гӯш мекунад. Чунин рафтори Исо Пилотусро ба ҳайрат меорад.

Яҳудиён гуфтанд, ки Исо корашро аз Ҷалил сар кард. Дар асоси ин Пилотус хулоса мебарорад, ки Исо ҷалилӣ аст. Ӯ дар фикри он аст, ки чӣ тавр худро аз ҷавобгарӣ халос кунад. Ҳокими вилояти Ҷалил Ҳиродуси Антипас (писари Ҳиродуси Бузург) аст ва ҳоло ба муносибати иди Раҳоӣ ӯ дар Ерусалим мебошад. Барои ҳамин Пилотус Исоро ба назди ӯ мефиристад. Чанде пеш Ҳиродус сари Яҳё-пайғамбарро аз тан ҷудо карда буд. Баъдтар, вақте ӯ шунид, ки Исо мӯъҷизаҳо ба амал меорад, хавотир шуд, ки боз Исо ҳамон Яҳё набошад, ки зинда шудааст (Луқо 9:7–9).

Ҳиродус аз дидани Исо хурсанд мешавад. Лекин на барои он ки ба ӯ кӯмак кунад ё аниқ кунад, ки айбдоркуниҳо бар зидди ӯ асосноканд ё не. Мақсади ӯ фақат ин аст, ки Исоро бинад ва ӯ умед дорад, ки «Исо ягон мӯъҷиза нишон медиҳад» (Луқо 23:8). Исо кунҷкобии ӯро қонеъ намекунад. Беш аз ин, Исо ба пурсуҷӯйи Ҳиродус чизе ҷавоб намедиҳад. Он гоҳ Ҳиродус ва сарбозонаш Исоро паст задан мегиранд (Луқо 23:11). Ба ӯ либоси қиматбаҳо пӯшонида мазоҳу масхара мекунанд. Баъд Ҳиродус Исоро боз ба назди Пилотус мефиристад. Ҳарчанд пеш аз ин Ҳиродусу Пилотус ба якдигар душман буданд, ҳоло онҳо дӯст мешаванд.

Вақте Исоро боз назди Пилотус меоранд, ӯ коҳинони калон, ҳокимони яҳудӣ ва мардумро даъват мекунад ва мегӯяд: «Шумо ин одамро ба назди ман оварда, дар он айбдор кардед, ки ӯ халқро ба шӯриш бармеангезад. Аммо ман ӯро дар пеши назари шумо тафтиш кардам ва аз он айбҳое, ки ба гардани ӯ гузоштед, чизе наёфтам. Ҳиродус низ дар ӯ айбе наёфт, чунки ӯро ба наз-



ди мо баргардонид. Инак, ин шахс ягон кори сазовори марг накардааст. Бинобар ин ман ӯро ҷазо дода, озод мекунам» (Луқо 23:14–16).

Пилотус сахт мехоҳад Исоро озод кунад, чунки медонад, ки яҳудиён ӯро аз рашку ҳасад ба дасти ӯ супурдаанд. Ҳамзамон ӯ барои озод кардани Исо боз як сабаб пайдо мекунад. Дар он вақте ки ӯ дар курсии доварӣ менишаст, занаш одам фиристода, мегӯяд: «Ба ин шахси росткор зараре нарасон, зеро имшаб дар хоб [аз афташ, хоб аз тарафи Худо] аз барои ӯ бисёр азоб кашидам» (Матто 27:19).

Чӣ тавр Пилотус Исои бегуноҳро озод карданист?

---

◊ Исо дар бораи подшоҳиаш чӣ мегӯяд?
◊ Пилотус дар бораи Исо чӣ хулоса мебарорад? Мардум чӣ кор мекунанд ва Пилотус чӣ кор мекунад?
◊ Барои чӣ Ҳиродус аз дидани Исо хурсанд мешавад ва ӯ бо Исо чӣ гуна муносибат мекунад?
◊ Барои чӣ Пилотус мехоҳад Исоро озод кунад?

# ПИЛОТУС МЕГӮЯД: «АНА ОН МАРД!»

МАТТО 27:15–17, 20–30 МАРҚӮС 15:6–19 ЛУҚО 23:18–25 ЮҲАННО 18:39–19:5

Пилотус ба мардуме, ки қасди куштани Исоро доранд, дар бораи Исо чунин гуфт: «Ман ӯро... тафтиш кардам ва аз он айбҳое, ки ба гардани ӯ гузоштед, чизе наёфтам. Ҳиродус низ дар ӯ айбе наёфт» (Луқо 23:14, 15). Акнун бошад, Пилотус мехоҳад усули дигареро кор фармуда ҷони Исоро халос кунад. Ӯ ба мардум мегӯяд: «Шумо одат доред, ки дар Иди раҳоӣ бандиеро бароятон озод кунам. Пас, оё мехоҳед, ки барои шумо Подшоҳи яҳудиёнро озод кунам?» (Юҳанно 18:39).

Пилотус медонад, ки як роҳзани исёнкору авбоше бо номи Бараббос дар зиндон аст. Барои ҳамин ӯ аз мардум мепурсад: «Киро мехоҳед, ки барои шумо озод кунам: Бараббосро ё Исоеро, ки Масеҳ меноманд?» Ба иғвои коҳинони калон дода шуда мардум мегӯянд, ки Бараббосро озод кунанд, на Исоро. Пилотус боз мепурсад: «Кадомеро аз ин ду нафар бароятон озод кунам?» Мардум дод зада мегӯяд: «Бараббосро» (Матто 27:17, 21).

Пилотус ҳайрону зор мепурсад: «Пас, бо Исое, ки ӯро Масеҳ меноманд, чӣ кор кунам?» Онҳо фарёд зада мегӯянд: «Ба қатл расон ӯро!» (Матто 27:22). Ин мардуми бешарму ҳаё марги марди бегуноҳеро талаб доранд. Пилотус ба ҳайрат омада мепурсад: «Барои чӣ? Ин одам чӣ бадӣ кардааст? Ман дар ӯ ҳеҷ айби сазовори марг наёфтам, барои ҳамин пас аз ҷазо додан ӯро озод мекунам» (Луқо 23:22).

Ба кӯшишҳои Пилотус нигоҳ накарда, мардуми бахашмомада боз ҳам баландтар доду фиғон мебардоранд: «Ба қатл расон ӯро!» (Матто 27:23). Сарварони дин мардумро чунон ба шӯр овардаанд, ки онҳо ташнаи хунанд! Онҳо на марги ягон ҷинояткор ё одамкушеро мехоҳанд, балки марги шахси бегуноҳеро; касеро, ки вақти ба Ерусалим даромаданаш чун подшоҳ қабул карданд. Мо аниқ намедонем, ки оё шогирдони Исо ҳузур доранд ё не. Агар бошанд ҳам, хапу дам нишастаанд.

Пилотус мебинад, ки кӯшишҳои вай беҳудаанд ва доду фиғони мардум бас нашуда истодааст. Барои ҳамин ӯ каме об мегирад ва дар пеши чашми мардум дастонашро мешӯяд. Баъд ӯ ба мардум рӯ оварда мегӯяд: «Ба рехта шудани хуни ин мард ман айбдор нестам. Ба ин шумо ҷавобгаред». Ҳатто ин суханон ба дили онҳо асар намекунад. Онҳо дар ҷавоб мегӯянд: «Бигзор хуни ӯ бар гардани мо ва фарзандони мо бошад» (Матто 27:24, 25).

Пилотуси ҳоким медонад, ки Исоро озод кардан кори дуруст аст, лекин ӯ ба талаби мардум тан медиҳад. Маълум мешавад, ки беш аз ҳама ӯ мехоҳад ба мардум писанд ояд. Пилотус Бараббосро озод мекунад. Исоро бошад, сарбо-

**ҚАМЧИНКОРӢ** Дар як маҷалла олиме бо номи Уилям Эдвардс дар бораи он мегӯяд, ки чӣ тавр румиён ҷинояткоронро қамчинкорӣ мекарданд:

«Ин корро одатан бо қамчини хурде мекарданд (флагрум ё флагеллум ном дошт), ки аз як таноб ва ё якчанд таноби чармии бо ҳам печида тайёр мешуд. Дарозии танобҳо гуногун буд ва ба он танобҳо кулӯлачаҳои хурди оҳанӣ ва ё пораҳои устухони гӯсфанд баста мешуданд... Вақте сарбозони румӣ гаштаву баргашта бо тамоми қуввват шахсро қамчинкорӣ мекарданд, кулӯлачаҳои оҳанин дар бадани одам пайи чуқур мемонданд, устухонпораҳо бошанд, пӯсти одам ва бофтаҳои зери пӯсташро медарронданд. Бо давом ёфтани қамчинкорӣ захмҳо чуқуртар шуда, то ба мушакҳои устухонбанд мерасиданд. Дар натиҷа, тахтапушти шахс ба пораҳои гӯшти хуншор табдил меёфт» (The Journal of the American Medical Association).



зон бурда, либосҳояшро мекашанд ва қамчинкорӣ мекунанд.

Баъд аз он ки Исоро мурданивор қамчинкорӣ мекунанд, ӯро ба қасри ҳоким мебаранд. Тамоми дастаи сарбозон ҷамъ шуда ба сари ӯ борони мазоҳу масхараро мерезанд. Онҳо аз хорҳо тоҷ сохта, онро ба сари ӯ пахш мекунанд. Сарбозон ба дасти рости Исо чӯби сахтеро, ки аз қамиш аст, дода, ба ӯ либоси арғувонии шоҳона мепӯшонанд. Баъд онҳо ӯро масхара карда мегӯянд: «Салом, эй Подшоҳи яҳудиён!» (Матто 27:28, 29). Беш аз ин, сарбозон ба рӯйи Исо туф мекунанду торсакӣ мезананд. Баъд онҳо чӯбро аз дасташ гирифта, ба сараш задан мегиранд, дар сурате, ки «тоҷ»-е ки бар ӯ ниҳода буданд, ба сараш боз ҳам чуқуртар медарояд.

Мардонагии Исо ва иродаи қавии ӯ Пилотусро ба ҳайрат меорад. Ӯ бори дигар кӯшиш мекунад, ки худро аз ҷавобгарии куштани Исо озод кунад. Ӯ ба мардум муроҷиат карда мегӯяд: «Ӯро пеши шумо мебарорам, то бидонед, ки дар ӯ ҳеҷ айбе наёфтам». Шояд, ҳоким фикр мекунад, ки аз дидани Исои кӯфтаву захмдор ва тани хуншори ӯ дили сангини яҳудиён об мешавад. Пилотус ба Исо ишора мекунад ва ба мардуми бераҳм мегӯяд: «Ана он мард!» (Юҳанно 19:4, 5).

Тани Исо аз захмҳои бешумор дард мекунад, лекин ӯ мардонавор ва бо сари баланд ин душвориҳоро паси сар мекунад. Ҳатто Пилотус инро пай мебарад ва, аз афташ, бо ин суханонаш ӯ эҳтиром ва дилсӯзии худро баён мекунад.



- ◊ Чӣ тавр Пилотус худро аз ҷавобгарӣ халос намуда Исоро озод карданӣ мешавад?
- ◊ Дар давраи румиён ҷинояткоронро чӣ тавр қамчинкорӣ мекарданд?
- ◊ Баъди қамчинкорӣ бо Исо боз чӣ кор мекунанд?

# ИСОРО БА КУШТАН МЕБАРАНД

МАТТО 27:31, 32   МАРҚӮС 15:20, 21   ЛУҚО 23:24–31   ЮҲАННО 19:6–17

Исоро бераҳмона мазоҳу масхара мекунанд, лекин дар дили коҳинони калон ва тарафдоронашон нисбати ӯ як зарра ҳам раҳму шафқат бедор намешавад. Ҳамин тавр кӯшишҳои Пилотус бенатиҷа мемонанд. Душманони Исо ташнаи онанд, ки ӯ кушта шавад, барои ҳамин фарёд мезананд: «Ба қатл расон ӯро! Ба қатл расон ӯро!» Пилотус мегӯяд: «Худатон ӯро ба қатл расонед, чунки ман дар ӯ ягон айбе наёфтам» (Юҳанно 19:6).

Яҳудиён сахт мехостанд, ки Исоро дар корҳои сиёсӣ айбдор кунанд, лекин натавонистанд. Акнун онҳо мехоҳанд ӯро дар вайрон кардани қонунҳои динӣ айбдор кунанд. Чанде пеш, дар муҳокимаи Суди олии яҳудиён, ӯро дар куфргӯйӣ айбдор карда буданд. Онҳо мегӯянд: «Ин мард худро писари Худо меномад ва мувофиқи шариати мо барои ин суханонаш бояд кушта шавад» (Юҳанно 19:7). Ин гап барои Пилотус нав аст.

Пилотус боз ба қаср бармегардад. Ӯ кӯшиш мекунад барои озод кардани марде, ки ба муносибати бераҳмона тоб овард ва занаш дар бораи ӯ хоб дида буд, илоҷе ёбад (Матто 27:19). Ҳоло бошад, яҳудиён Исоро айбдор мекунанд, ки ӯ худро «писари Худо» меномад. Пилотус медонад, ки Исо аз Ҷалил аст (Луқо 23:5–7). Ба ҳар ҳол ӯ аз Исо мепурсад: «Ту аз куҷоӣ?» (Юҳанно 19:9). Эҳтимол, Пилотус фаҳмидан мехоҳад, ки Исо пеш аз ин дар куҷо зиндагӣ мекард ва оё ӯ аз осмон омадааст.

Исо пеш аз ин ба Пилотус гуфта буд, ки ӯ подшоҳ аст ва подшоҳии ӯ аз ин ҷаҳон нест. Ӯ лозим намешуморад, ки боз дар ин бора гап занад. Хомӯшии Исо ба иззати нафси Пилотус мерасад ва ӯ бо қаҳр мегӯяд: «Бо ман гап задан намехоҳӣ?! Магар намедонӣ, ки озод кардан ва ба қатл расондани ту дар ихтиёри ман аст?» (Юҳанно 19:10).

Исо мегӯяд: «Агар ин ба ту аз боло дода намешуд, ман дар ихтиёри ту намебудам. Барои ҳамин касе, ки маро ба дасти ту супорид, гуноҳи зиёдтар кардааст» (Юҳанно 19:11). Ин ҷо Исо ягон одами аниқро дар назар надорад. Ӯ гуфтан мехоҳад, ки Қаёфо, тарафдоронаш ва Яҳудои Исқарют назар ба Пилотус бештар айбдоранд.

Рафтору гуфтори Исо ба Пилотус чунон таъсир мекунад, ки ӯ боз кӯшиш мекунад ӯро озод кунад. Ҳамзамон Пилотус дарк мекунад, ки Исо одами одӣ нест ва аз осмон омадааст. Яҳудиён бошанд, шояд, аз чизе, ки ӯ тарс дорад, истифода бурда мегӯянд: «Агар ин мардро озод кунӣ, дӯсти қайсар нестӣ. Ҳар касе, ки худро подшоҳ меномад, бар зидди қайсар мебарояд» (Юҳанно 19:12).

Ҳоким Исоро боз берун мебарорад ва ба курсии доварӣ нишаста ба мардум мегӯяд: «Инак, подшоҳи шумо!» Мардум фарёд мезананд: «Нест кун ӯро! Нест кун! Ба қатл расон ӯро!» Пилотус мепурсад: «Оё подшоҳи шуморо ба қатл расонам?!» Яҳудиён аз зулму ситами ҳокимияти Рум ба дод омадаанд, лекин коҳинони калон бешармона мегӯянд: «Мо ғайр аз қайсар подшоҳе надорем» (Юҳанно 19:14, 15).

Оқибат Пилотус буздилона амал мекунад ва ба фишори яҳудиён тан медиҳад. Сарбозон матои бунафшрангро аз тани Исо кашида, либоси худашро мепӯшонанд ва ӯро маҷбур мекунанд, ки сутуни азобу шиканҷаашро бардорад. Онҳо ӯро ба ҷойи қатл мебаранд.

Ҳоло саҳарии 14-уми нисон аст. Аз рӯзи гузашта то имрӯз чашми Исо хобро надидааст: дарду азоби ҷонкоҳе, ки аз сар гузаронд, ӯро беҳолу бемадор кардаанд, барои ҳамин ӯ сутунро бардошта наметавонад. Сарбозон Шимъӯн ном роҳгузареро, ки аз Қурини Африқо



аст, маҷбур мекунанд, ки сутуни азобу шиканҷаи Исоро бардорад. Мардуми бисёре аз паси ӯ меоянд ва аз ғаму ғусса ба синаашон мезананд ва гиряву нола мекунанд.

Исо ба заноне, ки ғаму ғусса мехӯранд, чунин мегӯянд: «Эй духтарони Ерусалим, барои ман гиря накунед, балки барои худ ва фарзандони худ гиря кунед, зеро рӯзҳое фаро мерасанд, ки мардум мегӯянд: “Хушбахтанд занони нозой, онҳое, ки таваллуд накардаанд ва шир надодаанд!” Он вақт онҳо ба кӯҳҳо мегӯянд: “Бар мо биафтед!” ва ба теппаҳо: “Моро пӯшонед!” Агар онҳо дар вақти сабз будани дарахт чунин кунанд, пас, ҳангоми хушк шудани он чӣ рӯй медода бошад?» (Луқо 23:28–31).

Ин ҷо Исо дар бораи яҳудиён гап мезанад. Ин халқ ба дарахте монанд аст, ки хушк шуда истодааст. Лекин Исо ва шахсоне, ки ба ӯ имон доранд, ҳоло дар байни яҳудиёнанд, барои ҳамин он ҳоло ҳам сабз аст. Вақте онҳо намешаванд, халқ мисли он дарахт хушк мешавад, яъне аз ҷиҳати рӯҳонӣ мемурад. Оқибат Яҳува ба воситаи лашкари Рум яҳудиёнро ҷазо медиҳад. Он гоҳ халқ ба ҳоли худ гиря мекунад.

- ◊ Сарварони дин Исоро дар чӣ айбдор мекунанд?
- ◊ Пилотус чиро дарк мекунад?
- ◊ Чӣ тавр коҳинони калон Пилотусро водор мекунанд, ки Исоро ба қатл маҳкум кунад?
- ◊ Чаро Исо мегӯяд, ки дарахте, ки сабз буд, хушк мешавад?

# ИСОРО ДАР СУТУН АЗОБ МЕДИҲАНД

МАТТО 27:33–44; МАРҚӮС 15:22–32; ЛУҚО 23:32–43; ЮҲАННО 19:17–24

Исоро аз шаҳр каме дуртар мебароранд, то ҳамроҳи ду ҷинояткор ба қатл расонанд. Он ҷой Ҷолҷолто ё худ Косахонаи Сар ном дорад ва аз дур намоён аст (Марқӯс 15:40).

Се марди ба марг маҳкумшударо оварда, либосҳояшонро мекашанд ва ба онҳо шароби бо заҳра ва мур омехтаро медиҳанд. Аз афташ, ин нӯшокиро занони Ерусалим тайёр мекарданд. Агар шахсе, ки ба марг маҳкум шудааст, аз он менӯшид, тамоми ҳиссиёташ кунд мешуд ва дардро кам ҳис мекард. Сарбозони румӣ ҳам зид набуданд, ки ин нӯшокӣ ба ҷинояткорон дода шавад. Аммо Исо онро чашида, мефаҳмад, ки чист ва наменӯшад. Чаро? Чунки ӯ намехоҳад ҳиссиёташ кунд ва ақлаш тира бошад, балки мехоҳад вақти озмоиши асосӣ бо ақли равшан то дами марг ба Худо содиқ бимонад.

Исоро ба сутун мехобонанд (Марқӯс 15:25). Сарбозон ба дасту пойҳои Исо мех мезананд ва мехҳо ба рагу пайвандҳои ӯ медароянд. Тасаввур кунед, ки дарди ӯ чӣ қадар сахт аст! Аммо вақте он сутунро рост мекунанду бори вазни Исо бар ҷароҳатҳояш мезанад, дарди даҳшатноки ӯ боз ҳам бештар тоқатфарсо мешавад. Бо ин ҳол Исо ба сарбозон як сухани бад ҳам намегӯяд. Баръакс, ӯ аз Худо илтиҷо мекунад: «Падар, онҳоро бубахш, зеро намедонанд, ки чӣ кор карда истодаанд» (Луқо 23:34).

Румиён одатан дар болои сари ҷинояткорони мехкӯбшуда лавҳае мечаспонанд, ки дар он ҷинояти шахс навишта шудааст. Аммо сарбозон мувофиқи фармони Пилотус ба болои сари Исо чунин лавҳаеро меовезанд: «Исои носирӣ — Подшоҳи яҳудиён». Ин ба забони ибронӣ, лотинӣ ва юнонӣ навишта шудааст, барои ҳамин аксари одамон онро хонда фаҳмида метавонанд. Пилотус бо ин кораш нафрати худро ба яҳудиёне нишон медиҳад, ки боиси марги Исо шуданд. Коҳинони калон ба ин норозигӣ баён карда мегӯянд: «“Подшоҳи яҳудиён” нанавис, балки “Ман Подшоҳи яҳудиён ҳастам” навис, зеро ӯ ҳамин тавр мегуфт». Аммо Пилотус намехоҳад, ки ин дафъа ҳам бозичаи дасти онҳо шавад, барои ҳамин чунин ҷавоб медиҳад: «Чизе навиштам, навиштам» (Юҳанно 19:19–22).

Коҳинон ба ғазаб омада, он дурӯғу таъналоеро, ки дар Суди олӣ садо дода буданд, такрор мекунанд. Ин ба дигарон ҳам таъсир мекунад. Баъзе роҳгузарон сарашонро ҷунбонда ба Исо суханони таҳқиромез мегӯянд: «Эй, ту, ки мехостӣ маъбадро вайрон карда, дар давоми се рӯз онро аз нав созӣ, канӣ худатро наҷот деҳ ва аз сутуни азобу шиканҷа фаро». Ҳамчунин коҳинони калон ва шариатдонон ӯро мазоҳу масхара



карда ба якдигар мегӯянд: «Бигзор Масеҳ — Подшоҳи Исроил, акнун аз сутуни азобу шиканҷа фарояд, то мо инро дида ба вай имон орем» (Марқӯс 15:29–32). Ҳатто ду роҳзане, ки аз тарафи рост ва чапи ӯ мехкӯб шудаанд, ӯро, ки дар он ҷо ягона шахси бегуноҳ аст, дашном медиҳанд.

Чор сарбози румӣ ҳам Исоро масхара мекунанд. Онҳо, аз афташ, шароб нӯшидаанд ва акнун ба Исо каме шароб дароз мекунанд, аммо медонанд, ки Исо хам шуда онро нӯшида наметавонад. Румиён Исоро таъна мезананд ва ба он лавҳаи болои сари ӯ ишора карда мегӯянд: «Агар



Подшоҳи яҳудиён бошӣ, худатро наҷот деҳ» (Луқо 23:36, 37). Танҳо фикр кунед! Ҳамон шахсеро, ки роҳ, ростӣ ва ҳаёт мебошад, бесабабу ноҳақ масхара мекунанд ва паст мезананд. Лекин ӯ ба ҳамаи он бо сари баланд тоб меорад ва ба ҳеҷ яке аз онҳое, ки ӯро мазоҳ мекунанд, сухани баде намегӯяд: на ба сарбозони румӣ, на ба яҳудиён ва на ба роҳзаноне, ки ҳамроҳаш мехкӯб шудаанд.

Чор сарбоз либосҳои Исоро гирифта ба чор қисм тақсим мекунанд. Баъд онҳо қуръа мепартоянд, то муайян кунанд, ки кадом қисмаш ба кӣ мерасад. Аммо куртаи Исо босифату қиматбаҳост. Он дарз надорад ва «аз боло то поён бофта» шудааст. Барои ҳамин сарбозон ба якдигар мегӯянд: «Биёед онро надарронем, балки қуръа партофта, бинем, ки он ба кӣ мерасад». Ҳамин тавр пешгӯйии зерини Навиштаҳои Муқаддас иҷро мегардад: «Онҳо либосҳои маро байни худ тақсим карданд ва барои куртаам қуръа партофтанд» (Юҳанно 19:23, 24; Забур 21:19).

Каме пас яке аз роҳзанон дарк мекунад, ки Исо дар ҳақиқат подшоҳ аст. Ӯ ҳамроҳашро, ки Исоро таҳқир мекунад, сарзаниш намуда ба вай мегӯяд: «Наход тамоман аз Худо натарсӣ? Охир, худат низ ҳамин хел ҷазоро гирифтаӣ. Мо мувофиқи кирдорамон, аз рӯйи адолат ҷазо гирифтаем, лекин ин мард ҳеҷ кори нодурусте накардааст». Баъд аз ин ӯ аз Исо илтимос мекунад: «Эй Исо, вақте ба Подшоҳии худ мерасӣ, маро ба хотир ор» (Луқо 23:40–42).

Исо ба ӯ мегӯяд: «Ба ростӣ имрӯз ба ту мегӯям, ки бо ман дар Биҳишт хоҳӣ буд» (Луқо 23:43). Ваъдаи Исо ба ин ҷинояткор аз ваъдаи ӯ ба расулонаш фарқ мекунад. Ӯ ба расулонаш ваъда дода буд, ки онҳо ҳамроҳаш бар тахтҳо нишаста, дар Подшоҳӣ ҳукмронӣ мекунанд, аммо ба ин мард биҳиштро ваъда медиҳад (Матто 19:28; Луқо 22:29, 30). Ин ҷинояткори яҳудӣ, эҳтимол, медонад, ки Худо дар аввал барои Одаму Ҳавво биҳишт тайёр карда буд ва мехост, ки онҳо бо насли худ дар он ҷо зиндагӣ кунанд. Акнун ин роҳзан метавонад бо як умеде ба оянда дар дил бимирад.

- ◊ Чаро Исо аз шаробе, ки ба ӯ медиҳанд, нӯшидан намехоҳад?
- ◊ Дар болои сари Исо чӣ лавҳе меовезанд ва инро хонда яҳудиён чӣ кор мекунанд?
- ◊ Чӣ тавр бо тақсим шудани либоси Исо пешгӯйие аз Навиштаҳо иҷро мегардад?
- ◊ Исо ба яке аз ҷинояткорон чӣ ваъдае медиҳад?

## «ДАР ҲАҚИҚАТ, ИН МАРД ОДАМИ РОСТКОР БУД»

МАТТО 27:45–56 МАРҚӮС 15:33–41 ЛУҚО 23:44–49 ЮҲАННО 19:25–30

Ҳоло «соатҳои дувоздаҳи рӯз» аст. «Тамоми заминро» торикии аҷоибе фаро мегирад ва он то «соатҳои се» давом мекунад (Марқӯс 15:33). Сабаби ин торикии зулмот гирифтани офтоб нест. Гирифтани офтоб ҳодисаи табиист, ки вақти моҳи нав рӯй медиҳад. Аммо ҳозир вақти иди Раҳоист ва моҳ пурра аст. Ғайр аз ин, гирифтани офтоб якчанд дақиқа давом мекунад, аммо ҳозир торикӣ қариб муддати се соат тӯл мекашад. Пас, маълум аст, ки ин ҳодисаи ғайриодӣ кори Худост. Танҳо тасаввур кунед, ки ин воқеа ба онҳое, ки Исоро масхара мекарданд, чӣ тавр таъсир мекунад!

Дар ин торикӣ чор зан пеши сутуне меоянд, ки Исо дар он овезон аст. Ин чор нафар модари Исо, Марями Маҷдалия, Салӯмит ва Марями модари Яъқуби расул (Яъқуби Майдаяк) мебошанд.

Юҳаннои расул ҳамроҳи модари мотамзадаи Исо «дар назди сутуни» ӯ истодааст. Марям мебинад, ки фарзанди ҷигарбандаш, ки ӯро ба дунё оварда, бо меҳру шафқат ба воя расондааст, ин қадар азобу машаққат мекашад. Ин мисли он аст, ки ба дилаш «шамшер зада бошанд» (Юҳанно 19:25; Луқо 2:35). Исо ба дарди ҷонкоҳ нигоҳ накарда ғами модарашро мехӯрад. Ӯ базӯр бо сараш ба Юҳанно ишора карда, ба модараш мегӯяд: «Ин писари туст!» Сипас ба модараш ишора намуда, ба Юҳанно мегӯяд: «Ин модари туст!» (Юҳанно 19:26, 27).

Ҳоло, аз афташ, модари Исо бевазан аст ва Исо парастории модарашро ба шогирди дӯстдоштааш месупорад. Исо медонад, ки бародарони худаш, яъне дигар фарзандони Марям, ҳанӯз ба ӯ имон наовардаанд, барои ҳамин ӯ ҳам ғами ниёзҳои ҷисмонӣ ва ҳам рӯҳонии модарашро мехӯрад. Чӣ намунаи хубе!

Тахминан вақти ба охир расидани торикӣ Исо мегӯяд: «Ман ташнаам». Бо ин суханонаш ӯ пешгӯйии Китоби Муқаддасро иҷро мекунад (Юҳанно 19:28; Забур 21:16). Сипас Исо бо овози баланд ва, шояд, бо лаҳҷаи ҷалилии забони арамӣ фарёд мезанад: «Элӣ, Элӣ, лама сабақтанӣ?», ки чунин маъно дорад: «Худои ман, Худои ман, барои чӣ маро тарк кардӣ?» Барои чӣ Исо чунин мегӯяд? Ӯ ҳис мекунад, ки Худо ҳимояашро аз ӯ гирифтааст, то вафодорияш ба пуррагӣ озмуда шавад. Баъзеҳо суханони ӯро нодуруст фаҳмида мегӯянд: «Бинед, ӯ Илёс-пайғамбарро чеғ мезанад». Яке аз онҳо давида, исфанҷро ба шароби туруш тар мекунад ва онро ба қамише мехалонаду барои нӯшидан ба Исо медиҳад. Дигарон бошанд, мегӯянд: «Ӯро ба ҳолаш монед! Канӣ бинем, оё Илёс омада, ӯро аз сутун мефарорад ё не» (Марқӯс 15:34–36).

Баъд Исо бо овози баланд мегӯяд: «Иҷро шуд!» (Юҳанно 19:30). Бале, Исо ҳар он чиро ки Падараш ҳангоми ба замин фиристоданаш фармуда буд, иҷро намуд. Дар охир Исо мегӯяд: «Эй Падар, ҳаёти худро ба дасти Ту месупорам» (Луқо 23:46). Ҳамин тавр Исо нишон медиҳад, ки ба Яҳува Худо такя мекунад ва умед дорад, ки Падараш ӯро зинда мекунад. Ин суханонро гуфта, Исо сарашро хам мекунад ва мемирад.

**«ИСОРО БА СУТУН МЕХКӮБ КАРДАНД»** Дар Китоби Муқаддас гуфта мешавад, ки «Исоро ба сутун мехкӯб карданд» (Матто 27:35). Калимаи асосие, ки дар Инҷил «сутун» тарҷума мешавад, ба забони аслӣ, яъне юнонӣ, *ставрóс* мебошад. Баъзе тарҷумонон ба ҷойи калимаи «сутун» «салиб»-ро истифода бурданд, барои ҳамин баъзеҳо бовар доранд, ки Исо дар салиб мурдааст. Лекин оё ин дуруст аст? Дар китоби «Таърихи салиб» чунин навишта шудааст: «*Ставрóс* маънои чӯби дароз ва сутуни бақувватеро дорад, ки деҳқонон барои сохтани девор истифода мебаранд. Ин калима маънои махсуси дигаре надорад» (History of the Cross).

Он вақт заминҷунбии сахте рӯй медиҳаду харсангҳоро пора мекунад. Аз шиддати он қабрҳое, ки берун аз Ерусалим ҷойгиранд, кушода мешаванд ва ҷасадҳои одамон берун партофта мешаванд. Роҳгузарон инро дида, ба «шаҳри муқаддас» медароянд ва он чиро, ки дидаанд, нақл мекунанд (Матто 12:11; 27:51–53).

Вақте Исо мемирад, пардаи маъбад, ки Ҷойи муқаддасро аз Ҷойи муқаддастарин ҷудо мекард, аз боло то поён дарида ду тақсим мешавад. Ин ҳодисаи аҷоиб гувоҳи он мебошад, ки Худо аз касоне, ки Писарашро куштанд, дарғазаб аст. Он ҳамчунин нишон медиҳад, ки акнун роҳ ба Ҷойи муқаддастарин, яъне ба осмон, кушода аст (Ибриён 9:2, 3; 10:19, 20).

Мардум аз дидани ин ба тарсу ҳарос меоянд. Мирисад, ки қатли Исоро сардорӣ мекард, мегӯяд: «Ҳақиқатан ҳам ин одам Писари Худо будааст» (Марқӯс 15:39). Шояд, ӯ ҳангоми муҳокимаи он ки оё Исо Писари Худо аст ё не, дар назди Пилотус буд. Ҳозир ӯ боварӣ дорад, ки Исо шахси росткор ва Писари Худо аст.

Баъзеи дигар ин воқеаҳои ғайриодиро дида аз ғаму андӯҳ ва шармандагӣ «ба синаи худ зада» ба хонаҳояшон бармегарданд (Луқо 23:48). Дар байни одамон баъзе занони дигар, ки шогирдони Исо буданд, ҳузур доранд. Он занон дар баъзе сафарҳо Исоро ҳамроҳӣ мекарданд. Ҳамаи ин воқеаҳои аҷоиб ба онҳо низ сахт таъсир мекунад.



- ◊ Барои чӣ гуфтан мумкин аст, ки сабаби торикии сесоата гирифтани офтоб нест?
- ◊ Исо бо ғамхорӣ ба модараш ба мо чӣ намуна гузошт?
- ◊ Баъди заминҷунбӣ чӣ рӯй медиҳад ва ду тақсим шудани пардаи маъбад чӣ маъно дорад?
- ◊ Марги Исо ва воқеаҳое, ки дар он вақт рӯй доданд, ба мардум чӣ гуна таъсир мекунанд?

# ИСОРО МЕГӮРОНАНД

МАТТО 27:57–28:2 МАРҚӮС 15:42–16:4 ЛУҚО 23:50–24:3 ЮҲАННО 19:31–20:1

Ҳоло рӯзи ҷумъа, 14-уми нисон, аст ва бегоҳ наздик шуда истодааст. Ҳангоми ғуруби офтоб рӯзи шанбе, 15-уми нисон, сар мешавад. Исо аллакай мурдааст, лекин ду ғоратгар, ки ҳамроҳи ӯ буданд, ҳанӯз зиндаанд. Худо дар Шариати худ ба халқаш чунин амр дода буд: «Набояд ҷасади мурда[ро]... шабона бар дор бимонӣ, балки ҳатман варо дар ҳамон рӯз дафн намо» (Такрори Шариат 21:22, 23).

Ғайр аз ин, рӯзи ҷумъа рӯзи тайёрӣ ном дорад. Дар ин рӯз мардум хӯрок тайёр мекунанд ва дигар корҳои муҳимашонро то пагоҳ ҷо ба ҷо мекунанд, чунки рӯзи шанбе кор кардан мумкин нест. Баъд аз ғуруби офтоб, 15-уми нисон, «шанбеи бузург» сар мешавад (Юҳанно 19:31). Ин чӣ маъно дорад? Понздаҳуми нисон рӯзи якуми иди Фатир мебошад, ки он ҳафт рӯз давом мекунад. Рӯзи якуми ин ид ба кадом рӯзи ҳафта ки наафтад, он рӯзи шанбе ҳисоб меёбад (Ибодат 23:5, 6). Аммо имсол он рӯз бе ин ҳам ба рӯзи шанбе рост меояд. Азбаски ду рӯзи шанбе болоиҳам омадаанд, ин рӯзро шанбеи бузург меноманд.

Аз ин сабаб яҳудиён назди Пилотус омада, аз ӯ хоҳиш мекунанд, ки марги Исо ва ду ғоратгарро тезонад. Чӣ тавр? Агар пойҳояшонро шикананд, онҳо дигар наметавонанд бо пойҳои худ баданашонро боло бардоранд. Ин ба онҳо халал мерасонад, ки дуруст нафас кашанд ва ҳамин тавр онҳо тезтар мемуранд. Сарбозон омада, пойи ду роҳзанро мешикананд, аммо, вақте назди



Исо меоянд, мебинанд, ки аллакай мурдааст. Барои ҳамин онҳо ба Исо даст намерасонанд. Ҳамин тавр суханони Забур 33:21 иҷро мешаванд: «Ҳамаи устухонҳои ӯро нигоҳ медорад; ҳеҷ яке аз онҳо шикаста нахоҳад шуд».

Барои боварӣ ҳосил кардан ба он ки Исо дар ҳақиқат мурдааст, яке аз сарбозон ба паҳлӯи Исо, ба тарафи дилаш, найза мезанад. «Ҳамон дам аз бадани ӯ хун ва об ҷорӣ» мешавад (Юҳанно 19:34). Чи хеле ки дар Юҳанно 19:37 навишта шудааст, ин пешгӯии дигари Китоби Муқаддасро иҷро месозад: «Онҳо ба касе, ки ӯро найза заданд, нигоҳ хоҳанд кард» (Закарё 12:10).

Ҳангоми қатли Исо Юсуф ном «марди бое» аз шаҳри Аромот ҳузур дошт. Ӯ марди обрӯманд ва аъзои Суди олии яҳудиён аст (Матто 27:57). Ин «марди нек ва росткор» қарори Суди олии яҳудиёнро оиди қатли Исо дастгирӣ накарда буд. Юсуф «омадани Подшоҳии Худоро интизорӣ мекашид» ва «шогирди Исо буду вале аз тарси яҳудиён инро пинҳон мекард» (Луқо 23:50; Марқӯс 15:43; Юҳанно 19:38). Ӯ ҷуръат карда назди Пилотус меояд ва аз ӯ хоҳиш мекунад, ки ҷасади Исоро гирад. Пилотус мирисадро назди худ мехонад ва аниқ мекунад, ки Исо аллакай мурдааст. Баъд аз ин ӯ ба Юсуф иҷозат медиҳад, ки ҷасади Исоро гирад.

Юсуф катони тозаву аълосифате мехарад ва ҷасади Исоро аз сутун гирифта, онро ба катон барои гӯронидан мепечонад. Ниқӯдимус, ки «бори аввал ба назди Исо шабона омада буд», ба Юсуф ёрӣ медиҳад (Юҳанно 19:39). Ӯ омехтаи гаронбаҳои мурр ва удро меорад, ки вазнаш тахминан сӣ кило мебошад. Онҳо мувофиқи маросими гӯронидани яҳудиён ҷасади Исоро бо катоне, ки ин алафҳои хушбӯйро дорад, мепечонанд.

Дар қарибиҳои он ҷо, дар кӯҳ, як қабре канда шуда буд, ки то он дам ҳеҷ касро дар он нагузошта буданд. Соҳиби он Юсуф мебошад. Исоро оварда, дар он ҷо мегӯронанд ва санги калонеро бар даҳани он мегузоранд. Онҳо ин корро бошитоб мекунанд, чунки бегоҳӣ рӯзи шанбе сар мешавад. Эҳтимол, Марями Маҷдалия ва Марями модари Яъқуби Майдаяк ҳамроҳи дигарон бадани Исоро барои гӯронидан тайёр мекунанд. Ҳозир онҳо ба хона мешитобанд, то «алафҳои хушбӯй ва равғанҳои атрафшон тайёр» кунанд ва баъди шанбе онҳоро ба ҷасади Исо моланд (Луқо 23:56).

Пагоҳи ҳамон рӯз, яъне рӯзи шанбе, коҳинони калон ва фарисиён назди Пилотус омада мегӯянд: «Ба ёди мо омад, ки он фиребгар ҳанӯз дар вақти зинда буданаш чунин мегуфт: “Баъди се рӯз зинда мешавам”. Барои ҳамин фармон деҳ, ки қабрро то рӯзи сеюм посбонӣ кунанд, то ки шогирдонаш ӯро дуздида, баъд ба халқ нагӯянд: “Ӯ аз мурдагон зинда шуд!” Он гоҳ фиреби охирин аз фиреби аввалин бадтар хоҳад буд». Пилотус ҷавоб медиҳад: «Ана, дастаи сарбозонро гиреду қабрро, чи тавре мехоҳед, посбонӣ кунед» (Матто 27:63–65).

Рӯзи якшанбе, саҳари барвақт Марями Маҷдалия, Марями модари Яъқуб ва дигар занон бо худ алафҳои хушбӯй ва равғани атрафшон мегиранд ва ба назди қабри Исо равона мешаванд. Дар роҳ онҳо ба якдигар мегӯянд: «Кӣ барои мо сангро аз даромадгоҳи қабр меғелонда бошад?» (Марқӯс 16:3). Лекин онҳо намедонанд, ки то ин дам заминҷунбӣ ба амал омадааст ва фариштаи Худо сангро як тараф ғелондааст. Посбонон аз он ҷо гурехтаанду қабр бошад, холист!

---

◊ Чаро рӯзи ҷумъаро рӯзи тайёрӣ меноманд ва «шанбеи бузург» чӣ маъно дорад?
◊ Юсуф ва Ниқӯдимус кистанд ва онҳо барои гӯронидани Исо чӣ кор мекунанд?
◊ Коҳинон чӣ кор мекунанд ва саҳарии рӯзи якшанбе чӣ рӯй медиҳад?

# ҚАБР ХОЛИСТ — ИСО ЗИНДА АСТ!

МАТТО 28:3–15 МАРҚӮС 16:5–8 ЛУҚО 24:4–12 ЮҲАННО 20:2–18

Вақте занон мебинанд, ки қабр холист, онҳо ба ҳайрат меоянд! Марями Маҷдалия «ба назди Шимъӯни Петрус ва шогирди дигаре, ки Исо ӯро дӯст медошт [яъне Юҳанно], давида» меравад (Юҳанно 20:2). Дигар занон бошанд, дар он ҷо фариштаеро мебинанд. Дар даруни ғор, ки қабри Исо дар он аст, фариштаи дигаре аст, ки «дар тан либоси дарози сафед» дорад (Марқӯс 16:5).

Яке аз фариштагон ба онҳо мегӯяд: «Натарсед, ман медонам, ки шумо Исоро, ки дар сутун ба қатл расонда буданд, кофта истодаед. Ӯ дар ин ҷо нест, зеро, чи тавре ки ба шумо гуфта буд, ӯ зинда шудааст. Биёед ва он ҷоеро, ки ӯро гузошта буданд, бо чашмони худ бинед. Сипас зудтар рафта, ба шогирдон хабар диҳед, ки ӯ аз мурдагон зинда шуд ва пеш аз онҳо ба Ҷалил меравад» (Матто 28:5–7). Пас, занон «бо тарс ва шодии азиме» аз он ҷо баромада, сӯйи шогирдон медаванд, то ин хабарро ба онҳо расонанд (Матто 28:8).

Марям бошад, ҳамзамон Петрус ва Юҳанноро меёбад ва нафасашро рост накарда бо ҳаяҷон ба онҳо мегӯяд: «Онҳо ҷасади Ҳазратро аз қабр гирифта бурданд ва мо намедонем, ки онро ба куҷо гузоштанд» (Юҳанно 20:2). Петрус ва Юҳанно сӯйи қабр медаванд. Юҳанно тезтар медавад ва якум шуда ба он ҷо мерасад. Ӯ ба даруни қабр назар андохта латтапораҳоро мебинад, лекин ҷуръат намекунад ба дарун дарояд.

Вақте Петрус давида мерасад, ӯ рост ба даруни ғор медарояд. Ӯ дар он ҷо матои катон ва матоеро, ки бо он сари Исоро печонда буданд, мебинад. Юҳанно ҳам ба он ҷо медарояд ва ба гуфтаи Марям бовар мекунад. На Петрус ва на Юҳанно намефаҳманд, ки Исо зинда шудааст (Матто 16:21). Онҳо сархаму саргиҷ ба хона бармегарданд. Марям бошад, бори дигар ба сӯйи қабр меояд ва дар он ҷо меистад.

Ҳамзамон занони дигар мешитобанд, то ба шогирдон хабари зинда шудани Исоро расонанд. Дар асной роҳ Исо аз пешашон мебарояд ва ба



онҳо салом медиҳад. Занон ба пеши пояш меафтанд ва ба ӯ таъзим мекунанд. Исо бошад, ба онҳо мегӯяд: «Натарсед! Рафта, бародарони маро хабардор созед, то онҳо ба Ҷалил раванд. Маро дар он ҷо хоҳанд дид» (Матто 28:9, 10).

Чанде пеш, вақте заминҷунбӣ ба амал омаду фариштагон дар назди қабр пайдо шуданд, посбонон «аз тарс ба ларза омаданд ва дар ҷояшон шах шуда монданд». Баъди ба худ омадан онҳо ба шаҳр рафта, «тамоми чизҳои рӯйдодаро ба коҳинони калон нақл карданд». Коҳинон бошанд, бо пирони яҳудӣ маслиҳат намуданд ва ба хулосае омаданд, ки ба сарбозон пора диҳанд, то онҳо дар ин бора ба мардум чунин гӯянд: «Шабона, вақте ки мо хоб будем, шогирдонаш омада, ӯро дуздиданд» (Матто 28:4, 11, 13).

Агар сарбози румӣ дар ҷойи кориаш хоб равад, ӯро ба қатл расонда метавонанд. Барои ҳамин коҳинон ба сарбозон ваъда медиҳанд: «Агар ин гап ба гӯши ҳоким расад, ғам нахӯред, чунки мо худамон ҳама чизро ба ӯ мефаҳмонем». Онҳо дар назар доранд, ки агар Пилотус дурӯғ будани ин гапро фаҳмад, онҳоро ҷазо намедиҳад (Матто 28:14). Сарбозон пораро мегиранд ва чи хеле ки коҳинон гуфтанд, амал мекунанд. Ҳамин тавр дар байни яҳудиён овозаи дурӯғе паҳн мешавад, ки гӯё ҷасади Исоро шогирдонаш аз қабр дуздидаанд.

Марям ҳоло ҳам дар назди қабри Исо гиря карда истодааст. Ӯ ба даруни қабр даромада, ду фариштаро мебинад, ки либоси сафед доранд. Онҳо дар ҷойе нишастаанд, ки пеш бадани Исо дар он ҷо хоб буд: яке дар ҷойе, ки сари ӯ буд, дигаре дар ҷойе, ки пойҳояш буданд. Онҳо аз Марям мепурсанд: «Эй зан, чаро гиря мекунӣ?» Марям ҷавоб медиҳад: «Онҳо ҷасади Ҳазрати маро гирифта бурданд ва ман намедонам, ки онро дар куҷо гузоштанд». Пас аз гуфтани ин суханон Марям рӯяшро гардонда, як марди дигареро мебинад. Он мард ҳам аз Марям мепурсад: «Эй зан, чаро гиря мекунӣ? Ту киро мекобӣ?» Марям ӯро боғбон фикр карда мегӯяд: «Тақсир, агар ту ҷасади ӯро бурда бошӣ, ба ман гӯй, ки онро дар куҷо гузоштӣ ва ман онро гирифта мебарам» (Юҳанно 20:13–15).

Ин мард дар асл Исо мебошад, лекин Марям ҳанӯз ӯро нашинохтааст! Аммо, вақте Исо «Марям!» гуфта муроҷиат мекунад, ӯ даррав устодашро мешиносад. Марям хитоб карда мегӯяд: «Раббунӣ!» (ки маънояш «Устод» аст). Аз тарси он ки Исо ба осмон меравад, Марям ӯро сахт медорад. Исо бошад, ба ӯ мегӯяд: «Маро сар деҳ, зеро ман ҳанӯз назди Падар боло нарафтаам. Назди бародаронам рафта, ба онҳо гӯй, ки ман назди Падари худ ва Падари шумо, назди Худои худ ва Худои шумо боло рафта истодаам» (Юҳанно 20:16, 17).

Марям давида назди расулон ва дигар шогирдон меояд ва ба онҳо хабар медиҳад: «Ман Ҳазратро дидам!» (Юҳанно 20:18). Шогирдон ин хабарро ҳам аз даҳони Марям ва ҳам аз даҳони дигар занон шуниданд. Лекин онҳо ба гапи занон бовар намекунанд, чунки «ин суханон ба назарашон аз ақл берун» менамояд (Луқо 24:11).

---

- ◇ Вақте Марями Маҷдалия қабрро холӣ меёбад, ӯ чӣ кор мекунад ва бо занони дигар чӣ рӯй медиҳад?
- ◇ Вақте Петрус ва Юҳанно қабрро холӣ мебинанд, чӣ фикр мекунанд?
- ◇ Занони дигар дар роҳ киро мебинанд? Вақте Марями Маҷдалия бори дуюм сӯйи қабр меравад, чӣ рӯй медиҳад?
- ◇ Вақте шогирдон хабари зинда шудани Исоро мешунаванд, чӣ фикр мекунанд?

# ИСО БА БИСЁРИҲО ЗОҲИР МЕШАВАД

ЛУҚО 24:13–49   ЮҲАННО 20:19–29

Рӯзи якшанбеи 16-уми нисон аст. Шогирдон хеле ғамгинанд. Онҳо то ҳол намефаҳманд, ки барои чӣ қабри Исо холист (Матто 28:9, 10; Луқо 24:11). Он рӯз ду шогирди Исо, ки яке аз онҳо Клеопос ном дорад, аз Ерусалим ба Аммоус равона мешаванд. Аммоус тахминан 11 километр дуртар аз Ерусалим ҷойгир аст.

Дар роҳ онҳо воқеаҳоеро, ки он рӯз рӯй дода буд, муҳокима мекунанд. Марди ношиносе ба сӯҳбаташон ҳамроҳ шуда, мепурсад:

— Шумо раҳ ба раҳ кадом воқеаҳоро муҳокима карда истодаед?

— Оё ту дар Ерусалим мусофир ҳастиву танҳо зиндагӣ мекунӣ, ки аз воқеаҳои дар ин рӯзҳо рӯйдода хабар надорӣ? — ҷавоб медиҳад Клеопос.

— Аз кадом воқеаҳо? (Луқо 24:17–19).

— Аз он воқеаҳое, ки бо Исои носирӣ рӯй доданд — ҷавоб медиҳанд шогирдон ва илова мекунанд: — Мо... умедвор будем, ки ин мард ҳамон касест, ки Исроилро озод мекунад (Луқо 24:19–21).

Клеопос ва шогирди дигар ба он мард воқеаҳои аҷоиберо, ки он рӯз рӯй дода буданд, нақл мекунанд. Онҳо мегӯянд, ки якчанд нафар занон сӯйи қабри Исо рафтанд, лекин онро холӣ ёфтанд ва ғайр аз ин, фариштагонро диданд, ки ба онҳо хабари зинда шудани Исоро расонданд. Ин ду шогирд ҳамчунин мегӯянд, ки суханони ин занонро шунида дигарон ҳам сӯйи ғор рафтанд ва диданд, ки «ҳамон тавре буд, ки занҳо гуфта буданд» (Луқо 24:24).

Равшан аст, ки ин ду шогирд ба маънои ин воқеаҳо сарфаҳм намераванд. Фикри хатояшон ба онҳо халал мерасонад, то бовар кунанд, ки Исо зинда гаштааст. Марди ношинос бошад, фикрҳонии хатои онҳоро ислоҳ карда мегӯяд: «Эй бефаҳмон, чаро ба суханони пайғамбарон имон овардан бароятон ин қадар душвор аст?! Магар лозим набуд, ки Масеҳ ҳамаи ин уқубатҳоро паси сар кунад ва ҷалол ёбад?» (Луқо 24:25, 26). Баъд ӯ пешгӯйиҳои зиёдеро аз Навиштаҳо дар бораи Масеҳ ба онҳо мефаҳмонад.

Оқибат онҳо ба наздикиҳои Аммоус мерасанд. Он ду шогирд намехоҳанд сӯҳбаташон ба охир расад, барои ҳамин аз марди ношинос хоҳиш мекунанд: «Нарав, бо мо ист, чунки шом шуда истодааст ва пас аз андаке торик мешавад». Он мард розӣ мешавад. Дар сари дастархон ӯ дуо мегӯяд ва нонро пора карда, ба онҳо медиҳад. Шогирдон дарҳол ӯро мешиносанд, лекин вай ҳамон лаҳза нопадид мешавад (Луқо 24:29–31). Акнун онҳо боварии пурра доранд, ки Исо зинда аст!

Он ду шогирд аз воқеаи рӯйдода ба ваҷд омада ба ҳамдигар мегӯянд: «Магар, вақте ки ӯ дар роҳ бо мо гап зада Навиштаҳои Муқаддасро пурра мефаҳмонд, диламон ба ҳаяҷон намеомад?» (Луқо 24:32). Онҳо саросема ба Ерусалим бармегарданд ва мебинанд, ки расулон ва дигарон ҷамъ шудаанд. Пеш аз он ки Клеопос ва ҳамроҳаш чизе гӯянд, ба онҳо хабар медиҳанд: «Дар ҳақиқат Ҳазрат зинда шудааст ва ӯ ба Шимъӯн зоҳир гашт!» (Луқо 24:34). Он гоҳ ин ду шогирд низ мегӯянд, ки онҳо Исоро диданд. Бале, онҳо ӯро бо чашми худ диданд!

Ҳозир бошад, ҳама ба ҳайрат меоянд! Чаро? Чунки Исо дар байни онҳо пайдо мешавад! Шогирдон дарро аз тарси яҳудиён маҳкам карда буданд, лекин Исо мӯъҷизавор дар он хона пайдо мешавад. Ӯ оромона ба онҳо мегӯяд: «Салом!» Онҳо сахт метарсанд. Чи хеле ки боре рӯй дода буд, онҳо намефаҳманд, ки ин Исост (Луқо 24:36, 37; Матто 14:25–27).

Барои он ки шогирдон дарк кунанд, ки ӯ дар ҳақиқат Исо аст, на маҳсули хаёлоти онҳо, Исо дасту пои худро ба онҳо нишон дода мегӯяд: «Чаро метарсед ва чаро дилатон ба шубҳа афтод? Ба дасту пойи ман нигоҳ кунед, охир, ин манам. Ба ман даст расонед ва бубинед, ки гӯшту устухон дорам, зеро офаридаи рӯҳӣ гӯшту устухон надорад» (Луқо 24:36–39). Дили шогирдон

аз шодӣ пур мешавад, лекин шубҳаҳояшон ҳанӯз нест нашудааст.

Барои бартараф кардани шубҳаҳо ва нишон додани он ки ӯ воқеист, Исо мепурсад: «Оё шумо чизе барои хӯрдан доред?» Онҳо ба ӯ як пораи моҳии бирёнро медиҳанд. Исо моҳиро хӯрда, ба онҳо мегӯяд: «Вақте ман [пеш аз маргам] ҳамроҳатон будам, ба шумо мегуфтам, ки ҳар он чӣ дар бораи ман дар Тавроти Мӯсо, Навиштаҳои пайғамбарон ва Забур навишта шудааст, бояд иҷро шавад» (Луқо 24:41–44).

Исо ба Клеопос ва дигар шогирд ёрдам карда буд, ки Навиштаҳоро дарк кунанд. Акнун бошад, ӯ ба тамоми ҳозирон низ мефаҳмонад: «Навишта шудааст, ки Масеҳ азобу уқубат мекашаду дар рӯзи сеюм аз мурдагон зинда мегардад ва дар асоси номи ӯ аз Ерусалим сар карда ба ҳамаи халқҳо хабар расонида мешавад, ки онҳо бояд тавба кунанд ва ҳамин тавр бахшиши гуноҳҳоро ба даст оранд. Ва шумо шоҳиди ҳамаи ин воқеаҳо мешавед» (Луқо 24:46–48).

Он рӯз Тумои расул дар байни он шогирдон набуд. Барои ҳамин баъдтар дигарон ба вай шодикунон хабар медиҳанд: «Мо Ҳазратро дидем!» Тумо бошад, мегӯяд: «То даме ки дар дастони ӯ пайи меххоро набинаму ангуштамро ба пайи меххо ва дастамро ба захми паҳлӯяш нарасонам, бовар намекунам» (Юҳанно 20:25).

Баъд аз ҳашт рӯз шогирдон боз ҷамъ омада, дари хонаро маҳкам мекунанд. Ин дафъа Тумо ҳамроҳи онҳо мебошад. Исо, ки ба худ бадани инсонӣ гирифтааст, дар байни онҳо пайдо шуда мегӯяд: «Салом!» Баъд ӯ ба Тумо рӯ оварда



мегӯяд: «Ангуштатро ба ин ҷо гузор ва дастонамро бин, дастатро ба паҳлӯям бирасон ва дигар шубҳа накун, балки имон дошта бош». Тумо нидо мекунад: «Ҳазрати ман, Худои ман!» (Юҳанно 20:26–28). Акнун, Тумо боварӣ дорад, ки Исо зинда аст. Суханони ӯ маънои онро доранд, ки Исо офаридаи пурқудрати рӯҳӣ ва намояндаи Яҳува Худо мебошад.

Исо ба ӯ мегӯяд: «Магар барои он бовар кардӣ, ки маро дидӣ? Хушбахтанд касоне, ки надида бовар мекунанд» (Юҳанно 20:29).

---

◇ Марде аз ду шогирди Исо, ки ба Аммоус равонаанд, чӣ мепурсад?

◇ Чаро дилҳои шогирдон ба ҳаяҷон меоянд?

◇ Вақте Клеопос ва шогирди дигар ба Ерусалим бармегарданд, чӣ гуна хабарҳоро мешунаванд ва баъд чӣ рӯй медиҳад?

◇ Чӣ тавр Тумо боварӣ ҳосил мекунад, ки Исо зинда аст?

# ДАР СОҲИЛИ БАҲРИ ҶАЛИЛ

ЮҲАННО 21:1–25

Пеш аз марги худ, ҳангоми шоми охирин бо шогирдонаш, Исо ба онҳо чунин гуфта буд: «Баъди он ки зинда мешавам, пешопеши шумо ба Ҷалил меравам» (Матто 26:32; 28:7, 10). Ҳоло бисёр пайравонаш ба он ҷо рафта истодаанд, лекин онҳо намедонанд, ки дар Ҷалил чӣ кор мекунанд.

Вақти дар Ҷалил буданаш Петрус ба шаш расули дигар мегӯяд: «Ман ба моҳигирӣ меравам». Ҳамаи онҳо дар ҷавоб мегӯянд: «Мо низ бо ту меравем» (Юҳанно 21:3). Онҳо тамоми шаб ба баҳр тӯр меандозанд, лекин ягон моҳӣ сайд намекунанд. Қариби саҳар Исо дар соҳили баҳр меистад, вале шогирдонаш ӯро намешиносанд. Он гоҳ Исо фарёд зада аз онҳо мепурсад: «Эй фарзандон, оё чизе барои хӯрдан доред?» «Не»,— ҷавоб медиҳанд онҳо. Ӯ мегӯяд: «Тӯрро аз тарафи рости қаиқ ба об партоед ва моҳӣ хоҳед дошт» (Юҳанно 21:5, 6). Онҳо аз рӯйи гуфти Исо мекунанд ва чунон моҳии бисёре меқапанд, ки тӯрро бароварда наметавонанд.

«Ин Ҳазрат аст!» — мегӯяд Юҳанно ба Петрус (Юҳанно 21:7). Петрус, ки ҳангоми моҳигирӣ либосашро кашида буд, дарҳол онро ба тани нимбараҳнааш мепӯшад ва худро ба баҳр партофта, қариб навад метр то соҳил шино мекунад. Онҳое, ки дар қаиқ буданд, тӯри пур аз моҳиро кашида, аз пайи ӯ меоянд.

Онҳо ба соҳил расида, «оташи бо лахчаҳо афрӯхташударо» мебинанд, ки дар рӯйи он моҳӣ гузошта шуда, дар паҳлӯяш нон аст. Исо ба онҳо мегӯяд: «Аз моҳие, ки сайд кардед, якчандто биёред». Петрус тӯрро, ки яксаду панҷоҳу се моҳии калон дорад, ба соҳил мекашад. Исо мегӯяд: «Биёед ва наҳорӣ кунед». Лекин касе аз шогирдон ҷуръат намекунад, ки аз ӯ пурсад: «Ту кистӣ?», зеро онҳо мефаҳманд, ки ин Исо аст (Юҳанно 21:9–12). Ин бори сеюм аст, ки ӯ ба гурӯҳи шогирдон зоҳир мешавад.

Исо ба ҳар як шогирдаш каме нон ва моҳӣ медиҳад. Баъд аз Петрус мепурсад: «Эй Шимъӯн, писари Юҳанно, оё маро аз моҳиҳо дида бештар дӯст медорӣ?» Оё, дар ҳақиқат, ба Петрус кори супурдаи Исо аз касби моҳигирӣ бештар маъқул аст? Ин аз ҷавоби вай маълум мешавад: «Бале, Ҳазрат, ту медонӣ, ки бароям азиз ҳастӣ». Он гоҳ Исо ба ӯ мегӯяд: «Барраҳои маро бичарон» (Юҳанно 21:15).

Исо боз мепурсад: «Эй Шимъӯн, писари Юҳанно, оё маро дӯст медорӣ?» Шояд, Петрус ҳайрон мешавад, ки чаро Исо ба ӯ ҳамон як саволро медиҳад. Ӯ бе дудилагӣ ҷавоб медиҳад: «Бале, Ҳазрат, ту медонӣ, ки бароям азиз ҳастӣ». Исо боз ҳамон гапашро такрор мекунад: «Барраҳои маро чӯпонӣ кун» (Юҳанно 21:16).

Исо бори сеюм мепурсад: «Эй Шимъӯн, писари Юҳанно, оё маро дӯст медорӣ?» Петрус, мумкин, фикр мекунад, ки Исо аз вафодор будани ӯ шубҳа мекунад. Ӯ бо самимият ҷавоб медиҳад: «Эй Ҳазрат, ҳама чиз ба ту маълум аст ва ту медонӣ, ки бароям азиз ҳастӣ». Исо бори дигар мегӯяд, ки аз Петрус чиро интизор аст: «Барраҳои маро бичарон» (Юҳанно 21:17). Бале, онҳое, ки дар ҷамъомад роҳбариро ба ӯҳда мегиранд, бояд ба рамаи Худо хизмат кунанд.

Исоро бо сабаби иҷро кардани супорише, ки Худо ба ӯ дода буд, дастгир карда, ба қатл расонданд. Акнун ӯ маълум мекунад, ки Петрусро низ ҳамин чиз интизор аст. Ӯ ба шогирдаш мегӯяд: «Вақте ҷавонтар будӣ, худат либосатро пӯшида, ба куҷое хоҳӣ, мерафтӣ, аммо, вақте пир мешавӣ, дастонатро дароз мекунӣ ва дигаре туро либос пӯшонда, ба ҷое мебарад, ки ту намехоҳӣ». Исо илова мекунад: «Минбаъд низ маро пайравӣ кун» (Юҳанно 21:18, 19).

Петрус ба Юҳаннои расул нигоҳ карда мепурсад: «Ҳазрат, бо ӯ чӣ мешавад?» Дар ҳақиқат, ояндаи шогирди дӯстдоштаи Исо чӣ гуна бошад? Исо ҷавоб медиҳад: «Агар хости ман ҳамин бошад, ки то омаданам, вай бимонад, ин ба ту чӣ дахл дорад?» (Юҳанно 21:21–23). Петрус бояд минбаъд низ Исоро пайравӣ кунад ва ғам нахӯрад, ки дигарон чӣ кор мекунанд. Ба ҳар ҳол Исо ба он ишора кард, ки Юҳанно назар ба дигар расулон умри дарозтар мебинад ва ба ӯ рӯъёи дар қудрати подшоҳӣ омадани Исо дода мешавад.

Албатта, боз бисёр чизҳои дигаре ҳастанд, ки Исо карда буд ва, агар ҳамаи онҳоро нависанд, дар дастхатҳои зиёде намеғунҷанд.

# 136



◊ Чаро гуфтан мумкин аст, ки расулон дар Ҷалил чӣ кор карданашонро намедонанд?
◊ Аз куҷо расулон фаҳмиданд, ки марде, ки дар соҳили баҳри Ҷалил аст, Исо мебошад?
◊ Исо ба онҳое, ки дар ҷамъомад роҳбариро ба ӯҳда доранд, чиро таъкид мекунад?
◊ Исо дар бораи ояндаи Петрус чӣ мегӯяд?

# ПЕШ АЗ ИДИ ҲАФТАҲО САДҲО НАФАР ӮРО МЕБИНАНД

МАТТО 28:16–20 ЛУҚО 24:50–52 АЪМОЛ 1:1–12; 2:1–4

Баъд аз зинда шуданаш Исо ва 11 расулаш дар яке аз кӯҳҳои Ҷалил вомехӯранд. Дигар шогирдон низ дар он ҷо ҳузур доранд ва шумораи онҳо тақрибан ба 500 нафар мерасад. Баъзеи онҳо ба зинда шудани Исо шубҳа доранд (Матто 28:17; 1 Қӯринтиён 15:6). Аммо суханони ӯро шунида ҳар яки онҳо боварӣ ҳосил мекунад, ки Исо дар ҳақиқат зинда аст.

Исо ба онҳо мефаҳмонад, ки Худо тамоми қудратро дар осмон ва дар замин ба вай супурдааст. Барои ҳамин ӯ ба шогирдонаш мегӯяд: «Пас, равед ва аз байни тамоми халқҳо барои ман шогирд тайёр кунед. Онҳоро ба номи Падар, Писар ва рӯҳи муқаддас таъмид диҳед ва риоя кардани ҳар он чизеро, ки ба шумо фармудаам, омӯзонед» (Матто 28:18–20). Бале, Исо на танҳо зинда аст, балки бо ҷону дил мехоҳад, ки хушхабар дар ҳама ҷо паҳн шавад.

Ҳама шогирдони Исо, мардону занон, кӯдакону пиронсолон як хел супоришро мегиранд: онҳо бояд шогирд тайёр кунанд. Баъзе одамон бар зидди онҳо мебароянд ва ба кори мавъизаву таълими онҳо монеъ мешаванд, аммо Исо онҳоро дилпур месозад: «Тамоми қудрат дар замину осмон ба ман дода шудааст... Инак, ман ҳамеша то охирзамон бо шумо ҳастам». Исо дар назар надорад, ки ҳама касоне, ки хушхабарро мавъиза мекунанд, қудрати мӯъҷиза карданро соҳиб мешаванд. Ӯ гуфтанист, ки рӯҳи муқаддас ба онҳо дар ин кор ҳамеша кӯмак мерасонад.

Аз вақти зинда шуданаш Исо «дар давоми чил рӯз» ба шогирдонаш зоҳир мешавад. Ӯ ба худ баданҳои гуногуни одамӣ гирифта, «бо далелҳои боварибахши зиёде нишон» медиҳад, ки зинда аст ва бо пайравонаш «дар бораи Подшоҳии Худо» гап мезанад (Аъмол 1:3; 1 Қӯринтиён 15:7).

Аз афташ, баъзе расулон ҳанӯз дар Ҷалил ҳастанд. Исо ба онҳо мегӯяд, ки ба Ерусалим баргарданд. Вақте бо онҳо дар шаҳр вомехӯрад, чунин мегӯяд: «Ерусалимро тарк накунед, балки иҷрошавии ваъдаи Падарро, ки аз ман шунидаед, интизор шавед; Яҳё бо об таъмид медод, вале шумо якчанд рӯз пас бо рӯҳи муқаддас таъмид меёбед» (Аъмол 1:4, 5).

Исо бори дигар бо расулонаш вомехӯрад ва «онҳоро то худи Байт-Ҳинӣ» мебарад, ки дар тарафи шарқии кӯҳи Зайтун ҷойгир аст (Луқо 24:50). Ҳарчанд Исо гаштаву баргашта ба онҳо гуфта буд, ки бояд ба осмон биравад, онҳо то ҳол бовар доранд, ки худи ҳамон вақт Подшоҳӣ дар замин барқарор мешавад (Луқо 22:16, 18, 30; Юҳанно 14:2, 3).

Расулон аз ӯ мепурсанд: «Ҳазрат, оё подшоҳиро дар Исроил дар ҳамин вақт барқарор мекунӣ?» Исо дар ҷавоб мегӯяд: «Ба шумо зарур нест, ки замонҳо ва мӯҳлатҳоро бидонед, зеро муқаррар кардани онҳо танҳо дар ихтиёри Падар аст». Баъд бори дигар диққатро ба коре, ки ба онҳо супурда шудааст, равона карда мегӯяд: «Вақте ки рӯҳи муқаддас бар шумо мефарояд, қувват меёбед ва дар Ерусалим, дар саросари Яҳудия ва Сомария ва то гӯшаю канори замин дар бораи ман шаҳодат медиҳед» (Аъмол 1:6–8).

Расулон ҳанӯз дар кӯҳи Зайтун ҳамроҳи Исо мебошанд. Ногоҳ ӯ ба осмон баромадан мегирад ва абре ӯро аз назари шогирдон пинҳон месозад. Баъди зинда шуданаш Исо ба худ баданҳои гуногуни одамӣ гирифта буд. Ҳозир бошад, ӯ бадани инсониро гузошта, ба осмон ҳамчун офаридаи рӯҳӣ мебарояд (1 Қӯринтиён 15:44, 50; 1 Петрус 3:18). Расулони содиқаш бо ҳайрат ба осмон нигоҳ карда истодаанд ки, «ногаҳон дар наздашон ду марди сафедпӯше пайдо» мешавад. Онҳо фариштагонанд, ки дар шакли одамӣ зоҳир шудаанд. Онҳо ба расулон мегӯянд: «Эй мардони ҷалилӣ, чаро шумо ба осмон нигоҳ карда меистед? Ҳамин Исо, ки аз пеши шумо боло бурда шуд, чи тавре ки ба осмон рафтанашро дидед, ҳамон тавр хоҳад омад» (Аъмол 1:10, 11).

Исо аз замин бе дабдабаю воҳима рафт ва рафтанашро танҳо пайравони вафодораш диданд. Омаданаш ҳам ҳамин тавр мешавад ва тан-

ҳо пайравони содиқаш дарк мекунанд, ки ӯ бар қудрати подшоҳии худ омадааст.

Расулон ба Ерусалим бармегарданд. Дар муддати якчанд рӯз онҳо бо дигар шогирдон, аз ҷумла «бародарони Исо» ва модари Исо — Марям, ҷамъ мешаванд (Аъмол 1:14). Онҳо бисёр дуо мегӯянд. Яке аз мавзӯъҳои дуояшон интихоби расулест, ки ҷойи Яҳудои Исқарютро бояд бигирад ва ададди расулон аз нав ба 12 бирасад (Матто 19:28). Онҳо мехоҳанд касеро интихоб кунанд, ки шоҳиди хизмат ва зиндашавии Исо бошад. Расулон барои донистани он ки Худо киро интихоб кардааст, қуръа мепартоянд. Ин бори охирон аст, ки дар Навиштаҳо дар бораи партофтани қуръа барои фаҳмидани хости Худо гуфта мешавад (Забур 108:8; Масалҳо 16:33). Дар натиҷа, Матёсро интихоб мекунанд, ки, эҳтимол, аз ҳамон 70 шогирде буд, ки Исо барои мавъиза боре фиристода буд. Ҳамин тавр, Матёс «ба қатори ёздаҳ расули дигар ҳамроҳ» мешавад (Аъмол 1:26).

Даҳ рӯз баъд аз он ки Исо ба осмон баромад, маросими яҳудие бо номи иди Ҳафтаҳо соли 33-и милодӣ баргузор мегардад. Тахминан 120 пайрави Исо дар шаҳри Ерусалим, дар болохонае, ҷамъ меоянд. Ногоҳ садое ба мисли вазидани шамоли сахте хонаро пур мекунад. Дар болои сари ҳар як касе, ки он ҷо ҳузур дорад, чизе ба монанди забонаҳои оташ пайдо мешавад. Шогирдон ба забонҳои гуногун гап задан мегиранд. Чи хеле ки Исо ваъда дода буд, бар шогирдонаш рӯҳи муқаддас рехта шуд! (Юҳанно 14:26).



---

◊ Исо дар яке аз кӯҳҳои Ҷалил ба кӣ дастурот медиҳад? Ӯ чӣ мегӯяд?

◊ Пас аз зинда шуданаш Исо дар муддати чанд рӯз ба шогирдон зоҳир мешавад ва ӯ чӣ кор мекунад?

◊ Аз кадом ҷиҳат омадани Исо мисли рафтани ӯ мешавад?

◊ Ҳангоми иди Ҳафтаҳои соли 33-и милодӣ чӣ рӯй медиҳад?

---

# МАСЕҲ АЗ ТАРАФИ РОСТИ ХУДО НИШАСТ

АЪМОЛ 7:56

Пас аз даҳ рӯзи ба осмон рафтани Исо, дар иди Ҳафтаҳо рӯҳи муқаддас фурӯ рехта шуд. Ин нишон медиҳад, ки Исо, дар ҳақиқат, дар осмон аст. Далели дигар чизи дидаи Истефанус буд. Пеш аз он ки ин шогирди содиқи Исоро барои шаҳодат доданаш сангсор кардaнд, ӯ гуфт: «Ман осмони кушода ва Писари одамро, ки дар тарафи рости Худо истодааст, мебинам» (Аъмол 7:56).

Дар осмон, дар назди Падари худ нишаста, Исо супориши махсусеро интизор мешавад, ки оиди он дар Каломи Худо пешгӯӣ шуда буд. Вақте Исо дар замин буд, ӯ суханони зеринеро, ки Довуд зери илҳоми Худо гуфта буд, иқтибос овард: «Яҳува ба Сарвари ман гуфт: “Аз тарафи рости Ман шин, то даме ки душманонатро зери пойи ту гузорам”». Замони интизорӣ ки ба охир расид, Исо «дар миёни душманон»-и худ ҳукмронӣ мекунад (Матто 22:44; Забур 109:1, 2). Лекин то замони бар зидди душманон амал кардан Исо дар осмон чӣ кор мекунад?

Дар иди Ҳафтаҳои соли 33-и милодӣ ҷамъомади масеҳӣ ташкил ёфт. Аз ҳамон вақт Исо аз осмон роҳнамоӣ кардани шогирдони тадҳиншудаашро сар кард (Қӯлассиён 1:13). Ӯ кори мавъизаро роҳбарӣ намуда, онҳоро ба иҷрои вазифаи нав тайёр мекард. Ин чӣ гуна вазифа аст? Он шогирдоне, ки то дами марг ба Исо содиқ мемонанд, зинда мешаванд ва ҳамроҳи ӯ дар Подшоҳии Худо ҳукмронӣ мекунанд.

Яке аз пайравони шинохтаи Исо, ки дар оянда бо ӯ подшоҳӣ мекунад, Шоул мебошад. Ӯ бештар бо номи румии худ, Павлус, машҳур аст. Шоул яҳудие буд, ки Шариатро тӯли солҳо бо ҷидду ҷаҳд риоя мекард, лекин ӯ то дараҷае ба таъсири бади роҳбарони дини яҳудӣ дода шуд, ки сангсор кардани Истефанусро дуруст ҳисобид. Баъдтар Шоул, ки «ба шогирдони Ҳазрат... таҳдид мекард ва сахт мехост, ки онҳоро кушад», роҳи Димишқро пеш гирифт. Ӯ аз саркоҳин Қаёфо иҷозат гирифта, нияти дастгир карда, ба Ерусалим баргардонидани шогирдони Исоро дошт (Аъмол 7:58; 9:1). Вале дар роҳ нуре дурахшида, атрофи Шоулро равшан кард ва ӯ ба замин афтод.

Ногоҳ аз куҷое овози баланде садо дод: «Шоул, Шоул, барои чӣ ту маро таъқиб меку-



нӣ?» Шоул гуфт: «Тақсир, ту кистӣ?» Овоз ба ӯ ҷавоб дод: «Ман ҳамон Исо ҳастам, ки ту ӯро таъқиб мекунӣ» (Аъмол 9:4, 5).

Исо ба Шоул гуфт, ки ба Димишқ рафта, роҳнамоии ӯро интизор шавад. Лекин барои ба шаҳр расидан ба Шоул ёрии дигарон лозим буд, чунки нуре, ки дар роҳ дурахшид, чашмонашро кӯр кард буд. Исо ҳамчунин ба яке аз шогирдонаш, ки Ҳананиё ном дошту дар Димишқ зиндагӣ мекард, дар рӯъё зоҳир шуд. Ӯ ба Ҳананиё гуфт, ки ба хонае рафта, Шоулро суроғ кунад. Инро шунида Ҳананиё тарсу хавотириашро баён кард, вале Исо ӯро дилпур намуд: «Ин шахс зарфи интихобшудаи ман аст, ки бояд номи маро ба халқҳо, подшоҳон ва писарони Исроил эълон намояд». Шоул аз нав бино шуд ва дар Димишқ «дар бораи Исо мавъиза карда мегуфт, ки ӯ Писари Худост» (Аъмол 9:15, 20).

Павлус ва дигар воизони он замон бо дастгирии Исо кори мавъизаеро, ки Исо ба он асос гузошта буд, давом медоданд. Худо онҳоро баракат медод ва онҳо комёбиҳои зиёд ба даст оварданд. Пас аз 25 соли ба Павлус дар роҳи Димишқ зоҳир шудани Исо ин шогирдаш навишт, ки хушхабар «ба тамоми офаридаҳои зери осмон мавъиза шудааст» (Қӯлассиён 1:23).

Баъд аз солҳои зиёд Исо ба шогирди дӯстдоштааш Юҳанно як қатор рӯъёҳоеро нишон дод, ки дар китоби Ваҳй навишта шудаанд. Ба воситаи ин рӯъёҳо Юҳанно замонеро дид, ки Исо дар қудрати подшоҳӣ бармегардад (Юҳанно 21:22). Ин расул гуфт: «Зери таъсири рӯҳи муқаддас ман дар рӯзи Ҳазрат ҳузур доштам» (Ваҳй 1:10). Ин замон кай фаро расид?

Дар натиҷаи омӯзиши бодиққати пешгӯиҳои Китоби Муқаддас маълум мегардад, ки «рӯзи Ҳазрат» дар замони мо, соли 1914, сар шуд. Дар он сол Ҷанги якуми ҷаҳонӣ сар зад. Аз он вақт инҷониб даҳсолаҳо аст, ки ҷангҳо, вабоҳо, қаҳтӣ, заминҷунбиҳо ва дигар мусибатҳо дида мешаванд. Бо ин рӯйдодҳо аломате, ки Исо дар бораи «ҳузур доштани» худ ва «анҷом» гуфта буд, дар миқёси калон иҷро шуда истодааст (Матто 24:3, 7, 8, 14). Дар асри як хушхабар дар бораи Подшоҳии Худо дар ҳудуди давлати Рум паҳн шуда буд, ҳоло бошад, он дар тамоми олам мавъиза карда мешавад.

Зери илҳоми илоҳӣ Юҳанно фаҳмонд, ки ҳамаи ин рӯйдодҳо ба чӣ ишора мекунанд: «Акнун замони наҷот, қудрат ва Подшоҳии Худои мо ва ҳокимияти Масеҳи Ӯ фаро расид» (Ваҳй 12:10). Дар ҳақиқат, Подшоҳии Худо, ки дар осмон аст ва Исо дар борааш дар ҳама ҷо эълон мекард, ҳукмронӣ карда истодааст!

Ин хабар барои шогирдони содиқи Исо хеле хурсандибахш аст. Ғайр аз ин, онҳо ба суханони зерини Юҳанно диққати ҷиддӣ медиҳанд: «Бинобар ин шодӣ кунед, эй осмон ва сокинони он! Аммо вой бар ҳоли замин ва баҳр, зеро Иблис назди шумо фаромадааст ва ӯ сахт дарғазаб аст, чун медонад, ки вақташ кам мондааст» (Ваҳй 12:12).

Ҳамин тавр, Исо дигар аз тарафи рости Худо нишаста, интизор нест. Ӯ чун Подшоҳ ҳукмронӣ карда истодааст ва ба қарибӣ ҳамаи душманонашро несту нобуд мекунад (Ибриён 10:12, 13). Баъд аз он чӣ гуна дигаргуниҳои фараҳбахш ба амал меоянд?

---

◊ Пас аз он ки Исо ба осмон баромад, ӯ чӣ кор кард?
◊ «Рӯзи Ҳазрат» кай сар шуд ва баъд аз ин чӣ рӯй дод?
◊ Мо барои шодию хурсандӣ чӣ сабаб дорем?

# ИСО БИҲИШТРО БАРҚАРОР МЕСОЗАД

1 ҚӮРИНТИЁН 15:24–28

Чанде пас аз таъмиди худ Исо бо душмане рӯ ба рӯ шуд, ки ба ӯ ҳатто пеш аз сар кардани хизматаш халал расонданӣ буд. Бале, Иблис гаштаву баргашта Исоро меозмуд. Баъдтар бошад, Исо дар бораи ӯ чунин гуфт: «Ҳокими ин ҷаҳон омада истодааст, вале ӯ бар ман ҳукмрон нест» (Юҳанно 14:30).

Юҳаннои расул дар рӯъё дида буд, ки он аждаҳои бузургу мори қадимиро, ки номаш Иблис ва Шайтон аст, чӣ ояндае интизор аст. Ин душмани хунхори инсоният аз осмон сарнагун шудааст ва «сахт дарғазаб аст, чун медонад, ки вақташ кам мондааст» (Ваҳй 12:9, 12). Барои масеҳиён равшан аст, ки онҳо дар ин замони кӯтоҳ зиндагӣ доранд. Ин аждаҳои бузург ва мори қадимӣ ба наздикӣ ба чоҳи бетаг партофта мешавад ва дар муддати 1000 сол, яъне ҳангоми ҳукмронии Исо дар Подшоҳии Худо, ҳеҷ кор карда наметавонад (Ваҳй 20:1, 2).

Дар он вақт дар хонаи умумии мо, дар замин, чӣ рӯй медиҳад? Кӣ дар он зиндагӣ мекунад? Шароит дар он вақт чӣ гуна мешавад? Исо ба ин саволҳо ҷавоб додааст. Дар масали худ дар бораи бузҳо ва гӯсфандон ӯ дар бораи ду гурӯҳи одамон гап зада буд. Як гурӯҳи одамонро ӯ гӯсфандон номид. Онҳо касони росткоре мебошанд, ки бародарони Исоро дастгирӣ мекунанд. Гурӯҳи дигарро ӯ «бузҳо» номид. Онҳо бадкоронанд ва баръакси «гӯсфандон» рафтор мекунанд. Исо дар бораи ояндаи ин ду гурӯҳ чунин гуфт: «Ин одамон [яъне бузҳо] абадан несту нобуд хоҳанд шуд, вале росткорон [яъне гӯсфандон] ҳаёти ҷовидонӣ хоҳанд ёфт» (Матто 25:46).

Ин маълумот ба мо ёрдам мекунад, ки суханони ба ҷинояткор гуфтаи Исоро фаҳмем. Исо ба он марди дар сутуни азобу шиканҷа овезон мукофотеро, ки расулони содиқаш бояд соҳиб



# 139

- ОҚИБАТИ БУЗҲО ВА ГӮСФАНДОН
- БИСЁРИҲО ДАР БИҲИШТИ РӮЙИ ЗАМИН ЗИНДАГӢ ХОҲАНД КАРД
- РОҲ, РОСТӢ ВА ҲАЁТ



мешуданд, ваъда надод. Ӯ дар назар надошт, ки ин мард дар оянда ҳамроҳаш дар Подшоҳии осмон ҳукмронӣ мекунад. Исо ба ӯ чунин гуфт: «Ба ростӣ имрӯз ба ту мегӯям, ки бо ман дар Биҳишт хоҳӣ буд» (Луқо 23:43). Ин мард имконияти дар биҳишти рӯйи замин зиндагӣ карданро пайдо намуд, дар биҳиште, ки мисли боғи зебову дилкаш аст. Имрӯз ҳам касоне, ки мисли «гӯсфандон» рафтор мекунанд, дар он биҳишт ҷовидона зиндагӣ хоҳанд кард.

Юҳаннои расул ҳам дар бораи биҳишти рӯйи замин навишта буд. Ӯ онро чунин тасвир кард: «Инак, хаймаи Худо бо одамон аст. Ӯ бо онҳо сокин хоҳад шуд ва онҳо халқи Ӯ хоҳанд буд. Ва худи Худо бо онҳо хоҳад буд. Ӯ ҳар ашкро аз чашмони онҳо пок хоҳад кард ва марг дигар нахоҳад буд, гиря, фиғон ва дард дигар нахоҳад буд. Он чӣ пештар буд, гузашт» (Ваҳй 21:3, 4).

Барои он ки он ҷинояткор аз зиндагӣ дар биҳишти рӯйи замин баҳра барад, ӯ аввал бояд зинда карда шавад. Ғайр аз вай дигар одамон ҳам ба ҳаёт баргардонда мешаванд. Исо дар ин бора чунин гуфт: «Соате мерасад, ки ҳамаи онҳое, ки дар қабр мебошанд, овози Ӯро хоҳанд шунид ва берун хоҳанд омад: ҳар кӣ корҳои нек мекард, барои ҳаёт зинда хоҳад шуд, вале ҳар кӣ корҳои бад мекард — барои маҳкумият» (Юҳанно 5:28, 29).

Аммо шумораи маҳдуди одамон, аз қабили расулони содиқи Исо, дар осмон ҳамроҳи ӯ ҳукмронӣ мекунанд. Китоби Муқаддас дар бораи онҳо мегӯяд: «онҳо коҳинони Худо ва Масеҳ хоҳанд буд ва бо ӯ ҳазор сол подшоҳӣ хоҳанд кард» (Ваҳй 20:6). Азбаски ин ҳокимони оянда аз қатори одамон, аз қатори мардону занон интихоб мешаванд, ғаму дард ва сустиҳои одамонро мефаҳманд (Ваҳй 5:10).

Исо қурбонии фидияи худро ба манфиати инсонҳо ба кор бурда, онҳоро аз лаънати гуноҳе, ки аз Одам мерос гирифтаанд, халос мекунад. Ӯ ва дигар касоне, ки ҳамроҳаш подшоҳӣ мекунанд, одамони содиқро ба комилият мерасонанд. Вақте Худо ба Одаму Ҳавво амр фармуд, ки борвар ва афзун шаванд, Ӯ барояшон ҳаёти ширину ҳаловатбахшеро тайёр карда буд. Одаму Ҳавво аз он ҳаёт баҳравар нашуданд, лекин ба шарофати ҳукмронии Исо одамизод метавонад он ҳаётро соҳиб шавад ва аз он лаззат барад. Ҳатто марге, ки бо гуноҳи Одам ба ҷаҳон дохил шуд, нест мешавад!

Ҳамин тавр, Исо ҳар он чиро ки Яҳува ба ӯ супурдааст, иҷро мекунад. Дар охири ҳукмронии ҳазорсолааш Исо инсонияти комилу бегуноҳро ба Падараш месупорад. Ин амал аз фурӯтании ҳақиқии Исо шаҳодат хоҳад дод. Павлуси расул дар ин бора чунин гуфтааст: «Пас аз он ки ҳама чиз ба ӯ тобеъ карда мешавад, худи Писар низ ба Оне, ки ҳама чизро ба ӯ тобеъ кардааст, тобеъ хоҳад шуд, то танҳо Худо бар ҳама ҳоким бошад» (1 Қӯринтиён 15:28).

Исо, бешак, дар иҷрои ниятҳои оличанобу Худо нақши хеле муҳимро мебозад. Ва дар тӯли абадият, бо ошкор шудани ниятҳои дигари Худо, Исо ҳамеша мувофиқи нақши худ амал хоҳад кард, он нақше, ки дар бораааш чунин гуфта буд: «Ман роҳ, ростӣ ва ҳаёт ҳастам» (Юҳанно 14:6).

---

◇ Оқибати душмани хунхори инсоният — Иблис, чӣ мешавад?

◇ Кӣ дар Биҳишт зиндагӣ хоҳад кард ва дар он замон шароит чӣ гуна мешавад?

◇ То охири ҳукмронии ҳазорсолаи худ Исо чӣ кор мекунад? Баъд аз он чӣ?

# АЗ ПАЙҒАМБАР ИСО ИБРАТ ГИРЕД

## ҲАМДАРД БОШЕД

Исо марди комил буда, бисёре аз ранҷу азоби одамони нокомилро надида буд. Вале ӯ нисбати одамон бепарво набуд. Ӯ бо майлу хоҳиши зиёд ҳар кори аз дасташ меомадаро карда, ба дигарон ёрӣ медод. Бале, Исо дилсӯзу ҳамдард буд ва ба одамон ҳамеша дасти ёрӣ дароз мекард. Мисолҳои дар бобҳои 32, 37, 57 ва 99 овардаро хонед ва дар бораи ин хислати Исо мулоҳиза ронед.

## ДАСТРАСУ ҒАМХОР БОШЕД

Ҳам хурду ҳам калон ба назди Исо меомаданд, чунки ӯ худро аз онҳо боло намегирифт, ӯ ягон зарра ҳавобаланд набуд. Одамон ғамхориву таваҷҷӯҳи Исоро дида, худро дар наздаш озод ҳис мекарданд. Дар ин бора аз бобҳои 25, 27 ва 95 хонед.

## ҲАМЕША ДУО ГӮЕД

Исо доимо аз тахти дил ба Худо дуо мегуфт. Вай инро ҳам дар танҳоӣ ва ҳам бо дигар ходимони содиқи Худо мекард. Ӯ на танҳо вақти хӯроккхӯрӣ, балки дар бисёр мавридҳои дигар низ дуо мегуфт. Исо Худоро шукр мегуфт, ҳамду сано мекард ва пеш аз қабули қарорҳои муҳим аз Ӯ роҳнамоӣ меҷуст. Якчанд мисолро оиди ин дар бобҳои 24, 34, 91, 122 ва 123 ёфта метавонед.

## ФИДОКОР БОШЕД

Баъзан Исо монда шуда, мехост дам гирад, лекин ҳатто дар чунин вақтҳо ӯ фидокорона ба дигарон хизмат мекард. Ӯ пеш аз ҳама ғами худро неву ғами дигаронро мехӯрд. Аз ин ҷиҳат ҳам ӯ барои мо намунаи ибрат аст. Бобҳои 19, 41 ва 52-ро мутолиа карда, дар бораи намунаи Исо андеша ронед.

## БАХШАНДА БОШЕД

Исо дар бораи бахшидан таълим медод ва худаш низ мувофиқи суханонаш амал карда, шогирдонаш ва дигар одамонро мебахшид. Мисолҳоеро, ки дар бобҳои 26, 40, 64, 85 ва 131 оварда шудаанд, дида бароед.

## БОҒАЙРАТ БОШЕД

Дар Каломи Худо пешгӯӣ шуда буд, ки аксари яҳудиён Масеҳро қабул намекунанд, душманонаш бошад, ӯро мекушанд. Аз ин сабаб Исо метавонист барои ба ин халқ хизмат кардан қувваи худро дареғ дорад. Вале ӯ чунин накард: Исо бо ҷидду ҷаҳд одамонро сӯйи Худо даъват мекард. Ӯ ба пайравонаш, ки бо бепарвоӣ ё зиддият рӯ ба рӯ мешаванд, намуна боқӣ гузошт. Бобҳои 16, 72 ва 103-ро хонед.

## ХОКСОРУ ФУРӮТАН БОШЕД

Исо аз одамони нокомил як сару гардан боло буд. Ҳеҷ кас монанди вай донишу хирад надошт. Ҳамчунин ягон одам аз рӯйи қобилиятҳои ақлу танаш ба ӯ баробар шуда наметавонист. Бо вуҷуди ин Исо хоксору фурӯтан буд ва ба дигарон хизмат мекард. Шумо дар ин бора аз бобҳои 10, 62, 66, 94 ва 116 фаҳмида метавонед.

## ПУРСАБР БОШЕД

Исо босабру тоқат буд. Вақте ки расулонаш ё дигар одамон хато мекарданд, аз рӯйи таълими ӯ рафтор наменамуданду ба вай пайравӣ намекарданд, пурсабриро аз даст намедод. Исо гаштаю баргашта ба онҳо чизҳои муҳимро ёд медод, то ки онҳо ба Яҳува наздик шуда тавонанд. Дар бораи сабру тоқати Исо дар бобҳои 74, 98, 118 ва 135 хонед.



# РӮЙХАТИ ОЯТҲО

Ададҳое, ки баъди оятҳо оварда шудаанд, ба рақами бобҳо ишора мекунанд.


## МАТТО

1:18–25 4
2:1–12 7
2:13–23 8
3:1–12 11
3:13–17 12
4:1–11 13
4:12 18
4:13–22 22
4:23–25 24
5:1–7:29 35
8:1–4 25
8:5–13 36
8:14–17 23
8:18 44
8:19–22 65
8:23–27 44
8:28–34 45
9:1–8 26
9:9–13 27
9:14–17 28
9:18–22 46
9:18, 23–26 47
9:27–34 48
9:35–10:15 49
10:16–11:1 50
11:2–15 38
11:16–30 39
12:1–8 31
12:9–14 32
12:15–21 33
12:22–32 41
12:33–50 42
13:1–53 43
13:54–58 48
13:55, 56 9
14:1–12 51
14:13–21 52
14:22–36 53
15:1–20 56
15:21–31 57
15:32–16:12 58
16:13–27 59
16:28–17:13 60
17:14–20 61
17:22–18:5 62
18:6–20 63
18:21–35 64
19:1–15 95
19:16–30 96
20:1–16 97
20:17–28 98
20:29–34 99
21:1–11 102
21:12, 13 103
21:14–17 102
21:18, 19 103
21:19–27 105
21:28–46 106
22:1–14 107
22:15–40 108
22:41–23:24 109
23:25–24:2 110
24:3–51 111
25:1–13 112
25:14–30 113
25:31–46 114
26:1–5 115
26:6–13 101
26:14–19 115
26:20 116
26:21–29 117
26:30 123
26:31–35 118
26:36–46 123
26:47–56 124
26:57–68 125
26:69–75 126
27:1–11 127
27:12–14 128
27:15–17 129
27:18, 19 128
27:20–30 129
27:31, 32 130
27:33–44 131
27:45–56 132
27:57–28:2 133
28:3–15 134
28:16–20 137

## МАРҚӮС

1:1–8 11
1:9–11 12
1:12, 13 13
1:14, 15 20
1:16–20 22
1:21–34 23
1:35–39 24
1:40–45 25
2:1–12 26
2:13–17 27
2:18–22 28
2:23–28 31
3:1–6 32
3:7–12 33
3:13–19 34
3:19–30 41
3:31–35 42
4:1–34 43
4:35–41 44
5:1–20 45
5:21–34 46
5:22–24 47
5:35–43 47
6:1–6 48
6:3 9
6:6–11 49
6:12, 13 50
6:14–29 51
6:17–20 18
6:30–44 52
6:45–56 53
7:1–23 56
7:24–37 57
8:1–21 58
8:22–38 59
9:1–13 60
9:14–29 61
9:30–37 62
9:38–50 63
10:1–16 95
10:17–31 96
10:32–45 98
10:46–52 99
11:1–11 102
11:12–18 103
11:19–33 105
12:1–12 106
12:13–34 108
12:35–40 109
12:41–13:2 110
13:3–37 111
14:1, 2 115
14:3–9 101
14:10–16 115
14:17 116
14:18–25 117
14:26 123
14:27–31 118
14:32–42 123
14:43–52 124
14:53–65 125
14:66–72 126
15:1 127
15:2–5 128
15:6–19 129
15:20, 21 130
15:22–32 131
15:33–41 132
15:42–16:4 133
16:5–8 134

## ЛУҚО

1:5–33 1
1:34–56 2
1:56 4
1:57–79 3
2:1–20 5
2:21–39 6
2:40–52 10
3:1–18 11
3:19, 20 18
3:21, 22 12
4:1–13 13
4:14, 15 20
4:16–31 21
4:31–41 23
4:42, 43 24
5:1–11 22
5:12–16 25
5:17–26 26
5:27–32 27
5:33–39 28
6:1–5 31
6:6–11 32
6:12–16 34
6:17–49 35
7:1–10 36
7:11–17 37
7:18–30 38
7:31–35 39
7:36–50 40
8:1–3 41
8:4–18 43
8:19–21 42
8:22–25 44
8:26–39 45
8:40–48 46
8:40–42 47
8:49–56 47
9:1–5 49
9:6 50
9:7–9 51
9:10–17 52
9:18–26 59
9:27–36 60
9:37–43 61
9:43–48 62
9:49, 50 63
9:51–62 65
10:1–24 72
10:25–37 73
10:38–11:13 74
11:14–36 75
11:37–54 76
12:1–34 77
12:35–59 78
13:1–21 79
13:22–14:6 82
14:7–24 83
14:25–35 84
15:1–10 85
15:11–32 86
16:1–13 87
16:14–31 88
17:1–10 89
17:11–19 92
17:20–37 93
18:1–14 94
18:15–17 95
18:18–30 96
18:31–34 98
18:35–19:10 99
19:11–28 100
19:29–44 102

19:45–48 103
20:1–8 105
20:9–19 106
20:20–40 108
20:41–47 109
21:1–6 110
21:7–38 111
22:1–13 115
22:14–18 116
22:19–23 117
22:24–38 118
22:39–46 123
22:47–53 124
22:54 125
22:54–62 126
22:63–65 125
22:66–23:3 127
23:4–16 128
23:18–25 129
23:24–31 130
23:32–43 131
23:44–49 132
23:50–24:3 133
24:4–12 134
24:13–49 135
24:50–52 137


**ЮҲАННО**


1:6–8, 15–28 11
1:29–51 14
1:32–34 12
2:1–12 15
2:12–22 16
2:23–3:21 17
3:22–4:3 18
4:3–43 19
4:43–54 20
5:1–16 29
5:17–47 30
6:1–13 52
6:14–25 53
6:25–48 54
6:48–71 55
7:1 56
7:2–10 65
7:11–32 66
7:32–52 67
8:12–36 68
8:37–59 69
9:1–18 70
9:19–41 71
10:1–21 80
10:22–42 81
11:1–16 89
11:17–37 90
11:38–54 91
11:55–12:11 101
12:12–19 102
12:20–27 103
12:28–50 104
13:1–17 116
13:18–30 117
13:31–38 118
14:1–31 119
15:1–27 120
16:1–33 121
17:1–26 122
18:1 123
18:2–12 124
18:13, 14 125
18:15–18 126
18:19–24 125
18:25–27 126
18:28–35 127
18:36–38 128
18:39–19:5 129
19:6–17 130
19:17–24 131
19:25–30 132
19:31–20:1 133
20:2–18 134
20:19–29 135
21:1–25 136


## НОМГӮЙИ МИСОЛҲОЕ, КИ ИСО ИСТИФОДА БУРД

Рақамҳо ба боби лозима ишора мекунанд.


аз боло нишастани меҳмонон 83
аз сӯрохии сӯзан гузаштани шутур 96
ба зиёфат таклиф кардани камбағалон 83
ба либоси кӯҳна дарбеҳ кардани матои нав 28
ба мардикорон як динор дода мешавад 97
гандум ва алафи бегона 43
ганҷе, ки дар саҳро пинҳон карда шудааст 43
гӯсфанди гумшуда 63
гӯсфандону бузҳо 114
ғуломе, ки аз саҳро бармегардад 89
ғуломе, ки омадани хӯҷаинашро интизор аст 78
ғуломи бераҳм 64
ғуломи бовариноку боандеша 111
дарахти анҷир 79
дарвозаи танг 35
даҳ духтар 112
деҳқоне, ки тухмӣ мекорад 43
деҳқоне, ки шаб хоб меравад 43
довар ва бевазан 94
донаи гандум мемирад ва ҳосили фаровон меорад 103
донаи хардал, имон 89
донаи хардал, Подшоҳии осмон 43
ду шахси қарздор 40
дӯсти боисрор 74
идоракунандаи беинсоф 87
идоракунандаи бовариноқ 78
касе, ки дасташро ба омоч гузошта қафо нигоҳ мекунад 65
кӯдаконе, ки дар бозорҳо мешинанд 39
марворидро пеши хукон напартоед 35
марвориди пурарзиш 43
марди бое, ки анборҳои калонтар сохтан мехоҳад 77
марди бой ва Лаъзор 88
мардикорони токзор 97
мурғ чӯҷаҳояшро ҷамъ мекунад 110
намаки ҷаҳон 35
Падар ба мо ризқу рӯзӣ медиҳад 35
падар ду писарашро ба токзор мефиристад 106
паррандагони осмон ва савсанҳо 35
писари гумшуда 86
писари саркаш 86
подшоҳ ба тӯйи арӯсӣ меҳмон таклиф мекунад 107
подшоҳе, ки ба ҷанг баромаданӣ мешавад 84
подшоҳ қарзи калони ғуломашро мебахшад 64
рӯҳи нопок бармегардад 42
сайёди одамон 22
сомарии некдил 73
сохтани бурҷ 84
сӯрохии сӯзан 96
таклифшудагон баҳона меҷӯянд 83
талантҳо 113
тангаи гумшуда ёфт мешавад 85
тангаи гумшуда 85
таҳкурсии хона 35
токи ҳақиқӣ 120
токпарварон писари соҳиби токзорро мекушанд 106
токпарварони одамкуш 106
тухмиҳое, ки ба замини гуногун меафтанд 43
тӯри моҳигирӣ 43
хамиртуруше, ки бо орд омехта мешавад 43
хамиртуруши фарисиён 58
хаси чашми бародар 35
хомӯшакро гирифта мепартоянду шутурро фурӯ мебаранд 109
хонае, ки бар кӯҳпора сохта шудааст 35
ҳазор тангаи нуқра 100
шароби нав, машки кӯҳна 28
Чӯпони нек 80
ҷамъовари андоз ва фарисӣ 94


## НОМГӮЙИ ЧОРЧӮБАҲО


«Ҳангоме ки онҳо... бояд пок мегаштанд» 6
Давраи хурсандиовар 10
Сомариён кӣ буданд? 19
Дар банди дев 23
Мисолҳо дар бораи рӯзадорӣ 28
Такрор 35
Араќи ӯ мисли қатраҳои хун мечакид 123
Саҳрои хун 127
Қамчинкорӣ 129
«Исоро ба сутун мехкӯб карданд» 132

## БАЪЗЕ ПЕШГӮЙИҲО ДАР БОРАИ МАСЕҲ

| ВОҚЕА | ПЕШГӮЙӢ | ИҶРОШАВӢ | БОБ |
|---|---|---|---|
| Дар Байт-Лаҳм таваллуд мешавад | Мико 5:2 | Луқо 2:1–6 | 5, 7, 67 |
| Аҳли оилаи Исо ба Миср мегурезад ва аз он ҷо бармегардад | Ҳушаъ 11:1 | Матто 2:13–15, 19, 20 | 8 |
| Ҳангоми сӯиқасд ба Исои хурдакак писарчаҳои бисёре кушта мешаванд ва модарон дар ҳаққи онҳо гиряву нола мекунанд | Ирмиё 31:15 | Матто 2:17, 18 | 8 |
| Озодиро ба асирон эълон мекунад | Ишаъё 61:1, 2 | Луқо 4:17–21 | 21 |
| Дар Кафарнаҳуми вилояти Ҷалил зиндагӣ мекунад | Ишаъё 9:1, 2 | Матто 4:13–17 | 22, 67 |
| Беморони зиёдеро шифо медиҳад | Ишаъё 53:4 | Матто 8:16, 17 | 23 |
| Дар кӯчаҳо баҳсу мунозира намекунад | Ишаъё 42:1–4 | Матто 12:16–21 | 33 |
| Бо мисолҳо таълим медиҳад | Забур 77:2; Ишаъё 6:9, 10 | Матто 13:13–15, 34, 35 | 43 |
| Ба харкурра савор шуда Ерусалим медарояд | Закарё 9:9 | Матто 21:1–9 | 102 |
| Бисёриҳо ба ӯ имон намеоранд | Ишаъё 6:10; 53:1 | Юҳанно 12:37, 38 | 104 |
| Рафиқаш ба ӯ хиёнат мекунад | Забур 40:10 | Юҳанно 13:18, 21 | 117 |
| Шогирдон ӯро тарк карда, пароканда мешаванд | Закарё 13:7 | Матто 26:31, 54–56 | 118, 124 |
| Бесабаб аз ӯ нафрат мекунанд | Забур 34:19; 68:5 | Юҳанно 15:24, 25 | 120 |
| Сарбозон либоси ӯро байни худ тақсим мекунанд | Забур 21:19 | Юҳанно 19:23, 24 | 131 |
| Дар сутун ташна мемонад | Забур 21:16 | Юҳанно 19:28 | 132 |
| Баъди марг ба баданаш найза мезананд | Закарё 12:10 | Юҳанно 19:34, 37 | 133 |
| Ягон устухони ӯ шикаста намешавад | Забур 33:21 | Юҳанно 19:36 | 133 |

Барои гирифтани маълумоти бештар ба **www.jw.org** дароед ё бо яке аз Шоҳидони Яҳува тамос гиред.